Дар мақола моҳияти иқтисодӣ ва нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ ҳам дар сатҳи қонунгузории кишварҳои алоҳидаи хориҷӣ ва ҳам аз ҷониби олимони иқтисодшинос баррасӣ шудааст. Муаммоҳои асосии татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ чи дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва чи дар заминаи бахши кишоварзии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, самтҳои ҳалли ин мушкилот бо дарназардошти манфиатҳои бахши соҳибкорӣ ва давлат асоснок шудааст. Дар баробари ин, асоснок карда мешавад, ки бо назардошти омӯзиши таҷрибаи кишварҳое, чун Чин, ИМА, Федератсияи Русия, Қазоқистон ва Британияи Кабир дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои босамари шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз инҳо иборатанд: таҳия ва татбиқи барномаҳои комплекси мақсаднок оид ба истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудаи захиравии соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти манфиатҳои истеҳсолкунандагони шаклҳои гуногуни моликият, сармоягузорон ва аҳолии минтақаҳо; таъсиси марказҳои ҷалб ва истифодаи технологияҳои нав, инчунин, таъсис ва рушди кластерҳои минтақавии сармоягузорӣ.



**Калидвожаҳо:** шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бахши кишоварзӣ, барномаҳои комплексии мақсаднок, технологияҳои нав, кластерҳои сармоягузории минтақавӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ, таваккал, инфрасохтори сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ.


## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА В РАЗВИТИИ АГРАРНОГО СЕКТОРА ТАДЖИКИСТАНА НА ОСНОВЕ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА


В статье рассматривается экономическая природа и роль государственного частного партнерства в развитии аграрного сектора, как на законодательном уровне отдельных зарубежных стран, так и со стороны ученых-экономистов. Выделены основные проблемы реализации проектов государственного частного партнерства, как на уровне национальной экономики, так в разрезе аграрного сектора экономики Республики Таджикистан, а также

направления решения этих проблем с учетом интересов предпринимательского сектора и государства. При этом обосновано, что с учетом изучения опыта таких стран, как Китай, США, Российская Федерация, Казахстан и Великобритания, на данном этапе социально-экономического развития Республики Таджикистан наиболее эффективными направлениями государственного частного партнерства выступают: разработка и реализация целевых комплексных программ эффективного использования имеющихся ресурсных возможностей аграрного сектора с учетом интересов товаропроизводителей различных форм собственности, инвесторов и населения регионов; создание центров привлечения и использования новых технологий, а также создание и развитие региональных инвестиционных кластеров.

**Ключевые слова:** государственно-частное партнерство, аграрный сектор, целевые комплексные программы, новые технологии, региональные инвестиционные кластеры, инвестиционные проекты, государственные и частные институты, риск, инвестиционная инфраструктура, инвестиционная политика.

## ENSURING PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP IN THE DEVELOPMENT OF THE AGRICULTURAL SECTOR OF TAJIKISTAN BASED ON FOREIGN EXPERIENCE

The article examines the economic nature and role of public private partnerships in the development of the agricultural sector, both at the legislative level of individual foreign countries, and on the part of academic economists. The main problems of implementing public private partnership projects, both at the level of the national economy and in the context of the agricultural sector of the economy of the Republic of Tajikistan, are highlighted, as well as directions for solving these problems, taking into account the interests of the business sector and the state. At the same time, it is substantiated that, taking into account the study of the experience of countries such as China, the USA, the Russian Federation, Kazakhstan and the UK, at this stage of the socio-economic development of the Republic of Tajikistan, the most effective areas of public private partnership are: development and implementation of targeted comprehensive programs for the effective use of existing resource capabilities of the agricultural sector, taking into account the interests of commodity producers of various forms of ownership, investors and the population of the regions; creating centers for attracting and using new technologies, as well as creating and developing regional investment clusters.

**Keywords:** public-private partnership, agricultural sector, targeted comprehensive programs, new technologies, regional investment clusters, investment projects, public and private institutions, risk, investment infrastructure, investment policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**
***Қодирзода Диловар Баҳридин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 106-00-18-81**. E-mail: **dilovark@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Нурали Мирали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**
***Кодирзода Диловар Бахридин*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 106-00-18-81**. E-mail: **dilovark@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sobirzoda Nurali Mirali*** - Tajik National University, doktor of economic sciences, Associate Professor Department of Accounting and Analysis. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902-44-80-80**
***Kodirzoda Dilovar Bahridin*** - Tajik National University, doktor of economic sciences, Professor of the Department of economic theory. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 106-00-18-81.** E-mail: **dilovark@mail.ru**

**ТДУ: 36.1/.5(575.3)**

# АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМИИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исхаков Д.И., Ҳикматов У.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Равандҳои рақамикунонӣ ва дар ин замима ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ амалӣ гашта истодаанд. Вобаста ба имкониятҳо ва сифати идоракунӣ суръати гузариш ба хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад. Бояд қайд намоем, ки гузариш ба рақамикунонӣ раванди маблағталаб буда, вазъи ин масъала бинобар норасоии мутахассисони соҳа боз ҳам душвортар мегардад.

Дар иқтисодиёти муосир технологияҳои рақамӣ торафт васеътар истифода мешаванд. Онҳо тавассути истифодаи дастгоҳҳои электронӣ – планшетҳо ва компютерҳои шахсӣ дастрастар мешаванд. Гузариш ба соҳаи технологияҳои рақамӣ ба коҳиши назарраси хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Таҳлили таҳқиқот ва нашрияҳо оид ба мушкилоти рақамикунонии [2; 5; 11; 12; 14] бахши бонкӣ имкон медиҳад, ки дар бораи афзоиши истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ хулоса бароварда шавад [4,с.49].

Ташкилотҳои қарзӣ пайваста баҳри гузариш ба рақамикунонӣ ва дар ин замима ворид намудани хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ барои мизоҷони худ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд. Аммо то чи андоза ва дар кадом сатҳ қарор доштани ин равандҳо то ҳол аз тарафи олимони ватанӣ омӯхта ва муайян карда нашудаанд. Дар ин ҷо мо кӯшиш менамоем, ки ин масъаларо таҳқиқ намуда, фикри худро пешкаш намоем. Пеш аз ҳама, мо кӯшиш намудем, ки дар сатҳи ҳар як ташкилоти қарзӣ дараҷаи ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкиро муайян намоем. Бояд гуфт, ки сатҳи рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар ташкилоти қарзӣ ба ҳаҷми он вабастагии бевосита дорад. Яъне чи қадар ташкилоти қарзӣ ҳаҷман калон бошад, ҳамон қадар имкониятҳо барои ворид намудани технологияҳои рақамӣ зиёдтаранд ва аз тарафи дигар, зарурати ҳарчи бештар ворид намудани хизматрасониҳои рақамӣ зиёдтар мебошад. Шояд саволе ба миён ояд, ки барои чӣ зарурати ҳарчи бештар ворид намудани хизматрасониҳои рақамӣ, маҳз дар ташкилотҳои қарзии калон зиёдтар мебошад? Ҷавоб ин аст, ки ташкилотҳои қарзии ҳаҷман калон ба шумораи зиёди мизоҷон хизмат мерасонанд. Сифати хизматрасониҳо бояд дар дараҷаи баланд бошад, набояд дар хазинаҳо ва дар назди кормандони бонк ҳангоми хизматрасонӣ тамбашавӣ ба миён ояд. Аз тарафи дигар, дар ин ҳолат маъмулан шумораи зиёди кормандон бояд истифода бурда шаванд. Дар замоне, ки ташкилотҳои қарзӣ дар ҷустҷӯйи роҳҳои кам кардани хароҷотҳои амалиётӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, ки душвориҳои зиёдро аз байн мебаранд ва ба ҳалли муаммои кам намудани хароҷотҳо ёрӣ мерсонанд, ба маврид ва зарур мебошад. Албатта ин маънои онро надорад, ки ташкилотҳои қарзии ҳаҷман хурдтар зарурати ҳарчи бештар ворид намудани хизматрасониҳои рақамиро надоранд ва онҳо низ бояд дар ин самт фаъолона кор кунанд. Дар ҷадвали 1, ҳолати рақамикунонии маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҳолати рақамикунонии маҳсулот ва хизматрасониҳо бонкӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. The state of digitalization of banking products and services in banks of the Republic of Tajikistan**

| | Номгӯйи бонкҳо | Маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамии бонкӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Барномаи мобилӣ | Интернет -бонкинг | Ҳамёни электронӣ | QR-рамз | Онлайн-қарздиҳӣ | Онлайн кушодани суратҳисоб | Онлайн-боиметрия |
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | + | + | + | + | – | – | – |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | + | + | + | + | – | – | + |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | + | + | + | + | – | – | + |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | + | – | + | + | – | – | + |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | + | + | + | + | – | – | + |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | – | – | – | – | – | – | + |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе | – | – | – | – | – | – | – |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | + | + | + | + | – | – | - |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | + | + | + | + | | + | + |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | + | + | – | + | + | + | + |
| 11 | ҶСП «Бонки байнал-милалии Тоҷикистон» | + | + | + | + | – | – | + |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | + | + | + | + | – | – | + |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | + | + | + | + | + | + | + |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | + | + | + | + | – | – | + |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | + | + | + | + | – | + | + |

Сарчаша: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили сомонаҳои расмӣ ва пурсиши телефонӣ тартиб дода шудааст.

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки байни бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳое, ки амалиёту мизоҷ зиёданд, ҳамзамон, шумораи хизматрасониҳои рақамии бонкиашон низ зиёдтаранд ва баръакс бонкҳое, ки он қадар фаъол нестанд, чун натиҷа хизматрасониҳои рақамии бонкиашон низ дар сатҳи паст қарор доранд.

Аз тарафи дигар, танҳо доштани ин ё он хизматрсонии рақамии бонкӣ муҳим нестт, асос хизматрасонӣ бояд осон, қулай ва амалиётҳои зиёдро дар бар гирад. Вобаста ба ин, таҳлили хизматрасониҳои рақамиро, ки аз тарафи бонкҳои ватанӣ пешниҳод карда мешаванд, мавриди таҳлил қарор додем.

***Барномаи мобилӣ ва ҳамёни электронӣ*** – технологияҳои рақамии ба мизоҷон муяссаркунандаи дастрасӣ ва идоракунии суратҳисобҳои худ тавассути дастгоҳҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои ба интернет пайвастшуда.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки байни 15 бонки амалкунанда, 3 бонк умуман барномаи мобилӣ ва ё ҳамёни электронӣ надоранд (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Холҳои барномаҳои мобилии бонкӣ аз рӯйи шумораи хизматрасониҳо**
**Chart 1. Rating of mobile banking applications by the number of services provided**




Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили барномаҳо ва ҳамёнҳои мобилии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили расми овардашуда дар хусуси барномаҳои бонкии ҳар як бонк маълумотро муфассал нишон медиҳад. Пеш аз ҳама, аён аст, ки кадом барномаи мобилии бонк аз ҳама зиёд хизматрасониҳои рақамиро ба мизоҷонаш пешниҳод менамояд ва баръакс. Тибқи расми 1, барномаи мобилии бонке, ки аз ҳама зиёд хизматрасониҳоро барои мизоҷони худ пешниҳод менамояд, ин барномаи Алиф Моби мебошад, ки ба Алиф Бонк тааллуқ дорад. Аз ҳама натиҷаи пастарин ба барномаи мобилии Ориён Бонк, ки Ориён Пэй ном дора, тааллуқ дорад.

Инчунин, рейтинги дар расми 2 овардашуда фикри моро оид ба он, ки чи қадар маҳсулоту хизматрасониҳои рақамӣ дар барномаи мобилӣ ва ҳамёни электронӣ зиёд бошад, ҳамон қадар истифодабарандагони он зиёданд ва чун натиҷа шумораи насби ин барномаҳо аз интренет-мағозаҳои App Store ва Play market низ зиёд мебошад, исбот менамояд (ниг. ба расми 2). Барномаи мобилии Алиф Бонк, Бонки Эсхата ва Душанбе Сити Бонк яке аз пешсафони бозор оид ба насби барнома аз тарафи мизоҷон мебошанд.

Дигар намуди хизматрасонии рақами ин – ***интрнет-бонкинг*** мебошад. Бояд қайд намоем, ки «интернет-бонкинг – хизматрасоние мебошад, ки он ба соҳиби суратҳисоби бонкӣ идоракунии суратҳисоби худро ба воситаи интернет имконият медиҳад» [10,с.291]. Фарқияти асосӣ байни барномаи мобилӣ / ҳамёни электронӣ ва интернет-бонкинг дар он аст, ки бонкҳои ватанӣ барномаи мобилиро ба шахсони воқеӣ пешниҳод менамояд ва барои шахсони ҳуқуқӣ – интернет-бонкингро.

**Расми 2. Рейтинги барномаҳои мобилӣ дар App Store ва Play market**
**Chart 2. Rating of mobile applications in the App Store and Play market**




Сарчашма: Аз тарафи муаллифон тартиб дода шудааст дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои интернет-мағозаҳои маҳсулотҳои Apple ва Play market.

Агар барномаи мобилӣ ё ҳамёни электронӣ аз тарафи қариб ҳамаи бонкҳо (ба ғайр аз 3 бонк) имрӯз пешкаши мизоҷон бошад, ҳолат бо интернет-бонкинг каме беҳтар аст. Аз байни 15 бонки амалкунанда ҳамагӣ 13 бонк ин намуди хизматрасониро ба мизоҷони худ пешкаш менамоянд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Хизматрасонии интернет-бонкинг дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. Internet banking services in banks of the Republic of Tajikistan**

| | **Номгӯйи бонкҳо** | **Интернет-бонкинг** | **Номгӯ / суроғаи сомона интернет бонкинг** |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | Ҳаст | Oriendirect.tj |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | Ҳаст | ibank.amonatbonk.tj |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | Ҳаст | business.eskhata.com |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | Нест | - |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | Ҳаст | ibank.fmfb.tj |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | Нест | - |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе | Нест | - |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | Ҳаст | online.activbank.tj |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | Ҳаст | ibank.arvand.tj |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | Ҳаст | ibs.spitamen.com |
| 11 | ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | Ҳаст | ibank.ibt.tj |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | Ҳаст | ibank.cbt.tj |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | Ҳаст | online.alif.tj |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | Ҳаст | ibank.ssb.tj |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | Ҳаст | dc.tj/bussiness |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили сомонаҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Агар барномаи мобилӣ ё ҳамёни электронӣ ва интернет-бонкинг имконияти дастрасӣ ва идоракунии суратҳисоби мизоҷро таъмин намоянд, пас савол ба миён меояд, ки имконияти ***кушодани онлайн-суратҳисоби бонкӣ*** тавассути хизматрасонии рақамӣ, яъне бе ташриф ба бонк, тариқи фосилавӣ аз дастгоҳи мобилии худ ҳаст? – Ҷавоб ба ин савол чунин аст, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани суратҳисоби бонкӣ ба таври фосилавӣ имкон дорад ва ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми ба роҳ мондани чунин хизматрасонӣ бояд талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои бехатариро аз ҳисоби насб ва истифодабарии технологияҳои муосир ва барномаҳои махсуси компютерӣ таъмин намоянд.

Бояд қайд намоем, ки намуди хизматрсонии рақамӣ барои низоми бонкии мо падидаи нав буда, танҳо якчанд бонкҳо ин имкониятро барои мизоҷони худ пешниҳод менамоянд, ки ба онҳо дохил мешаванд: Алиф Бонк, Спитамен Бонк, Душанбе Сити Бонк ва Бонки Арванд (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Пешниҳоди хизматрасонии кушодани онлайн-суратҳисоби бонкӣ**
**Table 3. Offer of services for opening an online bank account**

| | Номгӯйи бонкҳо | Имконияти кушодани онлайн-суратҳисоби бонкӣ |
|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | Нест |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | Нест |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | Нест |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | Нест |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | Нест |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | Нест |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | Нест |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | Нест |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | Ҳаст |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | Ҳаст |
| 11 | ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | Нест |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | Нест |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | Ҳаст |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | Нест |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | Ҳаст |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили сомонаҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Бартариятҳои кушодани онлайн-суратҳисоби бонкӣ дар он аст, ки ба мизоҷон хеле қулай буда, пурра аз тарафи мизоҷ тавассути барномаи мобилии бонкӣ амалӣ карда мешавад. Ин ба мизоҷ имконияти сарфаи вақт ва инчунин дар дилхоҳ вақту соат барои анҷом додани амалиёт ба ӯ дастрас мебошад, зеро ин намуди хизматрасонӣ бо реҷаи 24/7/365 фаъолият менамояд. Барои ташкилоти қарзӣ ин имконияти ҷалби мизоҷон бо реҷаи 24/7/365, кам кардани сарбории кормандон, камшавии тамбашавӣ дар филиалу МХБ-ҳо мебошад.

Имконияти кушодани онлайн-суратҳисоби бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ замима барои ворид намудани дигар намуд маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамиро фаро меоранд, ки яке аз онҳо онлайн-қарздиҳӣ мебошад. Барои ба роҳ мондани онлайн-қарздиҳӣ, ки ин намуди хизматрасонӣ пурра фосилавӣ ба анҷом мерасад, бояд, пеш аз ҳама, бонк чунин имкониятҳоро дошта бошад:

1. Барномаи мобилӣ ё веб-барнома, ки тавассути он мизоҷ ба бонк барои қарз муроҷиат менамояд.
2. Дар барномаи мобилӣ ё веб-барнома ҷойгир будани хизматрасонии гирифтани онлайн-қарз.
3. Имконияти дар барномаи мобилӣ ё веб-барнома гузаштани онлайн-идентификатсия (барои муайян ва мушаххас намудани мизоҷ дар барнома).
4. Ҷойгир будани скоринги қарзӣ дар барномаи мобилӣ ё веб-барнома барои гузаронидани таҳлили молиявии мизоҷ ва муайян намудани маблағи қарз.

Оиди скоринги қарзӣ, бояд қайд намоем, ки «ҳамкорӣ бо муштариён аз ҷониби барномаҳои виртуалӣ ва чатботҳо амалӣ карда мешавад, ки на танҳо бо истеъмолкунандагон ҳамкорӣ мекунанд, балки ба қабули қарорҳо зудтар мусоидат мекунанд. Бо ёрии технологияи омӯзиши мошинӣ ва зеҳни сунъӣ оптимализосии сармояи бонк ва оптимализосии маржа, ки аз ҳисоби барнагардонидани маблағҳои қарзӣ аз ҷониби қарзгирандагон ба вуҷуд меоянд, инчунин, арзёбии самаранокии модели хавф дар фаъолияти молиявӣ анҷом дода мешавад. Ин технологияҳо махсусан дар ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Чин ва як қатор кишварҳои дигар самаранок истифода бурда мешаванд. Технологияи омӯзиши мошинсозӣ барои коркарди даъвоҳо, коркарди миқдори зиёди маълумоти муштариён, муайян кардани хавфҳо, пешгӯйии арзиши оптималии нархи

маҳсулоти суғурта тавассути тафсилот ва коркарди маълумоти аз муштариён гирифташуда истифода мешавад» [7,с.4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи скоринг аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ сол аз сол меафзояд. Як гурӯҳи бонкҳо скоринги қарзиро аз тарафи кормандони дохилӣ коркард намуданд, дигар гурӯҳ, аз маҳсулотҳои ширкатҳои беруна истифода мебаранд. Аз ҳама ширкати дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон машҳур, ки барои ташкилотҳои қарзӣ маҳсулоти скоринги дар асоси зеҳни сунъӣ тартибдодашударо пешниҳод мекунад, ширкати Zypl.ai мебошад.

Умуман, зеҳни сунъӣ дар Амрикои Шимолӣ васеъ истифода мешавад. Тибқи натиҷаҳои соли 2019 бонкҳо тавонистанд бо истифода аз он 15 миллиард доллар ба даст оранд. Бо чунин динамикаи ба даст овардани фоида, таҳлилгарон афзоиши фоидаро дар соҳаи бонкӣ то соли 2030 – то 79 миллиард доллар пешбинӣ мекунанд [3, с.169]. Пешсафони истифодаи зеҳни сунъӣ кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором мебошанд. Бо ташаббуси ин технология бонкҳо дар соли 2024 тақрибан – 50 миллиард доллар ба даст меоранд, дар муқоиса бо 11 миллиард доллар дар соли 2018. Дар Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Сингапур истифодаи зеҳни сунъӣ то соли 2030 ба бонкҳо – 98 миллиард доллар фоида меорад [9,с.57]. Тибқи маълумоти шурои миллии бозори молиявӣ (НСФР), ҳиссаи миёнаи онлайн-қарздиҳӣ ба 80% расид. Ин натиҷа нисбати бозигарони калон то 90%-ро ташкил медиҳад [13].

Мутаассифона, ҳаҷми онлайн-қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ночиз буда, вақтҳои охир вусъат ёфта истодааст. Сабабҳои рушди паст доштани ин намуди хизматрасонии рақамӣ, пеш аз ҳама, дар маҳдудияти дастрасӣ ба маълумот (маълумотҳои муфассал аз мақомоти андоз, гумрук, ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ғайра) аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Маҳз маълумотҳои лозима ва саривақтии онҳо барои сохтани моделҳои скоринги қарзӣ зарур мебошанд.

Дигар намуди хизматрасонии рақамӣ, ки ниҳоят аҳаммияти калон дорад, ба рушди низмоми бонкӣ ин онлайн-депозит мебошад. Ин намуди хизматрасонӣ ниҳоят барои мизоҷон қулай буда, чун дигар намуди хизматрасониҳои рақамӣ 24 соат дастрас аст. Ба ғайри лозим набудани ташрифи мизоҷ ба бонк барои кушодани он барои бонкҳо ин намуди хизматрасонӣ ниҳоят хароҷоти паст дорад.

Дар Федератсия Россия афзоиши назарраси таваҷҷуҳ ба кушодани пасандозҳои фосилавӣ дар давраи пандемияи коронавирус дар соли 2020 ба амал омад. Дар ҳамон давра, шумораи онлайн-пасандозҳо дар сандуқи депозитии баъзе бонкҳо аз 50% зиёд шуда, аз он вақт то инҷониб шумора ва маблағи чунин пасандозҳо танҳо меафзояд. Дар охири соли 2022 дар ПСБ ҳиссаи пасандозҳои фосилавӣ аз 49 то 65% аз сандуқи умумии маблағҳои ҷалбшудаи мизоҷони чакана афзоиш ёфт. Дар бонки «ФК Открытие» афзоиш камтар буд – аз 46% дар моҳи январ то 54% дар моҳи декабр афзоиш ёфт. Дар Совкомбонк дар як сол ҳиссаи пасандозҳои дар замимаи мобилии бонк кушодашуда аз 16 то 28% афзоиш ёфт. Гуфта мешавад, ки дар моҳи декабри соли 2022, нисбат ба моҳи январи соли 2022 – бештар аз 40% пасандозҳои онлайн ба расмият дароварда шуданд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми ҷалби пасандоз тавассути барномаҳои мобилӣ он қадар васеъ паҳн нашудааст. Маълумотҳои аниқ оид ба ҳаҷми ҷалби пасандоз тавассути барномаҳои мобилӣ дастрас намебошанд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на ҳама бонкҳо дар барномаҳои мобилии худ чунин имкониятро барои мизоҷони худ пешбинӣ намудаанд (ниг. ба ҷадвали 4).

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвали 4 оварда шуда, маълум гашт, ки аз 15 бонки амалкунанда танҳо 4 бонк дар барномаҳои мобилии бонкии худ имконияти кушодан / пур кардани депозитро барои мизоҷон пешниҳод менамоянд.

Сабабҳои асосии надоштани чунин хизматрсонии рақамӣ аз тарафи аксарияти бонкҳо инҳоянд: заиф будани имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва норасоии мутахассисон ва зарурати калон надоштан дар масъалаи ҷалби пасандозҳо.

Дигар намуди маҳсулоти рақамӣ, ки иқтидори калон барои рушд дорад, ин – онлайн кортҳои вертуалӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ин намуди хизматрасонии инноватсионӣ ба мизоҷон имконияти дастрасии корти вертуалиро тавассути барномаи мобилӣ, яъне дар реҷаи онлайн таъмин менамояд. Ба бонкҳо бошад, пеш аз ҳама, зиёд намудани мизоҷон,

кам кардани сарбории кормандони бонк (хизматрасонии мизоҷон бо кортҳои пластикӣ) ва инчунин, кам кардани хароҷотҳои бонк (кортҳои пластикӣ арзиш доранд, дар ҳоле ки интишори кортҳои виртуалӣ ба бонк хароҷот намеоранд).

**Ҷадвали 4. Онлайн депозитҳо дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 4. Online deposits in banks of the Republic of Tajikistan**

| | **Номгӯйи бонкҳо** | **Имконияти кушодани онлайн-депозит дар барномаи мобилӣ** |
|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | Нест |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | Нест |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | Ҳаст |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | Нест |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | Нест |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | нест |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | Нест |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | Нест |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | ҳаст |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | Нест |
| 11 | ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | Нест |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | Нест |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | Ҳаст |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | Нест |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | Ҳаст |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили барномаҳои мобилии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки фарқияти кортҳои пластикӣ ва кортҳои виртуалӣ дар он аст, ки корт ҷисман интишор намешавад, яъне корти виртуалӣ кортест, ки ҷисман ба мизоҷ дастрас нест, аммо он дар барномаи мобилӣ ҷойгир буда, қариб ҳамаи функсияҳои корти пластикӣ (ҷисмонӣ)-ро иҷро менамояд. Барои мизоҷоне, ки намехоҳанд кортро бо худ гирифта гарданд, хавфи аз даст додани корт (гум кардан, дар банкомат ё хазинаи мағоза фаромӯш кардан) ба зимма гирифтан, барои онҳо корти виртуалӣ ҳалли ин муаммо мебошад. Аммо ба бартариҳои зиёд нигоҳ накарда, имрӯз кортҳои виртуалӣ аз трафи шумораи ками бонкҳо барои мизоҷон пешкаш карда мешавад (ниг. ба ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Пешниҳоди кортҳои виртуалӣ аз тарафи бонкҳо**
**Table 5. The offer of virtual cards by banks**

| | **Номгӯйи бонкҳо** | **Имконияти кушодани онлайн-корти виртуалӣ дар барномаи мобилӣ** |
|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | Нест |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | Нест |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | Нест |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | Нест |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | Нест |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | нест |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | Нест |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | Нест |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | Нест |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | ҳаст |
| 11 | ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | Нест |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | Нест |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | Ҳаст |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | Нест |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | Ҳаст |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили барномаҳои мобилии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки танҳо 3 бонк кортҳои виртуалиро ба мизоҷони худ дар барномаи мобилии худ пешниҳод мекунад. Боқимонада бонкҳо бо сабабҳои зерин, то ҳол ин маҳсулоти рақамиро ба мизоҷони худ пешкаш накарда истодаанд:

- сатҳи тахассусии қисми роҳбарон, дар масъалаҳои рақамикунонӣ нокифоя мебошад;
- заиф будани имкониятҳои техникӣ, технологӣ ва молиявии бонкҳо;
- инфрасохтори банкоматҳо ва постерминалҳо имконияти гузаронидани амалиётҳоро надоранд;
- норасоии мутахассисони ботаҷриба дар қисми кортҳои бонкӣ, процессинг ва барномаҳои мобилӣ.

Маҳдудиятҳо ба иттилоот оид ба кортҳои виртуалӣ ба мо имконияти пурра таҳлил намудани шумора ва ҳаҷми амалиётҳоро намедиҳад, аммо маълумотҳои ғайрирасмӣ, ки мо дар раванди таҳлил аз бонкҳо дастрас намудем, гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки шумораи умумимии кортҳои виртуалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар атрофи 10% аз шумораи умумии кортҳо ташкил медиҳанд. Агар маълумотҳои ғайрирасмӣ дуруст бошанд, он гоҳ арзёбӣ аз тарафи мо чунин аст, ки ин шумора хеле кам мебошад. Ба андешаи мо, шумораи кортҳои виртуалиро бояд то андозаи мамлакатҳои мавриди таҳлили худ қарор додаамон расонем, яъне Федератсияи Россия ва Қазоқистон, ки мутаносибан 50% ва 30%-ро ташкил медиҳанд.

Дигар намуди хизматрасониҳо, ки ба онҳо фаъолияти бонкҳои ватанӣ сахт вобастагӣ дорад, ин интиқоли маблағ ва мубодилаи асъор мебошанд. Бояд қайд намуд, ки пешниҳоди ҳардуи ин маҳсулот аз тарафи аксарияти бонкҳо тариқи офлайн (яъне бо ташрифи мизоҷ ба бонк) ва тариқи онлайн ташкил карда шудааст

Қабули интиқоли маблағ дар барномаи мобилӣ тариқи онлайнро аз 15 бонк – 12 бонк амалӣ сохтанд. Аз 3 бонки боқимонда, 2 бонк умуман барномаи мобилӣ надоранд. Имконияти дар барномаи мобилӣ амалӣ намудани мубодилаи асъор тариқи онлайнро мизоҷони 11 бонк доранд (ниг. ба ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Имконияти амалӣ намудани мубодилаи асъор ва интиқоли маблағ тариқи онлайн дар барномаи мобилӣ**

**Table 6. The ability to carry out currency exchange and transfer funds online in a mobile application**

| | Номгӯйи бонкҳо | Имконияти қабули интиқоли маблағ тариқи онлайн дар барномаи мобилӣ | Имконияти амалӣ намудани мубодилаи асъор тариқи онлайн дар барномаи мобилӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Ориёнбонк» | –** | – |
| 2 | КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | +*** | + |
| 3 | ҶСК «Бонки Эсхата» | + | + |
| 4 | ҶСК «Тавҳидбонк» | + | – |
| 5 | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | + | + |
| 6 | ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | + | – |
| 7 | Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | – | – |
| 8 | ҶСП «Актив Бонк» | – | – |
| 9 | ҶСП Бонки «Арванд» | + | + |
| 10 | ҶСП «Спитамен Бонк» | + | + |
| 11 | ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | + | + |
| 12 | ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | + | + |
| 13 | ҶСК «Алиф Бонк» | + | + |
| 14 | КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | + | + |
| 15 | ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | + | + |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси таҳлили барномаҳои мобилии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

– (имконият нест);

+ (имконият ҳаст)

Яке аз сабабҳое, ки баъзе бонкҳо ин намуди хизматрасониро дар барномаи мобилии худ пайваст намекунанд, ин норасоии асъори хориҷӣ дар ин бонкҳо мебошад.

Ба ғайр аз маҳсулоту хизматрасониҳои рақамии номбаршуда «дар сатҳи байналмилалӣ, дар соҳаи молиявию-бонкӣ технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мешаванд. Масалан, SupTech – истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби бонкҳо барои автоматикунонии низоми маъмурикунонӣ мебошад. Supervision technology имкон медиҳад, ки ҳамкории бонк ва муштарӣ ба формати рақамӣ гузаронида шавад, эътимоднокии иттилоот баланд бардошта шуда, низоми қабули қарорҳои самаранок оптималисозӣ карда шавад. Дар доираи SupTech технологияҳои «Маълумоти Калон», зеҳни сунъӣ, анборҳои абрӣ, роботизатсия, блокчейн ва ғайра истифода мешаванд. Самтҳои зерини қабули қарорҳои SupTech бояд ҷудо карда шаванд: таҳлили мизоҷони вобаста; пешгӯйии талабот ба пули накд; таҳлили пешгӯйии устувории ташкилотҳои қарзӣ; онлайн-таҳлили амалиётҳои ташкилотҳои қарзӣ; мониторинги ташкилотҳои молиявӣ бо мақсади ошкор кардани қаллобӣ [6,с.72].

Ҳамин тариқ, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ имкониятҳои васеъ барои ҷалби мизоҷони нав ва нигоҳдории мизоҷони амалкунандаро фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, технологияҳои рақамӣ барои ҷамъоварии маълумот оид ба мизоҷон ва амалиётҳои онҳо баҳри истифодаи ин маълумотҳо барои беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ва пешниҳоди маҳсулотҳои нави рақамии бонкӣ замимаи устуворро ташкил менамояд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки хизматрсониҳои рақамии бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ – олоти паст кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаронокии фаъолият аст. «Нархи коркарди амалиётҳо тариқи телефони мобилӣ метавонад 10 маротиба пасттар бошад нисбат ба коркарди ҳамин амалиёт тавассути банкомат ва 50 маротиба пасттар аз коркарди ин амалиёт дар филиали бонк» [8].

Дар умум, арзёбии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, дар шароити имрӯза қаноатбахш арзёбӣ мешавад. Албатта, имкониятҳои васеъ вуҷуд доранд, ки натиҷа ва нишондиҳандаҳо ба маротиб зиёд гарданд. Аз тарафи дигар, муаммоҳои зиёде низ мавҷуданд, ки пеши роҳи рушди хизматрасониҳои рақамии бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегиранд. Душвориҳои инфрасохторӣ, номукаммалии базаи ҳуқуқию-меъёрӣ, хавфҳои беруна ва дохилӣ, норасоии қувваи барқ дар фасли сармо, гаронӣ ва нархи интренет, инчунин, сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва камбудиҳои ташкилотҳои қарзӣ ба рушди босуръати ворид намудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Банки увидели увеличение суммы и прирост доли онлайн-вкладов в 2022 году. [Электронный ресурс]. URL: https://www.vedomosti.ru/finance/articles /2023/01/27/960632-banki-uvideli-uvelichenie-onlain-vkladov (дата обращения: 21.09.2023).
2. Беляева, Е.С. Цифровая трансформация банковского сектора экономики / Е.С. Беляева // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. – 2021. -№4(30). -С.55-64.
3. Бердышев, А.В. Искусственный интеллект как технологическая основа развития банков / А.В. Бердышев // Вестник ГУУ. – 2018. -№5. -С.167-174.
4. Дмитриева Г.С. Цифровые технологии в банковском секторе экономики / Г.С. Дмитриева // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – 2020. -№1. -С.49-53.
5. Ивлева М.И. Тенденция цифровизации банковской отрасли / М.И. Ивлева // Молодой ученый. – 2020. -№2(292). -С.268-270.
6. Кириллова Е.А. Тенденции цифровизации банковской сферы: международный аспект / Е.А. Кириллова, Т.Э. Зульфугарзаде // Проблемы информационного общества. – 2022. -№1. -С.67-78.
7. Куликов, Н.И. Банки уходят в сеть Интернета / Н.И. Куликов, Ю.В. Кудрявцева // Финансы и кредит. – 2016. -№29(701). -С.2-10.
8. Мобильный банкинг на смартфонах. [Электронный ресурс]. URL: https://www2.deloitte.com/content/dam/Deloitte/kz/Documents/about-deloittekz/ Mobile_banking_kz.pdf (дата обращения: 09.01.2024).
9. Тепкеева Т.С. Когнитивные банковские технологии и их роль в цифровой революции / Т.С. Тепкеева // Вестник МФЮА. - 2019. -№4. -С.54-66.
10. Хикматов У.С. Маърифат ва саводнокии молиявї: Учебник / У.С. Хикматов. -Душанбе: Ирфон, 2023. -291 с.
11. Худайберганова З.З. Важность цифровых банковских услуг / З.З. Худайберганова // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2020. -№5-2(63). -С.207-210.

12. Цифровизация банковского сектора в современных условиях: монография / Е.С. Вдовина, М.А. Куликова. - Тамбов: Издательский центр ФГБОУ ВО «ТГТУ», 2022. -102 с.
13. ЦБ вышел на дистанцию. Банк России регулирует онлайн-кредитование. 13.11.2023. [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru (дата обащения: 02.01.2024).
14. Цхададзе Н.В. Развитие системы дистанционного банковского обслуживания: деньги уходят в онлайн / Н.В. Цхададзе // Вестник экономической безопасности. – 2018. -№2. -С.359-364.


## АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМИИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои марбут ба рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити рақамикунонии низоми бонкии кишвар баррасӣ карда мешаванд. Қайд шудааст, ки низоми бонкӣ яке аз пешсафон дар масъалаҳои рақамикунонӣ мебошад. Вазъи кунунии рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратии кишвар бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ баҳо дода шудааст. Муайян карда шуд, ки сатҳи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар бонкҳои кишвар дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор дорад. Таҳлил нишон дод, ки қариб ҳамаи бонкҳо барномаҳои мобилӣ доранд, аммо дар аксари ҳолатҳо функсияҳои онҳо бо функсияҳои ҳамёни электронӣ маҳдуданд. Бештари аз онҳо хизматрасониҳои онлайн-қарздиҳӣ, кушодани онлайн-суратҳисобҳо ва маҳсулоти онлайн-депозитро надоранд. Таҳлили барномаҳои мобилии бонкҳо аз рӯйи шумораи хизматрасониҳо гузаронида шуда зарурати зиёд кардани онҳо асоснок карда шудааст. Мушкилотҳои асосие, ки рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратиро маҳдуд менамояд ошкор карда шуда, инчунин роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шуданд. Исбот карда шуд, ки ба ҳисоби миёна арзиши хизматрасониҳои бонкӣ, ки тавассути шабакаҳои рақамӣ пешниҳод карда мешаванд, нисбат ба шабакаҳои анъанавӣ хеле пасттар аст. Доир ба ҳамаи бахшҳои асосии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ пешниҳодҳои мушаххас оид ба рушди минбаъдаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, арзёбии ҳолати муосир, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, барномаи мобилӣ, онлайн-қарздиҳӣ, онлайн-депозит, ҳамёни электронӣ, интернет- бонкинг.


## ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ ЦИФРОВЫХ БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются вопросы, связанные с развитием цифровых банковских услуг в условиях цифровизации банковской системы страны. Указано, что банковская система является одним из лидеров по уровню цифровизации. Дана оценка современному состоянию развития цифровых банковских услуг в коммерческих банках страны с учетом особенностей национальной экономики. Было выявлено, что уровень цифровизации банковских услуг в банках страны находится на разных стадиях развития. В ходе анализа было выявлено, что практически у всех банков есть мобильные приложения, но в большинстве случаев их функционал ограничен функциями электронного кошелька. В них практически полностью отсутствуют функции онлайн-кредитования, онлайн-открытия счетов и онлайн-депозитных продуктов. Проведен анализ мобильных приложений банков с точки зрения количества предоставляемых услуг, а также обоснована необходимость их увеличения. Выявлены основные проблемы, сдерживающие развитие цифровых банковских услуг в коммерческих банках, а также предложены пути их решения. Доказано, что, в среднем, стоимость банковских услуг, оказываемых через цифровые каналы, существенно ниже, чем через традиционные каналы. По всем основным разделам цифровых банковских услуг представлены конкретные предложения, направленные на их дальнейшее развитие в Республике Таджикистан.



**Ключевые слова:** банковская система, кредитные организации; оценка современного состояния; цифровые банковские услуги, мобильное приложение, онлайн-кредитование, онлайн-депозиты, электронные кошелек, интернет-банкинг.


## ASSESSMENT OF THE CURRENT STATE OF DIGITAL BANKING SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The article discusses issues related to the development of digital banking services in the context of digitalization of the country's banking system. It is indicated that the banking system is one of the leaders in terms of digitalization. The assessment of the current state of development of digital banking services in commercial banks of the country is given, taking into account the peculiarities of the national economy. It was revealed that the level of digitalization of banking services in the country's banks is at different stages of development. During the analysis, it was revealed that almost all banks have mobile applications, but in most cases their functionality is limited to the functions of an electronic wallet. They almost completely lack the functions of online lending, online account opening and online deposit products. The analysis of mobile applications of banks in terms of the number of services provided is carried out, and the need to increase them is justified. The main problems hindering the development of digital banking services in commercial banks are identified, and ways to solve them are proposed. It has been proven that, on average, the cost of banking services provided through digital channels is significantly lower than through traditional channels. Specific proposals aimed at their further development in the Republic of Tajikistan are presented for all the main sections of digital banking services.



**Keywords:** banking system, credit organizations; assessment of the current state; digital banking services, mobile application, online lending, online deposits, e-wallet, Internet banking.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исхаков Дилшод Илҳомович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **di780-85@mail.ru.** Телефон: **(+992) 887-71-88-88**
***Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илҳои иқтисодӣ профессори кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93 931-70-70**. E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Исхаков Дилшод Ильхомович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**
***Хикматов Умеджон Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 931-70-70**. E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Iskhakov Dilshod Ilkhomovich*** **–** Tajik National University, applicant for the Department of Banking. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**
***Khikmatov Umedjon Safaralievich*** **–** Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93 931-70-70.** E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

ТДУ: 338.49

# ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ВА ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ОН

*Маҷидзода Д.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ инкишофёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа яке аз унсурҳои калидии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Чунки инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз як тараф, заминаи рушди захираҳои зеҳнӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба ҳисоб рафта, омили таъсиррасон ба рушди иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мебошад. Дар зери таъсири инфрасохтори иҷтимоӣ урбанизатсия дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ва минтақаю маҳалҳои он ба вуҷуд омада, ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар минтақаҳо таъсир мерасонад.

Иброз бояд намуд, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақа яке аз мавзуоти фаъоли иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои кишвар самти муҳимми сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ муайян шудааст. Дар он муайян шудааст, ки иқтидори нокифояи идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақа ва маҳал бараъло дида мешавад. Аз ин лиҳоз, чун натиҷаи дурнамо муайян шудааст, ки саҳми сатҳҳои мазкур дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти урбанизатсия, таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши талаботи ҷомеа ба хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат ва дастрас афзоиш хоҳад ёфт. Зеро дар Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, собит мегардад, ки дараҷаи иқтидор, салоҳият ва равандҳои босифати маъмурӣ дар сатҳи маҳал нисбат ба сатҳи миллӣ хеле ақиб мондааст. Ин гуфтаҳо мубрамияти таҳқиқи назариявӣ ва методии инфрасохтори иҷтимоиро дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

Масъалаҳои инкишофи инфраструктураи иҷтимоии минтақа аҳаммияти ниҳоят калони иҷтимоию иктисодӣ доранд, зеро бе муҳайё намудани шароит барои фаъолияти пурраи сокинони минтақа ба ривоҷу равнақи минтақа ноил шудан ғайри имкон аст.

Нисбат ба мафҳум ва моҳияти иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар байни олимон ва муҳаққиқони иқтисоддон фаъолиятҳои илмӣ анҷом дода шудааст ва онҳо мувофиқ ба фаҳмишу дарки худ таърифҳо пешниҳод намудаанд.

Олимон ва муҳаққиқон оид ба мафҳуми иқтисодӣ фикру ақидаҳои илмии худро пешниҳод намудаанд. Дар таҳқиқи илмии О.А. Смирнова таърифи инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод мегардад. Ӯ инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ҳамчун маҷмуи воҳидҳои иқтисоди минтақавӣ дониста, фаъолияти онҳоро бо таъмини фаъолияти муътадили шуғли аҳолӣ ва одамон алоқаманд аст. О.А. Смирнова ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа одатан чунин соҳаҳоро пешниҳод намудааст: тандурустӣ, маориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ, истироҳат, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, биржаҳои меҳнат ва ғайра. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки О.А. Смирнова ба хусусиятҳои минтақавии инфрасохтори иҷтимоӣ назари хосса намудааст [9].

Олими иқтисодон Н.М. Логачева, инфрасохтори иҷтимоиро аз рӯи соҳаҳо ва маҷмуи бахшҳо чунин гурӯҳбандӣ намудааст: маориф, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат ва дигар соҳаҳо. Н.М. Логачева дар таҳқиқоти илмии худ таснифи инфрасохтори иҷтимоиро аз рӯи сатҳи рушд бо ҳамкории бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ дар минтақа алоқаманд медонад [5].

Ж.Т. Тощенко, чунин мешуморад, ки инфрасохтори иҷтимоӣ низоми муассиса ва ташкилоте мебошад, ки нисбат ба таъминнамоии шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқа дорад, зеро, пеш аз ҳама, барои фаъолияти пурсамар намудани корманд, шароитҳои меҳнатии ӯ бояд таъмин карда шавад. Дар ин таъриф Ж.Т. Тощенко аҳаммияти бештари иҷтимоию иқтисодӣ доштани инфрасохтори иҷтимоиро таъкид кардааст. Инчунин, инфрасохтори иҷтимоиро чун низоми ташкилоту муассисаҳо баррасӣ намуда, бештар таваҷҷуҳ ба шароитҳои кории кормандон ва поймол нагаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо

намудааст. Пешниҳодҳои илмии ин олим як қисмати инфрасохтори иҷтимоиро дар бар гирифта, зерқисматҳои дигараш аз мадди назар дур мондааст [14].

О.В. Согачева мафҳуми иқтисодии инфрасохтори иҷтимоиро чун маҷмуи унсурҳои устувори моддию ашёӣ муайян намудааст, ки дарбаргирандаи шароитҳо барои ташкили оқилонаи фаъолияти меҳнатии инсон, хусусан ташкили шароитҳои меҳнатӣ, сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва дигар шароитҳоро дар бар мегирад. Олими иқтисодон О.В. Согачева ба аҳаммият ва нақши инфрасохтри иҷтимоӣ эътибори ҷиддӣ дода, қайд менамояд, ки таъмини корманд бо ҳама шароитҳои меҳнатиаш, ин аз мавҷуд будани шароитҳои инфрасохтори иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад [10].

Е.В. Безуглая дар таҳқиқоти худ инфрасохтори иҷтимоиро чун маҷмуи шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки инфрасохтори иҷтимоӣ инкишоф ва рушди раванди истеҳсолотро таъмин намуда, ба рушди воҳиди муайяни ҳудудӣ-иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки олим бештар ба мундариҷаи инфрасохтори иҷтимоӣ ва аҳаммиятнокии он дар рушди иқтисодиёти ҳудудӣ эътибори хосса додааст [2].

С.П. Федулов инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи унсурҳои моддию ашёӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки барои бунёд ва таъмини шароити маконӣ ва муваққатии ташкили фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дар заминаи талаботи он, тавҷеҳи арзишӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо зарур мебошад. Дар таърифи пешниҳод кардаи С.П. Федулов хусусияти инфрасохтори иҷтимоӣ бештар ба инкишоф ва ташкили фаъолияти ҳаёт баррасӣ гардидааст [16].

Олими иқтисодон В.С. Антонюк яке аз олимоне дониста мешавад, ки қисми зиёди фаъолиятҳои илмиаш ба мавзуи инфрасохтори иҷтимоӣ ба хусус дар минтақа бахшида шудааст. Таърифе, ки ин олим пешниҳод намудааст, нисбат ба дигар таърифҳо пуратар буда, мафҳуми пурраи инфрасохтори иҷтимоии минтақаро дар бар мегирад. Ӯ инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ҳамчун маҷмуи соҳаҳо (тандурустӣ, маориф, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат) баррасӣ менамояд, ки фаъолияти онҳо ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ташкили оқилонаи фаъолияти ҷамъият мусоидат мекунад [1].

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода, таърифи муаллифии инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод карда шудааст, ки дорои чунин мазмун аст: инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи воҳидҳои иқтисоди минтақавӣ мебошад, ки фаъолияти онҳо ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, тарбияи ҷисмонию варзиш, фарҳанг ва санъат тааллуқ дошта, ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа, тавассути ташаккули шароити мусоиди зиндагии солими аҳолии минтақа мусоидат мекунад. Яъне, дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт зери мафҳуми инфрасохтори иҷтимоии аҳолии минтақа, он объектҳое дониста мешаванд, ки фаъолияташон ба тандурустӣ, бомаърифат, солим ва бофарҳанг намудани аҳолии минтақа нигаронида шуда, барои онҳо зиндагии мусоидеро фароҳам меоваранд.

Бояд зикр намуд, ки дар ин таърифи мундариҷаи иқтисодии инфрасоҳтори иҷтимоии минтақа чунин ҷанбаҳои категорияи мазкур дар мадди назар гирифта шудаанд:

- тавасути инфрасохтори иҷтимоии минтақа рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи муайян таъмин мегардад;
- инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ зарурати объективӣ дорад;
- рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва дигар арзишҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад;
- раванди урбанизатсия ва агломератсия, инчунин, агломератсияи минтақавӣ, ки самти муҳимми урбанизатсия маҳсуб меёбад, зери таъсири инфрасохтори иҷтимоии минтақа хусусиятҳои нави ташаккулёбиро ба даст меорад.

Омӯзиш ва таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақа истифодаи равишҳои методологии зеринро дар бар мегирад:

- равиши системавӣ, ки омӯзиши объектро ҳамчун маҷмуи ҷудонашавандаи зерсистемаҳои таркибии он, муайян кардани робитаҳо дар дохили объект, инчунин, байни объект ва муҳити берунаро дар бар мегирад;

- равиши ҳолатӣ, ки дар рафти он таҳлили вазъияти ҳозира, пеш аз ҳама, дар асоси расмиёти стандартии таҳқиқот гузаронида мешавад;

- равиши диалективӣ, ки усулҳои махсуси таҳқиқотро дарбар мегирад (усулҳои тақсим кардан ва пайваст кардани тамоми мақсадҳо, ҳиссаҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, зарурӣ ва тасодуфӣ, оморӣ ва динамикӣ, абстракт ва асосӣ);

- равиши рефлексивӣ, ки яке аз равишҳои таҳлилии систематиконидашуда дониста шуда, барои коркарди иттилооти объект ва дастрасӣ дар бораи муҳити дохилӣ ва берунии объекти таҳқиқшаванда асос мегирад.

Барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа як қатор усулҳое, ки дар таҳқиқоти илмӣ роҷеъ мебошанд, оварда шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Усулҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**
**Table 1. Methods of assessing the development of the social infrastructure of the region**

| Муаллиф | Усули арзёбӣ |
|---|---|
| Ҷ. Фридман | Сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа бо формулаи зерин муайян карда мешавад: $F = \frac{(\alpha \times f_{П} + \beta \times f_{P})}{2}$, ки дар ин ҷо, F – сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа; fп – сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии шакли ёридиҳанда; fр – сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии шакли рушдёбанда; α, β – зарибҳои поляризатсияи инфрасохтори иҷтимоии шакли муайян [3]. |
| Фаттахов Р.В., Низамутдинов М.М., Орешников В.В. [15] | Рафъи таъсири омили андозагирии нишондиҳандаҳо дар арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: $Y_i^n = \frac{Y_i - Y_{\min}}{Y_{\max} - Y_{\min}}$ ки дар ин ҷо, $Y_i$ - қимати нишондиҳанда барои минтақаи i-ум; $Y_{max}$ *ва* $Y_{min}$ – қимати ҳадди аксар ва ҳадди ақали нишондиҳанда барои ҳамаи минтақаҳои баррасишаванда; $Y\frac{n}{i}$ - қимати меъёрии нишондиҳанда барои минтақаи i-ум [14]. |
| Торопушина Е.Е. | Усули ҳисоби миқёсгароии хаттӣ дар асоси муайян кардани нуқтаҳои референтӣ (қиматҳои ҳадди ақал ва ҳадди аксар) амалӣ карда мешаванд. Ин усули арзёбӣ барои ҳисоби рушди иқтидори инсонӣ бештар истифода мегардад. Ҳисоб аз рӯи формулаи зерин сурат мегирад: $\mathbf{I} = \frac{\mathbf{X}_{\text{факт}} - \mathbf{X}_{\min}}{\mathbf{X}_{\max} - \mathbf{X}_{\min}}$ ки дар ин ҷо: I – индекси рушди иқтидори инсонӣ; $X_{факт}$ - нишондиҳандаи воқеии рушди иқтидори инсонӣ дар минтақа; $X_{max}$ ва $X_{min}$ - қимати ҳадди аксар ва ҳадди ақали нишондиҳанда барои ҳамаи минтақаҳои баррасишаванда [13]. |
| Загребова Л.Е. | Арзёбии таъсири рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба қонеъгардонии ҷамъият бо сатҳи зиндагӣ аз рӯи модели зерин амалӣ карда мешавад: $y=f(K_1+ K_2+ K_3+ K_4 ...... K_n)$ ки дар ин ҷо: $K_1$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби вазъи соҳаи маориф; $K_2$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби соҳаи тандурустӣ; $K_3$- қимати интегралии инъикоскунандаи зариби соҳаи фарҳанг ва маданият. $K_4$ *то* $K_n$ - дигар соҳаҳо, ки бо салоҳдиди арзёбикунанда интихоб мегарданд [4]. |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Усулҳои дар ҷадавли 1, низомбандӣ гардида, барои арзёбии ҷанбаҳои мухталифи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо қобили истифода мебошанд. Вале, ҳар як усули арзёбӣ ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дорад, ки онҳоро таҳқиқгар бояд дар мадди назар гирад. Ҷиҳати мусбати усули арзёбии рушди инфрасохтори минтақа, ки дар асоси таҳқиқи Ҷ. Фридман коркард шудааст, дар он аст, ки ин усул имкон медиҳад сатҳи таъминнокии минтақа бо объектҳои инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ дар асоси низоми муайяни нишондиҳандаҳои воқеӣ ва зарибҳои минтақавӣ арзёбӣ карда шавад. Барои истифода бурдани ин усул Ҷ. Фридман минтақаҳои иқтисодиро ба чор намуди муайян тақсим намудааст: ядро, минтақаи афзоиш, минтақаи нави рушдёбанда, минтақаи таназзулёбанда. Ин тақсимбандӣ метавонад ба дақиқ гардидани натиҷаи арзёбӣ барои муайян кардани рушди инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат кунад. Дар амал татбиқ намудани усули мазкур ҳисобу китоби зиёдро тақозо менамояд. Зеро барои ҳар як намуди минтақа (тибқи таснифи Ҷ. Фридман) бояд вобаста ба унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ матритсаи морфологии он тартиб дода шавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифи минтақаҳо мутобиқи усули Ҷ. Фридман заҳмати зиёдро тақозо менамояд ва арзёбиро танҳо мақомоти ваколатдор ва ё институтҳои таҳқиқотӣ анҷом дода метавонанд. Яъне барои муҳаққиқону олимон истифодаи ин усул дар шароити кунунии рушди идоракунии инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо мушкил ва ҳатто ғайриимкон мебошад.

Усули арзёбии дар корҳои Р.В. Фаттахов, М.М. Низамутдинов, В.В. Орешников ва дигарон баррасӣ шударо оид ба рафъи таъсири омили андозагирии нишондиҳандаҳо дар арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа истифода бурдан мумкин аст. Модели мазкур сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва параметрҳои ҳаракати демографии ҷамъиятро инъикос мекунад. Бояд тазаккур дод, ки модели овардашуда нисбат ба модели умумииқтисодии микроматематикии рушди минтақа дар бобати муайян намудани сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа аҳаммияти камтари амалӣ дорад. Зеро тибқи баррасии таҳқиқгарон чунин ба назар мерасад, ки натиҷаҳои бадастомада бо модели умумииқтисодии рушди минтақавӣ, аз ҷумла параметрҳои иқтисодӣ, пуливу қарзӣ ва дигар фаъолиятҳои давлатӣ муттаҳид карда шавад. Ҳангоми истифодаи модели мазкур инфрасохтори иҷтимоии минтақа метавонад ба таркиби омилҳои демографӣ таъсири мухталиф расонад. Вобаста ба ин, ташкили шароити мусоид ба рушди муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақа кафолати афзоиши сатҳи тавлид ё паст намудани сатҳи фавтро намедиҳад. Ҳангоми пешгӯии шумораи аҳолии ин ё он минтақа таҳлили амиқи таркиб ва омилҳои демографӣ талаб карда мешавад, ки вобаста ба он андешидани таҳияи чораҳои давлатӣ оид ба сиёсати рушди демографӣ ва ташаккули заминаи мувофиқи сиёсати молиявӣ талаб мегардад. Ин имкон медиҳад муайян кунем, ки ҷузъиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ба рушди унсурҳои демографии минтақа то чи андоза таъсир мерасонад. Умуман усули ҳисоби миқёсгароии хаттӣ барои муайян кардани қимати меъёрии нишондиҳандаи минтақаи арзёбишаванда имконпазир мебошад. Вале, ин қимати меъёрӣ наметавонад чандон дақиқ бошад. Зеро ҳар як минтақа хусусияти хосси худро дорад ва метавонад дар ягон ҷузъи инфрасохтори иҷтимоӣ бо назардошти ягон бартарӣ рушд ёфта бошад. Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдани усули арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар сурати ба назар гирифтани хусусиятҳои табиию релефи ҷойгиршавӣ ва омилҳои демографӣ ҳангоми муайян кардани қимати меъёрӣ имконпазир мебошад.

Дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ Е.Е. Торопушина ва дигар олимон усули ҳисоби миқёсгароии хаттӣ васеъ истифода мегардад. Дар ин усул муайянсозии нуқтаҳои референтӣ (қиматҳои ҳадди аксар ва ҳадди ақал) ҳангоми арзёбӣ зарур мебошад. Ҳангоми истифодаи ин усул дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ нишондиҳандаҳои воқеии ҷойдошта дар ҳар як минтақаи мушаххас муайян карда мешавад. Барои муқоиса намудани маълумоти минтақа аз рӯи доираи маълумот ва андоза нишондиҳандаҳои нисбии беандоза, ки дараҷаи наздикшавии мутлақи ҳар як нишондиҳандаро ба қимати ҳадди аксар ва ҳадди ақал инъикос мекунад, истифода бурда мешавад. Қимати нишондиҳандаҳо бояд байни фосилаҳои 0 ва 1 муайян гардад, таносуби байни қиматҳои алоҳида нигоҳ дошта мешавад.

Камбудии истифодаи ин усул дар он аст, ки хусусиятҳои алоҳидае, ки рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро инъикос мекунанд, қимати якхела дошта

наметавонанд ва вазни қиёсии ҳар як нишондиҳанда, инчунин, маҷмуи онҳо дар асоси усули пурсиши экспертӣ дар фосилаи байни 0 ва 1 гузаронида мешавад. Дар асоси пурсиши экспертӣ таҳлилгар наметавонад нишондиҳандаҳои ба арзёбӣ зарурро дақиқ муайян кунад.

Тавре аз модели баррасишаванда дар таҳқиқоти Л.Е. Загребов ва дигарон бармеояд, истифода аз ин модел арзёбии таъсири рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа ба сатҳи зиндагӣ бо истифодаи қиматҳои интегралии зарибҳои соҳаҳои иҷтимоиро инъикоскунанда амалӣ карда мешавад. Ҷиҳати мусбати усул дар он аст, ки вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ ҳангоми муайян кардани қимати интегралӣ дар алоҳидагӣ ҳисоб мегардад. Инчунин, муҳаққиқон метавонанд соҳаи зарурири мустақилона ҳисоб намоянд ва дар арзёбӣ ба мадди назар гиранд. Таснифи нишондиҳандаҳои ин модел дар асоси ҳисоби зарибҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, сайёҳӣ ва ғайраҳо асос ёфтааст. Ҳисоби зарибҳои интегралӣ тибқи методологияи махсус, ки ҳисобкунии ибтидоии нишондиҳандаҳои такроршавандаро ба назар мегирад, иҷро карда мешавад. Дар арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои Тоҷикистон, истифода намудани ин усул қулай ва мусбат арзёбӣ мегардад [4].

Ҳисоби арзёбии интегралии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз рӯи усули «Паттерн» низ амалӣ карда мешавад. Ҷиҳати мусбати ин усул дар он аст, ки методологияи пешниҳодшуда арзёбии объективии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро таъмин менамояд, инчунин, ба муайян кардани самаранокии фаъолияти инфрасохтор имкон медиҳад. Норасоии ин усул дар он аст, ки ҳангоми истифодаи он таҳияи алгоритми кластеронии нишондиҳандаҳои бахши иҷтимоиёт зарур аст. Ин тақозо менамояд, ки барои ҳар як минтақа ва маҳалҳои он ҳуҷҷати шаҳодатдиҳандаи маълумоти хосси соҳаҳои иҷтимоӣ таҳия гардад. Дар шароити кунунии минтақаҳои Тоҷикистон, истифодаи ин усул хеле мушкил мебошад, вале тадриҷан бо баробари рушди кишвар ва рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифодаи он ҳангоми арзёбӣ имконпазир аст.

Ҳамин тавр масъалаи мавриди баррасиро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки ба қонунгузории давлатӣ, стратегияҳо ва барномаҳои танзимкунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар чунин таърифи инфрасохтори иҷтимоиро ворид кардан ба мақсад мувофиқ аст, ки он дар доираи таҳқиқоти мо муайян карда шудааст: инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи объектҳои ба соҳаҳои иҷтимоии минтақаҳо тааллуқ доштаро дар бар мегирад, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ, рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мусоидат мекунад ва омили муҳимми таъсиррасон ба раванди урбанизатсия ва агломератсия маҳсуб меёбад.

Тавсия дода мешавад, ки дар раванди татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо назардошти усулҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа, ки дар мақола баррасӣ шуданд ва инчунин, таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба хусусиятҳои ҳар як минтақаи кишвар дастурамал ё меъёри алоҳида оид ба усулҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа таҳия карда шавад. Дар таҳияи он олимони ватанӣ, мутахассисони соҳа ва ҳатман олимону коршиносони хориҷӣ ҷалб карда шаванд. Минтақаҳои кишвар метавонад дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳо низ усулҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоиро низомбандӣ намуда, тарзи истифодаи онҳоро шарҳ диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки аз як тараф, заминаи методиро барои арзёбии рушди соҳаи мазкур, ки хусусиятҳои миллии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба мадди назар гирифта шудааст ташаккул диҳад ва аз тарафи дигар, мақомоти ваколатдор рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳоро самарнок идора кунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Антонюк В.С. Социальная инфраструктура в системе региональной инфраструктуры / В.С. Антонюк, А.Ж. Буликеева // Вестник Тюменского государственного университета. - 2013. -№11. -С.31-39.
2. Безуглая Е.В. Значение социальной инфраструктуры для социально-экономического развития региона / Е.В. Безуглая // Молодой учѐный. - 2013. -№10(57). -С.272-274.

3. Бородатова Л.Ю. Обоснование развития социальной инфраструктуры в условиях пространственной трансформации экономики региона. Монография / Л.Ю. Бородатова, Л.Л. Тонышева. -Тюмень: ТГНГУ, 2015. - 140 с.
4. Загребова Л.Е. Региональное развитие социальной инфраструктуры: автореф. дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Л. Е. Загребова. -Тольятти, 2011. -27 с.
5. Логачева Н.М. Социальная инфраструктура как фактор регионального развития / Н.М. Логачева // Вестник Уральского института экономики, управления и права. 2011. -№2(15). -С.57–65.
6. Махмадиев, Ф.Б. Теоретический подход к формированию и развитию агропромышленных кластеров / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова, Ш.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/8. -С.66-71. – EDN YUUFTT.
7. Потемкин В.К. Социальная инфраструктура регионов: нормативный подход к преобразованию / В.К. Потемкин. -Санкт-Петербург: Ривьера, 1996. -140 с.
8. Рандалов Ю.Б. Социальная инфраструктура региона: проблемы развития / Ю.Б. Рандалов, Ц.Б. Будаева. - Новорыбинск: Найка, 1989. -72 с.
9. Смирнова О.А. Социальная инфраструктура региона: сущность, проблемы и перспективы развития / О.А. Смирнова // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. – 2014. -№2(38). -С.87-91.
10. Согачева О.В. Особенности формирования и функционирования социальной инфраструктуры региона / О.В. Согачева // Вестник ТГУ. - 2009. -№3(71). -С.388-392.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст. - Душанбе, 2016. -99 с. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (санаи мурочиат: 02.08.2021).
12. Терехова-Пушная Д.В. Методика оценки уровня развития социальной сферы / Д.В. Терехова-Пушная // ЧОУ ВО «Московская международная академия». - 2016.
13. Торопушина Е.Е. Оценка уровня развития социальной инфраструктуры в регионах Севера и Арктики России / Е.Е. Торопушина // Публикация подготовлена в рамках поддержанного РГНФ и Правительством Мурманской области научного проекта №15–12–51002. ЭКО. – 2016. -№6. -С.99-108.
14. Тощенко Ж.Т. Социальная инфраструктура: сущность и пути развития /Ж.Т. Тощенко. -М.: Мысль, 1980. -206 с.
15. Фаттахов Р.В. Оценка развития социальной инфраструктуры регионов России и ее влияние на демографические процессы / Р.В. Фаттахов, М.М. Низамутдинов, В.В. Орешников // Экономика социальной сферы. -Уфа: Институт социально-экономических исследований УФИЦ РАН: “Финансы: теория и практика”, 2020. -Т.24. - №2. -С.104-118.
16. Федулов С.П. Социальная инфраструктура современного российского города. [Электронный ресурс]. URL: https://ecsocman.hse.ru/data/958/991/1219/019. FEDOULOV.pdf (дата обращения: 10.10.2023).

## ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ВА ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ОН

Дар мақолаи мазкур инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва ҷанбаҳои назариявӣ ва методии он баррасӣ шудааст. Таърифҳои пешниҳод намудаи олимони зиёд доир ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа низомбандӣ шуда, пас аз таҳлили амиқи онҳо ташреҳи муаллифӣ пешниҳод шудааст. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода таърифи муаллифии инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод карда шудааст, ки дорои чунин мазмун аст: инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи воҳидҳои иқтисоди минтақавӣ мебошад, ки фаъолияти онҳо ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, тарбияи ҷисмонию варзиш, фарҳанг ва санъат тааллуқ дошта, ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоиди зиндагии солими аҳолии минтақа мусоидат мекунад. Усулҳои асосии арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таҳқиқ шуда, нишондиҳандаҳои барои ҳисоб зарурӣ баррасӣ гардидаанд. Дар баррасии усулҳои асосии арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳо диққати махсус дода, мутобиқ будан ва ё набудани онҳо ба шароити минтақаҳои кишвар шарҳ дода шудааст. Ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёт, рушди иқтисодиёт, рушди иқтисоди минтақа, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақа, инфрасохтор, инфрасохтори иҷтимоӣ, усулҳои арзёбӣ.

## СОЦИАЛЬНАЯ ИНФРАСТРУКТУРА РЕГИОНА И ЕЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В данной статье рассматривается социальная инфраструктура региона и теоретико-методологические аспекты. Определения, предложенные многими учеными относительно социальной инфраструктуры региона, систематизированы и после их глубокого анализа представлена авторская интерпретация. На основе проведенного исследования предложено авторское определение социальной инфраструктуры региона, которое имеет следующий смысл: социальная инфраструктура региона – это совокупность подразделений региональной экономики, деятельность которых связана с отраслями здравоохранения, образования, физической культуры и спорта, культуры и искусства, а также развитие сфер способствует социально-экономическому развитию региона через формирование благоприятных условий для здоровой жизни населения региона. Исследованы основные методы оценки развития социальной инфраструктуры и обсуждены показатели, необходимые для расчета. При обзоре основных методов оценки развития социальной инфраструктуры особое внимание было уделено преимуществам и недостаткам методов, а также объяснена их совместимость с условиями регионов страны или отсутствие таковых.

Представлен аспект совершенствования институциональной основы социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** экономика, экономическое развитие, региональное экономическое развитие, региональная экономика и общество, инфраструктура, социальная инфраструктура, методы оценки.

**SOCIAL INFRASTRUCTURE OF THE REGION AND ITS THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS**

This article discusses the social infrastructure of the region and theoretical and methodological aspects. Definitions offered by many scientists regarding the social infrastructure of the region are organized, and after their deep analysis, an author's interpretation is presented. On the basis of the conducted research, the author's definition of the social infrastructure of the region is proposed, which has the following meaning: the social infrastructure of the region is a set of units of the regional economy, whose activities are related to the fields of health, education, physical education and sports, culture and art, and to the development of the fields contributes to the socio-economic development of the region through the formation of favorable conditions for the healthy life of the population of the region. The main methods of assessing the development of social infrastructure have been investigated and the indicators necessary for the calculation have been discussed. In the review of the main methods of assessing the development of social infrastructure, special attention was paid to the advantages and disadvantages of the methods, and their compatibility or lack thereof with the conditions of the country's regions was explained. The aspect of improving the institutional basis of socio-economic development of regions in the Republic of Tajikistan is presented.

**Keywords:** economy, economic development, regional economic development, regional economy and society, infrastructure, social infrastructure, evaluation methods.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҷидзода Давлатбахт Маҷид*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Маджидзода Давлатбахт Маджид*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических, доцент кафедры национальной экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**

**Information about the author:** ***Majidzoda Davlatbakht Majid*** – Tajik National University, candidate of economics, associate professor of the department of national economics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-17-06-55.** E-mail: **ndavlatbakht@mail.ru**

ТДУ: 338.431(575.3)

# ТАКМИЛДИҲИИ ИНФРАСОХТОРИ НИГОҲДОРӢ ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

*Абдуллоев А.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсади муҳимтарин рушди устувории истеҳсолот ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар миқёси ҷумҳурӣ буда, пешбинӣ мекунад, ки тамоми неру ба пурра беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодии заҳматкашон, ба фаъолсозии ҳамаи омилҳои инсонӣ равона карда шавад. Дар миёни омилҳои умумии ба рушди устувори истеҳсолот таъсиркунанда, омилҳои иҷтимоӣ ҷойи асосиро ишғол менамоянд.

Барои таъминсозии рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, таъсисдиҳии соҳаи кишоварзии рақобатпазир, мустаҳкам гардонии амнияти озуқаворӣ ва миллии мамлакат дар деҳот ташаккулдиҳии механизми иқтисодии мукаммали рушди соҳа зарур мебошад. Ин раванд, пеш аз ҳама, бояд ба стретегияи давлатии рушди муосири инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ба қонунҳои пешрафта, қоидаҳо ва хизматрасониҳои мусоид ва нархҳо аз рӯйи маҳсулоти кишоварзӣ такя намояд.

Аз ин рӯ, бояд чораҳое роҳандозӣ гарданд, ки даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ, афзоиши иқтидорҳо оид ба нигоҳдории маҳсулотро кафолат диҳанд. Ҳамчунин, низоми иттилоотии фаврии молистеҳсолкунандагон аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои таъминсозандаи илмӣ-техникӣ ва технологии комплекси агросаноатӣ барои пешбарии технологияҳои муосир, шиносоӣ бо таҷрибаи амалисозии ҷаҳонӣ ва ватанӣ таъсис бояд дода шавад, вагарна ҳангоми дар сатҳи кунунӣ мусаллаҳгардонии техникӣ-технологии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон рақобатпазир нагардида, он дар амнияти озуқаврии мамлакат ба мушкилӣ рӯбарӯ мегардад. Ҳамин тавр, иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ метавонад инноватсионӣ гашта, дар баробари ин, то андозаи ба низоми идоракунии давлатии ба самти инноватсионӣ нигаронидашудаи КАС рақобатпазир бошад. Барои такмили соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар самти инноватсионии рушд дастгирии амалкунандаи молиявӣ, методӣ, иттилоотӣ ва машваратии давлатӣ нокифоя ба назар мерасад. Дар ин самт, аз як тараф, намудҳои номбаргардидаи кумакҳои моддиву техникиро ҷоннок гардонида, аз дигар ҷониб, самти дастгирии давлатӣ дар соҳаи рушди инноватсионии соҳаро такмил додан зарур аст.

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ равияҳои ташкилотчигӣ, баҳамории воситаҳои истеҳсолӣ дар асоси мураккаб гаштани тамоми равандҳои ҷамъиятӣ, пурра гаштани онҳоро ба миён оварда, самарабахширо сифатан баланд мегардонанд. Дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд дар асоси коркарди чорабиниҳои иқтисодӣ, ки ба фароҳамсозии шароити рушди онҳо равона карда шудааст, бояд таъмин карда шаванд.

Танзими давлатии рушди хоҷагиҳои хурд бояд дар сатҳи умумидавлатӣ ва минтақавӣ баррасӣ гашта, ҳангоми баррасии барномаҳои мақсадноки дастгирии давлатӣ бояд ба принсипҳои зерин такия карда шаванд: муносибатҳои комплексӣ ва системанок дар рушди хоҷагиҳои хурд дар асоси дохил кардани мақсад ва механизми амалигардони барномаҳо ба яке аз стратегияҳои афзалиятноки давлатии рушди комплекси агросаноатии мамлакат дар маҷмуъ; интихоби афзалияти дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд дар асоси коркарди чорабиниҳои комплексии барномавӣ ва самаранокии онҳо; ҷудо кардани таваккал барои самаранок истифодабарии захираҳои мувофиқи барнома ҷудокардашуда, дар асоси иштироки сармояи инвеститсионии гуногун дар маблағҷудокунии чорабиниҳои барномавӣ; назорат оид ба самаранок истифодабарии захираҳои барои амалигардонии барномаҳо ҷудокардашуда ва боздеҳии самараноки онҳо; ихтиёран иштирок кардани хоҷагиҳои хурд дар барнома ва озмунҳои интихоби иштироккунандагон барои иҷрои созишномаҳо; таъмини иттилоотии хоҷагиҳои хурд; роҳандозии иқдомҳои ҳавасмандкунии иқтисодии самтҳои алоҳидаи фаъолият, додани имтиёзҳо барои иштироккунандагони барномаҳо ва ғ;

Сиёсати давлатӣ дар ин бахш фарогири масъалаҳои зерин аст:

- бунёди базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки рушди хоҷагиҳои хурди аҳолиро таъмин мекунад;

-ташкили ташкилотҳои ҳукумати маҳаллӣ, корхонаҳои кишоварзӣ оид ба фаъолияти хоҷагиҳои хурд.

Самти асосии сиёсати аграрии давлат дар шароити имрӯза, дар ҳамбастагӣ ислоҳоти бозоргонӣ тавассути роҳандозии чораҳои дастгирии давлатӣ ва танзими давлатӣ, яъне вазифаҳои муҳимми давлатӣ – дастгирии устувории иҷтимоии ҷамъият, ки дар баъзе мавридҳо дар мадди аввали таваҷҷуҳи давлат меистад, ба ҳисоб меравад. Рушди муносибатҳои бозоргонӣ консепсияи нави рушди системаи қарзӣ – молиявиро, ки асоси он ташкил кардани сохтори нави бонкҳо ба бахши аграрӣ хизматкунанда, рушди шаклҳои нави қарздиҳӣ, ташаккулёбии бозори замин ва ипотека мебошад, талаб мекунад. Дар рушди хоҷагии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи молиявии онҳо чорабиниҳои беҳтар кардани хизматрасонии савдою хариди маҳсулот аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Дар ин самт ҷамъияти матлубот метавонад корҳои зиёдро ба анҷом расонида, баҳри такмили низом ташкил кардани фонди ҷумҳуриявии дастгирии хоҷагиҳои хурд дар рушди иқтисодии онҳо аҳаммияти калон дорад. Барои аҳолӣ ташкили харид, имконияти воқеии фурӯхтани маҳсулоти зиёдатӣ ва гирифтани даромад аз ин фонд мансуби дастгирии хоҷагиҳои хурд буда, он ба зарурати ташкил кардани хариди маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои хурд, ҳамзамон, вобаста ба талаботи корхонаҳои коркард барои сарчашмаи иловагии ашёи хом бо мақсади нисбатан пурра истифода кардани қудрати истеҳсолии онҳо алоқаманд мебошад.

Аз омӯзиши масъалаи мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони миллали мутаҳид (FAO) бармеояд, ки рушди комплекси агросаноатӣ ба андозаи 1,0%, камбизоатии деҳотро ба андозаи 1,8% коҳиш медиҳад. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки ҷорисозии инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ заминаи нисбатан муҳимми рушди соҳаи кишоварзӣ ва шароити калидии пасисарнамоии камбизоатӣ дар деҳот ва умуман дар ҷамъият ба ҳисоб меравад. Вазъияти баамаломада аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таъмини рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ба шумораи нисбатан имконпазири вазифаи давлат алоқаманд аст.

Бояд қайд кард, ки афзоиши истеҳсолот, ба роҳ мондани инфрасохтори бозор бо сабабе, ки ислоҳоти маҷмуаи агросаноатӣ дар вилояту минтақаҳо амалӣ карда мешавад, бояд дар асоси хусусиятҳои хосси он ба роҳ монда шавад. Илова бар ин, рушди инфрасохтори бозорӣ бояд ҳатман ҳам дар самти озуқаворӣ ва ҳам дар самти ҳудудӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат ба хусусиятҳои хосси бозорҳо дохил мешаванд: ба минтақае хос будан, алоқаҳои нақлиётӣ дар он, хароҷотҳои истеҳсол, механизмҳои танзими давлатӣ ва ғ. Барои рушди босамари бозорҳои озуқаворӣ принсипи имкониятҳои баробар барои рушди бозор ва сохторҳои он ворид карда шавад. Бояд хотиррасон кард, ки бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ инъикосгар ва танзимгари ҳамкориҳои иқтисодӣ буда, аз бозорҳои маҳаллӣ ва махсусгардонидашуда иборатанд. Ба бозорҳои маҳаллӣ ва ё минтақавӣ бозорҳои маҳаллии фурӯши яклухт ва чакана шаҳру ноҳияҳо дохил мешаванд, бозорҳои махсусонидашуда бошанд, гардиши маҳсулотро миёни минтақаҳо таъмин менамоянд ва маҳсулоти ягонаи истеҳсолӣ надоранд.

Дар сурати савдои молу маҳсулот ба воситаи бозорҳо, ташаккули инфрасохтори бозорӣ дар заминаи ҳамкорӣ миёни корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ, корхонаҳои хизматрасонии интиқолу ҳаракати маҳсулот, корхонаҳои қарзӣ ва таъмини кормандон тақозо дорад. Омилҳои асосии рушди бозорҳои маҳаллӣ, ин ба роҳ мондани намоишу ярмаркаҳо, биржаҳои меҳнатӣ, фондӣ, корхонаҳои иттилоотӣ, маркетингӣ, лизингӣ, нақлиётӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифз ба ҳисоб мераванд.

Дар ин ҷо онро бояд хотиррасон кард, ки бо мақсади нигоҳ доштан дар як сатҳ монополияи корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқавориро, бозорҳои бо шаклҳои гуногуни фаъолият онҳоро бо ашёи хом таъмин намуда, фоида иштирокчиёни онро дар раванди муомилоти молу маҳсулот ба бор меоваранд. Шарти зарурии самаранокии истеҳсолот дар ин ҷо азхудкунии ҳиссаи мувофиқ, мутаносибан ба ҳиссаи харҷи қувваи корӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон ба ҳисоб меравад.

Дар сурати ташаккули бозорҳои минтақавӣ ва ё маҳаллӣ таваҷҷуҳи асосӣ бояд равона карда шавад ба:

- ташаккули инфрасохтори бозор бо назардошти хусусиятҳои хосси минтақа;

- боло бардоштани мавқеи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишвоарзӣ дар бозори минтақа;

- тақвияти нақши давлат, рушд додани механизмҳои муосири иқтисодӣ дар асоси хусусиятҳои хосси минтақа;

- рушд ва ба роҳ мондани ширкатҳои маркетингӣ ва танзимгар бо мақсади беҳтар намудани сифати маҳсулот ва савдои он.

Бояд се омили асосии рушд ва танзими бозорҳои озуқа ва инфрасохтори он таъкид карда шавад: аввалан, модели ягонае вуҷуд надорад, ки манфиатҳои имрӯза ва ё ояндаи гурӯҳҳои хоҷагидориро инъикос кунад, дуввум, намунаи ягонае вуҷуд надорад, ки оқибатҳои гузариш аз як сохт ба иқтисоди бозориро пешгӯӣ кунад. Севвум, ки асосӣ ба ҳисоб меравад, арзиши қарорҳои иштибоҳи баланд буда наметавонанд.

Ҷузъи ҷудонашавандаи сохтори бозорҳои кишоварзӣ, ин инфрасохтори минтақавӣ ба ҳисоб меравад, ки дар худ корхонаҳои хизматрасонӣ, бонк, биржа, корхонаҳои суғуртавӣ, сармоягузории соҳаро дарбар мегирад. Ба сифати ҷузъи механизми бозорҳои минтақавии маҷмуаи саноати кишоварзӣ баромад карда, сохтори ташкилотӣ ва инфрасохтор идоракунии махсусеро тақозо дорад, ки бояд аз принсипҳои идоракунии менеҷмент нархгузорӣ ва рақобат фарқияти хос дошта бошад. Ба вазифаҳои калидии идоракунӣ дар КАС ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ, таъинот ва нигоҳдории маҳсулот миёни хоҷагиҳо ва соҳаҳои алоҳида он дохил мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқи рус Е. Злобин дар баробари истеҳсолкунандагон ба сохторҳои бозорҳои минтақавӣ, инчунин, мақомотҳои идоракунии давлатӣ, фурӯши маҳсулот тавассути чакана ва яклухт, корхонаҳои коркард ва борҷомасозии маҳсулоти кишоварзӣ, муассисаҳои савдо ва кооператсияҳо, бонку ширкатҳои консалтингӣ ва ғ. дохил карда мешаванд.

Таҳқиқу омӯзиши масъала нишон дод, ки дар раванди рушди инфрасохтори бозори кишоварзӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро тақвият додани корхонаҳои борҷомасозӣ пайдо мекунад, чунки қисмати зиёди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бе бастабандӣ ба бозорҳо пешкаш мешавад ва дар баъзе мавридҳо аз коркарди пешакӣ намегузарад. Масъалаи дигар ин маҳдуд гаштани бозорҳои яклухт ва чакана дар сурати якҷояшавии минтақавии истеҳсолкунандагон ба ҳисоб меравад.

**Расми 1. Инфрасохтори бозори маҳсулоти озуқаворӣ**
**Figure 1. Infrastructure of the food market**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ворид намудани шабакаи муосири нақлиётӣ дар сохтори бозори озуқа истеҳсолкунандагонро аз он хабардор мекунад, то ки технологияҳои ҳозиразамонро дар истеҳсолоти маҳсулот ҷорӣ намоянд.

Ҷорӣ намудани хадамотҳои маркетингӣ ва реклама ба сохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ барои истеҳсолкунандагон аз манфиат низ холӣ нест.

Хадамотҳои реклама ва ё таблиғотӣ дар фаъолияти пурсамари истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ зарур ва аҳаммияти бузург доранд. Хотиррасон бояд кард, ки нақши муҳим дар рушди сохтори бозорҳои кишоварзӣ корхона ва марказҳои иттилоотӣ

доранд, ки барои саривақт оиди вазъи бозор ва дигар паҳлуҳои муҳимми он ба манфиатдорони ин соҳа иттилоотро мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки самаранокии иқтисодиёти муосир, пеш аз ҳама, аз рушди инфрасохтори бозорӣ, таъмин намудани манфиатҳои ҳам харидорон ва ҳам фурӯшандагон, алоқаи мутақобилаи истеҳсолот ва истеъмолот, қаноат намудани эҳтиёҷоти истеҳсолкунандагон ва бо ғизои солим ва босифат таъмин намудани аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондан ва мувофиқ гардонидани инфрасохтори бозорӣ, масъалаи талаботу пешниҳод ҳалли худро ёфта, иқтисоди миллӣ босубот рушд хоҳад ёфт.

Бояд қайд кард, ки дар рушди инфрасохтори бозорӣ танзими давлатии истеҳсолот ва савдои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти калон дошта, он аз вазифаҳои зерин иборат аст:

- таъмини санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ;
- дастгирии давлатии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ;
- маблағгузории саривақтӣ аз тарафи давлат;
- рушди соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ;
- батанзимдарории нарх ва нархгузорӣ дар соҳаи маҳсулоти кишоварзӣ;
- батанзимдарории истеҳсолот ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- қонеъ гардонидани талаботу пешниҳоди бозор;
- батанзимдарории эҳтиёҷоти аҳолӣ ва давлат ба маҳсулот озуқаворӣ.

Танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ дар худ харид, фурӯш, нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, танзими нархгузориҳои муносиб, пардохтҳои воҳиди маҳсулот, захиракунӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, андозбандии муносиб, суғурта, танзими амортизатсия ва ғайраро фаро мегирад. Бояд хотиррасон кард, ки вазифаи муҳаққиқон дар танзими давлатии маҳсулоти кишоварзӣ, ин муайян кардани воситаи муносиби танзими давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода истифода бурдани таҷрибаи кишварҳои рушдёфтаи иқтисоди бозорӣ низ аз манфиат холӣ нест. Принсипи махсусиятнокӣ яке аз воситаҳои муҳимми танзими бозори озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки он асосан аз фишангҳои сиёсии самаранок ва бо ҳалли низоъҳои ҳама ҷонибҳо иборат аст. Масалан, савдои озоди маҳсулот барои истеъмолкунандагон барои харидорӣ намудани маҳсулоти бо нархи арзон муфид арзёбӣ мегардад, аммо барои баъзе истеҳсолкунандагони маҳаллӣ норозигиро пайдо мекунад. Аз ин рӯ, кафолат додан ба истеҳсолкунандагони табақаи гуногун барои фурӯши маҳсулот яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар рушди инфрасохтори бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода ҳавасмандкунии истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат яке аз вазифаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муайян гардид, ки дар сурати ташаккул додани бозорҳои яклухт ба инобат гирифтани хусусиятҳои хосси ҳар як минтақа аз манфиат холӣ нест, чунки кишвари мо хоҷагиҳои кишоварзии гуногунранг ва бо шакли моликияти гуногунро дарбар мегирад. Дар сурати амалӣ шудани ин иқдом, яъне таъсиси бозорҳои савдои яклухт, ба истеҳсолкунандагон имкон медиҳад, ки маҳсулоти озуқавориро озодона бо нархҳои дилхоҳи худ ба фурӯш гузоранд.

Нақши инфрасохтори бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити муосир, дар ташкили фаъолияти бозор ба таври пурра мураккаб мегардад. Инфрасохтори бозори маҳсулоти озуқаворӣ бошад, мазмун ва аҳаммияти бо хусусиятҳои бозор алоқаманд бударо дар дохил муайян менамоянд.

Инфраструктураи бозори маҳсулоти озуқаворӣ аз нигоҳи С.У. Нуралиев чунин мебошад: «...комплекси сохторҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмин намудани иҷрои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ хизмат мерасонанд ва чунин мешуморам, ки он аз сохторҳои махсусгардонидашуда: ташкилӣ, марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, хадамоти таҳқиқот ва назорати бозор иборат аст» [13,с.55].

Таъмин ва рушди навовариҳо дар соҳаи кишоварзӣ, таъсис додани бахши кишоварзии ба рақобат тобоваранда, мустаҳкам намудани амнияти озуқаворӣ ва миллии ҷумҳуриро талаб менамояд, ки давлат бояд дар деҳот механизми иқтисодиеро ба роҳ монад, то он ба давлат имконияти муътадил рушд намудани соҳаи кишоварзиро таъмин намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дигаргунсозиҳои иқтисодии КАС, бевосита дар ҳудуди минтақаҳо амалӣ карда мешаванд, рушди истеҳсолот, ташкил намудани инфрасохтори бозор бо дарназардошти хусусияти он бояд ба анҷом расонида шавад. Инкишофи бозор ду самти бо ҳам алоқамандро фаро мегирад: самти озуқаворӣ ва самти ҳудудӣ. Он бояд ба стретегияи давлатии рушди муосири инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ба қонуну қоидаҳои пешрафта, хизматрасониҳо ва нархҳои аз рӯйи маҳсулоти кишоварзӣ мусоид такя намояд.

Дар микёси ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани шароити фарҳангӣ ва маишии заҳматкашони деҳот чораҳоро андешида, барои рушди дараҷаи касбияти онҳо чора бояд ҷуст.

Дар амалия заҳмату меҳнати деҳқон вазифаи иҷтимоии коргаронро бо ниҳодҳои иҷтимоӣ барои ба натиҷаи дилхоҳ расидан истифода мебаранд. Рушди минбаъдаи омилҳои иҷтимоӣ аз диққати асосӣ ба интенсификатсиякунонии бахши кишоварзӣ вобастагӣ дорад, аммо дар шароити афзоиши талабот ба меҳнат он хосияти ҷиддиро ба худ касб кардааст. Беҳтар гардонидани шароити зисту зиндагонӣ дар деҳот ва баланд шудани некуаҳволии аҳолии деҳот, ба тағйир ёфтани таркиби талабот ва таъминоти аҳолии деҳот оварда мерасонад. Таҳлилҳо дар ин самт нишон медиҳанд, ки айни замон дар ҷумҳурӣ суръати афзоиши музди меҳнат барои таъмини некуаҳволии кормандони деҳот нақши асосӣ дорад.

Вобаста ба музди меҳнат, шароити меҳнат, ҳаёти маишии аҳолии дар деҳот зиндагикунанда таъмин карда мешавад. Таҳлилҳои иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки меҳнаткашони деҳот дар баробари масъалаҳои самаранокии хоҷагидорӣ як қатор мушкилоти иҷтимоӣ низ доранд. Муҳайё намудани шароити баробари фаъолияти меҳнатӣ дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмин намудан бо иншоотҳои асосии фарҳангӣ, маишӣ ва ташкили намудҳои фароғативу фарҳангӣ барои ҳамаи сатҳҳои аҳолии деҳот муҳим арзёбӣ мегардад.

Рушди устувори истеҳсолоти иҷтимоӣ ва инфиродӣ, фароғат ва имконпазир гардидани ивазкунии байни ҳамдигарии арзишҳои функсионалӣ ва таъсиррасон ба ҳар кадоми онҳо хусусияти асосии робитаи байни аҳолӣ ва хизматрасонии инфрасохтори иҷтимоӣ мебошанд.

Аз ин сабаб, нишон додани самтҳо ва механизми таъсири таъмин будани аҳолӣ бо намудҳои гуногуни барои рушди устувори истеҳсолот зарурбуда муҳим арзёбӣ мегардад. Сатҳ ва сифати зинадагӣ дар аксарияти ниҳодҳои деҳот аз шароити шаҳр, аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Дар бахши меҳнат рӯз аз рӯз ба таври манфӣ арзёбӣ мегардад, ки дар он бартарӣ доштани меҳнати дастӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ин омил асосан ба фаъолияти амалкунандаи замон вобастагӣ дорад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди устувори истеҳсолот таъсири бевосита мерасонад, ин соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Ин соҳа барои солимии кормандон ва баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолоти иҷтимоӣ ва даромади миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Таҷриба исбот менамояд, ки дар хоҷагиҳои дорои сатҳи баланди дастрасии ёрии тиббӣ ба аҳолӣ, фаъолнокии аҳолии қобили меҳнат аз 26% зиёд мегардад. Аммо дар маҳалҳои дурдасти аҳолинишини деҳот, хароҷотҳои тиббӣ ба 200 сомонӣ ва даромади нав ба 210-220 сомонӣ баробар мебошад. Яке аз омилҳои муҳимтарини дигаре, ки ба рушди устувори истеҳсолот ва дар ин замина инфрасохтори иҷтимоӣ таъсир мерасонад, ин соҳаи фарҳанг ва санъат мебошад.

Ин муассисаҳо вазифаҳои аввалиндараҷаи таълимиро ба анҷом расонида, ба истифодаи оқилонаи вақти озод дар соҳаҳои иқтисодӣ замина фароҳам меоранд ва ҳамзамон, барои баланд бардоштани маданияти меҳнат, дараҷаи ташкили илмии он, дар натиҷа ба самаранокии истеҳсолот бевосита таъсири худро мерасонад. Вобаста ба ин раванд, механизми таъсир намудани ҳамаи ин омилҳо ба таври амиқ омӯхта нашудаанд, ки ин омил то андозае имконияти соҳаҳои истеҳсолотро барои баланд бардоштани самаранокӣ маҳдуд менамояд. Ҳаминро бояд гуфт, ки барои рушди барномаи иҷтимоии деҳот бояд онҳо ба барномаҳои рушди соҳаҳои истеҳсолоти он, ҳамчунин, ба сиёсати муҳоҷиркунонӣ бо мақсади ташкил намудани муҳити зисти сифатан нав муттаҳид гардонида шаванд.

Дар замони муосир бо дарназардошти дигаргун гаштани шароити меҳнат, ки ҳамчун фаъолкунандаи омилҳои инсонӣ мебошад, дар шароити тағйирдиҳии хоҷагии кишоварзӣ ду самти асосӣ амал менамояд: якум, таваҷҷуҳ намудан ба меҳнат; дуюм, таҳия ва татбиқ намудани қобилияти кории кормандон дар раванди истеҳсолот. Яке аз сабабҳои фаъол набудани қарзҳо ва таъминоти онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ин таваҷҷуҳи нокифоя ба масъалаҳои беҳтар намудани шароити меҳнат мебошад.

Яке аз шартҳои асосии дар сатҳи баланд нигоҳ доштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ин ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ба истеҳсолот ва иваз намудани пурраи меҳнати дастӣ ба механикакунонӣ ба ҳисоб меравад. Осон гардонидани меҳнати дастӣ ба кормандон, сатҳи сифати маҳсулот, саломатӣ ва умуман ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Вобаста ба дараҷаи баланди самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ ва раванди коҳиш додани сатҳи меҳнати дастӣ, омӯхтани паҳлуҳои иҷтимоии масъала бо дарназардошти заминаҳои мувофиқгардонии ин раванд ва ҳам оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он муҳим шумурда мешавад. Имрӯзҳо барои беҳтар гардонидани шароити меҳнати коргарони баландихтисос, аз он ҷумла механизаторон, мушкилотҳои муайяне мавҷуданд. Раванди ба кор фаро гирифтани ин тоифаи кормандони соҳаи кишоварзӣ асосан аз давомнокии рӯзи кории онҳо вобастагӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба ин масъалаи муҳим дахл намудаанд: «барои соҳаи кишоварзӣ дар корхонаҳои соҳа ҷорӣ намудани реҷаҳои оқилонаи меҳнат ва истироҳат, ки имконияти тезонидани суръати рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин, аз даст надодани кадрҳо, баланд бардоштани самаранокии меҳнати онҳо ва фароҳам овардани шароити истироҳати кормандонро медиҳад, аҳаммияти муҳим дорад» [14,с.144].

Беҳтар намудани шароити меҳнат яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар замони ҳозира ба ҳисоб меравад, ки ин сабаби фаъол будани қобилияти меҳнатии аҳолиро афзоиш медиҳад. Дар шароити имрӯза, ҳал намудани масъалаҳо оид ба нуфузу эътибори меҳнати кишоварзӣ ва касбҳо барои фаъолият накардани коргарон дар соҳаи кишоварзӣ бояд пешгирӣ шавад ва дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Суръатбахшии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ бидуни таҷдиди фишангҳои хоҷагидорӣ, таъсис додани низоми пурқудрати хусусияти ҳавасмандкунидошта, ки тамоми кормандонро барои бапуррагӣ ошкор намудани қобилиятҳои худ, кор ва фаъолият намудан бо маҳсулнокии дараҷаи баланд ва ба таври самаранок истифода намудани захираҳои истеҳсолӣ ҳавасманд мегардонад, имконнопазир мебошад.

Яке аз шартҳои муҳимтарини фаъолгардонии омилҳои инсонӣ, баланд намудани дараҷаи некуаҳволии деҳот ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун категорияи иқтисодӣ, сатҳи даромади воқеӣ ва дараҷаи қаноатманд будани аҳолиро ба талабот нишон дода, дар асоси омили даромадҳо мавқеи асосии сокинони деҳотро дар қонеъ намудани ҳамаи эҳтиёҷотҳои моддӣ ва маънавии онҳо арзёбӣ менамояд, фарогири ин масъалаҳост:

- тақсим намудани маблағҳои буҷети давлатӣ дар деҳот, ки сабаби рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъмин намудани кафолатҳои баробар дар байни аҳолии деҳот мебошад;
- барои некуаҳволии кормандон аз натиҷаи ниҳоии меҳнат шароити мусоид фароҳам овардан.

Дар айни замон, яке аз шартҳои муҳимми субот рушди устувори истеҳсолот дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Аз таҳқиқотҳо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таъсис додани корхонаҳои саноатӣ дар деҳот яке аз самтҳои стратегӣ барои рушди бозори маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Бо таъсис додани корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, даромаднокӣ дар онҳо якчанд маротиба афзоиш меёбад, ки сабаби ин бо истифодаи мақсадноки меҳнат ва захираҳои ашёи хом дар ноилшавӣ ба самараи мусбии соҳаҳои истеҳсолот маънидод мешавад. Ба роҳ мондани истеҳсолот ва коркарди моводи хоми кишоварзӣ новобаста ба категорияҳои хоҷагӣ метавонад хароҷотро ба сатҳи паст оварда расонад, талафоти маҳсулотро махсусан он маҳсулоте, ки муҳлати истифодабарии кам доранд, коҳиш диҳад. Партовҳои онҳо ҳамчун хӯроки чорво ва ё ба сифати гумус барои киштзорҳо истифода карда мешаванд. Дар ҷараёни коркарди ашёи хом ба маҳсулоти

тайёр, истеъмолкунандагон манфиати худро доранд, яъне онҳо бо нархҳои пасттар ва сифати баландтар маҳсулотро харидорӣ менамоянд. Солҳои охир дар миқёси ҷумҳурӣ барои фаъолияти на танҳо соҳаҳои ҳунармандӣ ва ҳунарҳои дастӣ, балки барои рушди саноати деҳот шароит фароҳам оварда мешавад.

Аз худ намудани меҳнати кишоварзӣ ва саноатӣ сабаби асосии ҳалли мушкилоти иҷтимоии рушди деҳот ва ҷалб намудани мутахассисон, махсусан ҷавонон мусоидат менамояд. Таҷрибаи давлатҳо собит менамояд, ки усулҳои такмили соҳаи кишоварзӣ ниёз ба пешрафт дошта, ҳамоҳангии омили муҳим ба ҳисоб меравад. Барои мисол, дар давлати Ҷопон ҳиссаи хоҷагиҳои дехқонӣ, ки ба фаъолияти муштарак вобастагӣ доранд, ба андозаи 80% омада расидааст. Дар Амрико даромади фермерон аз меҳнати ғайрикишоварзӣ ба андозаи 62%, дар Ҷумҳурии Халқии Хитой бошад, ба ҳисоби миёна он 65%-ро ташкил медиҳад.

Саноати деҳот дар миқёси ҷуҳурӣ ба пуррагӣ рушд накардааст, ки сабаби асосии он дар ҳамаи хоҷагиҳо кам ба чашм расидани вазни қиёсии маҳсулоти коркард дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ мебошад. Ташкил намудани корхонаҳои хурди саноатӣ ба рафъи фарқиятҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳр ва деҳот мусоидат мекунад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, нишондиҳандаҳо ба зарурати ташкили инфрасохтори истеҳсолии деҳот мувофиқат мекунанд. Дар асоси таҷриба ҳангоми коркарди ашё дар маҳалли истеҳсолии он – якум, хароҷот барои ҳамаи воситаҳо вобаста ба интиқол меафтад, дуюм, паст намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда ва нестшавии онҳо, аз байн бурда мешаванд, сеюм дар хоҷагиҳо ҷойҳои кории нав ташкил мегардад, ки дар натиҷа як қишри аҳолӣ ба кор фаро гирифта мешаванд. Аз сабаби ба талабот ҷавобгӯй набудани коркард ва тарзи нигоҳ доштани маводи хоми кишоварзӣ, ҳамасола дар ҳудуди минтақаҳо то 20-28% маҳсулоти кишоварзӣ талаф мeёбанд. Аз ҳамин сабаб, дар замони имрӯза бидуни рушди соҳаи коркард ва нигоҳ доштани он, таъмин кардани рушди устувори бозори маҳсулоти озуқаворӣ ғайри имкон мебошад. Дар бозори дохилӣ ва берунии саноати коркард дар заминаи деҳот маводҳои хоми кишоварзӣ мавқеи баландро касб намудааст. Ҳамгироӣ дар бахши кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ мутаносибан шароит фароҳам меоварад.

Бояд ҷойҳои нави корие, ки дар деҳот таъсис дода мешаванд, дар истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок бошанд ва дар асоси истифодабарии захираҳои арзони маҳалҳо бунёд карда шаванд. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии соҳаи саноат ба коргарони деҳот имконият медиҳад, ки вақти мавсимии зимистонро дар дигар бахшҳои соҳаҳои истеҳсолӣ истифода намоянд ва даромади худро зиёд гардонанд. Барои мисол деҳқононе, ки қобилияти меҳнатӣ доранд, метавонанд дар давоми сол ба ҳисоби миёна то 200 рӯз ва ҳангоми ташкил намудани истеҳсолоти ёрирасони соҳаи саноат то 280 - 300 рӯз фаъолият намоянд.

Дар ин замина самарабахшии меҳнат дар давоми сол ба андозаи 30-35% зиёд гашта, воридшавии номувозинатии воситаҳои пулӣ ва истифода намудани захираҳои меҳнатӣ дар давоми сол ва марҳилаҳои муайян аз байн меравад. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми коркарди маводи хоми маҳаллӣ, хароҷотҳои нақлиётиро кишоварзон паст менамоянд ва бо ин роҳ арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро паст карда, даромади худро зиёд менамоянд. Дар айни замон ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои хурд, сеххои коркарди маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти гӯштӣ, сабзавот, равғани растанӣ ва маҳсулоти нони низоми кишоварзиро ташкил медиҳанд.

Коркарди маводи хоми кишоварзӣ дар нуқтаи истеҳсолаш вобастагии корхонаҳоро ба монополистон рафъ мекунанд. Устуворӣ ва рушди босуботи соҳаи кишварзӣ ба тavри чашмрас ба сифати маҳсулоти тайёр ва дарёфти бозори бамаврид вобастагӣ дорад. Дар ин самт бояд қайд намуд, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат нисбат ба дигар вилоятҳо вилояти Хатлон фарқ дорад. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он таҷрибаи кофӣ оид ба фурӯши маҳсулоти кишоварзиро доранд.

Дар муқоиса қарор додани ду бахши соҳаи кишоварзӣ, яъне истеҳсол ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, ки манфиатҳои иқтисодӣ дар бахши дуюм бештар мебошад, коркард ва нигоҳ доштани маҳсулоти дар корхонаҳои саноатии деҳот истеҳсолшаванда

барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти аввалиндарача дар давоми сол мусоидат намуда, рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва сатҳу сифати зинадагонии сокинони деҳотро хубтар мегардонад.

Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки барои рушди соҳаи ниҳоят муҳимми иқтисодиёти миллӣ, яъне саноат дар минтақаҳо таъсиси корхонаҳои дузандагӣ, чармгарӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Ин, пеш аз ҳама, ба рушди инфрасохтори деҳот ва таъмини бозор бо молу маҳсулот, ки ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда мебошанд, оварда мерасонад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Барфиев, Қ.Х. Рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори озуқаворӣи кишоварзии минтақавӣ: Дастури таълимӣ / Қ.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов. -Душанбе: Ирфон, 2010. -131 с.
2. Васильев, А.И. Рыночные структуры в региональном продовольственном комплексе /А.И. Васильев. -СПб: Изд. - во СПбГУЭФ, 2002. -174 с.
3. Ганиев, Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана / Т.Б. Ганиев. -М., 1997. -116 с.
4. Гусаков, В.Г. Механизм рыночной организации аграрного комплекса: оценка и перспективы. Монография / В.Г. Гусаков. -Минск: Беларуская наука, 2011. -363 с.
5. Кетова, Н.П. Отраслевой маркетинг: стратегии, функции, приоритеты. Учеб. пособие /Н.П. Кетова. -М.: Вузовская книга, 2012. -320 с.
6. Кострова, Ю.Б. Анализ продовольственного рынка России: Монография / Ю.Б. Кострова. -СПб.: Издательство Санкт - Петербургского университета управления и экономики, 2014. -184 с.
7. Логинов, В.Г. Сельское хозяйство и регулирование продовольственных рынков. Власть, бизнес и крестьянство: механизмы эффективного воздействия / В.Г. Логинов. -М.: Энциклопедия российских деревень, 2002. -560 с.
8. Макконнел, К.Р., Брю, С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика: Учебник / К.Р. Макконнел, С.Л. Брю. -14 - е изд. -М.: ИНФРА-М, 2003. -972 с.
9. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Махмадизода Ф.Б. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№1. -С.182-189.
10. Модель безопасного сельского хозяйства Таджикистана. Монография / Н.Ф. Нидоев. -Душанбе, 2010. -144 с.
11. Насыров, Р. Рынок аграрной техники депрессивного региона: развитие, регулирование, оценка эффективности / Р. Носиров. –Душанбе, 2009. -232 с.
12. Насыров, Р. Рынок сельскохозяйственной техники депрессивного региона: развитие, регулирование, оценка эффективности: Учебник / Р. Насыров. -Душанбе: Статус, 2009. -163 с.
13. Нуралиев, С.У. Продовольственный рынок: проблемы становления и перспективы развития. Монография / С.У. Нуралиев. -Волгоград: Изд-во Волгоград. Гос. ун - та, 2015. -280 с.
14. Пириев, Дж.С. Научные основы перспективного размещения отраслей с/х Таджикистана в рыночных условиях / Дж.С. Пириев. -Душанбе, 2003. -216 с.
15. Самиев, Ш.Ф. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны / Ш.Ф. Самиев, Махмадизода Ф.Б/, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/10. -С.126-130.
16. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ / Р. Носиров, И.Ҳ. Самандаров, И.Ш. Шукуров, Т.М. Мирзоев, И.М. Анваров. -Душанбе, 2018. -480 с.
17. Экономические проблемы повышение устойчивого сельскохозяйственного производства / И.Б. Загайтов, В.Д. Половинкин [и др.]. –М., 1984. -240 с.


## ТАКМИЛДИҲИИ ИНФРАСОХТОРИ НИГОҲДОРӢ ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсади муҳимтарин рушди устувории истеҳсолот ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар миқёси ҷумҳурӣ буда, пешбинӣ мекунад, ки тамоми неру ба пурра беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодии заҳматкашон, ба фаъолсозии ҳамаи омилҳои инсонӣ равона карда шавад. Дар миёни омилҳои умумии ба рушди устувори истеҳсолот таъсиркунанда, омилҳои иҷтимоӣ ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ равияҳои ташкилотчигӣ, баҳамории воситаҳои истеҳсолӣ дар асоси мураккаб гаштани тамоми равандҳои ҷамъиятӣ, пурра гаштани онҳоро ба миён оварда, самарабахширо сифатан баланд мегардонанд. Дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд дар асоси коркарди чорабиниҳои иқтисодӣ, ки ба фароҳамсозии шароити рушди онҳо равона карда шудааст, бояд таъмин карда шаванд. Танзими давлатии рушди хоҷагиҳои хурд бояд дар сатҳи умумидавлатӣ ва минтақавӣ баррасӣ гашта, ҳангоми баррасии барномаҳои мақсадноки дастгирии давлатӣ, бояд ба принсипҳои зерин такия карда шаванд: муносибатҳои комплексӣ ва системанок дар рушди хоҷагиҳои хурд дар асоси дохил кардани мақсад ва механизми амалигардонии барномаҳо ба яке аз стратегияҳои афзалиятноки давлатии рушди комплекси агросаноатии мамлакат дар маҷмуъ; интихоби афзалияти дастгирии давлатии хоҷагиҳои хурд дар асоси коркарди чорабиниҳои комплексии барномавӣ ва самаранокии онҳо; ҷудо кардани таваккал барои самаранок истифодабарии захираҳои мувофиқи барнома ҷудокардашуда, дар асоси иштироки

сармояи инвеститсионии гуногун дар маблағҷудокунии чорабиниҳои барномавӣ; назорат оид ба самаранок истифодабарии захираҳои барои амалигардонии барномаҳо ҷудокардашуда ва боздеҳии самараноки онҳо; ихтиёран иштирок кардани хоҷагиҳои хурд дар барнома ва озмунҳои интихоби иштироккунандагон барои иҷрои созишномаҳо; таъмини иттилоотии хоҷагиҳои хурд; роҳандозии иқдомҳои ҳавасмандкунии иқтисодии самтҳои алоҳидаи фаъолият, додани имтиёзҳо барои иштироккунандагони барномаҳо ва ғ;

**Калидвожаҳо:** танзими давлатии рушди хоҷагиҳои хурд, муносибатҳои комплексӣ, баррасии барномаҳои мақсадноки дастгирии давлатӣ, коркарди чорабиниҳои комплексии барномавӣ, муҳимтарин рушди устувории истеҳсолот, таъмини амнияти озуқаворӣ, бозори маҳсулоти озуқаворӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, бозори озуқаворӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ ХРАНЕНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ ПРОДУКТОВ

В условиях рыночной экономики важнейшей целью является развитие устойчивости производства и обеспечение продовольственной безопасности в масштабах страны, поэтому все усилия должны быть направлены на полное улучшение социально-экономических условий жизни населения, работников, активизацию всех человеческих факторов. Среди общих факторов, влияющих на устойчивое развитие производства, основное место занимают социальные факторы. В условиях рыночной экономики организационные направления, распределение средств производства на основе усложнения всех общественных процессов обеспечивают их полноту и повышают качество эффективности. Государственная поддержка мелких фермерских хозяйств должна осуществляться на основе развития хозяйственной деятельности, направленной на создание условий для их развития. Государственное регулирование развития мелких фермерских хозяйств следует рассматривать на республиканском и региональном уровне, а при рассмотрении целевых программ государственной поддержки использовать следующие принципы: комплексность и системность отношений в развитии мелких фермерских хозяйств на основе включения цели и механизма реализации программ в одну из приоритетных государственных стратегий развития агропромышленного комплекса страны в целом; выбор приоритета государственной поддержки малых фермерских хозяйств на основе разработки комплексных программных мероприятий и их эффективности; распределение риска эффективного использования ресурсов, выделяемых по программе, на основе участия различных инвестиционных капиталов в финансировании программных мероприятий; контроль за эффективным использованием ресурсов, выделенных на реализацию программ и их эффективное восстановление; добровольное участие малых фермерских хозяйств в программе и конкурсах по отбору участников для реализации договоров; информационное обеспечение малых фермерских хозяйств; проведение мероприятий по стимулированию экономики отдельных направлений деятельности, предоставление льгот участникам программы и т.д.;

**Ключевые слова:** государственное регулирование развития мелких фермерских хозяйств, комплексные отношения, обзор целевых программ государственной поддержки, разработка комплексных программных мероприятий, развитие, устойчивость производства, обеспечение продовольственной безопасности, продовольственный рынок, продовольственные товары, продовольственный рынок.

## IMPROVEMENT OF THE INFRASTRUCTURE OF STORAGE AND SALES OF FOOD PRODUCTS

In a market economy, the most important goal is to develop the sustainability of production and ensure food security throughout the country, and it provides that all efforts should be directed to the full improvement of the socio-economic living conditions of the population. workers, to the activation of all human factors. Among the general factors influencing the sustainable development of production, the main place is occupied by social factors. In a market economy, organizational directions, the distribution of means of production on the basis of the complication of all social processes ensure their completeness and increase the quality of efficiency. State support for small farms should be based on the development of economic activities aimed at creating conditions for their development.State regulation of the development of small farms should be considered at the republican and regional levels, and when considering targeted state support programs, the following principles should be used: the complexity and consistency of relations in the development of small farms based on the inclusion of the goal and mechanism for implementing programs in one of the priority state strategies for the development of agro-industrial complex of the country as a whole; choosing the priority of state support for small farms based on the development of comprehensive program activities and their effectiveness; distribution of the risk of effective use of resources allocated under the program based on the participation of various investment capitals in the financing of program activities; control over the effective use of resources allocated for the implementation of programs and their effective restoration; voluntary participation of small farms in the program and competitions for the selection of participants for the implementation of contracts; information support for small farms; carrying out activities to stimulate the economy of certain areas of activity, providing benefits to program participants, etc;

**Keywords:** government regulation of the development of small farms, comprehensive relations, review of targeted state support programs, development of comprehensive program activities, the most important development of sustainable production, food security, food market, food products, food market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdullo8383@internet.ru.** Телефон: **(+992) 918-59-62-62**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** – Таджикиский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **abdullo8383@internet.ru.** Телефон: **(+992) 918-59-62-62**

**Information about the author:** ***Abdulloev Abdurasul Khalifaevich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor. **Address**: 734020, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdullo8383@internet.ru.** Phone: **(+992) 918-59-62-62**

ТДУ: 311:314.1 (575.3)

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР БАЪЗЕ МАМЛАКАТҲО

***Одинаев М.А., Тураева М.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Қайд намудан зарур аст, ки рушди иқтисодиёт дар дилхоҳ давлат аз таъсири бисёр омилҳо, ки ба якдигар алоқаманд буда, дар муддати вақт ва фазо тағйир меёбанд, вобаста аст, ки хусусияти хосси омӯзиши омориро дар бар гирифтааст.

Таъмини амнияти энергетикӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати муосири иқтисодии давлат ба шумор меравад. Лозим ба тазаккур аст, ки тибқи маълумотҳои оморӣ захираҳои нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷумҳурии мо хеле зиёданд [7]. Таъминот бо энергияро яке аз ҳолатҳои муҳимми иқтисодиёт мефаҳманд, ки омили калидии таъмини фаъолияти мунтазами тамоми корхонаю ташкилот ва аҳолӣ мебошад [6]. Тавре пештар қайд намудем, хусусан дар шароити муосир барои таъмини рушди иқтисодиёт саҳми энергетика хеле назаррас аст, зеро ислоҳоти зиёде дар соҳа ба вуҷуд омада, маҳз ба рушди он таъсири мусбӣ мерасонад. Бинобар ин, таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи авлавиятҳои асосие, ки таъсири зиёде ба ҳолати энергетикии мамлакат мерасонанд ва танзими самараноки соҳа аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати умумии рушди иқтисодии давлат алоқаманд мебошад. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодааст. Иқдоми саноатикунонии мамлакат, яъне аз давлати аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ мубаддал гардондани Тоҷикистон асосан бо ташаббуси Пешвои миллат бештар татбиқ гардида истодааст [19].

Ба андешаи мо, авлавиятҳои асосӣ барои рушди энергетикаи давлат, ки имконияти таъсиррасонии бештареро ба раванд ва муносибатҳои иқтисодӣ доранд, инҳо буда метавонанд:

-мувофиқат накардани ҳаҷми истеъмол ва истихроҷу коркарди захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, яъне норасоии захираҳои энергетикӣ барои таъмини раванди истеҳсоли мол ва иҷрои хизматҳо ё талаботи истеъмолии аҳолӣ;

-таҳия ва роҳандозӣ намудани нақшаҳои стратегӣ ва дурнамои истихроҷ ё коркарди захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва мунтазам тағйирёбанда будани нарх дар бозори ҷаҳонӣ;

-ниҳоят баланд гардидани энергияғунҷоиши истеҳсолот ва мувофиқан паст шудани самаранокии энергия;

-гузариши мунтазам ба раванди ҷорӣ намудани технологияи пешқадами истеҳсол ва истифодабарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия.

Яке аз авлавиятҳои дигари босубот фаъолият намудани комплекси энергетикии давлат ба назари муаллиф, мувофиқат накардани ҳаҷми истеъмол ва истихроҷи энергия мебошад. Лозим ба тазаккур аст, ки тибқи маълумотҳои оморӣ захираҳои нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷумҳурии мо хеле зиёданд. Ин аз нигоҳи саҳми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷиҳати коҳиш додани фишори экологӣ ба муҳити табиӣ, ҳамзамон, нисбатан кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва таъсири манфии тағӣирёбии иқлим хеле муҳим аст [6]. Дар баробари ин, обе, ки дар неругоҳҳои барқию обӣ истифода бурда мешавад, миқдор ва сифати худро гум намекунад Бо мақсади таҳлили ин ҳолат нишондиҳандаи коэффитсиенти пӯшондани истихроҷи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ҳаҷми истеъмоли ин захираҳоро ҳисоб менамоянд. Яъне, коэффитсиенти пӯшонида ҳамчун таносуби истихроҷи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва ҳаҷми истеъмоли онҳо ҳисоб гардида, бо фоиз ифода карда мешавад. Агар ин коэффитсиенти аз 100% зиёд гардад, маънои онро дорад, ки дар маҷмуъ иқтисодиёти давлат ва аҳолӣ бо энергия таъмин буда,

қисме аз ин захираҳо содирот карда мешаванд. Агар коэффитсиент ба 100% баробар гардад, маънои онро дорад, ки давлат имконияти пурра таъмин намудан бо энергияро дорад, бидуни содироти он. Дар ҳолати аз 100% кам гардидани ин нишондиҳанда давлатро зарур аст, ки воридоти захираҳои энергетикиро барои қонеъгардонии талаботи иқтисодиёт ва аҳолии кишвар ба роҳ монад [17].

Маҳз нокифоя будани захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии иқтисодиётро аз воридоти ин захираҳо бештар мегардонад ва ҳамзамон, воридоти навъҳои гуногуни захираҳои энергетикию воситаҳои интиқолдиҳандаи энергия мунтазам зиёд гардида истодаанд. Барои мисол, танҳо соли 2016 воридоти интиқолдиҳандагони энергия дар ҳаҷми умумии воридоти молҳо дар ҷумҳурӣ бештар аз 20%-ро дар бар гирифта буд [17].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи самаранокии неруи барқ ва сарфаи он дар марҳалаи ташаккули рушди он, яъне дар марҳалаи аввали он қарор дорад. Дар робита ба ин, тақозо мешавад, ки дар ин самт аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон бетаъхир истифода бурда шавад. Зеро дар кишварҳои пешрафта тамоми шароит барои татбиқи сарфакорӣ ва самаранокии неруи барқ дар асоси қонунгузории муфассали он ва инчунин, механизми самараноки идоракунии он мавҷуд аст, ки равандҳои асосӣ, воситаҳои институтсионалӣ ва ҳамкории байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, иқтисодиёт ва ғайра, ки дар шароити табиию ҷуғрофӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул аст, зарур буда метавонанд.

Ҳисоби ин нишондиҳанда барои таҳлили муқоисавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои дунё истифода бурда мешавад. Барои муқоиса давлатҳое, ки дар ин самт пешрафт мебошанд интихоб гардида, таҷрибаи онҳоро омӯхта ва дар амалишавии стратегияи давлатии рушди комплекси энергетикӣ бояд татбиқ намуд. Дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Федератсияи Россия имконияти пурра таъмин намудани эҳтиёҷоти иқтисодиёти худро бо захираҳои энергетикӣ дошта, танҳо соли 2017 коэффитсиенти пӯшонидани истихроҷи он ба 190,6% баробар буда, содироти энергияро ба дигар давлатҳо роҳандозӣ гардонидааст.

Бояд тазаккур дод, ки Федератсияи Россия ҳамчун давлати пуриқтидори содиркунандагони захираҳои энергетикӣ, бевосита неруи барқ, гази табиию нафт дар ҷаҳони муосир баҳисоб меравад. Дар баробари ин, бештари давлатҳои Аврупо вобаста оиди масъалаи мазкур нигаронкунанда буда, ба ин давлати Олмонро тибқи маълумотҳо мисол овардан мумкин аст, ки нишондиҳандаи манфӣ дошта, хусусан соли 2017 дар маҷмуъ 38,7% таъминоти худии истеъмоли захираҳои сӯзишворию энергетикӣ дошт, ки вазъи мазкур гувоҳӣ вобастагии як қатор давлатҳои дунёро оид ба воридоти захираҳои энергетикӣ аз дигар давлатро медиҳад.

Такя намудан ба манбаъҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқ аз лиҳози иқтисодӣ ҷолибиятнокии кам дошта, ба басташавии қисме аз конҳо ва корхонаҳои саноатӣ оварда мерасонад. Кам гардидани ҳаҷми неруи барқ, ки аз манбаъҳои барқароршаванда ба даст оварда мешавад, дар аксарияти давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба назар мерасад, масалан Олмон, ки 21% неруи барқро аз ҳисоби неруи шамол мегирифт, ба ин мақсади худ ноил нагардид. Кам гардидани ҳаҷми интиқоли газ аз Россия дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ таҳлукаро ба вуҷуд оварда, талаботро ба неруи барқ боз бештар намуда, раванди гузаришро ба «энергияи сабз» метезонад [17].

Танҳо солҳои охир нархи яклухти гази табиӣ 4 маротиба афзудааст. Дар ин асос арзиши неруи барқӣ дар Олмон барои соли оянда дар биржаи энержии аврупоӣ 3,6% боло рафта, то 254 евро барои 1 Мвт-соатро ташкил дод, ки баландтарин аз 23 декабри соли 2021 аст. Эквиваленти фаронсавӣ 1,6% афзоиш ёфта, ба 320 евро барои 1 МВт-соат расид, ки ҳадди аксар дар шаш моҳи охир мебошад, Италия 3,4 маротиба, Испания 4,2 маротиба зиёд гардида, нархи интиқолдиҳандагони неруи барқ ва андозҳои гуногун дар дохили нархҳо то 70% зиёд гардидаанд.

Баробари афзоиши нархҳо ба неруи барқ ва гармӣ хароҷоти хонаводаҳо низ рӯ ба афзоиш буда, масалан дар Олмон то 33% нисбат ба соли гузашта ва пардохти барои неруи барқ 4% зиёд гардид. Ин ҳам дар ҳоле буд, ки давлат нархро барои аҳолӣ дар сатҳи муайян нигоҳ дошта, маблағгузорӣ намудааст. Бинобар ин, қиматшавии неруи барқ барои

хонаводаҳо гуногун аст, ки ба андешаи муаллиф дар ин асос дигар омилҳое вуҷуд доранд, ки сабаби болоравии нархи он гарданд.

Барои давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ин масъаларо агар мавриди назар қарор диҳем, маълум мешавад, ки сабаби ин, пеш аз ҳама, коҳиш ёфтани содироти ангишт аз Чин бо сабаби ба муҳити экологӣ таъсири бад расонидани ин навъи сӯзишворӣ мебошад ва ё коҳиш ёфтани интиқоли газ аз Россия. Танҳо соли 2019 вобастагии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо аз воридкунандагони берунаи ангишт 67% дар тавозуни энергетикии ин давлатҳо ташкил додааст, ки дар ин замина вобастагӣ аз нефт ва маҳсулоти нефтӣ бештар аст. Дар умум сатҳи вобастагии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо аз воридоти маҳсулоти нафтӣ соли 2019 қариб 97% ташкил додаст, ки хеле нигаронкунанда мебошад. Солона талаботи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо қариб 571,1 млрд. метри мураббаъ газ мебошад, ки аз ин миқдор 200 млрд. метри мураббаъаш, ё 40%-ро аз Россия ворид мекунанд. Боло рафтани нархи газ бухронро на танҳо дар соҳаи энергетика, балки дар соҳаи саноат, ки истеъмолкунандаи асосии он аст, низ ба вуҷуд меорад [17].

Таносуби ҳаҷми истихроҷ, коркард ва истеъмоли шаклҳои мухталифи сӯзишворӣ ва энергия дар тавозуни энергетикию сӯзишворӣ дарҷ мегардад. Тавозуни сӯзишворию энергетикии мамлакат, ин низоми нишондиҳандаҳое мебошад, ки захираҳои мавҷудаи энергетикию сӯзишвории мамлакат ва ҳолати истифодабарии онҳоро дар бар гирифтааст. Одатан ин тавозун ҳамчун таносуби истихроҷ ва истеъмоли шаклҳои мухталифи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ фаҳмида мешаванд.

Ба андешаи олими рус И. Завадский тавозуни сӯзишворию энергетикӣ ин системаи нишондиҳандаҳое мебошанд, ки мувозинати миқдори хароҷот ва воридоти энергияро дар бар гирифта, сохтори истеҳсол ва истифодабарии энергияро дар иқтисодиёт, таносуби талабот ба сӯзишвориро дар ҳудуди алоҳида ё воҳиди истеҳсолӣ дар давраи муайяни вақт фаро гирифтааст. Тавозуни сӯзишворию энергетикӣ аз қисми даромад ва хароҷот иборат буда, дар қисми даромади он истихроҷ ва коркарди сӯзишвории табиӣ, аз қабили ангишт, нефт, газ ё истеҳсоли захираҳои энергетикии табиӣ, захираҳои ғайрианъанавии табиӣ ба монанди энергияи шамол, офтоб, обҳои зеризаминӣ, воридоти захираҳои энергетикӣ ва боқимондаи ин захираҳо дар аввали солро дар бар гирифтааст.

Сарфи назар аз он, ки Олмон истеъмолкунандаи асосии неруи барқ на танҳо дар Аврупо, ҳатто дар ҷаҳон аст, ҳиссаи содироти неруи барқи ин кишвар 80% аз эҳтиёҷоти худи онро ташкил медиҳад. Комиссияи Аврупо барномаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар сиёсати муосири Олмон дар соҳаи самаранокии энергияро таҳия кардааст, ки дар асоси дастурҳои Иттиҳоди Аврупо ташаккул ёфтаанд ва инчунин, дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ, аз қабили Киото (1997) ва Консепсияи Иттиҳоди Аврупо 20/20/20, ки инҳоро пешбинӣ мекунад:

- ҳавасмандгардонии истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи неруи барқ МБЭ;
- татбиқи самаранокии неруи барқ ва технологияҳои барқароршавандаи неруи барқ;
- ҳавасмандгардонии истифодаи биомасса.

Функсияҳои идоракунӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии неруи барқ дар Олмон аз ҷониби вазорату идораҳои гуногун амалӣ карда мешаванд: Вазорати иқтисод ва технология, Вазорати муҳити зист, ҳифзи табиат ва бехатарии реакторҳо (масъалаҳои арзёбӣ ва пешгӯии рушди сегментҳои энергетикӣ), Вазорати нақлиёт, сохтмон ва шаҳрсозӣ (сарфаи энергияи биноҳои нав, таъмир ва таҷдиди биноҳои кӯҳна), инчунин, Агентии энергетикии Олмон «DENA».

Имрӯз, Чин 20% истеъмоли энергияи ҷаҳониро истеъмол мекунад ва пас аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ҳисоби партовҳои зиёд ва ифлосшавии ҳаво дар ҷойи дуюм қарор дорад. Ҳаҷми партовҳои диоксидии газ 8, 2 млрд. тоннаро ташкил медиҳанд. Аз 20 шаҳри аз ҳама олудатарини ҷаҳон, шонздаҳтоаш дар минтақаи Чин ҷойгир аст. Чин ҳамчун бузургтарин истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи ҷаҳон, имрӯз ҳама чизро азхуд карда истодааст: ангишт (45% истеҳсоли ҷаҳон), нафт ва газ.

Мушкилиҳои ҷомеа ва табиат, инчунин, ба ҳам пайвастани он дар Хитой самти стратегӣ мебошад, ки механизмҳои идоракунии он ба ҳисоб мераванд: меъёрию ҳуқуқӣ (қонун дар бораи муҳофизати сарватҳои табиӣ); экологӣ (кам кардани партовҳои газӣ ва

гулхонаӣ); маъмурӣ (ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷарима); ташкилӣ (муайян кардани лимити истеъмоли ангишт) ва ғайра.

Пешсафи истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда дар ҷаҳон Чин мебошад: иқтидори гидроэнергетикии истифодашудаи ин кишвар ба тамоми иқтидорҳои тавлидотии Олмон ва Фаронса баробар аст. Бар асоси шароити табиию ҷуғрофӣ дар Чин манобеи дигари алтернативии энержӣ, аз қабили неруи бодӣ, ки манбаи аслии энержии Чин пас аз ангишт ва об аст, мавриди ҷустуҷӯ қарор дорад, масалан, дар соли 2012 неруи бодӣ нисбат ба неругоҳҳои атомӣ дар мамлакат неруи барқӣ бештар истеҳсол кардааст. Дар дурнамои рушд, Чин бояд сатҳи истифодаи ангиштро коҳиш дода, ҳиссаи энергияи барқароршавандаро се маротиба зиёд кунад: иқтидори энергияи офтобиро ба 70 ГВт расонад; қувваи шамол то 150 ГВт; биоэнергетика 11 ГВт, инчунин, гидроэнергетика то 330 ГВт [17].

Илова бар ин, Чин дар эҷод ва локомотивҳои пешбари технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи рушди самаранокии энергия хело пешсаф аст. Зиёда аз 60% тамоми таҷҳизоти офтобии ҷаҳон дар Чин истеҳсол карда мешаванд, технологияҳои турбинаи шамол низ дар Чин истеҳсол карда мешаванд ва ғайра.

Охирин, дар шароити ҷаҳонишавӣ, гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳаҷми манбаъҳои энергияи барқароршаванда нисбат ба дигар манбаъҳои энергия (нафт, газ, ангишт, неругоҳҳои атомӣ) босуръат меафзоянд.

Дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ки намунаи низоми энергетикии оянда ном дорад, кишварҳое, аз қабили Исландия, Норвегия, Коста - Рика, Парагвай бо энергияи барқароршавандаи барқ хусусияти худкифоягӣ доранд. Илова бар ин, Зеландияи Нав ба 80% неруи барқи тавлидшуда аз неругоҳи барқии обӣ наздик мешавад ва то соли 2025 ҳиссаи НБО-ҳо бояд аз 90% зиёд бошад.

Кишвари дигари муваффақ дар соҳаи сарфаи энергия ва самаранокии энергия Ҷопон аст. Буҳрони нафт дар солҳои 1970 ва оқибатҳои онҳо омилҳои асосии сиёсати энергетикии Ҷопон – кишваре, ки дорои захираҳои ғании табиӣ нест, боис гардиданд ва ба рушди технологияҳои каммасрафи энергия такони ҷиддӣ бахшида шавад. Мушкилоти таъминоти берунии энергетикҳо барои васеъ ба кор бурдани дастгоҳҳои истеҳсоли неруи барқ аз гармии партовҳо, муҳаррикҳои сарфакунанда ва асбобҳои каммасрафи рӯзгор такони ҷиддии худро ба вуҷуд овärданд. Лоиҳаи CASA-1000 бузургтарин лоиҳаи энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ - Осиёи Ҷанубӣ (CASA) мебошад. Он сохтмони хатти интиқоли баландшиддати байнисарҳадии барқро дар бар мегирад, ки системаҳои энергетикии Қирғизистон ва Тоҷикистонро бо Афғонистон ва Покистон мепайвандад [4].

Барои Ҷопон, ки 90%-и кулли неруи масрафшаванда аз хориҷ ворид мешавад ва неруи ин кишвар тақрибан 50% аз нафт вобаста аст, суботи дарозмуддат дар бозори ҷаҳонии энержӣ мояи нигаронии хос аст. Бо дарназардошти ӯҳдадориҳое, ки Ҷопон барои коҳиш додани партовҳои гази карбон гирифт, дар муқоиса бо сатҳи соли 1990 бояд то соли 2020 то 25% кам карда шавад [17]. Сиёсати энергетикӣ дар Ҷопон ба таъмини амнияти устувори захираҳои энергетикӣ дар заминаи рушди минбаъда, ки ба ҳифзи энергияи экологӣ нигаронида шудааст, як зарурати ҳаётан муҳим гардид, ки дар асоси он ҳадафҳои зерин таҳия карда шудаанд, аз ҷумла:

- андешидани чораҳои муассиртари таъмини амнияти энергетикии кишвар;
- бунёди замина барои рушди устувори энергетика ва экология;
- мусоидат кардан ба давлатҳои хориҷӣ дар ҳалли мушкилоти энергетикӣ.

Қисми хароҷоти тавозун истеъмоли захираҳои энергетикиро дар бар гирифта, ба дигар шакл табдил додани энергия, эҳтиёҷоти истеҳсолию технологӣ, талафот ҳангоми нигоҳдорӣ интиқол ва ташаккулёбии захираҳои давлатӣ, боқимондаи ин захираҳо дар ихтиёри таъминкунандагон ва истеъмолкунандагонро дар охири сол ифода намудааст. Дар ин тавозун инчунин, таркиби шаклҳои сӯзишворӣ ва энергия, ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсол ва истеъмолот низ оварда мешавад. Сохтори тавозуни сӯзишворию энергетикӣ умуман талаботи иқтисодиёти давлатро оид ба истеъмол ва истихроҷи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва инчунин, истиқлоли энергетикии давлатро аз шаклҳои мухталифи энергия ё самаранок истифодабарии энергияро дар маҷмуъ барои тамоми соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фаро гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф, зарурати таҳия ва коркарди омории тавозуни сӯзишворию энергетикиро дар маҷмуъ чунин асоснок намудан мумкин аст:

-тавсифи таркибии истихроҷ ва истеъмоли энергия ва сӯзишворӣ дар давраи муосир;

-арзёбии иқтисодӣ-омории талабот ба захираҳои сӯзишворию энергетикӣ;

-такмил ва таҳлили сохтори тавозуни сӯзишворию энергетикӣ;

-тавсиф ва муайян намудани ҷалби сармоягузорӣ барои рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар мамлакат вобаста бо зарурат;

-ошкорнамоии имконот ва мақсадноки содирот ва воридоти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки таҳлили омории сохтори тавозуни сӯзишворию энергетикӣ имкони муайяннамоии соҳаҳои истеҳсолии энергияғунҷоишашон камтарин ва зиёдтарин, инчунин, ҳаҷми истеъмоли захираҳои сӯзишворию энергетикӣ дар ҳар як соҳа ошкор гардида, дар маҷмуъ ҳолати истиқлоли энергетикии мамлакат муайян карда шавад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки коркарди омории тавозуни сӯзишворию энергетикӣ ҳамчун элементи зарурии сиёсати иқтисодии давлат ва субъектҳои он аҳаммияти хосса дорад.

Тавозуни энергетикӣ ва тағйироти сохтории он на танҳо сатҳи муайяни истифодабарии шаклҳои мухталифи энергия, балки таҳавуллоти илмӣ - техникӣ, иҷтимоӣ ва ташкилию истеҳсолии дар саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, алоқа ва хизмати майишӣ ба вуҷуд омадаро дар бар гирифтааст. Рушди ин соҳа ҳамчун шарти зарурии таъмини босуботи талаботи рӯзафзуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаклҳои мухталифи энергия ва сӯзишворӣ ба ҳисоб рафта, бо назардошти баргузории сиёсати мақсадноки пешбинигардидаи самаранок истифодаи энергия амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва минтақавиро оид ба татбиқи самаранокии энергетикӣ таҳлил намуда, зарур мешуморем таъкид намоем, ки хусусиятҳои фарққунандаи Чин ба шароити табиию ҷуғрофӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон қобили қабул аст, ки дар байни онҳо инҳоро метавон ҷудо кард: идоракунии давлатӣ, ки хилофи гузариш ба механизми бозорӣ нест, рушди соҳибкории хурду миёна, ки ба рушди технологияҳои инноватсионии каммасраф ва сарфаҷӯйии захираҳо, истифодаи оқилона ва идоракунии иқтидори обу ирригатсионӣ нигаронида шудааст ва ғайра.

Ҳамзамон, таҳлили таҷрибаи бисёр давлатҳои ҷаҳон оид ба самаранокии энергия аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурати танзими давлатӣ дар ин соҳа вуҷуд дорад. Дар шароити мо, ин аз меъёр зиёд истифода бурдани об ва сарватҳои табиӣ, инчунин, беназорат, беасос бештар талаф шудани неруи барқ ва ғайраро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии неруи барқ хеле муфид буда, тамоми самтҳои афзалиятнокро дар бар мегирад. Муҳимтар аз ҳама – на танҳо ташаббусҳои қонунгузорӣ, ки дар кишвар хеле кам аст, балки барномаҳои амалии равоншуда низ зиёданд. Комилан возеҳ аст, ки танҳо татбиқи лоиҳаҳои мушаххас метавонанд натиҷаҳои чашмрас ба бор оранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ибрагимов Ҳ.А.**

## АДАБИЁТ


1. Глобализация экономики и энергетическая безопасность: науч. конф., 11-12 октября 2012: сб. докладов. -СПб.: Изд-во С.-Петерб. гос. ун-та экономики и финансов, 2012. -300 с.
2. Дурнамои иҷрои лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи энергетика. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.tkttu.tj/en/rushdi-so%D2%B3ai-energetika-dar-%D2%B7um%D2%B3urii-to%D2%B7ikiston-2/ (санаи мурoҷиат: 25.12.2021).
3. Зарубежный опыт в области энергосбережения и энергоэффективности. [Электронный ресурс]: URL: https://studme.org/1510082721635/ekonomika/zarubezhnyy_opyt_oblasti_energosberezheniya_energoeffektivnosti. (дата обрашения: 22.09.2021).
4. Одинаев М.А. Изучение потребностей сельского населения Республики Таджикистан / М.А. Одинаев, Дж.У. Урунбоев // Материалы XIII Международной научно-практической конференции по вопросам финансово-банковской экономики «Банковская система: устойчивость и перспективы развития». –Пинск: Республика Беларусь, 2022.
5. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев, АҶ. Ҳайдаров // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№6. -Қ. 2. -С.46-51.

6. Одинаев М.А. Таҳлили омории амнияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, Ҳайдарзода М.И // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023. -№4/2(44). -С.184-189.
7. Одинаев М.А. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои соҳаи энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, Ҳайдарзода М.И // Конференсияи ҷумҳурявии илмию назарявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои гузариш ба системаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо». -Душанбе, 18 октябри 2023. -С.18-35.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. -С.45-60.
9. Самадов Ш.Д. Механизм формирования и развития рыночных отношений в электроэнергетике Республики Таджикистан: авторефер. дис. канд. экон. наук / Ш.Д. Самадов. -Душанбе, 1999. -С.25.
10. Сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон http//www.minenergoprom.tj/ Санаи муроҷиат: 12.09.2022.
11. Сомонаи расмии ШСХК «Барки Тоҷик» / http://www.barqitojik.tj/
12. Сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www. mewr.tj/?page_id=614&lang=tj
13. Тураева, М.Т. Таҳқиқи иқтисодӣ - омории тавозуни барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т. Тураева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - 2020. -№2(31). -С.161-167.
14. Тураева, М.Т. Иқтидорҳои неруи обии (комплекси сӯзишворию барқии) Тоҷикистон: ҳолати муосир ва дурнамои он / М.Т Тураева // Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Кишоварз. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. - 2021. -№1(90). -С.102-107.
15. Тураева, М.Т. Таъмини амнияти энергетикӣ омили бунёдии рушди иқтисоди миллӣ / М.Т. Тураева, С.Ф. Низомов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - 2021. -№1(44). -С.167.
16. Тураева, М.Т. Беҳтар гардидани амнияти энергетикӣ дар заминаи бунёди неругоҳҳои хурду миёна / М.Т. Тураева, С.С. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - 2021. -№4/2(39). -С.146-153.
17. Тураева, М.Т. Таҳлили иқтисодӣ - омори самаранокии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис. … ном. илм. иқт: 08.00.08.01 / М.Т. Тураева. -Душанбе, 2023. -215 с.
18. Ходжаев Д.Х. Приоритеты управления гидроэнергетическої безопасностью Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№2. -Часть 1. -С.106-114.
19. Ҷурабоев Г.Ғ., Одинаев М.А. Таҳлили иқтисодӣ - омории соҳаҳои саноати Чумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият/ Г.Ғ. Ҷурабоев, М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. -№4/2(44). -С.184-189.
20. Шамсиддинов М.А. Ҷанбаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои саноатӣ / М.А. Шамсиддинов, М.А. Одинаев // Конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ». Душанбе – 2022. С.675-680.

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР БАЪЗЕ МАМЛАКАТҲО

Дар мақола таҳлили таърифи амнияти энергетикии кишварҳои содиркунандаи энергия дар асоси таҳлили сиёсати таъмини амнияти миллии энергетикии ин кишварҳо пешниҳод шудааст. Андешаҳои олимони соҳа оид ба мафҳумҳои амнияти энегетикӣ оварда шуда, хулосаҳои асосӣ дар бораи моҳият ва роҳҳои таъмини амнияти энергетикӣ пешнищод карда шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии омории масъалаи амнияти энергетикӣ дар алоқамандӣ бо ҳолати самаранок истифодабарии неруи барқ таҳқиқ карда шуда, равишҳои омории истифодабарии неруи барқ дар низоми энергетикии мамлакат муайян ва асоснок карда шудааст. Вазъи имрӯзаи таъминот бо энергия дар асоси истифодабарии нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, индекси тафовут ва муайян намудани бартарият ё имкониятҳои таъмини энергия дар асоси истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва дарёфти роҳҳои алтернативии истифодаи “энергияи сабз” баҳо дода шудааст. Низоми нишондиҳандаҳои омории баҳодиҳии ҳолати амнияти энергетикӣ дар алоқамандӣ бо самаранок истифодабарии неруи барқ ташаккул дода шуда, дурнамои истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат таҳия карда шудааст. Моделҳои аддетивӣ ва мултипликативӣ ҷиҳати арзёбӣ ва таҳлили омории ҳолати амнияти энергетикӣ дар алоқамандӣ бо самаранок истифодабарии неруи барқ бо назардошти хусусияти мавсимии воридот ва содироти неруи барқ таҳия ва коркард карда шудаанд. Алоқамандии амнияти энергетикӣ ва самаранокии энергетикӣ бо истифодаи усулҳои оморӣ таҳқиқ карда шуда, дурнамои самаранокии энергетикӣ пешгӯйӣ карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** омор, самаранокии энергетикӣ, амнияти энергетикӣ, захираҳои энегетикӣ, неруи барқ, сармоягузорӣ, истеъмоли неруи барқ, воридоту содироти неруи барқ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ЕЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ В НЕКОТОРЫХ СТРАНАХ

В статье исследуется определение энергетической безопасности стран-экспортеров по энергоресурсам на основе анализа политики обеспечения национальной энергетической безопасности этих стран. Представлены мнения ученых в данной области на концепции энергетической безопасности, а также представлены основные выводы о сущности и способах обеспечения энергетической безопасности. Исследованы теоретические и статистические аспекты вопроса энергетической безопасности в связи с состоянием эффективного использования

электроэнергии, определены и обоснованы статистические подходы к использованию электроэнергии в энергосистеме страны. Оценено текущее состояние энергоснабжения на основе использования показателей структурных отличий, индекса различий и определения преимуществ или возможностей энергоснабжения с использованием показателей эффективности и поиска альтернативных способов использования «зеленой энергии». Разработана система статистических показателей оценки состояния энергетической безопасности в связи с эффективным использованием электроэнергии, разработаны перспективы производства электроэнергии в стране. Разработаны и обработаны аддитивные и мультипликативные модели для статистической оценки и анализа состояния энергетической безопасности в связи с эффективным использованием электроэнергии с учетом сезонности импорта и экспорта электроэнергии. Исследована взаимосвязь между энергетической безопасностью и энергоэффективностью с использованием статистических методов, и были предсказаны перспективы энергоэффективности.
**Ключевые слова:** статистика, энергоэффективность, энергетическая безопасность, энергетические ресурсы, электроэнергия, инвестиция, энергетическое потребление, ипорт и экспорт электроэнергии.

**ENSURING ENERGY SECURITY AND ITS EFFICIENCY IN SOME COUNTRIES**

The article examines the definitions of the energy security of exporting countries in terms of energy resources based on the analysis of the policy of ensuring the national energy security of these countries. The opinion of scientists in this field on the concept of energy security is presented, as well as the main conclusions about the nature and methods of ensuring energy security. The theoreticaling and statisticaling aspects of the issue of energy security in connection with the state of efficient use of electricity were studied, statistical approaches to the use of electricity in the country's energy system were identified and substantiated. Assessed the current state of energy supply based on the use of indicators of structural differences, the index of differences and determining the advantages or opportunities of energy supply based on the use of efficiency indicators and the search for alternative ways to use "green energy". A system of statistical indicators for assessing the state of energy security in connection with the efficient use of electricity was developed, prospects for the production of electricity in the country were developed. Additive and multiplicative models have been developed and processed for statistical assessment and analysis of the state of energy security in connection with the efficient use of electricity, taking into account the seasonality of imports and exports of electricity. The relationship between energy security and energy efficiency was investigated using statistical methods, and the prospects for energy efficiency were predicted.
**Keywords:** statistics, energy efficiency, energy security, energy resources, electricity, investment, energy consumption, import and export of electricity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Мехрубон Абдураҳмонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
***Тураева Муқаддам Турабоейвна*** – Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734061, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. E-mail: **muki-88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 77-711-60-00**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
***Тураева Мукаддам Турабойевна*** - Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры налоги и страхования. **Адрес**: 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Дехоти 1/2. Телефон: **(+992) 777-11-60-00.** E-mail: **muki-88@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Odinaev Mehrubon Abdurakhmonovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone: **(+992) 900-17-17-59**
***Turaeva Mukaddam Turaboyevna*** - Tajik State University of Commerce, senior lecturer at the Department of Taxes and Insurance. **Address**: 734061, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Dekhoti street 1/2. Phone: **(+992) 777-11-60-00.** E-mail: **muki-88@mail.ru**

ТДУ: 336.61(575.3)

# НАҚШИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТ

*Ҳикматов С.Ҳ., Амонова Д.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар амалисозии сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар ва рушди иқтисодиёти мамлакат, махсусан соҳаҳои воқеии он рушди низоми молиявию бонкӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Бинобар ин, барои таъмини рушди низоми молиявию бонкӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии онхо дар кулли минтақаҳои кишвар, афзоиши дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ, ҳамчунин, истифодаи пурсамари онҳо, яке аз шартҳои муҳимми иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, фарогирии молиявию қарзӣ (бонкӣ) кафили рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Стратегияи миллии рушд амалӣ карда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯзаи рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣ, фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявию бонкӣ маҳсуб ёфта, дар таъмини рушди устувори низоми молиявию бонкӣ, таҳкими бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии кишвар нақши муҳим мебозад ва хоҳад бозид.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар ҳар як Паёми навбатии худ бо баробари рушди соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар, инчунин, рушди низоми молиявию бонкӣ диққати махсус дода, ки он барои рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти воқеии кишвар шароити мусоиди молиявию қарзӣ фароҳам хоҳад овард [6,с.3].

Бинобар ин, қайд кардан зарур аст, ки, дар баробари маблағгузории буҷетӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, инчунин, маблағгузории низоми молиявию қарзӣ (бонкӣ) дар рушди соҳаҳои иқтисодиёт, пеш аз ҳама, соҳаҳои истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад ва хоҳад бозид [6,с.28].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати мақоми татбиққунандаи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар самти васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявию қарзӣ, инчунин, саривақт ва босифат пешниҳод намудани онҳо корҳои муайянро анҷом дода истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки бо ин мақсад раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи миллии фарогирии молиявии кишвар барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 июли соли 2022 тасдиқ гардид, дар БМТ назорати доимӣ қарор дошта, иҷрои он зина ба зина таъмин шуда истодааст, аз ҷумла барои ноил гаштан ба мақсадҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ (қарзӣ) сохтори идоракунӣ таъсис дода шудааст, ки он дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои стратегияи мазкур мусоидат менамояд, ки дар он 67 чорабиниҳо пешбинӣ гардидааст, ки он шаҳодати аз доираи васеи масъалаҳои фаро гирифтани Стратегияи мазкур шаҳодат медиҳад [8,с.33].

Бояд қайд намуд, ки чорабиниҳое, ки доир ба масъалаҳои стратегияи мазкур фаро гирифтани молиявию қарзи (бонкӣ) пешбинӣ гашта, ба нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбиро расонида, дар соли 2023 онҳо назаррас ҷамъбаст шуда истодааст. Инак, ММД-и кишвар дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба 54,2 млрд.сомонӣ расида, рушди воқеии он ба 8,3% баробар гадид. ММД ба сари аҳолӣ бошад, аз 912,0 долари ИМА (10,5 ҳазор сомонӣ) то ба 1165,0 доллари ИМА (12,2 ҳазор сомонӣ) ё 28,0% зиёд гардид [10,с.12].

Сатҳи таваррум дар ин давра 2,3%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8% кам мебошад. Ҳамзамон, арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад,

дар давраи баррасишаванда 0,4% коҳиш ёфт. Бо мақсади таъмини талаботи иқтисодиёт бо пули нақд дар шаш моҳи соли 2023 ба муомилот 1,2 млрд.сомонӣ бароварда шуд, 4,0 млрд.сомонӣ пули нақд аз муомилот гирифта шуд (пулҳои фарсудашуда).

Ҳамин тавр, натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ фоида ба маблағи 747 млн.сомонӣ ҷамъбаст гардид, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 ба маблағи 492,0 млн.сомонӣ ба буҷети давлатӣ андоз пардохт гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58,0% зиёд мебошад [8,с.12].

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо баробари БМТ, инчунин, ташкилотҳои молиявию қарзӣ (бонкӣ) дар амалишавии татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ҳиссаи худро гузаронида истодааст.

Инак, дар нимсолаи яумин соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 9,3 млрд.сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, 2,7 млрд.сомонӣ ё 42,0% афзоиш ёфтааст.

Ба ҳолати 30 июни соли 2023 бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои моливию қарзӣ ба 16,2 млрд.сомонӣ баробар гашта, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31,0% ё 3,8 млрд.сомонӣ зиёд мебошад [7,с.12].

Ҳамин тавр, хаҷми қарзҳои ташкилоти молиявию қарзӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар рушд ёфта, дар татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ҳиссаи арзандаи худро мегузорад ва хоҳад гузошт, ки онро аз диаграммаи зерин дидан мумкин аст.

**Расми 1. Қарзҳо аз руйи минтақаҳо (млн.сомонӣ)**
**Figure 1. Loans by region (million somoni)**




Сарчашма: Маҷаллаи БМТ, № 3 (102) июл-сентябри, 2023. -С. 14.

Аз маълумотҳои диаграммаи мазкур маълум гашт, ки қисми асосии қарзҳои додашуда аз тарафи ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба ш.Душанбе ва вилояти Суғд рост меояд. Ин, албатта ҳолати табиӣ мебошад, чунин субъектҳои асосии хоҷагидорӣ, соҳибкорон ва аҳолии зиёде дар ин минтақаҳо ҷойгир гаштааст ва нисбатан аз дигар минтақаҳо талабот ба хизматрасониҳои молиявию қарзӣ зиёд ва сол аз сол афзоиш ёфта истодааст ва дар оянда низ хоҳад зиёд гашт.

Ба ақидаи мо, рушд ёфтани хизматрасониҳои молиявию қарзӣ яке аз самтҳои татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ мебошад. Албатта ин иқдом ба ақидаи мо иқдоми хуб буда, вале аз ҳама муҳимаш барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ зарур аст, ки барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нави муосир, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ тадбирҳои зрурӣ андешида, ҳаҷми қарзҳоро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва аҳолӣ зиёд намуда, дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва пайдо кардани ҷойҳои нави корӣ ва ғайра аз амалият холӣ нест.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз самтҳои муҳимми таъмини фарогирии молиявӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он аҳолӣ дорои рушди

дониши молиявӣ гардида, усулҳои муосири истифодабарии саводнокӣ, захираҳои молиявиро аз худ менамояд ва такмил хоҳад дод.

Ҳамин тавр, саводнокии молиявӣ, ин маҷмуи маъмумотҳои асосӣ дар соҳаи молия, фаъолияти бонкӣ, суғуртакунӣ ва инчунин, буҷетикунонии маблағҳои шахсӣ, ки ба шахс имконият медиҳанд, ки то маҳсулоти зарурии молиявиро хизматрасониҳои дуруст интихоб карда, оқилона баҳодиҳӣ намояд, хавфҳоро дар рафти истифодаи онҳо бамиёномадаро ба зимма гирад, самаранок пасандозҳоро ҷамъоварӣ намояд ва тавонад амалиётҳои шубҳанок ва дорои хусусияти қаллобидоштаро муайян намояд ва дуруст идора намудани захираҳои пулӣ ба он асос ёфтааст [12,с.8].

Зикр кардан ба маврид аст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар, имконияти дастрасии аҳолии кишвар ба хизматрасониҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва самарабахш истифодабарӣ аз хизматрасониҳои онҳо васеъ истифода менамояд ва дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар хоҳад кумак расонид.

Мувофиқи стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, бо мақсади таҳкими иқтидори захираҳои инсонии ташкилотҳои молиявии ҳамаи сатҳи низоми бонкӣ, таҳия намудани барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он давра ба давра амалӣ гашта истодааст.

Бояд гуфт, ки дар ҶТ низ ба монанди мамлакатҳои хориҷӣ дар чанд марҳила дар амал татбиқ намудани стратегия ё барномаи алоҳида ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ манфиатбахш буда, ба рушди низоми бонкӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва фарогирии молиявӣ мусоҳидат хоҳад намуд.

Бояд қайд кард, ки БМТ дар якҷояги бо ташкилоти байналмилалии молиявӣ таҳқиқоти “Арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолии ҶТ”-ро анҷом дод, ки дар рафти он 1500 нафар шаҳрвандони синни 18-сола ва болотар аз он дар тамоми минтақаҳои ҶТ, аз ҷумла- шаҳрҳо ва деҳот мавриди пурсиш қарор дода шуд, ки аз онҳо 49,3%-ро занҳо ва 50,7%-ро мардҳо ташкил намудаанд [10,с.36].

Мавриди қайд аст, ки мутобиқи талаботи байналмилаллии “стандартҳои паҳнсозии маълумоти оморӣ” ҳар сол тавассути низоми махсуси паҳнсозии маълумоти оморӣ аз ҷониби БМТ ба унвони хазинаи байналмилаллии асъор “Ҳисобот оид ба дастрассии молиявӣ-(FAC)”-ирсол карда мешавад, ки аз рӯи он ба сатҳи фарогирии молиявии аҳолии кишвар ва саводнокии молиявии онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва такмили он нақши ҷалассаи XXI Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - лоиҳаи қонуни ҶТ “Дар бораи паркҳои технологӣ” дар таҳрири нав бо назардошти таъсиси паркҳои технологияҳои иттилоотӣ дар заминаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, ки фароҳандозӣ намудани инноватсия дар истеҳсолот мебошад, таҳия карда шуд. Дар доираи иҷрои қарорҳои Шуро, ҳамчунин, лоиҳаи қонуни ҶТ “Дар бораи савдои электронӣ” таҳия гардид, ки он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 декабри соли 2022 ба имзо расонида шуд, ки он дар татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва рушди он такони назаррас бахшид, ки он барои таъсис ёфтани Маркази ягонаи мушаххаскунӣ дар назди БМТ шароиту имконияти ба таври фосилавӣ ҷамъоварӣ намудани мушаххасоти биометрикӣ зарурияти воқеӣ ба миён омад.

Ба роҳ мондани фаъолияти Маркази ягонаи мушаххаскунӣ барои фарогирии молиявии аҳолии кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои дурдаст мусоидат намуда, хароҷоти шахсони воқеиро ҳангоми дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ коҳиш медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар заминаи маркази мазкур, таъсиси низоми баҳисобгирии шумораи истфодабарандагони нодири маҳсулоти молиявӣ имконпазир мегардад. Инчунин, баҳри зиёд намудани муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат карда, дастрасии муштариёнро ба хизматрасониҳои молиявӣ осон мегардонад ва ба рушди босуръати хизматрасониҳои муосири молиявӣ таъсири мусбат мерасонад, хоҳад расонид.

Яке аз масъалаҳои муҳимми стратегияи фарогирии молиявӣ, ин рақамикунонии ҳатмии ҳамаи пардохтҳо ва боҷҳои давлатӣ бо истифодаи низоми пардохтҳои босуръат мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати иҷрои масъалаи мазкур ва бо мақсади рушди минбаъдаи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи воситаҳои элекронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо дар ҶТ, ҳамзамон, рақамикунонии ҳатмии ҳамаи пардохтҳо ва боҷҳои давлатӣ бо истифода аз низоми пардохти босуръат, аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ, лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи татбирҳои вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” таҳия гардид, ки он аз 22 июни соли 2023 таҳти №586 ба имзо расид, ки он дар амалӣ гаштани стратегияи фарогирии молиявӣ нақши муайян хоҳад бозид.

Бояд гуфт, ки дар доираи фармони мазкур пешбинӣ гардидааст, ки аз 01.08.23 сол сар карда тамоми пардохтҳо аз ҷумла пардохтҳои андозӣ, боҷи давлатӣ, иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет ҷаримаҳо, хизматрасониҳои тиббию коммуналӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд. Инчунин, дар фармони мазкур татбиқ шудааст, ки БМТ, вазорату идораҳо, ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ, инфасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намояд.

Дар ҳақиқат, аз тарафи БМТ ва дигар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ баҳри амалишавии фармони мазкур тамоми чораҳои заруриро андешида истодаанд ва қисми зиёди самтҳои фармони мазкур ва стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар амал татбиқ гардида, баҳри рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, сабук гардонидани кори субъектҳои андозсупор, сарфаи вақти онҳо ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар, инчунин, беҳтар шудани сатҳи хизматрасонии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ғайра хоҳад гашт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо баробари муваффақиятҳои татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ, ки он кофили пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар, афзоиши дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои босурату бо сифати молиявӣ, ҳамчунин, истифодаи пурсамари онҳо яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, давра ба давра татбиқи самтхои муҳими стратегияи миллии фарогирии молиявӣ амалӣ гашта истодааст ва хоҳад гашт.

Барои пурсамар татбиқ гардидани стратегияи мазкур, боз ҳам беҳтар шудани хизматрасониҳои молиявӣ, қарзӣ, гузариш ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани он бо ёрии кортҳои пардохтии бонкӣ, истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, интернет – банкинг ва дигар воситаҳои прдохтии электронӣ аз тарафи БМТ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар сохторҳои идоракунии молиявии давлатӣ тамоми шароитҳои лозимаро муҳайё ва амалӣ сохта истодаанд. Вале ба ақидаи мо, ки аз таҳлилҳои амалигардида доир ба ин масъала маълум гардид, ки то ҳол баъзе масъалаҳои стратегяи мазкур бо пуррагӣ ҳаллу фасли худро наёфтааст, барои ба пуррагӣ амалӣ шудани он пешниҳодҳои илмии зеринро бояд ҳаллу фасл намуд, ки онҳо:

1. Такмили роҳандозӣ намудани технологияҳои молиявию инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ.
2. Таъмини рушди инфрасохтори зарурии иттилоотӣ ва такмил додани усулҳои идоракунии электронӣ дар соҳаи иқтисодиёти кишвар.
3. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар, ки он яке аз самтҳои такмили татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявии кишвар мебошад.
4. Такмил додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ.
5. Ташкил ва таъмини рушди фаъолияти Маркази ягонаи мушаххаскунӣ барои фарогирии молиявии аҳолии кишвар.
6. Бо мақсади татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар самти беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар байни бахшҳои молиявӣ ва мақомоти давлатӣ хеле зарур мебошад, хоҳад амалӣ намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар маҷмуъ, татбиқи бомуваффақияти муқаррароти Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ аз ҷониби ҳамаи муассисаҳо ва вазорату идораҳои масъул кофили пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар арзёбӣ мебошад.

Ҳамин тавр, агар пешниҳодҳои илмии дар боло зикр шуда дар амал татбиқ гардад, онгоҳ гуфтан мумкин аст, ки самтҳои асосии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ хоҳад амали гашт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Икромӣ Ф.Н.**


**АДАБИЁТ**

1. Ахбори Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ.
2. Дастурамали №197 "Дар барои тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ хурд", 28 майи соли 2015.
3. Қонуни ҶТ "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз 16 апрели соли 2021. -Душанбе, 2021.
4. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2019. –Душанбе, 2019.
5. Маводи конфронси илмӣ - амалии байналмилалии ҶТ. Аз 29.05.2021с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.12.2022.
7. Стратегияи миллии фарогирии молиявии ҶТ барои солҳои 2022-2026. –Душанбе, 2022.
8. Татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ-кафили пешрафти ичтимоию иқтисодии кишвар // Маҷаллаи БМТ. - №3(102) июл-сентябри соли 2023. -С.32-33.
9. Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи татбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" таҳти рақами 586 аз 22 июни 2023.
10. Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2023 ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюм // Маҷаллаи БМТ №2(101) июл-сентябр соли 2023. -С.12.
11. Ҳикматов С. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии низоми бонкии ҶТ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар / С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён С.Ҳ. - С.107-112.
12. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ. Вос.таълимӣ / У.С.Ҳикматов. -Душанбе, 2021. -С.8.


**НАҚШИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ**


Дар амалисозии сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар, махсусан соҳаҳои воқеии он рушди низоми молиявиу бонкӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад, чунки афзоиши дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати молиявию қарзӣ ҳамчунин, истифодаи пурсамари онҳо яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳолии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар он татбиқи стратегияи миллии фарогирии молияви нақши хосса дорад. Бояд қайд намуд, ки гузашта аз ин дар шароити имрӯзаи рушди босуръати техналогияи инноватсионӣ, фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намулани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои воситаи молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди устувори низоми молиявӣ беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, рушди сармояи инсонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар нақши муҳим мебозад. Бояд гуфт, ки фарогирии молиявӣ кафили рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, дар ҶТ тавассути стратегияи миллӣ амалӣ карда мешавад, ки дар татбиқи он БМТ ва низоми молиявию қарзӣ он пешсаф мебошад, яъне бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ корҳои муайянро анҷом дода истодааст, ки онро албатта худ арзёбӣ намудан мумкин аст, вале то ҳол татбиқи самтҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ бо пуррагӣ ҳаллу фасли худро наёфтааст. Бинобар ин, мақолаи мазкур маҳз барои татбиқи масъалаҳои муҳими Стратегияи мазкур бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо:** стратегия, молия, хизматрасониҳо, чорабиниҳо, фарогирӣ, технология, саводнокӣ, давлат, барнома, ғайринақдӣ, инноватсия, паркҳои технологӣ, иттилоотӣ, семинарҳо, машваратҳо.


**РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ ФИНАНСОВОЙ ДОСТУПНОСТИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ**


В реализации социально-экономической политики страны, особенно в ее реальных сферах, видное место занимает развитие финансово-банковской системы, так как увеличение доступа к качественным финансово-кредитным продуктам и услугам, а также их эффективное использование является одним из важных условий экономического развития и повышения уровня и качества жизни населения страны. Считается, что реализация национальной стратегии финансовой доступности играет особую роль. Следует отметить, что в современных условиях быстрого развития инновационных технологий финансовая инклюзивность является эффективным средством повышения доступности и использования услуг финансового инструмента, обеспечения стабильного развития финансовой системы, улучшения бизнес-среды, развития человеческого капитала, социальной защиты населения, и в этом важную роль играет повышение уровня жизни населения страны. Следует сказать, что финансовая инклюзивность считается гарантом социально-экономического развития страны и реализуется в Республике Таджикистан через национальную стратегию, в реализации которой участвуют Национальный банк Таджикистана и финансово-кредитная система. В целях выполнения поручений и распоряжений Национального Лидера, Президента Республики Таджикистан необходимо расширить охват населения финансовыми услугами. Проведены определенные мероприятия, но задача реализации направлений Национальной стратегии финансовой доступности еще не решена в полной мере. Поэтому данная статья посвящена реализации важных вопросов настоящей стратегии.

**Ключевые слова:** стратегия, финансы, услуги, мероприятия, инклюзивность, технологии, грамотность, государство, программа, безналичный расчет, инновации, технопарки, информация, семинары, консультации.

## THE ROLE OF THE NATIONAL FINANCIAL INCLUSION STRATEGY IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

In the implementation of the country's socio-economic policy, especially in its real spheres, the development of the financial and banking system occupies a prominent place, since increasing access to high-quality financial and credit products and services, as well as since their effective use is one of the important conditions for economic development and improving the level and quality of the country's population, it is believed that the implementation of the national financial inclusion strategy has a special role. It should be noted that in modern conditions of rapid development of innovative technologies, financial inclusion is an effective means of increasing the availability and use of financial instrument services, ensuring stable development of the financial system, improving the business environment, developing human capital, social protection of the population, and in this an important role is played by increasing standard of living of the country's population. It should be said that financial inclusion is considered a guarantor of the country's socio-economic development and is implemented in the Republic of Tajikistan through a national strategy, in the implementation of which the National Bank of Tajikistan and the financial and credit system participate. leaders, that is, in order to fulfill the instructions and orders of the National Leader, the President of the Republic of Tajikistan. The direction of expanding the coverage of the population with financial services is the implementation of certain activities, which, of course, may be subject to evaluation, but the implementation of the directions of the National Financial Inclusion Strategy has not yet been fully resolved. Therefore, this article is devoted to the implementation of important issues of this Strategy.

**Keywords:** strategy, finance, services, events, inclusion, technology, literacy, government, program, cashless payments, innovation, technology parks, information, seminars, consultations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳикматов Сафаралӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93-505-55-99**
***Амонова Дилором Абдувахидовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985399999.** E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хикматов Сафарали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-505-55-99**
***Амонова Дилором Абдувахидовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985399999**. E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khikmatov Safarali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Activities. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-505-55-99**
***Amonova Dilorom Abduvahidovna*** - Tajik National University, senior lecturer at the department of customs activities. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 985399999**. E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

ТДУ: 33+314.7(575.3)

# ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Саъдуллозода Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи механизми муҳоҷирати қувваи корӣ дар адабиёти илмии муосир ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар адабиёти иқтисодӣ бештар таҳлилу баррасии механизми иқтисодии муҳоҷират ба назар мерасад. Дар ин замина, механизми мубодилаи муҳоҷират, механизми фаъолияти муҳоҷират, механизми идоракунии муҳоҷират ва механизми азнавтақсимсозии қувваи кориро фарқ мекунанд [8]. "Механизми муҳоҷирати қувваи корӣ як низоми муттаҳидшудаи фаъолият ва худтанзимкунанда бо унсурҳо, қонуниятҳо ва хусусиятҳои худ мебошад" [14]. Олими рус Ю.М. Осипов механизмро ҳамчун "низоми ташкили низомҳо" муайян кардааст [7]. Масъалаҳо доир ба механизми иҷтимоии муҳоҷират ва робитаи он бо механизмҳои иқтисодии муҳоҷират ба таври алоҳида ба миён меоянд [9].

Ба ақидаи мо, таҳқиқи механизми муҳоҷират дар иқтисоди муосир бояд ба муқаррароти методологӣ оид ба моҳият ва мундариҷаи механизми иқтисодӣ, механизми хоҷагидорӣ ва механизми ташаккули шуғл асос ёбанд. Чунин муносибати методологӣ ба мо имкон медиҳад, ки механизми муҳоҷирати қувваи корӣ қисми ҷудонопазири механизми иқтисодӣ дар маҷмуъ мебошад.

Таҳти мафҳуми механизми ташкилию иқтисодии идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо давлат дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ бо усулҳои муайяннамудаи қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муассир мусоидат намуда, он инчунин, дастгирии моддию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ғайраро ба муҳоҷирони меҳнатӣ, бозомӯзии онҳо бо мақсади шуғли самаранок, бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ ва демографӣ таъмин менамояд.

Механизми мавҷудаи ташкилӣ ва иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамчун маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои таъсиррасон ба равандҳои муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон бояд усули интихобиро дар истифодаи чораҳои молиявӣ, андозӣ ва қарзӣ оид ба ҳавасмандгардонии шуғл ва танзими бозори меҳнат таъмин намояд.

Яке аз ҷойҳои асосӣ дар механизми ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, низоми омодагӣ ва такмили ихтисоси муҳоҷирони меҳнатӣ барои содироти қувваи корӣ мебошад. Шиддат ёфтани масоили шуғли аҳолӣ вобаста ба муҳоҷират, мушкилотро дар ҷои аввал, дар низоми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон, сатҳи зиндагии муътадили онҳо баррасӣ менамояд.

Таврե таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, шартномаи хуб коркардашуда ва қонунан ба таври дуруст иҷрошуда барои иҷрои фаъолият дар хориҷа метавонад, пардохтҳои устувори мубодилавии асъорро дар тули тамоми муҳлати эътибори он таъмин намояд, аз ин рӯ, қувваи кориро метавон ба муддати дароз ба кор бурд (таҷрибаи муқаррарии ҷаҳонии рафтан ба муҳоҷирати меҳнатӣ муҳлатро ба ҳисоби миёна, аз 2 то 7 сол дар назар дорад). Бо истифода аз ин омил, бисёр кишварҳои донорҳои қувваи корӣ тавозуни пардохтро тавассути муҳоҷират ба танзим даровobservations.

Кӯшишҳои оқилонаи мақомоти Тоҷикистон оид ба содироти қувваи корӣ метавонистанд натиҷаи хуб диҳанд, аммо ҳамзамон, бояд эътироф кард, ки қувваи корӣ маҳсулоти мушаххасест, ки кор бо қарордодҳо дар ин самт хеле душвор аст.

Дар Тоҷикистон мутахассисони ботаҷриба ё ширкатҳои миёнаравӣ барои содироти қувваи корӣ ба бозори хориҷӣ хеле кам ба чашм мерасанд. Ба ақидаи мо, барои рушди минбаъдаи ширкатҳои миёнарави тоҷик, барои содироти қувваи корӣ бояд шароити афзалиятнок муҳайё карда шавад. Баъзе сабабҳое мавҷуданд, ки ин андешаро ҷонибдорӣ мекунанд: якум, ин ширкатҳо пурра зери андозбандии Тоҷикистон қарор мегиранд, аз

ҷумла, мубодилаи асъорӣ низ, дуюм, онҳо барои шартномаи бо муҳоҷир басташуда масъулияти ҳуқуқӣ ба дӯш хоҳанд дошт [10].

Барои боварии комили муҳоҷири меҳнатие, ки ба хориҷа сафар мекунад, бояд шартномаи кории аз ҷониби тарафҳо имзошударо дошта бошад. Ширкати миёнарави маҳаллӣ метавонад кафили шуғли муҳоҷири меҳнатӣ гардида, онро дар сурати сар задани низоъ ё ҳолатҳои ғайричашмдошт дастгирӣ кунад, масалан, дар сурати осеб дидан, напардохтани пулҳои коркардашуда, фурӯпошии ширкати фармоишгар ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт бозгашти муҳоҷири меҳнатиро ба ватан таъмин намояд. Хизматрасониҳои чунин ширкатҳои миёнарав инчунин, метавонанд аз ҷониби корхонаҳое истифода шаванд, ки ҳуқуқи ворид шудан ба бозори хориҷӣ ва хоҳиши бастани шартнома барои истеҳсоли кор дар хориҷаро доранд.

Ширкати миёнараве, ки дар Тоҷикистон ҷойгир аст, метавонист бо дарназардошти шароит ва талаботҳои бозори ҷаҳонӣ, муҳоҷирони меҳнатиро пешакӣ ба миқдори ҳатмӣ дар кишварҳои муайян, дар соҳаҳои муайян ва ихтисосҳои зарурӣ омода созанд. Иштироки пурраи Тоҷикистон дар раванди мубодилаи байналмилалии захираҳои меҳнатӣ, самаранокии истифодаи онро афзоиш дода, инчунин, метавонад ба шаклҳои дигари муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва дар маҷмуъ робитаҳои байналмилалӣ низ таъсири муайяне расонад.

Дар айни замон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби воридшавӣ ва хориҷ шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шудааст, ки ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд дар вақти хориҷ шудан аз ҷумҳурӣ бо мақсади истиқомати муваққатӣ ё истиқомати доимӣ дар хориҷи кишвар ва ворид шудан ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Ғайр аз он, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шуғли аҳолӣ"-ро қабул кард. Дар ин санад оварда шудааст, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ "ҳуқуқ доранд мустақилона дар ҷустуҷӯи кор, чи дар дохил ва чи дар хориҷа бошанд". Ҳамин тариқ, шаҳрвандони Тоҷикистон воқеан ҳуқуқи муҳоҷиратро ба хориҷа соҳиб гардиданд. «Қонун дар бораи муҳоҷират» ҳуқуқи шаҳрвандонро барои тарк кардан кафолат дода, муқаррар менамояд, ки шаҳрванд аз ҳуқуқи ворид шудан ба Тоҷикистон маҳрум карда намешавад. Ғайр аз он, қонун дар давраи баромадан ба шаҳрванд тамоми ҳуқуқи моликиятро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта, набудани маҳдудиятҳоро нисбати ҳуқуқҳои аъзои оилаи ӯ кафолат дода, инчунин, ҳангоми ҳимояи суд аз шаҳрвандон ҳангоми ҳалли масъалаҳои рафтан кафолат медиҳад (моддаи 1). Қонун муҳофизат ва сарпарастии шаҳрванди Тоҷикистонро дар қаламрави давлатҳои дигар тавассути намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ таъмин мекунад (моддаи 2).

Заминаи ҳуқуқии ҷории танзими муҳоҷират дар Тоҷикистон барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ва содироти қувваи корӣ кофӣ аст, ба шарте, ки шиносномаҳои хориҷӣ ба аксари шаҳрвандони коркардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шаванд.

Ҳангоми рушди содироти қувваи корӣ аз Тоҷикистон баъзе тадбирҳо дар соҳаи байналмилалӣ талаб карда мешаванд, аз ҷумла: ба тасвиб расонидани тамоми конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба муҳоҷирати байналхалқӣ, имзои созишномаҳои байниҳукуматӣ бо давлатҳои асосии воридкунандаи қувваи корӣ ё ворид намудани фасли муҳоҷирати меҳнатӣ ба созишномаҳои савдои иқтисодӣ ва дигар шаклҳои ҳамкорӣ.

Аз ин рӯ, лаҳзаи муҳимтарин, ба назари мо, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа мебошад. Дар ин ҷо, сафоратҳо ва муассисаҳои консулии ҷумҳурӣ, ки бояд дар ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар назди кишвари қабулкунанда нақши аввалиндараҷаро мебозанд.

Барои Тоҷикистон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун давлати мустақил ба вуҷуд омадааст ва тақрибан ба наздикӣ таҷрибаи маҳдудро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ соҳиб гардидааст, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро ҷонибдорӣ намудан хеле мушкил аст. Барои бомуваффақият ҷойгир кардани Тоҷикистон дар бозори байналмилалии меҳнат ва таҳкими минбаъдаи мавқеи он таҳлили таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар ин соҳа ва таҳияи модели худӣ барои рушди раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ зарур мебошад. Зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳои донорҳои асосӣ оид ба қувваи корӣ ба талаботи ҷумҳурӣ мутобиқ карда шуда, сиёсати давлатӣ дар соҳаи

муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ таҳия карда шавад.

Аввалан, пас аз эҷоди заминаи амалан қонунӣ барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, бояд созишномаҳои байниҳукуматӣ баста шаванд ва бо созмонҳои байналмилалӣ робитаҳо барқарор карда шаванд, ки бо онҳо бароиислоҳоти саривақтии сиёсати муҳоҷирати ҷумҳурӣ кумак расонанд ва дар оянда барои иштирок дар таҳияи глобалӣ мусоидат кунанд. Дуюм, саривақт омӯхтани самтҳои имконпазири татбиқи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар хориҷа, ки бояд ба омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъ на танҳо дар Россия, балки дар дигар марказҳои ҷаҳон, инчунин, омӯзиши дурнамои рушди онҳо асос ёбад. Дар оянда, бо ташкили дурусти масъала ва гуфтушунидҳо, бозори ҷаҳонии меҳнат метавонад шумораи муайяни муҳоҷирони меҳнатиро аз Тоҷикистон қабул кунад.

Воридшавӣ ба бозорҳои меҳнати кишварҳои хориҷӣ раванди мушкил ва душвор аз рӯи он сабаб дониста мешавад, ки вазъият дар бозорҳои онҳо бо мурури замон бе иштироки Тоҷикистон рух додааст. Ба андешаи мо, дар ин маврид, равиши фарққунанда лозим аст, чунки алоқамандии сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳуриро бо қувваи корӣ дараҷаи тахассуси баланддошта ва ба назар гирифтани хусусиятҳои талаботҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳои қабулкунандаи қувваи корӣ бо баррасии ҳамаҷонибаи оқибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар зуҳуротҳои он бояд ба роҳ монд.

Дар намуди умумӣ, таъсири мусбати содироти қувваи корӣ бо тариқи зайл инъикос ёфтааст:

– фишор ба бозори дохилии меҳнат коҳиш дода шуда, оқибатҳои иҷтимоии бекорӣ муайян карда намешаванд;

– хароҷотҳои иқтисодӣ аз ҳисоби воридоти молиявии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ рӯйпӯш карда мешаванд;

– сатҳи касбӣ ва фарҳангии шахсони ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафаркунанда баланд мешавад, ки ба муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пас аз бозгашт ба ватан таъсири мусбӣ мерасонад.

Рушди равандҳои муҳоҷирати хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти бисёрҷанбаи Хадамоти муҳоҷират мебошад, ки бояд ба таҳия ва татбиқи механизмҳои навине равона карда шавад, ки онро ба бахши алоҳидаи иқтисодиёт табдил медиҳанд ва ин қонунҳо бояд ҷавобгӯи қонунҳои байналмилалӣ буда, такя бар онҳо дошта бошад.

Содироти қувваи корӣ як ҷузъи муҳимми стратегияи иқтисодӣ ва танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон мебошад. Танзими давлатии содироти қувваи корӣ ба мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

– ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои хориҷ. Муаммои аз ҳама маъмул дар ин соҳа табъиз нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои қабулкунанда мебошад;

– ҷуброни талафотҳо аз хориҷ гардидан қувваи корӣ дар хориҷи кишвар. Хуруҷи қувваи корӣ ба кишварҳои донор дар дурнамои кӯтоҳтарин ва дарозмуддат зарари калони иқтисодӣ мерасонад.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро мувофиқ ба сатҳи даврабандӣ ба се марҳила тақсим менамоянд: сафари корманд аз кишвар, будубош дар хориҷа ва бозгашт ба ватан. Асоси сиёсати давлатии муҳоҷиратро танзими ҳар се марҳилаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ташкил медиҳад, ки дар амал риояи принсипҳои зеринро дарбар мегирад [6]:

– кафолати имконияти бозгашт ба ватан;

– риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба озодии ҳаракат ва шуғл;

– мусоидат дар коҳиш додани вазъ дар бозори дохилии меҳнат бо роҳи тарк кардани он гурӯҳҳои коргароне, ки нисбат ба ихтисосҳои онҳо дигар талабот дида намешавад;

– таъмини устувории воридшавӣ ба кишвар ва истифодаи самарабахши интиқоли асъори хориҷии муҳоҷирони меҳнатӣ;

– маҳдудсозии сафари кормандон ба он соҳаҳои иқтисодиёте, ки талаботи онҳо ба қувваи корӣ қонеъ карда намешавад;

**Расми 1. Танзими давлатии содироти байналмилалии муҳоҷирати қувваи корӣ, мақсадҳо, давраҳо ва принсипҳои он дар шароити ҷаҳонишавӣ**

**Figure 1. State regulation of international export of labor force migration, its goals, periods and principles in the conditions of globalization**




Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

– солимгардии бозори дохилии меҳнат аз ҳисоби қабули муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар хориҷи кишвар малакаҳои касбии барои рушди иқтисодиёти миллӣ заруриро ба даст овардаанд;

– пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ.

Заминаи ҳуқуқие, ки танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории миллии муҳоҷират, созишномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷанбаро дар бар мегирад. Илова ба қонунҳои асосӣ, дастурҳои сершумор ва дигар санадҳои меъёрие амал менамоянд, ки ба низоми қонунгузории умумии маъмурӣ, гумрук, андоз, сармоягузорӣ, бонкдорӣ ва ғайра дохил карда шудаанд.

Амалҳои ҳамоҳангшудаи сохторҳои муҳоҷиратӣ заминаҳоро барои танзими мақсадноки содироти қувваи корӣ фароҳам меоранд. Маҷмуи тадбирҳо оид ба сиёсати муҳоҷиратӣ усулҳои «нарм»-и танзимро фаро мегирад, ки барои фароҳам овардани фазои мусоид ба муҳоҷират ва усулҳои «сахт», ки ба танзими ҳаҷм ва сохтори ҷараёни муҳоҷират нигаронида шудаанд.

Оид ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат, фароҳам овардани фазои муҳоҷиратӣ мебошад, ки ба ҳалли мушкилиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат мекунад, ки таъсири ғайримустақим ба рафтори агентҳои иқтисодӣ ва фаъолияти инфрасохтори муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро дар назар дорад. Минбаъд баррасии баъзе аз ин чорабиниҳоро мувофиқи мақсад мешуморем.

Барои Тоҷикистон, чун дар аксар кишварҳои донор, интиқоли асъори хориҷии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ манбаи муҳимтарини даромади асъорӣ мебошад, қисми зиёди тавозуни пардохти кишварро ташкил медиҳанд: масалан, интиқоли асъори хориҷии муҳоҷирон аз 12-13% дар Миср, Покистон ва Португалия, то 64% дар Лубнон. Интиқоли пул аз панҷ як ҳиссаи воридотро дар Туркия ва Марокко мепӯшонад, дар Португалия бошад, аз нисфи тамоми даромади содирот зиёдтар мебошанд.

Бо қонунгузории дохилии Тоҷикистон метавон ҳавасмандгардонии интиқоли асъорро аз хориҷа мустаҳкам сохт. Ба ақидаи мо, барои фароҳам овардани фазои мусоид ба асъорӣ дар Тоҷикистон ва ҷалби маблағҳои асъории муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, усулҳоеро истифода бурдан мумкин аст, ки қаблан санҷида шуда ва натиҷаҳои хуб додаанд, ки дар баъзе кишварҳои ҷаҳон татбиқ карда шудаанд. Ҳамин тавр, дар қатори чораҳои асосӣ оид ба ҷалби воситаҳои асъории муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон, пеш аз ҳама, метавон фароҳам овардани имтиёзҳоро аз рӯи ҳиссагузориҳои муҳоҷирон номбар намуд. Масалан, дар Туркия имтиёзҳо оид ба интиқолҳои почтавӣ ё телеграфии асъорҳо аз хориҷа вуҷуд дошта, дар Ҳиндустон бошад, меъёрҳо барои нигоҳдории воситаҳои асъорӣ дар суратҳисобҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷорӣ гардидаанд, ки инҳоро дар бар мегиранд:

*озодсозии ҳиссагузориҳо аз баъзе намуди андозҳо (андоз аз фоида, андоз аз моликият);

* фоизҳои нисбатан баланд аз рӯи ҳиссагузориҳо.

* кафолати ҳиссагузориҳо ва суғуртакунӣ аз хавфҳои асъорӣ.

* ҳуқуқи амонатгузор бидуни огоҳонии пешакӣ қисман ё ҳамаи ҳисса бо асъори хориҷӣ [13].

*Бозмондани филиалҳои бонкҳои Тоҷикистон* дар кишварҳои бештар қувваи кориро қабулкунанда (Россия, Қазоқистон) ба тадбирҳои ҷалби воситаҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ метавон марбут донист. Муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд аз хизматрасонии филиалҳои бонкҳои Тоҷикистон, яъне асъор ва пардохт барои хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи бонк ба рушди минбаъдаи низоми бонкии ҷумҳурӣ истифода намоянд. Ин таҷриба дар хориҷа хеле маъмул аст. Масалан, Покистон барои сафарбар кардани пасандозҳои пулии шаҳрвандони худ, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, шабакаи филиалҳои бонкҳои миллиро дар кишварҳои Шарқи Миёна ба таври назаррас тавсеа дод ва Туркия филиалҳои худро дар ҷойҳое, ки коргарони турк мутамарказ буданд, боз кард.

Дар баробари кушодани филиалҳои бонкҳои худ, Тоҷикистон метавонад ба кумаки бонкҳои хориҷӣ муроҷиат кунад, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ имтиёзҳои васеъро барои

интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар фароҳам оварад. Сабаби асосӣ он дар он аст, ки бо вуҷуди такмил додани низоми бонкии Тоҷикистон, он ба таври кофӣ самаранок намебошад, ки ҳаҷми асъори интиқолёфтаи муҳоҷирони меҳнатиро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

Сиёсати муҳоҷират на танҳо бо низоми интиқоли маблағ маҳдуд аст, инчунин, ҷанбаҳои дигари молиявӣ низ мавҷуданд, ки дар Тоҷикистони муосир, масалан, қарзҳои дохилиро истифода бурдан мумкин аст. Тоҷикистон чун аксар давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ, барои истифодаи самарабахши пасандозҳои муҳоҷирони меҳнатии худ, барои рушди иқтисодиёти миллӣ манфиатдор аст. Яке аз усулҳои муносиби истифодаи ин пасандозҳо ба манфиати ҷумҳурӣ гузоштани онҳо ба қоғазҳои қиматнок бо пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ мебошад. Бисёрии мамлакатҳои ҷаҳон, ки дар қатори онҳо метавон чунин таъминкунандагони қувваи корӣ, ба монанди Ҳиндустон ва Покистонро номбар намуд, чорабиниҳои зеринро истифода менамоянд.

Миёни кишварҳои донор ва кишварҳои қабулкунандаи қувваи корӣ амалияи *пардохтҳои байналмилалии ҷубронпулӣ* мавҷуд аст, ки онро дар шароити Тоҷикистон низ метавон истифод бурд. Масалан, тибқи созишнома, ҷониби қабулкунанда метавонад ба буҷаи ҷумҳурӣ маблағи муайяне ворид намояд, ки он аз интиқол намудани андози музди меҳнат, аз ҷониби қабулкунанда рӯйпӯш намудани хароҷоти ҷалби коргарони муҳоҷир дар Тоҷикистон ва пардохтҳои иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Дар доираи созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ, механизми хароҷот ва пардохтҳои мутақобилаи буҷетӣ вобаста ба муҳоҷирати меҳнатиро метавон мувофиқа намуд.

Фароҳам овардани муҳити мусоид ба сармоягузорӣ барои онҳое, ки мехоҳанд ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ сармоягузорӣ кунанд, инчунин, ба категорияи тадбирҳое, ки самаранокии истифодаи пасандозҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро афзун мекунанд, марбут донист. Масалан, Покистон қонунеро қабул кард, ки ба шаҳрвандони ин кишвар, ки дар хориҷаанд, бидуни иҷозати махсуси ҳукумат дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ба истиснои истеҳсоли силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва радиоактив ва нӯшокиҳои спиртӣ, сармоягузорӣ мекунанд.

Аммо дар ин ҷо мушкилотҳои муайян вуҷуд доранд. Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ таҷрибаи тиҷорати мустақилро надоранд, аз ин рӯ ҷалби онҳо ба сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкорӣ ғайриимкон аст. Дар ҳалли ин масъала *ташкили ширкатҳои махсуси машваратӣ*, ки ба муҳоҷирони меҳнатии бозгашта хизматрасониҳои машваратӣ мерасонанд, метавонанд мусоидат намуда, инчунин, масъалаҳои истифодаи самараноки маблағҳои ба даст овардаашонро ҳал кунанд.

Дар масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ баъзе тадбирҳо вобаста ба ***сиёсати гумрукии ҷумҳурӣ*** метавонанд накши муҳим дошта бошанд. Аксарияти кишварҳои мададрасон ба муҳоҷирони меҳнатии худ пас аз бозгашт ба ватан имтиёзҳои гумрукӣ медиҳанд. Барои баланд бардоштани самаранокии механизми ташкилӣ ва иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ба назари мо, бояд сиёсати муҳоҷират тақвият дода шавад. Тавассути ҳавасмандкунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ роҳбарияти ҷумҳурӣ бояд ба ҳаҷм ва сохтори он фаъолона таъсир расонад. Чунин таъсир ҷанбаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1. *Талабот ба субъектҳои муҳоҷирати меҳнатӣ.* Субъектҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ муассисаҳоеро дар бар мегиранд, ки муҳоҷирати меҳнатиро хизматрасонӣ менамоянд. Сиёсати фаъоли муҳоҷирати давлат аз филтр кардани ин субъектон бо истифодаи маҷмуи талаботҳое, ки ҳатмӣ мебошанд, оғоз мешавад. Қонунҳои муҳоҷират ду гурӯҳи чунин субъектҳоеро, ки таҳти танзими фаъоли давлатӣ қарор доранд, пешбинӣ мекунанд: ширкатҳои миёнаравӣ ва ширкатҳое, ки қувваи кориро ба бозорҳои берунаи меҳнатӣ содир мекунанд.

2. *Талабот ба ширкатҳои миёнаравӣ ва ширкатҳои содиркунанда.* Талабот нисбати ширкатҳое, ки дар хориҷа бо таъмини шуғли шаҳрвандон машғуланд, бояд қатъӣ бошанд. Талаботи анъанавӣ ба агентҳои таъмини шуғл дар хориҷа машғуланд, барои гирифтани иҷозатномаи давлатӣ мавҷудияти зайлро тақозо менамоянд:

– таҷриба дар соҳаи дахлдор, масалан, дар сайёҳии байналмилалӣ;
– ҳайати тахассуси дахлдор;

– дорои заминаи дурусти ташкилӣ ва моддию техникӣ;
– асосҳои илмӣ, нақшаҳои фаъолият;
– кафолатҳои моддӣ (молиявӣ) ва масъулияти ҳуқуқӣ барои натиҷаҳои фаъолият.

3. *Талабот ба муҳоҷирони меҳнатӣ.* Дар Тоҷикистон, ба монанди аксар кишварҳои донор, озодии баромадан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ маҳдуд нест. Бо вуҷуди ин, қонунгузории миллии баъзе кишварҳо як қатор талаботро барои муҳоҷири эҳтимолӣ пешбинӣ мекунад. Дар байни сабабҳое, ки барои рафтан ба хориҷа монеъ мешаванд, инҳоянд [5]:

1. мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳо;
2. мавҷудияти касби дар иқтисодиёти миллӣ норасо;
3. қарзи молиявӣ;
4. синну соли ҳарбӣ;
5. мавҷудияти уҳдадориҳо дар назди оила;
6. мушкилот бо қонун (масалан, таҳқиқшаванда);
7. нагирифтани уҳдадориҳо оид ба татбиқи стандартҳои умумиэътирофшуда;
8. форс-мажор.

4. *Сиёсати экспансионистӣ.* Давлатҳое, ки ба содироти қувваи корӣ машғуланд, усулҳои васеи мусоидат ба муттаҳидкунии қувваи корӣ дар бозорҳои меҳнатии хориҷиро доранд, ки дар навбати аввал инҳоянд:

*а) Демпинги қувваи корӣ (сиёсати ҳадди ақали музди меҳнат).* Яке аз воситаҳои таъсирбахше, ки аз ҷониби давлат барои танзими шиддатнокии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ истифода мешавад, муқаррар ва тасҳеҳи саривақтии ҳадди ақали музди меҳнат дар шартномаҳои меҳнатии аз ҷониби коргарони муҳоҷир басташуда мебошад. Чунин демпинги қувваи корӣ одатан бо хоҳиши ҳукуматҳои кишварҳои донори қувваи корӣ ба таври сунъӣ баланд бардоштани талабот ба қувваи корӣ ва нигоҳ доштани мавқеи пешинаи худ дар кишварҳои воридшавӣ ба миён омадааст. Аммо, ҳатто дар чунин шароит, содироти қувваи корӣ ҳам ба кишварҳои донор ва ҳам ба муҳоҷирон манфиатовар мебошад. Ин бо нигоҳ доштани фарқиятҳои азим дар сатҳи даромади коргарон дар хориҷ ва дар ватан вобаста аст.

*б) Ҳавасмандгардонии содироти дахлдор.* Кишварҳои гуногун аз имкониятҳои «алоқаманд кардани» содироти маҳсулоте, ки дар дохили кишвар ба ҷараёни муҳоҷират истеҳсол карда мешаванд, истифода мебаранд (яъне чунин гурӯҳҳои шаҳрвандоне соҳиби кор мегарданд, ки фаъолияти онҳо дар хориҷа, содироти маҳсулоти ватаниро талаб мекунанд) ва ғайра.

*в) диверсификатсияи ҷуғрофӣ ва касбӣ.* Агар муҳоҷират танҳо ба як (ё якчанд) давлати ҳамсоя сурат гирад, пас ҳама гуна тағйироти бозсозанда дар сиёсати иқтисодии қабулкунанда метавонанд дар иқтисодиёти кишвар, ки содироткунандаи қувваи корӣ мебошад, таъсири бад расонад. Вазъияти ба ин монанде ба вуҷуд меояд, агар кишвари донор ба содироти қувваи кории маҳдудтахассус ёфта машғул бошад. Барои коҳиш додани вобастагӣ аз тамоюлоти вазъияти кунунӣ, кишварҳои донор кӯшиш мекунанд, ки минтақаҳои ҷуғрофии тамаркуз ва таркиби касбии муҳоҷирони худро то ҳадди имкон васеъ кунанд. Барои назорат аз рӯи бозори меҳнат дар кишварҳои қабулкунанда, кишварҳои донор аз ҷиҳати ҷуғрофӣ фаъолияти агентиҳои шуғлро дар хориҷа диверсификатсия мекунанд.

*г) Омодасозии мутахассисон.* Яке аз самтҳои сиёсати экспансионистии кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ, тамаркуз ба низоми омодасозии кадрҳо ба талаботҳои мамлакатҳои қабулкунанда мебошад, ҳол он ки омодасозии кадрҳо аз ҳисоби мамлакатҳои қабулкунанда амалӣ карда мешавад.

д) *Танзими пардохт барои хизматрасониҳои миёнаравӣ.* Фишанги қавии танзими содироти қувваи корӣ, пардохти музди меҳнат барои кор дар хориҷа мебошад. Дар ҳама кишварҳо, агентҳои кироя қисми зиёди даромади коргарони муҳоҷирро дар шакли пардохт барои кумак ба шуғл мусодира мекунанд. Ҳамин тариқ, нархи хизматрасониҳои миёнаравӣ, дар навбати худ, даромадҳои меҳнатиро дар дохили кишвар ва берун аз он баробар мекунад. Давлат дар муайян кардани пардохтҳои миёнаравӣ тавассути муқаррар кардани меъёрҳои тафриқавӣ ва ҳудудӣ фаъолона мудохила мекунад. Ғайр аз он, давлат

усулҳои ғайримустақим ва андозиро барои танзими пардохти музди меҳнат истифода мебарад.

е) *Танзими сохтори мутахассисоне, ки ба хориҷа сафар мекунанд.* Кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ, сохтори минтақавӣ ва касбии мутахассисонро, ки ба хориҷа барои кор рафтаанд, ба таври дақиқ танзим менамояд. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии паҳншавии коргарони ихтисосҳои маҳдуд ва "ғоратгарӣ"-и минтақаҳои камбуди меҳнатӣ ба хориҷа маҳдудиятҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ истифода мешаванд. Дар байни онҳо:

– маҳдуд намудани додани шиносномаҳо;

– манъи рафтани гурӯҳҳои алоҳидаи коргарон ва ҷорӣ намудани квотаҳои муҳоҷиратӣ;

– муқаррарсозии муҳлати кори ҳатмӣ дар кишвар пас аз хатми таҳсил аз ҳисоби давлат;

– ҷудосозии минтақаҳои афзалиятноки кишвар аз рӯи меъёрҳои шуғл;

– тафриқаи меъёри пардохтҳои қурби асъори коргарони муҳоҷир.

ж) *мусоидат дар таъмини шуғли бозгаштаҳо.* Аз ватан дур монда, бисёр муҳоҷирони корӣ баъд аз бозгашт, дар пайдо кардани кор душвориҳои муайянро аз сар мегузаронанд. Барои суръат бахшидан ва осон кардани раванди реинтегратсияи бозгаштаҳо, аз ҷониби кишварҳои донор тадбирҳои махсус таҳия гардидаанд.

з) *ҷавобгарӣ барои вайронкуниҳо.* Масъулият барои вайрон кардани қонуни муҳоҷират ҳам ба худи муҳоҷирон ва ҳам ба миёнаравҳо паҳн карда мешавад. Ашхосе, ки ғайриқонунӣ муҳоҷират кардаанд ё уҳдадориҳои шартномаро иҷро намекунанд, ҳангоми баргаштан ба ватан ба ҷазои муайян дучор мешаванд. Дар ҳама кишварҳои донор, миёнаравоне, ки барои ба хориҷа равона намудан фаъолият менамоянд, масъулияти ҷиддиро доранд. Онҳо бояд дар мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта шуда, литсензияи давлатӣ дошта бошанд.

Дар хотима мехоҳам қайд намоям, ки дар раванди идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, низоми мақомотҳое, ки тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро барои тамоми соҳаҳои механизми иқтисодӣ амалӣ месозанд, нақши муҳим дорад. Аммо, ҳолати ин низом ба талаботи муосир комилан ҷавобгӯ нест: набудани тамаркуз ба кор дар оянда, баҳисобгирӣ ва пешгӯии хусусиятҳои қаламравӣ вуруд.

Мо боварӣ дорем, ки истифодаи амалии тавсияҳои мо оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва оптимизатсия кардани механизми ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, боиси баланд бардоштани самарабахшии сиёсати иҷтимоию иқтисодии татбиқи сиёсати шуғл ва муҳоҷират дар ҷумҳурӣ ва инчунин, ҳалли масъалаи ноилгардии тавозуни манфиатҳои умумимиллӣ, минтақавӣ ва хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат мегарданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Фарррухӣ Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Искандаров Х.Х. Миграция населения и ее социально-экономические последствия / Х.Х. Искандаров, Д.Т. Ганиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4-1. -С.57-62.
2. Искандаров Х.Х. Проблемы кадрового обеспечения и утечка мозгов в условиях глобализации / Х.Х. Искандаров, Саъдуллозода Н.С. // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. В 2-х томах; под общей редакцией З.О. Адамановой. - 2019. -С.676-680.
3. Искандаров Ҳ.Ҳ. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ / Х.Х. Искандаров, Саъдуллозода Н.С. // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2020. -№2. -С.117-124.
4. Маслова И.С. Механизм перераспределения рабочей силы при социализме / И.С. Маслова. -М., 1985. -245 с.
5. Моденов В.А. Организационно-экономические механизмы управления трудовой миграцией в Российской Федерации: автореф. дисс на соиск. уч. ст. канд. экон. наук / В.А. Моденов. -М., 2007. -24 с.
6. Моисеев В.М. Территориальное движение населения: характеристика и проблемы управления / В.М. Моисеев. -М., 1985. -166 с.
7. Осипов Ю.М. Опыт философии хозяйства / Ю.М. Осипов. -М., 1990. -С.144-145.
8. Петрова Т.П. Механизм миграционного обмена: методы исследования / Т.П. Петрова. -Киев, 1992. -157 с.
9. Рузавина Е.И. Экономические формы рабочей силы при социализме / Е.И. Рузавина. -М., 1982. -125 с.

10. Саъдуллозода Н.С. Муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ва роҳҳои танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ. Монография / Саъдуллозода Н.С.. -Душанбе, 2023. -190 с.
11. Саъдуллозода Н.С. Бозори ҷаҳонии меҳнат ва мигратсияи байналхалқии қувваи корӣ / Саъдуллозода Н.С. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2017. -№2/9. -С.51-56.
12. Саъдуллозода Н.С. Самтҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Саъдуллозода Н.С. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№10. -Қ.2. -С.108-113.
13. Саъдуллозода Н.С. Социально-экономические причины международной миграции и ее последствия / Саъдуллозода Н.С. // Вестник Таджикского национального университетат. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№10. -Ч.1. -С.273-277.
14. Черевичко Т.В. Миграционные отношения как фактор глобализации рынка труда: дисс. на соиск. уч. ст. докт. экон. наук / Т.В. Черевичко. -Волгоград, 2002. -185 с.

## ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ба ақидаи муаллиф масъалаи такмилдиҳии механизми танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити муосир яке аз масъалаҳои фаъоли иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти иқтисодӣ бештар таҳлилу баррасии механизми иқтисодии муҳоҷират ба назар мерасад. Дар ин замина, механизми мубодилаи муҳоҷират, механизми фаъолияти муҳоҷират, механизми идоракунии муҳоҷират ва механизми азнавтақсимсозии қувваи кориро фарқ мекунанд. Ба ақидаи муалиф таҳқиқи механизми муҳоҷират дар иқтисоди муосир бояд ба муқаррароти методологӣ оид ба моҳият ва мундариҷаи механизми иқтисодӣ, механизми хоҷагидорӣ ва механизми ташаккули шуғл асос ёбанд. Чунин муносибати методологӣ ба мо имкон медиҳад, ки механизми муҳоҷирати қувваи корӣ қисми ҷудонопазири механизми иқтисодӣ дар маҷмуъ мебошад. Аҳаммияти мавзуи баррасишаванда бо он шарҳ дода мешавад, ки раванди ҷаҳонишавии истеҳсолот, ки дар тамоми ҷаҳон фаъолона ба амал меояд, бо ҷаҳонишавии қувваи корӣ ҳамроҳ мешавад. Муҳоҷирати меҳнатӣ як ҷузъи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ гардид. Муҳоҷирати байналмилалии захираҳои меҳнатӣ як падидаи мураккаб ва норавшан буда, омӯзиши амиқро дар заминаи тамоюлҳои имрӯзаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар ҳамбастагӣ бо дигар равандҳо ва падидаҳои ҳаёти иқтисодии ҷомеаи муосир тақозо мекунад. Механизми мавҷудаи ташкилӣ ва иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамчун маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои таъсиррасон ба равандҳои муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон бояд усули интихобиро дар истифодаи чораҳои молиявӣ, андозӣ ва қарзӣ оид ба ҳавасмандгардонии шуғл ва танзими бозори меҳнат таъмин намояд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир ба мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ва танзими он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

**Калимавожаҳо:** механизм, муҳоҷират, қувваи корӣ, танзимнамоӣ, шуғл, ҳавасмандгардонӣ, меҳнат, бозори меҳнат, шуғли маҳсулнок, ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА РЕГУЛИРОВАНИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

По мнению автора, вопрос совершенствования механизма регулирования трудовой миграции в современных условиях является одним из актуальных экономических вопросов. В экономической литературе содержится большое количество работ, посвященных анализу и обзору экономического механизма миграции. В этом контексте выделяют механизм миграционного обмена, механизм миграционной деятельности, механизм управления миграцией и механизм перераспределения рабочей силы. По мнению автора, исследование механизма миграции в современной экономике должно базироваться на методологических положениях о природе и содержании экономического механизма и механизма формирования занятости. Такой методический подход позволяет нам утверждать, что механизм трудовой миграции является неотъемлемой частью экономического механизма в целом. Актуальность рассматриваемой темы объясняется тем, что активно происходящий во всем мире процесс интернационализации производства сопровождается интернационализацией рабочей силы. Трудовая миграция стала частью международных экономических отношений. Международная миграция трудовых ресурсов – явление сложное, неоднозначное, требующее пристального изучения в контексте современных тенденций развития мировой экономики, во взаимосвязи с другими процессами и явлениями экономической жизни современного общества. Существующий организационно-экономический механизм регулирования трудовой миграции как совокупность форм, методов и инструментов, влияющих на миграционные процессы и социальную защиту мигрантов, должен обеспечивать избирательный метод применения финансовых, налоговых и кредитных мер стимулирования занятости и регулирования трудовой миграции. Поэтому в современных условиях большое внимание уделяется проблемам международной трудовой миграции, ее регулирования.

**Ключевые слова:** механизм, миграция, рабочая сила, регулирование, занятость, мотивация, труд, рынок труда, производительная занятость, социальная защита мигрантов.

## IMPROVING THE MECHANISM FOR REGULATING LABOR MIGRATION IN MODERN CONDITIONS

According to the author, the issue of improving the mechanism for regulating labor migration in modern conditions is one of the pressing economic issues. The economic literature provides more analysis and overview of the economic mechanism of migration. In this context, the mechanism of migration exchange, the mechanism of migration activity, the mechanism of migration management and the mechanism of labor redistribution are distinguished. According to the author,

the study of the migration mechanism in the modern economy should be based on methodological provisions about the nature and content of the economic mechanism and the mechanism of employment formation. This methodological approach allows us to assert that the mechanism of labor migration is an integral part of the economic mechanism as a whole. The relevance of the topic under consideration is explained by the fact that the process of internationalization of production, which is actively occurring throughout the world, is accompanied by the internationalization of the workforce. Labor migration has become part of international economic relations. International migration of labor resources is a complex, ambiguous phenomenon that requires close study in the context of current trends in the development of the world economy, in conjunction with other processes and phenomena of the economic life of modern society. The existing organizational and economic mechanism for regulating labor migration as a set of forms, methods and tools that influence migration processes and social protection of migrants should provide a selective method of applying financial, tax and credit measures to stimulate employment and regulate labor migration. Therefore, in modern conditions, much attention is paid to the problems of international labor migration and its regulation.

**Keywords:** mechanism, migration, labor force, regulation, employment, motivation, labor, labor market, productive employment, social protection of migrants.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саъдуллозода Насруллои Саъдулло*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор Ph.D, муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Адрес:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Телефон: **985-16-91-91**

**Сведения об авторе:** ***Саъдуллозода Насруллои Саъдулло*** – Таджикский национальный университет доктор Ph.D, старший преподаватель кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Телефон: **985-16-91-91**

**Information about the author:** ***Sadullozoda Nasrulloi Sadullo*** - Tajik National University Doctor Ph.D, Senior Lecturer, Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Phone: **985-16-91-91**

ТДУ: 33+620.9(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РУШДИ НЕРУИ СОДИРОТИИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР МИНТАҚА

*Собиров И.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Неруи содиротии давлат, яке аз нишондиҳандаи рақобатпазир будани иқтисоди миллиро дар бозори ҷаҳонӣ нишон дода, қобилияти давлатро барои содироти захираҳои дар ихтиёрашбуда ва ё молу хизматрасонӣ инъикос менамояд. Аз ин ҷост, ки равандҳои ташаккул ва густариши неруи содиротии иқтисоди миллӣ ҷузъи муҳимми стратегии рушди он ба ҳисоб меравад. Чи тавре Е.А. Батурина ва А.В. Светсых [2,с.136] қайд кардаанд: "Неруи содиротии иқтисоди миллӣ ин манфиатнок будани иқтидори иқтисодии рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин, воситаи пешбарандаи манфиатҳои кишвар дар ҳавзаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад".

Оиди неруи содиротӣ дар адабиётҳои иқтисодӣ таърифҳои зиёд оварда шудаанд, аммо шарҳи ягонаи умумиэътирофшудаи ин мафҳум вуҷуд надорад. Ин боис мегардад, ки идоракунии такмилдиҳии неруи содиротиро ба мушкилӣ мувоҷеҳ созад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дастгоҳи консептуалӣ ва категориявиро оиди моҳияти неруи содиротӣ таҳқиқ ва ба низом даровард.

Баъзе аз шарҳи мафҳуми иқтидорро дида мебароем, ки чунинанд:

- ҷарайёни раванд ин (раванди амалӣ / амалӣ ва имконпазирии нақшаҳои дарояндабуда) мазмуни иқтидор ҳамчун фаъолияти тағйирёбанда ва даври як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигари мукаммалтар гузаштан мебошад;
- муносибат бо коркарди захираҳо (дар айни замон мавҷуд аст), ки фаҳми иқтидор ҳамчун маҷмуи захираҳои зарурӣ барои тағйиротҳои сифатӣ асос ёфтааст.

Истифодаи истилоҳи "иқтидор" ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар вобастагӣ бо низомҳои иқтисодӣ боиси пайдоиши мафҳуми "иқтидори иқтисодӣ" гардид. Бори аввал мафҳуми иқтидори иқтисодӣ дар охири солҳои 70-ум то ибтидои солҳои 80-уми асри XX истифода шуда буд. Бинобар нишондоди таҳлилҳои дар боло зикргардида, иқтидори иқтисодӣ аз рӯйи ин равишҳо гурӯҳбандӣ мешавад.

**Расми 1. Гурӯҳбандии иқтидори иқтисодӣ**
**Figure 1. Classification of economic capacity**




Лозим ба ёдоварист, ки маҷмуи амалиётҳои субъектони хоҷагидорӣ дар худ истеҳсолот, тақсим, мубодила, хизматрасонии баъди фурӯш, таъминоти моддӣ-техникӣ, ташкили меҳнат ва идораи коргариро ифода менамояд. Масалан муносибати ҳаракати маҳсулоти ҷамъиятиро И.А. Войсеховская [3,с.27] ҷонибдорӣ кардааст.

Инчунин, олими дигари иқтисодчӣ В.Я. Горфинкел [4,с.670] маҷмуи қобилияту имкониятҳои рушд ва инкишофи иқтидори иқтисодиро аз ду нуқтаи назар баҳо додааст:

- рушди консервативии иқтидори иқтисодӣ, ки вусъат додани истеҳсолот ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолотро дар бар мегирад (ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна 1/3 ҳиссаи рушди иқтисоди ҷаҳонро ташкил медиҳад);

- рушди инноватсионии иқтидори иқтисодӣ, ки таркиби он аз инноватсия ва технологияҳои навин иборат мебошад, (тақрибан 2/3 ҳиссаи суръати рушди иқтисоди ҷаҳонро ташкил медиҳад).

Олимони соҳаи иқтисодиёт чунин ақида доранд, ки маҷмуи омилҳои истеҳсолот, ин сабаб ва пайвандгари иқтидори иқтисодиро (қуллаи баландтарини истеҳсолот дар соҳаи саноат корхонаҳои алоҳида, ки бо мавҷудияти омилҳои истеҳсолот муайян карда мешавад) бо афзоиши истеҳсоли молҳо ифода менамояд [15,с.283].

Гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки маҷмуи захираҳои иқтисодӣ метавонанд миқдори муайяни неъматҳои моддиро ба вуҷуд оваранд. Иқтидори захираҳо ҳамчун ҳаҷми мавҷудаи миқдори захираҳо қодир аст ҳаҷми захираҳоеро, ки ширкатҳо дар оянда ба даст оварда метавонанд, муайян намояд [17,с.13].

Аз ин ҷост, ки иқтидори содиротӣ ҷузъи таркибии иқтисоди миллӣ буда, қобилияти устувории иқтисоди миллиро дар саноат ва соҳаҳои алоҳида инъикос менамояд. Инчунин, ҷоннокшавии истеҳсоли ширкатҳову корхонаҳоро барои содирот ба миқдори муайяни маҳсулоти рақобатпазир дар бозори хориҷӣ таъмин менамояд.

Иқтидори содиротии иқтисоди миллӣ, ҳамчун падидаи ягонаи муттаҳидсозии захираҳое, ки бе восита барои бавуҷудории фаъолияти содиротӣ заминагузор мебошанд, фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, барои зиёд кардани ҳаҷми содирот, истеҳсоли молу маҳсулоти аълосифат ҷузъи асосии ин фаъолият мебошад.

Бояд қайд кард, ки муҳимтарин қисматҳои энергетикии кишвар аз захираҳои обӣ сарчашма мегиранд. Чи хеле аз маълумотҳои мушаххаси оморӣ бармеояд 96%-и истеҳсоли неруи барқ яъне иқтидори мавҷудаи шабакаҳои умумии барқӣ дар кишвар аз манбаъҳои гидроэнергетикӣ ҳосил карда мешаванд. Бинобар ин сабаб, захираҳои бузурги обӣ коркард мешаванд ва истифодаву зиёд кардани ҳаҷми содиротии онҳо яке аз ҳадафҳои ниҳоии кишвар ба ҳисоб меравад. Инчунин, барои расидан ба ин дастоварди бузург, яъне истиқлолияти пурраи энергетикӣ ба давлат зарур мебошад, ки тадбирҳои боз ҳам мушаххас андешад.

Яке аз унсурҳои муҳимми гидросферӣ, гидроэнергетика ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки техногенӣ (шарти рушди техникӣ) ва антропогенниро дар бар мегирад, (давраи то ҳол давомдори таърихии замин, ки дар он инсоният ба вуҷуд омадааст). Антропогенн (тақрибан 2-2,5 миллион сол боз давом дорад) захираҳои обиро дар ҳавзаи комплекси ягонаи иҷтимоию табиии хоҷагиҳо ва қитъаҳои обдоштаро нишон медиҳад.

Кишвари мо яке аз дорандаи иқтидори зиёди обӣ мебошад. Ин нишондиҳандаи он аст, ки мамлакат имкониятҳои васеи рушд додани соҳаи гидроэнергетикаро доро буда, иқтидори содиротии худро дар иқтисодиёти ҷаҳон зиёд карда метавонад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки истифодаи самараноки энергетика дар рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бузургеро мебозад. Таҳлил ва омӯзиши захираҳои табиии ҷумҳурӣ ва муқоисаи онҳо нишон доданд, ки захираҳои табиии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла захираҳои нафтӣ ва энергетикӣ асосан: гази табиӣ (Ӯзбекистон), нефти (Туркманистон), гидроэнергетика ва ангишти (Қирғизистон), нафту ангишти (Қазоқистон) ва қисми зиёди захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гидроэнергетика иборат мебошанд. Дар баробари ин, қисми зиёди захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ [9,с.37] дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд.

Тадриҷан наздики 200 сол аст, ки гидроэнергетика ба ҳисоби захираҳои маъмули энергетикӣ дохил шуда, бо муваффақият истифода карда мешавад. Бинобар ин, вақтҳои охир, бо сабаби мураккаб ва тезутунд шудани вазъ дар фазои сӯзишвории истихроҷшаванда, номуайянии захираҳо, болоравии нархҳо ва пурзӯр шудани талаботи экологӣ, таваҷҷуҳ ба он зиёд гардид.

Дар ин асно, заминаҳои зикргардида танҳо манбаи гидроэнергетикӣ хусусиятҳои мусбӣ дорад. Аз ин ҷост, ки гидроэнергетика яке аз манбаъҳои барқароршаванда буда, ҳатто дар ҳолатҳои мураккаби тағйирёбии иқлим дар сайёра камтағйир боқӣ мемонад. Ҳамзамон, гидроэнергетика ягона манбае ҳисобида мешавад, ки аз ҷиҳати экологӣ тозаву безарар буда, ба муҳити атроф таъсири манфӣ намерасонад. Инчунин, арзишаш низ яке аз камнархтарин навъҳои энергия эътироф шудааст. Арзиши аслии истеҳсоли он дар

шабакаҳои барқи – обии айни замон фаъолияткунанда камтар аз 0,1 сент / квт – соат иборат буда, бо назардошти ҳамлу нақл ба истеъмолкунанда то наздики 0,5 сент / квт – соатро ташкил медиҳад. Воқеан ҳолатҳое дар шабакаҳои обӣ – барқии нав мавҷуданд, ки баъд аз ҳамроҳ шудани ҳиссаи сармоягузорӣ ба арзиши аслӣ, андозаи сарфияти он то ба 3,5-4 сент мерасад. Бояд қайд кард, ки гидроэнергетика дар баробари хусусиятҳои мусбӣ доштаи худ, боз як қатор камбудиҳоро низ доро мебошад.

Аввалан гидроэнергетика дар муқоиса бо иқтидори нафту газ ва ҳатто ангишт захираи универсалӣ ба ҳисоб намеравад. Чунки самаранок истифодабарии он вобаста аст аз мавқеи ҷойгиршавии дарёҳо. Ҳамзамон захира кардани умумии гидроэнергетикӣ низ ғайриимкон аст. Бинобар гуфтаҳои дар боло зикргардида, мушоҳида кардан мумкин аст, ки захираҳои гидроэнергетикӣ дар мавқеи ҷуғрофии мамолики дунё гуногун тақсимбандӣ шуда, гурӯҳи нисбатан ками давлатҳо захираҳои гидроэнергетикии барои соҳаи саноат истифодашавандаро соҳиб мебошанд. Дар ҷадвали 1, таҳлили нишондиҳандаҳои 20 кишвари ҷаҳон бо захираҳои эҳтимолии обӣ нишон дода шудааст. Аз ҷадвали муқоисавии зерин бармеояд, ки захираҳои гидроэнергетикии давлатҳои дар сатри аввали ҷадвал ҷойдошта, назар ба давлатҳои дар сатри поён буда, 10 баробар зиёд аст.

Яке аз камбудии дигари маъмули гидроэнергетика ҳамчун манбаи энергетикӣ ин аст, ки тағйирпазирии таркибии зиёд дорад. Масалан ба ҳисоби миёна дар як сол тағйирот дар дарёҳо ду маротиба ба назар расида, дар як шабонарӯз бошад, даҳҳо маротиба тағйирот сурат мегирад.

Тамоми маълумотҳои дар боло зикргардида гувоҳӣ онанд, ки гидроэнергетика яке аз манбаъҳои мустақил буда, нисбатан имкониятҳои маҳдудро доро мебошад. Бинобар ин, афзалиятнок будани ин соҳа дар муттаҳидсозӣ бо дигар захираҳои энергетикӣ, пеш аз ҳама, бо манбаъҳое, ки аз сарчашмаҳои офтобӣ ва гармидиҳӣ ҳосил мегарданд, намудор мешавад.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои давлатҳое, ки соҳиби иқтидори бузурги захираҳои обӣ мебошанд**

**Table 1. Indicators of countries that have a large potential of water resources**

| № п/п | Кишвар | Иқтидори захираҳо (миллиард кВт/соат/сол) | Шумораи аҳолӣ (миллион нафар) | Истифодаи худӣ (миллиард кВт/соат/сол) | иқтидори содиротӣ (миллиард кВт/соат/сол) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Чин | 1 923 304 | 1 200 | 6 000 000 | -4 076 696 |
| 2.(1) | Россия | 1 670 000 | 148.0 | 740000 | 930000 |
| 3. | ИМА | 1 285 092 | 260.0 | 1 300 000 | 14 908 |
| 4. | Бразилия | 1 166 600 | 159 0 | 795 000 | 371 600 |
| 5.(2) | Алҷазоир | 774 000 | 39.0 | 195 000 | 579 000 |
| 6. | Ҳиндустон | 736 225 | 915.0 | 4 575 000 | 3 838 775 |
| 7.(4) | Канада | 631 713 | 27.3 | 136 500 | 495 213 |
| 9.(3) | Тоҷикистон | 527 000 | 7.2 | 30 000 | 497 000 |
| 9.(5) | Норвегия | 412 500 | 4.32 | 21 600 | 390 900 |
| 10. | Индонезия | 401 646 | 190 | 950 000 | 548 354 |
| 11. | Перу | 395 118 | 24.0 | 120 000 | 275 118 |
| 12. | Венесуэла | 260 720 | 21.8 | 109 000 | 151 720 |
| 13. | Туркия | 215000 | 60.8 | 304 000 | 89 000 |
| 14. | Колумбия | 200 000 | 35.0 | 175 000 | 25 00 |
| 15. | Австралия | 198 000 | 21.5 | 107 500 | 90 500 |
| 16. | Мадагаскар | 180 000 | 124 | 62 ООО | 118000 |
| 17. | Непал | 179 000 | 18.5 | 92500 | 86500 |
| 19. | Аргентина | 171 720 | 34.5 | 172 500 | 780 |
| 19. | Чили | 1 62 232 | 14.0 | 70 000 | 92 232 |
| 20. | Эфиопия | 162 000 | 50.0 | 250 000 | 88 000 |

Сарчашма: Петров Г.Н. Гидроэнергетика и её роль в региональной интеграции стран Центральной Азии.

Ҳамин тавр масъалаи ҷиддие, ки то ҳол ҳалли худро наёфтааст, истифодаи захираҳои обӣ ба дигар самтҳову соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, саноат ва махсусан обёрии заминҳои

корам мебошад. Бинобар ин, сол то сол норасогии навъи захираи табиӣ ҳамчун манбаи гидроэнергетикӣ мушоҳида мешавад.

Аз ин ҷост, ки гидроэнергетика дорои хусусиятҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ буда, инчунин, имкониятҳои самаранокии зиёдро доро мебошад. Ҳамзамон, зарурати робитаи иттиҳодияҳои ҳамкории гидроэнергетикӣ бо дигар манбаъҳои энергетикӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт равшан ба назар мерасад. Ҳамаи пешниҳодҳои зикргардида, танҳо тавассути ҳамгироии васеи иқтисодӣ ҳам дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва ҳам дар соҳаҳои иқтисоди минтақавӣ дар байни кишварҳо ба мақсад наздик мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар бораи ин гуна ҳамгироии васеъ танҳо бо мамлакатҳои захираҳои бузурги энергетикӣ дошта муносибатҳои иқтисодӣ ба роҳ мондан манфиатнок мебошад. Чи хеле аз ҷадвал бармеояд, Тоҷикистон низ дар ҷаҳон яке аз давлатҳои захираи бои энергетикӣ дошта ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ аз нигоҳи дороии захираҳои гидроэнергетикӣ ҷойи якумро ишғол намуда, инчунин, аз рӯйи захираҳои мутлақи гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Аз рӯйи захираи хосси худ бошад, ба як воҳиди масоҳат дар ҷойи аввал буда, аз нигоҳи захираи махсуси худ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷойи сеюм меистад. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати содиркунандаи энергетикӣ дар дунё ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шумораи аҳолиаш тақрибан ба 0,1%-и масоҳати рӯйи замин ва аҳолии умумии он баробар мебошад. Иқтидори гидроэнергетикиаш бошад 4% - неруи гидроэнергетикии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори Иттиҳодияи Давлатҳи Мустақил (ИДМ) аз ҳисоби дорандаи иқтидори гидроэнергетикӣ баъд аз Федератсияи Россия ҷойи дуюмро гирифта, дар Осиёи Марказӣ бошад, мақоми аввалро соҳиб гаштааст. Неруи содиротии кишвари мо рӯз то рӯз афзоиш ёфта истода, иқтидори он аз ҳаҷми талаботи минтақаҳо зиёд мебошад. Инчунин бо дарназардошти имкониятҳои Қирғизистон, ки иқтидори гидроэнергетикии он тақрибан 20%-и иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, дар маҷмуъ мавқеи Осиёи Марказиро дар ҷаҳон қавитар мегардонад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳамгироии Тоҷикистону Қирғизистон бо кишварҳои дигари минтақа барои истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои обии худ ҳадафи стратегӣ ҳисобида мешавад.

Воқеан иқтидори энергетикӣ асоси пешрафт ва фаъолияти иқтисодии ҳар як мамлакату минтақа мебошад. Қувваи барқ яке аз самараҳои сармояи инсонӣ буда, он натанҳо барои ташкили фаъолияти самараноки хоҷагидорӣ истифода шуда, балки барои бунёди сарвати миллии кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ заминаи мусоид мебошад. Бинобар ин, пурзӯрнамоии омилҳои рушди соҳаҳои иқтисодӣ роҳест барои расидан ба устувории рушди саноати иқтисоди миллӣ.

Аз таҷрибаи сохтмони неругоҳҳои обӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки бунёди шабакаҳои обии барқӣ дар бисёре аз мавзеъҳо, махсусан дар ноҳияҳои дурдасти кишвар суст рушд кардаанд. Махсусан бунёди ин шабакаҳо метавонад яке аз муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодии минтақаҳо ва таъминкунандаи некуаҳволии аҳолӣ бошад.

Таъсиси заминаи нави энергетикӣ на танҳо ба пешрафти саноати маҳаллӣ мусоидат мекунад, балки ҷалби зиёди истифодабарандагони бузурги энергетикиро ба минтақаҳо ифода менамояд. Инчунин, дар бахшҳои асосии истеҳсолот ҷойҳои зиёди нави корӣ ба вуҷуд омада, ба таъмини (нақлиёт, хизматрасониҳо, бо барқ таъмин будани аҳолӣ, доштани манзили зист ва ғайра) некуаҳволии аҳолӣ, ҷалби қувваи корӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳо мусоидат менамояд.

Бунёди шабакаҳои нави гидроэнергетикӣ ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки қувваи кории дар дохил ва ҳатто дар хориҷи кишвар бударо ба сохтмон ва таъмири шабакаҳои гидроэнергетикӣ (коммуналӣ, нақлиётӣ, обёрии оби нушокӣ ва ғайра) ҷалб намуда, ба пешгирӣ намудани бекории даврӣ ва таъмини шуғли пурра заминагузор бошад.

Таҷрибаи сохтмони шабакаҳои гидроэнергетикӣ нишон доданд, ки баъди итмоми сохтмони шабакаҳои барқӣ, бархе аз коргарони ба кор сафарбарбуда, метавонанд дар оянда ба кашидани ноқилҳои барқӣ ва хизматрасонӣ ба кор фаро гирифта шаванд.

Ҳадафи асосии иҷтимоии сохтмони шабакаҳои баркӣ, расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ ва зиёд кардани буҷети ҷумҳурӣ аз ҳисоби андозҳо мебошад.

Воқеан манфиатҳои дигари бунёди обанборҳо, ин шароит фароҳам овардан барои пешгирии обхезиҳои тасодуфӣ баамаломада мебошад. Инчунин, зарари фалокатбори обхезӣ метавонад ба истеҳсолоти кишоварзӣ, минтақаҳои аҳолинишин ва ҳатто бо ҷоннисориҳои мардуми осоишта ба поён расад.

Бояд қайд кард, ки афзалияти гидроэнергетика дар муқоиса бо энергияи аз шабакаҳои гармидиҳӣ ҳосилшаванда он аст, ки хароҷоти бакордарории истеҳсолии он алтернативӣ мебошад. Хусусияти дигари бартариятдоштаи гидроэнергетика дар он мебошад, ки партовҳои моддаҳои зарарнокро ба атмосфера хориҷ накарда, ба антропоген (даври таърихии замин) ва фазои осмонӣ таъсири кам мерасонад. Инчунин, вазъи молиявии давлат низ беҳтар мегардад.

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки иқтидори содиротӣ асоси мақсадҳои соҳаҳои саноат маҳсуб шуда, нақши муҳимтарини омили устуворкунандаи рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои онро иҷро намуда, амалан ҳамчун манбаи асосии воридоти асъорӣ ба буҷети давлатӣ хизмат мекунад.

Инчунин, иқтидори содиротии иқтисоди миллӣ ҷузъи такондиҳандаи рушди иқтисодии кишвар буда, қобилияти умумии иқтисоди миллӣ, саноат, бахшҳои алоҳида ё ширкатҳоро барои содироти миқдори муайяни маҳсулоти рақобатпазир дар бозори хориҷӣ ифода мекунад. Барои беҳтаргардонии фаъолияти содиротӣ ва тавлиди молҳои аълосифат бояд ба равандҳои табдилдиҳӣ ва гузариш аз як ҳолати муқаррарии истеҳсолӣ ба ҳолати нави коркарди маҷмуи захираҳои зарурӣ диққати махсус зоҳир намуд.

Раванди маҷмуи захираҳо ба мо имкон медиҳад, ки мафҳуми иқтидори содиротиро ҳамчун маҷмуи захираҳои субъектҳои хоҷагии халқ, ки ҳангоми истеҳсоли молу хадамоти рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ инъикос мегардад, ифода намоем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента: учеб. пособие / И.Т. Балабанов. -3-е изд., перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика, 2001. -521 с.
2. Батурина Э.А. Экспортный потенциал России: сущность и оценка / Э.А. Батурина, А.В. Цветцых // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. - 2010. -Т. 2. -№6. -С.136-138.
3. Войцеховская И.А. Потенциал предприятия как основа его конкурентоспособности / И.А. Войцеховская // Проблемы современной экономики. - 2006. -№1/2(17/18). -41 с.
4. Горфинкель В.Я. Экономика предприятия / В.Я. Горфинкель. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. -670 с.
5. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Peasant. – 2014. -№3. -С.91-93.
6. Проблемы современной экономики. - 2006. -№1. -С.27.
7. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. -М.: ИНФРА-М, 2012. -512 с.
8. Самоукин А.И. Потенциал нематериального производства / А.И. Самоукин. -М.: Знание, 2001. -148 с.
9. Сапир Е.В. Геоэкономическая картина мира: когнитивный ландшафт / Е.В. Сапир // Безопасность Евразии. - 2012. -№1(43). -С.261.
10. Шарипов, У.А. Инвестиционные риски в энергетике Республики Таджикистан: методы управления и их оценка на региональном уровне / У.А. Шарипов, З.М. Зиеев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№8. -С.37-45.
11. Шарипов, У.А. Основные направления активизации инновационного инвестиционного процесса в стране / У.А. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. -№2/3(165). -С.229-233.
12. Шарипов, У.А. Пути повышения активизации инвестиционного процесса в условиях открытости экономики в Республике Таджикистан / У.А. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. -№6. -С.120-123.
13. Шарипов, У.А. Совершенствование организационно-экономического механизма привлечения инвестиций в развитие энергетической отрасли регионов Республики Таджикистан / У.А. Шарипов, С. Маъдиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№10-1. -С.207-212.
14. Шевченко Д.К. Резервы производства, их классификация и влияние на эффективность производства / Д.К. Шевченко, О.В. Кирсанов // Вопросы экономики. - 2006. -№2.
15. Crafts N. Is Slow Economic Growth the ‘New Normal’ for Europe? // Atlantic Economic Journal. - 2017. Vol. 45. - No.3. -P.283–297. (DOI 10.1007/s11293–017–9551–9).

16. Ghauri P.N. Multinational Enterprises and Sustainable Development in Emerging Markets // J.-S. Berge et al. (Eds.). Global Phenomena and Social Sciences. -Cham: Springer, 2018. -147 p. -P.21–36. (DOI: 10.1007/978–3-319-60180–9_2).
17. Park H.S. Technology convergence, open innovation, and dynamic economy // Journal of Open Innovation: Technology, Market, and Complexity. - 2017. -Vol. 3. - Issue 24. -13 p. - DOI: 10.1186/s40852–017–0074-z.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РУШДИ НЕРУИ СОДИРОТИИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКАИ МИНТАҚА

Дар мақола мазкур масъалаҳои неруи содиротӣ таҳлил гардидаанд. Инчунин, дар адабиётҳои иқтисодӣ таърифҳои зиёд оиди неруи содиротӣ оварда шуда, аммо шарҳи ягонаи умумиэътирофшудаи ин мафҳум вуҷуд надорад. Ин боис мегардад, ки идоракунии такмилдиҳии неруи содиротиро ба мушкилӣ мувоҷеҳ созад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дастгоҳи консептуалӣ ва категориявиро оиди моҳияти неруи содиротӣ таҳқиқ ва ба низом даровард. Пешниҳод гардидааст, ки бинобар сабаби муҳимтарин қисматҳои энергетикии кишвар аз захираҳои обӣ сарчашма гирифтанаш бояд роҳҳои содиротии ин манбаи иқтисодиро ҷустуҷӯ намуда, фаъолияти содиротиро ба роҳ монем. Чи хеле аз маълумотҳои мушаххаси оморӣ бармеояд 96%-и истеҳсоли неруи барқ, яъне иқтидори мавҷудаи шабакаҳои умумии барқӣ дар кишвар аз манбаъҳои гидроэнергетикӣ ҳосил карда мешаванд. Бинобар ин сабаб, захираҳои бузурги обӣ коркард мешаванд ва истифодаву зиёд кардани ҳаҷми содиротии онҳо яке аз ҳадафҳои ниҳоии кишвар ба ҳисоб меравад. Инчунин, барои расидан ба ин дастовардҳои бузург, яъне истиқлолияти пурраи энергетикӣ ба давлат зарур мебошад, ки тадбирҳои зарурӣ андешад. Мақолаи мазкур дар худ роҳу равиши истифодаи потенсиали иқтисодиро ҳамчун маҷмуи омилҳои истеҳсолот таҷассум менамояд. Ҳамзамон, дар худ ду намуди иқтидори иқтисодӣ, ки омили асосии рушди минтақа ҳисобида мешавад, баррасӣ гардидааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои кишварҳое, ки дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошанд, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ пешсаф мебошад. Инчунин, аз рӯйи нишондиҳандаҳои захираҳои мутлақи гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон мавқеи ҳаштумро ишғол менамояд.

**Калидвожаҳо:** минтақа, иқтидор, Осиёи Марказӣ, сармоягузорӣ, энергетика, омилҳо, иқтидори содиротӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, истиқлолияти энергетикӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА ГИДРОЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКИ РЕГИОНА

В экономической литературе существует достаточное количество определений экспортного потенциала и в то же время отсутствует единая трактовка данного понятия, что осложняет возможности управления его формированием. Поэтому необходимо определиться с понятийно-категориальным аппаратом, а также исследовать и систематизировать различные теоретические подходы к сущности экспортного потенциала. Следует отметить, что важнейшей отраслью энергетики страны является гидроэнергетика, так как, по официальным данным, 96 процентов производства электроэнергии от существующих мощностей общих электрических сетей в стране приходится на гидроэнергетику. Поэтому, учитывая наличие больших гидроэнергетических ресурсов, ее развитие считается одной из стратегических целей государства, и для достижения энергетической независимости в этом направлении реализуется ряд мер. В данной статье предлагается процессный подход экономического потенциала как совокупность факторов производства. А также рассматриваются два типа экономического потенциала, которые считаются основным фактором развития региона. Анализированы показатели стран с самым большим потенциалом гидроресурсов. Таджикистан является лидером Центральной Азии по запасам гидроресурсов и занимает восьмое место в мире по абсолютным запасам гидроэнергии. В конце приводятся выводы и предложения.

**Ключевые слова:** регион, потенциал, Центральная Азия, инвестиция, энергетика, факторы, экспортный потенциал, интеграция, энергетическая независимость.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF EXPORT POTENTIAL HYDROELECTRIC POWER INDUSTRY OF THE REGION

In the economic literature, there are a sufficient number of definitions of export potential and, at the same time, there is no unified interpretation of this concept, which complicates the ability to manage its formation. Therefore, it is necessary to determine the conceptual and categorical apparatus, as well as to explore and systematize various theoretical approaches to the essence of export potential. It should be noted that the most important sector of the country's energy sector is hydropower, since according to official data, 96 percent of electricity production from the existing capacity of the general electrical networks in the country comes from hydropower. Therefore, given the presence of large hydropower resources, its development is considered one of the strategic goals of the state, and a number of measures are being implemented in this direction to achieve energy independence. This article proposes a process approach to economic potential as a set of factors of production. It also examines two types of economic potential, which is considered the main factor in the development of the region. The indicators of countries with the greatest hydropower potential are analyzed; Tajikistan is the leader in Central Asia in hydropower reserves and ranks eighth in the world in absolute hydropower reserves. At the end the conclusions and proposal are given.

**Keywords**: region, potential, Central Asia, investment, energy, factors, export potential, integration, energy independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собиров Исмоил Абдусабурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **773-33-38-78.** E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Собиров Исмоил Абдусабурович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономическое теории. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **773-33-38-78**. E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sobirov Ismoil Abdusaburovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **773333878**. E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

ТДУ: 338.24(575.3)

# МУАММОҲОИ ТАСНИФИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО

*Шарифов М.М., Гулзода Ш.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сарфи назар аз он, ки ташаккул ва рушди ҳисоботи идоракунӣ таърихи на он қадар тулони дошта бошад ҳам, аммо дар ҳар як корхонаю ташкилотҳои мушаххас шумораи зиёди шаклҳо ва нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунӣ арзи вуҷуд кардаанд. Намудҳои гуногуни ҳисоботи идоракунӣ бояд мувофиқи хусусиятҳои фарқкунанда тасниф карда шаванд. Омӯзиши таснифоти дар таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда барои корхонаҳое, ки маротибаи аввал баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳияи маҷмуи шаклҳои ҳисоботи идоракуниро ба роҳ мемонанд, аҳаммияти хосса дорад. Таснифот бояд муайян карда тавонад, ки ҳисоботи идоракунӣ чӣ гуна аст ва аз рӯи кадом хусусиятҳои таснифотӣ ба ин ё он гурӯҳ дохил карда мешавад. Пас аз муайян кардани ин, таҳияи сохтори ҳисобот осонтар гардида, иттилооти он мувофиқан гурӯҳбандӣ карда шуда, эҳтиёҷоти иттилоотии менеҷерони корхона қонеъ гардонида мешавад.

Дар корхонаҳои амалкунанда тарзҳои пешниҳоди ҳисоботҳои идоракунӣ гуногун мебошанд. Чун қоида ҳисоботҳои идоракунӣ дар шакли ҷадвал бо ҷамъи рақамҳо, ки дар ноқилҳои қоғазӣ гирд оварда шудаанд, пешниҳод карда мешаванд [11,с.314]. Таҳияи ҳисоботҳои идоракунӣ бо истифода аз шакли ягона ва сохтори умумӣ вобаста ба гуногунии талабот ба муҳтаво, шакл ва муҳлати пешниҳод имконнопазир аст (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Таснифоти ҳисоботи идоракунӣ**
**Figure 1. Classification of management reports**




Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи ҳисоботҳои идоракунӣ ба шарҳи гуногунмаъноӣ иттилоот оиди объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ роҳ додан мумкин нест. Номгӯи шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ, қисмҳо ва бобҳои он барои дарк кардани на танҳо иҷрокунандагон, бакли барои истифодабарандагон низ бояд дастрас бошад.

Меъёрҳои асосии гурӯҳбандии шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ, ба андешаи мо, инҳоянд:

1. **миқёси фарогирии иттилооти корхона** *дар шакли ҳисоботи молиявӣ:*

а) *ҳисоботи молиявии маҷмуи* (пурра, умумӣ) нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки фаъолияти корхонаро дар маҷмуъ тавсиф мекунад;

*б) ҳисоботи молиявии сегментӣ* (хусусӣ, ҷузъӣ) нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти воҳидҳои сохтории алоҳидаи корхона ва фаъолияти онро дар доираи сегментҳои асосии амалиётӣ тавсиф мекунад;

Барои тартиб додани ҳисоботи идоракунии сегментӣ нисбат ба таҳияи ҳисоботи идоракунии маҷмуӣ вакти хеле зиёдтар лозим аст, зеро нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунии маҷмуӣ дар шакли умумӣ, бидуни тафсилоти онҳо аз рӯи сегментҳо пешниҳод карда мешаванд. Ҳамзамон, барои муттаҳидсозии ҳисоботи идоракунӣ зарур аст, ки ҳисоботи муҳосибии ҳамаи сохторҳои ба гурӯҳи корхонаҳо дохилшуда, мавҷуд бошад.

Ҳисоботи маҷмуӣ имкон намедиҳад, ки дар бораи самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ, ки ҳангоми татбиқи идоракунии оперативии фаъолияти онҳо зарур аст, хулоса бароварда шавад. Ҳисоботи сегментӣ нуқсонро бартараф мекунад, аммо дар баъзе ҳолатҳо он низ бо иттилооте пур карда мешавад, ки дарки онро аз ҷониби корбар душвор мекунад.

2. **Инъикоси фаъолияти корхона дар** *ҳисоботи* идоракунӣ:

а) ҳисоботи идоракунӣ дорои нишондиҳандаҳое мебошад, ки фаъолияти асосии корхонаро тавсиф мекунад;

б) ҳисоботи идоракунӣ дорои нишондиҳандаҳое мебошад, ки фаъолияти *ғайриасосии* корхонаро тавсиф мекунад.

Аҳаммияти ин аломат барои таснифкунӣ дар он аст, ки ҷудо кардани фаъолиятҳои асосӣ ва ғайриасосӣ ба мо имкон медиҳад, то ба идоракунӣ диққати махсус дода, мутаносибан аҳаммияти иттилоотро дар ҳисоботи идоракунӣ қайд намоем. Аз ин рӯ, муҳлат ва давраҳои тартиб додани шаклҳои дахлдори ҳисоботи идоракуниро муайян кардан лозим аст.

3. *Мақсади таҳияи* ҳисоботи идоракунӣ:

а) ҳисоботи идоракунӣ иттилоотеро дар бар мегирад, ки ҳангоми идоракунии *стратегии* корхона истифода бурда мешавад;

б) ҳисоботи идоракунӣ иттилоотеро дар бар мегирад, ки ҳангоми идоракунии *оперативии* (тактикии) корхона истифода бурда мешавад.

Ин таснифот барои риояи принсипҳои фоиданокӣ ва кофӣ будани иттилоот зарур аст. Мақсадҳои гуногуни идоракунӣ иттилооти гуногунро талаб мекунанд, ки дар асоси онҳо қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул карда мешаванд [1,с.3]. Ҳангоми таҳияи стратегия, маълумот дар бораи он, ки кадом дороиҳои корхона барои татбиқи стратегияи таҳияшуда кофӣ нестанд, бештар зарур аст. Ҳангоми қабули қарорҳои оперативии идоракунӣ иттилоот дар бораи самаранокии истифодаи иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ зарур аст.

4. **Истифодабарандагони иттилооти** *ҳисоботи* идоракунӣ:

а) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботи иттилоотии роҳбарияти олии корхона, аз ҷумла директори генералӣ, сармуҳосиб, директори молиявӣ ва ғайра, ки идоракунии корхонаро дар маҷмуъ амалӣ мекунанд, равона шудааст;

б) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботи кормандони *банақшагирӣ ва хадамоти молиявӣ нигаронида шудааст;*

в) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботи иттилоотии кормандони *хадамоти истеҳсолӣ нигаронида шудааст*;

г) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботи кормандони хадамоти *таъминот ва фурӯш нигаронида шудааст;*

д) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботҳои кормандони хадамоти *кадрӣ нигаронида шудааст*;

е) ҳисоботи идоракунӣ ба қонеъ намудани талаботҳои кормандони низоми *назорати дохилӣ нигаронида шудааст.*

Чунин таснифот барои татбиқи принсипи мақсаднокии ҳисоботи идоракунӣ зарур аст. Истифодаи шакли умумӣ барои ҳама мақсаднок ба назар намерасад, зеро дар ин ҳолат ҳисоботи ба мутахассисони хадамоти кадрӣ пешниҳодшуда бо нишондиҳандаҳои зиёдатӣ, ки раванди таъминоти моддию техникӣ ва таъминоти воситаҳои асосиро тавсиф мекунанд, аз ҳад зиёд пур карда мешавад. Дар навбати аввал, таҳияи ҳисобот вақти бештарро талаб мекунад ва мувофиқан, принсипи фаврӣ вайрон карда мешавад. Сониян, ҳисобот нишондиҳандаҳои ғайримуқаррариро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, принсипи фоиданок будани иттилооти ҳисоботӣ вайрон карда мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳисоботҳое тартиб дода шаванд, ки ба талаботҳои иттилоотии корбари мушаххас ҷавобгӯ бошанд [3,с.220].

5. *Намуди марказҳои масъулият,* ки барои онҳо ҳисоботи идоракунӣ тартиб дода мешавад:

а) ҳисоботи идоракунии *маркази хароҷот*;

б) ҳисоботи идоракунии *маркази даромад*;

в) ҳисоботи идоракунии *маркази фоида*;

г) ҳисоботи идоракунии *маркази сармоягузорӣ.*

Ҳар яке аз марказҳои масъулияти дар боло зикргардида хусусиятҳои хос ва маҷмуи нишондиҳандаҳои худро доранд, ки самаранокии фаъолияти онҳоро тавсиф мекунанд. Ҳамин тариқ, маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳар як намуди шаклҳои ҳисобот аз маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунии дигар марказҳои масъулият фарқ мекунанд.

6. *Устувории таркиби нишондиҳандаҳое, ки* ба шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ дохил мешаванд:

а) ҳисоботи дохилӣ, ки дорои маҷмуи стандарти нишондиҳандаҳо барои шакли дахлдор, ки бо санадҳои меъёрии дохилии корхона муайян карда мешавад - *ҳисоботи стандартии идоракунӣ;*

б) ҳисоботи дохилӣ, ки таркиби фармоишии нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад - *ҳисоботи идоракунӣ.*

Зарурати чунин таснифоти ҳисоботи идоракунӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки шаклҳои стандартии ҳисоботи идоракунӣ бояд бо нишондиҳандаҳое пур карда шаванд, ки истифодабарандагони иттилоот барои қабули қарорҳо баъзан истифода мебаранд. Ворид намудани чунин нишондиҳандаҳо ба шаклҳои стандартии ҳисоботи идоракунӣ боиси мураккабии нолозимии он мегардад ва ба ин васила сифати базаи иттилоотиро барои қабули қарор паст мекунад. Дар сурати ба миён омадани маълумоти иловагӣ, он дар шакли ҳисоботи ташаббусӣ (фармоишӣ) пешниҳод карда мешавад.

7. **Давра ба давра тартиб додани ҳисобот***:*

а) ҳисоботи идоракунии ҳаррӯза;

б) ҳисоботи идоракунии ҳафтайина;

в) ҳисоботи идоракунии моҳона;

г) ҳисоботи идоракунии семоҳа;

д) ҳисоботи идоракунии солона;

е) ҳисоботи идоракунӣ, ки замони ба *як давраи амалиётӣ баробарро дар бар мегирад.*

Ҷудо намудани чунин шакли ҳисобот ба гурӯҳи алоҳида зарур аст, зеро давраи амалиётӣ давомнокии гуногун дошта, аз як давра ба давраи дигар тағйир меёбад. Масалан, дар корхонаҳои нақлиёти обӣ таҳияи ҳисоботи идоракунӣ дар давраи навигатсия ва дар давраи боқимондаи вақт, ки ҳар кадоми онҳо фарқиятҳои назаррас доранд, хеле мантиқӣ аст. Азбаски давомнокии навигатсия метавонад аз рӯи муҳлат фарқ кунад, давраи таҳияи ҳисоботи идоракунӣ низ гуногун хоҳад шуд.

Интихоби шакли ҳисобот вобаста ба давомнокии даврае, ки дар ҳисобот иттилоот пешниҳод мегардад, ба назари муаллиф як масъалаи назариявӣ ба назар расида, дар зерфасли махсус ҷудо карда шудааст.

8. *Даврае, ки иттилооти* ҳисоботи идоракуниро фаро мегирад:

а) ҳисоботи идоракунӣ, ки танҳо он нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки дар *давраи ҳисоботӣ ба даст оварда мешаванд*;

б) ҳисоботи идоракунӣ, ки нишондиҳандаҳои ҳам натиҷаҳои давраи *ҳисоботӣ* ва ҳам *як давраи қаблиро дар бар мегирад;*

в) ҳисоботи идоракунӣ, ки нишондиҳандаҳои ҳам натиҷаҳои *давраи ҳисоботӣ* ва ҳам *якчанд давраҳои қаблиро дар бар мегирад*;

г) ҳисоботи идоракунӣ, ки *танҳо сатҳҳои нақшавии (базисии)* нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад;

е) ҳисоботи идоракунӣ он нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки *дар давраи ҳисоботӣ ва (ё) қаблӣ ба даст оварда мешаванд.*

Ҳангоми интихоби шакли мувофиқи ҳисобот, бояд ба назар гирифт, ки овардани ҳарчи бештари иттилоот таҳлили шаклҳои ҳисоботро баланд мебардорад, аммо аз тарафи дигар, таҳияи ҳисоботро мушкилтар мекунад, онро бо нишондиҳандаҳое, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ истифода намешаванд, пур мекунад.

9. **Унсурҳои ҳисоботӣ, ки иттилоот дар бораи онҳо** *дар шакли ҳисобот* **пешниҳод карда мешавад:**

а) ҳисоботи муҳосибӣ оид ба *дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи* корхона дар давра ва санаи ҳисоботӣ: баланси идоракунӣ ва дигар шаклҳое, ки ҳаракати дороиҳо ва

уҳдадориҳоро тавсиф мекунад;

б) ҳисоботи муҳосибӣ дар бораи *захираҳои меҳнатии корхона*;

в) ҳисоботи муҳосибӣ дар бораи даромад ва хароҷоти корхона дар давра: ҳисоботи идоракунӣ оид ба фоида ва зарар;

г) ҳисоботи муҳосибӣ **дар бораи самаранокии сиёсати сармоягузории корхона**;

д) ҳисоботи муҳосибӣ дар бораи *муҳити берунии* корхона.

Таркиби шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ ва унсурҳои дар онҳо фаро гирифташуда нисбат ба таркиби шаклҳо ва маҷмуи унсурҳои ҳисоботи молиявии бухгалтерӣ хеле васеътар аст. Аз ҷумла, яке аз омилҳои истеҳсолӣ захираҳои меҳнатӣ мебошад, ки маълумот дар бораи он дар тавозуни муҳосибӣ объективӣ оварда намешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки шакли алоҳидаи ҳисоботи идоракунӣ, самаранокии истифодаи он баҳо дода шавад ва захираҳои меҳнатӣ дар баробари дигар омилҳои истеҳсолӣ ҳамчун унсури дигари ҳисоботи идоракунӣ эътироф карда шавад.

Диққати махсус бояд ба ҳисоботи идоракунии муҳити берунаи корхона дода шавад. Дар он бояд на танҳо параметрҳои асосии муҳимми муҳити берунии корхона, балки инчунин, ба назар гирифта шавад, ки худи корхона ба тамоми соҳаҳои ҷомеа чи гуна таъсир мерасонад, чи гуна хавфҳои марбут ба фаъолияти худро идора мекунад. Ин доираи хеле васеи масъалаҳоест, ки фарогирии онҳо на як шакли алоҳидаи ҳисобот, балки якчанд шаклҳои ҳисоботи ба ҳам алоқамандро талаб мекунад. Шояд замимаҳои иловагӣ ба тавозуни муҳосибӣ вуҷуд дошта бошад, ки ин ҳаракати маблағҳои қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, тағйирот дар таркиби сармояю ҳаракати пули нақдро ошкор мекунад [5,с.22-25].

Илова бар ин, иттилоот дар бораи самаранокии татбиқи қобилиятҳои соҳибкории роҳбарияти корхона муҳим аст, ки ба ғайр аз иттилоот дар бораи даромад ва хароҷот, онро тавассути нишондиҳандаҳои таҳлили сармоягузорӣ метавон баҳо дод, зеро фоидаи сармоягузорӣ самаранокии фаъолияти соҳибкориро беҳтар тавсиф мекунад. Нишондиҳандаҳои дахлдор аз рӯи хусусият аз нишондиҳандаҳои асосии тавозуни муҳосибӣ фарқ мекунанд.

Ҳисобот оиди фоида ва зарар, замимаҳо ба онҳо ва дохил кардани онҳо ба ин шакл ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, иттилоот дар соҳаҳои дахлдор бояд дар шакли алоҳидаи ҳисоботи идоракунӣ ба низом дароварда шавад.

• *Шакли пешниҳоди иттилоот* дар ҳисоботи идоракунӣ:

а) шакли *ҷадвалии* ҳисоботи идоракунӣ ҳангоме истифода бурда мешавад, ки маълумотҳо дар ҷадвалҳои таҳлилии таҳияшуда пешниҳод карда мешавад;

б) шакли *графикии* ҳисоботи идоракунӣ ҳангоми пешниҳоди иттилоот бо истифода аз графикҳо ва диаграммаҳои таҳияшуда, пешниҳод карда мешавад;

в) шакли *матнӣ*, ки тавсифи шифоҳии натиҷаҳои фаъолияти корхона ё соҳаҳои алоҳидаи онро дар бар мегирад;

г) шакли *омехта*, ки истифодаи муштараки ду ё ҳатто ҳар се шакли дар боло тавсифшударо барои пешниҳоди иттилооти баҳисобгирӣ - таҳлилӣ дар ҳисоботи идоракунӣ дар бар мегирад;

Ҳангоми муайян кардани шакли мувофиқ, пеш аз ҳама, ба дарки маълумоти корбар диққат додан лозим аст, гарчанде баъзе тавсияҳои умумӣ оид ба интихоби шакли мувофиқи пешниҳоди маълумот мавҷуданд. Агар ҳисобот маълумотро барои шумораи ками давраҳо (2-4 давра) пешниҳод кунад, он гоҳ пешниҳоди ҷадвалии иттилоот имконпазир аст. Агар ҳисобот давраи дарозтарро дар бар гирад ва барои ҳар як нишондиҳанда аз 5 ва зиёда нуқтаи вақт дода шуда бошад, пас варианти графикии пешниҳоди иттилоот беҳтар аст. Ҳамзамон (ин яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ҳисоботи идоракунӣ мебошад), ҳар як ҳисобот бояд хулосаи шифоҳии тартибдиҳандаи шакли дахлдори ҳисоботро дар бар гирад, ки диққати менеҷерро ба ҷанбаҳои муҳимтарин равона кунад.

Хусусиятҳои асосии фарққунандаи таснифи ҳисоботи идоракунӣ дар он аст, ки асоси ҷудо кардани аломатҳои таснифӣ, принсипҳои ҳисобот мебошанд. Мутобиқати хусусиятҳои таснифоти интихобшуда ва принсипҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ - таҳлилӣ бо ҳисоботи идоракунӣ дар ҷадвал нишон дода шудааст (нигаред баҷадвали 1)

[14,с.36-39].

**Ҷадвали 1. Принсипҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии ҳисоботи идоракунӣ ва аломатҳои таснифии он**

**Table 1. Principles of formation of accounting-analytical information of management report and its classification signs**

| Принсипҳои ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунӣ | Хусусияти тасниф |
|---|---|
| Принсипи фоиданокӣ | Аз рӯи мақсадҳои тартибдиҳӣ |
| Принсипи мақсаднокӣ | Аз рӯи истифодабарандагони иттилоот |
| | Аз рӯи таркиби нишондиҳандаҳо |
| Принсипи мавҷудияти баҳодиҳии микдорӣ | Аз рӯи асъор |
| | Аз рӯи ҳисобкунакҳои истифодашуда |
| | Аз рӯи усули тоза кардани нишондиҳандаҳо |
| | Аз рӯи хусусияти иттилоот дар бораи элементҳои асосӣ |
| Принсипи баҳисобгирии тағйирёбии арзиши вақти пул | Аз рӯи тағйирёбии арзиши вақти пул |
| Принсипи фаврӣ ва саривақтӣ | Аз рӯи давраи ҳисоботӣ |
| Принсипи кифоягӣ | Аз рӯи даврабандии тартибдиҳӣ |
| | Аз рӯи фарогирии фаъолият |
| | Аз рӯи миқёси фарогирии иттилоотии субъект |
| | Аз рӯи устувории таркиби нишондиҳандаҳо |
| Принсипи доварии касбӣ | Аз рӯи фарзияҳои консептуалие, ки дар ташаккул истифода мешаванд |
| Принсипи давомнокӣ ва муқоисакунӣ | Аз рӯи дохил намудани сатҳи нақшавӣ ва пешбинишавандаи нишондиҳандаҳо |
| Принсипи равшанӣ, аёнӣ ва таҳлилӣ | Аз рӯи шакли пешниҳоди иттилоот |
| Принсипи сохтори чандир вале, якхела | Аз рӯи унсурҳои ҳисоботдиҳӣ |
| Принсипи ягонагии асосӣ | Аз рӯи намуди нишондиҳандаҳо |
| Принсипи ҳуҷҷатгузорӣ | Аз рӯи манбаъҳои ахборӣ, ки дар асоси онҳо нишондиҳандаҳо тартиб дода мешаванд. |
| Принсипи назорат | Аз рӯи гузаронидани назорат |

Ҳамин тариқ, принсипҳои ташаккули нишондиҳандаҳо на танҳо заминаи назариявии ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракуниро муайян мекунанд, балки дар асоси таснифи ҳисобот қарор доранд, ба шакли он таъсир мерасонанд, ки муайян кардани он марҳилаи муҳимтарини таҳияи низоми нишондиҳандаҳои ҳисоботи идоракунӣ мебошад.

Илова бар ин, таснифоти ҳисоботи идоракунии корхона, яъне ба ин ё он намуд вобаста ба ягон меъёр хело ҳам зарур мебошад. Муносибати байни хусусиятҳои таснифӣ ва шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ дар расм нишон дода шудааст.

Таснифи пешрафтаи шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ зарурати тафсири онро маҳз ҳамчун низоми иттилоотии баҳисобгирӣ - таҳлилӣ дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона исбот мекунад. Мақсади ташаккули ҳисоботи идоракунӣ танҳо вақте ба даст меояд, ки менеҷерон дар ихтиёри худ маҷмуи шаклҳои ҳисоботро дошта бошанд, ки ҳар кадоми онҳо барои ҳалли масъалаҳои алоҳида равона шуда бошад. Кӯшиши якҷоя кардани ҳисоботи маркази даромад ва ҳисоботи маркази сармоягузорӣ дар як шакл ғайриимкон аст, аммо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ шаклҳои дахлдори ҳисобот бояд дар як низом баррасӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр, таснифоти ҳисоботи идоракунии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда, имконият медиҳад, ки талаботи иттилоотии менеҷерони сатҳи гуногуни идоракунӣ бо маълумоти сифатан баланд ва ҷамъбастшуда аз рӯи самтҳои гуногуни фаъолият таъмин карда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Низомов С.Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Адамов Н. Концепция, сущность и функции управленческого учета / Н. Адамов // Финансовая газета. Региональный выпуск. - 2007. -№17-18. -С.3.
2. Бережной Г.Р. Управленческая отчетность как объект внутреннего аудита / Г.Р. Бережной // Меридиан. - 2019. -№14(32).
3. Буряк Е.Б. Управленческая отчетность как важнейшая составляющая эффективного управления коммерческой организацией / Е.Б. Буряк // Управленческий учет. - 2016. -№5.
4. Внутрення управленческая отчетность. [Электронный ресурс]. URL: http://www. uchet24.ru/upravotchetnost.htm.
5. Дьяков С.А. Управленческая отчетность как инструмент внутреннего контроля / С.А. Дьяков, О.А. Тарасьева // Современные научные исследования и разработки. - 2016. -№3(3). -С.22-25.
6. Зыкова Т.Б. Стратегическая управленческая отчетность / Т.Б. Зыкова // Экономика и предпринимательство. - 2020. -№4(117).
7. Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета: автореферат диссертации на соискание ученой: степени кандидата экономических наук / М.В. Калемуллоев. –М., 1999.
8. Керимов В.Э. Управленческая отчетность – информационная база для принятия управленческих решений в агрохолдингах / В.Э. Керимов // Бухгалтерский учет. - 2017. -№7.
9. Кузина А.Ф. Система управленческого учета и управленческая отчетность в рамках коммерческой организации / А.Ф. Кузина, С.В. Кесян, М.И. Ленкова // Вестник Академии знаний. - 2017. -№3(22).
10. Назарова В.Л. Стратегическая управленческая отчетность и проблемы ее формирования / В.Л. Назарова, А.К. Кабдолдаева // Статистика, учет и аудит. - 2018. -№1(68).
11. Низомов С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ. Китоби дарсӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
12. Осипов П.С. Управленческая отчетность о затратах на производство продукции / П.С. Осипов // Новая наука: финансово-экономические основы. - 2017. -№3.
13. Палий В.Ф. Управленческий учет издержек и доходов с элементами финансового учета / В.Ф. Палий. -М.: ИНФРА-М, 2006. -324 с.
14. Слободняк И.А. Теоретические основы формирования показателей внутренней бухгалтерской управленческой отчетности / И.А. Слободняк // Известия Иркутской государственной экономической академии (Байкальский государственный университет экономики и права). - 2011. -№3. -С.36-39.
15. Юдина Л.Н. Управленческая отчетность организации / Л.Н. Юдина // Все для бухгалтера. - 2007. -№15.


## МУАММОҲОИ ТАСНИФИ ҲИСОБОТИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО


Мақолаи мазкур ба омӯзиши муаммоҳои таснифи ҳисоботи идоракунии корхонаҳо бахшида шудааст. Тасниф кардани ҳисоботҳо ба мо имкон медиҳад, ки маълумотҳои гуногунҷанбаро оиди фаъолияти гузашта, ҷорӣ ва оянда дар доираи идоракунии стратегии корхона ба даст орем. Мақсади асосии таҳияи ҳисоботи идоракунӣ зарурати пешниҳоди иттилоот ба кормандони роҳбарикунанда дар ҳама сатҳҳо мебошад, ки барои қабули қарорҳо оид ба идоракунии корхона масъуланд. Маълумоти ҳисоботи идоракунӣ яке аз унсурҳои муҳимми пойгоҳи иттилоотии баҳодиҳии бизнес мебошад. Низоми дурусти ҳисоботи идоракунӣ ба мо имкон медиҳад, ки тақсимоти амиқи хароҷотро ба роҳ монем. Дар навбати худ ба роҳбарияти корхонаҳо низ имкон медиҳад, то тадбирҳои гуногунеро, ки ба баланд бардоштани самаранокии корхона нигаронида шудааст, амалӣ созанд. Ҳама намудҳои ҳисоботи идоракунӣ бояд мувофиқи хусусиятҳои фарққунанда тасниф карда шаванд. Таснифот муайян мекунад, ки ҳисоботи идоракунӣ аз рӯи кадом хусусиятҳои таснифӣ ба ин ё он гурӯҳ дохил карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** ҳисоботи идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, таснифоти ҳисоботи муҳосибӣ, хусусиятҳои фарққунандаи ҳисоботи идоракунии муҳосибӣ, маркази хароҷот, маркази сармоягузорӣ.


## ПРОБЛЕМЫ КЛАССИФИКАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ ОТЧЕТНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ


Данная статья посвящена исследованию проблем классификации управленческой отчетности предприятий. Классификация отчетности позволяет получить разнообразную информацию о прошлой, настоящей и будущей деятельности в сфере стратегического управления предприятием. Основной целью управленческой отчетности является необходимость предоставления информации управленческому персоналу всех уровней, ответственных за принятие решений по управлению предприятием. Информация управленческого отчета является одним из важных элементов базы данных для оценки бизнеса. Грамотная система управленческой отчетности позволяет осуществлять точное распределение затрат. В свою очередь, это позволяет руководству предприятий реализовывать различные меры, направленые на повышение эффективности работы предприятия. Все виды управленческой отчетности следует классифицировать в соответствии с их отличительными характеристиками. Классификация показывет, на основании каких классификационных признаков управленческая отчетность включается в ту или иную группу.



**Ключевые слова:** управленческая отчетность, управленческий учет, классификация, отчетность, отличительные признаки управленческой отчетности, центр затрат, центр инвестиций.

**PROBLEMS OF CLASSIFICATION OF MANAGEMENT REPORTING OF ENTERPRISES**

This article is devoted to the study of problems of classification of management reporting of enterprises. The classification of reporting allows you to obtain a variety of information about past, present and future activities in the field of strategic management of the enterprise. The main purpose of management reporting is the need to provide information to management personnel at all levels responsible for making decisions on enterprise management. Management report information is one of the important database elements for business valuation. A competent management reporting system allows for accurate distribution of costs. In turn, this allows enterprise management to implement various measures aimed at increasing the efficiency of the enterprise. All types of management reporting should be classified according to their distinctive characteristics. The classification allows us to determine on the basis of what classification characteristics management reporting is included in a particular group.

**Keywords:** management reporting, management accounting, reporting classification, distinctive features of management reporting, cost center, investment center.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифов Мирзобедил Мирзоумарович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 909 99 41 11**. E-mail: **sharifovmirzobedil@br.ru**
***Гулзода Шокирҷони Амир -*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 907772200.** E-mail: **shokijon90@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Мирзобедил Мирзоумарович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 909 99 41 11.** E-mail: **sharifovmirzobedil@br.ru.**
***Гулзода Шокирчони Амир*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907772200.** E-mail: **shokijon90@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharipov Mirzobedil Mirzoumarovich –*** Tajik National University, applicant for the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 909 99 41 11.** E-mail: **sharifovmirzobedil@br.ru.**
***Gulzoda Shokirchoni Amir -*** Tajik National University, applicant for the Department of Accounting. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907772200.** E-mail: **shokijon90@mail.ru**

ТДУ: 336.15(575.3)

# ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Сабурзода Ф.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар давоми солҳои охир сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар бо роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъмини рушди самарабахши иқтисодиёт аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ, таъсиси коргоҳ ва корхонаҳои нави саноатӣ, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда ва дар ин замина афзоиш додани истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардида истодааст. Дар давраи буҳрони молиявии ҷаҳонӣ аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, сармоягузориҳо, хизматрасониҳо ва татбиқи ислоҳот дар соҳаҳои гуногун тамоюли мусбати рушд нигоҳ дошта шуда, дар маҷмуъ, устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин карда шуд.

Марҳилаи кунунии рушди иқтисоди бозорӣ дар кишварҳои гуногун бо дахолати фаъоли давлат ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хос аст, аз сабаби маҳдуд будани имконияти истифодаи усулҳои маъмурӣ, молия воситаи бештар истифодашавандаи иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, субъекти асосии танзими молиявӣ давлат ба ҳисоб меравад.

Танзими молиявӣ аз як тараф, тавассути ҳавасмандгардонии баъзе қишрҳои низоми иқтисодӣ бо роҳи захираҳои молиявии марказӣ дар онҳо ва аз тарафи дигар, бо роҳи боздоштани қишрҳои дигар дар асоси маҳдуд кардани ҳаҷми захираҳои молиявии ба онҳо воридшаванда сурат мегирад. Ҳамин тариқ, танзими молиявӣ ин таъсир ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ба пешгирӣ ё рафъи номутавозунии мавҷуда, таъмини рушди технологияҳои пешрафта ва суботи иҷтимоӣ тавассути захираҳои молиявии дар баъзе қисматҳои бозор ва маҳдуд кардани афзоиши захираҳои молиявӣ дар қисматҳои дигар нигаронида шудааст. Дар шароити бозор низоми танзими молиявӣ на танҳо бо роҳи идора кардани ҳавасмандгардонии моддии субъектҳои хоҷагӣ ва коллективҳои меҳнатии онҳо, балки бо роҳи танзими таносуби маблағҳои иштирокчиёни ҷараёнҳои такрористеҳсолкунӣ таъмин карда мешаванд [7,с.622].

Давлат бо истифода аз сиёсати буҷетӣ, андоз, гумрукӣ, сармоягузорӣ ва пулию қарзӣ таносуби маҷмуи иқтисодиро аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ танзим мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва яке аз давлатҳое мебошад, ки дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) аз ҷиҳати иқтисодӣ нақши ба худ хосро доро мебошад [4,с.76]. Масъалаи нақш ва аҳаммияти танзими молиявии иқтисодиёт на ин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар аксарият давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон то имрӯз мавзуи баҳсталабу доманадор байни доираи васеи иқтисодшиносон ва коршиносони соҳа қарор гирифтааст.

Дар шароити ҳассоси имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, яке аз ҳадафҳои асосии давлат ин таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва дар ин замина тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Маҳз, ба воситаи захираҳои молиявии давлат молиякунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ гардида, фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ барои мақсадҳои муайян ташкил карда мешаванд. Ҳамзамон, ин захираҳои молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум дар натиҷаи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ равона мегарданд. Ҳамзамон, дар шароити пешрафти илму техникаи муосир, имрӯзҳо нақши танзимкунандаи молиявии равандҳои иқтисодӣ то рафт мураккаб шуда, бо вазифаҳои иловагии рушди илм, маориф ва инфрасохтори иттилоотӣ пурра мегардад [3,с.14]. Вазифаҳои иҷтимоии давлат, нақши он дар ташаккули самтгирии иҷтимоии иқтисоди бозаргонӣ, рафъи нобаробарию тафриқа дар сатҳи даромад ва зиндагии мардум, ҳамоҳангсозии манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои тазоҳуроти комили фаъолияти эҷодкоронаю созандаи ҳар як шахс низ меафзояд. Ҳадафи асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт,

афзоиши маблағгузорӣ буда, барои таъмини он дар илми назарияи иқтисод аз пешниҳодҳои намояндагони мактаби неоклассикӣ ва мактаби кейнсионӣ истифода мебаранд. Зарурати танзими молиявии иқтисодиёт на ҳамеша аз ҷониби олимону иқтисодшиносон тарафдорӣ карда мешавад. Нофаҳмиҳо ва номувофиқатӣ дар байни ин ё он мактабҳои илмӣ, фарқиятҳо дар мавқеъҳои гуногуни иқтисодшиносон танҳо дар он масъалаҳое ба миён меоянд, ки бо ёрии кадом воситаҳо ва усулҳо бояд танзими иқтисодиёт ба роҳ монда шавад. Аксар иқтисодшиносони муосир аввалин кӯшиши танзими молиявии иқтисодиётро ба давраи ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар асрҳои XVII-XVIII нисбат медиҳанд, ки дар он замон меркантилизм назарияи асосии иқтисодӣ буд [5,с.9].

Тавре маълум аст, дар даҳсолаҳои охир раванди ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолона инкишоф ёфта, дар навбати худ, тадриҷан тамоми иқтисоди ҷаҳониро (бозори молҳо, хизматрасонӣ, сармоя, меҳнат ва дониш) ба бозори нисбатан иқтисодӣ табдил медиҳад. Дар баробари ин, рушди иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳо ва минтақаҳо бо ҳам алоқаи зич доранд.

Дар шароити муосир вазифаҳои иқтисодии давлат наметавонанд, ки аз баъзе дигаргуниҳои муайян дар канор монанд. Ин, пеш аз ҳама, ба падидае бо номи ҷаҳонишавӣ вобастагӣ дорад, ки худро дар таҳкими иқтисоди кушод ва таъсири мутақобилаи иқтисодҳои миллӣ зоҳир мекунад. Дар ин шароит, вазифаҳои давлат дар танзими иқтисодиёт тағйир меёбанд. Пеш аз ҳама, онҳо зери таъсири тағйирот дар хусусиятҳои иртиботи мутақобили истеҳсолкунандагон дигаргун мешаванд.

Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун шакли нав ё як марҳилаи нав дар рушди танзими молиявии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар охири асри XX хусусиятҳои хосси худро пайдо кардааст: якум, асоси ҷаҳонишавӣ, ки шакли институтсионалии он танзими молиявии ширкатҳои фаромиллӣ мебошанд. Дуюм, ҷаҳонишавӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши босуръати бозорҳои молиявӣ (бозори асъори хориҷӣ, фондӣ, қарзӣ) сурат мегирад, ки дар танзими соҳаҳои савдо ва истеҳсолот таъсири калон мерасонанд. Агар ҳанӯз дар фосилаи начандон дур, бозорҳои молиявӣ дар хизмати бахши воқеии иқтисодиёт қарор дошта бошанд, пас имрӯз ин соҳа арзиши мустақил пайдо кардааст, ки боиси якбора зиёд шудани теъдоди ҳаннотгарии молиявӣ шудааст. Сеюм, ҷаҳонишавӣ дар якҷоягӣ бо минтақавӣ шудани фаъолияти иқтисодии корхонаҳо ҳамроҳ сурат мегирад.

Ин падидаи замони муосир аз як тараф, имкон медиҳад, ки иттилоот, одамон, сармоя ва молҳо озодона сарҳадҳоро убур намуда, бо суръати баланд ба дурдасттарин гӯшаҳои сайёра интиқол ёбанд. Аз ин сабаб, ҷаҳон барои ҳаракатҳои фаромарзӣ боз шудааст. Аз тарафи дигар, амиқтар шудани вобастагии байниҳамдигарии давлатҳо озодии интихоби онҳоро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ маҳдуд мекунад. Ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ба монанди: СҶТ (Созмони ҷаҳонии тиҷорат), ХБА (Хазинаи байналхалқии асъор) ва Бонки Ҷаҳонӣ ҳоло ба давлатҳо таъсири назарраси хешро мерасонанд. Аз ин рӯ, дар аксари кишварҳо дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ на танҳо дар барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки нақши танзими давлатии иқтисодиёт низ тағйир меёбад. Аз як тараф, давлат вазифаҳои танзими иқтисодро коҳиш медиҳад, аммо аз тарафи дигар, соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ вуҷуд доранд, ки бидуни дастгирии фаъол ё танзими давлат кор карда наметавонанд.

Иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҷуз аз созмонҳои байналмилалӣ, ҳоло аз ҷониби сармояи бузурги ширкатҳои фаромилалӣ назорат мешавад. Дар айни замон, дар ҷаҳон қариб 40 ҳазор ширкатҳои фаромилалӣ мавҷуд ҳастанд, ки зиёда аз 250 ҳазор филиалҳои хориҷиро назорат мекунанд [2,с.31]. Имрӯз баъзе давлатҳо дараҷаи озодии тиҷорати дохилиро дар хориҷа танзим мекунанд. Давлат ба ғайр аз вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва вазифаҳои дохилшавӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, он вазифаҳоеро низ иҷро менамояд, ки ягон ҷамъияти миллӣ аз уҳдаи иҷрои онҳо намебарояд ва ҳамчун таъминкунандаи сармоягузорӣ барои ташкилотҳо, пеш аз ҳама, дар рушди илму техника нақши махсус мебозад. Ҳама кишварҳо имрӯз мехоҳанд, ки манфиатҳои ҷаҳонишавиро ба ҳадди аксар расонанд ва худро аз оқибатҳои манфии он ҳифз намоянд.

Дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт шаклу усулҳои гуногун истифода мегардад, ки коркарди роҳҳои ноилшавӣ ба мақсадҳои иқтисодии инкишофи мамлакат,

интихоби роҳи беҳтарин ва амалисозии иҷроиши онро таъмин мекунанд. Ба роҳ мондани барномаҳои муҳимми давлатӣ, ба монандӣ: таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи иҷтимоӣ – мадании аҳолӣ, инкишоф ва такмили техникию технологияи муосир дар мамлакат, расидан ба ҳадафҳои стратегии истиқлолияти энергетикӣ, нақлиётӣ, озуқаворӣ, шуғли пурмаҳсул ва дигар чорабиниҳои давлатӣ ба ташаккулёбии воситаҳои молиявии давлатӣ ҳампайвастагии зич доранд [6,с.348].

Усулҳои танзими давлатии молиявӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ инҳо ба ҳисоб меравaнд:

- танзим намудани низоми андоз дар ҷумҳурӣ, яъне тавассути тағйирот дар таркиби андозҳо, меъёрҳои андоз, манбаи андозбандӣ, шумораи андозсупорандагон ва амсоли инҳо зоҳир мегардад;
- сиёсати амортизатсия - бо танзими низоми андозбандӣ зич алоқаманд буда, ба андозбандии фоида ва амвол таъсир мерасонад;
- шаклҳои гуногуни дастгирии давлатии ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба онҳо дотатсияҳо, субвенсияҳо, қарзҳои буҷетӣ, сармоягузорӣ, ба иҷора додани амволи давлатӣ ва коммуналӣ бо шартҳои имтиёзнок, кафолатҳои давлатӣ ва коммуналиро дохил намудан мумкин мебошад;
- қарздиҳии имтиёзнок ва суғурта, азбаски сатҳи пасти фоизи қарз ва тарифҳои суғуртавӣ барои хизматрасонии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ аз ҳисоби меъёри субсидияҳои буҷетҳо ва тарифҳои дахлдор таъмин карда мешавад.

Вобаста ба усулҳои танзими давлатии иқтисодтиёт аз рӯи фаъолиятҳои иқтисодӣ, объекти асосии танзими молиявии иқтисодиёт, таносубҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва молияи ташкилотҳо ба ҳисоб меравaнд.

Ислоҳоти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шароити бозсозии васеъро барои субъектҳои соҳибкорӣ тағйир дод. Маблағгузории буҷетии ин ҷараёнҳо хеле кам шуд, ҳиссаи маблағҳои худии ташкилотҳо дар ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби зиёд шудани ҳиссаи фоидае, ки дар ихтиёри хоҷагиҳо мондааст, зиёд шуда, азнавбаҳодиҳии фондҳои асосӣ имкон медиҳад, ки дар бозори молиявӣ васеътар истифода шавад. Барои боз ҳам ба ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ шинос шудан ба таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз менамоем.

**Ҷадвали 1. Иҷроиши воқеии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2022**

**Table 1. Real implementation of the main economic and social indicators of the Republic of Tajikistan in 2019-2022**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2019 (бо %) |
| 1. | **Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) (бо млн. сомонӣ)** | 77354,7 | 82543,0 | 98910,7 | 115739,4 | 49,6 |
| 2. | -ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳамагӣ) (бо млн. сомонӣ) | 27586,6 | 30820,8 | 38836,1 | 42992,6 | 55,8 |
| 3. | -сохтмон (ҳамагӣ) | 12140,3 | 11616,9 | 14757,2 | 16279,5 | 34,1 |
| 4. | -кишоварзӣ (ҳамагӣ) | 27750,4 | 33621,6 | 39769,4 | 49272,4 | 77,5 |
| 5. | **Гардиши савдо: (ҳамагӣ)** (бо млн. сомонӣ) | 31996,1 | 32587,8 | 40139,5 | 47563,4 | 48,6 |
| 6. | Хизматрасонии пулакӣ (ҳамагӣ) | 12855,4 | 13110,4 | 15111,8 | 18698,8 | 45,4 |
| 7. | Гардиши савдои хориҷӣ (млн.дол.ИМА) | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 61,6 |
| 8. | Содирот (млн.дол.ИМА) | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 82,4 |
| 9. | Воридот (млн.дол.ИМА) | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 54,3 |
| 10. | Шумораи аҳолӣ (хаз.нафар) ба 01.10.22 сол | 9 316,8 | 9 721,4 | 9 890,9 | 10 019,4 | 7,5 |

| 11. | Музди миёнаи номиналӣ (сомонӣ) ба 01.12.22 сол | 1 324,0 | 1 377,2 | 1 540,8 | 1 730,1 | 30,7 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Нишондиҳанда барои ҳисобҳо (сомонӣ) | 55 | 58 | 60 | 64 | 16,4 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи ҶТ.

Дар ин давра, воқеан ҳам дар сохтори ММД, ки нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, тағйиротҳои ҷиддӣ дида мешавад. Чунончи аз ҷадвали боло маълум аст, агар ММД дар соли 2019 77 354,7 млн. сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 115 739,4 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки ин ба ҳисоби фоиз 49,6%-и зиёдшавиро нишон медиҳад. Ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар таркиби ММД низ дар ин давра ба андозаи 55,8% зиёд шудааст, ки ин воқеан ҳам аз натиҷаи дурусти танзими молиявии давлат дар самти иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Гардиши савдои хориҷӣ бошад дар ин давра ба андозаи 2785,8 млн. доллари ИМА ё баробар ба 61,6% зиёд шудааст. Содироти молҳо дар ин давраи таҳлилӣ ба андозаи 967,6 млн. доллари ИМА ё ба 82,4% баробар мебошад, воридоти молҳо бошад дар ин марҳила 1818,2 млн. доллари ИМА ё ба 54,3% баробар гардидааст. Нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳо бошад дар соли 2019 ба андозаи 55 сомонӣ муайян шуда буд, аммо он аз оғози соли 2022 ба андозаи 64 сомонӣ баробар гардид, ки ин ба ҳисоби 16,4% зиёд гардидааст. Ин асосан аз ҳисоби баланд будани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба вуқуъ омадааст. Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, ММД-и кишвар дар соли 2023 нисбат ба соли гузашта 8,3% зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шудааст.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2022 (бо млн. сомонӣ)**

**Table 2. Income indicators of the State Budget of the Republic of Tajikistan in the years 2019-2022 (in millions of somoni)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2019 (бо %) |
| 1. | Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии ҶТ | 23216,1 | 24325,1 | 29487,7 | 36338,8 | 56,7 |
| 2. | Даромади ҷорӣ бо наз. грантҳо барои Д/Б | 17787,4 | 18376,1 | 21545,0 | 25255,5 | 42,0 |
| 3. | **Даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ** | 17778,1 | 17250,2 | 21307,7 | 24234,5 | 36,3 |
| 4. | Даромадҳои андозӣ | 15772,5 | 15356,7 | 19667,0 | 21814,0 | 38,3 |
| 5. | Даромадҳои ғайриандозӣ | 2005,6 | 1893,5 | 1640,7 | 2420,5 | 20,7 |
| 6. | Грантҳо барои дастгирии буҷет | 0,0 | 1150,7 | 237,3 | 1021,0 | ---- |
| 7. | Маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ | 2170,6 | 2385,9 | 2556,0 | 3355,1 | 54,6 |
| 8. | Грантҳо, қарзҳои лоиҳаҳои давлатии сарм-рӣ (ҳамагӣ) | 3168,1 | 3731,4 | 5059,9 | 6824,9 | 115,4 |
| 9. | Аз ҷумла,<br>- грантҳо барои лоиҳаҳои инвеститсионӣ | 1720,0 | 1895,7 | 2795,9 | 3738,8 | 117,4 |
| 10. | - қарзҳо барои лоиҳаҳои инвеститсионӣ | 1448,1 | 1835,7 | 2264,0 | 3086,1 | 113,1 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи ҶТ.

Аз ҷадвали дар боло оварда шуда маълум аст, ки дар ҳақиқат даромади буҷети давлатӣ ба таври прогрессивӣ рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Агар соли 2022-ро бо соли 2019 дар самти даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намоем, аз ҷадвал чунин хулоса кардан мумкин аст: дар ин давра ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ ба андозаи 13122,7 млн. сомонӣ зиёд шудааст, ё ин нишондиҳанда ба 56,7% баробар мебошад.

Даромади андозии буҷети давлатӣ дар ин давра 38,3% зиёд шудааст, даромадҳои ғайриандозии буҷети давлатӣ бошад ба 20,7% афзоиш ёфтааст ва дар ин марҳилаи таҳлилӣ бошад, ҳаҷми умумии грантҳо, қарзҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба андоза 115,4% зиёд шудааст.

Қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2023 ба ҳисоби 102,5% таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ дар соли 2023 равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт. Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017, ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид. Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ӯҳдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар ин давра танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии яквақта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 милларду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

**Диаграммаи 1. Сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 (бо млн.доллари ИМА)**
**Diagram 1. The structure of the state debt of the Republic of Tajikistan in 2018-2022 (in millions of USA dollars)**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ.

Таҳлили сохтори қарзи давлатӣ дар солҳои таҳлилӣ (2018-2022) нишон медиҳад, ки дар соли 2018 ҳаҷми умумии қарзи давлатӣ ба 3673,3 млн. доллари ИМА баробар мебошад, аз он ҷумла қарзи беруна 2924,2 млн. доллари ИМА ва қарзи дохилӣ 749,1 млн. доллари ИМА баробар буд. Дар соли 2022 бошад, нишондиҳандаи қарзи давлатӣ дар ҷумҳурӣ ба 3687,4 млн. доллари ИМА баробар аст, ки дар он қарзи беруна 3228,3 млн. доллари ИМА ва қарзи дохила бошад 459,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст.

Тайи солҳои охир новобаста аз равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ ва таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таъсири паҳншавии бемории сироятии COVID-19 рушди иқтисоди миллӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида истодааст.

Дар ҳафт соли охир (2017-2023) суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5%ро ташкил дода, ҳаҷми ММД 1,5 баробар зиёд гардидааст. Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардидааст. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8%-ро ташкил намуд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида, сатҳи камбизоатӣ аз 29,5%-и соли 2017 то 21,2% дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83%-и соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Аз рафти таҳлилҳои гузаронидашуда ва таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ дар самти танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо ҳадафҳои таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кор, рушди босуръати иқтисодиёт дар асоси технологияҳои нави инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, истифодаи сармояи давлатӣ ва хориҷӣ нигаронида шудааст. Воситаи асосии танзим намудани равандҳои иқтисодӣ на ин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон - санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ба ин восита дар амал татбиқ намудани онҳо аз ҷониби ниҳодҳои молиявию қарзӣ ва институтҳои иҷтимоӣ мебошанд. Вобаста ба ин, хуб мешуд, ки дар раванди танзимнамоии иқтисодиёт самтҳои зерин такмил дода шавад:

**Якум - такмил додани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.** Ҳоло дар ҷумҳурӣ барои танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии зерин амал менамоянд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.05.2016); Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (01.01.2022); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (02.12.2002); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (28.06.2011); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” (28.06.2011); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” (19.05.2009) ва ғайра ба шумор меравaнд.

Пас ҷараёни қабул ва такмили қонунгузории равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар оянда низ идома хоҳад ёфт. Вале ин ҷараён бояд дар асоси низоми муайян инкишоф ёбад. Зеро иқтисоди бозорӣ на танҳо иқтисоди худтанзимшаванда мебошад, балки танзими ҳуқуқии он бояд аз тарафи давлат ба воситаи механизмҳои зарурӣ низ сурат гирад. А. Артемов, А. Брикин ва В. Шумаев қайд кардаанд, давлат бояд танзими молиявии иқтисодиётро бо низоми мукаммали қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монад [1,с.4]. Таҷриба нишон медиҳад, ки бе давлат, бе таъсири танзимнамоии он ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инкишофи муътадили муносибатҳои бозорӣ ғайримкон мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи муносибатҳои молию пулӣ дар бунёди иқтисоди бозорӣ маънои дур шудани давлат аз идоракунии иқтисодиётро надорад. Давлат танзими молиявии иқтисодиётро то дараҷае ба асосҳои худидоракунӣ гузаронида бо ҳамин ба субъектҳои хоҷагӣ мустақилият, озодӣ ва имконияти васеи ташаббус намуданро муҳайё менамояд. Онҳо дар ҳамин ҷода фаъолона амал намуда, ҳуқуқӣ ба онҳо додашударо ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани манфиатҳои моддӣ ва маънавии худ бояд истифода баранд.

**Дуюм - зиёд намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ.** Таҳлилҳо нишон доданд, ки сарчашмаи асосии рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, устуворгардонии механизми фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳиоб меравaнд. Ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтар намудани қобилияти харидории мардум ва вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ватанӣ ва хориҷӣ аз ҳадафҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ташкилёбии минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад. Вобаста ба ин, афзалиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ чунинанд:

- ташвиқи содироти маҳсулоти истеҳсолшудаи ин минтақаҳои иқтисодӣ ба хориҷ ва таъмини воридоти асъорҳои хориҷӣ ба ҷумҳурӣ;

- бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони соҳибтаҷрибаи дохилию хориҷӣ ва ҷалби теъдоди муайяни қувваи кории гирду атрофи ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

**Сеюм - фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ.** Ҷалби сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши муҳимро мебозад. Сармоягузорони хориҷӣ ба сифати сарчашмаи маблағгузориҳои пулӣ ба рушд, васеъшавӣ ва азхудкунии истеҳсолоти нави молу хадамот, мукаммалгардонии технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок баромад мекунанд. Давлатҳои рӯ ба рушд кӯшиш мекунанд, ки сармоягузории хориҷиро ба худ ҷалб намоянд. Сармоягузории хориҷӣ метавонад бо роҳи ташкили корхонаҳои муштарак ва корхонаҳое, ки пурра ба сармояҳои хориҷӣ тааллуқ доранд, ҷойҳои нави кориро таъмин кунанд, маҳсулот истеҳсол намоянд, ба буҷет андоз супоранд ва бо ҳамин воридшавии даромадҳои пулии лозимаро ба буҷет таъмин намоянд. Ин даромадҳоро давлат дар навбати худ метавонад дар мадди аввал барои субсидиякунонии соҳаҳои содиротӣ равона кунад.

Ҳамзамон, таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти сармоягузорӣ низ дар танзими молиявии иқтисодиёт таъсири худро мерасонад. Раванди ташкил ва идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ яке аз низомҳои васеи иқтисодии минтақа мебошад. Дар ин низом муассисаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақаҳо фаъолона иштирок намуда, маблағгузории мақсадноки соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро асоснок мекунанд [8,с.618].

Дар рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, ҷараёни танзимнамоии молиявии иқтисодёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари мушкилотҳои дигар, бо норасоии сармоягузорӣ дар истеҳсолот рӯ ба рӯ шуда буд, аз ин рӯ, модели хаттии ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷиро дар низоми сохтории рушди иқтисодиёти миллӣ бо назардошти танзими давлатӣ, баъзе аз омилҳои аз ҳама бештар ба онҳо таъсиррасонанда ва сатҳи таъсири онҳо мушаххас карда шуда буданд. Ба андешаи мо, имрӯз танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва рейтингҳои байналмилалӣ рақобатпазир буда метавонад ва вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи хуб қарор дорад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Артемов А. Модернизация государственного управления экономикой / А. Артемов, А. Брыкин, В. Шумаев // Экономист. - 2008. -№2. -С.3-14.
2. Жилина, И.Ю. Новые тенденции глобализации / И.Ю. Жилина // Реферативный журнал ИНИОН РАН. Сер. 2. Экономика. – 2015. -№1. -С.30-34.
3. Иброҳимзода И.Р. Асосҳои назариявии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Иброҳимзода И.Р., Сабурзода Ф.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№3. -С.14-20.
4. Икромов Ф.Н. Танзими давлатии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Н. Икромов, Сабурзода Ф.М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбн, 2020. -№10. – қ.1. -С.76-80.
5. Николаева Т.И. Потребительский рынок и торговля: проблемы развития и регулирования / Т.И. Николаева, Н.Р. Егорова. -Екатеринбург: УГЭУ, 1998. -С.26.
6. Сабурзода Ф.М. Шакл ва усулҳои танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ / Сабурзода Ф.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№4/2(50). -С.347-353.
7. Шарипов У.А. Финансовые механизмы регулирования экономических процессов в современных условиях Республики Таджикистан / У.А. Шарипов, Ф.М. Сабурзода // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства. Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь, 2023. -С.620-623.
8. Sharipov U.A. Issues of implementation of investment projects in the regions of the Republic of Tajikistan / U.A. Sharipov, Saburzoda F.M. // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства. Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь, 2023. -С.617-620.


## ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳодҳои илмиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ вазифаҳои давлат дар самти танзими молиявии иқтисодиёт ба тағйироти ҷиддӣ дучор мешаванд ва равандҳои ҳимояи давлатии манфиатҳои миллӣ хеле печидатар мегарданд, чунки рақобати ҷаҳонӣ аллакай на танҳо дар миёни кишварҳо, балки дар байни низомҳои такрористеҳсолии

фаромилалӣ рафта истодааст. Вобаста ба ин, танзими молиявӣ ин таъсир ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ба пешгирӣ ё рафъи номутавозунии мавҷуда, таъмини рушди технологияҳои пешрафта ва суботи иҷтимоӣ тавассути захираҳои молиявии дар баъзе қисматҳои бозор ва маҳдуд кардани афзоиши захираҳои молиявӣ дар қисматҳои дигар нигаронида шудааст. Давлат бо истифода аз сиёсатҳои буҷетӣ, андозӣ, гумрукӣ, сармоягузорӣ ва пулию қарзӣ таносуби маҷмуи иқтисодиро аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ танзим мекунад.

**Калидвожаҳо:** танзим, танзими молиявӣ, танзими давлатии иқтисодиёт, рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳонишавӣ, ҳолати муосири танзими молиявии иқтисодиёт, захираҳои молиявӣ ва механизмҳои танзими молиявии иқтисодиёт.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ФИНАНСОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье автор рассмотрел научные предложения по современному состоянию финансового регулирования развития экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации. В современных условиях глобализации задачи государства в направлении финансового регулирования экономики подвергаются серьезным изменениям, а процессы государственной защиты национальных интересов значительно усложняются, поскольку уже сейчас происходит глобальная конкуренция не только между странами, но и между транснациональными системами воспроизводства. С этим финансовым регулированием связано воздействие на экономические и социальные процессы, направленные на предотвращение или устранение существующих дисбалансов, обеспечение развития передовых технологий и социальной стабильности за счет финансовых ресурсов в одних частях рынка и ограничение роста финансовых ресурсов в других частях. С помощью бюджетной, налоговой, таможенной, инвестиционной и денежно-кредитной политики государство регулирует соотношение всей экономики по видам экономической деятельности.

**Ключевые слова:** регулирование, финансовое регулирование, государственное регулирование экономики, экономическое развитие Республики Таджикистан, глобализация, современное состояние финансового регулирования экономики, финансовые ресурсы и механизмы финансового регулирования экономики.

## CURRENT STATE OF FINANCIAL REGULATION OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN A GLOBAL CONDITION

In this article, the author reviewed scientific proposals on the current state of financial regulation of economic development of the Republic of Tajikistan in the context of globalization. In modern conditions of globalization, the state’s tasks in the direction of financial regulation of the economy are undergoing serious changes, and the processes of state protection of national interests are becoming significantly more complicated, since global competition is already taking place not only between countries, but also between transnational reproduction systems. Associated with this financial regulation is the impact on economic and social processes aimed at preventing or eliminating existing imbalances, ensuring the development of advanced technologies and social stability through financial resources in some parts of the market and limiting the growth of financial resources in other parts. With the help of budget, tax, customs, investment and monetary policies, the state regulates the ratio of the entire economy by type of economic activity.

**Keywords:** regulation, financial regulation, state regulation of the economy, economic development of the Republic of Tajikistan, globalization, current state of financial regulation of the economy, financial resources and mechanisms of financial regulation of the economy.

**Маълумот дар бори муаллиф:** ***Сабурзода Фаридуни Мирзоалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 909-33-03-34**. E-mail: **faridunimirzoali14@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Сабурзода Фаридуни Мирзоали*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 909-33-03-34**. E-mail: **faridunimirzoali14@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saburzoda Fariduni Mirzoali*** – Tajik National University, Ph.D doctoral student of the department of finance and insurance, faculty of finance and economics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 909-33-03-34.** E-mail: **faridunimirzoali14@gmail.com**

ТДУ: 330.567.26: 31 (575.3)

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ЗАМИНАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Сафаров Н.У., Абдураҳмонов М.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Марҳилаи кунунии рушди идоракунии давлатӣ бо рақамикунонии назарраси ҷузъҳои он хос аст. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои такмил додани механизмҳои идоракунии давлатӣ яке аз масъалаҳои афзалиятноки ин соҳа мегардад. Ҷомеа воситаҳои техникиро ба ҳаёти ҳаррӯза фаъолона ворид мекунад, зеро онҳо дастрасии зудро ба иттилооти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ таъмин мекунанд. Айни замон консепсияи ҳукумати электронӣ тағйироти нав ворид карда истодааст. Кишварҳои пешрафта дар соҳаи ҳукумати электронӣ ба зинаи навбатии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва иҷрои вазифаҳои давлатӣ – ба марҳилаи «ҳукумати рақамӣ» мегузаранд. Дар асоси тағйироте, ки дар марҳилаҳои қаблии ташаккули ҳукумати электронӣ ба амал омадаанд, ин марҳила гузариши пурраи хизматрасониҳои давлатиро ба формати рақамӣ, аз дархост барои хизматрасонӣ то татбиқи онҳо, расидан ба дараҷае дар назар дорад, ки равандҳои идоравӣ асосан ба маълумот на ҳуҷҷатҳо. Ин заминае муҳиме мебошад, ки, пеш аз ҳама, раванди муайяннамоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро татбиқ намоем.

Дастгирии иттилоотӣ барои татбиқи лоиҳаҳои ҳукумати электронӣ доираи васеи технологияҳоро, аз ҷумла сохторҳои ташкилӣ, нармафзор, сахтафзор ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ фаро мегирад. Маҷмуаи мазкур барои зуд ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ба низом даровардан, таҳлил ва паҳн кардани иттилоот пешбинӣ шудааст. Маълумоти бадастомада аз ҷониби мақомоти минтақавӣ барои қабули қарорҳо мутобиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ва назорати татбиқи онҳо истифода мешавад. Ҳадафи асосии ташкили дастгирии иттилоотӣ пешниҳоди маълумоти зарурӣ ба мақомот барои баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои минтақавӣ дар соҳаи ҳукумати электронӣ мебошад.

**Зери мафҳуми принсипҳои табдилдиҳии рақамии системаи идоракунии давлатӣ инҳоро дар назар доранд:**

1. Принсипи додаҳо ва хизматҳои рақамӣ пешниҳоди хизматҳои давлатиро дар шакли рақамӣ дар назар дорад. Ҳама равандҳо бояд барои ҳадди аксар самаранокӣ ва ҳосилнокӣ аз нав дида шаванд. Хизматрасониҳои давлатӣ бояд танҳо дар формати рақамӣ, бо кумак ба онҳое, ки худашон аз хизмати рақамӣ истифода бурда наметавонанд, пешниҳод карда шаванд.

2. Принсипи рақамикунонии пурра дар назар дорад, ки хадамоти ҳукумати электронӣ бояд интерфейси пурраи рақамӣ дошта бошанд. Ин идоракунии муассиртар, пайгирии ҳаракати иттилоот ва қобилияти коркарди автоматии маълумоти рақамиро таъмин мекунад.

3. Принсипи «ҳукумат ҳамчун платформа» моделҳои гуногуни ҳамкории мутақобила, аз ҷумла иштироки хизматҳои шахсони сеюм ё замимаҳо дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро пешбинӣ мекунад. Ин ба навоварӣ дар расонидани хизмат мусоидат мекунад [7,с.30-35].

Дар баробари ин, бояд ба проблемаи зиёд кардани миқдор ва сифати захираҳои миллии иттилоотӣ дар интернети ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ дода шавад. Васеъ ва беҳтар намудани дастраси ба онҳо, инчунин афзудани таъсир ба афкори ҷамъиятии байналхалқӣ тадбирҳои дахлдори ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва технологиро талаб мекунанд. Мувозинати манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар фаъолияти ВАО яке аз ҷанбаҳои муҳимми сиёсати иттилоотии давлат боқӣ мемонад. Ҳукумати электронӣ сохтори мураккаби иҷтимоӣ-техникӣ мебошад, ки одамон, технологияҳо, сохторҳои иҷтимоӣ ва равандҳои ташкилиро муттаҳид мекунад. Ин консепсия, ки дар чорроҳаи пешрафтҳои технологӣ ва тағйиротҳои ташкилӣ асос ёфтааст, ба зарурати таъсиси ҳукумате таъкид мекунад, ки таҷрибаҳои ташкилии инноватсиониро бо технологияҳои муосири иттилоотӣ ва

коммуникатсионӣ барои иҷрои самараноки вазифаҳои муҳим дар манзараи доимо тағйирёбанда муттаҳид мекунад. Ба ҷойи он ки танҳо аз технология ё соҳаи рақамӣ пайдо шавад, ҳукумати электронӣ асосан хусусиятҳои ҳукумати анъанавиро мерос мегирад. Принсипҳои асосии он ба вазифаҳои асосии ҳукумат, аз ҷумла ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, расонидани хадамоти давлатӣ ба интихобкунандагон, ҳифзи озодиҳои шаҳрвандӣ ва принсипҳои демократӣ асос ёфтаанд. Ғайр аз он, он идоракунии амалиёти дохилӣ ва идоракунии муносибатҳои мураккабро бо ҷонибҳои манфиатдори гуногун дар муҳити доимо тағйирёбанда дар бар мегирад.

Унсури марказии низоми демократӣ шаҳрвандони он мебошанд, ки метавонанд нақшҳои гуногунро, аз қабили интихобкунандагон, андозсупорандагон, фаъолони сиёсӣ, аъзоёни қувваи корӣ, сокинон ва истифодабарандагони хидматро иҷро кунанд. Барои таъмини фаъолияти самараноки низоми ҳукумати электронӣ шаҳрвандон бояд ба шабакаҳои иттилоотӣ, бахусус интернет дастрасӣ дошта бошанд.

Дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ ду ҷанбаи асосӣ дорад: дастрасии ҷисмонӣ ба муҳити зист, аз қабили дастрасии хона, компютерҳо дар ҷои кор, интернет-кафеҳо ва ҳалли дастрасии виртуалӣ – интерфейсҳо ва порталҳо барои дастрасӣ ба иттилоот ва хидматҳои онлайн. Масъалаи дастрасӣ ба интернет барои ҳукумати электронӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки аксари мардум ба ҷаҳони интернетӣ дастрасии маҳдуд доранд, аҳаммияти бузург дорад.

Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди одамон нигаронида шудааст». Дар давлати иҷтимоӣ сиёсати фаъоли иҷтимоии давлатӣ бояд ба таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқҳои муҳимтарини иҷтимоӣ, ки ҳуқуқ ба меҳнат ва музди муносиб, дастрасӣ ба манзил, таҳсилот, ҳифзи саломатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғ. яъне ба дараҷаи муайяни некуаҳволӣ. Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи назария ва амалия талошҳо барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ ва коҳиши камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба як самти муҳим табдил меёбад [2,с.33-35].

Камбизоатии аҳолӣ ва суръати баланди он дар ҷамъият ба рушди иқтисодиёти ҷумҳури таъсири манфӣ расонида, ба инкишофи институтҳои давлати иҷтимоӣ халал мерасонад. Афзоиши нобаробарӣ ва камбизоатӣ монеаи рушди бозори дохилии Тоҷикистон шуда, монеи ташаккули синфи миёна мешавад. Рушди устувори иқтисодӣ наметавонад танҳо ба қисми сарватманди аҳолӣ, дар шароити камбизоатии васеъ такя кунад. Қисми зиёди аҳолӣ аз шароити пештараи ҳифзи иҷтимоии давлат маҳрум буд ва дар марҳилаи ҳозира дар назди онҳо интихоби тарзи мутобиқ шудан ба муносибатхои нави бозорӣ карор гирифт [8,с.7-9].

Тибқи Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи шаҳрвандони камбизоат дар ҷумҳурӣ дар давраи аз соли 1999 то соли 2023 аз 81,0% то 21,5% коҳиш ёфта, дар айни замон 10%-и аҳолии кишвар расман хеле камбизоат эътироф шудаанд. Таҳқиқоти марбут ба арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷанбаҳои минтақавӣ, барои беҳтар фаҳмидани мушкилоти камбизоатӣ ва таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба паст кардани он ва беҳтар намудани сифати зиндагонии аҳолӣ мусоидат мекунад. Маҳз татбиқи стартегияи ҳукумати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сатҳи некуаҳволии мамлакат заминагузор мебошад [8,с.64-65].

Дар расми 1 динамикаи паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Ба шарофати ислоҳоти ҷорӣ ва нақшаҳои стратегии таҳияшуда Ҳукумати кишвар аллакай дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, дар соли 2023 он 21,5%-ро ташкил дод.

Нобаробарии иҷтимоӣ амалан дар тамоми таърихи инсоният вуҷуд дошт. Сарфи назар аз он, ки дар тамоми асрҳо нобаробарӣ маҳкум шуда, мавриди интиқоди харобиовар қарор гирифта ва ҳеҷ гоҳ ҳамдардӣ дар миёни аҳли ҷомеа бедор нашуда буд, мардум дар ҷараёни амалияи таърихӣ бо устувории ҳайратангез ба бунёди ҷомеаҳои "комил"- ё, ки дар асоси баробарии иҷтимоӣ ва набуди нобаробарӣ асос ёфтаанд, муқобилият мекарданд. Бисёре аз олимони муосир сарчашмаи нобаробарии иҷтимоиро

дар тафовути табиии одамон дар хусусиятҳои ҷисмонӣ, сифатҳои шахсӣ, неруи дохилӣ, инчунин дар қувваи ҳавасмандии барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муҳимтарин ва таъхирнопазир мебинанд. Нобаробарии дар ибтидо пайдошаванда одатан ниҳоят ноустувор буда, боиси мустаҳкам шудани вазъи иҷтимоӣ мегардад.

**Расми 1. Динамикаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003 то 2023**
**Figure 1. Dynamics of poverty reduction in the Republic of Tajikistan from 2003 to 2023**




Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. -С.111-112.

**Имрӯз унсурҳои асосии дастгирии иттилоотии рушди ҳукумати электронӣ инҳоянд:**

- роёниши абрӣ ва туман: Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои компютерӣ ва иктишофӣ, аз ҷумла дастгоҳҳои мобилӣ ҷамъоварӣ карда шаванд ва онҳоро мувофиқи талабот ба таври муассир тақсим кунанд;

- коркарди «маълумоти калон»: Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди оперативии таҳлилии ҳаҷми зиёди маълумот вақти қабули қарорҳои идоракуниро кам мекунад, ошкоркунии босуръати мушкилот ва пешгӯии боэътимоди рӯйдодҳоро таъмин мекунад;

- ёрдамчиёни шахсии соҳибақл: Таҳияи қарорҳои нармафзор барои беҳтар кардани роҳати корбар ва самаранокӣ дар муҳити фардии иттилоотӣ;

- технологияи блокчейн: Эҷоди системаҳои тақсимшудаи ғайримарказонидашуда барои интиқол ва нигоҳдории блокҳои додаҳо, ки эътимодро ба иттилоот дар ҷаҳони рақамӣ, аз ҷумла муомилоти молиявӣ зиёд мекунанд;

- дастгирии электронии хидмат: Истифодаи усулҳои зеҳни сунъии шабакавӣ барои коркарди маълумот аз манбаъҳои гуногун ва такмил додани фаъолияти дастаҷамъона, ки ба қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ мусоидат мекунад;

- муҳити бароҳати иттилоотӣ: Таъмини муҳити мусоиди иттилоотӣ барои ҳаёти шаҳрвандон ва ташкилотҳо;

- қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти инфиродӣ: Таъмини пурра қонеъ кардани ниёзҳои инфиродии ҳар як корбар.

Рушди ҳукумати электронӣ ба баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла кам кардани хароҷоти буҷет, инчунин, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст. Тамоюлҳои муосир дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳам дар дохили кишвар ва чи дар сатҳи ҷаҳонӣ барои таҳаввулоти ҳукумати электронӣ шароит ва мушкилоти нав ба вуҷуд меоранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Юсупов Ш.Н.**

**АДАБИЁТ**

1. Андиева Е.Ю. Цифровая экономика будущего, индустрия 4.0 / Е.Ю. Андиева, В.Д. Фильчакова // Прикладная математика и фундаментальная информатика: учебное пособие. –М., 2018. -№3. -С.214-218.
2. Василенко Н.В. Цифровая экономика: концепции и реальность / Н.В. Василенко // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика (инпром-2017): труды научно-практической конференции с международным участием. -СПб., 2017. -С.147-151.
3. Джурабаев Г.Д. Вопросы моделирования оценки социально-экономической эффективности электронного правительства. Монография / Г.Д. Джурабаев, М.Н. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -181 с.
4. Давлатов, К.К. Бедность в современном мире: Теория и практика / К.К. Давлатов, Н.У. Сафаров. -Душанбе: Типография Таджикского национального университета, 2019. -151 с. – ISBN 978-4-16-004577-1. – EDN STARZQ.
5. Мальтус Т. Таҷриба дар бораи қонуни ҷамъият / Т. Мальтус // Антологияи классикони иқтисодӣ. –М., 1993. -ҷилди 2. -133 с.
6. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: https://vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246 strategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (санаи истифодабарӣ 16.02.2024).
7. Сафаров, Н.У. Социально-экономические проблемы бедности в современном мире / Н.У. Сафаров, М.М. Абдурахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№4. -С.103-109. – EDN HZAYFA.
8. Сафаров, Н.У. Макроиқтисод: воситаи таълимӣ / Н.У. Сафаров. -Душанбе: Нушбод, 2023. -207 с. – ISBN 978-99985--4193-1. – EDN HGSVSM.
9. Сафаров, Н.У. Теоретические основы скорости индустрии - главный фактор повышения уровня и качества благосостояния / Н.У. Сафаров // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. -Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. -С.257-263. – EDN RVMWWN.
10. Сафаров, Н.У. Масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ТОҶИКИСТОН / Н.У. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№1. –С.103-108. – EDN TWNBOQ.
11. Тагоев, Б.Д. Продовольственная безопасность как составляющая уровня благосостояния региона / Б.Д. Тагоев, Н.У. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2022. -№1. -С.106-114. – EDN KSFQOT.
12. Тағоев, Б.Д. Таҷрибаи ҷаҳонии воридотивазкунии маҳсулоти ғизоӣ ва таъсири он ба сатҳу сифати некуаҳволӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Б.Д. Тағоев, Н.У. Сафаров // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2023. -№3(63). –С.67-72. – EDN TPPJBC.

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ЗАМИНАИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола такмили механизмҳои ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷанбаи муҳимми амнияти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ дар кишвар баррасӣ гардидааст. Имрӯз ба назари мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми арзёбии натиҷаҳои ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ маҳз ҷанбаи иҷтимоӣ муҳим аст. Дар зери самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ маҷмуи натиҷаҳои ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, ки пурратар қонеъ гардонидани ҳам талаботи иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодии аҳолии кишварро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, ҷузъи сиёсиро низ бояд ба мафҳуми ниёзҳои иҷтимоӣ дохил кард, зеро ниёзҳои иҷтимоӣ дар суботи сиёсӣ ва эътимод ба Ҳукумат, сатҳи муайяни озодиҳо ва демократикунонӣ ва мавҷуд набудани фасод дар кишвари мост. Дар як қатор таҳқиқотҳои ҷаҳонӣ ҷузъи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи мустақил ҷудо карда мешавад. Муаллифон бар ин назаранд, ки бо кумаки ҳукумати электронӣ метавонад бештар ба кумаки суроғавии иҷтимоӣ гузарем, то дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар ба натиҷаҳои боз ҳам назаррас ноил шавад. Дар охир, аз рӯи таҳлилҳо барои боз ҳам паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ якчанд хулосаю таклифҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳукумати электронӣ, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сифати зиндагӣ, кумаки суроғавӣ, натиҷаҳои назаррас.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА-ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается совершенствование механизмов электронного правительства как основа повышения уровня благосостояния в Республике Таджикистан и важный аспект социальной и экономической безопасности населения в стране. Сегодня, на наш взгляд, при оценке результатов внедрения электронного правительства в Республике Таджикистан важен именно социальный аспект. Под социально-экономической эффективностью понимают совокупность результатов внедрения электронного правительства, обеспечивающего более полное удовлетворение как социальных, так и экономических потребностей населения страны. При этом в понятие социальных потребностей следует включить и политическую составляющую, ведь социальные потребности – это политическая стабильность и доверие к Правительству, определенный уровень свободы и демократизации, отсутствие коррупции в нашей стране. В ряде мировых исследований политическая

составляющая выделяется как самостоятельная составляющая. Авторы придерживаются мнения, что с помощью электронного правительства мы сможем больше перейти к прямой социальной помощи, чтобы добиться еще более значимых результатов в повышении уровня жизни народа страны. По итогам анализа было представлено несколько выводов и предложений по дальнейшему снижению уровня бедности в стране и повышению уровня жизни населения.

**Ключевые слова:** электронное правительство, социально-экономические проблемы, качество жизни, адресная помощь, значимые результаты.

**IMPROVING ELECTRONIC GOVERNMENT MECHANISMS IS THE BASIS FOR INCREASING WELFARE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article discusses the improvement of e-government mechanisms, an important basis for increasing the level of well-being in the Republic of Tajikistan, as an important aspect of the social and economic security of the population in the country. Today, in our opinion, when assessing the results of the implementation of e-government in the Republic of Tajikistan, it is the social aspect that is important. Socio-economic efficiency is understood as the totality of the results of the implementation of e-government, which ensures better satisfaction of both the social and economic needs of the country's population. At the same time, the concept of social needs should also include a political component, because social needs are political stability and trust in the Government, a certain level of freedom and democratization, and the absence of corruption in our country. In a number of world studies, the political component is highlighted as an independent component. The authors are of the opinion that with the help of e-government we will be able to move more towards direct social assistance in order to achieve even more significant results in improving the standard of living of the people of the country. Based on the results of the analysis, several conclusions and proposals were presented for further reducing poverty in the country and improving the standard of living of the population.

**Keywords:** Electronic government, socio-economic problems, quality of life, targeted assistance, significant results.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Наврӯз Умаралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-72-21-23.** E-mail: **cheh-16@mail.ru**
***Абдураҳмонов Маҳмадсаид Муҳаммадҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, мудири бахши назорати синфхонаҳои компютерӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918657515.** E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафаров Навруз Умаралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-72-21-23.** E-mail: **cheh-16@mail.ru**
***Абдурахмонов Махмадсаид Мухаммаджонович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационных систем в экономике, заведующий сектором управления компьютерных классов. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918657515**. E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Safarov Navruz Umaralievich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of National Economy and Economic Security. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **988-72-21-23**. E-mail: **cheh-16@mail.ru**
***Abdurahmonov Mahmadsaid Muhammadjonovich*** **-** Tajik National University, researcher of the department of information systems in economics, Head of the Computer Classroom Management Sector. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 918657515.** E-mail: **mahmadsaid@mail.ru**

ТДУ: 657.47

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

***Шоймардонов Ҳ.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дигаргуниҳо дар қоидаҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, ки натиҷаи густариши пешниҳоди молҳо ва хизматрасониҳо дар бозор мебошанд, пайваста боиси афзоиши рақобати байни субъектҳои хоҷагидорӣ мегарданд. Дар ин радиф саноати хӯрокворӣ истисно нест ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ҳамин соҳа бештар ба роқобати шадид дар бозор дучор шудааст. Гузашта аз ин, саноати хӯрокворӣ яке аз содиркунандагони асосии маҳсулот ба хориҷи мамлакат ба ҳисоб меравад, ки ин масъалаи рақобатпазирии маҳсулоти саноати хӯроквориро дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ низ мубрам мегардонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 таъкид намудаанд, ки «... тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаврии кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем» [12]. Албатта, вазъи саноати хӯрокворӣ аз вазъи соҳаи кишоварзӣ вобаста аст, зеро кишоварзӣ таъминкунандаи асосии ашёи хом барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки барои истеъмолкунандагон на танҳо сифати маҳсулот, инчунин, нархи он муҳим аст, ҳар қадаре сифати маҳсулот баланд ва ҳамзамон, нархи он пасттар бошад, ҳамон қадар ба харидани маҳсулот майли бештар доранд, зеро ин барои харидор аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид аст. Ҳар қадаре арзиши аслии маҳсулот паст шавад, корхона ҳамон қадар рақобатпазир мегардад, маҳсулоти он барои харидорон дастрас ва самараи иқтисодӣ аз фурӯши он бештар мешавад.

Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар баробари дигар корхонаҳои тиҷоратӣ кӯшиш мекунанд, ки қарорҳои қабулкардаи роҳбарияти онҳо ба баланд шудани фоида мусоидат кунанд. Фоида асосан аз нархи маҳсулот ва арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши он вобаста аст.

Нархи маҳсулот дар бозор натиҷаи таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод мебошад. Бо таъсири қонунҳои нархгузории бозорӣ дар шароити рақобати озод нархи маҳсулот бо хоҳиши истеҳсолкунанда баланд ё паст шуда наметавонад, онро бозор худ танзим мекунад. Бинобар ин, хароҷоте, ки арзиши аслии маҳсулотро ташкил медиҳанд, ҷиҳати асосии идоракунии низоми нархгузорӣ дар корхона мебошанд. Коҳиш додани ҳаҷм ё беҳгардонии хароҷот аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ҳангоми идоракунии корхона бояд амалӣ карда шаванд.

Ҳувайдост, ки таъминкунандаи асосии иттилоот дар бораи хароҷоти истеҳсолӣ ва ташаккули арзиши аслӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар корхона ба кор бурда мешавад, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсури асосии он – баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ яке аз заминаҳои асосие мебошад, ки ба роҳбарияти корхона барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб имкон медиҳад. Азбаски баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти баҳисобгирӣ барои эҳтиёҷоти идоракунӣ фаҳмида мешавад, пас табиист, ки ҳадафи баҳисобгирии идоракунӣ таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад. Гузашта аз ин, «баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ботадриҷ рушдкунанда низоми идоракунии корхонаро ифода мекунад, ки зернизомҳо ва усулҳои гуногуни идоракуниро барои ноилгардии ҳадафи ягона ҳамгиро мекунад» [1,с.111].

Гурӯҳи олимони рус бо роҳбарии А.Д. Шеремет ба масъалаи ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ дахл намуда, дар асоси омӯзиши хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ чунин ҳадафҳои онро муайян мекунанд: «пешниҳоди иттилооти зарурӣ ба маъмурият барои

идоракунии истеҳсолот ва қабули қарорҳо барои оянда; ҳисоб кардани арзиши аслии воқеии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ва тамоилот аз меъёрҳо, стандартҳо ва харҷномаҳои муқарраршуда; муайян кардани натиҷаҳои молиявии фурӯши маҳсулот...» [14,с.19]. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо дар корхонаҳои саноати хӯроквори дар баробари пешбурди баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ, ки ҳоло ҳамчун баҳисобгирии молиявӣ маъмул аст, ба таври фаврӣ муайян кардани намудҳои нисбатан даромадноки маҳсулот, идоракунии чандири захираҳои молиявии дар ихтиёри худ доштаи корхона, мунтазам роҳандозӣ намудани банақшагирӣ ва ояндабинии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ зарур аст ва барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад.

Саноати хӯрокворӣ аз нигоҳи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ як қатор хусусиятҳои бо равандҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолии худ алоқамандро дорад. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои умумии истеҳсолот дар аксари корхонаҳои саноати хӯрокворӣ инҳо мебошанд: дараҷаи баланди беистии раванди технологӣ, бинобар зарурати коркарди зуд ва саривақтии ашёи хом; дар технологияи истеҳсоли маҳсулот бартарӣ доштани равандҳои биокимиёвӣ; алоқаи зичи байни қисмҳои алоҳидаи раванди технологӣ; имконнопазирӣ ё маҳдуд будани имконияти ташкили захираҳои фосилавии истеҳсолоти нотамом; аниқ ва нисбатан хурд будани доираи марҳилаҳои дар раванди истеҳсолӣ ҷудошаванда; муҳлати маҳдуди нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр; баҳисобгирии маҳсулоти тайёр бо қисмҳо ва ғайра.

Дар баробари хусусиятҳои умумии истеҳсоли маҳсулот, равандҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ инчунин, дорои хусусиятҳои мушаххасе мебошанд, ки бевосита ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд, чун: мавҷудияти воҳидҳои сохторие, ки ашёи хом ва маводро қабул мекунанд ва маҳсулоти тайёрро месупоранд; ашёи хом ва мавод дар асоси меъёрҳои истеҳсоли маҳсулот соқит карда мешаванд; банақшагирии истеҳсоли маҳсулот ба ҷо оварда мешавад, талабот ба ашёи хом ва мавод пешакӣ ҳисоб карда мешавад; барои ба истеҳсолот баровардани мавод шаклҳои дахлдори ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешаванд; зарурати ҳисоб кардани арзиши аслии нақшавӣ ва воқеии истеҳсоли воҳиди маҳсулоти ҳар як намуд бо назардошти истеҳсолоти ёрирасон.

Дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ истеҳсоли номгӯйи васеъ ва гуногуншакли маҳсулоти хӯрокворӣ ба роҳ монда мешавад, гузашта аз ин, тартиби истеҳсоли онҳо зуд-зуд тағйир меёбад, ки ин ба пайдо шудани мушкилот дар идоракунӣ ва назорати хароҷот, муайян кардани шахсони масъул барои изофахарҷкунии мавод, ҷустуҷӯ ва дарёфти сабабҳои изофахарҷкунӣ боис мешавад. Бинобар ин, барои ба даст овардани натиҷаи молиявии муносиб ҳангоми ҳаҷмҳои муайяни истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва нархҳои фурӯши он, бояд: арзиши аслии воқеии номгӯйи калони маҳсулот аниқ ҳисоб карда шавад; баҳисобгирӣ бо зиёда аз як воҳиди ченак бурда шавад, масалан, дар корхонаҳои коркарди гӯшт саршумор ва вазн, дар корхонаҳои коркарди ғалла – вазни ҳақиқӣ ва вазни баҳисобгирӣ; ташкили ҳаракати бошиддати маҳсулоти тайёри фурӯхташаванда дар анбор (ҳамарӯза қабул кардан ва таҳвили маҳсулоти тайёр ба шумораи зиёди харидорон), иҷрои шумораи зиёди шартномаҳои таҳвили маҳсулот таъмин карда шавад; баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии шаклҳои ҳуҷҷатҳои иловагӣ, масалан барои маҳсулоти таҳтиаксизӣ (машрубот, тамоку) ташкил карда шавад.

Хусусиятҳои номбаршудаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мутобиқсозӣ ва рушди усулҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракуниро талаб мекунанд. Ҳамин тариқ, дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ масъалаи таҳия ва интихоби равиши муносиб ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки хусусиятҳои соҳаро инъикос кунад ва барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ имконият фароҳам оварад, мубрам аст.

Барои ташкили низоми баҳисобгирӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд ба назар гирифт, ки он барои ҳар як корхона инфиродӣ аст, бинобар ин, ҳар як корхона объектҳо, ҳадафҳо, маҳакҳо ва воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳо, усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва тафсири иттилоот, инчунин, унсурҳои бунёдкунандаи низомро вобаста аз эҳтиёҷоти идоракунии худ мустақилона муайян мекунад. Дар ин маврид, робитаҳои байни унсурҳои низом бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ ва истеҳсолии корхона таҳия карда

мешаванд, «самаранокии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун заминаи иттилоотӣ барои асосноккунии қарорҳои идоракунӣ бо ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад ва ин аз маҷмуи омилҳои дорои хосияти ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ вобаста аст» [7,с.14].

Ҳангоми ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқи таснифи ҳамин гуна низомҳои дар таҷрибаи хориҷӣ истифодашаванда ба роҳбарияти корхона дар қабули қарорҳои асоснок оид ба интихоби амсилаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ёрдам мекунад. Дар равишҳои илмӣ ба таснифи низомҳои баҳисобгирии идоракунӣ яке аз аломатҳои асосӣ ин дараҷаи муносибати байни баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Вобаста ба аломати мазкур ду тарзи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ фарқ карда мешавад: ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми алоҳида (мустақил) ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми ягонаи ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ [3; 4; 9; 15].

Ташкили низомҳои алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ барои корхонаҳои калон хос аст. Низоми мазкур махфияти иттилооти идоракуниро то ҳадди имкон таъмин мекунад, зеро нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ бе ҳамбастагӣ бо ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ тартиб дода шуда, тамоми раванди баҳисобгирӣ аз бунёд ба эҳтиёҷоти идоракунӣ нигаронида шудааст. Барои бо ҳам мувофиқ кардани маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ ба нақшаи кории ҳисобҳои корхона ҳисобҳои акскунанда ворид карда мешаванд. Дар низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳамкории мутақобила бо баҳисобгирии молиявӣ ташкил карда шуда, робитаи мустақим ва баръакс дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин карда мешавад ва бо ҳамин ягонагии низомҳои ҳисобҳо, айёнӣ ва робитаи мантиқии маълумоти баҳисобгирӣ нигоҳ дошта мешавад.

Баҳисобгирии идоракунии муосир бештар бо хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, яъне муайян кардани арзиши аслӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона сарукор дорад. Ба ҳамин хотир, дар адабиёт ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракуниро аксаран ҳамчун баҳисобгирии идоракунии хароҷот ном мебаранд. Вобаста ба ин, Б.Ҳ. Каримов ва М.Б. Каримиён таъкид мекунанд, ки «асоси низоми баҳисобгирии идоракунӣ баҳисобгирии хароҷот - ғункунӣ ва гурӯҳбандии хароҷот, тақсимоти хароҷот ба объектҳои баҳисобгирӣ (воҳидҳои маҳсулот, макони хароҷот) баҳисоб меравад» [5,с.19]. Ба ақидаи муаллифон Қ.Х. Хушвахтзода ва Д.А. Розиев ҷиҳати муҳимми амалии низоми баҳисобгирии идоракунӣ «таснифи хароҷотҳо буда, унсурҳои муҳимтарини он асосҳои гурӯҳбандӣ, инчунин, моддаҳои бо ҳамин асос ҷудокардашудаи хароҷотҳо мебошанд, ки минбаъд, пас аз тақсимкунӣ бояд ба баҳисобгирӣ ва таҳлил фаро гирифта шаванд» [16,с.110].

Ҳамин тариқ, яке аз ҷиҳатҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ, ин таснифи хароҷот мебошад. Дар баробари ин, назария ва амалияи муосири баҳисобгирии идоракунӣ ба хотири баланд бардоштани сифати идоракунии истеҳсолот, кафолати гирифтани фоида ва қонеъ гардонидани манфиати соҳибмулкон идоракунии хароҷоти корхонаро ҳамчун унсури муҳимми низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҷудо мекунад. Шароити муосири фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, мавҷудияти омилҳоеро, ки андозаи фоидаро маҳдуд мекунанд, чун хароҷот, ки дар маҷмуъ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва мувофиқан ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳо таъсири назаррас мерасонанд, пешбинӣ менамояд. Бинобар ин, дар қаринаи таҳқиқоти мо, тафсири мафҳуми хароҷот аз нигоҳи баҳисобгирии муҳосибӣ муҳим аст.

Дар адабиёт вобаста ба ин ду мафҳуми муҳимми баҳисобгирии идоракунӣ баҳсҳои зиёд ба назар мерасанд. Баъзе муҳаққиқон ин ду мафҳумро як хел тафсир мекунанд. Вале ақидаи ғолиб, ки солҳои охир аз ҷониби олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ изҳор мешавад, дар тафовути ин ду мафҳум ифода меёбад. Яъне, дар ҳоле, ки маҳсулот дар ихтиёри корхона аст ва дар тавозуни он инъикос меёбад, арзиши истеҳсоли он бо мафҳуми хароҷотҳо ифода мешавад, вақте ки маҳсулот ба харидор таҳвил ва аз гардиши корхона берун мешавад, арзиши истеҳсоли он хароҷот аст.

Хароҷотҳо дар лаҳзаи хариди молҳо ва қабули хизматрасониҳо пайдо мешаванд. Онҳо бо пардохт кардани маблағ, пайдо шудани қарздорӣ (масалан, ҳисобҳо барои

пардохт) ва дигар роҳҳо ба миён меоянд. Ин хароҷотҳо метавонанд ё ба дороиҳо (дар тавозуни муҳосибӣ), ё ба хароҷот (дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар) мансуб дониста шаванд. Хароҷот дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар дар асоси ҳамбастагии бевоситаи байни хароҷотҳои бамиёномада ва воридшавии даромадҳои муайян эътироф карда мешаванд. Чунин муносибат мувофиқати хароҷот ва даромадҳо ном дорад, яъне ҳамаи даромадҳо бо хароҷотҳои дахлдори барои гирифтани онҳо бамиёномада бояд мувофиқ бошанд.

Аз нигоҳи техникаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳоло дар корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, хароҷотҳои марбут ба истеҳсоли маҳсулот дар доираи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дар аввал бо гузаронидан аз кредити ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ - ҳисобҳои гурӯҳҳои 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк» (ҳисобҳои гурӯҳи 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк» афзалият доранд) ва ҳисобҳои гурӯҳи 22000 «Қарздории кредитории тиҷоратӣ» ба дебети ҳисобҳои 10720 «Ашёи хом ва маводҳо», 10760 «Сӯзишворӣ», 10770 «Қисмҳои эҳтиётӣ», 10780 «Лавозимот ва асбобу анҷом», 10790 «Дигар захираҳо», ҳисобҳои гурӯҳи 11000 «Воситаҳои асосӣ» ва дигарҳо гузаронида мешаванд. Сипас, бо мурури истифода дар истеҳсоли маҳсулот хароҷотҳои мазкур ба дебети ҳисобҳои 10730 «Истеҳсолоти нотамом», 10740 «Маҳсулоти тайёр» гузаронида мешаванд. Пас аз фурӯш (таҳвил)-и маҳсулоти тайёр хароҷотҳои ифодакунандаи арзиши аслии он ба хароҷоти фурӯш – ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» соқит карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳоло расман дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ истифода мешавад [10], барои корбурд дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ қобили истифода нест, зеро дар он ҳисобҳои махсус барои пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот пешбинӣ нашудаанд. Вале олимон ва муҳаққиқони ватанӣ солҳои охир дар интишороти илмии худ кӯшиш менамоянд, ки нақшаи ҳисобҳои мазкурро вобаста ба шароити корбурди он ба мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ таҳрир ва таҷдид кунанд ва дар ин самт ба дараҷае муваффақ ҳам шудаанд.

С.Ф. Низомов пешниҳод менамояд, ки ба нақшаи ҳисобҳои ҳоло амалкунанда, бахши ҳаштум илова карда шуда, дар он ҳисобҳои алоҳида барои пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот пешбинӣ карда шаванд [11]. Ба андешаи Д.А. Розиев, то таҳия ва қабули тарзи нави нақшаи ҳисобҳо, «имконоти доштаи нақшаи ҳисобҳои мавҷудбударо истифода бурда, метавон онро барои мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ истифода бурд. Барои ин, васеъ намудани таркиби ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» бо ҳисобҳои тартиби дуюм (зерҳисобҳо) кифоя аст» [13,с.79]. Ҳамин андешаро муҳаққиқ У.Ф. Ғаниев низ ҷонибдорӣ намуда, тартиби истифодаи ҳисобҳои тавсияшавандаро барои корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ нишон додааст [2,с.112-113].

Таҳқиқи низомҳои идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нишон дод, ки сохтори ташкилии мавҷуда ва вазифаҳои идоракуние, ки воҳидҳои сохтории онҳо иҷро мекунанд, ба масъалаҳое, ки бояд дар доираи низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳал шаванд, пурра мувофиқат намекунанд ва барои қабули қарорҳои идоракунии марбут ба пешомади фаъолият кифоя нестанд. Дар баробари ин, сохтори идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз талаботи замон тадриҷан ақиб монда, ба вазъи кунунӣ ва дигаргуниҳое, ки дар шароити бозор ба амал меоянд, номувофиқ аст.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ бозбинӣ ва таҷдиди тамоми низоми идоракуниро вобаста ба ташаккули низоми муассири баҳисобгирии идоракунии хароҷот тақозо мекунад. Ба роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба хотири арзёбии хавфҳои фаъолият ва муайян кардани пешомадҳои рушди истеҳсолию молиявии корхона, ғайр аз иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда, ки дар асоси ҷамъбасти бақияҳои ҳисобҳои таркибии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ташаккул меёбад, инчунин, маълумоти тафриқашуда, ки натиҷаҳои молиявии фаъолиятро дар самтҳои алоҳидаи он нишон диҳанд, лозим аст. Ба ҳалли масъалаи мазкур таҳия ва татбиқи амсилаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҷудо кардан ва истифодаи ҳисобҳо

(зерҳисобҳо)-и баҳисобгирии идоракунии хароҷот, ки дар таҷрибаи хориҷӣ истифода мешавад, имкон медиҳад.

Ҷудо кардани ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, дар баробари беҳгардонии таъминоти иттилоотии зинаҳо ва сохторҳои гуногуни идоракунӣ барои ҳифзи сирри тиҷоратӣ оид ба сатҳи хароҷоти истеҳсолот, даромаднокии намудҳои алоҳидаи маҳсулот ва нимтайёраҳои истеҳсолшаванда шароит фароҳам меорад. Дар ин маврид, ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ аз ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ, бояд ба дараҷае ҷудо карда шаванд, ки дар ҳар як гурӯҳи ҳисобҳо (зерҳисобҳо)-и барои баҳисогирии идоракунӣ пешбинишуда маълумоти зарурӣ дар бораи хароҷоти истеҳсолӣ ҷамъбаст карда шавад. Амсилаи намунавии таҳияи ҳисобҳо (зерҳисобҳо) барои инъикоси иттилооти баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар истеҳсоли оби нӯшокии маъданӣ (яке аз зерсоҳаҳои саноати хӯрокворӣ) дар асосии муфассалкунии ҳисоби таркибии 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар ҷадвали 1 тасвир шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки истеҳсоли саноатии оби нӯшокии маъданӣ раванди дорои марҳилаҳо (марҳилаи 1 – M1, марҳилаи 2 – M2, марҳилаи 3 – M3, марҳилаи 4 – M4) мебошад. Бинобар ин, ҳангоми ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли он истифодаи усули марҳилавӣ (марҳилавии бенимтайёра)-и баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот мақбул аст.

**Ҷадвали 1. Амсилаи инъикоси иттилооти баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли оби маъданӣ дар ҳисобҳо**

**Table 1. The method of reflecting accounting information on mineral water production cost management in accounts**

| | | |
|---|---|---|
| 10730 «Истеҳсолоти нотамом» | | |
| Зерҳисоби тартиби 1 | | 10731 «Истеҳсолоти асосӣ» |
| M1 | Зерҳисоби тартиби 2 | 10731.1 «Хароҷоти омодасозии истеҳсолот» |
| | | 10731.1.1 «Хароҷоти моддӣ» |
| | | 10731.1.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат» |
| | Зерҳисобҳои тартиби 3 | 10731.1.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ» |
| | | 10731.1.4 «Хароҷоти истеҳлок» |
| | | 10731.1.5 «Дигар хароҷот» |
| M2 | Зерҳисоби тартиби 2 | 10731.2 «Хароҷоти тозакунии об» |
| | | 10731.2.1 «Хароҷоти моддӣ» |
| | | 10731.2.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат» |
| | Зерҳисобҳои тартиби 3 | 10731.2.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ» |
| | | 10731.2.4 «Хароҷоти истеҳлок» |
| | | 10731.2.5 «Дигар хароҷот» |
| M3 | Зерҳисоби тартиби 2 | 10731.3 «Хароҷоти маъданноккунӣ ва ба зарф пур кардан» |
| | Зерҳисоби тартиби 3 | 10731.3.1 «Истеҳсоли оби маъдании №1» |
| | | 10731.3.1.1 «Хароҷоти моддӣ» |
| | | 10731.3.1.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат» |
| | Зерҳисобҳои тартиби 4 | 10731.3.1.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ» |
| | | 10731.3.1.4 «Хароҷоти истеҳлок» |
| | | 10731.3.1.5 «Дигар хароҷот» |
| | Зерҳисоби тартиби 3 | 10731.3.2 «Истеҳсоли оби маъдании №2» |
| | | 10731.3.2.1 «Хароҷоти моддӣ» |
| | | 10731.3.2.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат» |
| | Зерҳисобҳои тартиби 4 | 10731.3.2.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ» |
| | | 10731.3.2.4 «Хароҷоти истеҳлок» |
| | | 10731.3.2.5 «Дигар хароҷот» |
| M4 | Зерҳисоби тартиби 2 | 10731.4 «Хароҷоти тамғагузорӣ ва нигоҳдорӣ» |
| | Зерҳисоби тартиби 3 | 10731.4.1 «Оби маъдании №1» |
| | | 10731.4.1.1 «Хароҷоти моддӣ» |
| | | 10731.4.1.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат» |
| | Зерҳисобҳои тартиби 4 | 10731.4.1.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ» |
| | | 10731.4.1.4 «Хароҷоти истеҳлок» |
| | | 10731.4.1.5 «Дигар хароҷот» |
| | Зерҳисоби тартиби 3 | 10731.4.2 «Оби маъдании №2» |

| | |
|---|---|
| Зерҳисобҳои тартиби 4 | 10731.4.2.1 «Хароҷоти моддӣ»<br>10731.4.2.2 «Хароҷоти пардохти меҳнат»<br>10731.4.2.3 «Хароҷоти андози иҷтимоӣ»<br>10731.4.2.4 «Хароҷоти истеҳлок»<br>10731.4.2.5 «Дигар хароҷот» |
| Зерҳисоби тартиби 1 | 10733 «Истеҳсолоти ёрирасон» |
| Зерҳисоби тартиби 1 | 10734 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ» |
| Зерҳисоби тартиби 1 | 10735 «Хароҷоти умумихоҷагӣ» |
| Зерҳисоби тартиби 1 | 10738 «Ноқис дар истеҳсолот» |
| Зерҳисоби тартиби 1 | 10739 «Акси хароҷоти умумӣ» |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Татбиқи амсилаи мазкур дар корхонаҳои истеҳсоли обҳои нӯшокии маъданӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии ҳар як намуди маҳсулот (дар мисоли мо – оби маъдании №1 ва оби маъдании №2) аниқ ҳисоб карда шавад.

Таркиби хароҷоти дар ҳисобҳои тибқи амсилаи инъикоси иттилооти баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли оби нӯшокии маъданӣ барои мақсадҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот пешбинишуда (зерҳисобҳои тартиби 1) дар ҷадвали 2, оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Таркиби ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли оби маъданӣ**
**Table 2. Composition of accounting accounts for the management of mineral water production costs**

| Ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот | Моддаҳои арзиши аслӣ |
|---|---|
| 10731 «Истеҳсолоти асосӣ» | 1. Хароҷоти нақлиётии технологии кашонидани об<br>2. Маводи ёрирасони технологӣ<br>3. Сӯзишвории технологӣ<br>4. Неруи технологӣ<br>5. Хароҷоти нигоҳдории истеҳсолоти асосӣ<br>6. Пардохти меҳнати кормандони истеҳсолӣ<br>7. Андози иҷтимоӣ барои кормандони истеҳсолӣ |
| 10733 «Истеҳсолоти ёрирасон» | 1. Хароҷоти нақлиётӣ<br>2. Маводи ёрирасони технологӣ<br>3. Сӯзишвории технологӣ<br>4. Неруи технологӣ<br>5. Хароҷоти нигоҳдории истеҳсолоти ёрирасон<br>6. Пардохти меҳнати кормандони истеҳсолоти ёрирасон<br>7. Андози иҷтимоӣ барои кормандони истеҳсолоти ёрирасон |
| 10734 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ» | 8. Хароҷоти азхудкунӣ ва омодасозии истеҳсолот, аз ҷумла:<br>8.1. хароҷоти азхудкунии сарватҳои табиӣ<br>8.2. хароҷоти корҳои иктишоф ва истифодабарӣ<br>9. Хароҷоти нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, таъмир ва хизматрасонии техникии воситаҳои асосӣ |
| 10735 «Хароҷоти умумихоҷагӣ» | 10. Хароҷоти маъмурӣ<br>11. Андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ<br>12. Хароҷоти беҳдошти замин ва дигар корҳо оид ба ҳифзи сарватҳои табиӣ |
| 10738 «Ноқис дар истеҳсолот» | 13. Талафот аз ноқис |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Мувофиқи амсилаи таҳияшудаи инъикоси иттилооти баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар истеҳсоли оби нӯшокии маъданӣ, марҳилаи аввалӣ омодасозии истеҳсолот мебошад, ки дар доираи он кашонидан ва назорати сифат (санҷиши озмоишгоҳӣ)-и оби аз чашма, чоҳ, обанбор ё рудхона гирифташуда, анҷом дода мешавад. Хароҷоти марҳилаи мазкур аз арзиши кашонидани об (хароҷоти нақлиётии технологӣ) ва арзиши корҳои озмоишгоҳии санҷишӣ иборат буда, чунин ҷузъҳоро дарбар мегирад: хароҷоти моддӣ, хароҷоти пардохти меҳнат, андози иҷтимоӣ, истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои

ғайримоддӣ ва дигар хароҷот. Бояд қайд кард, ки худи об ҳамчун сарвати табиӣ арзиш (нарх) надорад ва агар корхона барои истеҳсоли оби нӯшокии маъданӣ обҳои зеризаминиро истифода барад, ба буҷети давлат андозҳо барои истифодабарии захираҳои табииро месупорад, ки маблағи онҳо ба хароҷоти умумихоҷагӣ мансуб мебошад.

Истеҳсол ва ба зарфҳо пур кардани оби нӯшокии маъданӣ, ногузир коркарди технологии оби аввалии ҳамчун ашёи хом истифодашавандаро дарбар мегирад. Албатта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чашмаҳои табиии зиёде ҳастанд, ки таркиби оби онҳо ба ҳама меъёрҳои сифати оби нӯшокӣ мувофиқат мекунад ва воқеан ба ғайр аз ба зарфҳо пур кардан дигар ягон хел дахолати технологиро талаб намекунад. Бо вуҷуди ин, дар аксари корхонаҳои истеҳсолкунандаи обҳои нӯшокии маъданӣ, пас аз санҷиши озмоишгоҳӣ марҳилаи дуюм - тоза кардани «оби хом» роҳандозӣ карда мешавад. Бинобар ин, хароҷотҳои тозакунии об вобаста аз натиҷаи санҷиши озмоишгоҳӣ метавонад чунин хароҷотро дарбар гиранд: хароҷоти тозакунии механикӣ, тозакунӣ аз оҳан ва марганетс, тозакунии карбонӣ, коркарди ултрабунафш, хароҷоти тозакунӣ-сабукгардонӣ ва ғайраҳо. Хароҷоти ин марҳила низ аз ҷузъҳои хароҷоти моддӣ, хароҷоти пардохти меҳнат, андози иҷтимоӣ, истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар хароҷот иборат аст.

Ҳисобкунии арзиши аслӣ дар марҳилаҳои якум ва дуюм бо усули «дегӣ» (бе ҷудокунӣ ба намудҳои маҳсулот) истифода мешавад, зеро аксари корхонаҳои истеҳсолкунандаи оби нӯшокии маъданӣ, ба таври маъмулӣ барои истеҳсоли тамоми намудҳои маҳсулоти худ (намудҳои оби нӯшокии маъданӣ) аз як манбаи оби аввалӣ истифода мебаранд. Натиҷаи марҳилаҳои якум ва дуюм ду намуди маҳсулот - оби омодашуда (марҳилаи 1) ва оби тозакардашуда (марҳилаи 2) мебошад. Агар дар ҳар як марҳила якчанд намудҳои маҳсулот ё нимтайёраҳо истеҳсол шаванд (дар аксари корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ба истиснои корхонаҳои истеҳсоли обҳои нӯшокии маъданӣ ҳамин хел аст), дар ин мавриди усули «дегӣ»-и баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот қобили истифода нест. Вале, дар мисоли мо, ки корхона танҳо ду намуди шартии оби нӯшокии маъданӣ (оби маъдании №1 ва оби маъдании №2) истеҳсол мекунад, истифодаи усули «дегӣ» мақбул аст.

Арзиши аслии оби омодашуда ва тозакардашуда, ки дар марҳилаҳои якум ва дуюми раванди технологӣ ва ҳам баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ташаккул ёфтааст, пурра ба марҳилаи сеюм ворид мешавад.

Дар марҳилаи сеюм – маъданноккунӣ, газноккунӣ ва ба зарфҳо пур кардани оби нӯшокии маъдании барои истеъмол омодашуда ба ҷо оварда мешавад. Дар ин мавриди, хароҷоти маъданноккунӣ ва газноккунии об вобаста аз намудҳои оби нӯшокии маъданӣ гуногун буда метавонад ва ба мисли марҳилаҳои аввалӣ ҷузъҳои хароҷоти моддӣ, хароҷоти пардохти меҳнат, андози иҷтимоӣ, истеҳлок ва дигар хароҷотро дарбар мегирад. Арзиши аслии намудҳои алоҳидаи маҳсулот, ки дар марҳилаи сеюм ташаккул меёбад, пурра ба марҳилаи чорум мегузарад.

Дар марҳилаи чорум хароҷоти тамғагузорӣ ва нигоҳдорӣ барои ҳар як намуди маҳсулот (оби маъдании №1 ва оби маъдании №2) мушаххас мебошад, зеро баҳисобгирии онҳо дар доираи ҳар як намуди маҳсулот алоҳида бурда мешавад. Ҳамин тариқ, дар анҷоми марҳилаи чоруми раванди истеҳсолӣ – марҳилаи баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ бо усули марҳилавӣ, арзиши аслии ҳар як намуди маҳсулот муайян карда мешавад.

Барои баҳисобгирии ҷузъҳои хароҷоти истеҳсолӣ дар тамоми марҳилаҳо бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти моддӣ (10731.1.1, 10731.2.1, 10731.3.1.1, 10731.3.2.1, 10731.4.1.1, 10731.4.2.1) дар робита бо кредити ҳисобҳои 10720 «Ашёи хом ва маводҳо», 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт» арзиши ашёи хом, мавод, сӯзишворӣ, неру (энергия)-и барои истеҳсоли маҳсулот харҷшуда, корҳои хосияти истеҳсолӣ доштаи дар раванди истеҳсоли маҳсулот иҷрокардаи корхонаҳои дигар инъикос карда мешавад. Бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти пардохти меҳнат (10731.1.2, 10731.2.2, 10731.3.1.2, 10731.3.2.2, 10731.4.1.2, 10731.4.2.2) дар робита бо кредити ҳисобҳои 22210 «Музди меҳнати пардохтшаванда» маблағи музди меҳнати ҳисобузамшудаи кормандон бо дарбаргирии тамоми намудҳои мукофотпулиҳо ва тамоми намудҳои дигари пардохтҳо ба кормандон

инъикос карда мешавад. Бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти андози иҷтимоӣ (10731.1.3, 10731.2.3, 10731.3.1.3, 10731.3.2.3, 10731.4.1.3, 10731.4.2.3) дар робита бо кредити ҳисоби 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» маблағҳои барои ташаккули фонди нафақа ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ ҳисобузамнамудаи корхона инъикос карда мешаванд. Бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳлок (10731.1.4, 10731.2.4, 10731.3.1.4, 10731.3.2.4, 10731.4.1.4, 10731.4.2.4) дар робита бо кредити ҳисобҳои гурӯҳи 11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ», ҳисоби 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ» маблағи хароҷоти корхона барои истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ, ки тибқи меъёрҳои бо моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] муқаррааргардида ҳисобузам шудааст, инъикос карда мешавад. Бо дебети ҳисобҳои баҳисобгирии дигар хароҷот (10731.1.5, 10731.2.5, 10731.3.1.5, 10731.3.2.5, 10731.4.1.5, 10731.4.2.5) дар робита бо кредити ҳисобҳои 22010 «Ҳисобҳо барои пардохт», 22270 «Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда» ва дигар ҳисобҳо маблағи хароҷоти дигар, ки дар ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот аз рӯи ҷузъҳои асосӣ нишон дода нашудаанд, инъикос карда мешавад.

Дар анҷоми ҳар моҳ ҳисобҳои баҳисобгирии ҷузъҳои хароҷот ба дебети ҳисоби акскунандаи 10739 «Акси хароҷоти умумӣ» маҳкам карда мешаванд. Маблағҳои дар ҳисоби 10739 «Акси хароҷоти умумӣ» ҷамъоваришуда дар байни ҳисобҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ тақсим карда шуда, ба дебети ҳисобҳои 10731 «Истеҳсолоти асосӣ», 10733 «Истеҳсолоти ёрирасон», 10734 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ», 10735 «Хароҷоти умумихоҷагӣ», инчунин, ба дебети ҳисоби 55010 «Арзиши аслии фурӯш» соқит карда мешаванд.

Ҳангоми зарурати ба даст овардани иттилооти нисбатан муфассал ва пурра барои идоракунии хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот, баҳисобгирии таҳлилӣ ташкил карда мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Калемуллоев М.В.**

**АДАБИЁТ**


1. Безруков Н.В. Состояние пищевой промышленности региона и организация системы управленческого учета / Н.В. Безруков // Регионология. – 2012. -№1(78). -С.106-112.
2. Ғаниев У.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ: дисс. барои дарёфти дар. илм. номз. илм. иқт.: 08.00.08 / У.Ф. Ғаниев. -Душанбе, 2023. -199 с.
3. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет / Пер. с англ. / К. Друри; под ред. С.А. Табалиной. -М.: Аудит, ЮНИТИ, 1998. -774 с.
4. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет / В.Б. Ивашкевич. -М.: Магистр, 2008. -574 с.
5. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. -Душанбе: Ирфон, 2021. -440 с.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__13_11_2023-RT_tj.pdf
7. Курманова А.Х. Концептуальные подходы к формированию систем управленческого учета в организациях / А.Х. Курманова // Международный бухгалтерский учет. – 2013. -№28(274). -С.13-21.
8. Махмадизода, Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№5. -С.138-145.
9. Мизиковский И.Е. Генезис управленческого учета на отечественных предприятиях / И.Е. Мизиковский. -М.: Экономистъ, 2006. -199 с.
10. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011. -№41. [Манбаи электронӣ]. URL: http://minfin.tj/downloads
11. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук: 08.00.12 / С.Ф. Низомов. –М., 2011. -360 с.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/32191
13. Розиев Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ: дисс. барои дарёфти дар. илм. номз. илм. иқт.: 08.00.12 / Д.А. Розиев. -Душанбе, 2021. -196 с.
14. Хорнгрен Ч. Управленческий учет / Ч.Т. Хорнгрен, Дж. Фостер, Ш. Датар. -10-е изд.; пер с англ. -СПб.: Питер, 2005. -1008 с.

15. Хушвахтзода Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. -№4(72). -С.108-118.
16. Шеремет А.Д. Управленческий учет: учебное пособие / А.Д. Шеремет, Н.П. Кондраков, С.М. Шапигузов. -М.: ИД ФБК-ПРЕСС, 2000. -512 с.
17. Шоймардонов Ҳ.Қ. Заминаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот / Ҳ.Қ. Шоймардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. -№1. -С.66-74.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Бештар ба ҷиҳатҳои амалии ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот диққат дода мешавад. Хусусиятҳои умумии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин, хусусиятҳои махсуси корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки бевосита ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд таҳқиқ шудаанд. Зарурати роҳандозӣ намудани рақобати бомуваффақ роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои саноати хӯроквориро водор мекунад, ки ба масъалаҳои муҳимми такмили равандҳои дохилӣ, паст кардани арзиши аслии маҳсулот, пешбурди босуръати истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулот таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Вале на ҳамеша истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар ҳалли масъалаҳои мазкур комёб мешаванд, зеро онҳо имконияти ҷолиби тавсеаи ҳаҷм ва номгӯйи навъҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаро, ки шароити воқеӣ ба онҳо пешниҳод кардааст, дуруст истифода бурда наметавонанд. Сабаби ин на душвориҳои дорои хосияти истеҳсолӣ, балки мавҷудияти мушкилот дар низоми идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, пеш аз ҳама, мушкилоти таъмини раванди идоракунии истеҳсолот бо иттилооти мубрами барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ мебошад. Таъминкунандаи ин гуна иттилоот, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва хусусан унсури асосии он – баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Барои корхонаҳои яке аз зерсоҳаҳои саноати хӯрокворӣ – истеҳсоли обҳои нӯшокии маъданӣ амсилаи намунавии инъикоси иттилооти баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот дар ҳисобҳо таҳия карда шуда, барои татбиқи он ҳисобҳо (зерҳисобҳо) барои мақсадҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот, низоми баҳисобгирӣ, саноати хӯрокворӣ, арзиши аслӣ, маҳсулоти тайёр.

## ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА ЗАТРАТ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В данной статье исследуются особенности организации управленческого учета на предприятиях пищевой промышленности. Больше внимания уделено практическим аспектам организации управленческого учета затрат на производство, исчислению себестоимости продукции. Исследуются общие особенности пищевого производства, а также особенности предприятий пищевой промышленности, которые непосредственно влияют на организацию управленческого учета. Необходимость осуществления успешной конкуренции заставляет руководство и менеджмент предприятий пищевой промышленности уделять больше внимания важнейшим вопросам совершенствования внутренних процессов - снижению себестоимости продукции, ускорению производства и повышению качества продукции. Однако производителям продукции пищевой промышленности не всегда удается решить эти проблемы, поскольку они не могут должным образом использовать привлекательную возможность расширения объемов, номенклатуры и ассортимента выпускаемой продукции, которую им предоставляют реально существующие условия. Причиной этого являются не трудности производственного характера, а наличие проблем в системе управления предприятиями пищевой промышленности, прежде всего, проблемы обеспечения процесса управления производством актуальной информацией, необходимой для принятия управленческих решений. Поставщиком такой информации является система бухгалтерского учета, и особенно ее главный элемент – управленческий учет. Для предприятий одной из подотраслей пищевой промышленности - производства минеральной питьевой воды - разработана примерная модель отражения информации управленческого учета затрат на производство продукции на счетах, а для ее реализации предложены счета (субсчета) для целей управленческого учета затрат.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, управленческий учет, учет затрат, система учета, пищевая промышленность, себестоимость, готовая продукция.

## FEATURES OF ORGANIZATION OF MANAGEMENT COST ACCOUNTING IN FOOD INDUSTRY ENTERPRISES

This article examines the features of the organization of management accounting at food industry enterprises. More attention is paid to the practical aspects of organizing management accounting for production costs and calculating production costs. The general features of food production are explored, as well as the features of food industry enterprises that directly affect the organization of management accounting. The need for successful competition forces the leadership and management of food industry enterprises to pay more attention to the most important issues of improving internal processes - reducing production costs, accelerating production and improving product quality. However, food industry producers are not always able to solve these problems, since they cannot properly use the attractive opportunity to expand the volumes, range and range of products that the actual conditions provide them. The reason for this is not production

difficulties, but the presence of problems in the management system of food industry enterprises, first of all, the problem of providing the production management process with up-to-date information necessary for making management decisions. The provider of such information is the accounting system, and especially its main element – management accounting. For enterprises of one of the sub-sectors of the food industry - the production of mineral drinking water - an approximate model has been developed for reflecting information on management accounting of costs of production in accounts, and for its implementation accounts (sub-accounts) have been proposed for the purposes of management accounting of costs.

**Keywords:** accounting, management accounting, cost accounting, accounting system, food industry, original cost, finished products.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шоймардонов Ҳабибулло Қурбоналиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Сведения об автора:** ***Шоймардонов Хабибулло Курбоналиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shoymardonov Habibullo Qurbanalievich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**

ТДУ: 330.115 (575.3)

# МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ИТТИЛООТИКУНОНИИ ҶОМЕА

*Раҳмонов У.Б., Муҳсинов Д.С., Мирзоев Н.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷомеаи иттилоотие, ки боиси ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ гардид, яке аз имкониятҳояш мубодилаи хизматрасониҳо бо воситаи як низом ба низоми дигар мебошад, ки инро дар кибернетика равиши синергетикӣ ном мебаранд. Дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа иқтисодиёти рақамӣ имконият ба вуҷуд овард, ки хизматрасониҳои электронӣ шакли нав гиранд.

Ҳамаи ин, бе татбиқи низоми ягона, яъне идоракунии пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ғайриимкон аст. Вале дар асл, бидуни татбиқи инфрасохтори зарурӣ, хусусан идоракунии захираҳои электронӣ наметавон рушди иқтисодиёти рақамиро таъмин намуд. Маҳз, корбурд намудани ҷанбаҳои методологӣ имконият медиҳад, ки ҳолати пешниҳоди хизматрасониҳо осон гардад.

Таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шакли татбиқи хизматрасониҳои электронӣ боиси тағйирот дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакатҳо гашта, неруи инсонӣ низ рушд намудааст.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ ба омили сармояи инсонӣ ва неруи зеҳнӣ низ бештар такя менамоянд, ки дар меҳвари он идоракунии захираҳои иқтисодӣ, оптималикунонии масъалаҳои иқтисодӣ меистад ва ин раванд ба татбиқи хизматрасониҳои электронӣ асос мегузорад.

Ҷомеаи иттилоотӣ, ҷомеаи баъди саноатӣ буда, маҳсулоти асосиаш хизматрасониҳои электронӣ мебошад. Агар мо ба таҳқиқи адабиёти илмии ба ин самт бахшидашуда диққат диҳем, пай мебарем, ки дар заминаи шабакаи интернетӣ ҷомеаи иттилоотӣ рушд намудааст. Нақши он дар роҳандозӣ гардидани хизматрасониҳои электронӣ ниҳоят калон мебошад. Дар қатори дигар омилҳои иқтисодӣ: сармоя, муносибатҳои молиявӣ ва неъматҳои моддӣ ба захираҳои инсонӣ, неруи зеҳнӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ низ диққати хосса дода мешавад.

Дар инфраструктураи муосири ҷаҳон иттилоотикунонии фазои иқтисодӣ мавқеи махсусро ишғол намуда истодааст. Замоне расидааст, ки «касе, ки соҳиби иттилоот аст, ӯ соҳиби ҷаҳон гаштааст», «касе, ки иттилоотро ба даст овардааст, ӯ ҷаҳонро ба даст овардааст». Бинобар ин, барои дастёб намудани ингуна боигарӣ давлатҳои ҷаҳон ва ширкатҳои алоҳида заҳмату талоши зиёд ба харҷ медиҳанд. Имрӯз ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи рушди тамаддуни муосири рушди ҷамъияти ҳозираи инсонӣ дар иттилоотикунонии он фаҳмида мешавад, ки хосси баланд шудани нақши иттилоот ва дониш дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа таъсис ва рушди бозори иттилоотӣ ва дониш ҳамчун омилҳои истеҳсолот дар баробари бозорҳои захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва сармоя табдил додани захираҳои иттилоотии ҷомеа ба захираҳои воқеии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ташкили фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ иборат мебошад.

Ҷомеаи иттилоотӣ баланд бардоштани сатҳи рушди касбӣ ва фарҳангии умумиро тавассути такмили системаи маориф ва тавсеаи имконоти системаҳои табодули иттилоот дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ, баланд бардоштани нақши тахассус, касбият ва эҷодкорӣ дар раванди идоракунии корхонаву муассисаҳо ҳамчун омили муҳимтарин дар назар дошта мешавад. Дар баробари ин, иқтисодиёти иттиллоотӣ, ки вазифаи асосии худ коркарда баромадани тавсияҳо оид ба татбиқи самарабахши технологияи иттилоотии муосирро дар соҳаҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъият ҳал карда, бо амалияи банақшагирии стратегии азнавсозии сохтори истеҳсолот алоқаи зич дорад. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир татбиқи амалии донишҳои иқтисодиёти иттилоотӣ ҳамаҷониба бо дурнамои рушди иқтидори муосири технологии ҷомеа, бо соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ки рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолии кишварро таъмин мекунанд, алоқаманд аст. Таҳлили ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди тамаддуни башарият ба назарияи рушди иҷтимоӣ саҳми муайян мегузорад ва барои

таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии иттилоотӣ дар мамлакат як қатор оқибатҳои амалӣ дорад.

Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аз таъсири маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманд вобаста аст. Дар сатҳи технологӣ–рақамикунонии иттилоот ва пешрафти соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иртиботӣ, технологияҳои иттилоотии корпоративӣ бо роҳи муттаҳидсозии соҳаҳои гуногуни иттилооти саноатӣ, ки дар якҷояшавии ширкатҳое, ки дар соҳаи телекоммуникатсия, компютерҳо, иттилоот, шабакаҳо, таъминоти барномавӣ амал мекунанд, ифода меёбад.

Бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ дар мақомоти давлатӣ, давлат имкониятҳои нави огоҳонидани шаҳрвандон, ба инобат гирифтани андешаҳои онҳо оид ба масъалаҳои асосӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худро фароҳам меорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ, роҳи баланд бардоштани сатҳи демократия дар ҷомеа бо шарти риояи ҳуқуқи инсон мебошад. Нишон дода шудааст, ки соҳаҳои иттилооти саноатӣ на танҳо нуқтаи рушди устувори иқтисодӣ, балки муҳимтарин унсури рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, мавқеи онро дар асоси саноати ҷаҳонии баланд, яъне технологияи оянда муайян мекунанд.

Ҳукуматҳои аксари кишварҳои пешрафта, ташаккули сиёсати давлатиро дар самти ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳо медонанд, ки дар баробари мушкилоти анъанавӣ, аз қабили мубориза бо таваррум, бекорӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, таҳкими неруи байналмилалӣ қарор доранд, баҳои воқеӣ дода шудааст.

Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест, ки дар он аксарияти коргарон ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши иттилоот, махсусан шакли олии он - дониш машғуланд. Олимон бар ин назаранд, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ раванди компютерикунонии одамонро ба сарчашмаҳои боэътимоди иттилоот дастрас карда, онҳоро аз кори муқаррарӣ озод мекунад ва сатҳи баланди автоматикунонии коркарди иттилоотро дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ таъмин мекунад. Қувваи пешбарандаи рушди ҷамъият, бояд истеҳсоли маҳсулоти моддӣ не, балки иттилооти нав бошад. Маҳсулоти моддӣ бештар ба намуди иттилоот дода мешавад, ки ин маънои афзоиши ҳиссаи навоварӣ, тарҳрезӣ ва маркетингро дар арзиши он дорад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо истеҳсолот тағйир меёбад, балки тамоми тарзи зиндагӣ, низоми арзишҳо ва аҳаммияти фароғати фарҳангӣ нисбат ба арзишҳои моддӣ меафзояд. Дар муқоиса бо ҷомеаи саноатӣ, ки ҳама чиз ба истеҳсол ва истеъмоли мол нигаронида шудааст, дар ҷомеаи иттилоотӣ ақлу дониш истеҳсол ва истеъмол мешавад, ки боиси афзоиши саҳми меҳнати ақлӣ мегардад. Ба одам қобилияти эҷодкорӣ лозим мешавад, талабот ба дониш зиёд мешавад.

Пойгоҳи моддию технологии ҷомеаи иттилоотӣ, навъҳои гуногуни системаҳое хоҳад буд, ки ба техникаи нави компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ асос ёфтаанд.

Нишонаҳои ҷамъияти иттилоотӣ аз ҷиҳати мусбӣ инҳо мебошанд:

- дарки ҷомеа аз афзалияти иттилоот нисбат ба дигар маҳсулоти фаъолияти инсон;

-асоси бунёдии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ (иқтисодӣ, истеҳсолӣ, сиёсӣ, таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ ва ғ.) иттилоот мебошад;

-маълумот маҳсули фаъолияти инсони муосир аст;

-маълумот дар шакли соф (худ) предмети хариду фурӯш мебошад;

-имкониятҳои баробар дар дастрасӣ ба иттилоот барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;

-амнияти ҷомеаи иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ ва ғ;

-ҳифзи моликияти зеҳнӣ;

-ҳамкории ҳама сохторҳои давлатӣ ва давлатҳо байни худ дар заминаи технологияи иттилоотию иртиботӣ;

-идоракунии ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

Илова ба ҷанбаҳои мусбӣ, тамоюлҳои хатарноки ҷомеаи иттилоотӣ низ пешгӯӣ карда мешаванд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

-афзоиши таъсири воситаҳои ахбори омма ба ҷомеа;

-технологияи иттилоотӣ метавонад махфияти одамон ва созмонҳоро вайрон кунад;

-мушкилоти интихоби иттилооти баландсифат ва боэътимод вуҷуд дорад;

-ба бисёр одамон мутобиқшудан ба муҳити ҷомеаи иттилоотӣ душвор хоҳад буд;

-хатари фосилаи байни «элитаи иттилоотӣ» (халқ дар рушди технологияҳои иттилоотӣ) ва истеъмолкунандагон иштирок мекунанд.

Ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи рушди тамаддуни башарист.

«Ҷомеаи иттилоотӣ» ҳамчун модели назариявӣ ба ҳисоб меравад, ки марҳилаи нави рушди тамаддуни башариро тавсиф мекунад.

Нуқтаи ибтидоӣ, мафҳуми инқилоби илмию техникӣ мебошад, ки ҳамчун дигаргунии сифатӣ дар қувваҳои истеҳсолкунандаи башарият, дар асоси табдил додани илм ба қувваи истеҳсолкунандаи бевоситаи ҷомеа фаҳмида мешавад.

Нақши давлат дар ҷомеаи иттилоотӣ бошад, давлат дар таъмини дастрасии ҳамагон ва дастгирии ташкили муҳити иқтисодӣ барои ҷомеаи иттилоотӣ нақши асосиро мебозад. Ҷаҳон дар байни инқилоби нав ва хеле тавоно қарор дорад, ки тарзи зиндагӣ, кор, бозӣ, ташкили ҷомеаҳои худ ва дар ниҳоят чигуна худро муайян карданро абадан тағйир медиҳад. Баръакси инқилобҳои қаблии технологӣ, ки ба пешрафти ҷомеа нигаронида шуда буданд, ин тағйироти бунёдӣ фаҳмиши мо дар бораи вақт, фазо, масофа ва донишро дар бар мегирад, зуҳур мекунад.

Моҳияти дақиқи ин инқилоби иттилоотӣ ҳанӯз муайян карда мешавад. Аммо оқибати ин инқилоб аллакай бо қувваи рӯзафзун ҳис карда мешавад. Ин арзишҳо, дар маҷмуъ, барои кишварҳои рӯ ба рушд ва махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ мерасонанд.

Мақсади Консепсияи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани роҳи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, шартҳои асосӣ, муқаррарот ва афзалиятҳои сиёсати давлатии иттилоотӣ, ки татбиқи онро таъмин мекунанд, мебошад. Консепсияи мазкур замина ва шартҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва технологии ин гузаришро мураттаб намуда, хусусияти роҳи Тоҷикистонро ба ҷомеаи иттилоотӣ асоснок мекунад.

Самтҳои асосии татбиқи роҳи пешниҳодшудаи гузариш, бояд инҳо бошанд:

–бунёд ва рушди заминаи техникӣ ва технологии татбиқи роҳ ба ҷомеаи иттилоотӣ;

–таҳия ва татбиқи роҳҳои ҳалли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва фарҳангӣ, ки ҳаракатро бо роҳи интихобшуда таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир, сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ шавад. Аз ҳамин сабаб, барои таъмини рушди иқтисоди мамлакат, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон, рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, инчунин, такмили низоми идоракунии давлатӣ ҳадафҳои асосии рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ муҳим ва зарур мебошанд, мусоидат менамояд.

Консепсияи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда, афзалиятҳои зерини рушди технологияҳои иттилоотиро дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ муайян мекунад.

Ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазирии кишварро барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа, инчунин такмили системаи идоракунии давлатиро дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир ба роҳ мемонад.

Дар оянда чанд намуди ҷомеаи иттилоотӣ вуҷуд хоҳад дошт, ки хусусиятҳои асосии муайян кардани намуди ҷомеа инҳо хоҳанд буд:

-дараҷаи баробарии ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии манбаи асосӣ–иттилоот;

-дараҷаи иштирок дар ҷомеаи иттилоотӣ ва ғ.

Қайд намудан зарур аст, ки яке аз хусусиятҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ, хусусияти глобалии он мебошад. Ҳамзамон, хосатан вазъияти тасвиршуда дар раванди ташаккули он, сарҳади байникишварҳо тадриҷан аз байн меравад, сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ ба куллӣ тағйир меёбад, бозор хеле амиқтар ва рақобатпазир мегардад. Дар шароити муосир барои ҳар як давлат дар ин шароит, рушди инфрасохтори миллии иттилоотӣ ва фарогирии самараноки он ба инфрасохтори иттилоотии ҷаҳонӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, муҳим ва зарур мебошанд.

Дар ин маврид, вобаста ба ҷараёни муҳимтарин хусусияти ҷомеаи иттилоотӣ, гузаштани истеҳсолот аз истифодаи мавод ба хизматрасонӣ барои таъмини рушди иқтисоди корхонаҳо мебошад, ки боиси хеле кам шудани истихроҷ ва коркарди ашёи хом ва истеъмоли неъматҳои моддӣ мегардад, мавқеи хосса дорад.

Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити таҳаввулоти ҷомеаи муосир, қабл аз ҳама, аз воридшавии фарогири технологияи иттилоотӣ ва ташаккули фазои глобалии иттилоотӣ иборат аст. Раванди ташаккули ҷомеаи нав бо воридшавии технологияи иттилоотӣ асоснок шуда, бо дарки дурусти махсусияти иттилоотӣ ва истифодаи самараноки он вобастагӣ дорад. Хусусияти муҳимми раванди таҳаввулоти азими ҷаҳони имрӯза низ дар он аст, ки маҳз ба раванди иттилоот вобастагӣ дорад.

Ҷомеаи муосир, ҷомеаи иттилоотие мебошад, ки он ба фаъол гардидан ва истифодаи ҳамешагию технологияи гуногуни иттилоотию комуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад.

Нақши воситаҳои иттилооти умум, ин яке аз хусусиятҳои фарққунанадаи ҳаёт дар ҷамъияти муосир ин рушди азими воситаҳои ахбори умум (газета, журнал, кино, телевизион, радио ва ғ.) ба ҳисоб меравад. Дар инкишофи воситаҳои ахбори умум, ҷараёни иттилиотикунонии ҷамъият аз бисёр чиҳат мусоидат мекунад. Пайдоиши воситаҳои нави техникии технологияи иттилоотӣ, телекоммуникатсияҳо, ҷамъоварии саривақтӣ, кофтукоб, коркарди фаврӣ ва додани иттилоотро ба дилхоҳ нуқтаи фазои ҷаҳон таъмин мекунад.

Маданияти иттилоотӣ бошад, ин мақсаднок истифода бурдан, кор кардан бо иттилоот ва истифодаи технологияи иттилоотии компютрӣ, инчунин, воситаҳои техникӣ ва усулҳои ҳозиразамон барои ба даст даровардан, коркард ва додани иттилоот мебошад.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, инсоният ба марҳилаи дигаргуниҳои куллии технологӣ ворид шуд, ки он тамаддуни нави иттилоотӣ буда, ба имкониятҳои бузурги технология асос ёфтааст. Имрӯз, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун омиле ба шумор меравад, ки ба рушди глобалии ҷомеа ва ташаккули воқеияти иттилоотӣ, инчунин ба шуури инсон ва қобилияти он таъсир расонида, ҳаёти ҷомеаро дигаргун месозад, афзалиятҳо ва арзишҳоро тағйир медиҳад. Ҳоло технологияи муосири пешрафта ҳамчун воситаи асосии таҳаввулоти ҳаёти инсон ба ҳисоб рафта, ба оядаи ҷомеа низ интихоби дуруст, фаҳмиш ва истифодабарии он робитаи қавӣ дорад. Асосгузорони консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ барҳақ қайд кардаанд, ки иттилоот ва дониш омили калидии рушд хоҳад шуд, зеро дар воқеъ, арзиш ва аҳаммиятнокии онҳо нисбат ба ҳама намудҳои истеҳсолоти моддию энергетикӣ болотар рафтааст. Албатта, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин роҳи пешрафти ҷомеа дар канор намемонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар қатори ҷанбаҳои мусбат, оқибатҳои зараровари зуҳуроти ҷомеаи иттилоотӣ дар ҷумҳурии мо низ муайян карда шаванд, ки дар натиҷа, он намудҳои нави хатар ва таҳдидҳо ба давлатҳои миллӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон метавонанд таъсир расонанд. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир, дар байни шумораи хатарҳои иттилоотӣ, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи тоҷик хатарҳои ҷиддӣ доранд, ҷиноятҳои компютерӣ, истеҳсоли намудҳои нави аслиҳаи иттилоотӣ, фишори иттилоотӣ, ривоҷи намудҳои мухталифи беморӣ, таҳдиди таҳқиромез ба тафаккури инсонӣ, аз даст додани мухторияти иттилоотӣ, ки ба беэътиноии равонӣ ва носолимгардонии иҷтимоии одамон оварда мерасонад, ташвишовар аст.

Манфиати ҷомеа дар соҳаи иттилоо,т дар таъмини манфиати шахсӣ, устувории демократия, ташкил намудани давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва таъмини ваҳдату ҳамраъйи ҷомеа, дар навбати аввал, рушду эҳёи маънавии мамлакат мебошад. Ҳадафи давлат дар муҳити иттилоотӣ, дар ташкил намудани шароит барои рушди ҳамоҳанги инфрасохтори иттилоотии мамлакат, амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи гирифтани иттилоот ва истифодаи он бо мақсади устувории сохти конститутсионӣ, мустақилият ва яклухтии ҳудудӣ, суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва рушди ҷомеа мебошад. Дар ин самт яке аз шартҳои асосии озодии иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Тоҷикистон, ин ворид намудани технологияи муосири рақамии иттилоот дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мебошад.

Ҳамин тариқ, ҷомеаи иттилоотӣ, ин ҷамъиятест, ки дар он коркарди иттилоот дар базаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии технологияҳои иттилоотӣ гузаронида мешавад. Агар дар ҷомеаи саноатӣ ба истеҳсол ва истеъмоли мол диққат диҳанд, дар ҷомеаи иттилоотӣ зеҳн ва дониш истеҳсол ва истеъмол карда мешавад, ки дар натиҷа, саҳми меҳнати ақлонӣ меафзояд. Эҳтиёҷот ба дониш афзуда, аз инсон қобилияти адабӣ талаб карда мешавад. Базаи моддӣ ва технологии ҷомеаи иттилоотиро системаҳои гуногун дар базаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои компютерӣ ва алоқаи телекоммуникатсиони ташкил медиҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Юсупов Ш.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Барановская Т.П. Информационные системы и технологии в экономике / Т.П. Барановская. –М., 2008. -350 с.
2. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент (иборат аз 17- қисм) / Т.Б. Ғаниев. – 2004. -2023с.
3. Котлер Ф. Новые маркетинговые технологии / Ф. Котлер. -С.П., 2004.
4. Кодиров Д.Б. Информация - фактор экономического роста / Д.Б. Кодиров, Д.С. Мухсинов. - 2014.
5. Мирзоев Н.Ҳ. Ҳукумати электронӣ дастоварди муҳимтарини ҷаҳони муосир / Н.Ҳ. Мирзоев, Д.С. Муҳсинов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”. -Душанбе 27 феврали соли 2020. -С.175-180.
6. Мирзоев Н.Х. Экономические информационные системы - важный фактор управленческой деятельности / Н.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.46-52 ISSN 2413-5151
7. Ниёзов А.С. Э-правительство Республики Таджикистан как эффективная технология оказания государственных услуг: состояние и перспективы / А.С. Ниёзов, И.С. Шамсов // Вестник Астраханского государственного технического университета. Серия: Экономика. - 2016. -№3. -С.77-84.
8. Низоми ахбори макетингӣ / Д.С. Муҳсинов, И.З. Сарабекова [ва дигарон]. –Душанбе, 2022.
9. Нодирхонов Г.Г. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир: автореферат / Г.Г. Нодирхонов. -Душанбе, 2023. -25 с.
10. Норов Х.Г. Менеҷменти иттилоотӣ / Х.Г. Норов, И.С. Шамсов. -Душанбе, 2014.
11. Норов Х.Г. Совершенствование методов количественной оценки информационных ресурсов фирмы / Х.Г. Норов, Д.С. Мухсинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе, 2016. -№2\8(215). -С.132-136.
12. Раҳимов З.А. Молияи корхона ва технологияи нави иттилоотӣ / З.А. Раҳимов, Ф.С. Раҳимов. -Душанбе, 2012.
13. Рустамов Р.У. Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат: автор… дисс… / Р.У. Рустамов. -Душанбе, 2020. –С.155.
14. Титаренко Г.А. Информационные технологии управления / Г.А. Титаренко. –М., 2003. -250 с.
15. Шамсов И.С. Асосҳои таъмини амнияти иттилоотӣ / И.С. Шамсов, Х.Ғ. Норов, Д.С. Муҳсинов. – 2017.
16. Шерматов Р.Б. Системаҳоииттилоотии иқтисодӣ. Васоити таълимӣ / Р.Б. Шерматов, Н.Ҳ. Мирзоев, Д.С. Муҳсинов. –Душанбе, 2016.
17. Юсупов Ш.Н. Баландбардории сифати иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ / Ш.Н. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2021. -№7. -С.75-82.


## МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ИТТИЛООТИКУНОНИИ ҶОМЕА


Мақола ба мавзуъ хеле муҳим ва барои илми иқтисодӣ дар шароити муосир зарурӣ, таҳлили масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи рушди тамаддуни муосири тараққиёти ҷамъияти ҳозираи инсонӣ дар иттилоотикунонӣ бахшида шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки масъалаи мазкурро бо такя ба адабиётҳою маълумотҳои нав мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳанд. Ба андешаи муҳаққиқон, масъалаи аввалине, ки баррасӣ кардаанд, ин ҳам бошад рушди илму техникаю технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Имрӯз ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи рушди тамаддуни муосири тараққиёти ҷамъияти ҳозираи инсонӣ дар иттиллоотикунонии он фаҳмида мешавад, ки хосси баланд шудани нақши иттилоот ва дониш дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа таъсис ва рушди бозори иттилоотӣ ва дониш ҳамчун омилҳои истеҳсолот дар баробари бозорҳои захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва сармоя табдил додани захираҳои иттилоотии ҷомеа ба захираҳои воқеии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ташкили фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ иборат мебошад. Ҷомеаи иттилоотӣ баланд бардоштани сатҳи рушди касбӣ ва фарҳангии умумиро тавассути такмили системаи маориф ва тавсеаи имконоти системаҳои табодули иттилоот дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ, баланд бардоштани нақши тахассус, касбият ва эҷодкорӣ дар раванди идоракунии корхонаву муассисаҳо ҳамчун омили муҳимтарин дарназардошта мешавад. Дар баробари ин, иқтисодиёти иттиллоотӣ, ки вазифаи асосии худ коркарда баромадани тавсияҳо оид ба татбиқи самарабахши технологияи иттилоотии муосирро дар соҳаҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъият ҳал карда, бо амалияи банақшагирии стратегии азнавсозии сохтори истеҳсолот алоқаи зич дорад. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муосир, татбиқи амалии донишҳои иқтисодиёти иттилоотӣ ҳама ҷониба бо дурнамои рушди иқтидори муосири технологии ҷомеа, бо соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ки рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолии кишварро таъмин мекунанд, алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, рушди иттилоот, техника, технология, иттилоотҳои иқтисодӣ, ҷоеаи иттилоотӣ, рақамикунонии иттилоот, интернет, маълумот, дониш, амнияти иттилоот, таҳаввулот, корхона, саноат, захираҳои иттилоот.

## ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАТИЗАЦИИ ОБЩЕСТВО

Статья посвящена очень важной и необходимой для экономической науки в современных условиях теме - анализу проблемы информационного общества как этапа развития современной цивилизации и развития нынешнего человеческого общества в эпоху информации. Авторы постарались изучить и исследовать этот вопрос на основе новой литературы и информации. По словам исследователей, первый вопрос, который они обсудили, - это развитие информационных технологий. Сегодня под информационным обществом понимают этап развития современной цивилизации, развития современного человеческого общества в его интеллектуализации, который характеризуется увеличением роли информации и знаний в повседневной жизни общества, становлением развитие рынка информации и знаний как факторов производства наряду с рынками природных ресурсов, труда и капитала, переводом информационных ресурсов общества в реальные ресурсы социально-экономического развития, организацией глобального информационного пространства во всех сферах человеческой активности. Информационное общество стремится повысить уровень профессионального и общекультурного развития за счет совершенствования системы образования и расширения возможностей систем обмена информацией на международном, национальном и региональном уровнях, повышения роли специализации, профессионализма и креативности в процессе управления предприятий и учреждений. При этом информационная экономика, решающая основную задачу по разработке рекомендаций по эффективному внедрению современных информационных технологий в конкретные сферы жизни общества, тесно связана с практикой стратегического планирования реструктуризации производственной структуры. В связи с этим можно предположить, что в современных условиях практическое применение знаний информационной экономики тесно связано с перспективами развития современного технологического потенциала общества, с областями национальной экономики, которые должны обеспечить экономическое развитие и благосостояние населения страны.

**Ключевые слова:** информация, информационное развитие, техника, технология, экономическая информация, информационное пространство, оцифровка информации, Интернет, информация, знания, назначение информации, развитие, предприятие, отрасль, информационные ресурсы.

## PROBLEMS AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF INFORMATION SOCIETY

The article is devoted to a very important and necessary topic for economic science in modern conditions - the analysis of the problem of the information society as a stage in the development of modern civilization and the development of current human society in the information era. The authors have tried to study and investigate this issue based on new literature and information. According to the researchers, the first issue they discussed was the development of information technology. Today, the information society is understood as the stage of development of modern civilization, the development of modern human society in its intellectualization, which is characterized by an increasing role of information and knowledge in the everyday life of society, the emergence of the development of a market for information and knowledge as factors of production along with markets for natural resources, labor and capital, translation information resources of society into real resources of socio-economic development, organization of the global information space, in all spheres of human activity. The information society strives to increase the level of professional and general cultural development by improving the education system and expanding the capabilities of information exchange systems at the international, national and regional levels, increasing the role of specialization, professionalism and creativity in the management process. enterprises and institutions as the most important factor. At the same time, information economics, which solves the main problem of developing recommendations for the effective implementation of modern information technologies in specific areas of society, is closely related to the practice of strategic planning for restructuring the production structure. In this regard, it is permissible to say that in modern conditions the practical application of knowledge of the information economy is closely related to the prospects for the development of the modern technological potential of society, with areas of the national economy that ensure the economic development and well-being of the country's population.

**Keywords:** information, information development, equipment, technology, economic information, information space, digitization of information, Internet, information, knowledge, purpose of information, development, enterprise, industry, information resources.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳмонов Умар Бурҳонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 903-86-83-83**
***Муҳсинов Давлатали Саидвалиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-65-06-65**. E-mail: **d_mukhsinov@mail.ru**
***Мирзоев Неъматулло Ҳакимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14.** E-mail: **918353514@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Рахмонов Умар Бурхонович*** - Таджикский национальный университет, доктор Ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 903-86-83-83**
***Мухсинов Давлатали Саидвалиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-65-06-65.** E-mail: **d_mukhsinov@mail.ru**
***Мирзоев Нематулло Хакимович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры информационных систем в экономике. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14.** E-mail: **918353514@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rakhmonov Umar Burkhonovich*** **-** Tajik National University, Doctor Ph.D of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 903-86-83-83**
***Mukhsinov Davlatali Saidvalievich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-65-06-65.** E-mail: **d_mukhsinov@mail.ru**
***Mirzoev Nematullo Khakimovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-35-35-14.** E-mail: **918353514@mail.ru**

ТДУ: 33+626.81(575.3)

# ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ

*Саидзода С.С.*

**Филиали муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Суғд**

Захираҳои об дар байни захираҳои табиӣ яке аз муҳимтарин ва бебаҳотарин неъмати табиӣ мебошад, ки на танҳо инсоният, балки тамоми мавҷудоти олам онро истеъмол мекунанд ва дар навбати дигар, истифода мебаранд. Об асоси истеъмол ва истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо буда метавонад. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки захираҳои об, махсусан оби аз ҷиҳати экологӣ тоза барои ҳаёти инсоният нақши бузург дошта, истифодаи самараноки он ба рушди иқтисоди сабз таъсири мусбӣ мерасонад. Идоракунии самараноки захираҳои об яке аз муосиртарин самти таъмини гузариш ба иқтисоди сабз мебошад. Захираҳои об дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақши муҳим дошта, мушкилоти норасоӣ ба он кишварҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Оид ба ин масъала дар Ҳадафи шашуми рушди устувор (ҲРУ), ки дар баробари дигар ҳадафҳои ҲРУ, аз ҷониби тамоми кишварҳои узви СММ дар соли 2015 ҳамчун як қисми Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 қабул шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Ҳадафи шашум, ин таъмини дастрасӣ ва истифодаи устувори захираҳои об ва беҳдошт барои ҳама мебошад.

Дар робита бо ин, мехоҳам қайд намоям, ки имрӯз бидуни захираҳои табиӣ рушди иқтисодиёти ҷаҳонро тасаввур кардан қариб ки ғайриимкон мебошад. Солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки беэътиноӣ нисбат ба проблемаҳои экологӣ монеае дар роҳи рушд шудаистодааст. Вобаста ба ин, дурнамои рушди ҷомеаро, тавассути ду самти афзалиятнок - экология ва иқтисод тасаввур намудан мумкин аст. Яъне, ҳалли мушкилот дар сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт чунин тадбирҳоро талаб менамояд: кам кардани ифлосшавӣ ба муҳити атроф, кам намудани партовҳои карбон, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳифз ва афзоиши сармояи табиӣ, пешгирии талафёбии хизматҳои экосистема, афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ. Риояи чунин талаботҳо, заминаи гузариш ба модели иқтисоди нав, яъне иқтисоди «сабз» мебошад.

Иқтисоди сабз яке аз модели муосири илми иқтисод ба шумор рафта, мақсади он таъмини «сабзгардонӣ»-и тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мебошад. Ин самти муосири рушди иқтисодиёт ва навсозии дар он мебошад, ки талаботҳои экологиро пурра бояд ба назар гирад. Вобаста ба ин, ҷомеаи имрӯзаро лозим аст, ки ба ноосфераи ҳақиқи роҳ ёбад ва муносибат ба табиат ба куллӣ тағйир дода шавад.

Аз ҷониби олимону коршиносон вобаста ба иқтисоди сабз таърифҳои мухталиф ва фарзияҳои гуногун пешниҳод карда шудааст. Баъзе аз онҳо чунин мешуморанд, ки иқтисоди «сабз» соҳаи нави иқтисод буда, муносибати масъулиятнок ба муҳити зистро талаб менамояд. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кумаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм бошад, чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар умум, ин модели амалишавандаи иқтисодёт ба технология тоза ё «сабз» асос меёбад. Яъне, метавон қайд намуд, ки иқтисоди сабз ҳамчун як шакли муосири иқтисод буда, сатҳи некуаҳволии мардумро беҳтар мегардонад ва адолати иҷтимоиро таъмин мекунад.

Масъалаҳои гузариш ба иқтисодиёти сабз дар яке аз конфронсҳои намояндагии СММ дар соли 2012 дар Рио-де-Жанейро бахшида ба бистумин солгарди Конфронси СММ оид ба рушди устувор (Рио+20) матраҳ шудаанд. Дар асноди байналмилалӣ ҳарчӣ бештар мафҳумҳои «саноати сабз», «бозорҳои сабз», шуғли сабз ва дигар истилоҳот бо сифатҳои «сабз» истифода мешаванд. Инчунин, дар ҷомеаи имрӯза, аллакай дар бораи "инноватсияҳои сабз" сухан меравад, ки маънои технологияҳои навро бо таъсири камтарин ба муҳити зист (энергияи алтернативӣ, нақлиёти барқӣ, сӯзишвории биологӣ ва ғайра) дорад.

Тибқи таҳлили мутахассисон ҷиҳати гузаштан ба иқтисоди сабз то соли 2050, бояд 2% ММД-и ҷаҳониро ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, энергетика,

моҳидорӣ, ҷангалпарварӣ, саноат, сайёҳӣ, нақлиёт, партовгоҳҳо ва коркарди партовҳо ва ба идоракунии захираҳои об сармоягузорӣ намуд [10,с.36]. Масалан, гузариш ба иқтисоди сабз дар бахши сайёҳӣ тақозо мекунад: тамаркуз ба бахши хусусӣ, рушди муносибатҳо бо намояндагони бахши сайёҳӣ, менеҷмент, банақшагирӣ ва рушди самтҳои сайёҳӣ, сиёсати фискалӣ ва воситаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ба туризми сабз равона карда шавад [5,с.1265].

Дар маҷмуъ «…чунин хусусиятҳои бунёдӣ, ки ба иқтисоди сабз хос мебошанд, ҷудо кардан мумкин аст:

- ✓ Устувории экологӣ, сабзонидани иқтисодиёт.
- ✓ Самти иҷтимоӣ.
- ✓ Ҳади аксар фарогирии сохторӣ ва ҳудудӣ.
- ✓ Баланд бардоштани арзиши молҳои табиӣ.
- ✓ Такя ба дониш.
- ✓ Кам кардани хатарҳои рушд, аз ҷумла экологӣ.
- ✓ Инноватсия.
- ✓ Самаранокии энергия/ карбони паст.
- ✓ Амсилаҳои оқилонаи истеъмол ва истеҳсол.
- ✓ Усулҳои нави андозагирии пешравӣ» [1].

Дар байни ҳадафҳои рушди устувор - иқтисоди сабз нақши калидӣ дошта, муҳимтарин ҷузъи барномаи рушди устувор ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ то соли 2030-ро дар бар мегирад.

Лозим ба қайд аст, ки масъалаи рушди устувор ҳамеша дар меҳвари сиёсати Ҳукумати кишвар қарор дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 26 декабри соли 2019 таъкид намуданд, ки «…истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, **захираҳои об** яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди “энергияи сабз” ва рушди “иқтисоди сабз” ба ҳисоб меравад» [6].

Захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, истифодаи самараноки он ба манфиати халқ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад [2]. Соҳаи истифодабарии об ва ирригатсия яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт буда, объекти банақшагирии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Давлат дар танзим ва идоракунии низоми истифодаи об нақши асосиро мебозад. Дар робита бо ин, метавон гуфт, ки об дар кам намудани сатҳи камбизоатӣ, пешгиррии гуруснагӣ, беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ, пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити экосистемаҳои табиӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор муҳим мебошад. Истифодаи самараноки захираҳои об барои расидан ба ҳадафаҳои рушди устувор ва амалӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз нақши муҳим дорад. Яъне, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об вазифаи стратегии ҳар як давлату миллат ва ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилгарон ба он ақидаанд, ки аз чор ҷойи корие, ки қувваи кории ҷаҳонро ташкил медиҳанд, сетоаш аз об сахт ё миёна вобастагӣ дорад. Тибқи гузориши СММ, ин ба он маъност, ки камбуди об ва мушкилоти дастрасӣ ба манобеи об ва беҳдошт метавонад рушди иқтисодӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар даҳсолаҳои ояндаро коҳиш диҳад. Дар гузориши ҷаҳонии об дар соли 2016, ки "Захираҳои об ва ҷойҳои корӣ" ном дорад, қайд гардидааст, ки нисфи коргарони ҷаҳон - 1,5 миллиард нафар - дар ҳашт соҳаи саноат вобаста ба об ва захираҳои табиӣ кору фаъолият мекунанд [2]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки захираҳои об дар ташкил намудани ҷойҳои корӣ нақши калидӣ дошта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза саҳмгузор мебошад. Дар иртибот бо ин масъала, Ирина Бокова директори генералии ЮНЕСКО чунин иброз намудаанд, ки «…захираҳои об ва ҷойҳои корӣ дар сатҳҳои гуногун, новобаста аз он, ки дар кадом самт (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё экологӣ) баррасӣ мешаванд, бо ҳам зич алоқаманданд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037 аз санаи 30 сентябри соли 2022, №482 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки се самти имконияти ташаккули иқтисоди «сабз», яъне самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар бар мегирад.

Мақсади асосии амалӣ намудани Стратегияи мазкур «…таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мурдуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад».

Тибқи банди 19 Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 «…иқтисоди «сабз» раванди рушди устувор мебошад ва ҳадафи асосии он таъмини рушди иқтисодӣ, собути иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ дар раванди дарозмуддат буда, истифодаи самараноки захираҳои табииро таъмин менамояд. Ҳамзамон, иқтисоди «сабз» фаъолияти иқтисодиест, ки бо истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳо алоқаманд буда, некуаҳволии мардум ва нигоҳдории сармояи табииро барои дарвраи дарозмуҳлат таъмин менамояд».

Рушди устувори иқтисодёт ва амалишавии иқтисоди «сабз» дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари истифодаи дигар сарчашмаҳо аз истифодаи захираҳои обӣ вобастагии калон дорад. Осиёи Марказӣ минтақае мебошад, ки дорои манбаъҳои бузурги захираи табиӣ, аз он ҷумла захираҳои обӣ аст. Сарчашмаи асосии захираҳои обии минатқа ба кишварҳои кӯҳӣ рост меоянд. Масалан дар ҳавзаи баҳри Арал панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ки ҳудуди онҳо 1550 ҳазор метри мураббаъ буда, майдони обиашон бошад 7,95 миллион гектарро ташкил медиҳад. Дар ин минтақа ҳаҷми захираҳои обӣ дар сол ба ҳисоби миёна 118-120 км$^3$-ро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби обҳои Амударё, Сирдарё ва захираҳои обҳои зеризаминӣ иборат мебошанд (14,7 км3). Ҳаҷми обанборҳо 60 км$^3$-ро дар бар мегиранд [7]. 55,4%-и оби ба баҳри Арал ҷоришаванда аз Тоҷикистон, 25,3% Қирғизистон, 7,6% Ӯзбакистон, 3,9% Қазоқистон, 2,4% Туркманистон, 5,4% боқимонда ба Афғонистон ва як қисми Хитой ва Покистон рост меояд [7]. Новобаста аз он, ки ҳиссаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои минтақа зиёд аст, аммо 17-20%-и захираҳои об дар ҳудуди кишвар истифода бурда мешаваду халос.

Захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури муҳим дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ, махсусан шуғли сабз нақши муассиро доро мебошад. Зеро таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ба захираҳои об зич алоқаманд аст. Тибқи маълумотҳои сомонаи расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон «…захираҳои об дар кишвар манбаи асосии истеҳсоли энергия ба шумор рафта, 95%-и барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешаванд. Захираҳои обӣ дар соҳаҳои обёришаванда ва истеҳсолӣ тақрибан 80%-и маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти оби нӯшокӣ ва санитария, саноат ва моҳипарварӣ, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои босифат нақши муҳим дорад, истифода мешавад». Соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 96%-и неруи барқ аз манбаҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, яке аз кишварҳои пешбарандаи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар энергетика этироф ва аз рӯйи фоизи итсеҳсоли энергияи «сабз» шашум кишвари пешсафи саёра мебошад [9]. Дар сурате, ки неругоҳи барқи обии “Роғун” бо пуррагӣ фаъолият намояд, он гоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи “энергияи сабз” шомил мегардад.

Асоси энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро гидроэнергетика ташкил медиҳад, ки ҳамчун омили муҳимми рушди устувори кишвар арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, метавон қайд намуд, ки соҳаи гидроэнергетика барои ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз», ҳамзамон, барои ноил шудан ба ҳадафи истиқлолияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам хоҳад овард.

Да робита бо ин мехоҳам, қайд намоям, ки истифодаи самараноки захираҳои об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дошта, ҳамчун омили муҳим дар рушди иқтисоди сабз, саҳмгузор мебошад. Дар шароити имрӯза бо мақсади амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор, моро зарур аст, ки фарҳанги истифодаи самаранок ва идоракунии оқилонаи захираҳои обиро дар шакли муосир омӯзем. Шакли мудириятеро бояд коркард ва пешниҳод намуд, ки барои таъмин намудани

эҳтиёҷоти асосии инсон, аз қабили беҳдошт, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳолати экосистемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷорӣ намудани механизми нав дар ҷодаи ҳамкориҳо оид ба рушди устувор дар соҳаи обро дар бар гирад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор аҳолии ҷаҳон бояд фаҳмиши амиқи нақши калидии обро донад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он, ки дорои захираҳои фаровони обӣ мебошад, ҳангоми таъмини заминҳои обӣ ба мушкилиҳо дучор аст. Сабаби ин ҷойгиршавии нобаробари ҷараёни дарёҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар буда метавонад. Тибқи таҳлили мутахассисон "... 51.4%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 86,9%-и аҳолии шаҳрҳо, 61,5%-и аҳолии ноҳияҳо ва 43,4%-и аҳолии деҳот ба оби ошомиданӣ ва шароити беҳтари санитарӣ дастрасӣ доранд. 49,6%-и аҳолӣ бошад ё ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд ё ин ки оби аз нигоҳи санитарию гигиенӣ хатарнок истифода мебаранд".

Дар баъзе манотиқи деҳот шабакаҳои обтаъминкунӣ ва корезии марказонидашуда вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, захираҳои обро на танҳо самаранок, балки сарфакорона истифода бурдан ва аз ифлосшавӣ ҳифз намудан лозим меояд. Зеро ифлосшавии объектҳои об (дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, баҳрҳо, обҳои зеризаминӣ ва ғайра) ҷомеаи имрӯзаро ба ташвиш овардааст. Масалан, истифодаи оқилона ва самараноки экосистемаҳои табиии марбут ба об дар Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳо ва ҳадафи асосии рушди устувори ҳар як кишвари алоҳидаи ин минтақа ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин, механизми иқтисодии истифодаи оқилонаи об бояд коркард карда шавад, ки ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа бошад. Аз ин лиҳоз, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки вобаста ба ҳолати ҷойдошта комиссияи махсус оид ба коркард ва татбиқи механизми ягонаро ҷиҳати танзими истифодаи обҳои фаромарзӣ таҳия намоянд, ки дарбаргирандаи манфиатҳои кишварҳои минтақа бошад.

Мо бояд истифодаи афзалиятҳои низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои обиро ба роҳ монем. Низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои об, самаранокии худро нишон дода метавонад. Мақсади асосии идоракунии давлатии захираҳои об, ноил шудан ва нигоҳ доштани вазъи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи экосистемаи обӣ мебошад. Дараҷаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодаи обро ҳамчун истифодаи устувори об муайян кардан мумкин аст, ки дорои ҳадафҳои зерин мебошад:

- риояи мувозинати талаботи рушди иқтисодӣ ва таъмини такрористеҳсоли захираҳои об;

– риояи мувозинати амалисозии ҳуқуқҳои наслҳои имрӯза ва оянда оид ба истифодаи камхарҷ ва аз ҷиҳати экологӣ бехавфи захираҳои об [3,с.53].

Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур дар шароити муосир бо назардошти имкониятҳои маҳдуди иқтисодии давлат ва ҳам субъектҳои истифодабарандагони об ҳангоми муайян кардани самтҳои асосии рушди самараноки хоҷагии об, бояд аз принсипи эргономикаи қарорҳои қабулшуда, яъне кам кардани хароҷот дар истифодаи об ва интихоби қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ самаранок, ки дар як вақт самараи мусбати иқтисодӣ меоварад, истифода карда шавад. Дар доираи иҷрои вазифаҳои марбут ба ҳифзи захираҳои об, масъалаҳои аҳаммияти иҷтимоӣ ва экологӣ бояд зери назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд.

Муҳимтарин омили иқтисодии ба сатҳи истифодаи об таъсирркунанда, ин баҳогузории арзиши захираҳои обӣ мебошад, ки асоси механизми иқтисодии танзими истифодаи обиро ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ҷорӣ намудани механизми иқтисодӣ, таъмин намудани имтиёзҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи барқароркунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сохторҳои обӣ мебошад [8,с.49]. Ба унсурҳои асосии механизми иқтисодӣ дохил мешаванд: идоракунӣ; банақшагирии чорабиниҳо оид ба идоракунии об ва таҳияи барномаҳои мақсадноки барқарорсозӣ, истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи обанборҳо; маблағгузории чорабиниҳои идоракунии об ва ҳифзи сохторҳои обӣ; муқаррар кардани меъёрҳо барои пардохт ва андозаи пардохтҳо барои истифодаи обанборҳо; суғуртаи хавфи об; мониторинги обанборҳои рӯизаминӣ ва инчунин, мониторинги иншооти обӣ; таҳияи дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар

асоси дурнамои рушди соҳаи об; баҳисобгирӣ ва банақшагирӣ; дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва ғайра, ки ба истифодаи ҳамаҷониба ва ҳифзи захираҳои обӣ нигаронида шудааст; бо тартиби муқарраршуда ҷуброни зараре, ки ба объектҳои обӣ расонида шудааст; аудит; ташхис; кадастрҳо ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки оқилона истифода бурдани захираҳои об ҳангоми мукаммалгардонии механизмҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ба эътидол ё коҳиш додани истифодаи захираҳои обӣ (навъҳои механизмҳои ҳавасмандкунанда) вобастагии калон дорад. Ҳалли пурраи проблемаҳои соҳаи истифодабарии об, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои об ҳоло имконнопазир аст, вале роҳҳои ҳалли он бояд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Сабаби асосии ҳамаи ин камбудиҳо, мавҷуд набудани консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок бо назардошти омилҳои экологӣ мебошад. Дар робита бо ин, чуноне, ки дар боло қайд намудем, зарурати таъсиси механизми ягонаи идоракунии истифодаи об бояд мавриди коркард қарор дода шавад. Механизмҳои истифодаи об дар шакли софи худ вуҷуд надоранд, аз ин рӯ, ҳамоҳангии онҳо ногузир ва тавсияшавандаанд [8,с.47]. Дар ин маврид бисёр лаҳзаҳо аз технологияҳо, соҳаҳо ва фаъолиятҳои мушаххас вобастагӣ доранд. Дар оянда наздик, аз нуқтаи назари рушди босуботи иқтисодиёт зарур мешуморем, ки механизмҳои ҳавасмандкунандаи истифодабарии об бояд ҷорӣ карда шавад. Зеро дар шароити иқтисоди бозор нақши механизми иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об дар асоси тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба таври назаррас намоён мебошанд. Инчунин, истифодаи оқилонаи механизми иқтисодӣ нисбат ба истифодаи усулҳои маъмурӣ метавонад натиҷаҳои самаранок дошта бошад ва ҳамзамон, дар рушди иқтисоди сабз таъсири мусбат расонида метавонад.

Лозим ба қайд аст, ки имрӯз вазъи тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳои табиӣ таъсири манфии худро бо суръати баланд расонида истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин ҳолат эмин буда наметавонад. Ҳолати таъсири ҷиддие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, яъне тағйирёбии ҳарорат, обшавии пиряххо, боришот ва баландшавии обҳои сатҳи баҳрҳо оқибатҳое хоҳанд дошт, ки на танҳо экосистемаҳои обиро тағйир медиҳанд, балки ба сатҳи дастрасӣ доштани инсоният ба таъмини об низ таъсири худро мерасонанд.

Дар робита бо масъалаи тағйирёбии иқлим аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд ва созмонҳои бонуфуз суханронӣ карда шудааст. Ёдовар бояд шуд, ки бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 5 қатъномаи марбут ба обро қабул намудааст. “...Қатъномаҳо дар бораи эълон кардани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза”, солҳои 2005-2015 ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, соли 2013 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об” аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд”.

Инчунин, ибтикорот дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об, ки моҳи апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Корея доир гардида буд, эълон гардид. Дар ҷаласаи навбатии Маҷмааи Умумии СММ якдилона қатъснома оид ба эълони солҳои 2018-2028 ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз 21 декабри соли 2016 таҳти рақами 71/463 қабул гардид. Мақсади асосии ин Даҳсола, пеш аз ҳама, таъмини дастрасии умумӣ ба оби ошомидании тоза ва бо арзиши дастрас, нигоҳдошт ва ҳифзи ҳолатҳои санитарию беҳдоштӣ барои аҳолӣ, истифодабарии оқилонаи захираҳои об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони об дар Конфронси бистуҳафтуми Тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, санаи 7 ноябри соли 2022 суханронӣ намуда, қайд намуданд, ки “...захираҳои об ва тағйирёбии иқлим ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Мо инро дар Тоҷикистон, ки зиёда аз 60%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул мeёбад, бараъло мушоҳида менамоем. Бар асари гармшавии иқлим суръати обшавии пиряххои мо сол ба сол баланд шуда истодааст. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, як ҳазораш пурра аз байн рафтааст. “...селу обхезиҳо, хушксолиҳо ва дигар офатҳои

табиии марбут ба об ҳамасола дар кишвар хисороти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор оварда, дар аксари мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд". Вазъияти имрӯзаи тағйирёбии иқлимро ба инобат гирифта, роҳбари кишвари азизамон пешниҳод намуданд, ки "... соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо муайян карда шавад". Дар ҳақиқат ин масъала доғи рӯз буда, бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Амалишавии ташаббусҳои глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об яке аз самтҳои асосии рушди иқтисоди «сабз» ба ҳисоб рафта, барои беҳдошти вазъи обҳои тозаи нӯшокӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ созгор мебошад.

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки агар аз ҷониби истифодабарандагони Об муҳимияти он бо таври возеҳу равшан дарк карда шавад, дар ин ҳолат як қадами устувор дар роҳи расидан ба иқтисодӣ "сабз" мебошад. Баррасӣ ва ҳалли мушкилоти мазкур дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об, самараи бузург дода метавонад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки усулҳои муосир ва намудҳои истифодабарии захираҳои об бо дарназардошти риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавии об риоя карда шаванд.

Инчунин, бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар ҳолати татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ҳадафҳои стратегии миллии пешбинишудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар таъмин гардида, шароити мусоид барои зиндагии шоистаи аҳолӣ муҳайё хоҳад гашт.

**Муқарриз: пд.и.и., рофессори ДМТ - Исайнов Ҳ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1 Бобылев С.Н. Зеленая экономика и модернизация / С.Н. Бобылев, В.М. Захаров // Эколого-экономические основы устойчивого развития. Бюллетень «На пути к устойчивому развитию России». - 2012. -№60. –С.90.
2 Вода и экономическое развитие. [Электронный ресурс]. URL: cawater-info.net.
3 Водные ресурсы - важный фактор устойчивого развития / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№4. -С.42-58.
4 Водные ресурсы бассейна Аральского моря. 06.06.2009. [Электронный ресурс]. URL: http://ec-ifas.org/index.php/ru/2010-05-17.
5 Егорова М.С. Экономические механизмы и условия перехода к «зеленой» экономике / М.С. Егорова // Фундаментальные исследования. – 2014. -№6. -С.1262-1266.
6 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ". -Душанбе, 26.12.2019.
7 Рахимов Ш.Х., Хамраев Ш.Р. Водные ресурсы в бассейне Арала // Экология и статистика. Сб. статей. [Электронный ресурс]. URL: www.ireco.ru.
8 Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.
9 Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037.
10 Ямасова Н.Н. «Зеленая» экономика: вопросы теории и направления развития / Н.Н. Ямасова // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. - 2013. -№11. -С.36.


**ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ**


Дар мақола мушкилоти захираҳои об ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти сабз баррасӣ шуда, дар ин замина низоми истифодаи самаранок, ҳифз ва идоракунии экосистемаҳои об ҳамчун сиёсати экологӣ ва иқтисодии минтақа таҳлил карда шудаанд. Дар мақола барои равшан кардани проблемаҳои муҳимтарини минтақавии захираҳои об қайд карда мешавад, ки рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба ноил шудан ҷиҳати ҳамоҳанг дар муносибатҳои инсон, ҷамъият ва табиат, иқтисодиёт ва экология асос ёфтааст. Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии минтақа, истифодаи самараноки захираҳои об мебошад. Дар матлаб омадааст, ки Осиёи Марказӣ як минтақаи дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз ҷумла об аст. Сарчашмаҳои асосии захираҳои оби минтақа дар кишварҳои кӯҳистонӣ ҷойгиранд. Дар матлаб ҳамчунин гуфта мешавад, ки захираҳои оби Тоҷикистон дар таъмини шуғли "сабз" нақши муҳим доранд. Мусаллам аст, ки ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори иқтисоди кишвар ба захираҳои об зич алоқаманд аст. Ба андешаи мо, дар шароити муосир барои амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор фарҳанги истифодаи самаранок ва идоракунии оқилонаи захираҳои обро бо назардошти миқёс ва технологияи истеҳсолу истеъмол омӯхтан лозим аст. Шакли идоракунӣ таҳия ва пешниҳод карда шавад, ки он дар таъмини эҳтиёҷоти асосии инсон, аз қабили санитария, истеҳсоли озуқаворӣ, истеҳсоли энергия, нигоҳдорӣ ва ҳифзи вазъи экосистемаҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин ҷорӣ намудани системаи нави

механизми ҳамкорӣ оид ба рушди устувор дар бахши об мусоидат менамояд. Дар ин росто, аҳаммияти дарки амиқ ва огоҳии ҷомеа аз нақши калидии об дар ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор меафзояд.

**Калидвожаҳо:** об, захираҳо, иқтисоди “сабз”, экосистема, рушди устувор, консепсияҳо, идоракунӣ, истифодаи самаранок, омил, тағйирёбии иқлим, иқтисод, шуғли “сабз”, некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии минтақа, ҳуқуқи байналмилалии об, пиряххо, оби нушокӣ.

**ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ**

В статье рассматриваются проблемы водных ресурсов как важного фактора развития зеленой экономики и на этой основе анализированы вопросы эффективного использования, охраны и управления водными экосистемами в качестве эколого-экономической политики региона. Для уточнения важнейших региональных проблем водных ресурсов в статье отмечается, что устойчивое развитие социально-экономических систем опирается на достижение гармонии в отношениях между человеком, обществом и природой, между экономикой и экологией. Одной из важнейших составляющих социально-экономического благополучия региона является эффективное использование водных ресурсов. В статье констатируется, что Центральная Азия - регион с большими природными ресурсами, в том числе водными. Основные источники водных ресурсов региона расположены в горных странах. Также в статье отметчается, что водные ресурсы Таджикистана играют важную роль в обеспечении «зеленой» занятости. Очевидно, что достижение параметров устойчивого развития экономики страны тесно связано с водными ресурсами. По нашему мнению, в современных условиях для реализации Целей устойчивого развития необходимо изучить культуру эффективного использования и рационального управления водными ресурсами с учетом масштаба и технологии производства и потреблении. Следует разработать и представить форму управления, которая будет включать в себя обеспечение основных потребностей человека, таких как санитария, производство продуктов питания, производство энергии, поддержание и сохранение состояния национальных и региональных экосистем, а также внедрение нового механизма сотрудничества по устойчивому развитию в водном секторе. В связи с этим растет важность глубокого понимания и осознания населением ключевой роли воды для достижения Целей устойчивого развития.

**Ключевые слова:** вода, ресурсы, «зеленая» экономика, экосистема, устойчивое развитие, концепции, управление, эффективное использование, фактор, изменение климата, экономика, «зеленая» занятость, социально-экономическое благополучие региона, международное водное право, ледники, питтевая вода.

**WATER RESOURCES AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF A GREEN ECONOMY**

The article considers the problems of water resources as an important factor in the development of a green economy and, on this basis, analyzes the systems for the effective use, protection and management of water ecosystems as an environmental and economic policy of the region. To clarify the most important regional problems of water resources, the article notes that the sustainable development of socio-economic systems is based on achieving harmony in relations between man, society and nature, between the economy and ecology. One of the most important components of the socio-economic well-being of the region is the efficient use of water resources. The article states that central asia is a region with large natural resources, including water. The main sources of water resources in the region are located in mountainous countries. The article also notes that the water resources of tajikistan play an important role in providing "green" employment. It is obvious that achieving the parameters of sustainable development of the country's economy is closely related to water resources. In our opinion, in modern conditions, in order to implement the sustainable development goals, it is necessary to study the culture of efficient use and rational management of water resources, taking into account the scale and technology of production and consumption. A form of governance should be developed and presented, which will include the provision of basic human needs, such as sanitation, food production, energy production, maintenance and conservation of the state of national and regional ecosystems, as well as the introduction of a new mechanism for cooperation on sustainable development in the water sector. In this regard, the importance of deep understanding and public awareness of the key role of water in achieving the sustainable development goals is growing.

**Keywords:** water, resources, "green" economy, ecosystem, sustainable development, concepts, management, efficient use, factor, climate change, economy, "green" employment, socio-economic well-being of the region, international water law, glaciers, drinking water.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Саидзода Саидмаҳмуд Сайдаҳмад*** **-** Филиали муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар в. Суғд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директор. **Суроға**: 735716, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд, микр., 27/1. Телефон: **(+992) 918-43-20-53.** E-mail: **ssaid.85@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Саидмахмуд Сайдахмад*** – Филиал государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» в Согдийской области, кандидат экономических наук, доцент, директор. **Адрес**: 735716, г. Худжанд, Республика Таджикистан, Согдийская область, улица микр., 27/1. Телефон: **(+992) 918-43-20-53.** E-mail: **ssaid.85@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saizoda Saidmahmud Saydakhmad*** - Branch of the state institution “International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan” in the Sughd region, candidate of economic sciences, associate professor, director. **Address**: 735716, Khujand, Republic of Tajikistan, Sughd region. st. mikr., 27/1. Phone: **918-43-20-53.** E-mail: **ssaid.85@mail.ru**

ТДУ: 631.12

# ТАШАККУЛИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТАБИӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲИСТОН

***Саидмуродзод Ҷовид Ҷаббориӣ***

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Соҳаи кишоварзӣ бинобар мавқеи худ дар рушди иқтисоди миллии ҷумҳурӣ минбаъд ҳам ҳамчун асоси ибтидоии ноил гаштан ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ хизмат мекунад. Маҳз интихоби самтҳои нави инкишофи он ба ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ, додани ҳуқуқу имкониятҳои зарурӣ метавонад афзоиши босуботи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро таъмин намояд. Бешубҳа, ташаккул ва инкишофи низоми табиии зироаткорӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистон, механизми фаъолияти соҳаи хоҷагии қишлоқро дар шароити бозоргонӣ тағйир дода метавонад.

Ба ҳама маълум аст, ки шароити пеш бурдани соҳаи хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои «кӯҳӣ» ва «водигӣ»-и ҷумҳурӣ гуногун мебошанд. Зимни он сифати табиии ашёи хом ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ истеҳсол гардидаанд, низ якхела нестанд. Аз ин рӯ, арзиши пулии (нархи) маҳсулоти фоиданоки истеҳсолшуда низ фарқ дорад. Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки қариб дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсири омили экологӣ дар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ хеле зиёд аст.

Дар шароити Тоҷикистон минбаъд бояд боғпарварӣ, ангурпарварӣ, сабзавоту картошкапарварии шаклҳои «беруни шаҳрӣ», «лалмӣ», «кӯҳӣ»-и зироаткорӣ ва чорводорӣ инкишоф ёбанд. Ҳалли ин масъала имкон медиҳад, ки тарзу шаклҳо ва роҳу усулҳои ноил гаштан ва таъмин намудани ҷумҳурӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ воқеан ба назар гирифта шуда, ҳаҷми содироти он зиёд карда шавад.

Ноил гаштан ба амнияти озуқаворӣ дар асоси ба даст овардани миқдори ҳатмии маҳсулот имкон медиҳад, ки бо роҳи истифодаи пурраи иқтидори минтақаҳои кӯҳистон, рушди иқтисоди миллӣ таъмин гардад. Таҳияи низоми илман асоснокшудаи роҳандозӣ намудани соҳаи хоҷагии қишлоқи табиӣ ҳамчун як ҷузъи модели умумимиллии рушди кишвар «Модели тоҷикии инкишоф» имкон медиҳад, ки истеҳсолотро дар минтақаҳои кӯҳистон мувофиқ ба шароити табиӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва сиёсӣ ҷойгир кунем.

Низоми илман асоснокшудаи пеш бурдани соҳаи хоҷагии қишлоқ, ки ба ақидаи зироаткории органикӣ (табиӣ) асос ёфтааст, барои фароҳам овардани шароити мусоиди рушди минтақаҳои кӯҳистон бо дарназардошти хусусиятҳояшон, меҳнатталабӣ ва иқтидори захираҳои табиии онҳо мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ҳамчун заминаи инкишофи васеи соҳибкории деҳотӣ, ки ба ташкили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асос ёфтааст, метавонад хизмат намояд.

Системаи мазкури пеш бурдани соҳаи хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои кӯҳистон имкон медиҳад, ки дар як вақт масъалаҳои умумимиллӣ, ки асоси сиёсати иқтисодии давлат мебошанд, дар оянда ҳал гарданд, аз ҷумла:

- беҳтар шудани муносибатҳои истеҳсолӣ ва самтҳои иҷтимоии ба он нигаронидашуда, сектори рушдкардаи аграрӣ;
- афзудани шуғлнокии аҳолӣ ва баробар кардани даромадҳо, бо роҳи дастгирии минтақаҳои барои истеҳсолоти аграрӣ номутобиқ, махсусан минтақаҳои кӯҳӣ ва миёнакӯҳ, ки дорои шароити мураккаби истифодаи захираҳои замин мебошанд;
- таъминоти амнияти озуқаворӣ дар асоси ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, тахассус, истифодаи технологияҳо, ки ба маҳфуз нигоҳ доштани муҳити зист ва афзоиши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи барои содирот пешбинишуда меорад;
- истифодаи васеи захираҳои табиӣ ҳангоми яке аз самтҳои инкишофи иқтисодиёти “сабз” (“аз ҷиҳати экологӣ тоза”) ва истифодаи он ҳамчун асоси ташаккули соҳаи хоҷагии қишлоқи табиӣ (органикӣ).

Оид ба инкишофи хоҷагии қишлоқи органикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр олимону муҳаққиқон баҳс намудаанд, вале таҳқиқоти нисбатан пурра доир ба масъалаи

мазкур, тахассуси он дар минтақаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, самаранокию инкишофи минбаъдаи он дар рисолаи илмии Бобоҷонов Д.Д. [1] зикр ёфтааст.

Рушди иқтисодиёти аграрии минтақаҳои кӯҳистон, ки ба қоидаҳои зироаткории табиӣ (органикӣ) асос ёфтааст, ба ноилшавии амнияти озуқавории кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, ҳалли масъалаи шуғлнокии фоиданоки аҳолӣ дар асоси истифодаи таҷрибаи мавҷудаи ташкили истеҳсолот, истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии калони минтақаҳои кӯҳистони кишвар имкон медиҳад. Ҳадафи мазкур тавассути истифодаи технологияҳои каммасрафи аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшуда, истифодаи дастовардҳои селексия, зироаткорӣ, экологияи аграрӣ, ҳифзи захираҳо ва муҳити зист ба даст меояд.

Расидан ба ҳадафи ниҳоии кишоварзии табиӣ- зироаткорӣ ва чорводории аз ҷиҳати экологӣ тоза имкон медиҳад, ки рақобатпазирии маҳсулотро баланд бардошта, муваффақона ба бозори ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзии тозаи экологӣ ворид гашта, дар он мавқеи худро устувор намоем. Ҳолати дар сектори аграрии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадаи ташкилӣ-иқтисодӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳоро ба назар гирифта, мо гузаришро ба низоми пешбурди соҳаи кишоварзии зироаткории табиӣ (органикӣ) асоснок карда, пешниҳод менамоем.

Дурнамои кишоварзии табиӣ (органикӣ) ҳамчун самти нави рушди соҳаи кишоварзӣ, далели асосии истифодаи оқилона ва ҳифзи иқтидори захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ мебошад.

Оид ба зарурати ташаккули системаи хоҷагии қишлоқи табиӣ (органикӣ) сохтори ҳозираи КАС низ далолат мекунад. Бисёр аз соҳаҳои коркарди КАС дарёфткунандагони асосии ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мебошанд.

Хоҷагии қишлоқи табиӣ (органикӣ) бинобар пурра ташкил ёфтану ба фаъолият оғоз карданаш ба ташаккули иқтисодиёти аграрии гуногунҷанба меоварад. Он ба ташкил ва ҷойгиркунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои хурду миёна ва муштарак вобаста ба хусусиятҳои минтақаҳо, иқтидори табиӣ-захиравӣ ва меҳнатӣ, ояндадор будани деҳоту минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Чунин нуқтаи назар мазмуну мафҳуми системаи табиӣ (органикӣ)-и пеш бурдани соҳаи хоҷагии қишлоқи шакли тиҷоратӣ (бозаргонӣ)-ро ғанӣ гардонида, имкон медиҳад ба рушди устувор ва истифодаи самараноки минтақаҳои муфид дар ояндаи дур ноил гардем (нақшаи 1).

Рушди соҳаи анъанавии иқтисодиёт (ҳунарҳои мардумӣ, рушди бузпарварӣ, аспарварӣ), махсусан қутоспарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ ҳамчун соҳаҳои ояндадори хоҷагии қишлоқи минтақаҳои кӯҳӣ аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ асоснок мегарданд.

Мисоли равшани ин он аст, ки мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007 ба ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз ноҳияи Мурғоб 200 сар қутос оварда шуда, ки ба иқлими он мутобиқ гардонида шуда буд, саршумори он зиёд гардонида шуд.

Дар нақша тахассуси ояндадори истеҳсолоти кишоварзӣ аз мавқеи ҷойгиршавии амудии минтақаҳои миёнакӯҳ, пешниҳод гардидааст, ки аз ҷониби мо ба таври амудӣ боз ба се минтақа тақсим карда шудааст, ки дар он ҷо истеҳсоли маҳсулоти мазкур тавсия мешавад.

Ҷойгиркунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мувофиқ ба иқтидори табиӣ, шуғлнокӣ ва самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти муайян дар минтақаҳо имкон медиҳад, ки қоидаҳои асосии хоҷагии қишлоқи табиӣ (органикӣ) – хоҷагидорӣ кардан дар мувофиқат бо низомҳои экологию табиӣ ба назар гирифта шаванд, ки таъсиррасонии байниҳамдигарии хок, растаниҳо, ҳайвонот ва қувваҳои табиатро таъмин менамояд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои хосси минтақаҳо ва анъанаҳои маҳаллӣ, имконияти аз худ кардани системаи зироаткорӣ пайдо мешавад, ки истифодаи усули коркарди гуногунумқи замину хок, нуриҳои табиӣ (пору), технологияҳои камхароҷоти парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ ва методҳои биологии пешбурди зироаткорӣ бо роҳи тадриҷан даст кашидан аз нуриҳои маъданӣ ва воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо аз асосҳои он мешаванд.

Ҷойгиршавии киштзорҳои корхонаҳои кишоварзии минтақаҳои кӯҳистон аз ҷиҳати шароити табиӣ ва шароити хокию иқлимӣ ба истеҳсолоти табиӣ ва шароити хокию иқлимӣ ба истеҳсолоти табиӣ (органикӣ) моиланд. Набудани марказҳои саноатӣ,

корхонаҳои саноатие, ки бо партовҳою газихроҷкуниҳои худ обу хокро ифлос менамоянд, мавҷудияти иқлими гарми муътадил, тозагии ҳаво, сарчашмаҳои оби тозаи ошомиданӣ ва чи барои обёрӣ, ҳамаи ин барои инкишофи соҳаи мазкури истеҳсолот шароити мусоид фароҳам меорад, ки дар он зироатҳои хоҷагии қишлоқ аз ҷиҳати экологӣ тоза парвариш кардашуда, маҳсулоти тозаи экологӣ истеҳсол мегардад, ки дар ҷамъияти муосири шаҳришуда хеле боарзиш мебошад.

**Нақшаи 1. Тахассуси хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и шакли табиӣ (органикӣ)**
**Scheme 1. Qualification of farms of natural (organic) form**




Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло таъкид карданием, ки тавсия додани истеҳсолоти органикӣ дар минтақаҳои кӯҳистон фоидаи экологии муайяне меорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Самаранокии мевапарварии органикӣ дар минтақаҳои кӯҳии НТҶ (сомонӣ)**
**Table 1. Effectiveness of organic fruit growing in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan (Somani)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Истеҳсолоти мавҷуда | Истеҳсолоти органикӣ (табиӣ) | Таносуби байни ҳарду ба ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Майдон, га | 1,0 | 1,0 | 100,0 |
| 2 | Ҳосилнокӣ, с/га | 33,0 | 30,0 | 90,91 |
| 3 | Хароҷот ба ҳар 1 га | 7612,4 | 6404,4 | 84,13 |
| 3. | аз ҷумла | | | |
| 3.1 | Музди меҳнат | 1310 | 1260 | 96,18 |
| 3.2 | техника | 300,0 | 460,0 | 153,33 |
| 3.3 | Нуриҳо, аз ҷумла | 2618 | 1500,0 | 57,29 |
| | -азотӣ | 1250 | - | - |
| | -фосфорӣ | 768 | - | - |
| | -органикӣ | 600,0 | 1500,0 | 250,03.4 |
| 3.4 | Доруҳои захрдор | 480 | - | - |
| 3.5 | Самти биологи | - | 280 | - |
| 3.6 | Хароҷоти амортизатсионӣ | 224,4 | 2224,4 | - |
| 3.7. | Дигар хароҷот | 680 | 680 | 100,0 |
| 4 | Арзиши аслӣ 1с | 230,68 | 213,48 | 92,54 |
| 5 | Нархи фурӯшӣ 1с | 400,0 | 448,0 | 112,00 |
| 6 | Даромад аз ҳар 1 га | 5587,56 | 7035,6 | 138,96 |
| 7 | фоиданокӣ, % | 73,40 | 109,86 | 145,53 |

Сарчашма: Муаллиф тартиб додааст.

Маълумоти дар ҷадвали 1, овардашуда нишон медиҳанд, ки ҷорӣ намудани истеҳсолоти органикӣ (табиӣ), пеш аз ҳама, даст кашидан аз истифодаи нуриҳои маъданӣ ва доруҳои заҳрдор мебошад.

Агар таркиби арзиши аслии маҳсулотро аз рӯйи технологияи мавҷуда баррасӣ намоем, мебинем, ки дар он вазни қиёсии нисбатан зиёд ба нуриҳо (34,4) ва доруҳои заҳрдор (6,3%), инчунин ба маблағҷудокуниҳои амортизатсионӣ, яъне ба маблағгузории асосӣ 29,2%, тааллуқ, дорад.

Хоҷагии қишлоқи органикӣ (табиӣ) ивази нуриҳои маъданиро ба нуриҳои органикӣ пешбинӣ мекунад, ки ин аз ҳисоби истифодаи миқдори зиёди нуриҳои органикӣ дар шакли пору партовҳои зироатҳои сидеративӣ, дар шакли поруи сабз барои баланд бардоштани ҳосилнокии хок имконият фароҳам меорад. Доруҳои захрдор бошанд, дар кишварҳое, ки ҳаракат барои тозагии экологии табиат ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи аз ҷиҳати экологӣ тоза инкишоф меёбад, бар зидди зараррасонҳо аз ҳисоби методҳои биологӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Умуман, ҳангоми истеҳсолоти органикӣ хароҷот ба ҳар 1 гектар то 15,87% камтар шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳангоми ҷорӣ намудани истеҳсолоти органикӣ ба андозае паст шудани ҳосилнокӣ (9,2%) ба назар мерасад, ки дар ниҳояти кор ба натиҷаи ниҳоии экологӣ таъсир нарасонда, арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот то 7,46% кам шудааст.

Маълум аст, ки даромаднокӣ асосан аз ҳаҷми даромади аз як воҳиди маҳсулот гирифташуда вобаста аст, ки он дар навбати худ ба нархи фурӯш вобастагӣ дорад.

Амалия нишон медиҳад, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозори ҷаҳонӣ нисбат ба маҳсулоти бо технологияи мавҷуда истеҳсол гардида, арзиши баландтар дорад. Солҳои охир ҷумҳурии мо ба хориҷи кишвар асосан маҳсулоти мевагию буттамеваҳо ва ангур содирот мекунад. Вобаста ба ин, нархи фурӯши маҳсулот 12% зиёд шуд, ки ин худ нархи на он қадар баланд аст. Вале дар ин ҳолат низ истеҳсолкунандагон бе даромад намемонанд. Ба тахмини мо, самти мазкур дар ояндаи наздик дар бозори хориҷи кишвар мавқеи сазовори худро ишғол мекунад ва нархи маҳсулоти мазкур дар ин бозорҳо устувор зиёд шуда, бо афзоиши раванди шаҳришавӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ ҷамъият беш аз пеш ба чунин маҳсулот аз ҷиҳати экологӣ тоза эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Таҳлили омилҳои дохилӣ ва беруна, ки фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар шароити хоҷагии кишоварзи органикӣ таъмин менамоянд, нишон медиҳад, ки соҳаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ барои ташаккули он дорои имкониятҳои зарурӣ мебошад.

Вобаста ба заминҳои ташаккули шакли органикӣ соҳаи хоҷагии қишлоқ масоҳати пешгӯишудаи азхудкунии онҳо то соли 2030 пешниҳод гардидааст.

Тибқи ҳисобҳои мо, то соли 2030 масоҳати заминҳои табиии хоҷагии қишлоқро дар минтақаҳои миёнакӯҳии ҷумҳурӣ то 16,7 ҳазор гектар расонидан мумкин аст, ки ин зиёда аз 45,6% масоҳати заминҳои кишти зироатҳои асосии соли 2022-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2. Масоҳати заминҳои ҷудокардашуда барои ташкили сектори органикии соҳаи хоҷагии қишлоқи минтақаҳои миёнакӯҳи ҷумҳурӣ, га**
**Table 2. The area of allocated land for the organization of the organic sector of agriculture in the mid-mountain regions of the republic, ha**

| Соҳаҳо | 2022 | | 2030 | |
|---|---|---|---|---|
| | Воқеӣ | Хоҷагии қишлоқи органикӣ | Воқеӣ | Хоҷагии қишлоқи органикӣ |
| Ғаллакорӣ | 38507 | 4313 | 36582 | 6584 |
| Сабзавоткорӣ | 2653 | 350 | 2441 | 610 |
| Картошкапарварӣ | 15894 | 1351 | 15894 | 3179 |
| Боғпарварӣ | 12746 | 5506 | 14883 | 6399 |
| **Ҳамагӣ** | **69800** | **11520** | **69800** | **16772** |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вобаста ба марҳилаи ташаккули хоҷагии қишлоқи органикӣ дар минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ ва тамоюли тағйирёбии ҳосилнокии зироатҳо ҳангоми азхудкунии технологияи органикӣ, ҳосилнокии пешгӯишавандаи зироатҳои асосии хоҷагии қишлоқи истеҳсолшаванда то соли 2030 муайян карда шудааст. Ҳангоми муайян намудани ҳосилнокӣ мо таҷрибаи истифодабарии хоҷагии қишлоқи органикиро дар кишварҳои рушдкардаи гуногун ба назар гирифтем, ки дар ин кишварҳо майдони кишти табиӣ, ба ҳисоби миёна 90-92% ҳосили одӣ медиҳад, дар мамлакатҳои рушдёбанда бошад, ҳосилнокии хоҷагии қишлоқи органикӣ 80% аз ҳосилнокии хоҷагии қишлоқи анъанавӣ зиёдтар аст [3].

**Ҷадвали 3. Ҳосилнокии пешгӯишавандаи зироатҳои хоҷагии қишлоқи парваришшаванда бо тарзи органикии истеҳсол дар минтақаҳои миёнакӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 3. Predicted productivity of agricultural crops grown organically in the mid-mountain regions of the Republic of Tajikistan**

| Намуди зироатҳои х/к | солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2022 | 2025 | 2030 |
| Ғалладона | 23,8 | 24,2 | 25,1 |
| Картошка | 193,0 | 195,0 | 200,0 |
| Сабзавот | 184,0 | 187,0 | 192,0 |
| Меваҳо | 44,0 | 45,0 | 48,0 |

Сарчашма. Ҳисоб карда шудааст, аз рӯйи: ҳосил ва ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2022. Комитети давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.185-211.; Минтақаҳои ҶТ // Маҷмуи омор. -С.223-247.

Маълумоти дар ҷадвали 3, овардашуда собит месозанд, ки ба даст овардани ҳосилнокии пешгӯишаванда ба марҳилаҳои ташаккули сектори органикии хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Зимни ин, мо онро ҳам ба назар гирифтаем, ки пойгоҳи моддӣ-техникии барои ба даст овардани сатҳи баланди ҳосилнокӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ) ҳангоми пеш бурдани зироаткории анъанавӣ дар як вақт бо ташаккули сектори органикии кишоварзӣ мустаҳкам мегардад.

Афзалияти меҳнати инфиродӣ ва оилавӣ ва, пеш аз ҳама, дарки он, ки маҳз ин система барои болоравии соҳаи хоҷагии қишлоқи минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣояндадор мебошад, имкон медиҳанд, ки оид ба зарурати гузаштан ба низоми зироаткории

органикӣ дар Тоҷикистон хулосаҳои зарурӣ барорем. Ҳолати молиявию иқтисодии беҳтаршавандаи минтақаҳои мазкур имкон медиҳанд тасдиқ намоем, ки таъмин кардани чараёни рушди соҳа якҷоя бо интихоби роҳҳои гуногуни ба даст овардани натиҷаҳои мусбат амалӣ мегардад.

Сиёсати давлатии аграрӣ, ин нуқтаи назари стратегияи рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ, низоми иқтисодии ҷамъият мебошад, ки ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии субъектҳои соҳаи аграрӣ ва ба даст овардани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ равона гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ барои ташаккули сектори органикии соҳаи хоҷагии қишлоқ заминаҳо вуҷуд доранд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ноҳияҳои кӯҳистон ва баландкӯҳи Тоҷикистон истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти озуқаворӣ бе истифодаи нуриҳои маъданӣ ва воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ба роҳ монда шудааст.

Яке аз самтҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи киштзорҳо, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистон, ин васеъ намудани доираи зироаткории органикӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ -Файзуллоев Т.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Бабажанов Д.Д. Перспективы формирования и развития органического сектора сельского хозяйства Таджикистана / Д.Д. Бабажанов. –Душанбе: Ирфон,2010. -276 с.
2. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
3. Копейкина В. Доказано: органическое сельское хозяйство накормит мир. [Электронный ресурс]. URL: http://www.biosafety.ru/index.
4. Маҷмуи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин ва бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он. -Душанбе, 2019. -С.47-48.
5. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№8. -С.36-43. – EDN HKZPTW.
6. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023.
7. Сабзаева М.С. Проблемы формирования дехканских (фермерских) хозяйств в новых условиях / М.С. Сабзаева. –Душанбе: ООО «Экспресс», 2001. -40 с.
8. Сабзаева М.С. Современные проблемы формирования и развития дехканских (фермерских) хозяйств в рыночных условиях: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.С. Сабзаева. -Душанбе, 2004.
9. Саидмуродзод Ҷовид Ҷаббори. Истифодаи оқилонаи механизмҳои иқтисодӣ – асоси баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин / Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисолдӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2024. -№3. –С.148-156.
10. Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ. Саҳми пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар раванди истифодаи самараноки захираи замини минтақаҳои кӯҳӣ / Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2024. -№2. –С.116-122.
11. Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023.


## ТАШАККУЛИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТАБИӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲИСТОН


Дар мақолаи мазкур ташаккули соҳаи кишоварзии табиӣ – ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замини минтақаҳои кӯҳистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур ноил гаштан ба амнияти озуқаворӣ дар асоси ба даст овардани миқдори ҳатмии маҳсулот имкон медиҳад, ки бо роҳи истифодаи пурраи иқтидори минтақаҳои кӯҳистон рушди иқтисоди миллӣ таъмин гардад. Бешубҳа, ташаккул ва инкишофи низоми табиии зироаткорӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистон, механизми фаъолияти соҳаи хоҷагии қишлокро дар шароити бозоргонӣ тағйир дода метавонад. Расидан ба ҳадафи ниҳоии кишоварзии табиӣ- зироаткорӣ ва чорводории аз ҷиҳати экологӣ тоза имкон медиҳад, ки рақобатпазирии маҳсулотро баланд бардошта, муваффақона ба бозори ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзии тозаи экологӣ ворид гашта, дар он мавқеи худро устувор намоем. Таҳияи низоми илман асоснокшудаи махсусгардонии истеҳсолотро дар минтақаҳои кӯҳистон мувофиқ ба шароити табиӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва сиёсӣ ҷойгир намудан пешниҳод шудааст. Бо самаранокии боғдории шакли табиӣ ва вуҷуд доштан исбот шудааст, ки соҳаи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ барои ташаккули он дорои имкониятҳои зарурӣ мебошад ва барои ташаккули он дурнамои то соли 2030 пешниҳод гардидааст.



**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, табиӣ, самаранокӣ, захира, соҳа, зироат, боғ, нурӣ, арзиши аслӣ, ҳосилнокӣ, хароҷот, фоида.

**ФОРМИРОВАНИЕ СФЕРЫ НАТУРАЛЬНОГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ КАК ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ ГОРНЫХ РЕГИОНОВ**

В данной статье анализируется развитие натурального земледелия как фактор повышения эффективности использования земельных ресурсов в горных регионах. В данной статье рассмотрены проблемы продовольственной безопасности на основе получения необходимого количества продукции, позволяющего обеспечить развитие национальной экономики за счет полного использования потенциала горных регионов. Несомненно, формирование системы естественного земледелия, особенно в горных регионах, способно изменить механизм сельскохозяйственной деятельности в рыночных условиях. Достижение конечной цели натурального земледелия – экологически чистого земледелия и животноводства - позволяет повысить конкурентоспособность продукции, успешно выйти на мировой рынок экологически чистой сельскохозяйственной продукции и стабилизировать на нем свое положение. Предлагается разработать научно обоснованную систему специализации производства в горных регионах в соответствии с природными, социально-демографическими и политическими условиями. Доказано, что аграрный сектор республики имеет необходимые возможности для своего развития при эффективности естественного садоводства и его существования, а также предложены перспективы его развития до 2030 года.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, природный, эффективность, ресурс, поле, урожай, сад, удобрения, реальная стоимость, урожайность, прибыль.

**FORMATION OF THE SPHERE OF NATURAL FARMING - AS A FACTOR IN INCREASING THE EFFICIENCY OF USE LAND RESOURCES OF MOUNTAIN REGIONS**

This article analyzes the development of natural farming as a factor in increasing the efficiency of land use in mountainous regions. The article examines the formation of the sphere of natural farming - as a factor in increasing the efficiency of using land resources in mountainous regions. This article discusses the achievement of food security based on obtaining the required amount of products, which allows for the development of the national economy through the full use of the potential of mountain regions. Undoubtedly, the formation and development of a natural farming system, especially in mountainous regions, can change the mechanism of agricultural activity in market conditions. Achieving the ultimate goal of natural farming - environmentally friendly farming and animal husbandry - allows you to increase the competitiveness of products, successfully enter the world market of environmentally friendly agricultural products and stabilize your position on it. It is proposed to develop a scientifically based system of specialization of production in mountain regions in accordance with natural, socio-demographic and political conditions. It has been proven that the agricultural sector of the republic has the necessary opportunities for its development with the effectiveness of natural gardening and its existence, and prospects for its development until 2030 have been proposed.

**Keywords:** agriculture, natural, efficiency, resource, field, harvest, garden, fertilizer, real cost, productivity, profit.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи замин ва кадастрӣ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Саидмурадзод Джовид Джаббори*** – Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемура, кандидат экономических наук, доцент кафедры землеустройства и кадастра. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 146. Телефон: **(+992) 101-11-19-89**. E-mail: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saidmuradzod Jovid Jabbori*** – Tajik Agrarian University. Shirinsho Shotemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Land Management and Cadastre. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **(+992) 101-11-19-89**. Email: **jovid.saidmurodov@gmail.com**

ТДУ: 338.24+338.43(575.3)

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТИИ ДАСТГИРИИ РУШДИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН


*Раҳимов З.С.*

**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**


Вазъи соҳаи энергетика бештар бо имкониятҳои рушди мутавозини иқтисод ва сохтори он муайян гардида, дар маҷмуъ, яке аз тавсифҳои муҳимми объекти баррасишаванда (ҷомеа, давлат, минтақа) ба шумор меравад. Ҳоло масъалаҳои идораи самараноки соҳаи энергетика дар сиёсати давлат яке аз ҷойҳои афзалиятнокро ишғол мекунанд. Дар аксарияти кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам, масъалаҳои таҳия ва татбиқи дастовардҳои пешқадами илмию техникӣ, ки дар кишварҳои пешрафта афзалиятнок ба шумор меравaнд, бештар масъалаҳои тағйири сохтор, таҳияи механизми самараноки хоҷагидории фаъолияти соҳа, ки дар нақшаи дарозмуҳлат таъминоти энергетикии истеъмолкунандагонро боэътимоду хушсифат ва аз ҷиҳати техникию экологӣ бехатар ба роҳ мемонад, такрористеҳсоли фондҳои асосӣ мувофиқи вазъияти иқтисодӣ, (масъалаҳои) ҳамгироӣ мувофиқи сохторҳои минтақавӣ (аз ҷумла CASA-1000) ва монанди ин муҳим ба шумор меравaнд.

Дар давоми 30-соли баъди заволи Системаи ягонаи энергетикӣ (СЯЭ)-и ИҶШС, ба изҳороти изтиробангез дар бораи бухрони ногузири пардохтпазирӣ ва камчинии сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи аксарияти кишварҳои собиқ СЯЭ ва зарурати тағйири куллии тамоюлҳои ташаккулёфта нигоҳ накарда, беҳтаргардонии назарраси вазъият дар сатҳи кофӣ таъмин карда нашуд. Суст будани асоснокӣ ва ҳамоҳангии воситаҳои истифодашавандаи идора аз нуқтаи назари идеологӣ, иқтисодӣ ва бештар техникӣ ба ин хеле мусоидат кард.

Таносуби қатъии тағйирёфтаи хоҷагии халқ ва фазои зиёд маҳдудшудаи иқтисодӣ вазифаи ба воқеиятҳои нав мутобиқшавии системаро ба миён гузошт. Тамоюли то имрӯз мавҷудаи параметрҳои асосии соҳаи энергетика аз вазифаи комилан нав – зарурати мунтазам ба ҳадафҳо, шаклҳо ва усулҳои идораи соҳа аз нуқтаи назари нав ташаккулёбандаи илмӣ далолат медиҳад ва дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ хусусиятҳои хосси объекти мушаххасро ба назар мегирад. Самаранокии соҳа аз ҷиҳати назариявӣ натиҷаи ҳамкории маҷмуи омилҳост: талаботу пешниҳод, хусусиятҳои технологии истеҳсолу истеъмол, сохтори ташаккулёфтаи соҳа, сатҳ ва хусусиятҳои муносибатҳои дохилисоҳавӣ, сиёсати давлат ва дигар тарафҳои манфиатдор, вобастагиҳои дохилисоҳавии сабабу натиҷа. Зоҳиран, алоқа дар байни омилҳои номбаршуда ва самаранокии сохторҳои соҳавӣ дар доираи “сохтор-рафтор-самаранокӣ” пешниҳод мешавад.

Маҳз танзими фаъолияти монополияҳои табиӣ дар ҳамин соҳа механизми муҳимми ташкилию иқтисодии соҳаи давлатии энергетика ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар идома сабабҳои мавҷудият, мазмун, функсияҳо ва зарурати танзими давлатии монополияи табииро муфассал таҳлил мекунем. Оид ба моҳияти монополияи табиӣ дар адабиёти иқтисодӣ тафсирҳои гуногун мавҷуданд. Монополияи табиӣ вуҷуд дошта метавонад, чунки он сарчашмаҳои ягонаи табиӣ дорад ё ба шарофати сармоягузорӣ дар гузашта, ки бояд аз тарафи рақиб айнан такрор мешуд, масалан, бо сармоягузорӣ ба системаи таъминоти электрикӣ мавҷудияти худро нигоҳ медорад [1]. Ё монополияи табиӣ монополияи ногузир ва расман эътирофшудаи истеҳсолу фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо буда, монополизм мувофиқи онҳо ё ба ҳуқуқҳои табиии монополист ё ба мулоҳизаҳои фоидаи иқтисодӣ барои ҳамаи давлат ва аҳолӣ вобаста аст [2,с.88-90]. Г.С. Вечканов менависад, ки монополияи табиӣ – соҳае, ки дар он хароҷотҳои миёнаи дарозмуҳлат танҳо дар ҳолате минималиянд, ки агар ҳамагӣ як ширкат ба тамоми бозор хизмат расонад [4].

Муаллифони дигар менависанд, ки дар як қатор соҳаҳои хоҷагии халқ сарфаҷӯӣ вобаста ба афзоиши миқёси истеҳсол махсусан намоён буда, рақобат амалан татбиқнашаванда ё комилан душвор аст. Чунин соҳаҳо ба монополияи табиӣ дохил

мешаванд (ё дар онҳо монополияи табиӣ ҳамчун падидаи объективӣ вуҷуд дорад). Ин монополияи табииро аз монополияи сармоя фарқ мекунонад. “Воҳиди” ченаки монополияи табиӣ одатан соҳаест, ки дар он амалан як субъекти иқтисодӣ амал мекунад ва “воҳиди” ченаки монополияи сармоя як қисми бозор (ё бозорҳо)-и соҳавӣ буда, дар он (онҳо) сармояҳои калон ба нархҳои хариду фурӯш таъсири ҷиддӣ мерасонанд [6,с.122-127]. Ҳамин тавр, андешаҳои муаллифонро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст: бахши иқтисод, ки дар он фаъолияти корхонаи ягона ба сабаби мавҷуд будани сарфаҷӯии асосӣ аз миқёсе, ки ба афзоиши истеҳсол вобаста аст, монополияи табиӣ номида мешавад.

Пеш аз ҳама, чунин савол ба миён меояд, ки чаро монополияи табиӣ вуҷуд дорад. Се сабаби асосии вуҷуд доштани монополияро меътавон ном бурд.

**Сабаби якум** – сарфаҷӯӣ аз миқёс. Маҳз ба шарофати сарфаҷӯӣ аз миқёс бисёр соҳаҳо монополияи табиӣ ба шумор меравад. Монополия дар ин ҳолат ба он маъно “табиӣ” аст, ки сохтори бозории камкунандаи хароҷотро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, агар истеҳсоли ҳама гуна ҳаҷми маҳсулоти як корхона нисбат ба истеҳсолоти ду ё зиёда аз он корхонаҳо арзонтар бошад, метавон гуфт, ки ин соҳа монополияи табиист.

**Сабаби дуюми** вуҷуд доштани монополияи табиӣ дар он аст, ки корхонаи баъзе сарчашмаҳои камёб ва фавқулода муҳимро ё дар намуди маҳсулоти хом ё дар намуди донишҳое, ки бо патент ҳифз шудаанд ё маҳфуз нигоҳ дошта мешаванд, дар зери назорат дошта метавонад.

**Сабаби сеюми** вуҷуд доштани монополияи табиӣ ба маҳдудияти давлатии афзоиши корхонаҳои нав дар соҳа вобаста аст. Монополияҳо ба он сабаб вуҷуд дошта метавонанд, ки ҳуқуқҳои истисноии фурӯши неъматҳои муайянро мехаранд ё пешниҳод мекунанд. Масалан, танҳо Ҳолдинги “Барқи тоҷик” субъектҳои ҷумҳуриро бо неруи барқ таъмин карда метавонад.

Боз як хусусияти монополияҳои табиӣ, вуҷуд доштани монеаҳои зиёди дохилшавӣ ба соҳа аст. Мавҷудияти истеҳсолкунандаи ягона, ки самаранокӣ аз миқёси истеҳсолоти ӯ беҳад зиёд аст, ҳамон андозаи сармояро муайян менамояд, ки барои ба соҳа дохил шудан зарур мебошад. Дар ин маврид рақобат ба вуҷуд намеояд. Барои ҳамин намудҳои фаъолият андозаи самаранокии корхона одатан ба 100% аз ҳаҷми истеъмоли дохилии ҳамин неъматҳо баробар ё хеле наздик аст, ки ин айнан ба яке аз истеҳсолкунандаи самаранок дар соҳа мутобиқ мебошад [5,с.98]. Ин се сабаб ва хусусиятҳо ба ҳам алоқаманд буда метавонанд.

Акнун тавозуни омилҳои “мустаб” ва “манфӣ”-ро вобаста ба мавҷудияти соҳаҳои фаъолият дида мебароем (соҳаи монополияи табиӣ (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тавозуни омилҳои “мусбат” ва “манфӣ”-и монополияҳои табиӣ**
**Table 1. The balance of "pluses" and "minuses" of natural monopolies**

| № | Омилҳои мусбат | Омилҳои манфӣ |
|---|---|---|
| 1. | Имконияти истифодаи ҳадди ақал аз миқёси истеҳсолот, ки ба кам шудани хароҷоти истеҳсоли воҳиди маҳсулот оварда мерасонад | Имконияти муайян намудани сатҳи нархи фурӯш |
| 2. | Имконияти сафарбар кардани сарчашмаҳои зиёди молиявӣ барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани воситаҳои истеҳсол | Имконияти ба зиммаи истеъмолкунандаи ниҳоӣ, ки ба истеҳсолкунанда таъсири баръакс расонида наметавонад, гузоштани хароҷоти зиёд |
| 3. | Имконияти истифодаи дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ | Имкони монеъ шудан ба пешрафти техникӣ |
| 4. | Имконияти риояи стандарти ягонаи маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо | Имконияти “сарфаҷӯӣ” аз ҳисоби сифати пасти маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо |
| 5. | Имконияти ивази механизми бозор, яъне ташкили иқтисодии бозор | Имконияти қабули шакли ҳукмронии маъмурӣ - ивазкунандаи механизми иқтисодӣ |
| 6. | Тартиботи дохилии ширкат ва системаи муносибатҳои қарордодӣ, ки кам кардани талафотро вобаста ба хавф ва номуайянӣ имконпазир мегардонад | Имконияти ба таври сунъӣ баланд бардоштани хароҷоти истеҳсол |

Аз ин бармеояд, ки афзалиятҳои монополияи табиӣ ба камбудиҳои он табдил меёбанд ва баръакс. Ин шакли ташкили иқтисодӣ басо ихтилофангез аст. Мо пурра муайян намуда наметавонем, ки омилҳои "мусбат" бартарӣ доранд ё "манфӣ". Лекин ҷомеа дар шароитҳои чунин номуайянӣ ва вобастагӣ ба монополистони табиӣ зиста наметавонад. Шакли бозории ташкили иқтисод таъсири омилҳои манфии монополияи табииро бартараф ё ҳатто сусттар карда наметавонад. Механизми бозории тақсими захираҳо дар ин ҳолат амал намекунад. Ҷомеа ин ихтилофро танҳо бо як усул бартараф карда метавонад – танзими монополияи табиӣ.

Ҳукумат ба ширкатҳо ҳуқуқи монополияро таъмин карда метавонад, масалан, дар ҳолати агар сарфаҷӯӣ аз миқёс ҷой дошта бошад. Дар ин ҳолат рақобат аз нуқтаи назари ҷомеа талафкорона мешавад. Вале, ҳамзамон, Ҳукумат барои танзими рафтори ширкатҳо кӯшиш карда метавонад, то ин ки зуҳуроти асосии бесамаранокии монополизатсия сусттар шавад, яъне талафоти иҷтимоӣ ё хароҷоти ҷомеа [7,с.282-291] вобаста ба маҳдудияти истеҳсол камтар гардад.

Агар истеҳсол бо сарфаҷӯии зиёд аз миқёс ҷараён гирифта, хароҷотҳои миёнаи дарозмуҳлат ҳамеша ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол баробар оянд, дар ин ҳолат, нисбат ба соҳаи яклухти иборат аз корхонаҳои зиёд, як истеҳсолкунанда доштан самаранокии бештар дорад. Дар шароити монополияи табиӣ рақобат одатан мувофиқи мақсад нест, чунки вуҷуд доштани зиёда аз як фурӯшанда ба афзоиши хароҷот оварда мерасонад. Ҳамин тавр, дар монополияи табиии танҳо як фурӯшанда дар бозор аслан дар баъзе соҳаҳои иқтисод ташкили истеҳсол дар асоси корхонаи ягона (на якчанд корхонаҳои рақиб) [13,с.56] самаранок аст, яъне истеҳсоли ҳама гуна ҳаҷми маҳсулот дар доираи як корхона, нисбат ба якчанд корхонаҳо арзонтар меафтад.

Намунаи муҳимми монополияи табиӣ таъминот ба неруи барқ аст. Ин соҳаи истеҳсолотро ба сабаби аҳаммиятнокии омили сарфаҷӯӣ аз миқёс ҳангоми тақсими маҳсулот ба гурӯҳи алоҳида ҷудо мекунанд. Ба таъмини кори монополияҳои табиӣ баъзан давлат машғул мешавад, на ширкатҳои хусусӣ. Ба сифати истеҳсолкунанда он бояд нархи хизматрасониҳои монополияҳои табииро муайян намояд. Чунин муқаррарот, ки бозорҳои рақобат тақсими самараноки захираҳоро таъмин мекунанд, пешбинӣ менамояд, ки кормандони мақомоти танзим бояд ба таври сунъӣ ба кори бозорҳои рақобат дахолат кунанд, то ин ки хароҷотҳо камтар шуда, нархҳо дар асоси хароҷотҳои ниҳоӣ муайян гарданд. Дар чунин соҳа миқёси самараноки истеҳсоли мол ба ҳамон миқдоре наздик аст, ки мувофиқи он бозор аз рӯйи ҳама гуна нархи барои пӯшонидани хароҷоти истеҳсол кифоя талабот пешниҳод мекунад. Як ширкат ҳамаи талаботи ба моли (хизматрасонии) ҳамин ширкат пешниҳодшавандаро таъмин карда метавонад [9,с.129-136]. Тақсиму истеҳсол дар байни 2-3 ё зиёда аз он миқдори корхонаҳо ба он оварда мерасонад, ки миқёси истеҳсоли ҳар кадоми онҳо хеле кам шуда, мавҷудияти зиёда аз як фурӯшанда ба афзоиши хароҷот сабаб мешавад. Рақобат дар ин ҷо ба он сабаб номумкин аст, ки корхонаи аз ҳама калон ҳамеша дар қисми хароҷот аз рақибони худ бартарӣ дорад ва корхонаҳои хурд дар чунин шароитҳо, зоҳиран ба рақобат тоб оварда наметавонанд ва аз бозор "ронда" мешаванд. Чунин ширкатҳои калон ба осонӣ шумораи истеъмолкунандагони худро дар минтақаи хизматрасонӣ зиёд гардонида метавонанд. Таъсиси ширкати наву иловагӣ, ки функсияҳои монандро иҷро мекунад, дар ҳолати пайдо шудани талабот бисёр гарон меафтад.

Дар соҳаи электроэнергетика сарфаҷӯӣ аз миқёс дар ҳамаи ҳаҷми истеҳсол назаррас шуда метавонад. Масалан, системаи таъминот бо неруи барқ ҳаҷми зиёди хароҷоти доимиро вобаста ба арзиши баланди таҷҳизоти асосӣ – зерстансияҳои трансформаторӣ, генераторҳо, хатҳои интиқоли неруи барқ ва ғ. талаб мекунад. Дар ҳолати ихтисори ҳаҷми таъмини ин неъматҳо бо ҳамон иқтидорҳои истеҳсолӣ, хароҷотҳои доимӣ кам намешаванд, чунки сармояҳои асосӣ аллакай гузошта шудаанд, вале хароҷотҳои миёна меафзоянд. Агар дар ин соҳа якчанд корхонаҳо фаъолият кунанд, ҳамаи ҳаҷми истеҳсол дар байни онҳо тақсим шуда, истеҳсолоти ҳар кадоми он камтар мешавад. Дар ин ҳолат (ҳангоми нигоҳ доштани ҳаҷми пештараи хароҷоти доимӣ барои таҷҳизот) хароҷотҳои миёна ба сатҳи минималии худ баробар намешаванд.

Таъмини ҳуқуқҳои истисноии монополия ба ягон ширкат барои интиқоли неруи барқ

ба истеъмолкунандагон дар ҳамин ҳудуд ё дар саросари давлат ба зарурати ташкили назорати давлатии фаъолияти чунин монополияҳо сабаб мешавад. Ин кор бо мақсади бартараф кардани суиистифодаи имконпазири назорати бозор ва оқибатҳои манфӣ барои истеъмолкунандагон аз мавқеи монополии таҳвилдиҳандагони асосӣ иҷро карда мешавад. Дар аксарияти кишварҳо ин соҳаҳо ё моликияти давлатанд ё давлат онҳоро танзим мекунад. Дар ҳарду ҳолат нархҳоро давлат муқаррар менамояд, на монополияи табиӣ [10,с.195-203].

Ҳамин тавр, монополияи табиӣ демонополизатсияро бо усулҳо ва воситаҳои хосси иқтисоди бозорӣ, ҳатто дар шароити камчинии маҳсулоти асосӣ, иҷозат намедиҳад. Дар кишварҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳон тамоюл ба муттаҳидгардонии системаҳои алоҳидаи энергетикӣ мушоҳида мешавад. Усулҳо ва шаклҳои чунин муттаҳидгардонии истеҳсолкунандагони хусусии алоҳида зиёд тағйирпазиранд, вале тамоюли умумӣ хеле равшан ба назар мерасад. Ба ғайр аз ин, дар кишварҳои иқтисоди бозоридошта функсияи танзимии давлат нисбат ба ширкатҳо ва иттиҳодияҳои таъминкунандаи неруи барқ тадриҷан васеъ мешавад. Ҳар қадар кишвар калонтар бошад, ҳамон қадар истифодаи ин ё он шаклҳои танзими давлатӣ дар ин соҳаи истеҳсолот аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мегардад. Хусусияти истеҳсол ва истеъмоли электроэнергия таъмини кори мувофиқашудаи ҳамаи иқтидорҳои истеҳсолкунандаи системаро аз рӯйи қатори яклухти параметрҳо ва мувофиқати доимии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истеъмолшавандаро дар доираи хеле маҳдуди тағйири имконпазири онҳо талаб мекунад. Солҳои охир идоракунии яклухти соҳаи энергетикии кишвар бе мувофиқаи зарурӣ, аз тарафи якчанд сохторҳои давлатӣ айнан такрор мешуд. Номувофиқатӣ барои иқтисоди соҳа оқибатҳои манфӣ дорад. Хусусигардонии саросемавор ва нодуруст андешидашудаи монополияи табиӣ, соҳаи неруи баркро ба он оварда расонд, ки ШСХК “Барқи тоҷик”, бо нияти нигоҳ доштани фаъолияти система ва ҳифзи суботи молиявии он, сиёсати тарифи афзоянда ва амиққунандаи буҳрони напардохтанро татбиқ мекунад. Танзими давлатии тарифҳо дар соҳаи электроэнергетика, ки расман эълон шуд, бо қабули якчанд ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва бе механизми татбиқи онҳо ифода ёфту халос. Амалан ба истилоҳ танзими давлатӣ бо тасдиқи тарифҳои таҳиянамудаи мутахассисони соҳаи энергетика ва бе кӯшиши таҳлили асоснокии онҳо, мутобиқати тарифҳо ба ҳақиқати истеҳсол, интиқол ва истеъмол ҷамъбаст шуд. Чунин “идораи” монополияи табиӣ бе назардошти хусусиятҳои он яке аз сабабҳои муҳимми пайдоиши мушкилоти иқтисодӣ, экологӣ, технологӣ ва техникӣ буда, бахши электроэнергетикии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ин мушкилиҳоро ҳал карда наметавонад. Тавре қайд шуд, рушди соҳаи энергетикаи кишвар ва корхонаҳои он ба назария ва методологияи таҳлили мунтазам ва мутобиқгардонии ҷараёнҳои воридотии муайянкунандаи фаъолияти онҳо зич вобаста аст. Рушди системаи муносибатҳои бозорӣ муттаҳидгардонии табиӣ на танҳо ҷараёнҳои истеҳсол ва интиқоли энергия, балки ҷараёнҳои фаъолияти тиҷоратиро дар ягонагии комил пешбинӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, ҷаҳонбинии комилан нави иштирокчиёни бевоситаи ин ҷараёнҳо–истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро дар асоси системаи муносибатҳои шарикӣ ташаккул додан лозим аст. Ба марҳилаи якуми ташаккул ва рушди системаҳои энергетикӣ дар самти таъмини асоснокии консептуалии стратегияи рушди соҳа ва идораи он либерализатсияи бозори энергетика халал мерасонданд.

Яке аз тамоюлҳое, ки даҳсолаи охир ҷаҳонро фаро гирифт, ҷараёни либерализатсияи соҳаи энергетикист, яъне хусусигардонии комплекси энергетикӣ ва барҳамдиҳии танзими давлатии он. Муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва бонкҳои пешрафта усулҳои муайяни ислоҳотро бо ташаббуси корпоратсияҳо коркард карда, ин усулҳоро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ муаррифӣ мекунанд. Аксарияти кишварҳо, либерализатсияи соҳаи энергетикаро гузаронида, бо ин роҳ шартҳои ташкилотҳои байналмилалии маблағгузорро иҷро карданд ё ба созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ ё ҷаҳонӣ розӣ шуданд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ зарурати объективии идораи самараноки соҳаи энергетика ва танзими бозори энергия ва электроэнергия мавҷуд аст. Махсус бояд қайд кард, ки азбаски соҳаи гидроэнергетика дар ҷумҳурӣ ҳалқаи асосии системаи энергетика аст, бинобар ин, таҳия ва татбиқи стратегияи илман асосноки гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ

ҳамчун воситаи муҳимми идора ва танзими давлатӣ бо сиёсати давлатии энергетикии ҷумҳурӣ муайян мегардад. Ҳадафҳои стратегии сиёсати давлатии энергетикии ҷумҳурӣ дар нақшаи дарозмуҳлат инҷо махсуб меёбанд:

- истиқлоли энергетикӣ;
- амнияти энергетикӣ;
- самаранокии энергетикӣ;
- амнияти экологикии соҳаи энергетика.

Дар шароити иқтисоди ташаккулёфта, такмили системаи идораи фаъолияти соҳаи энергетика зарур дониста мешавад. Зеро масъалаи рушди соҳаи энергетикаи кишвар яке аз вазифаҳои муҳимми барномаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иқтисоди миллӣ аст. Мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаи рушди иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисоди кишвар, гузаштан ба рушди саноат ва ташкили самтҳои нави таъмини рушди иқтисод, ки ба татбиқи стратегияи ба содирот нигаронишудаи ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, равона шудааст. Бинобар ин, ҳоло барои ташкили инфрасохтори миллии иқтисодӣ, аз ҷумла системаи энергетикӣ, дар асоси монополияҳои табиӣ лоиҳаҳои хусусияти глобалӣ дошта, ки ба ташаккули иқтисоди рақобатпазир мусоидат мекунанд, тахия гардида, татбиқи онҳо дар ҷараён аст.

**Муқарриз: н.и.и, дотсенти ДМТ - Набиев Б.А.**

## АДАБИЁТ


1. Акулов В.Б. Теория организации. Учебное пособие / В.Б. Акулов, М.Н. Рудаков. -Петрозаводск: ПетрГУ, 2002.
2. Акулов В.Б., Рудаков М.Н. Особенности принятия решений субъектом стратегического менеджмента / В.Б. Акулов, М.Н. Рудаков // Проблемы теории и практики управления. - 1999. -№3. -С.88-90.
3. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/8(149). – С. 273-276. – EDN VBGNQH.
4. Естественная монополия и ее регулирование. [Электронный ресурс]. URL: http://www.inventech.ru/lib/micro/micro-0071/
5. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. -2-е изд., испр. -М.: ИНФРА-М, 1999. -479 с.
6. Раҳимов З.С. Муносибатҳои бонизоми таҳқиқотҳои соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.С. Раҳимов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№4. -С.122-127. ISSN 2413-5151
7. Раҳимов З.С. Самтҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт ба соҳаи гидронергетика / З.С. Раҳимов / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№1(45). -С.282-291.
8. Раҳимов З.С. Ҷанбаҳои методии ташкили мониторинги фазои сармоягузорӣ барои истифодаи МЭБ (дар соҳаи гидроэнергетика) / З.С. Раҳимов, Д.Б. Расулова / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№8. -С.195-203. ISSN 2413-5151
9. Раҳимов З.С. Ҷанбаҳои энергетикӣ, иқтисодӣ-экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№11. -С.129-136. ISSN 2413-5151
10. Фишер С. Хароҷотҳои ҷомеа вобаста ба маҳдудиятҳои истеҳсол аз тарафи монополияҳо ба ҳосили ҷамъи зиёдшавии арзиши ниҳоӣ аз хароҷотҳои ниҳоӣ ҳангоми ҳаракат аз ҳаҷми монополии истеҳсол ба ҳаҷми рақобатнок баробар мешаванд / С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи // Экономика. -М.: Дело ЛТД, 1993. -С.203.
11. Ҳофизов Ҳ.А. Захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои рушди он / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2022. -№11. -С.53-62.
12. Ҳофизов Ҳ.А. Такомули ташаккулёбии механизмҳои ҷалби сармоягузории муҷтамаъҳои энергетикӣ / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№6. -С.15-25.
13. Экономика. Толковый словарь. -М.: "ИНФРА-М", Издательство "Весь Мир". -М., 2000. -С.56.


## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТИИ ДАСТГИРИИ РУШДИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масоили вобаста ба такмили механизми давлатии дастгирии рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди соҳаи энергетика вобастагии қавӣ дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди ташаккулёфта, такмили системаи идораи фаъолияти соҳаи энергетика зарур дониста мешавад. Зеро масъалаи рушди соҳаи энергетикаи кишвар, яке аз вазифаҳои муҳимми барномаҳои кӯтоҳмуҳлат,

миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иқтисоди миллӣ аст. Мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаи рушди иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисоди кишвар, гузаштан ба рушди саноат ва ташкили самтҳои нави таъмини рушди иқтисод, ки ба татбиқи стратегияи ба содирот нигаронишудаи ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, равона шудааст. Бинобар ин, ҳоло барои ташкили инфрасохтори миллии иқтисодӣ, аз ҷумла системаи энергетикӣ, дар асоси монополияҳои табиӣ лоиҳаҳои хусусияти глобалӣ дошта, ки ба ташаккули иқтисоди рақобатпазир мусоидат мекунанд, таҳия гардида, татбиқи онҳо дар ҷараён аст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодӣ, ташаккулёфта, такмил, система, фаъолият, соҳаи, энергетика, кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат, рушд, самаранокӣ, монополия, табиӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО МЕХАНИЗМА ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье обсуждаются вопросы, связанные с совершенствованием государственного механизма поддержки развития гидроэнергетики в Таджикистане. Экономическое развитие Республики Таджикистан во многом зависит от развития энергетического сектора. Автор отмечает, что в условиях развитой экономической среды считается необходимым совершенствование системы управления энергетической отраслью. Потому что развитие энергетического сектора страны является одной из важных задач краткосрочных, среднесрочных и долгосрочных программ развития национальной экономики. В соответствии с целями и задачами Национальной программы экономического развития государственная политика Республики Таджикистан в области энергетики направлена на повышение эффективности экономики страны, переход к промышленному развитию и создание новых направлений экономического развития, что способствует реализации экспортно-ориентированной стратегии страны. Поэтому для создания национальной экономической инфраструктуры, в том числе энергетической системы, на базе естественных монополий разработаны и ведется реализация «прорывных» проектов глобального характера, способствующих формированию конкурентоспособной экономики.

**Ключевые слова:** экономика, развитый, совершенствование, система, деятельность, сектор, энергетика, краткосрочная, среднесрочная, долгосрочная, развитие, эффективность, монополии, природные.

## IMPROVING THE GOVERNMENT MECHANISM FOR SUPPORTING HYDROPOWER DEVELOPMENT IN TAJIKISTAN

This article discusses issues related to improving the state mechanism for supporting the development of hydropower in Tajikistan. The economic development of the Republic of Tajikistan largely depends on the development of the energy sector. The author notes that in a developed economic environment, it is considered necessary to improve the energy industry management system. Because the development of the country’s energy sector is one of the important tasks of short-, medium- and long-term programs for the development of the national economy. In accordance with the goals and objectives of the National Economic Development Program, the state policy of the Republic of Tajikistan in the field of energy is aimed at increasing the efficiency of the country's economy, transition to industrial development and the creation of new directions for economic development. which contributes to the implementation of the country’s export-oriented strategy. Therefore, to create a national economic infrastructure, including an energy system, on the basis of natural monopolies, “breakthrough” projects of a global nature have been developed and are being implemented, contributing to the formation of a competitive economy.

**Keywords:** Economy, developed, improvement, system, activity, sector, energy, short-term, medium-term, long-term, development, efficiency, monopolies, natural.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимов Зафар Сайдалиевич*** **-** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи манбаъҳои алтернативии энергия. **Суроға:** 735162, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кушониён, кӯчаи Н. Хусрав, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахимов Зафар Саидалиевич*** – Институт энергетики Таджикистана, кандидат экономических наук, старший переподаватель кафедры альтернативных источников энергии. **Адрес**: 735162, г.Бохтар, Республика Таджикистан, район Кушанян, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rakhimov Zafar Saydalievich*** **-** Institute of Energy of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Senior Associate of the Department of Alternative Energy Sources. **Address**: 735162, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Kushanyan district, N. Khusrav street, 73. Phone: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

ТДУ: 336.63

# ХОҶАГИҲОИ ХОНАВОДАГӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Саидов Р.Н.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Хоҷагии хонаводагӣ воҳиди муҳимми сохтори иқтисоди миллӣ буда, асосан дар соҳаи истеъмолот фаъолият менамояд ва истеъмолкунандаи ниҳоии маҳсули соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва хизматрасонӣ мебошад. Хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ молик ва таъминкунандаи омилҳои истеҳсолот мебошанд. Иқтисодчии рус Белозёров С.А. қайд менамояд, ки илми иқтисодии муосир ба хоҷагии хонаводагӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, онро ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад [1,с.3]. Аз нигоҳи мо, дар шароити рушди нисбатан нокифояи инфрасохтори иқтисодӣ, ки ба шуғл фаро гирифтани ҳиссаи асосии аҳолӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ имконнопазир мебошад, рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ аз мавқеи ба роҳ мондани худмашғулии аҳолӣ ҳамчун фаъолияти мустақилонаи касбӣ ва тиҷоратӣ мубрам дониста мешавад.

Барои расидан ба вазифаи сеюм: вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна, ки дар марҳилаи нави рушд дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, бояд ҳиссаи табақаи миёна дар соли 2030 то 50% афзоиш дода шавад [14,с.15]. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ барои афзоиши даромади аҳолӣ, бахусус, аҳолии деҳот, ҷавонон ва занҳо; фароҳам овардани шароит барои таъмини ҷойҳои кории сазовор ва пурмаҳсул, аз ҷумла бо кор таъмин намудани табақаҳои осебпазири аҳолӣ; коҳишдиҳии сатҳи нобаробарӣ дар ҷомеа мусоидаткунанда хоҳад буд.

Хоҷагиҳои хонаводагӣ сарчашмаи ҳамаи захираҳои иқтисодӣ мебошанд ва қисми зиёди даромадҳои ҷорӣ, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, дар намуди музди меҳнат ва даромади соҳибкорӣ аз ҷониби хоҷагиҳои мазкур ба даст оварда мешаванд [13,с.74]. Хоҷагиҳои хонаводагӣ ҳамчун намуди мустақили хоҷагӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ имконияти васеи пешбурди зиндагии аҳолӣ ва рушдёбиро доранд. Мутаассифона аксарияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон неруи пешбурди зиндагиро надоранд. Мушкилии асосии рушди хоҷагиҳои мазкур дар кишвар имкониятҳои маҳдуди молиявии онҳо мебошад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, дарёфти сарчашмаҳои арзони захираҳои қарзӣ, дастгирии давлатии хоҷагиҳои хонаводагии оилаҳои камбизоат, аз ҷумла оилаҳои серфарзанд, оилаҳои дорои аъзоёни имкониятҳои маҳдуди ба шуғл фарогирӣ ва дар ниҳоят табдил додани хоҷагиҳои хонаводагӣ ба хоҷагиҳои молӣ амри зарурӣ мебошад.

Барои муайян ва ошкор намудани ҳолати хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳиссаи онҳо дар иқтисодиёти миллӣ таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагиҳои мазкурро амалӣ менамоем (ҷадв. 1).

Тавре маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, истеъмолоти ниҳоии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) зиёда аз 70%-ро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҷамъи андӯхт ҳиссаи калон дошта, ба ҳисоби миёна аз он дар ҳаҷми 2,1 маротиба зиёд мебошад. Истеъмолоти аҳолӣ асосан тавассути хариди молҳо аз тариқи хатҳои савдо сурат мегирад. Ҳиссаи даромадҳои пулии аҳолӣ аз ҳаҷми гардиши моли чакана зиёд буда, аз 1,8 то 2,4 маротиба нисбати он зиёд мебошад. Хулоса, аз рақамҳои дар ҷадвал овардашуда маълум мегардад, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ асосан на истеҳсолкунандаи асосӣ, балки истеъмолкунандаи арзаи молу хизматҳо баромад менамоянд.

Чи тавре рақамҳо нишон медиҳанд, истеҳсолоти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар сохтори ММД ҳиссаи ниҳоят назарнорас дорад (0,18-0,55%). Аммо ҳиссаи хароҷоти истеъмолоти ниҳоии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар ММД аз 70 то 80%-ро ташкил менамояд. Ҳолати мазкур зарурати рушди хоҷагиҳои хонаводагиро пеш меорад, чунки рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки давоми солҳои таҳлилшуда, хоҷагиҳои хонаводагӣ танҳо истеъмолкунандаи ниҳоӣ баромад кардаанд.

**Ҷадвали 1. Истеъмолоти ниҳоии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва даромадҳои пулии аҳолӣ**
**Table 1. Final consumption of households and cash income of the population**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти истеъмолоти ниҳоии хоҷагиҳои хонаводагӣ, млн. сомонӣ. | 36003,0 | 43219,8 | 51499,4 | 53938,7 | 59925 | 64584 | - |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| бо % нисбат ба ММД | 70,6 | 78,9 | 79,9 | 75,9 | 75,7 | 76,9 | - |
| бо маротиба нисбат ба ҷамъи андӯхт | 1,6 | 1,9 | 2,7 | 2,0 | 2,1 | 2,3 | - |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ. | 25569,8 | 31373,0 | 37247,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347 | 80508,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| бо % нисбат ба ММД | 50,1 | 57,2 | 57,8 | 57,8 | 60,6 | 77,8 | 81,4 |
| бо маротиба нисбати гардиши моли чакана | 1,8 | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 1,9 | 2,4 | 2,4 |
| бо маротиба нисбат ба ҷамъи андӯхт | 1,1 | 1,4 | 1,9 | 1,5 | 1,7 | 2,3 | - |
| Ҳиссаи истеҳсолоти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар сохтори ММД, % | - | - | 0,43 | 0,40 | 0,44 | 0,55 | 0,18 |

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.124,212,215,342.; Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.187, 200.

Молияи аҳолӣ асосан ду вазифаи заминавиро иҷро менамояд: а) таъминоти эҳтиёҷоти ҳаётии оила; б) вазифаи тақсимотӣ. Дар натиҷаи иҷрои вазифаи аввал, шароити воқеии мавҷудияти аъзоёни оила бунёд карда мешавад. Дар шароити хоҷагии натуралӣ маҳсулоте, ки аз ҷониби аъзоёни оила тавлид карда мешуд, барои қонеъгардонии талаботи онҳо сафарбар мегардид ва мубодилаи ҳиссаи барзиёди маҳсулоти мазкур на ҳама вақт ба чашм мерасид. Аммо баробари пайдо гардидани муносибатҳои молӣ-пулии аҳолӣ имконияти афзоиши воситаҳои пулии онҳо ба миён омад. Дар натиҷа фонди пулии аҳолӣ, яъне буҷети оилавӣ пайдо гардид, ки воситаҳои он барои қонеъ намудани талаботи моддӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар эҳтиёҷоти аъзоёни оила нигаронида шуд. Дар амалияи хоҷагидории аксарияти оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар иллати ғайрифаъол будани аксарияти аъзоёни оилаҳо дар низоми муносибатҳои пулӣ-молӣ ва мутаносибат зиёд гардидани талаботи моддӣ-маънавии онҳо нокифоягии воситаҳои буҷети оилавӣ ба назар мерасад. Вазифаи тақсимотии молияи аҳолӣ аслан тақсимоти иввалияи даромади миллӣ ва ташаккули даромадҳои нахустини оиларо дар намуди музди меҳнат, нафақа, кумакпулиҳо ва дигар намуди даромадҳо фаро мегирад.

Маъмулан захираҳои молиявии аҳолӣ дар намуди ду фонди пулии мустақил ташаккул меёбанд, яъне фонди истеъмолот ва фонди пасандоз. Фонди истеъмолот барои қонеъ намудани талаботи шахсии аъзоёни оила нигаронида шудааст, аз ҷумла хариди маҳсулоти хӯрока, молҳои истеҳсолоти саноатӣ, пардохти хадамоти гуногуни пулакӣ ва дигар пардохтҳо. Фонди пасандоз бошад, ҳамчун талаботи мавқуфгузошташуда истифодабарии воситаҳои пулиро дар оянда барои харидории молҳои гаронарзиш ва ё истифодабарии онҳо ҳамчун сармоя барои гирифтани фоида дар назар дорад. Таносуби фонди истеъмолот ва пасандоз устувории молиявии хоҷагиҳои хонаводагиро муайян менамояд.

Бо мақсади муайян намудани неруи аҳолӣ барои ташкили фонди пасандоз ҳиссаи истеъмолоти аҳолиро дар сохтори даромадҳои пулии онҳо дида мебароем (рас. 1).

Аз бузургии рақамҳои расми 1 маълум аст, ки давоми солҳои 2015-2019 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 84-94%-и даромадҳои пулии худро барои истеъмолот масраф кардаанд. Солҳои 2020-2021 бошад, воситаҳои фонди истеъмолоти аҳолӣ ҳатто барои истеъмоли молу хизматҳо нокифоя арзёбӣ гардида, мардум аз тариқи истифодаи воситаҳои сарчашмаҳои қарзӣ, талаботи худро қонеъ гардонидаанд. Қобили зикр аст, ки

дар шароити ҷой доштани мушкилоти бекорӣ ва сатҳи нисбатан пасти даромадҳои аксарияти аҳолии шуғлдошта дар ҳудуди кишвар, пулҳои интиқолшавандаи муҳоҷирон сарчашмаи пешбурди зиндагии оилаҳо гардидааст. Ин ҷиҳатро иқтисодчиёни ватанӣ Одинаев М.А., Табарзода О.С. низ дар яке аз мақолаҳои илмии худ бо чунин мазмун қайд кардаанд: «Дар шароити набудани ҷойҳои корӣ ва сатҳи пасти даромаднокии оилаҳо, пулҳои интиқолшавандаи муҳоҷирон бевосита ба хароҷотҳои хонаводаҳо таъсири мусбӣ расонида истодаанд» [5,с.42].

**Расми 1. Коэффитсиенти истеъмолот (таносуби истеъмолот ва даромадҳои пулии аҳолӣ)**
**Figure 1. Consumption ratio (the ratio of consumption and money income of the population)**




Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.120-124.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -С.116,121.

Яке аз сабабҳои асосии ҷой доштани тамоюли баланди истеъмолот нисбат ба даромад, ки хоси буҷети оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, нокифоягии бузургии даромади зиёдшуда мебошад. Вобаста ба ин, дар расми 2, коэффитсиенти чандириро дида мебароем.

**Расми 2. Коэффитсиенти чандирӣ (таносуби бузургии афзоиши истеъмолот ва афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ)**
**Figure 2. Elasticity coefficient (ratio between the growth in consumption and the growth in money income of the population)**




Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.120-124.

Аз рақамҳои расми 2 бар меояд, ки дар аксарияти солҳо суръати афзоиши истеъмолот нисбат ба афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ зиёд мебошад ва дар баъзе аз солҳои боқимонда ба ҳамдигар наздиканд. Динамикаи ҷойдошта аз он шаҳодат медиҳад,

ки бинобар сабаби зиёд будани ҳиссаи истеъмолот ва сатҳи баланди нархи молҳои озуқаворӣ аҳолӣ барои ташкили фонди пасандоз имконият пайдо намекунанд.

Яке аз роҳҳои зиёд намудани даромади буҷети оилаҳо иштироки онҳо дар муносибатҳои молиявӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки даромад аз сармоя сарчашмаи асосии бадастории даромадҳо маҳсуб меёбад, бинобар ин, сармоягузории аҳолӣ дар намуди депозитгузорӣ дар бонкҳо метавонад барои ғанӣ гардонидани буҷети оилаҳо омили асосӣ бошад. Мутаассифона баъди муфлис шудани баъзе аз бонкҳои низомсози кишвар ба монанди ҶСК «Содиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк» боварии аҳолӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ то андозае коста гардидааст. Рақамҳои омори расмӣ низ ҳиссаи нисбатан нокифояи сармояи аҳолиро дар намуди депозитгузорӣ ба бонкҳо нишон медиҳанд (рас. 3).

**Расми 3. Ҳиссаи депозитҳои аҳолӣ дар сохтори даромадҳои пулии онҳо, %**
**Figure 3. Share of household deposits in the structure of their cash income, %**




Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.124, 405.

Тавре аз рақамҳои оморӣ дида мешавад, ҳиссаи депозитҳо дар ҳаҷми умумии даромадҳои пулии аҳолӣ ночиз мебошад. Дар баробари нокифоя будани воситаҳои мазкур давоми солҳои 2015-2021 ин нишондиҳанда тамоюли коҳишёбӣ дорад. Масалан агар аҳолӣ дар соли 2015 0,02%-и даромадҳои пулии худро дар бонкҳои кишвар депозит гузошта бошанд, пас ин рақам дар соли 2021 ба 0,007% расидааст, ки танҳо 35%-и бузургии депозитҳои соли 2015-ро ташкил менамояд. Ҷой доштани чунин тамоюл боиси он гардидааст, ки барои буҷети оилаҳо дар ҷумҳурӣ, яке аз сарчашмаҳои ташаккулёбии даромадҳо заиф гашта истодааст. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, сафарбарнамоии маблағҳои озоди аҳолиро ба муассисаҳои бонкии кишвар дар намуди депозитгузорӣ ва ба дигар фаъолиятҳои иқтисодӣ бо мақсади гирифтани бурди иқтисодӣ дар намуди даромад аз сармоя муҳим меҳисобем.

Байни депозитҳои аҳолӣ ва даромадҳои пулии онҳо алоқаи мустақим ҷой дорад, яъне афзоиши ҳаҷми депозитҳои аҳолӣ аз бузургии афзоиши даромадҳои пулӣ вобаста мебошад (рас. 4).

Рақамҳои расми 4 нишон медиҳанд, ки бузургии афзоиши депозитҳо ва даромадҳои пулии аҳолӣ тафовути он қадар зиёд надошта, коэффитсиенти чандирӣ дар ҳудуди 0,7 ва 1,2 қарор гирифтааст. Воқеан, мушкилот на дар ҳиссаи афзоиши депозит ва ё даромади пулӣ, балки дар ҳаҷми ғайриқаноатбахши онҳо дида мешавад. Масалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон депозит ба сари ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёнасолона 533,7 сомониро ташкил менамояд. Бо вуҷуди нокифоя будани маблағи мазкур даромади он давоми сол (бо назардошти фоизи нисбатан баланд) танҳо 21,1%-и ҳадди ақали музди меҳнат ва 5,5%-и музди меҳнати миёнамоҳонаро ташкил менамояд. Ҳамин тавр, муайян гардид, ки ҳаҷми депозитҳои аҳолӣ ҳамчун дороиҳои афзоянда ниҳоят кам мебошад. Вобаста ба ин, зиёд намудани онҳо ҳамчун сармояи аҳолӣ аз мавқеи афзоиши даромаднокии хоҷагиҳои хонаводагӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Бо назардошти маҳдудияти имкониятҳои молиявии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зурур мешуморем, ки хоҷагиҳои мазкур

ҳадди ақал дорои як намуд сармоя бошанд. Иқтисодчии ватанӣ Қодирзода Д.Б. ин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки сармоя дар шароити иқтисоди бозорӣ омили ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ мебошад [3,с.16].

**Расми 4. Динамикаи коэффитсиенти чандирӣ (таносуби бузургии афзоиши пасандозҳо ва афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ)**
**Figure 4. Dynamics of the elasticity coefficient (the ratio of the increase in deposits and the increase in the population's cash income)**




Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.124, 405.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.118, 408.

Хоҷагиҳои хонаводагӣ бо соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла давлат, бозори молу хизматҳо, ташкилотҳои қарзӣ алоқа дорад. Аз ин ҷост, ки фаҳмиши «хоҷагии хонаводагӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва оила ҳамчун фаҳмиши иҷтимоӣ аз ҳам фарқ менамоянд. Алоқаи яктарафа ва мутақобилаи хоҷагии хонаводагӣ бо дигар субъектҳои низоми иқтисодӣ дар расми 5 оварда шудааст.

Тавре аз расми 5 бар меояд, хоҷагии хонаводагӣ наметавонад фаъолияти худро дар алоҳидагӣ пеш барад. Дар баробари ин, ки хоҷагии хонаводагӣ дар алоқамандӣ бо дигар субъектҳои иқтисодӣ вазифа ва уҳдадориҳои худро иҷро менамояд, аммо аз ҷиҳати рушд ва ғанӣ гардонидани буҷети ин намуди хоҷагӣ муҳим мешуморем, то он бо дигар субъектҳо, аз ҷумла корхонаҳо ҳамкорӣ намоянд. Ҳамкорӣ бо корхонаҳо дар намуди пешниҳоди қувваи корӣ, хариди саҳмияҳо, пешниҳоди ашёи хом барои коркард (маҳсули аз хоҷагӣ ба даст овардашуда), ки дар маҷмуъ барои бадаст овардани даромад мусоидат менамояд, амри зарурӣ мебошад. Яке аз сарчашмаҳои ташаккулёбии даромади оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мебошад. Вобаста ба ин, хоҷагиҳои хонаводагӣ метавонанд маҳсули аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба даст овардашударо ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ фурӯхта, даромади муайяне гиранд. Роҷеъ ба ин масъала дар моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» оварда шудааст, ки шаҳрвандони дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштирокдошта метавонанд дар соҳаи истеҳсол, контрактсия ё таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо ташкилотҳои кишоварзӣ ва дигар ташкилотҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва шаҳрвандони алоҳида бевосита ва ё ба воситаи кооперативҳои матлубот, ки манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунанд, шартнома банданд [4,с.2].

Алоқаи хоҷагии хонаводагӣ ба бозор на танҳо барои харидории молу хизматҳо, балки барои пешниҳоди онҳо бояд амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин, рушди истеҳсолоти хоҷагии хонаводагӣ бояд дар сатҳе таъмин карда шавад, ки молу хизматҳо на танҳо барои истеъмолоти худӣ, балки ба бозор пешниҳод карда шаванд. Дар ин самт ҳимояи истеҳсолкунандагони хоҷагиҳои хонаводагӣ аз тариқи таъмини шароити муносиби воридшавии онҳо ба бозор ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва сабукиҳо оид ба назорати онҳо, ташкили бозорҳои махсусгардонидашудаи фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолоти хоҷагиҳои зикршуда, амри зарурӣ мебошад. Дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан деҳотҷойҳо бозорҳои зудрушдкунандаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба монанди бозори меваҳо, сабзавот, паранда, моҳӣ ва маҳсулоти ширӣ

бо арзиши баланди изофа имконияти диверсификатсиякунонии хоҷагии қишлоқро доранд, инчунин, рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва сатҳи баланди шуғли аҳолии минтақаро таъмин менамоянд [11,с.323].

**Расми 5. Ҷараёнҳои молиявии хоҷагии хонаводагӣ ва алоқаи мутақобилаи онҳо бо дигар бахшҳои иқтисодӣ**

**Figure 5. Household financial flows and their interaction with other sectors of the economy**




Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 9:

Дигар нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки фаъолияти босамар доштан дар ҷараёнҳои молиявӣ бо дигар бахшҳои иқтисодӣ аз субъектҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ, донишҳои заруриро талаб менамояд. Аз ин рӯ, аъзоёни хоҷагиҳоро зарур аст, то саводи молиявӣ дошта бошанд. Ин мавқеъро иқтисодчии рус Екшембиев Р.С. дар муносибат ба молияи фардӣ ҷонибдорӣ намуда, иброз медорад, ки барои самаранок идора намудани молияи инфиродӣ фардро зарур аст, то соҳиби донишҳои муайян бошад, аз ҷумла: хусусиятҳои муҳимми идоракунии молияи инфиродиро дар давраҳои мушаххаси ҳаётӣ донад, молияи фардиро дар ҳолатҳои ҷой доштани хавфу хатарҳо муҳофиат карда тавонад, инчунин, вариантҳои муносиби истеъмолоти ҷорӣ ва пасандозкуниро истифода бурда тавонад [2,с.22].

Фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ба ташкилоти қарзӣ дар ҳоле ба манфиати кор хоҳад буд, агар аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба ин хоҷагиҳо қарзҳои имтиёзнок дода шуда, депозитҳои онҳо бо фоизҳои нисбатан баланд қабул карда шаванд. Аммо ҳолати мазкур дар навбати аввал аз рушди низоми бонкӣ вобаста мебошад (рас. 6).

Тавре аз рақамҳои расми 6 дида мешавад, таносуби воқеии байни қарзҳо ва пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2016, 2017 ва 2020 ба чашм намерасад. Яъне, дар ин солҳо бо вуҷуди афзоиши назарраси депозитҳои аҳолӣ, қарзгирӣ коҳиш ёфтааст, ҳол он ки дар сурати набудани маблағҳои озод, ки аҳолӣ дар намуди депозитҳо ба бонкҳо мегузоранд, бояд эҳтиёҷи аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ зиёд шавад. Дар дигар солҳои таҳлилшуда таносуб мантиқи иқтисодӣ дорад. Аз динамикаи рақамҳои расм ду ҳолатро муайян намудан мумкин аст: а) коҳиш ёфтани сатҳи қарзгирии аҳолӣ баробари кам гардидани ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ (солҳои 2016, 2017, 2020). Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки бинобар сабаби зиёд гардидани хароҷоти истеъмолӣ, аҳолӣ имконияти пасандоз намудани

воситаҳои пулии озоди худро пайдо накарда, эҳтиёҷоти худро ба воситаҳои худӣ қонеъ кардаанд; б) Коҳиш ёфтани ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, ки сабаби асосии он набудани воситаҳои пулии озод дар натиҷаи афзоиши хароҷоти истеъмолии аҳолӣ мебошад (солҳои 2015, 2018, 2019, 2021). Дар чунин сурат эҳтиёҷоти аҳолӣ ба воситаҳои қарзӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар натиҷа қарзҳои ба шахсони воқеӣ додашуда афзоиш ёфтааст.

**Расми 6. Динамикаи қарзҳо ва пасандозҳои шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %**
**Figure 6. Dynamics of loans and deposits of individuals in the Republic of Tajikistan, %**




Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.404, 405.; Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.688, 690.

Давоми солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори сарчашмаҳои даромадҳои аҳолии кишвар то дараҷае тағйир ёфтааст. Новобаста аз он, ки тағйироти баамаломада сабабҳои объективии худро дорад, аммо тамоюли манфии баъзе аз намудҳои даромади аҳолӣ, бахусус коҳишёбии даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз мавқеи истодагарӣ намудани аҳолӣ дар шароитҳои буҳронӣ нигаронкунанда мебошад (диаграммаи 1, 2).

**Диаграммаи 1. Таносуби сарчашмаҳои даромадҳои аҳолӣ дар соли 2000, %**
**Diagram 1. Correlation between sources of income of the population in 2000, %**




Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -С.187.

**Диаграммаи 2. Таносуби сарчашмаҳои даромадҳои аҳолӣ дар соли 2021, %**
**Diagram 2. Correlation between sources of income of the population in 2021, %**




Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -С.116.

Рақамҳои диаграммаи 1 ва 2 нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 2000-2021 таносуби сарчашмаҳои ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ ба тағйироти назаррас дучор гаштаанд. Масалан, агар дар соли 2000 сарчашмаи нисбатан босамари ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ баромад менамуд, пас дар соли 2021 ба сифати сарчашмаи сердаромади аҳолӣ фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ баромад менамоияд. Ҷой доштани ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои 2000 бинобар сабаби даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии кишвар ва амалкарди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии нисбатан рушднакарда, имконияти фарогирии қисмати зиёди аҳолӣ ба шуғл дар корхонаю ташкилотҳои давлатию хусусӣ мавҷуд набуд. Аз ин рӯ, шумораи зиёди аҳолӣ бо роҳи худмашғулӣ фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони худро пеш мебурданд, яъне қисмати асосии аҳолӣ дар замин меҳнат намуда, зиндагӣ мекарданд.

Даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ, ки солҳои 2000-2021 тамоюли бардавоми афзоишёбӣ дорад (3,1 маротиба), шуғли бештари аҳолиро ба фаъолиятҳои низоми иқтисоди бозорӣ дар назар дорад. Чунин раванд аз мавқеи истифодаи имкониятҳои иқтисоди бозорӣ ва дар ин замина, афзоиши даромадҳои аҳолӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад. Бо назардошти мавқеи мусбии фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайвастани шаҳрвандони кишварро ба фаъолиятҳои тиҷоратӣ мусбӣ меҳисобем. Вобаста ба ин, дар шароити рушди бемайлони муносибатҳои иқтисодӣ бояд муҳити озоди иқтисодии шаҳрвандон бунёд гардад, то омезишҳои нави омилҳои ташаккули даромадҳо аз ҷониби аҳолӣ амалӣ карда шавад [10,с.169].

Яке аз фаъолиятҳои мустақили хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки барои рушди он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, ҳунарҳои мардумӣ мебошад. Ҷалби аҳолии деҳоти кишвар ба ҳунарҳои мардумӣ яке аз роҳҳои муҳимми баландбардории сатҳи зиндагӣ маҳсуб меёбад [12,с.152]. Ҳунарҳои мардумӣ аз мавқеи қонеъ намудани талаботи аъзоёни хонавода ва талаботи дигарон ҳамчун фаъолияти афзалиятноки иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Финландия, яке аз кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон, ки нишондиҳандаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии он дар сатҳи баланд арзёбӣ мегардад, яке аз муваффақиятҳояш рушди ҳунарҳои мардумӣ ва тиҷорати хурд мебошад. Бо назардошти ин гуфтаҳо, метавон қайд намуд, ки рушди ҳунарҳои мардумӣ метавонад даромади аҳолиро дар намуди фаъолияти мустақилонаи касбӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ афзоиш диҳад.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоти гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ муҳаррики пешбарандаи зиндагии аҳолӣ баромад менамоянд, аз ин рӯ, рушди ин хоҷагиҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Хоҷагиҳои хонаводагӣ аз мавқеи доираи васеи фарогирӣ доштанашон дар таъмини шуғли аъзоёни оилаҳо, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба даромад ва баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар низоми фаъолиятҳои иқтисоди миллӣ нақши марказӣ доранд. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба мо имконият дод, то натиҷаҳои илмии бадастовардашударо муайян намуда, ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта пешниҳодҳои зеринро коркард намоем:

1.Ҷой доштани зарурати баландбардории сатҳи даромадҳои қисмати бештари аҳолӣ, аз ҷумла шаҳрвандоне, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда имконияти дар бозори меҳнат ба шуғл фарогириро надоранд.

2.Таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар асоси ҳадафҳои созандаи ҳар як аъзои хоҷагии хонаводагӣ. Муайян гардид, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти хоҷагии хонаводагӣ дар муқоиса бо дигар намуди хоҷагиҳо ба принсипи «маҳсулнокии комил» вобаста мебошад, чунки барои натиҷаҳои мусбии фаъолият ҳама аъзоёни хоҷагии мазкур ҳавасманд мебошанд. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ ба қонунияти зерин такя менамоянд: вобастагии самараи фаъолият аз мустақилияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аъзоёни он, яъне ҳамон қадар соҳибихтиёрии хоҷагӣ ва аъзоёни он таъмин карда шавад, ҳамон қадар самараи фаъолият бештар мегардад.

3.Тамоюли мусбии рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ чорабинии иҷтимоию иқтисодии баландтаъсири мубориза бо коҳишдиҳии сатҳи камбизоатии шумораи назарраси аҳолӣ баромад менамояд, чунки рушди хоҷагиҳои мазкур омили мустақими баландбардории сатҳи зиндагии мардум мебошад. Масалан, дар сурати таъмини рушди солонаи 5%-и хоҷагиҳои хонаводагӣ (дар ҳадди пешбурди зиндагии аъзоёни оилаҳо) дар кишвар ҳамасола 5%-и аҳолӣ аз гурӯҳи камбизоат ба синфи миёна ва доро мегузарад.

4.Рушди амалияи хоҷагиҳои хонаводагӣ аз мавқеи пайвастани онҳо ба хоҷагиҳои молӣ барои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ заминаҳои устувор мегузорад. Аз дигар тараф, неруи молиявии аҳолиро устувор гардонида, боиси баланд гардидани сатҳу сифати зиндагӣ мегардад.

5.Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими давлатии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ муҳим арзёбӣ мегардад, чунки дар кишвар, алалхусус дар манотиқи деҳотнишин гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ бештар ба чашм мерасанд ва онҳо ба кумакпулиҳои унвонӣ ва дигар намуди дастгириҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Вобаста ба ин, танзими давлатии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ аз мавқеи афзоиши захираҳои молиявии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

6.Ҷой доштани зарурати гузариши хоҷагиҳои хонаводагӣ аз хоҷагиҳои натуралӣ ба хоҷагиҳои молӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсолоти хоҷагиҳои мазкур дар сохтори ММД ва коҳиш додани вобастагии онҳо аз омилҳои берунӣ.

7.Муайян гардид, ки бинобар сабаби нокифоягии бузургии даромадҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ ва мутаносибан афзоиши хароҷоти истеъмолӣ (афзоиши сатҳи нархҳои истеъмолӣ) аҳолӣ имконияти бунёди сармояро надорад. Ҳатто дар аксар мавридҳо хароҷоти истеъмолии аҳолӣ аз доираи даромадҳо берун мебарояд.

8.Ҷой доштани зарурати худмашғулии аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагӣ ба намудҳои мухталифи фаъолияти мустақилонаи касбӣ ва тиҷоратӣ ва дар ин замина, андешидани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии молиявии онҳо ва аз байн бурдани монеаҳои эҳтимолан пайдошаванда.

9.Зиёд намудани бузургии дороиҳои афзоянда, яъне ба сармоя табдил додани ҳиссаи муайяни даромадҳои ҷорӣ дар асоси механизми чандирӣ нисбат ба даромад.

10.Пайдо гардидани намудҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисоди бозорӣ, набояд фаъолиятҳои анъанавии аҳолии деҳотнишинро аз байн барад. Масалан, хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити ташаккулёбии яке аз намудҳои даромади аҳолиро таъмин кардааст. Ба манфиати буҷети оилаҳо мебуд, агар механизми фаъолияти хоҷагиҳои мазкур ба шароити иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардонида шавад. Дар ин самт рушди инфрасохтори хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки

мустақилияти комили фаъолият, идорашавандагии хавфҳо ва даромади афзояндаи аъзоёни хоҷагиро таъмин менамояд, муҳим мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДМИТ – Насриддинов Ф.Б.**

## АДАБИЁТ


1. Белозёров С.А. Финансы домашнего хозяйства: сущность, структура, управление: автореф. дисс. … д-ра. эконом. наук: 08.00.10 / С.А. Белозёров. -Санкт-Петербург, 2006. -35 с.
2. Екшембиев Р.С. Теория и методология формирования и использования персональных финансов: автореф. дисс. … д-ра. эконом. наук: 08.00.10 / Р.С. Екшембиев. –М., 2009. -41 с.
3. Кадыров Д.Б. Формирование и механизм регулирования доходов населения в системе факторов роста благосостояния: автореф. дисс. … д-ра. эконом. наук: 08.00.01 / Д.Б. Кадыров. -Воронеж, 2003.- 36 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, мод.675; соли 2006, № 7, мод. 349; с.2011, №6, мод. 449. -ш. Душанбе, 8 декабри соли 2003, № 47.
5. Одинаев М.А. Хусусиятҳои баҳисобгирии воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, О.С. Табарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-2023.-№ 4.-(Қисми I).- С.39 – 45.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. -414 с.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. -494 с.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. -480 с.
9. Пухаева А.А., Лазарова Л.Б. Анализ финансов домохозяйств // Экономика и управление в XXI веке: тенденции развития. - 2014. -№17. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/analiz-finansov-domohozyaystv (дата обращения: 13.05.2023).
10. Саидов Р.Н. Заминаҳои назариявии танзими даромадҳои аҳолӣ / Р.Н. Саидов // Паёми “Молия ва иқтисод”. –Душанбе.-2022.– № 1.- (30).-С.161-169.
11. Саидов Р.Н. Рушди соҳибкорӣ дар деҳот омили баландбардории сатҳи даромадҳои аҳолӣ / Р.Н. Саидов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022.-№ 3.– С.322-327.
12. Саидов Р.Н. Условия формирования доходов населения в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. –Душанбе, 2020. -№4(261). - С.151-157.
13. Салин В.Н. Статистический анализ финансов домашних хозяйств / В.Н. Салин, Н.Н. Качанова, И.Ю. Глебкова // Вестник финансового университета. - 2016. -Том 20. -№3(93).- С.72-82.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -88 с.
15. Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -702 с.


## ХОҶАГИҲОИ ХОНАВОДАГӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар шароити иқтисоди бозорӣ роҳу равишҳои мухталифи пешбурди ҳаёту фаъолияти инсонӣ мавҷуд аст, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Хоҷагиҳои хонаводагӣ дорои мавқеи мустақили бунёди шароити рӯзгузаронӣ буда, дар заминаи мустақилияти комил барои ташаккул ва истифодаи буҷетҳои оилавӣ қарорҳоро қабул менамоянд. Дар мақола мубрамии таҳқиқи хоҷагиҳои хонаводагӣ бинобар иллати рушди устуворро доро набудани хоҷагиҳои мазкур қайд шудааст. Маҳдудияти имкониятҳои молиявии хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки барои таъмини фаъолияти босамари онҳо мусоидат менамояд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, хоҷагиҳои хонаводагӣ дар иқтисодиёи ҷумҳурӣ асосан на истеҳсолкунанда, балки истеъмолкунандаи арзаи молу хизматҳо фаъолият менамоянд. Дар такя ба рақамҳои омори расмӣ қайд карда мешавад, ки шароиту имкониятҳои дар хоҷагиҳои хонаводагии ҷумҳурӣ мавҷуда танҳо рӯзгузаронии аъзоёни хоҷагиҳоро таъмин карда метавонаду халос. Новобаста аз он, ки даромади аксарияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи қонеъ намудани арзиши зиндагӣ нокифоя мебошад, ҳатто дар баъзе мавридҳо ҳаҷми даромад аз бузургии хароҷоти истеъмолӣ низ кам мебошад. Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, зарур шуморида мешавад, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ дар ҷараёнҳои молиявии бо дигар бахшҳои иқтисодӣ ба амалоянда мавқеи устувор дошта бошад. Дар қисмати хотимавии мақола ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда ва дурнамои рушди хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаю пешниҳодҳо оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** хоҷагиҳои хонаводагӣ, иқтисоди бозорӣ, имкониятҳои молиявӣ, арзиши зиндагӣ, сатҳи зиндагӣ, даромад, хоҷагиҳои молӣ, нархҳои истеъмолӣ, буҷети оилавӣ, пасандоз, истеъмолот, худмашғулӣ.


## ДОМАШНЫЕ ХОЗЯЙСТВА: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ИХ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В условиях рыночной экономики существуют различные подходы к стимулированию жизнедеятельности человека, среди которых домашние хозяйства. Домохозяйства имеют самостоятельные позиции по созданию условий жизни и принятию решений на основе полной самостоятельности в формировании и использовании

семейных бюджетов. В статье отмечается важность исследования домашних хозяйств в связи с отсутствием устойчивого развития этих хозяйств. Ограничение финансовых возможностей домохозяйств, что помогает обеспечить их эффективную деятельность, отмесено в условиях Республики Таджикистан. Учитывая сложившуюся ситуацию, домашние хозяйства в экономике республики в основном являются не производителями, а потребителями товаров и услуг. На основе официальной статистики отмечается, что условия и возможности домашних хозяйств республики могут обеспечить только повседневную жизнь членов домохозяйств. Несмотря на то, что доходы большинства домохозяйств в Республике Таджикистан недостаточны для покрытия прожиточного минимума, даже в некоторых случаях сумма дохода меньше величины потребительских расходов. Учитывая существующие проблемы, считается необходимым, чтобы домохозяйства имели устойчивое положение в финансовых потоках наряду с другими отраслями экономики. В заключительной части статьи приведены выводы и предложения по решению существующих проблем и перспектив развития домашних хозяйств в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** домохозяйства, рыночная экономика, финансовые возможности, прожиточный минимум, уровень жизни, доходы, финансовые возможности, потребительские цены, семейный бюджет, сбережения, потребление, самозанятость.

## HOUSEHOLDS: PROBLEMS AND PROSPECTS FOR THEIR DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In a market economy, there are various approaches to stimulating human activity, including households. Households have an independent position in creating living conditions and making decisions on the basis of complete independence in the formation and use of family budgets. The article notes the importance of researching households due to the lack of sustainable development of these farms. The limitation of the financial possibilities of households, which helps to ensure their efficient operation, is noticeable in the conditions of the Republic of Tajikistan. Given the current situation, households in the economy of the republic are mainly not producers, but consumers of goods and services. Based on official statistics, it is noted that the conditions and opportunities in the households of the republic can only ensure the daily life of household members. Despite the fact that the income of most households in the Republic of Tajikistan is insufficient to cover the subsistence level, even in some cases the amount of income is less than the amount of consumer spending. Given the existing problems, it is considered necessary that households have a stable position in financial flows with other sectors of the economy. The final part of the article contains conclusions and proposals for solving existing problems and prospects for the development of households in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** households, market economy, financial opportunities, subsistence minimum, standard of living, income, financial opportunities, consumer prices, family budget, savings, consumption, self-employment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидов Раҷабали Назифович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизия. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **saidov.radjabali@mail.ru.** Телефон: **(+992) 200 100 304**

**Сведения об авторе:** ***Саидов Раджабали Назифович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **saidov.radjabali@mail.ru.** Телефон: **(+992) 200 100 304**

**Information about the author:** ***Saidov Rajabali Nazifovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Audit and Revision. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov street 64/14. E-mail: **saidov.radjabali@mail.ru.** Phone: **(+992) 200 100 304**

ТДУ: 368.911.112

# ТАҲАВВУЛОТИ РУШДИ ИНСТИТУТҲОИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Саидмуртазоев С.С., Муминзода М.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Хизматрасониҳои суғуртавӣ ва самараноку доимо фаъолият намудани субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мафҳумҳое мебошанд, ки бо ҳамдигар зич алоқаманд буда, аз ҳамдигар ҷудонопазиранд. Зеро, ки барои доимо фаъолият намудани субъектҳои хоҷагидорӣ ва зери хатари ҷиддӣ қарор нагирифтани молу амволи онҳо нақши хизматрасониҳои суғуртавӣ басо назаррас ва муҳим мебошад. Аз ин ҷост, ки ҳар куҷое хавфу хатар вуҷуд дошта бошад албатта, ки бояд он ҷо хизматрасониҳои суғуртавӣ низ вуҷуд дошта бошанд.

Бозори суғурта ҳамчун механизми муҳими ҳимояи манфиатҳои молумулкии аҳолӣ ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ дар кишвар аз даврони шуравӣ то имрӯз марҳилаҳои гуногунро тай намудааст. Хусусияти хосси бозори суғурта дар он зоҳир мегардад, ки суғурта чун ҷузъи муҳимми ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, воситаи ҳимояи манфиатҳои молумулкии аҳолӣ ва кафолати паст намудани хавфҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар умум, механизми таъмини бехатарии иқтисодии давлатро ташкил медиҳад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, тадқиқоти проблемаи рушди бозори суғурта ҳамчун яке аз сегментҳои бозори молиявӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ аз проблемаҳои калидии илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила рушд карда, барои таъмини бехатарии иқтисодию молиявӣ хизмат намуда, аҳаммияти махсуси илмиву таҷрибавӣ пайдо мекунад ва омили кафолати рушди минбаъдаи кишвар дар самти татбиқи сиёсати молиявии давлат арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бозори суғурта боз унсури инфрасохтори бозор низ арзёбӣ гардида, барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди фаъолияти онҳо дар марҳилаҳои гуногун шароити мусоиди молиявӣ ва заминаҳои ташкиливу иқтисодӣ муҳайё менамояд.

Таърихи рушди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати бозори суғуртаи давлатҳои собиқи шуравӣ ба кули фарқ менамояд, зеро ки ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки дар он вақтҳо имконияти ташкили ширкатҳои суғуртавӣ ғайри имкон буд. Аз ин лиҳоз, бозори суғурта дар малакат дертар рушд намуда, айни замон дар марҳиллаи ташакулу такоммул қарор дошта, инчунин яке аз самти афзалиятноки бозори молиявӣ ба шумор меравад. Яке аз нишондиҳандаҳои рушди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар ин мавҷудияти иқтидори бузурги бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба шумор меравад ва барои он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи суғуртаро дар муҳлати кӯтоҳтарин ба сатҳи давлатҳои рушдкарда барорем, албатта, корҳои бисёреро ба анҷом расонидан зарур буда, соҳа барои чунин ислоҳот имрӯз омода аст. Бинобар ин, таҳлил ва ташаккули бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар ва ошкорсозии самтҳои афзалиятноки он барои рушди минбаъдаи ҷомеа ҳамчун сарчашмаи иловагӣ барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва буҷаи давлат яке аз мавзуъҳои рӯзмарра ва муҳим мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти олими иқтисоддон Шаропов Н. рушди фаъолияти суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба се марҳилаи гуногун ҷудот намуд. Давраи аввал ин ташаккулёбии суғуртаи монополияи давлатӣ буд, ки солҳои 1917-1991-ро дар бар мегирифт, яъне то солҳои соҳибистиқлол гардидани мамлакат. Давраи дуюм ташаккулёбии суғурта дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонии кишвар дар солҳои 1991-2005-ро дар бар гирифта, ин давраи рушди фаъолияти суғуртавӣ дар мамлакат маънидод мешуд. Марҳилаи сеюм бошад, давраи муосирро дар бар мегирад, ки ин давраи нави рушди фаъолияти суғуртавӣ ва ташаккулёбии бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад [1515].

Агар ба таърихи пайдоиш ва инкишофи суғурта назар афканем, маълум мегардад, ки суғурта низ мисли дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ марҳилаҳои гуногун ва мураккабро тай кардааст. Марҳилаи аввали ташаккулёбии фаъолияти суғурта ба даврахои то Инқилоби октябри соли 1917 рост меояд, ки дар ин давра як қисми қаламрави кишварамон ба ҳайати Империяи Россия дохил шуда, дар асоси инкишофи капитализм рушд гирифт. Хусусияти хоси ин марҳила рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси ташаккулёбии капитализм буд.

Марҳилаи дуюм бошад, даврахои баъди Инқилоби октябр ва бар сари қудрат омадани давлати Шуравӣ буд, ки муносибатҳои бозоргониро пурра инкор карда, ширкатҳои суғуртавии хусусиро барҳам дод. Хусусияти ин марҳила дар асоси иқтисодиёти нақшавӣ ташаккул додани фаъолияти иқтисодӣ ва эълон намудани монополияи давлатии ҳамаи соҳаҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла фаъолияти суғуртавӣ ба ҳисоб мерафт. Дар муддати қариб 70-сол дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ба фондҳои захиравии таъйиноти васеи давлат афзалият дода шуда, фаъолияти суғурта дар ин давра ба бахши иқтисоди давлатӣ дахл намекард ва тамоми зарари ба сохтори давлатии иқтисод дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои фавқулода расида аз ҳисоби худи давлат барқарор карда мешуд.

Марҳилаи сеюми рушди фаъолияти суғурта ба давраи баъди пош хӯрдани давлати Шуравӣ ва давраи муосир рост меояд, ки дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро ба даст оварда, барои ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ ва рушди гуногуншаклии моликият чораҷӯӣ мекард. Чи тавре маълум аст, аввалин бор 20 июни соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта» қабул гардид [3], ки барои рушди соҳа пояи ҳуқуқӣ гузошта, ташаккулёбии онро марҳила ба марҳила таъмин намуд. Дар марҳилаи рушди муосир таъсиси ширкатҳои хусусӣ барои ташаккулёбии бозори суғурта ҳамчун сегменти бозори молиявӣ замина гузошта, барои рушди минбаъдаи он иҷрои корҳои зиёдеро талаб мекард, ки ин дар давраи мураккаби таъсиси сохтори давлатдорӣ рост меомад.

Агар аз таърих назар афканем дар назарияи иқтисод мафҳуми “бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ” мафҳуми навтарин буда ба ақидаи олимони соҳа ин падидаи иқтисодӣ дар миёнаи солҳои 90-уми асри бист пайдо гардидааст. Чунки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ алалхусус дар Тоҷикистони имрӯза танҳо як ташкилоти суғуртавии давлатӣ “Тоҷиксуғурта” фаъолият менамуд ва барори пайдоиши аввалин ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ соли 1992 бо номи ҷамъияти саҳомии “Муин” ибораи “бозори хизматрасониҳои суғурта” низ пайдо гардид.

Агар дар мавриди фаъолияти суғуртаи давлатӣ ибрози ақида намоем, ташаккули он дар асоси масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки собиқ давлати Шуравӣ дар ҳар як марҳилаи рушд бунёд намуда буд, бо тарҳи наву замонавӣ сохта шуда, мукаммал гардонида шуд. Барҳам хурдани ИҶШС дар соли 1991 ба бесуботии ташкилотҳои давлатии суғуртавӣ дар бештари мамолики ин Иттиҳод замина гузошт ва то кунун мубориза рақобатноки онҳо баҳри иҳотаи бештари фазои бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ идома дорад [2].

Имрӯз бозори суғурта яке аз шохаи асосии бозори молиявӣ дар кишвар маҳсуб ёфта, аз тарафи давлату ҳукумати кишвар ҳамчун бозори мусоидаткунандаи рушди босуботи иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги бозори суғурта дар кишвар дар шароити рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи раванди ноилшавӣ ба мақсадҳои ислоҳоти ҷараёндошта ва таъмини низоми мувофиқи иҷтимоӣ иқтисодии ҷомеа бояд мақомоти пуриқтидори ҳифзи суғуртавӣ таъсис дода шавад.

Аз ин лиҳоз, айни замон бозори хизматрасониҳои суғуртавии имрӯзаро метавон натиҷаи раванди таърихии дуру дарози рушд ва ташаккули муносибатҳои иқтисодии шакли махсус дар байни суғурташавандагон ва ташкилотҳои суғуртавӣ арёбӣ намоем, ки асоси онро зарурияти объективии ҳимояи амволии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳодисаҳои фавқулода ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳлилҳои худ Т.Г. Абрамова механизми иштироки суғурта дар азнавтақсимкунии воситаҳои молиявӣ дар чор марҳилаи асосиис суғуртаи такрористеҳсоли ҷамъиятиро аз ҳамдигар ҷудо намуд [1].

**Расми 1. Марҳилаи суғурта дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ**
**Figure 1. Stage of insurance in public reproduction**




Таҳияи муаллиф.

Аз таҳлилҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки ташкили фондҳои суғуртавӣ, истифодаи онҳо дар татбиқи сиёсати молиявӣ ва барқарорсозии объектҳои зарардида ба воситаи ташаккулёбии бозори суғурта ва пардохти суғуртавӣ дар моҳияти иқтисодии суғурта ифода меёбад.

Илова бар ин, дар баъзе аз корҳои илмии олимони ватанӣ гуфта мешавад, ки фаъолият кардани ширкатҳои аз ҷиҳати молиявӣ пуриқтидор ва пардохтпазир дар кишварҳои рушдкарда ин аз рушди босубот иқтисодӣ, рушди тиҷорат ва баланд будани сатҳи дониши молиявии шаҳрвандон шаҳодат медиҳад [8; 9; 10]. Бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва инчунин, фаъолияти суғуртавӣ як ҷузъи бахши молияи давлатҳои алоҳида ба ҳисоб рафта, бо рушди илму техника ва муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ташаккул ёфта, на танҳо ҳамчун воситаи ҳимоя аз хавфҳои гуногун, балки як шакли фаъолияти соҳибкорӣ низ ба ҳисоб меравад.

Яке аз олимони классики иқтисодони асри 20 П. Самоэлсон қайд кардааст: “Ҳар гуна фаъолияте, ки номуайянӣ ва хавфро паст менамояд, некӯаҳволии умумии иқтисодиро баланд мебардорад” [13]. Албатта, фаъолияте ки хавфи доимо аз даст додани чизеро паст мегардонад ҳам барои давлат ва ҳам барои аҳолӣ фоидаовар буда, кафолати озодона фаъолият намуданашонро дар рақобати бозорӣ устувортар мегардонад.

Дар айни замон, ҷомеаи илмӣ аллакай чунин ақидаро ба вуҷуд овардааст, ки равандҳои институтсионалии марбут ба рушди бозори суғурта ҳамчун нишондиҳандаи амиқ ва сифати дигаргуниҳои институтсионалӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд [6]. Ҳамин тариқ, Сафуанов Р.М. қайд менамояд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун муассисаи бозорӣ фаҳмида шуда, имкон медиҳад, ки хавфи фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар шароити асимметрияи иттилоотӣ (нобаробар тақсимоти иттилоот) ва номуайянӣ дар муҳити бозор тавассути татбиқи механизми ҳамоҳангсозии амали субъектҳои хоҷагидор як навъи шартномаи иҷтимоиро ҳадди ақал ба амал расонад. Шартномаи мазкур, чунон ки Сафуанов Р.М. бовар дорад, аз шартномаҳои суғуртаи давлатӣ ва хусусӣ ташаккул ёфта, дар ниҳояти кор барои такрористеҳсолкунии муттасил равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ имконият медиҳад [14].

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки бозори суғурта ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ мисли дигар сегментҳои бозор аз рӯи ҷанбаҳои ҳудудӣ ба бозори ҷаҳонӣ, бозори миллӣ ва бозори маҳаллӣ ҷудо мешавад.

Дар умум, бозори суғуртаро мувофиқи ҷанбаҳои ҳудудӣ чунин тавр тасаввур кардан мумкин аст.

**Расми 2. Таснифоти бозори суғурта аз рӯи ҷанбаҳои ҳудудӣ**
**Figure 2. Classification of the insurance market by territorial aspects**




Таҳияи муаллиф.

Аз расми мазкур бармеояд, ки ташаккулёбии бозори суғурта дар давлатҳои рушдкарда шарти муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди фаъолияти иқтисодиётӣ таҳким мебахшад ва дар баробари ин, нишондиҳандаи муҳимми ҳамгироии иқтисодӣ ва таъсиси бозори ягонаи суғуртавӣ дар қаламрави ин давлатҳо ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки бозори миллӣ ва маҳаллии суғурта барои ташаккулёбии бозори ҷаҳонӣ, рушд додани ҳамгироии иқтисодӣ ва таъсиси фазои ягонаи фаъолияти суғуртавӣ ва инчунин, барои иштирокчиёни хоҷагии ҷаҳонӣ шарти муҳимми аввалиндараҷа барои илми иқтисодӣ дар самти фаъолияти суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз бозори суғурта дар низоми молиявии ҷаҳонӣ самти афзалиятноки соҳаи иқтисодӣ ва яке аз соҳаҳои сердаромад ба ҳисоб рафта, моли он, яъне хизматрасониҳои суғуртавӣ назар ба баъзе самтҳои хизматрасонӣ аз рӯи бозоргириаш фарқ мекунад ва дар ҷараёни ҳамгироии иқтисодӣ тамоюли рушдро нишон медиҳад, ки ин барои ҷалби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ мусоидат менамояд.

Дар назар доштан зарур аст, ки дар муқоиса бо фаъолияти бонкӣ, ки дар он ҷо дороиҳои бонкҳои давлатӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди рақамӣ барои ташаккулёбии муассисаҳои тиҷоратии молиявӣ замина гузоштааст [4; 5; 6; 7], барои ташаккулёбии бозори суғурта ва ширкатҳои суғуртавӣ бошад, аз моликияти суғуртавии давлати Шуравӣ ягон чиз боқӣ намонд ва ширкатҳои суғуртавии хусусӣ ва саҳомӣ фаъолияти худро аз марҳилаи нав оғоз намуда, дар рушди минбаъдаи ташаккулёбии бозори суғурта саҳми арзанда гузоштаанд. Дар солҳои 90-ум, ки марҳилаи нав барои рушди соҳаи суғурта дар мамлакат ба ҳисоб меравад, барои ворид шудан ба тиҷорати суғуртавӣ монеаҳо буданд, вале барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ имконияти иштирок дар ин бозорро заминаҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Бисёриҳо бо вуҷуди надоштани сармоя, малака ва базаи тахассусиву касбӣ ба ин фаъолияти муҳими хоҷагидорӣ машғул шуданд. Дар айни ҳол бозори суғуртаи Тоҷикистон тағйир ёфт, вале яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи боиқтидори сохтори молиявӣ шуда натавонист, ки дар умум, барои аҳолӣ ва соҳибкорон ҳимояи суғуртавии худро пешниҳод кунад [12].

Хусусияти дигари рушди бозори суғурта дар шароити кунунӣ бо маҷмуи шароитҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз қабили иқтидори инвеститсионию истеҳсолӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси соҳа, фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, фарҳанги баланди муносибатҳои бозоргонии аҳолӣ ва монанди инҳо алоқамандии қавӣ дошта, ҳамчун низоми ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва кафолати рушди бехатарии молиявии тамоми давлатҳо арзёбӣ мегардад. Дарк кардан муҳим аст, ки имрӯз дар шароити рушди технологияҳои муосир ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави бозоргонӣ дар назди бозори суғурта низ вазифаҳои нав ба миён меоянд, ки суғурта на фақат манфиатҳои молумулкии субъектҳои фаъолияти

иқтисодиро таъмин менамояд, балки барои рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун кафолати механизми такондиҳандаи хоҷагидории миллӣ баромад мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Икромӣ Ф.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Абрамова, Т.Г. Особенности развития страхового рынка в России: дисс. канд. экон. наук. / Т.Г. Абрамова. –М., 2003. -143 с.
2. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ. –Душанбе: Ирфон, 2020. -54 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғурта”, ш.Душанбе, 20 июли соли 2010 №982. [Манбаи электронӣ]. URL: http://adliya.tj (санаи истифодабарӣ: 11.12.2024).
4. Муминзода, М.Н. Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан / Муминзода М.Н., Муминзода Н.И. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. -№1(45). -С.351-360. – EDN CBIUVW.
5. Муминзода, М.Н. Механизмҳои дастгирии давлатии бахши соҳибкорӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Муминзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№11. –С.82-88. – EDN BDCCMQ.
6. Муминзода, М.Н. Омӯзиши ҳолати имтиёзҳои андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир / Муминзода М.Н. // Паёми Донигоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№4/1. -С.265-274.
7. Муминзода, Н.И. Регулирование трудовых отношений в международном праве / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№5. -С.262-270. – EDN WZRWEE.
8. Муминзода, Н.И. Мушкилоти ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар соҳаи маориф / Муминзода Н.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№4-1. – С.234-243. – EDN QFSZXF.
9. Муминзода, Н.И. Нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт / Муминзода Н.И. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№1(45). -С.171-180.
10. Муминзода, Ҳ.И. Нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар мубориза бар зидди коррупсия: ҷанбаҳои иқтисодии масъала / Муминзода Ҳ.И, Муминзода М.Н. // Паёми Донигоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№4/2. -С.257-265.
11. Самуэльсон П. Экономика / П. Самуэльсон, В. Нордхаус. -М.: Лаборатория Базовых Знаний, 2000. -445 с.
12. Сафаров, М. Формирование страхового рынка в Республике Таджикистан / М. Сафаров. – 2007. -156 с.
13. Сафуанов, Р. Теоретические основы развития страхования как объекта предпринимательской деятельности / Р. Сафуанов, Г. Казанцева // Страховое дело. – 2007. -№8. -С.45.
14. Сафуанов, Р.М. Страхование как рыночный институт социально-экономического развития регионов России / Р.М. Сафуанов. -Екатеринбург, 2011. -С.10.
15. Шаропов, Н. Страховой рынок Республики Таджикистан: Состояние и перспективы развития: монография / Н. Шаропов. -Душанбе, 2017. -175 с.


## ТАҲАВВУЛОТИ РУШДИ ИНСТИТУТҲОИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Аз нигоҳи муаллифон, бозори суғурта ҳамчун механизми муҳимми ҳимояи манфиатҳои молумулкии аҳолӣ ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ дар кишвар аз даврони шуравӣ то имрӯз марҳилаҳои гуногунро тай намудааст. Хусусияти хосси бозори суғурта дар он зоҳир мегардад, ки суғурта чун ҷузъи муҳимми ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, воситаи ҳимояи манфиатҳои молумулкии аҳолӣ ва кафолати паст намудани хавфҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар умум, механизми таъмини бехатарии иқтисодии давлатро ташкил медиҳад. Муаллифон маҳз аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқоти мушкилоти рушди бозори суғуртаро ҳамчун яке аз сегментҳои бозори молиявӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ аз проблемаҳои калидии илми иқтисодӣ мешуморанд. Новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила рушд карда, барои таъмини бехатарии иқтисодию молиявӣ хизмат намуда, аҳаммияти махсуси илмиву таҷрибавӣ пайдо мекунад ва омили кафолати рушди минбаъдаи кишвар дар самти татбиқи сиёсати молиявии давлат арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бозори суғурта боз унсури инфрасохтори бозор низ арзёбӣ гардида, барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди фаъолияти онҳо дар марҳилаҳои гуногун шароити мусоиди молиявӣ ва заминаҳои ташкиливу иқтисодӣ муҳайё менамояд.



**Калидвожаҳо:** суғарта, институтҳои суғуртавӣ, бозори суғурта, мавзуи шартномаи суғурта, хавфи суғурта, ширкати суғуртавӣ, суботи молиявӣ, объекти суғурта, марҳилаҳои суғурта, ҷанбаҳои суғурта.


## РАЗВИТИЕ ИНСТИТУТОВ СТРАХОВОГО РЫНКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


С точки зрения авторов, страховой рынок как важный механизм защиты имущественных интересов населения и отдельных хозяйствующих субъектов в стране прошел различные этапы от советских времен до наших дней. Особенность страхового рынка проявляется в том, что страхование рассматривается как важная часть становления и развития предпринимательской деятельности, средство защиты имущественных интересов населения и гарантия снижения предпринимательских рисков, и в целом, он представляет собой механизм обеспечения экономической безопасности государства. В связи с этим авторы считают исследование проблемы развития страхового рынка как одного из сегментов финансового рынка в условиях независимости и развития

рыночных отношений одной из ключевых проблем экономической науки. Несмотря на существующие проблемы, страховой рынок в Республике Таджикистан шаг за шагом развивается, служит обеспечению экономической и финансовой безопасности, приобретает особое научное и экспериментальное значение и считается фактором, гарантирующим дальнейшее развитие страны в направлении реализация финансовой политики государства. Исследование показывает, что страховой рынок считается элементом рыночной инфраструктуры и обеспечивает благоприятные финансовые условия и организационно-экономические основы для деятельности хозяйствующих субъектов и развития их деятельности на разных этапах.

**Ключевые слова:** страхование, страховые институты, страховой рынок, предмет договора страхования, страховой риск, страховая компания, финансовая устойчивость, объект страхования, этапы страхования, аспекты страхования.

**DEVELOPMENT DEVELOPMENT OF INSURANCE MARKET INSTITUTIONS IN MODERN CONDITIONS**

From the point of view of the authors, the insurance market as an important mechanism for protecting the property interests of the population and individual economic entities in the country has gone through various stages from the Soviet era to the present day. The peculiarity of the insurance market is manifested in the fact that insurance is considered as an important part of the formation and development of business activity, a means of protecting the property interests of the population and a guarantee of reducing business risks, and in general, it constitutes a mechanism for ensuring the economic security of the state. In this regard, the authors consider the research of the problem of the development of the insurance market as one of the segments of the financial market in the conditions of independence and the development of market relations to be one of the key problems of economic science. Regardless of the existing problems, the insurance market in the Republic of Tajikistan is developing step by step, serves to ensure economic and financial security, acquires special scientific and experimental importance, and is considered a factor guaranteeing the country's further development in the direction of the implementation of the state's financial policy. The research shows that the insurance market is considered an element of the market infrastructure and provides favorable financial conditions and organizational and economic grounds for the activities of economic entities and the development of their activities at different stages.

**Keywords:** insurance, insurance institutes, insurance market, subject of insurance contract, insurance risk, insurance company, financial stability, object of insurance, stages of insurance, aspects of insurance.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидмуртазоев Саймуҳиддин Сафаралиевич* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳури Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-795-77-79**. E-mail: **safaralizoda@mail.ru**
***Муминзода Мехроб Нозим* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734005, ш. Душанбе, Ҷумҳури Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-469-01-00**. E-mail: **mehrob0100@gmail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Саидмуртазоев Саймухиддин Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-795-77-79.** E-mail: **safaralizoda@mail.ru**
***Муминзода Мехроб Нозим* -** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734005, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-469-01-00**. E-mail: **mehrob0100@gmail.ru**

**Information about the authors:** ***Saidmurtazoev Saimuhiddin Safaralievich*** - Tajik National University, Ph.D. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, 17. Phone: **93-795-77 79**. E-mail: **safaralizoda@mail.ru**
***Muminzoda Mehrob Nazim* -** Tajik National University, Ph.D. **Address**: 734005, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, 17. Phone: **93-469-01-00.** E-mail: **mehrob0100@gmail.ru**

ТДУ: 332.1:339./38(575.3)

# МАРКЕТИНГИ ҲУДУДӢ ЧУН СТРАТЕГИЯИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТНОКИИ МИНТАҚА

***Чураев М.Б.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Рақобатпазирии минтақавӣ дар мубориза бо минтақаҳо барои эҳё намудани шароитҳои мусоиди рушд, барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ, сатҳи баланди зиндагӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад. Дар ин самт маркетинги ҳудудӣ қисми ҷудонашавандаи сохтории сиёсати минтақавӣ (иқтисодӣ) буда, барои қонеъгардонии максималии эҳтиёҷоти субъектҳои иқтисодӣ равона карда мешавад. Маркетинги ҳудудӣ дар шакли барномаҳои мақсадноки минтақавӣ татбиқ шуда, барои ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида мешавад. Аксаран онҳо барои ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат менамоянд:

- ташаккули инфрасохтори бозорӣ;
- ташаккули муҳити ягонаи иқтисодӣ;
- ҳалли муаммои шуғли аҳолӣ;
- тағйирдиҳии сохторҳои иқтисодӣ;
- беҳтарсозии ҳолати экологӣ ва демографӣ;
- баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва ғ.

Ин ҳолат барои ҳисобидани маркетинги ҳудудӣ на танҳо ҳамчун тарзи мувофиқасозии манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки асоси қонеъгардонии манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии гурӯҳҳои мухталифи мақсадноки истеъмолгарони захираҳои ҳудудҳо имконият медиҳад.

Дар шароити вилояти Суғд маркетинги ҳудудӣ ба ақидаи мо, бояд барои мавқеъгирии вилоят дар ҷанбаҳои зерин равона карда шавад:

1. Вилояти Суғд – минтақаи бошиддат рушдкунанда буда, рушди инноватсионӣ метавонад онро барои сармоягузорӣ боз ҳам ҷолибтар гардонад.
2. Соҳибкории хурд, миёна ва бузурги вилоят маҳсулоти баландсифат, экологӣ ва инноватсиониро истеҳсол менамоянд.
3. Табиат ва иқтидори таърихӣ-мадании ҳудудҳо онро барои саёҳат боз ҳам ҷолибтар мегардонанд.

Имрӯзҳо баҳри баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии вилояти Суғд чунин тадбирҳо андешида мешаванд:

- рушди паркҳои саноатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои байнимаҳаллии сармоягузориҳо;
- таъсиси паркҳои саноатӣ (ПС) барои ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ.

Дар доираи он амалисозии лоиҳаҳои коркарди металлҳо, истеҳсоли техникаҳои маишӣ, маҳсулоти электрикӣ-техникӣ ва ҷузъҳои автомобилӣ ба нақша гирифта мешавад.

Воқеан дар минтақаҳои кишвар инвеститсияҳо аҳммияти калон дошта, дар вусатдиҳии муносибатҳои хоҷагидорӣ мавқеи назаррас дорад. Аз ин лиҳоз, зиёд шудани инвеститсияҳо болоравии иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақаро таъмин менамоянд. Дар солҳои охир инвестисияҳо ба сармояи асосӣ тамоюли гуногун доранд, яъне дар баъзе солҳо афзоиш ёфта, дар баъзе солҳо ҳаҷми онҳо коҳиш ёфтааст. Вале вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии инвеститсияҳо сол аз сол афзоиш ёфта истодааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Инвеститсияҳо ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Investments in fixed capital in regions of the Republic of Tajikistan**

| Минтақаҳо | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. сом | % | млн. сом | % | млн. сом | % | млн. сом | % | млн. сом | % | млн. сом | % |
| ҶТ | 9749,9 | 100 | 11180 | 100 | 11372 | 100 | 13361 | 100 | 12518 | 100 | 11775,5 | 100 |
| Душанбе | 3363,4 | 34,5 | 3023,7 | 27,0 | 2833,1 | 24,9 | 2829 | 21,2 | 3234,8 | 25,8 | 3275,8 | 27,8 |
| Суғд | 1658,90 | 17,0 | 1 925,00 | 17,2 | 2 008,40 | 17,7 | 1 514,80 | 11,3 | 1 736,00 | 13,9 | 1321,5 | 11,2 |
| Хатлон | 1503,8 | 15,4 | 2375,8 | 21,3 | 2185,1 | 19,2 | 2802,6 | 21,0 | 2623 | 21,0 | 2404,9 | 20,4 |
| ВМКБ | 254,9 | 2,6 | 353,1 | 3,2 | 439,6 | 3,9 | 519,2 | 3,9 | 257,3 | 2,1 | 368,2 | 3,1 |
| НТМ | 2968,9 | 30,5 | 3502,1 | 31,3 | 3905,4 | 34,3 | 5995,4 | 44,9 | 4666,5 | 37,3 | 4405,2 | 37,4 |

Ҳисоби муаллиф аз манбаъҳои: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. - С.52, 85, 134; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.310-312.

Додаҳои ҷадвали 1, инъикос менамоянд, ки сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ тамоюли афзоиш дорад. Агар ҳаҷми сармоягузориҳо ба фондҳои асосӣ дар ҷумҳурӣ соли 2015 9749,9 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 он ба 11775,5 миллион сомонӣ расидааст. Яъне, дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 қариб 20,7% зиёд шудааст. Тамоюли мазкур аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми инвеститсияҳо ба иқтисодиёти в.Хатлон, ВМКБ ва НТМ таъмин гардидааст. Зеро ҳаҷми инвеститсияҳо ба сармояи асосӣ дар вилояти Суғд соли 2020 нисбат ба соли 2015 337.4 млн. сомонӣ ва дар ш.Душанбе 87,6 млн. сомонӣ кам гаштааст. Яке аз соҳаи афзалиятнок дар низоми иқтисодии в.Суғд, соҳаи сайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Мақсади стратегии рушди сектори сайёҳии минтақа, ин ташаккули комплекси сайёҳии рақобатпазир, ки аз як тараф, метавонад эҳтиёҷоти аҳолии вилоят ва шаҳрвандони ватанию хориҷиро ба хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмин намояд ва аз тарафи дигар, барои рушди минтақа ва инчунин, нигоҳдорӣ ва оқилона истифодабарии иқтидори табиӣ-истироҳатии вилояти Суғд саҳм гузорад. Вале ба андешаи мо таъмини сатҳи зарурии рушди соҳаи сайёҳӣ, фаъол намудани лоиҳаҳои сармоягузориҳоро дар соҳаи мазкур талаб менамояд.

Дар асоси маълумотҳои оморӣ, метавон хулоса намуд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо барои маблағгузории барномаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ нокифоя буда, андешидани чораҳои зарурира дар самти ҷалби инвеститсияҳо талаб менамояд.

Бо истифода аз усулҳои мувофиқ ва васоити самараноки мақомотҳои ҳокимияти давлатии минтақаҳо метавонанд ба равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва дар ин замина ҳал намудани масоили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсир расонанд.

Дар ин радиф, мақомотҳои ҳокимияти давлати минтақаҳо метавонанд муаммоҳои баланд бардоштани рақобатпазириро тавассути амалисозии сиёсати даромади аҳолӣ ҳал намоянд.

Шароити зарурӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақавӣ, ин мувофиқасозии амалҳо ва манфиатҳои мақомотҳои ҳокимият давлатӣ ва субъектҳои соҳибкориву институтҳои шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Ба сифати воситаи мувофиқасозии манфиатҳои зикршуда дар раванди татбиқи сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, маркетинги ҳудудӣ баромад менамояд. Инчунин, бояд ҷиҳатҳои зеринро қайд намуд: [7]

1. Манфиатҳои аҳолӣ ва институтҳои шаҳрвандӣ дар самти ҳалли масоили таъминоти иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонӣ, рушди институтҳои худидоракунии маҳаллӣ афзалият доранд;

2. Манфиатҳои соҳибкории субъектҳои хоҷагидорӣ (манфиатҳои соҳавӣ ва корпоративӣ), дар баамалбарории алоқаҳои дохилӣ ва байнисоҳавӣ, дар баланд бардоштани фоиданокӣ ифода ёфта, бо вазифаҳои рушд ва амалкунии соҳаҳо ва нақши онҳо дар раванди такрористеҳсолот алоқаманд мебошад.

Дар навбати худ, манфиатҳои мақомотҳои минтақавии ҳокимияти (иҷроия ва қонунбарорӣ) давлатӣ ва мақомотҳои минтақавии худидоракунӣ иҷроиши функсияҳои худро дар таъминоти рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ (расми 1) асоснок менамоянд.

Рушди минтақаҳо ва амалӣ намудани мақсадҳои стратегӣ ва вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бе риояи ин манфиатҳо ғайриимкон мебошанд.

Дар шароити муосир яке аз омилҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ин пурзӯр намудани дараҷаи таъсири институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба равандҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, такомули ҳамгироии соҳибкории ватанӣ ва хориҷӣ ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, сарҳадҳои миллӣ ва минтақавӣ боз ҳам равшантару аёнтар мегарданд. Функсияҳои маъмурии мақомотҳои давлатии ҳокимият боз ҳам аз ҳисоби татбиқи воситаҳои танзими давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти манфиати тарафҳо возеҳтар мегарданд.

Барои ҳалли муаммои рушди муътадили минтақа ва инкишофи рақобатпазирии вилояти Суғд, бояд стратегияи маркетингӣ коркард карда шавад, зеро стратегияи мазкур барои мувофиқасозии амалҳои мақомотҳои минтақавӣ дар самти инкишофи

рақобатпазирӣ имконият дода, истифодаи тарзи маркетингии идоракунии минтақаро таъмин менамояд.

**Расми 1. Нақшаи якҷояамалкунии мақомотҳои ҳокимият, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорӣ**

**Figure 1. Plan of joint action of authorities, institutions of civil society and business**




Таҳияи муаллиф

Маркетинги ҳудудӣ манфиатҳои иқтисодии аҳолии дар минтақа истиқоматкунанда, сохторҳои ҳокимият, соҳибкории хурду миёна ва калонро ба назар мегирад. Ҳадафи асосии он таъмини талаботи иттилоотии субъектҳои дохиливу берунӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранок ва мақсаднок истифодашавии омилҳои истеҳсолии минтақа, ҷониби гурӯҳҳои мақсаднок, ба боло рафтани иқтидорӣ истеҳсолӣ ва рушди некуаҳволии аҳолии минтақа мусоидат менамояд.

Ба сифати субъектҳои фаъоли пешбаранда ё худ «татбиқи ҳудудҳо», мақомотҳои ҳокимияти давлатии минтақавӣ ва идоракунӣ, муассисаҳои таълимӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, марказҳои тиҷоратӣ, ки дар ишғоли бозори ҳудудҳои истеъмолгарон ҷалби фармоишгарони маҳсулот ва истеъмолгарони хизматҳо фаъолнокӣ нишон медиҳанд, баромад менамоянд [9].

Тобеияти функсионалии самти стратегии маркетинги ҳудудӣ, унсурҳои асосии истифодашавандаи онро дар вилояти Суғд инъикос менамояд.

Ташаккули рақобатпазирии вилояти Суғд дар асоси амалисозии стратегияи маркетингӣ, барои ноил гардидан ба сохтори иерархӣ ва ё ҳадафҳои асосии гузошташуда, инчунин, интихоби варианти оптималии таъсиррасонӣ ба ҳар як гурӯҳҳои мақсаднок имконият медиҳад. Мувофиқан, барои ҳар як самти стратегияи маркетингӣ, имконияти коркарди механизми самараовар ва амалисозии он, ташаккули захираҳои молиявӣ, муайянкунии субъекти масъул ва меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада пайдо мегардад (расми 2).

Инчунин, бояд қайд намуд, ки коркарди стратегияи маркетинги ҳудудӣ бо назардошти талаботҳои ҷорӣ ва стратегии бозорҳои мақсаднок тартиб дода мешавад.

Бозорҳои мақсаднок бояд ҳудудҳоро барои талаботҳои оянда танзим намуда, бо ин васила барои мақомотҳои ҳокимияти минтақавӣ дар самти амалисозиии стартегияи маркетингӣ ҳавасманд намояд.

Ҳангоми коркарди стратегияи маркетинги минтақавӣ чун қоида, бояд ташаббус аз ҷониби роҳбарони минтақаҳо зоҳир гардад, зеро таҳти он зарурати истифодаи воситаҳои нави бозории хоҷагидорӣ дар шароити афзоиши рақобатпазирӣ байни минтақаҳо, махсусан, маркетинги минтақавӣ, ки қобилияти таъсиррасонӣ ба равандҳои баланд

бардоштани рақобатпазирии минтақа тавассути пешбарии сиёсати ба мақсад мувофиқи маркетингӣ фаҳмида мешавад.

**Расми 2. Амсилаи коркарди стратегияи маркетингии минтақавӣ**
**Figure 2. Regional marketing strategy development model**




Барои амалисозии лоиҳаҳои миқёсӣ ва дар асоси он баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақа, мақомотҳои ҳокимият бояд мувофиқати манфиатҳои гурӯҳҳои мақсаднок, ки омилҳои истеҳсолотро бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ истифода мебаранд, таъмин намоянд.

Тавре қайд намудем, рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа омили афзалиятнок дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб рафта, дар як вақт ҳамчун предмети фундаменталии таҳлили иқтисодӣ баромад менамояд.

Муҳиммияти хосро такомули васоити таҳлил ва усулҳои арзёбии рақобатпазирии минтақа ба худ касб менамояд. Чунон чи ба мо маълум аст, методикаҳои истифодашаванда бояд ҳолати асосӣ, принсипҳо, низоми нишондиҳандаҳо ва алгоритми арзёбии сатҳи рақобатпазирии минтақаро муайян намоянд.

Натиҷаҳои арзёбии рақобатпазирии минтақаҳо ҳангоми таҳлили муқоисавии рушди минтақа барои давраҳои ҳисоботӣ ва гузашта истифода бурда мешаванд. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои он самаранокии меъёрҳои қабулнамудаи мақомотҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ доир ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзёбӣ мешаванд

Ба сифати сатҳи рақобатпазирии минтақа инъикоси якҷояи дараҷаи истифодабарии омилҳо ва асосҳои рушди минтақавӣ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои воқеан баланди иҷтимоию иқтисодӣ баромад менамояд.

Мақсади асосии арзёбии сатҳи рақобатпазирии минтақа, ин муайянкунии имконоти ҳалли вазифаҳои ҷории рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар асоси захираҳои дохилӣ ва манбаҳои рушди иқтисодӣ ва инчунин, самаранокии меъёрҳои қабулнамудаи мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ доир ба амалисозии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Ба сифати захираҳо сармоя, аҳолӣ, молия ва иттилоот баромад менамояд. Дорандагони захираҳои мазкур, аҳолӣ (сокинони минтақа, сайёҳон, аҳолии дигар минтақа ва мамлакатҳо) ва ташкилоту корхонаҳо (соҳибкории хурд, миёна ва бузург) мебошанд.

Рақобатпазирии минтақа дар натиҷаи ташаккули рақобатпазирии кулли унсурҳои он ташаккул меёбад (расми 3).

**Расми 3. Таркибдиҳиндаҳои баҳодиҳии рақобатпазирии минтақа**
**Figure 3. Components of regional competitiveness assessment**

Бозори минтақавӣ




Таҳияи муаллиф

Зимнан, рақобатпазирии минтақаро метавон дар асоси расидан ба натиҷаҳои зерин баланд бардошт:

- ҳангоми ноил гардидан ба сатҳи баланди зиндагонии аҳолӣ (рақобатпазирии аҳолӣ);
- самаранокии амалкарди механизми хоҷагидории минтақа (рақобатпазирӣ дар бозорҳои молӣ ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ);
- ҷолибияти инвеститсионӣ (рақобатпазирӣ дар бозори сармоя ё рақобатпазирии молиявӣ);
- самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ (рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории хурд);
- ҷолибияти сайёҳии ҳудудҳои минтақа (рақобатпазирии бозорҳои хизматрасонии сайёҳӣ).

Рушди иқтисодии вилоят солҳои охир аз нокифоягии сармоягузорӣ мушкилот дорад. Вале минтақа дорои фазои мусоиди сармоягузорӣ ва иқтидори иқтисодӣ (мисоли он коркарди лоиҳаи сармоягузории «МОИ Суғд», ҶДММ «Азизӣ», «Хуаксин Ғаюр семент» ва дигарон) мувофиқ мебошад. Ташкили шароит барои фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ ба худ самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати вилоят бо мақсади гуногунсозии (диверсификатсия)-и иқтисодиёти онро дар бар мегирад.

Яке аз сегментҳои хеле пардохтпазирии бозори истеъмолӣ, ин сайёҳон ба ҳисоб мераванд. Ба туфайли хароҷотҳои ин гурӯҳҳои мақсаднок ба иқтисодиёти минтақа, воситаҳои пулии иловагӣ ворид мешаванд, ки қисми он дар шакли андозҳо ба буҷетҳои минтақаҳо гузаронида мешавад. Ҳисоби коэффитсиенти рақобатпазирии минтақаҳои вилояти Суғд барои гурӯҳҳои мақсаднок нишон дод, ки нисбатан ҷолибияти зиёдро ноҳияи Шаҳристон бо мавзеъҳои баландкӯҳии истироҳатӣ, мавзеи табобативу физиотерапевтии «Кони намаки Ашт» дар ноҳияи Ашт, шаҳри Гулистон бо мавзеъҳои истироҳатӣ ва обанбор, бо истироҳатгоҳҳои «Шифо», «Баҳористон» ва дигарон доранд. Барои ин чунин омилҳо, ба монанди арзиши пасти хизматрасониҳо мусоид будани роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои истифодаи умум, афзоиши теъдоди объектҳо ва гардиши хӯроки умум, кам будани партовҳои моддаҳои зараррасон ба муҳити зист, инкишофи ҳаҷми воридотҳои сайёҳии сафарӣ ва дигарон таъсир расониданд.

Дар маҷмуъ, дар давраи таҳқиқот вилояти Суғд мавқеи худро доир ба рақобатпазирии иқтисодиёт беҳтар намудааст. Гарчанде, сатҳи рақобатпазирии

иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи қаблӣ ҷой дорад, яъне мавҷуд набудани ҶТ дар раддабандии низоми рақобатпазирии байналхалқӣ, вале сатҳи рақобатпазирии в.Суғд мунтазам афзоиш ёфтааст.

Арзёбии меъёрии омилҳои сатҳи рақобатпазирии вилояти Суғд имконият дод, ки нобаробарии таъсири омилҳоро муайян намоем. Мисол, таъсири нисбатан зиёдро ба сатҳи интегралии рақобатпазирӣ дар солҳои 2000, 2005, 2010, 2016 ва 2020, омилҳои ба гурӯҳҳои мақсадноки «Аҳолӣ» ва «Сайёҳон» шомилбуда мерасонанд.

Баландшавии сатҳи рақобатпазирии омилҳои гурӯҳҳои мақсадноки «Соҳибкории хурд», «Корхонаҳо» ва «Сармоягузорон»-ро бевосита маҳдудияти омилҳои истеҳсолӣ боз медоранд (расми 4).

**Расми 4. Арзёбии меъёрии омилҳои ба сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти вилояти Суғд таъсиррасон**

**Figure 4. Standard assessment of factors influencing the level of competitiveness of the Sughd region economy**




*Блоки I* – омилҳои рақобатпазирӣ барои гурӯҳи мақсадноки «Аҳолӣ» ($К_{АХ}$)
*Блоки II* – омилҳои рақобатпазирӣ барои гурӯҳи мақсадноки «Корхонаҳо» ($К_{КОРХ}$)
*Блоки III* – омилҳои рақобатпазирӣ барои гурӯҳи мақсадноки «Соҳибкории хурд» ($К_{СХ}$)
***Блоки** IV – омилҳои рақобатпазирӣ барои гурӯҳи мақсадноки* «Сармоягузорон» ($К_{САРМ}$)
*Блоки V* – омилҳои рақобатпазирӣ барои гурӯҳи мақсадноки «Сайёҳон» ($К_{САЙ}$)

Дар асоси бузургии нишондиҳандаҳои индикатории дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳои вилояти Суғд то соли 2020 пешниҳодшуда, сатҳи рақобатпазирӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон муайян карда шудааст. Таҳлили тамоюли зариби рақобатпазирии вилояти Суғд ба мо имкон дод, ки самтҳои минбаъдаи такомули сиёсати минтақаро дар ин самт муайян намоем. Ба андешаи мо дар давраҳои оянда, сиёсати минтақавӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ба таъмини ҷолибияти сармоягузорӣ, самаранок истифодаи омилҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, татбиқи шаклҳо ва усулҳои муосири ҳавасмандкунии фаъолияти субъекти хоҷагидор нигаронида шавад.

Таҳлили рақобатпазирии в.Суғд дар солҳои 2000-2018 нишон медиҳад, ки дар ин давра минтақа ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ноил гардидааст, вале сатҳи зарурии рақобатпазирии он таъмин нагаштааст. Ба андешаи мо, сабаби асосии ин ҳолат на танҳо таъсири буҳрони ҷаҳонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин, номувозинатии умумӣ ва мавҷуд набудани мувофиқати манфиатҳои соҳибкорӣ, ҳокимият, ниҳодҳои шаҳрвандӣ дар амалисозии ҳадафҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар таъмини сатҳи зарурии рақобатпазирӣ, идоракунии рақобатпазирии минтақа нақши асосиро ба худ касб менамояд

Тибқи нишондиҳандаҳои пешгӯишудаи ҷадвали 1, меъёри зариби интегралии рақобатпазирии вилояти Суғд дар соли 2020, дар ҳудуди муътадил қобили қабул қарор гирифтааст.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои пешгӯишудаи рақобатпазирӣ метавон қайд намуд, ки омилҳои рақобатпазирӣ дар давраи солҳои 2012 то 2020 нисбат ба давраи солҳои 2000-2011 мунтазам рушд ёфтааст. Дар натиҷа, минтақа имконият пайдо намудааст, дар раддабандии минтақаҳои мамлакат доир ба рақобатпазирӣ мавқеи устувор (ҷои 2)-ро ишғол намояд. Таъсири омилҳо ба сатҳи рақобатпазирии вилояти Суғд дар

солҳои 2012, 2015 ва 2020 дар расми 5, инъикос меёбад.

**Расми 5. Таъсири омилҳо ба сатҳи рақобатпазирии в.Суғд**
**Figure 5. The influence of factors on the level of competitiveness of v. Sughd**




Омилҳои рақобатпазирӣ дар доираи гурӯҳҳои мақсадноки «Аҳолӣ» ва «Корхона» сатҳи баланд рушд дошта, нокифоягии сатҳи рушди гурӯҳи мақсадноки «Соҳибкории хурд» мушоҳида мешавад [8].

Арзёбии сатҳи рақобтапазирӣ тавассути ҷудокунӣ ба гурӯҳи мақсадноки истеъмолгарони захираҳои ҳудудҳо барои мақомотҳои ҳокимияти минтақавӣ имконият медиҳад, роҳҳои мувофиқи баланд бардоштани рақобатпазириро интихоб намоянд. Натиҷаҳои арзёбӣ барои мақомотҳои ҳокимияти минтақавӣ манбаи иттилооти муҳим, ки дар самти таъмин намудан, дастгирӣ, муайян намудани афзалиятҳои минтақавӣ ва татбиқи сиёсати самараноки минтақавӣ мебошад [6].

Рушди рақобатпазирии минтақа бевосита метавонад ба равонасозии сиёсати минтақавӣ ба самтҳои зерин мусоидат намояд:

- нигоҳдорӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос дар иқтисодиёт;
- баланд бардоштани сифати таълими касбҳо;
- ҷобаҷогузории мувофиқ, истеҳсолот, ҷалби ширкатҳои нав дар бозорҳои минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ мавқеи устувордошта, инчунин, такомули шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ҷалби сармоягузориҳо ба корхонаҳои истеҳсолии амалкунанда ва барои таъсиси корхонаҳо дар соҳаи хизматрасониҳои коммуналӣ, сохтмони манзил ва маҷмааҳои иҷтимоӣ;
- таъсис ва рушди марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ;
- пурзӯркунии тахассусгардонии тиҷоратии минтақа ва маҳаллҳои он;
- рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосири сайёҳӣ;
- мавқеъгирии минтақа (гузаронидани чорабиниҳои сатҳи баланди маданӣ, сиёсӣ, варзишӣ, конфронсҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои ба пурзӯршавии нуфузи минтақа мусоидаткунанда).

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДИС ДТТ дар ш.Хуҷанд – Содиқова Г.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. -С.310-312.
2. Меркушев В.В. Интегральная оценка уровня конкурентоспособности региона / В.В. Меркушов // Межрегиональные экономические сопоставления: сб. статей. – 2004. -С.24-38.
3. Механизмы повышения конкурентоспособности экономики регионов / Под ред. Н.И.Смирнова. -М.: ГУ ВШЭ, 2005. -310 с.

4. Мигранян А.А. Мониторинг состояния конкурентной среды национального рынка / А.А. Мигранян. -М.: Дело, 2000. -219 с.
5. Некрасов, Н.Н. Региональная экономика: теория, проблемы, методы / Н.Н. Некрасов. -М.: Экономика, 1978. - 463 с.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. -134 с.
7. Рахимов А.М. Уровень конкуренции на национальном рынке Республики Таджикистан / А.М. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2002. -№4. -С.44-57.
8. Ризокулов Т.Р. Состояние и развитие инфраструктуры потребительского комплекса регионов в современных условиях / Т.Р. Ризокулов // Человеческое развитие как фактор устойчивости региональной экономики (Материалы международной научно-практической конференции, 11-12 март 2013г.-Худжанд). -Душанбе: Ирфон, 2013. -С.36-42.
9. Суспицын С.А. Исследования территориальных систем / С.А. Суспицын // Регион: экономика и социология. – 2014. -№2. -С.20-48.
10. Стратегия развития Республики Таджикистан до периода 2015 года Региональная конференция по НСР и ССБ, основанных на ЦРТ, 15-17 марта 2007 г. -Душанбе, Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://www.undp.tj/files/reports/nds_rus.pdf/
11. Татаркин, А.И. Формирование конкурентных преимуществ регионов / А.И. Татаркин // Регион: экономика и социология. - 2006. -№1. -С.141154.
12. Шаститко А.Е. Конкурентоспособность региона: содержание, факторы, политика / А.Е. Шаститко // Балтийский регион. - 2009. -№1. -С.11-31.
13. Шеховцева Л.С. Конкурентоспособность региона: факторы и метод создания / Л.С. Шеховцева // Маркетинг в России и за рубежом. - 2001. -№4.

## МАРКЕТИНГИ ҲУДУДӢ ЧУН СТРАТЕГИЯИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТНОКИИ МИНТАҚА

Дар мақола асосҳои назариявию методии маркетинги ҳудудӣ ҳамчун асоси таъмини рақобатнокии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин, барои таъмини рақобатнокии минтақа омилҳои таъсиррасони маркетинги ҳудудӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил карда шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, аз таҳқиқи маркетинги ҳудудӣ амсилаи он тартиб додашуда, ҷиҳатҳои муҳимми он барои таъмини рақобатнокӣ баён карда шудааст. Дар хотима, натиҷаҳои ба даст омада аз таҳқиқоти илмӣ хулосабарорӣ карда шуда, ҷиҳатҳои хосси он чун тавсия барои дар оянда таъмини рақобатнокии минтақа баён карда шудааст. Рақобатпазирии минтақавӣ дар муборизa бо минтақаҳо барои эҳё намудани шароитҳои мусоиди рушд, барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ, сатҳи баланди зиндагӣ ҷалби сармоягузорӣ ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар ин самт маркетинги ҳудудӣ қисми ҷудонашавандаи сохтории сиёсати минтақавӣ (иқтисодӣ) буда, барои қонеъгардонии максималии эҳтиёҷоти субъектҳои иқтисодӣ равона карда мешавад. Маркетинги ҳудудӣ дар шакли барномаҳои мақсадноки минтақавӣ татбиқ шуда, барои ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида мешавад.

**Калидвожаҳо:** рақобатпазирӣ, маркетинги ҳудудӣ, сармоягузорӣ, стратегия, сиёсати минтақавӣ, барномаҳои мақсаднок, сектори сайёҳи

## РЕГИОНАЛЬНЫЙ МАРКЕТИНГ КАК СТРАТЕГИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ РЕГИОНА

В статье исследуются теоретико-методические основы территориального маркетинга как основы обеспечения конкурентоспособности региона. Также для обеспечения конкурентоспособности региона теоретически анализируются факторы влияния территориального маркетинга. На основании полученных результатов от исследования территориального маркетинга составляется его модель, излагаются ее важные аспекты для обеспечения конкурентоспособности. В заключение, результаты, полученные в результате научных исследований, были обобщены и изложены, конкретные аспекты даны в качестве рекомендаций для обеспечения конкурентоспособности региона в будущем. Региональная конкурентоспособность служит для борьбы между регионами за создание благоприятных условий для развития всех субъектов экономики, высокого уровня жизни, привлечения инвестиций и решения экономических и социальных проблем. В этом направлении региональный маркетинг является неотъемлемой структурной частью региональной (экономической) политики и направлен на максимальное удовлетворение потребностей экономических субъектов. Региональный маркетинг применяется в виде целевых региональных программ, направленных на решение социально-экономических проблем.

**Ключевые слова:** конкурентоспособность, территориальный маркетинг, инвестиции, стратегия, региональная политика, целевые программы, туристический сектор.

## REGIONAL MARKETING AS A STRATEGY FOR ENSURING REGIONAL COMPETITIVENESS

The article examines the theoretical and methodological foundations of territorial marketing as the basis for ensuring the competitiveness of the region. Also, to ensure the competitiveness of the region, the factors of influence of territorial marketing are theoretically analyzed. Based on the results obtained from the study of territorial marketing, its model is compiled, its important aspects for ensuring competitiveness are outlined. In conclusion, the results obtained as a result of scientific research were summarized and its specific aspects were outlined as a recommendation for ensuring the competitiveness of the region in the future. Regional competitiveness serves to fight between regions to create favorable

conditions for the development of all economic entities, a high standard of living, attracting investment and solving economic and social problems. In this direction, regional marketing is an integral structural part of regional (economic) policy and is aimed at maximizing the needs of economic entities. Regional marketing is used in the form of targeted regional programs aimed at solving socio-economic problems.

**Keywords:** competitiveness, territorial marketing, investments, strategy, regional policy, target programs, tourism sector

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, И.Сомонӣ, 169

**Сведения об авторе:** ***Джураев Мехродж Бобокулович*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, докторант Ph.D кафедры бухгалтерского учёта, анализа и аудита. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, И.Сомони, 169

**Information about the author:** ***Juraev Mekhroj Bobokulovich*** – Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Ph.D doctoral student of the Department of Accounting, Analysis and Audit. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, I. Somoni, 169

**ТДУ: 658.155.28:004.942.6**

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ШИРКАТҲОИ ҲАМЛУ НАҚЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

*Саидов Ш.С.*

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Рақамикунонӣ яке аз тамоюлҳои асосии ҷаҳони муосир буда, ба тамоми соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла ба соҳаи нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ таъсир мерасонад. Нақлиёт ва логистика дар ҳар як иқтисодиёт нақши муҳим мебозад ва идоракунии самараноки ширкатҳои нақлиётӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бо афзоиши талабот ба хизматрасонии самарабахш ва боэътимоди нақлиёт, зарурати қабули технологияҳои иттилоотӣ ҳатмӣ мегардад. Хизматрасонии логистикӣ як раванди мураккаб ва бисёрфунксионалӣ мебошад, ки дар он татбиқи технологияҳои рақамӣ аллакай ҳатмӣ гаштааст [1].

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ бо хароҷоти хариди таҷҳизот ва нармафзор алоқаманд аст. Аммо дар ин ҷо сармояи инсонӣ нақши муҳим мебозад. Дар тезонидани ин раванд сармояи инсонӣ нақши муҳим мебозад.

Дар стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174 тасдиқ шудааст, механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва молиявии татбиқи онро аз рӯйи принсипҳои равиши мақсадноки барнома, ки ба мониторинг ва иҷрои шаффофият асос ёфтааст ошкор менамояд. Аҳаммияти стратегии технологияҳои иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, вазифаҳо муайян карда шудаанд.

Дар авохири солҳои 90-уми асри гузашта дар ҷаҳон, дар бораи иқтисоди рақамӣ ва мутаносибан рақамикунонии тамоми иқтисод ҳарф мезад, дар ҳоле ки дар Тоҷикистон он замон аввалин телефонҳои ҳамроҳ нав пайдо мешуданд. Аз он замонҳо 30-сол сипарӣ шуд ва интернет барои мо як падидаи ошно гардид. Имрӯз қариб ҳама дар хона дастгоҳҳои интеллектуалӣ доранд, ки аллакай дар саросари ҷаҳон зиёда аз 26 миллиард адад мавҷуданд.

Рақамикунонӣ барои ҳама бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, таваҷҷуҳ дорад. Дар соли 2020, дар пандемияи коронавирус, ки талаботи оммавиро ба стандартҳо дар фазои ҷамъиятӣ пурзӯр кард, фазои тағйирёбандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ торафт бештар худро тасдиқ кард. Соҳаи байналмилалии нақлиёт ва логистика дар давраи пандемияи COVID-19 яке аз соҳаи аз ҳама бештар осебдида буд. Таъсири манфӣ ба ҷузъҳои мухталиф, масалан, баста шудани марзҳои давлатӣ, ҷорӣ кардани маҳдудият дар ҳаракати одамон ва молҳо, коҳиши талабот ва қобилияти харидорӣ расонид. Маҷмуи чунин омилҳо дар чаҳорчӯбаи рақамикунонӣ ба тамоми ҷанбаҳои имконпазири инфрасохтори нақлиётию логистикӣ, аз истифодаи нақлиёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар шаҳрҳо то ҳамлу нақли бор дар дохили кишвар ва байналмилалӣ таъсир расонид. Бо вуҷуди ин, технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонӣ таъсири худро дар соҳаи нақлиёт ва логистика васеъ намуда, унсурҳои бахши нақлиёт ва логистикаро тағйир медиҳад.

Аксари тамоюлҳои нав дар соҳаи нақлиёт ва логистика бидуни навоварӣ дар рушди технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст. Дар баробари ин, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика омили мақсадноки баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодии кишвар мебошад [9].

Технологияҳои иттилоотии босуръат рушдёбанда ба рақамикунонии тамоми унсурҳои системаи идоракунии логистикии соҳаи нақлиёт мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои оптимизатсияи тамоми равандҳои нақлиёт, аз ҷумла амалиёти моддӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва нақлиётӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Татбиқ намудани технологияҳои муосир, айни замон на танҳо аз ҷониби ширкатҳои ҳамлу нақл, балки шахсони алоҳида низ талаб карда мешавад, ки ба суръат бахшидан ба раванди корбарӣ, чандирӣ ва шаффофияти интиқоли бор бо хароҷоти камтар мусоидат мекунад.

Татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои ширкатҳои нақлиётиро васеъ намуда, хароҷоти онҳоро коҳиш дода, нишондиҳандаҳои иқтисодиро беҳтар мекунад.

Имрӯз трансформатсияи васеъмиқёси рақамии равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ вазифаи стратегии соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Логистикаи рақамӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар системаи идоракунии нақлиёт асос ёфтааст, самти асосии муосиркунонии тамоми масири ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо бо риояи тамоми принсипҳои логистика, ки ба автоматикунонии вазифаҳои интиқолдиҳандагон мусоидат мекунад, табдил меёбад. Ширкатҳои ҳамлу нақл имкон доранд, ки аз ҳисоби баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба мизоҷон, васеъ намудани имкониятҳои фаъолияти маркетингӣ ва таҳлилӣ, сохтани маршрутҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии иқтисодиро зиёд кунанд.

Корҳои илмӣ таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои технологияҳои рақамӣ дар ташкили равандҳои нақлиётӣ ва логистикӣ, идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ дар логистика, ҳуҷҷатгузории электронӣ дар ҳамлу нақли боркашонӣ: имкониятҳо ва дурнамо, дурнамои рушди технологияҳои рақамӣ дар идоракунии равандҳои нақлиётӣ дар занҷирҳои байналхалқии таъминот, истифодаи замимаҳои мобилӣ ва нақши онҳо дар оптимизатсияи равандҳои логистикӣ баррасӣ шудаанд. Арифҷанова Н.З., Низамова Д.Д., Борисова Л.А., Иванова Н.В., Коломиес Б.Н., Кукарсев В.В.

Тамоюли идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ дар соҳаи ҳамлу нақли бор ҳанӯз соли 2017 оғоз ёфтааст. Электронӣ намудани роҳхату борхат метавонад баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, шаффофият ва суръат бахшидани раванди фаъолиятро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Дар айни замон, бисёри ташкилотҳо аз гардиши ҳуҷҷатҳои коғазӣ даст кашида, ба электронӣ мегузаранд, ки ин имкон медиҳад вақти амалиётро ба таври назаррас коҳиш дода, суръатро афзоиш диҳад [11].

Сатҳи баланди талабот ба самаранокии идоракунии нақлиёт зарурати рақамикунонии баланди фаъолияти амалиётии иштирокчиёни бозори нақлиёт ва ҳамкории онҳоро муайян мекунад. Дар робита ба ин, технологияҳои рақамӣ ногузир аз категорияи воситаҳои ёрирасон ба синфи воситаҳои асосӣ мегузаранд ва имкон медиҳанд, ки хароҷоти ташкил ва татбиқи ҳамлу нақлро ба таври назаррас коҳиш дода, сифати хизматрасонии нақлиётию логистикӣ, ҳосилнокии меҳнати ширкатҳои ҳамлу нақл, кормандон ва баланд бардоштани рақобатпазирии ширкат беҳтар карда шавад.

Яке аз омилҳои асосие, ки аҳаммияти татбиқи ҳуҷҷатгузории электрониро муайян мекунад, сарфаи вақт барои амалиёти гуногун бо ҳуҷҷатҳо мебошад, аз қабили: ҷустуҷӯ ва интизории қабули ҳуҷҷатҳо, ҳамоҳангсозӣ ва тасдиқи онҳо аз ҷониби роҳбарият, инчунин, интиқоли ҳуҷҷатҳо байни шуъбаҳо ва омодасозии ҳисобот оид ба ҳаракати ҳуҷҷатҳо [14; 10].

Самаранокии иқтисодии системаҳои логистикӣ бештар ба технологияҳои рақамии дар он истифодашаванда алоқаманд аст, ки имкон медиҳад, ки ҳалли нави логистикӣ ва оптимизатсияи раванди технологӣ, беҳтар кардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ тавассути татбиқи расмиёти қаблан мавҷудбуда вуҷуд надошта бошад. Ҳамин тариқ, технологияҳои рақамӣ ҳамчун манбаи фоидаи иловагӣ ҳангоми ташкили ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалӣ хизмат мекунанд [13].

Ҳадафи асосии ҳар як ширкати тиҷоратӣ, новобаста аз самт ва андозаи он, ин ба ҳадди аксар расонидани фоида мебошад, ки онро тавассути зиёд кардани ҳаҷми хизматҳои пешниҳодшуда ё маҳсулоти истеҳсолшуда, васеъ кардани бозори фурӯш, баланд бардоштани сифати молҳои пешниҳодшуда ва хизматрасонӣ ба даст овардан мумкин аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо дар шароити муосир, ширкатҳои ҳамлу нақл бояд бо ҳама технологияҳои рақамии зарурӣ барои фаъолияти рақобатпазир, инчунин, барои ҳамкорӣ бо мизоҷон дастрас бошанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии рақамӣ ба ташаккули шаффофияти шабакаҳои логистикӣ ва мавҷудияти мониторинги ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат мекунад. Бартариҳои рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика инҳоянд:

• назорати мавқеи ҷойгиршавии молҳо дар реҷаи вақти воқеӣ, дидани молҳо дар тамоми занҷираи таъминот ва дар натиҷа шаффофияти пурраи ҳаракати воситаҳои нақлиёт;

• вокуниши фаврӣ ба тағйирот дар ҳолати логистикӣ;

• коҳиш намудани хароҷотҳо барои принтер, картриҷ, ранги картриҷ, қоғаз ва қувваи барқ;

• қуллай дастрас намудани роҳхат ва борхати электронӣ;

• суръат бахшидан ба раванди фаъолият ва кам намудани сарфаи вақт;

• ташкили махзани электронӣ, ки хатари гум шудани ҳуҷҷатҳоро аз байн мебарад ва сарфи вақти ҷустуҷӯи маълумоти заруриро кам мекунад;

• идоракунии маълумот бо истифода аз ҳуҷҷатгузории электронӣ барои озод кардани фазои корӣ, ки дар «давраи коғазӣ» бо ҷузвдонҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ пур карда мешуд, мусоидат мекунад. Пас аз ба итмом расидани муҳлати ҳуҷҷат, зарурати нест кардани он мушкил нест, зеро нест кардани он аз базаи маълумот на бештар аз 30 сонияро мегирад;

• ҳуҷҷатгузории электронӣ ба корбарон имкон медиҳад, ки бо ҳуҷҷатҳои электронӣ фосилавӣ кор кунанд;

• шакли коғазии ҳуҷҷатҳо ҳамеша дар хатари гум шудан ё вайрон шудан қарор дорад. Ҳуҷҷатгузории электронӣ, агар мунтазам нусхабардорӣ карда шаванд, хеле бехатартаранд, зеро онҳоро дар ҷое фаромӯш кардан ё қасдан вайрон кардан мумкин нест;

• бо системаи электронии идоракунии ҳуҷҷатҳо, дигар зарурати ҷудо кардани захираҳо барои ирсоли коғаз ва почта вуҷуд надорад, зеро файлҳоро новобаста аз масофаи байни ирсолкунанда ва қабулкунанда зуд ва бехатар интиқол додан мумкин аст;

• таъмини шаффофият;

• пешгирӣ аз тартибдиҳии қалбакии роҳхат ва борхат;

• пешгирӣ аз зиёд намудани муҳлати роҳхат ва борхат;

• риояи талабот ва меъёрҳои муқарраршуда;

• ташхиси ҳолати техникии автомобил бо мақсади пешгирии садамаҳои эҳтимолӣ ва таъмини бехатарӣ дар роҳ;

• санҷиши саломатии ҷисмонӣ ва равонии ронанда;

• ҳангоми гирифтани роҳхат, система мавқеи ҳузури ронандаро дар корхонаи нақлиёти муайян намуда, ба духтур, механик ва танзимгар иҷозати додани роҳхатро медиҳад;

• сохтани хатсайрҳо ва идоракунии масирҳо, мониторинги меъёри сарфи сӯзишворӣ, мониторинги кори тамоми ҷузъҳои нақлиёт барои истифодаи маълумот ҳангоми банақшагирӣ, баланд бардоштани бехатарии роҳ, риояи меъёрҳо ва талаботи қонунӣ [14; 5].

Дурнамои васеи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади оптимизатсияи хароҷот барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии ширкатҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар айни замон ба афзоиши мунтазами таваҷҷуҳи корхонаҳо ба навовариҳои технологӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки на танҳо пайгирии дақиқи интиқоли молҳо, балки тағйир додани тамоми маҷмуи хизматҳои логистикӣ аз анбор то қабулкунандаи мол татбиқ карда шавад.

Ташкили марказҳои мултимодалии нақлиётию логистикӣ метавонад омили муҳимми рушди инфрасохтори нақлиётию логистикӣ гардад, ки имкон медиҳад, низоми нигаҳдории муваққатӣ, боркашонӣ, навъбандӣ ва таъмини иттилоотию ҳуқуқии гардиши молҳо оптимизатсия карда шавад. Чунин марказҳо метавонанд бо ҳаҷми бузурги молҳо кор кунанд, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика мусоидат мекунанд [6].

Дар натиҷаи таҳлили рушди логистикаи нақлиётӣ метавон самтҳоиояндадореро муайян кард, ки фазои рақамии онро ташаккул медиҳанд:

• ҳамлу нақли борҳои гуногун;

• ҳамлу нақли мустақими мусофирбари омехта;

• идоракунии системаҳои логистикӣ дар асоси заминаи ягонаи меъёрӣ ва платформаҳои умумии телематикӣ;

• баланд бардоштани бехатарии кори нақлиёт.

Ташкили платформаи ягонаи рақамӣ барои системаи нақлиёти логистикӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикиро беҳтар созад, ҳангоми анҷом додани амалиётҳои логистикӣ ба муомилоти электронии ҳуҷҷат гузарад, ба низоми байналмилалии нақлиёт ҳамроҳ шавад ва ҳузури худро дар сатҳи байналмилалӣ афзоиш диҳад.

**Сметаи хароҷот барои ширкатҳои ҳамлу нақл**

**1.Хароҷотҳои истеҳсолӣ дар ширкат**

**1.1.Хароҷоти мавод**

Дар 5 моҳи соли 2023 муомилоти варақаҳои роҳхат ва борхат 779 ҳазор ададро аз ҷониби 227 ширкатҳои ҳамлу нақл ташкил менамояд [16].

Дар як моҳ аз ҷониби 227 корхонаҳои нақлиётӣ 779 000 / 5 = 155800 роҳхату борхат дар варақи А4, чоп карда мешавад.

Хароҷот барои чопкунии роҳхату борхат дар варақи А4 дар як сол = 155800 * 0.1 * 12 = 186 960 сомонӣ.

Ранги картриҷ тақрибан ба 2000 варақ мерасад.

Хароҷот барои ранги картриҷ дар як моҳ = 155 800 / 2000 = 93.48 сомонӣ.

Хароҷоти барои картриҷ дар як сол = 93.48 * 35 * 12 = 39 261.6 сомонӣ.

Хароҷоти мавод дар як сол 186 960 + 39 261.6 = 226 221.6 сомониро ташкил медиҳад.

**1.2. Хароҷоти барқи воситаи техникӣ**

$Х_{б/вт}$ = W*T*S.

W = Тавонои = (2а*220в ) = 440ват = 0.44кв/соат.

T = Вақти корӣ =8 соат.

S = Нархи $1_{кв}$ = 0.7 сомонӣ.

Хароҷоти барқи дар як сол барои як корхонаи нақлиётӣ = 0.44 * 8 * 30 * 12 * 0.7 = 887.04 сомониро ташкил медиҳад.

**2. Арзиши фондҳои асосӣ**

$\sum_{Аф/а}$ = Ав.т+Ав+Ах/н+Аил.

Аф/а→Суммаи арзиши фондҳои асосӣ.

Ав.т→Арзиши воситаҳои техникӣ.

Ав → Арзиши васл.

Ах/н→Арзиши хароҷоти нақлиёт.

Аил →Арзиши иловагӣ.

**2.1. Арзиши воситаҳои техникӣ**

Миқдори картриҷ дар як сол барои 227 ширкатҳои ҳамлу нақл 155 800 / 2000 / 5 = 15.58.

**Ҷадвали 1. Арзиши воситаҳои техникӣ**

**Table 1. Cost of technical equipment**

| № | Номгӯйи таҷҳизот | Миқдори таҷҳизот | Нархи як таҷҳизот (сомонӣ) | Арзиши солона (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Принтер | 1 | 3000 | 3000 |
| 2. | Картриҷ | 15.58 | 150 | 2337 |
| ∑ Арзиши воситаҳои техникӣ | | | Ҳамагӣ | 5337 сомонӣ |

Арзиши васл = 5% аз арзиши воситаҳои техникӣ 5337 * 5 / 100 = 266.85 сомонӣ.

Арзиши хароҷотҳои нақлиёт = 2% аз воситаҳои техникӣ = 5337 * 2 / 100 = 106.74 сомонӣ.

Арзиши иловагӣ = 2% аз воситаҳои техникӣ 5337 * 2 / 100 = 106.74 сомонӣ.

∑ Арзиши фондҳои асосӣ = 5337 + 266.85+ 106.74 + 106.74 = 5817.33 сомонӣ.

Хулоса бо фаро гирифтани технологияҳои иттилоотӣ, соҳаи нақлиёт ва логистика метавонад ба беҳбудиҳои назаррас дар самаранокии иқтисодӣ, шаффофият, бехатарӣ ва суръатбахшии амалиёт ноил шавад. Нақлиёт ва логистика дар ҳар як иқтисодиёт нақши

муҳим мебозад ва идоракунии самараноки ширкатҳои нақлиётӣ барои рушди иқтисодиёт аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

**Ҷадвали 2. Суммаи хароҷотҳои солона**
**Table 2. Amount of annual expenses**

| № | Номгӯйи хароҷотҳо | Хароҷотҳои солона |
|---|---|---|
| 1 | Ф.М.М | 5817.33*227=1320533.91 |
| 2 | Хароҷоти мавод | 226221.6 |
| 3 | Хароҷоти барқ | 887.04*227=201358.08 |
| | Ҳамагӣ | 1 748 113.59 сомонӣ |

Бо афзоиши талабот ба хизматрасонии самарабахш ва боэътимоди нақлиёт, зарурати қабули технологияҳои иттилоотӣ ҳатмӣ мегардад. Электронӣ намудани роҳхату борхат барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, шаффофият, бехатарӣ ва суръат бахшидан ба раванди фаъолияти ширкатҳои нақлиётӣ дорои потенсиали бузургест, ки метавонад ҳам барои ширкатҳои нақлиётӣ ва ҳам барои ронандагон судманд бошад.

Хароҷот барои 227 ширкатҳои нақлиётӣ 1 748 113.59 сомониро дар як сол ташкил медиҳад. Пас аз электронӣ намудани роҳхат ва борхат барои дохили ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ин хароҷот ба сифр баробар мешавад.

**Муқарриз: н.и.т., дотсенти ДТТ ба номи М.С. Осимӣ – Қосимов А.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Арифджанова Н.З. Цифровые технологии в организации транспортно-логистических процессов // Universum: технические науки: электрон. научн. журн. - 2022. -№12(105). [Электронный ресурс]. URL: https://7universum.com/ru/tech/archive/item/14698.
2. Арифджанова Н.З. Условия цифровизации транспортно-логистической системы. Ташкентский государственный транспортный университет, г. Ташкент, Республика Узбекистан. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/usloviya-tsifrovizatsii-transportno-logisticheskoy-sistemy/viewer.
3. Баширзаде Р.Р., Пахомова А.В. Цифровизация логистики - требование времени. Саратовский государственный технический университет им. Гагарина Ю.А. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=44132026.
4. Берман Н.Д. Цифровизация логистики: применение технологии "Blockchain", Тихоокеанский государственный университет. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=35183205.
5. Борисова Л.А. Электронный документооборот в грузоперевозках: возможности и перспективы, Махачкалинский филиал Московского автомобильно-дорожного государственного технического университета (МАДИ), статья в журнале - научная статья. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=47766764.
6. Горишняя Анна Андреевна, Чмут Галина Александровна Цифровые технологии в транспортной логистике, ЧОУ ВО «Южный Университет (ИУБиП), г. Ростов-на-Дону, Российская Федерация. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovye-tehnologii-v-transportnoy-logistike.
7. Дмитриев А.В. Диджитализация транспортной логистики, Санкт-Петербургский государственный экономический университет. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=36553738.
8. Дмитриев А.В. Цифровизация транспортно-логистических услуг на основе применения технологии дополненной реальности. Санкт-Петербургский государственный экономический университет, г. Санкт-Петербург, Россия. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovizatsiya-transportno-logisticheskih-uslug-na-osnove-primeneniya-tehnologii-dopolnennoy-realnosti/viewer.
9. Елена А. Яковлева, Владимир А. Зеликов, Елена В. Титова, Алишер Ш. Субхонбердиев, Дарья К. Костина, Евгений А. Губертов Цифровизация транспортно-логистической отрасли в условиях глобализации мировой экономики, Воронежский государственный лесотехнический университет, ул. Тимирязева, 8, г. Воронеж, 394087, Россия 2 Воронежский государственный университет инженерных технологий, пр-т Революции, 19, г. Воронеж, 394036, Россия 3 Воронежский экономико-правовой институт, Ленинский пр-т., 119А, г. Воронеж, Россия, 394033.
10. Иванова Н.В. Перспективы развития цифровых технологий в процессах управления транспортными процессами в международных цепях поставок, Санкт-Петербургский государственный экономический университет, статья в сборнике трудов конференции. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=35341115.
11. Коломиец Б.Н., Кукарцев В.В. Использование мобильных приложений и их роль в оптимизации логистических процессов, Сибирский государственный аэрокосмический университет имени академика М.Ф. Решетнева. Технические науки. [Электронный ресурс]. URL: https://novainfo.ru/article/3258.
12. Кузнецов А.Л., Кириченко А.В., В.Н. Щербакова-Слюсаренко. Направления цифровизации транспортной отрасли, ФГБОУ ВО «ГУМРФ имени адмирала С.О. Макарова», Санкт-Петербург, Российская Федерация. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/napravleniya-tsifrovizatsii-transportnoy-otrasli/viewer

13. Ларин О.Н, Буш Ю.Д. Основные приоритеты цифровизации в транспортной логистике. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osnovnye-prioritety-tsifrovizatsii-v-transportnoy-logistike/viewer.
14. Низамова Д.Д. Электронный документооборот в логистике, Уфимский государственный авиационный технический университет. Статья в сборнике трудов конференции. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=47497304.
15. Покровская О.Д. Цифровизация транспортной отрасли. Петербургский государственный университет путей сообщения Императора Александра I (ПГУПС), Санкт-Петербург. [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?doi=10.36535/0236-1914-2019-12-1.
16. Сомонаи расмии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mintrans.tj/news-page/details/383

## БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ШИРКАТҲОИ ҲАМЛУ НАҚЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Ин мақолаи илмӣ ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, шаффофият, бехатарӣ ва суръат бахшидан ба раванди корбарии ширкатҳои ҳамлу нақл бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ шудааст. Электронӣ намудани роҳхат ва борхат воситаи муассир барои расидан ба ин ҳадафҳо маҳсуб буда, ба оптимизатсияи равандҳо мусоидат мекунад. Рушди системаи рақамӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика дар ташкили ҳамлу нақл имкон медиҳад, ки раванди ҳамлу нақл беҳтар шуда, хароҷотҳо ба таври назаррас коҳиш дода шавад. Табдилдиҳии рақамии маълумот дар соҳаи нақлиёт ва логистика сатҳи ташаккули технологияҳои истифодашавандаро баланд мебардорад. Трансформатсияи рақамӣ имкониятҳои рақобатро беҳтар карда, ҳиссаи бозории ширкати ҳамлу нақлро афзоиш медиҳад, ки дар натиҷа базаи мизоҷон аз лиҳози қаноатмандӣ ва сифати хизматрасонӣ бо кам шудани вақти интизорӣ ҳангоми коркарди ҳуҷҷатҳо, суръат ва сифати ҳамлу нақл меафзояд. Таҳияи равзанаи ягона бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои навро барои идоракунии равандҳои логистикӣ фароҳам оварда, мубодилаи иттилоот, пайгирии ҳамлу нақли мусофирон ва бор, идоракунӣ ва назорат дар реҷаи вақти воқеӣ аз болои амалиётҳо ва истифодабарандагони система мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, самаранокии иқтисодӣ, шаффофият, роҳхат ва борхати электронӣ, ҳамлу нақл.

## ПОВЫШЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ТРАНСПОРТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Данная научная статья посвящена вопросам повышения экономической эффективности, прозрачности, безопасности и ускорения деятельности транспортных компаний с использованием информационных технологий. Электронизация путевок и накладных является эффективным инструментом для достижения этих целей и помогает оптимизировать процессы. Развитие цифровой системы в сфере транспорта и логистики при организации перевозок позволяет улучшить транспортный процесс и существенно снизить затраты. Цифровая трансформация данных в сфере транспорта и логистики повышает уровень развития используемых технологий. Цифровая трансформация улучшает конкурентные возможности и увеличивает долю рынка транспортной компании, в результате чего увеличивается клиентская база с точки зрения удовлетворенности и качества обслуживания, сокращается время ожидания при оформлении документов, скорость и качество перевозок. Разработка единого окна с использованием информационных технологий открывает новые возможности для управления логистическими процессами, облегчает обмен информацией, отслеживание пассажирских и грузовых перевозок, управление и контроль в режиме реального времени за операциями и пользователями системы.

**Ключевые слова:** цифровизация, информационные технологии, экономическая эффективность, прозрачность, электронная путевка и накладная, перевозка.

## INCREASING THE ECONOMIC EFFICIENCY OF TRANSPORTATION COMPANIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN USING INFORMATION TECHNOLOGIES

This scientific article is devoted to the issues of increasing economic efficiency, transparency, security and accelerating the activities of transport companies using information technology. Electronicization of waybills and invoices is an effective tool for achieving these goals and helps optimize processes. The development of the digital system in the field of transport and logistics in the organization of transportation allows to improve the transportation process and significantly reduce costs. Digital transformation of data in the field of transport and logistics increases the level of development of the technologies used. Digital transformation improves competitive opportunities and increases the market share of the transport company, resulting in an increased customer base in terms of satisfaction and quality of service with reduced waiting time during document processing, speed and quality of transport. Development of a single window using information technologies provides new opportunities for managing logistics processes, facilitates information exchange, tracking of passenger and cargo transportation, management and control in real time over operations and system users.

**Keywords:** digitization, information technology, economic efficiency, transparency, electronic waybill and invoice, transportation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидов Шамсуддинҷон Сулаймонович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10А. Телефон: **(+992) 987-03-96-58**. E-mail: **saidovshamsiddin98@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Саидов Шамсуддинчон Сулаймонович*** **-** Таджикский технический университет им. М.С. Осими, докторант Ph.D. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 987-03-96-58**. E-mail: **saidovshamsiddin98@gmail.com**

**Information about the author:** ***Saidov Shamsuddinjon Sulaimonovich*** - Tajik Technical University named after. M.S. Oshimi, Ph.D. student Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street, 10. Phone: **(+992) 987-03-96-58**. E-mail: **saidovshamsiddin98@gmail.com**

ТДУ: 331(101)

# МОҲИЯТ ВА ТАСНИФОТИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ

*Мухитдинова Ш.С.*

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Дар шароити иқтисоди бозаргонии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда масъалаи афзоиши шуғли аҳолӣ, бахусус шуғли пурмаҳсул дар бозори номукаммали меҳнат вазифаи аввалиндараҷаи стратегии иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Чи тавре дар стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, қайд шудааст: «ҳамзамон, зарурати афзоиши миқдори шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон, ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд» [18]. Бинобар ин, баландбардории маҳсулнокии меҳнат ва таъмини шуғли пурмаҳсул таҳқиқоти замонавиро тақозо менамояд.

Дар замони муосир аз афзоиши шуғли пурмаҳсул, афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва рушди инноватсионии ҷамъият вобастагии калон дорад. Шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҷузъи таркибии иқтидори инсонӣ дар ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодӣ иҷтимоии минтақа нақши калидӣ дорад. Мувофиқи талаботҳои бозори меҳнат, шуғли пурмаҳсул метавонад, баландбардории сатҳи рақобатпазирии қувваҳои истеҳсолкунандаро таъмин намуда, ба истифодаи самараноки онҳо мусоидат намояд. Дар давраи саноатикунонии кишвар ба соҳаҳои истеҳсолӣ мутахассисони касбии дорои қобилияти ташаббусҳои инноватсионӣ дошта, аз худ намудани навгониҳои технологии муосир, пешниҳоди шаклҳои нави хизматҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар фаъолияти хоҷагидорикунанда зарур аст.

Аз ин рӯ, дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат, расидан ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, омӯзиши моҳияти иҷтимоию иқтисодии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнати минтақавӣ муҳим мебошад.

Шуғл на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ ҳам мебошад, зеро вай бо одам алоқаманд аст, бо эҳтиёҷоти ӯ, дараҷа ва сифати инкишофи қобилиятҳои ӯ, бо шароити зиндагонӣ алоқаманд аст. Олими рус М.И. Долишний ҷанбаҳои сифатии шуғлро дар бозори меҳнат омӯхта, аз рӯйи омилҳои субъективӣ ва объективӣ баҳогузорӣ намудааст [5]. Ӯ ба гурӯҳи омилҳои субъективӣ омилҳои демографӣ, зеҳнӣ, биологӣ-табиӣ ва хоҳиши меҳнатию касбиро ҳамроҳ намудааст. Дар ҳақиқат агар ба фаъолияти коргарон дар бозори меҳнат аҳаммият диҳем, маълум мегардад, ки дар бозори меҳнат ба сифати кори коргар, яъне шуурнокӣ, эҷодиёти ақлонӣ ва тафаккуру майлу рағбати коргар диққати бештар дода мешавад. Ӯ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иқтисодӣ-ҷуғрофӣ ва ташкилӣ-сохториро ба гурӯҳи омилҳои объективии шуғл ҳамроҳ намудааст.

Ба ақидаи О.А. Платонов моҳияти шуғл ду ҷанбаи асосӣ дорад: техникӣ-ташкилӣ ва иҷимоӣ-иқтисодӣ [14,с.86].

Аз нуқтаи назари Д.В. Чудинов «Ташаккули шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат, алоқамандии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро нишон медиҳад» [22].

Дар таҳқиқотҳои О.А. Козлов имкониятҳои рушд дар соҳаи шуғли аҳолӣ, аз вазъи соҳаи иҷтимоӣ, бозори истеъмолот, афзалиятҳои рушди бозори меҳнат, такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ, вазъи демографӣ ва дигар афзалиятҳои рушди иқтисодӣ вобастагии калон дорад [8].

Руденко Г.Г омилҳои ташаккули бозори меҳнатро ҷудо намуда, ба он омилҳои иҷимоию иқтисодӣ, минтақавӣ, дохилиташкилотӣ ва инфиродиро гурӯҳбандӣ намуда, таъсири онҳоро ба тарви ғайримустақим дар рушди иқтидори меҳнатӣ шарҳу тавсиф додааст.

Ба ақидаи Е.В Быкова «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули захираҳои меҳнатиро дар шароити муосир консепсияи рушди инсонӣ ташкил медиҳад» [2,с.56].

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми «шуғли пурмаҳсул» пешниҳод шудаанд ва доир ба ин мавзуъ байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ баҳсу мунозираҳои илмӣ ба амал омадааст. Иқтисодчиёни америкоӣ К. Мак Коннелл ва С.Л. Брю қайд мекунанд, ки мафҳуми шуғли пурра ҳамон вақт қобили қабул аст, ки агар бекории фриксионӣ ва сохторӣ вуҷуд дошта бошад, яъне сатҳи бекорӣ дар ҳолати шуғли пурра ба ҷамъи сатҳҳои фриксионалӣ (тасодуфӣ, ки бо интизориҳо алоқаманд аст) ва сохторӣ (бо тағйир ёфтани сохтори истехсолот, бекорӣ алоқаманд аст) баробар бошад [11].

Иқтисодшиносони классикӣ оид ба моҳияти иҷтимоию иқтисодии шуғл дар бозори меҳнат фаҳмиши худро доранд. Аз нуқтаи назари онҳо дахолати давлат ба иқтисодиёт манфӣ арзёбӣ гардидааст. Соҳаи иқтисодиёте, ки ҳам ба истеҳсоли пурра қодир асту ҳам бо шуғли пурра таъмин аст, дахолати давлат метавонад танҳо ба фаъолияти самараноки он зарар расонад. Ба ақидаи иқтисодчиёни классикӣ, иқтисоди бозорӣ қодир аст, худтанзимкунӣ ва истифодаи пурраи захираҳои мавҷударо дар иқтисодиёт таъмин намояд [17].

Ба фикри мо, ин гуфтаҳо ба фишангҳои танзими бозор, аз қабили нарх, музди меҳнат ва мувозинати доимӣ дар бозори меҳнат таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, кам кардани арзиши аслӣ ба афзудани бекорӣ ва кам шудани даромади воқеӣ имконият медиҳад. Дар асоси назарияи иқтисодшиносони классикӣ, шуғли пурра дар шароити иқтисоди бозорӣ меъёр аст.

Шарҳи намудҳои нави сатҳи шуғл ва бекориро дар иқтисоди бозорӣ асосгузори мактаби иқтисодии кейнсӣ иқтисодшиноси англис Ҷ.М. Кейнс пешниҳод кардааст. Ӯ постулатҳои иқтисодчиёни классикиро дар бораи худтанзимкунии иқтисодиёт рад мекунад, ҳамзамон, қайд менамояд, ки «талаботи самарабахш танҳо талаботи маҷмуи воқеии мол аст, яъне талаботи умумӣ бояд ба пешниҳоди умумӣ баробар бошад».

Тибқи таърифи дигар, моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии шуғл дар бозори меҳнат ҳамчун шарти ташаккули қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа дониста шуда, ба ин васила ҳамчун яке аз ниёзҳои асосии ҳаёти аҳолӣ баромад мекунад. Ҳамин тавр, баъзе муаллифон дар тафсири иҷтимоию иқтисодии шуғл муносибатҳои одамонро вобаста ба иштироки онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба назар мегиранд. Муаллифони дигар ин консепсияро як ниёзи ҳаётан муҳим ва неруи тавлидкунандаи ҷомеа медонанд. Таърифҳои пешниҳодшудаи моҳияти шуғли иҷтимоию иқтисодӣ ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хосси ин консепсияро қайд кунем: - шуғл категорияи иҷтимоию иқтисодӣ буда, қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият мебошад.

Аз рӯйи ақидаҳои дар боло оварда шуда, моҳияти иҷтимоӣ иқтисодии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнати минтақавӣ ё соҳаи муайян хусусиятҳои таркибии худро доранд, ки нисбат ба сатҳи бозори умумиҷумҳуриявӣ фарқ менамоянд. Дар бозори меҳнати минтақавӣ ҷанбаҳои сифатӣ ва миқдории ташаккули шуғли пурмаҳсул афзалияти бештар дорад. Ҷанбаҳои сифатии шуғли пурмаҳсул масъалаҳои ташаккули қувваи корӣ ва сифати натиҷаи фаъолият тибқи хусусиятҳои минтақавӣ мебошад. Ҷанбаҳои миқдории шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнати минтақавӣ тавассути омилҳои демографӣ ва такрористеҳсоли аҳолӣ арзёбӣ мегардад, ки барои муайян намудани сатҳи самаранокии шуғли пурмаҳсул дар минтақа мусоидат менамояд.

Қувваи корӣ ҳамчун категорияи иқтисодии бозори меҳнат бо чунин нишондиҳандаҳо ба монанди шуғл ва бекорӣ муайян карда мешавад.

Шуғл яке аз унсурҳои муҳимми ҳаёти иқтисодии ҷамъият аст. Он дараҷаи қонеъ гардонидани яке аз талаботи асосии инсон - эхтиёҷоти меҳнатро тавсиф мекунад. Дар баробари ин, шуғли аҳолӣ муносибати қувваи корӣ бо дигар омилҳои истеҳсолотро тавсиф мекунад.

Дар адабиётҳои илмии иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши масъалаҳои шуғл, моҳияти иқтисодии он, инчунин, мавқеъ ва нақши он дар системаи иқтисоди бозорӣ ҷамъ шудааст. Аммо, сарфи назар аз тамоми гуногунии назариявӣ ва таҳқиқоти амалӣ оид ба масъалаҳои шуғл, моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии шуғл ва таснифи он дар бозори меҳнати минтақавӣ ба пурраги омӯхта нашудааст. Бинобар ин, дар ҷадвали 1 тафсири истилоҳи моҳияти «бозори меҳнати минтақавӣ» аз ҷониби олимони соҳаи иқтисод оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии бозори меҳнати минтақавӣ**
**Table 1. Socio-economic essence of the regional labor market**

| | |
|---|---|
| А.Э. Котляр | бозори меҳнат - муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ ва ҳуқуқии байни одамон, ки бо ҷойи кори муайян таъмин намудани кормандро ифода мекунад. |
| А.Ф. Шишкин | бозори меҳнат - роҳи амалӣ гардонидани муносибатҳои бозорӣ дар байни захираҳои меҳнатӣ ва кордиҳанда |
| М.С. Атлас, А.Г. Грязнова, Т.В. Чечелев | бозори меҳнат- системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар ҷамъият ташаккул ёфтаанд, татбиқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти молиявию хоҷагӣ таъмин намуда, дар ҳамаи зинаҳои ташкили меҳнатӣ нақши такрористеҳсолкунии қувваи кориро мебозанд. |
| Мирзоева Ф.Т. | бозори меҳнат - фаъолияти самарабахши механизми танзими давлатии шуғли аҳолӣ, такмили системаи сохторҳои ташкилӣ ва усулҳои таъсири танзими аз ҷониби онҳо истифодашавандаро мутобиқи шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ дар назар дорад. |
| Кадиров Д.Б., Ашмаров И.А., Комилов С.Д. | бозори меҳнат - системаи муносибатҳо, ки самтҳои сиёсати шуғли аҳолии давлатро дар сатҳҳои гуногун ташаккул дода, бо ҳамин муносибатҳои меҳнатро танзим менамояд, заминаи институтсионалии рушди онро ба вуҷуд меорад. |
| Кривонос Ю.Е. | бозори меҳнат - ҳамчун шакли иҷтимоию иқтисодии муносибатҳои бозории ҳаракати меҳнатӣ; ҷойест, ки дар он ҷо муомилот барои хариду фурӯши қувваи кор, бозоре, ки дар он дар натиҷаи таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод нархи меҳнат ба вуҷуд меояд. |
| Ермакова-Сосновская Н.И. | бозори меҳнат - дар таркиби бозор маҷмуи омилҳои истеҳсолот – замин, меҳнат ва сармоя мавқеи асосиро ишғол мекунад, зеро фаъолияти он имкон медиҳад, ки захираҳои моддӣ, молиявӣ, табиӣ ба равандҳои истеҳсолот ҷалб карда шаванд ва бо ҳамин тариқ, таъсири мутақобилаи иқтисодии онҳоро таъмин намояд. |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шуда аст.

Тавре дар ҷадвал нишон дода шудааст, моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии шуғл ва таснифи он дар бозори меҳнати минтақавӣ хеле васеъ аст. Дар доираи таҳқиқоти илмӣ моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии шуғл дар бозори меҳнат, фаъолияти мақсаднок, бошууронаи шаҳрвандон, ки дар доираи қонун амалӣ карда мешавад ва ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шуда, натиҷаи он даромади пешбинишаванда мебошад, фаҳмида мешавад.

Моҳияти иқтисодии шуғл, ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани аҳолии қобили меҳнат ва истифодаи самараноки қувваи корӣ ҳамчун захираи истеҳсолот зоҳир мегардад.

Ба ақидаи баъзе иқтисодчиён, низоми бозор метавонад мустақилона ба таъмини шуғли пурра мусоидат намояд (А. Смит ва принсипи ӯ «дасти ноаён», Ҷ.-Б. Бигӯед, неоконсерваторҳо, аз ҷумла монетаристҳо). Тибқи ақидаи Т. Малтус, К. Маркс ва Ҷ. Кейнс бозор ба ин қодир нест. Т. Малтус калиди назарияи шуғлро дар қонуни аҳолӣ мебинад, ки дар он амалиёти ҷанг, офатҳои табиӣ ва амсоли онҳо ҳамчун танзимкунандаи таъминоти меҳнат баромад мекунад. К. Маркс ҳалли масъалаи бо кор таъмин карданро танҳо дар инқилоби сотсиалистӣ медид [15].

Шуғлро метавон ба таври қонунӣ аз ҷониби муносибатҳои меҳнатии ба вуҷуд омада баррасӣ кард: дар сатҳи микро байни соҳибкор ва корманд, дар сатҳи макро - ҳамчун муносибатҳои узви ҷамъият, шаҳрванд ва давлат, ки зиндагӣ ва таъмини иҷтимоиро кафолат диҳад.

Бояд гуфт, ки гуногунии равандҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар бозори меҳнати муосир ба амал меоянд, боиси ташаккули шаклҳои гуногуни шуғл мегардад. Дар айни замон, аксари олимон шаклҳои гуногуни шуғлро тафсир намуда, дар якҷоягӣ модели шуғлиро ташкил медиҳанд, ки дар бозори меҳнати муосир мавҷуд аст. Ин модел ҳам шаклҳои нави шуғл, ҳам васеъ кардани сарҳадҳои шуғли меҳнат ва ҳам пур кардани

шаклҳои муайяни шуғлро бо мазмуне, ки ба воқеияти имрӯза мувофиқ аст, инъикос менамояд.

Ба ақидаи олими рус В.В. Фролов мавҷудияти шуғли пурмаҳсул факти бебаҳс аст, ба ақидаи ӯ дар иқтисодиёти мамлакат истифодаи ҷинояткоронаи захираҳои меҳнатӣ вуҷуд надорад. «Танҳо дар шароити иқтисодиёти нақшавӣ дараҷаи максималии ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб намудани захираҳои меҳнатӣ ба даст оварда шуд» [21].

Ба фикри мо, шуғли пурмаҳсулро бо мафҳуми ба ном «шуғли умумӣ» омехта кардан мумкин нест, ки дар он бояд тамоми захираҳои мавҷудаи меҳнатӣ ҳатман ба кор андохта шаванд. Дар шароити муосири иқтисоди бозоргонии танзимшаванда, ноил шудан ба шуғли пуррмаҳсул бо осонӣ ба даст намеояд. Аз рӯйи баъзе нишондиҳандаҳо шуғли пурраро фарқ кардан лозим аст. Масалан, шуғли пурмаҳсулро дар сатҳи иқтисодиёти кишвар, шуғли пурра дар сатҳи як корманди алоҳида, яъне шуғли ӯ дар давоми рӯзи корӣ, ҳафта, моҳи корӣ ва ғайра. Дар сатҳи хоҷагии халқ дараҷаи шуғл ба шумораи онҳое, ки дар ҷустуҷӯйи коранд, баробар аст. Яъне, дар бозори меҳнат талабот ба қувваи корӣ ба пешниҳоди он баробар аст [20].

Мафҳуми дигаре, ки бояд муайян карда шавад, “самаранокии шуғл» мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии як коргари алоҳида, сех, участка, шуъба ва умуман корхона вазифаи муҳимми иктисодӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди бозаргонии танзимшаванда, таърифи мафҳуми самаранокии меҳнат дар интихоби самтҳои стратегӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкилоту корхонаҳо дар ба даст овардани фоидаи максималӣ аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Шуғли оқилона ва самаранок вуҷуд дорад, аммо ин мафҳумҳо якхела нестанд. Аммо тафовут аз он иборат аст, ки шуғли оқилона метавонад аз ҷиҳати иҷтимоӣ самаранок бошад. Ин дар сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ ба мақсади беҳтар истифода бурдани аҳолии қобили меҳнат, инчунин рушди иҷтимоию иктисодии ин ё он минтақа равшан дида мешавад. Дар баробари ин, мо зарур мешуморем, ки на танҳо барои одамони синни қобили меҳнат, балки ҷойҳое, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳое, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ ва шахсӣ машғуланд, мусоидат мекунанд.

Дар вақти тасниф намудани шуғли аҳолӣ, шаклҳои ғайристандартии шуғлро, ки шуғли нопурраро дар бар мегирад, ҷудо кардан лозим аст. Шуғл дар реҷаи нопурра фаъолияти меҳнатиро дар муддати муайян камтар аз меъёр, ки барои соатҳои кор ё миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда пардохта мешавад, дар бар мегирад. “Дар таҷрибаи аксари кишварҳо ба шуғли нопурра танҳо кормандоне дохил мешаванд, ки кори доимӣ доранд. Дар шароити рушди илму техника навъҳои гуногуни махсуси меҳнат ва режимҳои меҳнат пайдо шуданд. Масалан, шуғли пурра, вақти тағйирпазири корӣ, кори нопурра, кори хонагӣ, кори сменагӣ, кор аз рӯйи шартномаи кутоҳмуддат, кори мустақилона, дар семестрҳои кори студентони шуъбаи рӯзона. Агар рӯзи кор аз 8 соат иборат бошад ва ҳафтаи кор ба ҳисоби миёна 40 соат бошад ва корманд танҳо нисфӣ ва ё камтар аз нисфи ин вақт кор карда бошад, пас ӯ ба кори нопурра машғул мешавад ва ин кори нопурра мебошад.

Шуғли дуюмдараҷа категорияи одамонеро дар бар мегирад, ки кори дуюмро доранд ва бо паҳншавии кори нопурра, таъхири музди меҳнат ва ё нокифоя будани музди меҳнати асосӣ алоқаманд аст.

Шуғли мавсимиро дар кори мавсимӣ, ки асосан бо коркарди сиклии ашёи хоми хоҷагии қишлоқ дар асоси пурра ё нопурра дар давоми якчанд моҳ алоқаманд аст, дидан мумкин аст. Масалан, кишт ё дарав; корхонаҳое, ки ба банду басти меваи хушк сару кор доранд.

Ин ҷо мо таърифҳои мафҳуми аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва ғайрифаъолро баррасӣ мекунем. «Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, қисми аҳолие, ки пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ дар давраи баррасишаванда таъмин намуда, аҳолии бо шуғли машғул ва бекоронро дар бар мегирад». «Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол онҳое мебошанд, ки дар давраи баррасишаванда бо шуғл ё бекор ба ҳисоб намераванд». Дараҷаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар шумораи умумии аҳолӣ, бо фоиз ифода карда мешавад. Зарурати коргароне, ки ташкилоту корхонаҳо эълон кардаанд, шумораи ҷойҳои холӣ, яъне

шумораи коргарони заруриро дар назар дорад, ки корхонаю ташкилотҳо дар органҳои давлатӣ хабар медиҳанд. Сарбории аҳолии бекор ба як ҷойи холии эълоншуда ҳамчун таносуби шумораи бекороне, ки дар хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, ба шумораи ҷойҳои холии аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳо ба органҳои хизмати давлатии шуғли пешниҳодшуда ҳисоб карда мешавад.

«Ба таври шуғли ғайрирасмӣ ба захираҳои меҳнатии синну соли қобили меҳнат, ки дар ташкилот ё корхонаи муайян расман ба қайд гирифта нашудаанд, мустақилона бо кор таъмин намудани худ ва ё якчанд нафари дигарро, ки маоши устувор надоранд, дохил мекунанд». Истилоҳҳои марбут ба омӯзиши шуғли ғайрирасмӣ мафҳуми «иқтисоди ғайрирасмӣ»-ро низ фаро мегиранд. «Иқтисоди ғайрирасмӣ, ин як бахши иқтисодиёт, соҳаи фаъолияти инсон аст, ки барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст ва танзим бо ёрии меъёрҳои ғайрирасмӣ амалӣ карда мешавад ва ба ММД дохил карда нашудаанд» [13]. Воқеан, иқтисоди ғайрирасмӣ фаъолияти одамонро бо мақсади ба даст овардани фоида дар бар мегирад, ки расман ба расмият дароварда нашудааст ва ба қайд гирифта нашудааст.

Тибқи ақидаи А. Терехова маънои «шуғли ғайрирасмӣ», низоми муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳамоҳангсозии иштироки ғайрирасмӣ дар раванди меҳнат мебошад. Терехова қайд мекунад, ки субъектҳои иқтисодии шуғли ғайрирасмӣ шахсоне мебошанд, ки ба эътирофи меъёру қоидаҳои мушаххас, ки миқёс ва самт, шаклҳо, воситаҳо ва усулҳои фаъолияти меҳнатиро муайян мекунанд, нигаронида шудаанд [19]. Аммо, дар ин ҷо зоҳиран шартеро ба назар гирифтан лозим аст, ки раванди шуғл дар он сурат мегирад. Шуғли ғайрирасмӣ барои ба муносибатҳои бозорӣ шомил шудани аҳолӣ мусоидат мекунад. "Коргарони муқаррарӣ, ки шартномаи меҳнатӣ надоранд, назар ба он, ки расман кор мекунанд, эҳтимолияти интихоби алтернативӣ истифода мебаранд, то ҳадди аксар талаботро ба ҷои кор баҳогузорӣ кунанд".

Омӯзиши ин мушкилот нишон медиҳад, ки шуғли ғайрирасмӣ на танҳо дар кишварҳои рӯ ба рушд ва дар ҳоли рушд мушоҳида мешавад, балки шуғли ғайрирасмӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон низ ба назар мерасад. Масалан, дар кишварҳое чун Фаронса, ИМА, Канада тақрибан 3-5%-и ММД-ро иқтисоди ғайрирасмӣ ташкил медиҳад. Дар Италия мизони шуғли ғайрирасмӣ беш аз 30%-ро ташкил медиҳад. Дар шароити муосири иқтисоди бозоргонии танзимшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давоми ду даҳсолаи охир афзоиши устувори сатҳи шуғли ғайрирасмӣ ба назар мерасад. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ, дараҷаи шуғли ғайрирасмӣ дар ҷумҳурии мо аз сатҳи дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ зиёдтар аст. Л.Х. Саидмуродов ва Р.М. Бобоҷонов қайд мекунанд, ки: «дар Тоҷикистон сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ вуҷуд дорад, ки тақрибан 47,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишонаи равшани фаъолияти ғайриқаноатбахши бозори меҳнат мебошад» [17]. Барои афзоиши шуғли ғайрирасмӣ сабабҳои гуногун дошта метавонанд. Яке аз сабабҳои маъмул, канорагирӣ аз пардохти андозҳо ва кӯшиши канорагирӣ аз тафтиши бюрократӣ мебошад. Сабаби дигар нисбатан пасти даромад дар сектори ғайрирасмӣ, таъхири музди кор ва ғайра мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон нақш ва сохтори шуғли ғайрирасмӣ тағйир ёфтааст. Хусусан дар солҳои охир шуғли ғайрирасмӣ миқдори назаррасро касб карда, ба як соҳаи мустақили бозори меҳнати миллӣ табдил мeёбад.

Ба гуфтаи А.А. Терехова «кишварҳои иқтисоди дар марҳилаи гузариш мавқеи миёнаро ишғол мекунанд, ки дар он миқёси шуғли ғайрирасмӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ тағйир меёбад». Дар асоси таҷрибаи рушди иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ метавон розӣ шуд, ки сатҳи баландтарини рушди шуғли ғайрирасмӣ дар давлатҳои рӯ ба рушдёбандаи ҷаҳон мушоҳида мешавад. Таъсири манфии рушди шуғли ғайрирасмӣ, пеш аз ҳама, дар кам будани даромадҳои расмӣ ба буҷети давлатии кишвар зоҳир мешавад. Падидаи навбатии манфии шуғли ғайрирасмӣ, афзоиши сатҳи нобаробарӣ дар тақсимоти даромад мебошад. Бояд гуфт, ки ҳуқуқҳои меҳнатии коргарони гайрирасмӣ пурра ҳифз карда намешаванд. Ба андешаи мо, дар шароити иқтисоди бозоргонии танзимшаванда, рушди шуғли ғайрирасмӣ ҳамчун системаи муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳамоҳангсозии иштироки ғайрирасмии раванди меҳнат дар асоси меъёру қоидаҳои муштараки шахсони алоҳида тавсиф карда мешавад. Ин робитаи мутақобилаи ҷузъҳои

сохтори «шуғли ғайрирасмӣ» барои ташаккул ва рушди муносибатҳои нав дар иқтисодиёти танзимшавандаи бозор замина фароҳам меорад. Аз ин рӯ, «шуғли ғайрирасмӣ» метавонад ба ворид шудани аҳолӣ ба муносибатҳои бозорӣ мусоидат намояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ истилоҳи "худкорӣ" низ истифода мешавад. Н. Воловская худмашғулиро чунин мефаҳмад: «худмашғулӣ яке аз шаклҳои фаъоли танзими бозори меҳнат аст ва аз ин рӯ, бар хилофи чораҳои пассивӣ (пардохти кумакпулӣ, додани маълумот) онро истифода бурдан мумкин нест". Барои инкишофи он як қатор шартҳои зарурӣ (ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ) лозиманд, ки онҳо дар якҷоягӣ шуури иқтисодӣ ва рафтори одамонро ташкил медиҳанд, ки ба ташкили худидоракунии меҳнат таъсири хеле калон мерасонанд. Ҳамин тариқ, «худмашғулият» «ҷустуҷӯи мустақили шуғл ва таъсиси ҷойҳои корӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ, аз ҳисоби худ бо мақсади ба даст овардани даромади доимӣ ё муваққатӣ мебошад. Дар ин шароит ҷараёни гузаштан аз вазифаи бекорӣ ба мансаби меҳнатӣ бе иштироки бевоситаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ сурат мегирад.

Дар шароите, ки дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон барои ташкили ҷойҳои кори иловагӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ имконият надорад, худмашғулият инкишоф меёбад. Имкониятҳои маҳдуди як қисми аҳолӣ барои дарёфти ҷои кори кироя мардумро водор мекунад, ки мустақилона ҷои кор таъсис диҳанд. Хусусияти характерноки кори худмашғулият аз он иборат аст, ки қисми муайяни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ки аз кор маҳрум шудааст, имконият дорад бо ёрии муассисаҳои шуғли аҳолӣ бо кор таъмин карда шавад. Бо ёрии ин хизматрасониҳо шахс соҳиби ихтисоси нав мегардад. Н.М. Воловская қайд мекунад, ки: «Хизматрасонии шуғли аҳолӣ ба одамон имкон медиҳад, ки буҳронро паси сар кунанд ва дар зиндагӣ ҷои нав пайдо кунанд, дар ҳоле ки на танҳо худ ва оилаи худро аз ҷиҳати молиявӣ таъмин кунанд, балки худро ҳамчун шахс дарк кунанд: на танҳо касби нав, балки бо роҳи ҷалб шудан ба соҳаи нави фаъолият соҳиби мақоми нави иҷтимоӣ мегардад» [3]. Воқеан, хадамоти шуғли аҳолӣ низ ҳам самти иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодиро ба назар гирифта, касбҳои нави серталабро меомӯзонад, ба ин васила имкон медиҳад, ки шахс худашро мустақилона таъмин намояд.

Шуғли мустақил ба ҷустуҷӯи мустақилонаи фаъолияти касбӣ нигаронида шуда, на танҳо худаш, балки якчанд нафарро бо кор таъмин менамояд. Кори мустақилона бо як соҳаи мушаххаси фаъолият маҳдуд намешавад. Таьмини кори мустақилона қариб дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ чӣ дар комплекси агросаноатӣ ва чӣ дар соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеҳсолӣ имконпазир аст. Функсияҳои худидоракунии меҳнатро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст: баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ; истеҳсоли мол ва хизматҳои иловагӣ; сафарбар намудани имкониятҳои молиявию истеҳсолии шаҳрвандон; тавсеаи раванди инноватсионӣ; ташаккули муҳити рақобат; демократикунонии муносибатҳои бозорӣ. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки худмашғулӣ самти афзалиятноки ҳалли проблемаҳои таъмини шуғли аҳолӣ мебошад.

Дигар намуди шуғли аҳлоӣ, шуғли муваққатӣ мебошад, ки он ба кор андохтани захираҳои меҳнатӣ дар муҳлатҳои пешакӣ ё пешакӣ муайяншуда, инчунин, кори маҳдудро дарбар мегирад. «Ин намуди шуғли меҳнат бо иҷрои ҳаҷми муайяни кор, дар асоси пурра ё нопурра дар муҳлати кутоҳ алоқаманд аст.

Дар солҳои охир бо суръати рушди тези технологияҳои иттилоотӣ, намудҳо ва шаклҳои муосири шуғл ба вуҷуд омаданд, ба мисли шуғли фосилавӣ. "Олимони олмонӣ А. Буссинг ва К. Гегендорфер шуғли фосилавиро ҳамчун мафҳуми коллективии фаъолияти меҳнатии аз ҷиҳати иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъминшуда, ки ба таври фосилавӣ аз ҷониби корфармо ташкил карда мешавад, баррасӣ мекунанд".

Ғаниев Т.Б. қайд мекунад, ки «шароити муосири ташаккули захираҳои инсонӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ барои гузаштан аз давраи пасоиндустриалӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ водор мекунад. Ин гузариш ба рушди зеҳнии одамон ва пайдоиши шаклҳои нави шуғл таъсир гузошт" [4].

Технологияҳои инноватсионӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти одамон, аз ҷумла оила, таҳсилот, кор ва муошират таъсири худро гузоштааст. Инқилоб дар низоми технологияи информатсионӣ барои шаклҳои дури кор, таълим ва алоқа заминаи моддӣ ба вуҷуд овард.

Дар натиҷа, дар омилҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама, омили «меҳнат» тағйироти куллӣ ба амал омад. Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот, омилҳои зеҳнӣ, сарвати ғайримоддӣ аҳаммияти хосса дорад. Интернет барои иқтисоди анъанавӣ вазъияти нав эҷод мекунад. Ҳамаи намудҳои бозорҳо, аз ҷумла бозори меҳнат ҳам дигаргун мешаванд. Ба ҳамин тариқ, шаклҳои нави ғайримуқаррарии шуғл аз қабили шуғли фосилавӣ ба миён омадаанд. Дар давлатҳои хориҷа кори пудратии телефонӣ васеъ паҳн шуда, дар мамлакатҳои рушдёбанда биржаҳои электронии меҳнат ташкил карда шуда истодаанд.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ метавонад муҳаррики рушди иқтисодӣ гардад, ки он ҳам як соҳаи муҳимми шуғл мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи хизматрасонӣ бо роҳҳои ҳалли нави шабакавӣ, аз қабили таблиғ ва хариду фурӯши намудҳои гуногуни молҳо дар интернет ғанӣ мегардад. Дар шароити имрӯза технологияи иттилоотӣ ба беҳтар шудани робитаи байни афзоиши ҳосилнокӣ, сармоягузорӣ ва шуғл мусоидат мекунад. Намудҳои нави хизматрасонӣ дар интернет паҳн шудаанд, ки дар бозори меҳнат ҷойҳои кории зиёдеро ба вуҷуд меоранд. Ин навъи шуғл ба ташкилоту корхонаҳо имкон медиҳад, ки ҳам масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳам ташкилиро ҳал кунанд. Кори телефонӣ на танҳо маънои қобилияти кор кардан аз хонаро дорад, балки барои фароҳам овардани муносибати нисбатан чандир ба иҷрои вазифаҳои касбии корманд, сарфаи вақт мусоидат менамояд.

Шакли дигари муосири шуғл, фрилансинг мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки "шахси озод бидуни бастани шартномаи дарозмуддат бо корфармо ба кор ҷалб шуда, танҳо барои иҷрои корҳои муайян ба кор ҷалб карда мешавад". "Фрилансерҳо ҳам соҳибкорони инфиродӣ, ки хизматҳои худро пешниҳод мекунанд ва ҳам кормандони муваққатиро дар бар мегиранд". Дар ин ҳолат, freelancer метавонад ҳамзамон супоришҳои кориро барои якчанд корфармо иҷро кунад. Ин шакли корро одатан кормандони дорои таҷрибаи калон ва тахассуси баланд, масалан, муҳандисон, барномасози компютерӣ, тарҷумонҳо анҷом медиҳанд.

Ҳамин тариқ, шуғл яке аз унсурҳои муҳимми ҳаёти иқтисодии ҷамъият ба шумор рафта, он дараҷаи қонеъ гардонидани эхтиёҷоти меҳнатро тавсиф мекунад. Шуғл на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ буда, он бо эҳтиёҷот, дараҷа ва сифати инкишофи қобилиятҳо, инчунин, бо шароити зиндагонии одам алоқаманд аст.

Боиси қайд аст, ки дар замони муосир дар бозори меҳнати минтақавии мамлакат шуғли фосилавӣ ва фрилансинг низ ба вуҷуд омадааст, ки онҳо барои истифодаи оқилонаи вақти корӣ ва баланд бардоштани таъминоти шуғли аҳолӣ нигаронида шудаанд.

**Муқарриз: н.и.и, дотсенти ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд – Азизова Ш.Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Атлас М.С., Грязнова А.Г., Чечелева Т.В. Экономическая теория национальной экономики и мирового хозяйства. [Электронный ресурс]. URL: http://bookmix.ru/book.phtml?id=343075
2. Быкова Е.В. Формирование и использование трудового потенциала региона в переходной экономике России: дис.. канд. экон. наук. -М., 2000. -С.56.
3. Воловская Н.М. Самостоятельная занятость: проблемы становления и развития в регионе. -Новосибирск, 1998. -188 с.
4. Ганиев Т.Б. Менеджмент. Непрерывное профессионально-электронное образование. 11 том. -Душанбе: Ирфон, 2017. -356 с.
5. Долишний М.И., Брык М.В., Марьенко Б.С. Качество трудового потенциала (социально-экономический аспект). -Киев: Наукова думка, 1986.
6. Ермакова-Сосновская Н.И. Теоретико-методические основы прогнозирования занятости населения в России / Н.И. Ермакова-Сосновская // Экономический вестник Ростовского государственного университета.
7. Кадыров Д.Б. Экономика рынка труда: монография / Д.Б. Кадыров, И.А. Ашмаров, С.Д. Комилов. -Душанбе: Илм, 2010. -479 с.
8. Козлова О.А. Занятость населения индустриального региона: проблемы теории и практики регулирования. -Екатеринбург: Институт экономики УрО РАН, 2008. -224 с.
9. Котляр А.Э. Понятие и виды занятости. [Электронный ресурс]. URL: http://txtb.ru/131/6.htm
10. Кривонос Ю.Е. Экономическая теория. Конспект лекций / Ю.Е. Кривонос. -Таганрог: ТТИ ЮФУ, 2009.
11. Макконелл К.Р., Брю С.Л. Экномика: принципы, проблемы и политика. В II том. Пер. с англ.
12. Мирзоева Ф.М. Совершенствование организационно-экономического механизма регулирования занятости населения в регионе: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Ф.М. Мирзоева. -Нальчик, 2003. -169 с.

13. Основы формирования и функционирования рынка труда в Республике Таджикистан. Коллективная монография / Под редакцией С.Дж. Комилова. –Душанбе: Шуджоиён, 2010. -С.72.
14. Платонов О.А. Повышение качества трудовой жизни: опыт США / О.А. Платонов. -М.: Культурно-производственный центр «РАДА», 2012. -С.86-89.
15. Покидченко М.Г. История экономических учений / М.Г. Покидченко, И.Г. Чаплыгина. -М.: Инфра-М., 2008. -271 с.
16. Саидмурадов Л.Х. Консультанты ПРООН. Таджикистан-занятость в контексте человеческого развития / Л.Х. Саидмурадов, Р.М. Бабаджанов. –Душанбе: Азия плюс, 11.04.2016.
17. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. - 1997. -Кн. первая. -С.56.
18. Стратегияи милли Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе: ҶДММ “Крнтраст”, 2016. -77 с.
19. Терехова А.А. Неформальная занятость на российском рынке труда / А.А. Терехова. -Кострома, 2007. -С.32.
20. Трудовой кодекс Республики Таджикистан 15 мая 1997, №417 (в новой редакции 22.07.2013, №981).
21. Фролов В. Занятость: новые подходы и формы регулирования / В. Фролов // Экономические науки. – 1991. -№9. -С.47-53.
22. Чудинов Д.В. Системы управления трудовым потенциалом / Д.В. Чудинов. -Пермь: СХИ, 1990. -43 с.; 2008. -№1(6). -С.122-124. -2-е изд. -Т-1. -М.: Республика, 1992. -С.158.
23. Шишкин А.Ф. Экономическая теория: учебник для вузов. [Электронный ресурс]. URL: /modernlib.ru/ books/ a_f_shishkin /ekonomicheskaya_teoriya_uchebnik_dlya_vuzov_tom_1/read_1

## МОҲИЯТ ВА ТАСНИФОТИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи моҳияти иҷтимоию иқтисодии шуғли аҳолӣ, ақидаҳои олимони мактаби классикӣ, мактаби иқтисодии кейнсӣ, назарияҳои муосири олимони рус ва ватанӣ оиди шуғли аҳолӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, намудҳои асосии шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати минтақавӣ бо пуррагӣ дар мақола инъикос гардидааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки тибқи назарияи мактаби классикӣ, низоми бозор метавонад мустақилона ба таъмини шуғли пурра мусоидат намояд. Дар мақолаи мазкур инчунин, шаклҳои муосири шуғли аҳолӣ, сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани онҳо, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ ва таърифи онҳо аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ назарсанҷӣ гардидааст. Яке аз чунин намуд, ин шуғли ғайрирасмӣ мебошад, ки барои ба муносибатҳои бозорӣ шомил шудани аҳолӣ мусоидат карда, дар он коргарон эҳтимолияти интихоби алтернативӣ доранд. Чунин намуд шуғл дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон низ ба назар мерасад. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки масъалаи шаклҳои нави ғайримуқаррарии шуғл аз қабили шуғли фосилавӣ ва фрилансинг низ дар мақолаи мазкур таҳлил гардидааст. Ин навъҳои шуғл ба корманд имконият медиҳад, ки тариқи телефон ё шабакаи интернет аз хона фаъолият барад. Чунин навъҳои шуғл барои фароҳам овардани муносибати нисбатан чандир ба иҷрои вазифаҳои касбии корманд ва инчунин, барои сарфаи вақт мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** шуғли аҳолӣ, шуғли пурмаҳсул, шуғли фосилавӣ, фрилансинг, захираҳои меҳнатӣ, корманд, бозори меҳнат, самаранокии меҳнат.

## СУЩНОСТЬ И КЛАССИФИКАЦИЯ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ НА РЕГИОНАЛЬНОМ РЫНКЕ ТРУДА

В данной статье рассматривается вопрос социально-экономической значимости занятости населения, мнения ученых классической школы, кейнсианской экономической школы, современных теорий российских и отечественных ученых о занятости населения. Также основные виды занятости на региональном рынке труда в полной мере отражены в статье. Анализ показал, что согласно теории классической школы, рыночная система может самостоятельно способствовать обеспечению полной занятости. В данной статье также исследуются современные формы занятости населения, основные причины их возникновения, положительные и отрицательные стороны и их определение отечественными и зарубежными учеными. Одним из таких типов является неформальная занятость, которая способствует вовлечению населения в рыночные отношения, в которых работники с большей вероятностью будут иметь альтернативный выбор. Такой вид занятости наблюдается и в экономически развитых странах мира. Следует также отметить, что в данной статье были проанализированы вопросы новых форм неполной занятости, такие как удаленная занятость и фриланс. Эти виды занятости позволяют работнику работать из дома по телефону или через интернет. Такие виды занятости способствуют созданию более гибкого подхода к выполнению профессиональных обязанностей работника, а также экономии времени.

**Ключевые слова:** занятость населения, занятость, дистанционная занятость, фриланс, трудовые ресурсы, работник, рынок труда, эффективность труда.

## THE ESSENCE AND CLASSIFICATION OF EMPLOYMENT IN THE REGIONAL LABOR MARKET

This article examines the issue of the socio-economic importance of employment, the opinions of scientists of the classical school, the Keynesian school of economics, modern theories of Russian and domestic scientists on employment. Also, the main types of employment in the regional labor market are fully reflected in the article. The analysis showed that according to the theory of the classical school, the market system can independently contribute to full employment. This article also examines modern forms of employment of the population, the main causes of their occurrence, positive and negative sides and their definitions by domestic and foreign scientists. One of these types is informal employment, which promotes the involvement of the population in market relations, in which workers are more likely to have an alternative

choice. This type of employment is also observed in economically developed countries of the world. It should also be noted that this article has analyzed the issue of new forms of part-time employment, such as remote employment and freelancing. These types of employment allow an employee to work from home by phone or via the Internet. Such types of employment contribute to the creation of a more flexible approach to fulfilling the professional duties of an employee, as well as saving time.

**Keywords:** employment of the population, employment, remote employment, freelancing, labor resources, employee, labor market, labor efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И. Сомонӣ, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мухитдинова Шоирахон Саидюсуфовна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой мировой экономики. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И. Сомон, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

**Information about the author:** ***Mukhitdinova Shoirakhon Saidyusufovna*** - Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, I. Somon Avenue, 169. E-mail: **shoira_77@rambler.ru**

УДК: 656.078

# СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПЛАНИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*Амонуллоев И.А., Раджабов Э.Д.*
**Таджикский технический университет им. М.Осими,**
**Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

В современном мире стратегическое планирование является самым эффективным способом минимизировать ошибки в будущем. Темп изменений общественной жизни настолько интенсивен, что без стратегического планирования прогнозирование будущих изменений невозможен. Процесс стратегического планирования включает в себя определение миссии и целей предприятия, пути достижения этих целей и эффективное распределение имеющихся ресурсов для реализации стратегических планов. Стратегическое планирование обеспечивает принятие обоснованных управленческих решений на длительный срок и способствует минимизации рисков и расходов. Стратегическое планирование является комплексным и системным подходом, к решению многих задач, которые решаются предприятием в перспективном будущем [9,с.56].

Географическое расположение и рельеф местности Республики Таджикистан, особенности её исторического развития, влияние текущих социальных, экономических, политических и прочих факторов во многом определяют повышенную значимость для экономики страны, задачи её вовлечения в международные экономические потоки или реализации транзитного потенциала государства в стратегическом будущем [1,с.7].

Стратегическое планирование дает преимущество в определении направлений и приоритетов развития, в согласовании усилий для достижения целей, в адаптации предприятия к изменяющимся условиям, в эффективном распределении ресурсов и повышает эффективность принятия решений. Не смотря на такие явные преимущества, стратегическое планирование имеет ряд недостатков, среди которых можно перечислить: большие затраты времени; дополнительные финансовые затраты; излишне жесткие планы; сопротивление долгосрочным изменениям; чрезмерно большой к восприятию объем информации; неопределенность, влияние непредвиденных факторов; сложность в реализации задач; отсутствие подотчетности; чрезмерный акцент на процессе. Поэтому в процессе стратегического планирования необходимо учитывать перечисленные недостатки и смягчит их отрицательное влияние на результат.

Практическое применение стратегического планирования в транспортной отрасли и в автотранспортных предприятиях, имеет свои специфические особенности. В разработке транспортной стратегии особо важно учитывать энергетическую, сырьевую и инновационную составляющую. В инновационном направлении необходимо учитывать научно-исследовательские и опытно-конструкторские разработки (НИОКР) в области транспорта. В этом направлении формируются предпосылки инновационного развития в транспорте, повышения конкурентоспособности предприятий и повышения качества жизни населения [4,с.19].

В стратегическом развитии автомобильного транспорта можно выделить два варианта развития [6,с.34]:

1. Базовый;
2. Оптимистический.

Первый вариант подразумевает сохранения консервативной динамики совершенствования отрасли автомобильного транспорта, которая может привести: к снижению экономической эффективности автоперевозок; перегруженности автодорог; высокому уровню рисков в транспортной безопасности; неравных условий конкуренции; к снижение эффективности использования подвижного состава.

Второй вариант предполагает инновационное развитие, предполагает рост объема перевозок; введение новых систем стандартов качества; внедрение современных инструментов

управления дорожным движением; формирование и развитие транспортно-логистических систем.

Как уже было отмечено, при использовании стратегического планирования автотранспортное предприятие может вовремя реагировать на изменения на рынке транспортных услуг и принят необходимые управленческие решения с целю адаптации к этим изменениям. Также принятая стратегия будет направлена на реализацию стратегических целей и повышение эффективности функционирования предприятия. В разработке стратегического плана развития автотранспорта можно выделить следующие этапы (рис. 1):

**Рис. 1. Цикл составления стратегического плана на автотранспортных предприятиях**
**Rice. 1. The cycle of drawing up a strategic plan at motor transport enterprises**




Процесс формирования стратегического плана автотранспортного предприятия, должен быть основан на анализе внешних и внутренних факторов, имеющихся ресурсах и на определении потенциалов и рисков, которая в итоге будет способствовать повышению качества предоставляемых услуг и увеличению прибыли [10,с.87].

Для анализа внешних факторов следует учитывать такие важные сферы, как макроэкономика (состояние экономики, ВВП и ВНП, темпы инфляции, занятость и безработица), политика и право (законы и нормативные акты, фискальная политика государства, инвестиционный климат, поддержка предпринимательства), развития технологий (развитие науки, научные разработки, современные технологии производства), социальна - духовная составляющая общества (оценка спроса, тенденции развития общества, уровень образования, демографические и социальные факторы) и другие.

Анализ внутренних факторов в основном затрагивает вопросы касающиеся реального состояния автотранспортного предприятия и отрасли в целом. Если конкретизировать, к внутренним факторам можно отнести масштаб транспортной отрасли, качество и конкурентоспособность предоставляемых услуг, тарифную политику, основные и оборотные фонды автотранспортного предприятия, уровень доходов и расходов, оценка финансового состояния и показатели эффективности работы.

Необходимо подчеркнут, что учет внешних факторов в стратегическом планировании деятельности транспортных предприятий является весьма сложной и требует непосредственного участия государства. В этом направлении правительством Республики Таджикистан предпринимаются шаги на пути становления транспортной отрасли как локомотива развития всех отраслей национальной экономики. Примером тому может послужить национальная стратегия развития Республики Таджикистан, в которой для достижения высшей цели долгосрочного развития Таджикистана одним из важных направлений является выход из коммуникационного тупика и превращение страны в транзитную страну [7,с.15].

На основе национальной стратегии развития Республики Таджикистан разработаны государственные программы, которые направлены на долгосрочное стратегическое

планирование транспортного комплекса, в которых также раскрыты проблемы автотранспортных предприятий и описаны прогнозируемые результаты транспортной отрасли от реализации данных программ. Кроме того, отмечаются важные проблемы автотранспортных предприятий, которые проявляются в рынке автотранспортных услуг, такие как материально-ресурсное обеспечение, уровень предоставляемых услуг, низкий уровень рентабельности (в некоторых случаях ее отсутствие), слабое использование современных информационных и навигационных технологий.

Перечисленные выше проблемы требуют поэтапного и пошагового решения, которое представляется возможным с использованием стратегических планов с учетом внешних и внутренних факторов. Основные составляющие стратегии развития автомобильного транспорта можно представит в виде следующего рисунка 2 [4,с.22].

Целесообразность и необходимость использования стратегического подхода в планировании, также можно обосновать статистическими данными и текущим положением автотранспортной отрасли Республики Таджикистан. К концу 2023 года в Республике Таджикистан действовали 227 автотранспортных предприятий, которые занимались грузовыми и пассажирскими перевозками. Из общего количества автотранспортных предприятий 83 предоставляли пассажироперевозки, 78 грузоперевозки и 66 занимались смешанными перевозками. На рынке автотранспортных услуг в Республике Таджикистан действуют также 4 зарубежных компаний, доля которых из общего числа составляет 1,76% [3,с.282].

**Рис. 2. Стратегии развития автомобильного транспорта**
**Rice. 2. Strategies for the development of road transport**

| | |
|---|---|
| ТИПИ СТРАТЕГИЙ | •Правовая; экономическая; технологическая; обеспечение безопасности; экологическая; управленческая; кадровая |
| МИССИЯ | •Предоставление качественных автотранспортных услуг населению; безопасная и своевременная доставка грузов |
| ЦЕЛИ | •Удовлетворение потребностей инновационного, социально-ориентированного развития экономики в конкурентоспособных, качественных и безопасных транспортных услугах. |
| ЗАДАЧИ | •Задачи направлены на обеспечение доступности и качества услуг; повышение уровня безопасности; формирование интегрированной технологической и информационной среды функционирования автотранспорта; развитие кадрового потенциала. |
| ИНДИКАТОРЫ | •18 индикаторов, основными из которых являются: протяженность дорог; пропускаемость дорог; средний возраст автопарка |
| КОНЦЕПЦИЯ | •Дальнейшее снижение экономической эффективности перевозок; рост перегруженности дорог; высокий уровень рисков. Рост объемов перевозок; создание мультимодальных транспортно-логистических комплексов; внедрение эффективных инструментов управления и организации дорожным движением. |
| ОЖИДАЕМЫЕ РЕЗУЛЬТАТЫ | •Улучшение показателей качества, доступности и безопасности транспортных услуг для населения; более полная реализация транзитного потенциала; удовлетворение потребностей экономики и общества в качественных и конкурентоспособных услугах автотранспорта |

По данным Министерства транспорта Республики Таджикистан за последнее годы сильно возросло количество автомобильных средств. Например, если в конце 2014 года насчитывалось 38939 транспортных средств, к началу 2023 года этот показатель превышал 601136 единиц. На начало 2023 года в республике был зарегистрировано 524045 единиц легковых транспортных средств, 51781 грузовых, 16491 пассажирских и 4419 прицепов и полуприцепов. Такой темп увеличения автотранспортных средств естественно требует параллельного развития транспортной инфраструктуры [2,с.114].

Для наглядности в таблице 1 приведены статистические данные показателей работы транспорта в Республике Таджикистан за 2018-2023гг.

**Таблица 1. Динамика изменения показателей работы транспорта в Республике Таджикистан за 2018-2023гг.**

**Table 1. Dynamics of changes in transport performance indicators in the Republic of Tajikistan for 2018-2023**

| **Показатели** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023*** **(за первое полугодие)** | **2022 к 2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Перевозка пассажиров различными видами транспорта, млн.пасс.* | | | | | | | |
2. Воситаҳои ғайриҳуқуқӣ: лексияҳо ва суҳбатҳо дар мавзуи ҳуқуқӣ; чопи мақолаҳо оид ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо; барномаҳои гуногун дар мавзуи ҳуқуқӣ дар телевизион ва радио; наворҳои телевизионӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқӣ; маколаҳо, воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии ҳуқуқӣ ва ғайра.

Механизми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

1. Тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, равонӣ, педагогӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, молиявӣ, моддӣ, техникӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар.

2. Самтҳои фаъолияти ҳуқуқӣ: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалисозии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ.

3. Санадҳои амалисозӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ: шартномаҳо, ариза, муроҷиат ба мақомоти давлатӣ, санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, хизмати алоқа, нақлиётӣ, санадҳои тафсири илмӣ-оммавӣ, тафсири махсуси ҳуқуқӣ ва дигар.

4. Стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки афзалиятҳо, мақсадҳо ва дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

5. Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

6. Муассисаҳои таҳсилотӣ, ки омӯзиши фанҳои хуқуқиро пешбинӣ мекунанд, ё таҳсили махсуси касбии ҳуқуқиро ба роҳ мемонанд.

7. Ташвиқи ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, лексияҳо, адабиёти хуқуқӣ, барномаҳои телевизионӣ ва ғайра.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар фазои умумии таҳсилотӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ, илмӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад ҳуҷҷатҳои намунавии ИДМ (консепсияҳо, қонунҳо, кодексҳои намунавӣ) қабул мешаванд. Чунончи, дар Қонуни намунавӣ «Дар бораи таҳсил», ки бо Қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 3 апрели соли 1999 қабул шудааст [22], ғояи ҷудонопазирии тарбия ва таҳсил ифода ёфта, таҳсилот ҳамчун раванди таълиму тарбия бо мақсади ҳимоя, такмил ва интиқоли донишу фарҳанг ба наслҳои нав, таъмини устувории ҳаёти ҷомеа, рушди иқтисодӣ ва маънавии кишвар, такомули мунтазами ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии шахс шарҳ дода мешавад.

Дар банди 11 Қонуни намунавӣ «Дар бораи таҳсил» мафҳуми «сиёсати таҳсилотӣ» ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеа оид ба рушди низоми таҳсилот шарҳ дода мешавад. Сиёсати таҳсилотӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

– ғояи асосии таҳсилот (ё фалсафаи таҳсилот);
– қонунгузории соҳаи таҳсил ва ташаббусҳои қонунгузорӣ;
– фаъолияти ҳамарӯзаи ташкилӣ ва идоракунии соҳаи таҳсил.

Дар банди 12 Қонуни намунавӣ «Дар бораи таҳсил» мафҳуми «сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсил» чунин шарҳ дода мешавад: «фаъолияти пешбаранда ва танзимкунандаи давлат дар соҳаи таҳсил, ки бо мақсади истифодаи самараноки имкониятҳои таҳсил барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайяни стратегӣ ва ҳалли вазифаҳои муайяни дорои аҳаммияти умумидавлатӣ ё глобалӣ ба роҳ монда мешавад» [22].

Дар Кодекси намунавии таҳсилотӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ (Қисми умумӣ) аз 16 ноябри соли 2006 ғояи ҷудонашаванда будани тарбия ва таҳсил ифода гардида, таҳсилот ҳамчун раванди таълиму тарбия бо мақсади ҳимоя, такмил ва интиқоли донишу фарҳанг ба наслҳои нав, таъмини устувории ҳаёти ҷомеа, рушди иқтисодӣ ва маънавии кишвар, такомули мунтазами ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии шахс шарҳ дода шудааст [23].

Дар моддаи 38 Кодекси намунавии таҳсилотӣ мафҳуми «муассисаи таҳсилотӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «муассисаи давлатӣ ё маҳаллӣ, ки фаъолияти таҳсилотиро ба роҳ мемонад, яъне як ё якчанд барномаи таълимиро амалӣ мекунад ва тарбияи тарбияшавандагонро таъмин мекунад» [23]. Тавре мушоҳида мешавад, дар моддаи мазкур ягонагии функсияи муассисаи таҳсилотӣ дар соҳаи таълиму тарбия ба инобат гирифта мешавад.

Дар Конуни намунавӣ «Дар бораи тарбияи кӯдакон ва ҷавонон», ки аз тарафи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ 14 майи соли 2009 қабул шудааст

[21], мафҳуми «таҳсил» ҳамчун «раванди тарбия ва таълим ба манфиати шахс, ҷомеа, давлат» шарҳ дода мешавад. Мафҳуми «тарбия» чунин шарҳ дода мешавад: «ҷараёни мунтазами ташаккул ва рушди шахс мутобиқи меъёрҳои дар давлати аъзои ИДМ қабулшуда ва бо мақсади тарбияи шахс барои иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ». Дар моддаи 2-и Қонуни намунавӣ таъкид мешавад, ки раванди тарбия бо қонунгузории таҳсилотӣ танзим мешавад.

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Бо ин мақсад Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1995 қабул шудааст [14].

Дар моддаи 27 Конвенсия ҳуқуқи ҳар кас ба таҳсил, ҳамчунин, ҳуқуқи падару модар ба таълиму таҳсили фарзандонашон тибқи анъанаҳои миллӣ кафолат дода мешавад.

Дар моддаи 28 Конвенсия кафолатҳои ҳуқуқ ба «таълими касбӣ» мустаҳкам карда шудаанд. Ҳуқуқи мазкур таълими касбӣ ё техникиро дар назар дошта, ба ҳар кас, аз он ҷумла маъюбон, тавассути кафолатҳо, ба мисли ташкили заминаи таълимӣ барои коргарон, таъсиси марказҳои такмили ихтисоси коргарон, таълими самараноки коргарони ҷавон амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо иштироки давлат, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти ҷамъиятии худидора, оила, мактаб, муассисаҳои таҳсилотӣ, падару модар, доираи васеи шаҳрвандон амалӣ карда мешавад.

Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мақсади асосии сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо истифодаи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, тарбиявӣ, методӣ, моддӣ-техникӣ, молиявӣ, равонӣ, педагогӣ амалӣ мешавад. Тадбирҳои зикршуда муташаккилона, дар алоқамандӣ, ҳамчун унсурҳои низоми ягонаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушди соҳаи таҳсилу тарбия, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавии давлат муайян карда мешаванд, инчунин, бо қонунгузорӣ танзим мешавад. Дар танзими сиёсати мазкур анъанаҳои миллӣ, ки таърихан дар соҳаи таълиму тарбия ташаккул ёфта, аз насл ба насл мегузаранд, нақши муҳим доранд.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ унсури низоми умумии таълиму тарбия буда, бо намудҳои дигари таълиму тарбия (томактабӣ, мактабӣ, педагогӣ, равонӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ, меҳнатӣ ва ғ.) робитаи устувор дорад. Ҳамаи намудҳои таълиму тарбия якҷоя, дар алоқамандӣ, бо дарназардошти робитаи ҳамдигарӣ истифода мешаванд.

Низоми ягона ва муташаккилонаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти омилҳои зерин ташаккул меёбад:

а) алоқамандии ҳамаи меъёрҳои иҷтимоӣ (алоқӣ, сиёсӣ, оилавӣ, ҳуқуқӣ ва ғ.), ки дар раванди таълиму тарбия истифода мешаванд;

б) истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва фарҳангӣ дар раванди таълими умумии ҳуқуқӣ ва таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ;

в) танзими фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон бо арзишҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ахлоқӣ-маънавӣ, ки дар қонунгузорӣ (дар соҳаи хизмати давлатӣ, хизмати ҳарбӣ ва ғайра) ва кодексҳои одоб (дар фаъолияти кормандони суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ифода ёфтаанд;

г) нуфузи принсипҳои ҳуқуқӣ-ахлоқӣ (адолат, поквиҷдонӣ, одоби хизмати давлатӣ ва ғайра) ҳамчун асоси ҳуқуқии (ногузири) татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Кодекси маданӣ, Кодекси оила, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар);

ғ) истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои тафсирӣ, фактҳои ҳуқуқӣ ва ғ.) ва воситаҳои ғайриҳуқуқии иттилоотӣ, арзишӣ, тарбиявӣ (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои иттилоотӣ, асарҳои бадеӣ, илмӣ, оммавӣ, наворҳои телевизионӣ, ҳамоишҳои илмӣ, чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва ғайра) дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ.

Илова бар ин, дар шароити бухрони арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, ки як қатор кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии муташаккилона дар соҳаи таълиму тарбия бо истифодаи имкониятҳои тарбияи ахлоқӣ, педагогӣ, равонӣ ва дигар, аз он ҷумла анъанаҳои миллӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Доир ба алоқамандии меъёрҳои танзими иҷтимоӣ, саҳми тарбияи ҳуқуқӣ дар инкишофи муносибатҳои ахлоқӣ, анъанаҳои фарҳангӣ олимони зиёд ибрози ақида намудаанд [6,с.60; 19,с.224; 25,с.77; 29,с.104].

Ба самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ равандҳои нави ҷомеаи ҷаҳон, ба мисли инкишофи тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ, ихтилофоти фарҳангу тамаддунҳо, ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавии неолибералӣ, ултралибералӣ таъсир мерасонанд. Ҳамчунин, тағйироти куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳои бозорӣ ба инкишофи низоми таълиму тарбия таъсир мерасонанд. Дар ин бора муҳаққиқон ибрози ақида намудаанд [41,с.4].

Ислоҳоти низоми сиёсӣ, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ тарҳрезии консепсияи нави сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ талаб мекунад. Консепсияи мазкур заминаҳои илмӣ-методологии сиёсати ҳуқуқиро дар робита бо ислоҳоти ҷомеа муайян мекунад.

Таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ ва дигар) самтҳо ва мақсадҳои нави сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Сиёсати мазкур дар ҳолати инкишоф қарор дошта, мунтазам ба шароити нав мутобиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, равандҳои нави ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ зарурати баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, рушди маърифати ҳуқуқии аҳолиро тавассути тадбирҳои муташаккилонаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, такмили раванди таълиму тарбия, тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси баландихтисос, паҳн намудани дониши нави ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ талаб мекунанд.

Ба зарурати такмили раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар шароити тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа олимони зиёд таъкид намудаанд [3,с.123; 9,с.3-4; 13,с.18; 26,с.485-486; 33,с.497; 35,с.17-18]. Аз ҷумла ислоҳоти соҳаи маориф ба ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ҳамаи унсурҳои «шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ дар мактабҳои олӣ, васеъ шудани номгӯйи ихтисосҳо, ки хусусиятҳои самтҳои гуногуни фаъолияти касбии ҳуқуқиро муайян мекунанд, тағйир меёбанд» [48].

Тарзу воситаҳо, усулҳо, шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ др робита бо инкишофи низоми таҳсилот ва тарбия такмил меёбанд, дар доираи технологияҳои нави таълиму тарбия, аз ҷумла воситаҳои электронии таълиму тарбия, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ истифода мешаванд.

Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мақсади стратегии сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Мақсади мазкур ба стратегияи эъмори давлати ҳуқуқбунёд тобеъ аст. Аксарияти муҳққиқон баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро заминаи ташаккулу инкишофи давлати ҳуқуқбунёд мешуморанд [11,с.14; 20,с.497; 32,с.409].

Айни замон гуногунии назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд, назарияҳои ҳуқуқ, ақидаҳо оид ба мафҳуми шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Барои ҳамин ҳолати мазкур зимни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Ба таҳқиқи асоси илмии сиёсати ҳуқуқӣ олимони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд [6; 8; 16; 17; 34; 36]. Асоси илмии сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ методологияи дарки воқеияти ҳуқуқӣ, дониши илмӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва таклифҳои илмӣ оид ба такмили фаъолияти тарбиявӣ ва таълимии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Айни замон асоси илмии сиёсати мазкур дар робита бо хусусиятҳои раванди таълиму тарбияи

ҳуқуқӣ такмил меёбад. Хусусиятҳои мазкур дар заминаи робитаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз он ҷумла назарияи илмии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бо илмҳои фалсафа, педагогика, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра муайян карда шуда, дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар доираи мақсадҳои стратегии давлати Тоҷикистон, афзалиятҳо ва вазифаҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешавад. Ба иҷрои ин вазифа ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсиву ҳуқуқии зерин мусоидат мекунанд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаҳои давлатии рушди маориф, омӯзиш ва таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, Консепсияи сиёсати давлатии кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони болаёқат», Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва ғ.

Маърифати ҳуқуқӣ дар раванди тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, ки нисбат ба доираҳои гуногуни аҳолӣ, вобаста ба намуди муассисаҳои таҳсилотӣ, шаклҳои таҳсил ба роҳ монда мешавад, ташаккул меёбад. Аз ин хотир, раванди таҳсилу тарбияи ҳуқуқӣ, ки дар робита бо хусусиятҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба роҳ монда мешавад, ба ташаккули маърифати ҳуқуқии доираҳои гуногуни ҳуқуқшиносони касбӣ (кормандони суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ ва ғайра) таъсир мегузорад [47; 49; 50; 51].

Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин пешниҳод шаванд.

1. Маърифати ҳуқуқии аҳолӣ натиҷаи фаъолияти муташаккилона, максаднок, мунтазами мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ мебошад.

2. Фаъолияти мазкур дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки ба баланд шудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

3. Эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла риоя ва иҷрои қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, татбиқи санадҳои амалисозӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ (шартномаҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва дигар), риояи муқаррароти меъёрии ҳаётан муҳим, ки заминаи ҳаёту саломатӣ ва амнияти шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат мебошанд, ба мисли қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, қоидаҳои санитарӣ, эпидемиявӣ, бехатарии биологӣ ва радиатсионӣ, қоидаҳои бехатарии меҳнат ва ғайра аз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии бевосита дорад.

4. Фаъолияти муташаккилонаи давлат ва ҷомеа дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мунтазам такмил меёбад. Зарурати такмили доимии фаъолияти мазкур бо он муайян мегардад, ки дар баробари инкишофи ҳаёти ҷомеа тарзу усулҳо ва шаклҳои нави таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Чунончи, дар ҷомеаи иттилоотӣ фаъолияти тарбиявӣ ва таълимӣ бештар бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад. Дар давраи рақамигардонии ҷомеа бошад, технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар фаъолияти тарбиявӣ ва таълимӣ истифода мешаванд.

5. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамӣ дар фаъолияти муташаккилонаи давлат ва ҷомеа дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бояд васеъ ва самаранок истифода шаванд. Истифодаи нокифояи технологияҳои иттилоотӣ муқовимати ҷомеаро ба таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ халалдор мекунад. Дар ҳаёти имрӯза технологияҳои иттилоотӣ бо мақсадҳои гуногун, аз он ҷумла бо мақсади таъсиррасонии мақсаднок ва ғаразноки мафкуравӣ ва равонии хориҷӣ ба шуур ва

фаъолияти ҳамарӯзаи шаҳрвандон дар кишварҳои муайян истифода мешаванд. Даҳсолаҳои охир технологияҳои иттилоотӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон бо мақсади тағйир додани сохтори конститутсионӣ, табоддулоти давлатӣ, барангехтани низои ҷангӣ, халалдор намудани ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон, аз он ҷумла бо мақсади содир намудани амалҳои террористӣ (кибер терроризм) истифода шудаанд. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо мақсади таъсиррасонии ғаразноки мафкуравӣ ва равонӣ ба шуур ва рафтори наврасону ҷавонон истифода мешаванд. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ яке аз воситаҳои маъмулии паҳн намудани меъёрҳои рафтору зиндагӣ ва арзишҳои ахлоқию маънавии ба мо бегона маҳсуб мешаванд. Аз ҷумла, тибқи банди 17 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет тарғиб карда мешаванд [43].

Дар ҳаёти имрӯза маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти ҳаётан муҳимми анъанаҳои миллӣ, аз он ҷумла дар соҳаи таълиму тарбияи фарзанд, никоҳ, оиладорӣ, муносибати байни фарзандон ва волидайн ва ғайра ташаккул меёбад. Фаъолияти муташаккилонаи давлат ва ҷомеа дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ бояд ба роҳ монда шавад.

6. Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон заминаи муқовимати аҳолӣ ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм ва намудҳои дигари ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ мебошад. Аз ҷумла баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия яке аз мақсадҳои қабули Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба коррупсия аз ҷумлаи роҳҳои татбиқи ҳуҷҷати мазкур маҳсуб мешавад [42].

Тибқи банди 18 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, сатҳи ҳанӯз ҳам нокифояи самаранокии чорабиниҳои пешгирию маърифатӣ, пурра истифода нагардидани зарфиятҳои низоми маориф ва сохторҳои давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон вобаста ба тарбияи сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, пешгирии тундгароӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба паҳншавии экстремизм, шомилшавии афроди алоҳида ба гурӯҳҳои тундрав ва аз ҷониби онҳо содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта мусоидат мекунанд ё метавонанд дар оянда мусоидат намоянд [43]. Аз ин хотир ҷалби фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ба иқдомот доир ба пешгирии экстремизм, фаъолтар намудани чорабиниҳои фарҳангию равшаннамоӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммаи электронию чопӣ, мусоидат ба воситаҳои ахбори омма дар ташаккули ҷаҳонбинии муосир, баланд бардоштани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва пешбурди ташвиқоти зиддиэкстремистӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм мебошанд [43].

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаи ҳаётан муҳимми давлат ва ҷомеа буда, таълим ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ба ташаккулу баланд шудани сатҳи маърифати ҳуқуқии умумии аҳолӣ, аз он ҷумла маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, зиддиэкстремистӣ, зиддитеррористӣ мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Александров В.А. Формирование законопослушного гражданина – приоритетное направление правовой политики современной России / В.А. Александров // Правоведение. – 1998. -№1. -С.37-41.
2. Андреев А.Л. Общество, образование, культура: социологические очерки / А.Л. Андреев. -М.: Изд-во МЭИ, 2004. -148 с.
3. Вопленко Н.Н. Очерки общей теории права. Монография / Н.Н. Вопленко. -Волгоград, 2009. -898 с.
4. Востриков М.В. Развитие органической системы: условия, предпосылки, результат / М.В. Востриков // Развитие общественных отношений социализма как целостности. -Ростов-на-Дону, 1989. -С.61-64.
5. Гершунский Б.С. Философия образования: учебное пособие / Б.С. Гершунский. -М.: Флинта, 1998. -427 с.

6. Гуляихин В.Н. Правовое воспитание человека как процесс формирования ценностно-смыслового компонента правосознания / В.Н. Гуляихин // Вопросы права и политики. – 2014. -№8. -С.60-69.
7. Джанибекова Н.А. Место правового воспитания в формировании правосознания молодежи / Н.А. Джанибекова, Ш.А. Зарипов // Молодой ученый. – 2013. -№7. -С.272-274.
8. Долгов А.И. Эффективность правового воспитания и проблемы ее оценки / А.И. Долгов // Вопросы борьбы с преступностью. -М., 1978. -Выпуск 28. -С.50-54.
9. Долгополов О.А. Организация правового воспитания в современной России: дис. … канд. юрид. наук; специальность 12.00.11/ Олег Анатольевич Долгополов. -Рязань, 2004. -229 с.
10. Ермакова Е.И. Правовое воспитание студентов колледжа в процессе профессионального образования: дис. … канд. пед. наук; специальность 13.00.08. / Елена Ивановна Ермакова;– М., 2007. -208 с.
11. Зубова Я.В. Правовое образование в развитии правовой культуры формирующегося гражданского общества в современной России: дис. … докт. социол. наук / Я.В. Зубова. -Майкоп, 2010. -373 с.
12. Ильин И.А. О сущности правосознания / И.А. Ильин. -М., 1994. -235 с.
13. Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис … канд. юрид. наук; специальность 12.00.01 / Александр Александрович Кваша. -Волгоград, 2002. -160 с.
14. Конвенция Содружества Независимых Государств о правах и основных свободах человека. Принят Советом глав государств СНГ 26 мая 1995 г. [Электронный ресурс]. URL: https://cis.minsk.by/page/11326/ (дата обращения 16.03.2024).
15. Кудрявцев В.Н. Право и поведение / В.Н. Кудрявцев. -М., 1978. -192 с.
16. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь / А.В. Малько // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. Ноябрь. -С.9-15.
17. Малько А.В. Правовая политика современной России: цели и средства / А.В. Малько, К.В. Шундиков // Государство и право. – 2001. -№7. -С.9-17.
18. Малько А.В. Теория правовой политики. Монография. -М., 2012. -328 с.
19. Мальцев Г.В. О различиях права и морали / Г.В. Мальцев // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. -М., 2006. -С.221-224.
20. Мартыненко Б.К. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание / Б.К. Мартыненко // Проблемы теории государства и права / под ред. В.М. Сырых. -М., 2008. -С.496-498.
21. Модельный Закон о воспитании детей и молодёжи. Принят Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ 14 мая 2009 г. [Электронный ресурс]. URL: http://parliament.am› library› 1.pdf (дата обращения 16.03.2024).
22. Модельный Закон об образовании. Принят Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ Постановлением от 3 апреля 1999 г. [Электронный ресурс]. URL: https://cis.minsk.by/page/7782 (дата обращения 16.03.2024).
23. Модельный образовательный кодекс для государств-участников СНГ (общая часть) (новая редакция). Принят Постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ от 29 ноября 2013 г., № 39-6. [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/72826964/ (дата обращения 22.09.2023).
24. Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект / И.Н. Мысляева. -М., 1989. -142 с.
25. Нерсесянц В.С. Философия права. Учебник / В.С. Нерсесянц. -М., 1998. -652 с.
26. Общая теория права. Курс лекций / под общей ред. В.К. Бабаева. -Нижний Новгород, 1993. -544 с.
27. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат 4.03.2024).
28. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник / В.Д. Перевалов. -М., 2005. -484 с.
29. Пищелко А.В. Социально-педагогические основы нравственного перевоспитания осужденных. Учебное пособие / А.В. Пищелко. -М., 1992. -192 с.
30. Пищулин Н.П. Общество и образование: вчера, сегодня, завтра. Учебное пособие / Н.П. Пищулин. -М.: Жизнь и мысль, 2004. -80 с.
31. Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. -Саратов, 2010. -287 с.
32. Проблемы общей теории права и государства / Под общей ред. В.С. Нерсесянца. -М., 2001. -832 с.
33. Проблемы теории государства и права. Учебник / под ред. В.М. Сырых. -М., 2008. -528 с.
34. Пузиков Р.В. Доктринальное направление правовой политики субъектов РФ / Р.В. Пузиков // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. -Тамбов, 2008. -С.128-136.
35. Радьков О.С. Правовой нигилизм в России (конец XX – начало XXI в.): дис… канд. юрид. наук; специальность 12.00.01 / Олег Сергеевич Радьков. -Ростов-на-Дону, 2005. -170 с.
36. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – 2013. -№108(3/2). -С.68-74.
37. Сативалдыев Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ / Р.Ш. Сативалдыев // Евразийский юридический журнал. - 2016. -№1(92). -С.359-364.
38. Семитко А.П. Правосознание и правовая культура // Теория государства и права. Учебник / А.П. Семитко; под ред. В.Д. Перевалова. -М., 2006. -С.217-220.

39. Синюков В.Н. Политика Российского государства в сфере юридического образования / В.Н. Синюков // Правовая политика: словарь и проект концепции. -Саратов, 2010. -С.79-82.
40. Сотиволдиев Р.Ш. Модернизация государственной политики Республики Таджикистан в сфере правового воспитания и образования в свете Послания Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 26 декабря 2018 года / Р.Ш. Сотиволдиев // Государствоведение и права человека. – 2018. -№4(12). -С.6-15.
41. Спасская В.В. Правовое регулирование образовательных отношений: проблемы теории и практики / В.В. Спасская. -2-е изд. -М., 2012. -608 с.
42. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст. https://anticorruption.tj/images/PDF/strategiya1.pdf: [Манбаи электронӣ]. URL: санаи муроҷиат 25.03.2024).
43. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: https://anticorruption.tj/images/PDF/ter-ek.pdf (санаи муроҷиат 25.03.2024).
44. Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. … канд. юрид. наук / В.В. Стреляева. -М., 2006. -183 с.
45. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат 4.03.2024).
46. Туленова Г. Молодежная политика в Республике Узбекистан: состояние и перспективы развития. -Ташкент, 2008. -109 с.
47. Шарофзода Р.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он / Шарофзода Р.Ш., Раҷабзода Р.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№1. -С.153-158.
48. Шарофзода Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов / Шарофзода Р.Ш. // Правовая жизнь. -Душанбе, 2023. -№1(41). -С.12-29.
49. Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников правоохранительных органов / Шарофзода Р.Ш. // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2020. -№2(44). -С.70-82.
50. Шарофзода Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан в процессе юридического образования / Шарофзода Р.Ш. // Юридическая наука: история и современность. -СПб., 2021. -№4. -С.172-181.
51. Шарофзода Р.Ш. Юридическое образование как условие формирования профессионального правосознания сотрудников органов внутренних дел / Шарофзода Р.Ш. // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2021 -№3(51). -С.89-96.

## НАҚШИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

Дар мақола нақши маърифати ҳуқуқӣ дар паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риоя ва иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд. Ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузъи сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи ташаккули низоми муташаккилонаи маърифати ҳуқуқӣ тавассути маҷмуи тадбирҳои давлатии ташкилӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, кадрӣ, иттилоотӣ таҳқиқ шудааст. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун самти мустақил ва айни замон афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ташаккулу инкишофи сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ баҳогузорӣ мешавад. Хулоса мешавад, ки маърифати ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти муташаккилонаи давлат, ташкилоту муассисаҳои таълимӣ, таҳсилотӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, инчунин, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон мебошад, ки дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Воситаҳои таълиму тарбия, ба мисли воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, махзанҳои иттилооти ҳуқуқӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, асарҳои илмӣ ва бадеӣ, телевизион, радио ва ғайра таҳқиқ шудаанд. Ба ташаккулуи маърифати ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Хулоса пешниҳод мешавад, ки тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ ду унсури ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ-таълимӣ мебошанд. Зарурати истифодаи имкониятҳои тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти бухрони меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон асоснок тъкид карда мешавад. Шаклҳо ва усулҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, тарзу воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ, шаклҳои таълими ҳуқуқӣ, намудҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ ба шуур ва фаъолияти шаҳрвандон, намудҳои воситаҳои таълимию тарбиявӣ, механизми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ таҳқиқ мешаванд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар фазои умумии таҳсилотӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ, илмӣ дар ИДМ таҳлил шудааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рақамӣ дар фаъолияти муташаккилонаи давлат ва ҷомеа дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ асоснок карда шудааст. Зикр шудааст, ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон заминаи муқовимати аҳолӣ ба ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм ва намудҳои дигари ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ мебошад.

**Калидвожаҳо**: маърифат, маърифати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, ҳаёти ҳуқуқӣ, падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқӣ, назарияи маърифати ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ

## РОЛЬ ПРАВОВОГО ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ГРАЖДАН

В статье раскрывается значение правового просвещения в распространении правовых знаний среди населения, повышении уровня правосознания и правовой культуры граждан, реализации прав и свобод человека и гражданина, соблюдения и исполнения законов и иных нормативных правовых актов, обеспечении законности и правопорядка. Формирование и повышение уровня правовой просвещённости граждан исследуется как цель правовой политики Республики Таджикистан, неотъемлемой части политики государства Таджикистан в сфере становления организованной системы правового просвещения посредством государственных организационных, правовых, социальных, экономических, культурных, кадровых, информационных мер. Правовая политика в сфере правового обучения и воспитания оценивается как самостоятельное и в то же время приоритетное направление правовой политики по формированию необходимого уровня правовой просвещенности граждан. Обоснован вывод, что правовое просвещение является результатом организованной деятельности государства, образовательных, воспитательных, культурных, просветительных учреждений, а также институтов гражданского общества, широкого круга граждан в сфере правового обучения и воспитания. Анализируются средства обучения и воспитания – средства массовой информации, социальные сети, банки правовой информации, газеты, журналы, научная и художественная литература, телевизионная, радио и др. Уделяется особое внимание формированию правового просвещения молодёжи Таджикистана. Обоснован вывод, что правовое обучение и правовое воспитание являются двумя неотъемлемыми компонентами образовательно-воспитательной правовой политики. Подтверждается необходимость использования возможностей нравственного воспитания при процессе правового обучения и воспитания на фоне кризиса моральных норм и ценностей в ряде стран. Исследуются формы и методы правовой политики в сфере правового обучения и воспитания, средства и способы правового воспитания, формы правового обучения, разновидности социально-правового воздействия на сознание и поведение граждан, виды образовательных и воспитательных средств, механизм реализации правовой политики в сфере правового обучения и воспитания. Правовая политика в сфере правового обучения и воспитания анализируется на фоне общего образовательного, воспитательного, информационного, научного пространства в СНГ. Обосновывается необходимость применения информационно-коммуникационных и цифровых технологий в процессе организованной деятельности государства и общества по повышению уровня правового просвещения населения. Сформулирован вывод, что правовое просвещение граждан служит основой противодействия населения новым глобальным вызовам и угрозам, в частности, коррупции, экстремизму, терроризму и иным транснациональным организованным преступлениям.

**Ключевые слова**: просвещение, правовое просвещение, право, правовая жизнь, явления правовой жизни, правовые ценности, правовые знания, теория правового просвещения, првоавовое обучение, правовое воспитание.

## ROLE OF THE LEGAL EDUCATION AND EDUCATION IN INCREASING LEGAL ENLIGHTENMENT LEVEL OF THE PEOPLE

Importance of the legal enlightenment opens In article in spreading the legal knowledges amongst populations, increasing level enlightenment level of the population and legal culture of the people, realization of the rights and liberties of the person and person, observance and performances of the laws and other normative legal acts, provision to legality and law and order. Shaping and increasing level legal enlightenment level of the population people are researched as purpose legal politicians Republics Tadzhikistan, integral part politicians state Tadzhikistan in sphere of the formation of the organized system of the legal enlightenment by means of state organizing, legal, social, economic, cultural, trained, information measures. The Legal policy in sphere of the legal education and education is valued as independent and in ditto time priority direction legal politicians on shaping necessary level legal enlightenment level of the population people. The Motivated conclusion that legal enlightenment is from organized activity state, educational, education, cultural, educational institutions, as well as institute civil society, broad circle of the people in sphere of the legal education and education. They Are Analysed facility of the education and education - a mass media, social networks, banks to legal information, newspapers, journals, scientific and fiction, television, radio and is others Spared emphases to shaping the legal enlightenment youth Tadzhikistan. The Motivated conclusion that legal education and legal education are two integral components educational- education legal politicians. Need of the use the possibilities of the moral education is Confirmed at process of the legal education and education on background of the crisis of the moral rates and valuables in row of the countries. They Are Researched forms and methods legal politicians in sphere of the legal education and education, facility and ways of the legal education, the forms of the legal education, varieties social-legal influence on consciousness and behaviour of the people, types educational and education of the facilities, mechanism to realization legal politicians in sphere of the legal education and education. The Legal policy in sphere of the legal education and education is analysed on background general educational, education, information, scientific space in C.I.S.. It Is Motivated need of the using information-communication and digital technology in process organized activity state and society on increasing legal enlightenment level of the population. The Worded conclusion that legal enlightenment of the people serves the base of the reluctance of the population new global call and threat, in particular, corruptions, extremism, terrorism and other international organized to crimes.

**Keywords**: enlightenment, legal enlightenment, right, legal life, phenomenas to legal life, legal value, legal knowledges, theory of the legal enlightenment, првоавовое education, legal education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарофзода Рустам Шароф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **www-rustam-tj@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарофзода Рустам Шароф*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **www-rustam-tj@mail.ru**

**Information about author**: ***Sharofzoda Rustam Sharof*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: www-rustam-tj@mail.ru**

ТДУ: 330.34(575.3)

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ

*Бобохонов Ф.А.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар илми ҳуқуқшиносӣ падидаи қонуният мавриди таҳлили васеи илмӣ қарор гирифтааст, вале он ҳамчун як принсипи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳанӯз масъалаи мубрам ба ҳисоб рафта, дар шакли зарурӣ таҳқиқу баррасӣ нашудааст. Мавриди зикр аст, ки принсипи қонуният дар илм ба мазмуну моҳияти мухталиф маънидод гардида, атрофи он баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой доранд.

Принсипи қонуният падидаи нав набуда, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муқаррар шуда буд ва амал мекард. Дар ин хусус андешаҳои мукаммал дар таҳқиқоти олимони ватанӣ Ф.Т. Тоҳиров [35], У.А. Азиззода [3], А.Ғ. Холиқов [37], Э.Б. Буризода [10], Ф.А. Бобохонов [9] ва дигар олимони ватанӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода қайд мекунад, ки дар Авесто ва зардуштия риоя намудани навиштаҷоти қонунҳо, ҳамчун амали динӣ ба ҳисоб мерафт. Риояи қонуният асоси тартибот дар ҷомеа ва ба нафъи мардум ҳисобида мешуд [2,с.55]. Қонуният - ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, дар ҳар як давру замон муҳиммияти худро нигоҳ доштааст. Дар давраҳои инкишофи таърихӣ барои риояи қонуни одилона ва оқилона одамонро аз хурдӣ тарбия мекарданд, аз ҷумла, дар Афинаи қадим чунин муносибатро нисбат ба қонун мушоҳида кардан мумкин буд. Зеро ҷавонони Афина ҳангоми ба балоғат расиданашон барои содиқ будан ба қонун чунин қасам ёд мекарданд: «Ман ба ҳокимияти вуҷуддошта итоат хоҳам кард, ба қонунҳои амалкунанда ва ҳамчунин, ба қонунҳои нав, ки ҳокимият барои халқ мебарорад, итоат хоҳам кард» [36,с.91]. Сарчашмаи таърихии мазкур гувоҳӣ аз он медиҳад, ки қонуният як падидаи маъмулӣ набуда, балки як ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши калидӣ дорад [23,с.72]. Дар таърих ба моҳияти қонуният ду равиш – синфӣ ва умумии иҷтимоӣ вуҷуд дошт. О.С. Иоффе ва М.Д. Шаргородский исбот кардаанд, ки қонуният категорияи синфӣ мебошад. Ба ақидаи онҳо, барои ҳамаи типҳои ҷамъиятию иқтисодӣ талаботи ягона ва умумии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Синфи ҳукмрони ҳар як давлат барои мустаҳкам намудани қонуният кӯшиш мекунад, ки мазмуни он ба иродаи ҳамин синф вобаста аст [17,с.267]. Аммо, В.И. Ремнев эътироз баён кард, ки қонуният дар баробари моҳияти синфӣ моҳияти умумии иҷтимоӣ («демократӣ») низ дорад [31,с.12]. Бо назардошти ин масъала Д.Н. Бахрах, пешниҳод мекунад, ки ба мувофиқати қонунҳо ба шароити иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва қонун диққат дода шавад [7,с.3-12]. Принсипи қонуният дорои таърихи дурударози рушд буда, ба тамоми низоми ҳуқуқӣ ва инчунин ба ҳар як ҷузъи таркибии он таъсири ҷиддӣ расонида метавонад. Ба андешаи мо, ин принсип на танҳо асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мавқеъҳои шаклҳои берунии татбиқи ин институт, балки мазмуни муҳимми дохилии он низ мебошад [22,с.84]. Зикр кардан бамаврид аст, ки мазмуни қонуният дар низоми талаботи сиёсию ҳуқуқӣ – принсипҳои меъёрии ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ифода меёбад, ки раванди такмили ташкилоти ҳуқуқии давлатиро тавассути риояи қатъӣ ва иҷрои қонунгузории ҷорӣ барои ташаккули идеяи қонуният дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф мекунад. Қонуният ҳатман қонунгузории тобеи давлат, хусусияти ҳатмии қонунҳоро барои тамоми мақомоти давлатӣ дар бар мегирад [16,с.23-29]. Ҳамин тавр, қонуният аз як низом ба низоми дигари ҳуқуқӣ гузашта, то ба низоми муосири ҳуқуқии Тоҷикистон омада расидааст. Принсипи мазкур имрӯз дар қонунгузории кишвар танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Қонуният ҳамчун принсипи ҳуқуқ ва ҳамчун принсипи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносибати ҷомеаро ба қонун, дар маҷмуъ, ифода намуда, ҳолати тамоми низоми муносибатҳои ҳуқуқии дар ҷомеа бавуҷудомадаро тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки онро баъзан ҳамчун «ғояи марказии назарияи ҳуқуқ», ҳамчун «муҳимтарин падидаи ҳуқуқӣ, ки моҳияти ҳуқуқро дар давлати муосир бевосита ифода мекунад», таъриф мекунанд [14,с.8]. Муҳимтарин хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд волоияти ҳуқуқ,

масъулияти мутақобилаи давлат ва шахс, тобеияти муносибатҳои иҷтимоӣ ба реҷаи қонуният мебошад [22,с.202]. Мафҳуми «қонуният» яке аз хосиятҳои имманентии ҳуқуқ, хусусияти умумиҷаҳонии ҳатмӣ, ҳатмӣ будани риояи қатъӣ ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқиро тавсиф мекунад. Қонуният ҳамчун як принсипи доимӣ ва бемаҳдуд амалкунанда ҳисобида мешавад, ки алтернативаи ҳуқуқӣ (бо меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) надорад [20,с.5]. Қонуният асосан моҳият ва самти сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунад ва ба ин маъно дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи қонун ва тафсири қонун зоҳир мегардад [26,с.6].

Худи воқеияти қонун, эътибори он ба воситаи қонуният - қатъиян иҷро намудани ҳуқуқ, қонун дар ҳаёт зоҳир мегардад. Ҳуқуқ аз рӯйи табиати худ танҳо дар ҳолате тасаввур мешавад, ки дастурҳои меъёрие, ки онро ташкил медиҳанд, воқеӣ бошанд ва дар амал татбиқ карда шаванд. Бо вуҷуди ин, андешаи Е.Ф. Беркович баҳсбарангез ба назар мерасад, ки агар ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад, пас қонуният низ вуҷуд дорад, яъне, чунин тартибе, ки дар он иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд талаботи танзимкунандаро қатъиян риоя ва амалӣ намоянд [8,с.19-39]. Мо чунин мешуморем, ки қонуният дастгирӣ ва ҳифзи онро талаб мекунад, то ки дар воқеияти объективӣ таҷассум ёбад. Дар байни чизҳои дигар, унсури қонуният ақидае мебошад, ки дар шуури ҳуқуқӣ дар бораи ба мақсад мувофиқ будан ва зарурати чунин рафтори воқеан қонунии ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо мешавад, ки дар он худсарӣ ҷой надорад, дар асл универсалӣ будани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳои субъективии инсон ба даст оварда мешуд. Маҳз дар ин ҳолат қонуният ҳамчун ҳолати қонунӣ будани фаъолияти инсон таҷассум меёбад.

Аз нуқтаи назари фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ моҳияти қонуният аз риоя ва иҷрои қонун иборат аст, аммо онро аз нуқтаи назари ахлоқӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии ифодаи ғояи адолат низ метавон баррасӣ кард [1,с.35]. Муҳимтарин ҷанбаи қонуният дар таърифи он ҳамчун низоми муносибатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо бо шахсони мансабдори давлатӣ, ки ба таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти бомуваффақияти он мусоидат мекунад, зоҳир мегардад [13,с.185]. Қонуният усули роҳбарии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути интишор ва татбиқи устувори қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ иборат аст [18,с.15]. Ин реҷаи амали устувори меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз иҷрои аниқ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қатъиян пешгирӣ намудани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ, назорати қатъӣ аз болои риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Н.Н. Вопленко қайд мекунад, ки категорияи қонуният сохти худро дорад. Он мавҷудияти қонунгузории амалкунанда, ки асоси меъёрии қонуниятро ташкил медиҳад, низоми талабот ба рафтори қонунии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳолати (режими) робитаи фаъолияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти субъектҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҷанбаи натиҷаи қонуният ва дурустии ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун ҳадафи асосии қонуниятро дар бар мегирад. Дар ҷанбаи мантиқӣ-консептуалӣ қонуният ҳамчун системаи талаботи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нисбати рафтори қонунӣ зоҳир мегардад, ки дар шакли принсипҳо ва меъёрҳои асосӣ амалӣ гардида, дурустӣ ва саҳеҳии равандҳои татбиқи ҳуқуқро таъмин менамояд. Аз нуқтаи назари мазмуни худ ин системаи талабот ба рафтори қонунии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дар шакли принсип, усул ва реҷаи риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунад [12,с.22-26]. С.С. Алексеев инчунин дар мафҳуми қонуният волоияти қонунҳо нисбат ба ҳамаи дигар санадҳои ҳуқуқӣ; баробарии ҳама дар назди қонун; адолати мустақил ва муассир, фаъолияти пурсамари тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқукро дохил мекунад [6,с.72-73]. Мо чунин мешуморем, ки ин зуҳуротҳоро ҳамчун аломати татбиқи принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ метавон ба ҳисоб гирифт [16,с.24]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки атрофи қонуният дар адабиётҳо баҳсу мунозираҳои мухталиф ба миён омада, фикри ягона ҷой надорад.

Баъзе ҳуқуқшиносон қайд мекунанд, ки қонунияти ҳақиқӣ дар он ҷо вуҷуд дорад, ки қонунҳо на танҳо хусусияти ҳатмӣ доранд, балки ба қонун мувофиқат мекунанд, ки он ҳамчун танзимгари иҷтимоӣ фаҳмида шуда, ба принсипи адолат мувофиқат мекунад, ки натиҷаи созиши манфиатҳои гуногуни ҷамъиятӣ мебошад ва бо қувваи маҷбурии давлат

таъмин карда мешавад [1,с.132]. С.С. Алексеев чунин мафҳумро, ба мисли «қонуни ҳуқуқӣ» - риояи қатъии на танҳо аз тарафи ҳар кас, балки ҳуқуқи башардӯстона - ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазири инсон пешниҳод мекунад [5,с.132]. Баъзе ҳуқуқшиносон ҳатто қайд мекунанд, ки риояи расмӣ ба меъёрҳои қонунгузорӣ дар давраи муосир, новобаста аз он ки чӣ гуна ангеза аст, қобили қабул нест [21,с.17]. Душвориҳои зиёди амалиеро, ки ҳангоми қабули чунин нуқтаи назар ба миён меоянд, қайд кардан зарур аст. Яке аз оқибатҳои онҳо вазъияти ҳозираи ғайриқаноатбахши қонунияти ватанӣ мебошад. Беэътибор будани санади меъёриро танҳо суд эътироф карда метавонад, дар акси ҳол аз ҷониби шахси мансабдор бо сабабҳои, масалан, мухолифат ба ғояи адолат ё «ғайридемократӣ будан» таҳдиди ба субъективизм мубаддал шудан ва ба амал баровардани мақсадҳои ғаразноки худ ифода карда мешавад [16,с.24]. Қонуниятро бидуни қонун тасаввур кардан ғайриимкон аст, аммо барои ба мафҳуми қонуният дохил кардани мавҷудияти худи қонунҳо ва ифшои мазмуни онҳо асос нест. Қонуният худи ҳуқуқ нест, балки талаботи қатъӣ барои ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ оид ба риояи қонунҳо ва тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Мавҷудияти қонунгузории таҳияшуда як шарти зарурии қонуният дар давлат аст, ҳамон тавре ки мавҷуд набудани он мавҷудияти онро ғайриимкон месозад. Аммо қонун, ҳатто мукаммалтаринаш ҳам, бе татбиқи он ҳадафҳоеро, ки барои онҳо пешбинӣ ндба даст оварда наметавонад ва татбиқи нодурусти он метавонад ба натиҷаҳое оварда расонад, ки қонунгузор дар назар дошт. Қонуният бояд ҳамчун комилан мувофиқ будани амалиёти мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва рафтори шаҳрвандон мутобиқ ба талаботи қонунии дар давлат муқarrаргардида фаҳмида шавад. Инро танҳо дар сурати риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки асоси меъёрии қонуният мебошанд, ба даст овардан мумкин аст.

Истилоҳи «қонуният» аксар вақт дар ду ҷиҳат баррасӣ мешавад. Дар аввал, қонуният ҳамчун рафтори аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки аз талаботи давлат оид ба риояи бечунучарои қонунҳо (ва санадҳои зерқонунӣ) аз ҷониби давлат, аз ҷониби тамоми шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва ташкилотҳо баровардашуда иборат аст (фаҳмиши васеи қонуният). Қонуният ба маънои маҳдуд ҳамчун риояи қонунҳо аз ҷониби худи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо муайян карда мешавад, ки аксар вақт ҳамчун ҷузъи муҳимтарини қонуният, унсури асосии мазмуни он муайян карда мешавад. Дар ин маврид қонуният ҳамчун зиддияти суиистифода аз қудрат ва субъективизм ҳангоми татбиқи ҳокимият, инчунин вазифаҳои тафтишотӣ ё судӣ баромад мекунад. Муаллифоне, ки чунин мавқеъ доранд, қайд мекунанд, ки фаъолияти шаҳрвандон мазмуни на реҷаи қонуният, балки реҷаи иҷтимоиро ташкил медиҳад, ки доираи тартиботи ҳуқуқиро таҷассум мекунад ва бо чунин равиш, ки дар он тамоми субъектҳои ҳуқуқ субъекти қонуният эътироф мешаванд, қонуният воқеан бо мафҳуми рафтори қонунӣ муайян карда шуда, дар натиҷа маънои дурусти ин мафҳум гум мешавад. Гуфта мешавад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти таъмини волоияти қонун аз фаъолияти шаҳрвандоне, ки на ухдадории қабул кардан, балки риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро аз замони татбиқи ҳуқуқҳо ва иҷрои ухдадориҳои қонунӣ ба зимма доранд, фарқ мекунад.

Аз ин лиҳоз, қонуният ҳамчун принсипи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ муайян карда мешавад, ки аз риояи қатъии муқарарот аз ҷониби шахсоне, ки ваколатҳои давлатиро вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон амалӣ менамоянд, иборат мебошад. Масалан, қайд карда мешавад, ки қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқкунанда дахл дорад [39,с.18], аз ҳамин сабаб дар ҳамаи санадҳои қонунгузорие, ки фаъолияти онро танзим мекунанд, принсипи қонуният нишон дода шудааст. Танҳо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо бо истифода аз ваколатҳои худ қодиранд иҷрои пурраи қонунҳоро таъмин намоянд, гунаҳкоронро ошкор ва ба ҷавобгарии қонунӣ кашанд, ки шаҳрвандон аз ухдаи ин кор намебароянд. Ин ҳолат баъзе олимонро водор намуд, ки шаҳрвандон ба таври объективӣ субъекти волоияти ҳуқуқ буда наметавонанд, онҳо танҳо тавассути иҷрои шахсии қонунҳо ва вокуниши муносиб ба ҳуқуқвайронкуниҳои шахсони дигар ба таъмин ва мустаҳкам намудани он мусоидат карда метавонанд. Бинобар ин, ҳуқуқвайронкуниҳо, ки шаҳрвандон содир мекунанд, на ҳамчун

вайрон кардани қонуният, балки ҳамчун вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад [33,с.59-60].

Н.Н. Вопленко ба таври асоснок эътироз баён мекунад, ки аз ҷумлаи шахсоне, ки барои вайрон кардани волоияти қонун айбдоранд, хориҷ кардани ягон субъект бояд ба таври худкор онҳоро аз ҷавобгарии ҷинояти содиркарда озод кунад, ки ин аз сунъӣ ва ғайриқонунӣ будани хориҷ кардани шаҳрвандон шаҳодат медиҳад [12,с.128]. Набудани дақиқият дар мавриди қонуният метавонад ба амалияи иҷрои қонун ва вазъи шуури ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонад. Дар айни замон зарурати дарки илмии ҳам мафҳуми умумии қонуният ва ҳам принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди таърифи ҳуқуқии онҳо ба миён меояд [16,с.25]. Қонуният талаботи асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шаҳрвандон ва ташкилотҳои хусусӣ мебошад. Қонуният ҳамчун муносибати муайяни тамоми механизми ҳуқуқӣ ба меъёрҳои ҳатмӣ ва иҷрошавандаи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, ҳамчун як принсипи мушаххаси ҳуқуқӣ амал мекунад, ки тамоми соҳаи танзими ҳуқуқро фаро гирифтааст.

Принсипи қонуният дар мазмуни худ, ки дар ҳуқуқ ва фаъолияти ҳуқуқии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ зуҳур мекунад, дар системаи маҳдудтар, вале бо мақсади умумӣ, ақидаҳо ва талаботе, ки ҷанбаҳои алоҳида, ҷанбаҳои муносибатҳои ҳуқуқиро мушаххас мекунад, ифода меёбад [12,с.37]. Яке аз ин ҷанбаҳои зуҳури мафҳуми умумии қонуният принсипи қонунӣ будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад [16,с.25]. Чун анъана, олимони ҳуқуқ қонунӣ будани ҷавобгарии ҳуқуқиро принсипи асосии он медонистанд, ки бидуни канорагирӣ аз он бояд тамоми марҳилаҳои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бунёд карда шаванд. А.Ф. Ефремов менависад, ки мафҳуми «қонуният» нисбат ба мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» васеътар аст, зеро риояи волоияти қонун шарти мавҷудияти қонун ва тартиботи умумӣ мебошад, гарчанде ки баъзан қонуният на танҳо ба принсипҳои ҳуқуқ, балки ба принсипҳои институтҳои ҳуқуқии алоҳида, аз ҷумла институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мешавад [14,с.84]. Дар айни замон, дар баробари дигар принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ принсипи қонуният дар қонун муқаррар карда шудааст ва онро комилан асоснок ҳисобидан мумкин аст, ки ба талаботи таҷрибаи муосири татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯ мебошад. Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ вазифаи ҳимоят аз вайронкунии муносибатҳои «муқаррарии» ҷамъиятиро иҷро карда, ба нигоҳ доштани муҳити қонуният дар ҷомеа мусоидат намуда, кафолати он мебошад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи махсуси ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба шахсияти ҳуқуқвайронкунанда баромад карда, вазифаи барқарор кардани қонунияти вайроншударо иҷро мекунад ва воситаи муҳимми мубориза бо вайронкунии он мебошад. Шахсе, ки нисбати он чораҳои мурофиавӣ ғайриқонунӣ дониста шудааст, ба ҷавобгарӣ кашида шуда наметавонад. Дар ин маврид на ҷавобгарӣ, балки вайронкунии қонун, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ғайриқонунӣ поймол кардани ҳуқуқҳои шахс ба миён меояд [15,с.154]. Мушкилот дар он аст, ки дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи илми ҳуқуқи ватанӣ мафҳуми қонуният ба мисли мафҳуми ҷавобгарӣ тамоюлҳои зиддиятнокро тавсиф мекунад. Мушкилии фаҳмиши он аз он иборат аст, ки вай падидаи императивӣ-баҳодиҳии ҳаёти ҳуқуқӣ ва мафҳуми мувофиқро ифода мекунад. Қонуният зарурати рафтори қонуниро муқаррар намуда, дар айни замон ин рафторро аз призмаи ҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст ва нодуруст арзёбӣ мекунад [12,с.95].

Асоси қонуниятро уҳдадории (талаботи) қатъиян риоя ва иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ин талаботи қонуният дар ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифодаи худро меёбад, ки барои шаклҳои иҷрои онҳо уҳдадорӣ лаҳзаи муҳим ва зарурӣ мебошад. Барои шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории қонунӣ будани амал ва барои шакли маҷбурии давлатӣ уҳдадории дучор шудан ба оқибатҳои номатлуб, ки аз далели содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ бармеояд, мебошад. Ин уҳдадориҳо, аз як тараф, зуҳуроти принсипи қонуният бошанд, аз тарафи дигар, худи онҳо натиҷаи таъсири принсипи қонунӣ ба муносибатҳое мебошанд, ки ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд [16,с.25]. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ, маданӣ ва дигар намуди ҷавобгарӣ, талаботи асосии принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ: баробарӣ дар назди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, уҳдадории риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ягонагии қонуният муқаррар карда шудаанд. Ба сифати мисол

мо метавонем Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси маданӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва монанди инҳоро қайд намоем. Мо принсипи қонунӣ будани ҷавобгарии ҳуқуқиро на танҳо идеяи абстрактӣ, балки пеш аз ҳама талаботи воқеӣ мешуморем, ки ба фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дахл дорад. Ин принсип бевосита ба қонунгузор нигаронида шуда, аз он талаб мекунад, ки танҳо барои он амалҳое, ки аз рӯйи хусусиятҳои объективии худ барои ҷамъият зарарнок (хатарнок) буда, ба табиати ҳуқуқ ва арзишҳои ҷомеа мухолифанд, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар намояд. Ин талабот бевосита аз қонуни асосии кишвар бармеояд.

Принсипи қонуният ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ хос аст, ки дар он ҷавобгарӣ аз ҷониби қонунгузор муқаррар карда мешавад ва мо метавонем дар бораи робитаи дутарафаи ин падидаҳо сухан ронем. Аз як тараф, ҳадафи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ ҳифз ва нигоҳ доштани реҷаи қонуният дар давлат, ҳамчун асл ва пояи тамоми ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Аз тарафи дигар, худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми татбиқи он риояи амалии қонунро талаб мекунад. Принсипи қонуният ба хусусият, мазмун, давомнокии амал ва ҳудуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Принсипи мазкур ҷанбаи моддии фаъолияти субъектҳои татбиқи онро пешакӣ муайян мекунад. Агар ҷазо ба қонун мувофиқат накунад, дар бораи самаранокии вазифаи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан рондан мумкин нест, зеро дар ин ҳолат онро субъект ё беадолатона қабул мекунад ё барои расидан ба ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ кофӣ нест [38,с.322-326]. Принсипи қонуният, ки нуктаи асосии он талаби риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, асосан вазифаи пешгирикунандаро, ки ба пешгирии рафтори номатлуб нигаронида шудааст, пешакӣ муайян мекунад.

Қонуният ягона роҳи имконпазири татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҷинояткор мебошад, ҳамон тавре ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли ягонаи ҳуқуқии татбиқи чораҳои маҷбурии давлатии дорои хусусияти муҷозотӣ нисбат ба ҷинояткор мебошад. Бо мукаррар намудани робитаи байни ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарӣ, қонуният ба ин маъно ҳамчун воситаи таъмини расидан ба мақсадҳои худ амал мекунад ва ҳамчун механизме амал мекунад, ки рафтори субъектҳои ҷавобгариро ба ноил шудан ба он мақсадҳои ҳуқуқие, ки барои онҳо бо меъёрҳои қонун муқаррар карда шудаанд, ҳарчи бештар наздик мекунад [15,с.103]. Бархе аз олимони ҳуқуқшинос бар ин назаранд, ки принсипи қонуният вобаста ба марҳилаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мазмуни гуногун дорад. Ҳамин тариқ, онҳо нишон медиҳанд, ки қонуният дар тафтишоти пешакӣ маънои онро дорад, ки ҳангоми тафтиш ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа таъмин карда шуда, ба ҳолатҳои беасос ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудани шаҳрвандон ё беасос қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ роҳ дода намешавад. Принсипи қонуният дар марҳилаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ омӯхтани ҳамаҷониба, пурра ва объективии ҳамаи ҳолатҳои парванда, ҳалли дурусти масъалаи ба суд фиристодани парванда ё қатъи он ва асоснокии татбиқи маҷбуркунии мурофиавиро таъмин менамояд [27,с.60-62]. Масъалаҳои қонунӣ будани қарорҳои судро баррасӣ намуда, Н.И. Ткачёв қайд мекунад, ки қонунӣ будани қарор натиҷаи дуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки вайрон кардани онҳо боиси ғайриқонунӣ будани қарор ва бекор карда шудани он мегардад [34,с.124]. Чунин нуқтаи назарро таҳлил намуда, метавон гуфт, ки таърифи умумии принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқиро ба вуҷуд овардан комилан мумкин аст. Аммо, мавҷудияти чунин мафҳум истисно намекунад, ки дар ҳар марҳилаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ принсипи қонуният дар воқеияти объективӣ ба таври худкор ба худ хос зоҳир шуда, ба як ҳадафи ягона нигаронида шудааст.

Принсипи қонуният талаб мекунад, ки қоидаҳои муайян ба шакли ҳуқуқӣ ворид карда шаванд. Аз ин рӯ, қонуният принсипи расмӣ - принсипи ташкили фаъолият аст, ки онро О.А. Козлова қайд намудааст [20,с.47]. Моҳияти қонуният талаби иҷрои қатъӣ ва дақиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар робита ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин талабот аз он иборат аст, ки танҳо мақомоти салоҳиятдор дар татбиқи он тибқи тартиби қатъии муқаррарнамудаи қонун ва дар асоси қонун иштирок мекунанд.

Азбаски ҷавобгарии ҳуқуқӣ як институти мураккаби ҳуқуқӣ мебошад, риояи қоидаҳои моддӣ ва мурофиавӣ ҳангоми татбиқи он ба ҳам зич алоқаманд ва аз нигоҳи қонуният ба ҳамон андоза муҳим аст. Асосҳо, намудҳо ва андозаи ҷавобгарӣ барои

ҳуқуқвайронкунии мушаххас ҳамеша бояд бевосита бо қонун, инчунин шартҳои шартнома, ки ба он мухолиф нестанд (дар ҳуқуқи хусусӣ), муқаррар карда шаванд [30,с.10]. Талаби асосии принсипи қонуният, агар ҳамчун принсипи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳисоб карда шавад, он аст, ки он танҳо барои амалҳои пешбининамудаи қонун ба вуҷуд меояд, то ки ҷавобгарӣ дар доираи қонун (ҷониби моддии ҷавобгарӣ) ва мутобиқи қонун ба амал ояд (ҷиҳати мурофиавӣ). А.С. Пиголкин қайд мекунад, ки аз ҷиҳати моддии ҷавобгарӣ он бояд танҳо барои кирдорҳои пешбиникардаи қонун ва танҳо дар доираи қонун сурат гирад. Аз нуқтаи назари мурофиавӣ талаби асосии қонуният он аст, ки ҷавобгарии шахс қатъиян асоснок карда шуда, факти содир намудани ҳуқуқвайронкунии мушаххас ҳамчун ҳақиқати объективӣ муқаррар карда шавад [29,с.230]. Қонунӣ будани татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аввалан, омӯзиши объективии ҳолатҳои парванда, асосноккунии хулоса дар бораи содир шудани ҷиноят ва гунаҳгор будани шахси ба ҷавобгарӣ кашидашуда ва дуюм, муайян намудани чораи мушаххаси муҷозот, ҷазо, ҷуброни зарар бо риояи қатъии меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун фаҳмида мешавад [25,с.702]. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки принсипи қонуният ҷанбаи моддӣ ва мурофиавии татбиқи онро дорад, ки барои фаҳмидани ин категорияи ҳуқуқӣ хеле муҳим аст.

Тибқи ин принсип, ҳангоми татбиқи ҷавобгарӣ набояд ба қонуне, ки ягон амалро манъ мекунад, қувваи бозгашт дода шавад. Ин ҷанбаҳои принсипи қонуният дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд. Масалан, Кодекси ҷиноятӣ - «принсипи қонуният» ду қисмро дар бар мегирад, ки қисми якуми онҳо муайян мекунад, ки ҷиноят ва ҷазопазирии кирдорро танҳо худи Кодекси ҷиноятии кишвар муайян мекунад, дуюм бошад, истифодаи қонуни ҷиноятиро бо ташбеҳ манъ мекунад. Мо чунин мешуморем, ки мазмуни принсипи қонуният дар татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ набояд бо ҳамин тартиб маҳдуд карда шавад. Он бояд, аз ҷумла, баробарӣ дар назди ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ягонагии қонуният; роҳ надодан ба ҳолатҳое, ки шахс барои як ҷиноят ду маротиба ба як намуди ҷавобгарӣ кашида мешавад; озод кардан аз ҷавобгарӣ танҳо дар асоси қонунӣ; намуд, маҳдудият ва чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар қонун муқаррар карда мешавад. Қоидаи муҳим ин аст, ки қонуне, ки ҳама гуна амалҳоро манъ мекунад, набояд қувваи бозгашт дошта бошад, зеро қонун, чун қоида, ба оянда нигаронида шудааст ва рафтори ихтиёрии одамонеро, ки ба амали онҳо баҳои ҳуқуқӣ меандешанд, танзим мекунад ва иҷтимоӣ маънои мамнуъ ва муҷозот (таҳдиди вайрон кардани онҳо) таъсир расонидан ба интихоби роҳи муайяни рафтори субъект мебошад.

Н.Г. Александров навиштааст, ки дар ҷараёни ҷавобгарии ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташкилотҳои мушаххас принсипи асосӣ маҳз принсипи қонуният мебошад ва татбиқи принсипҳои дигар бештар ба татбиқи пай дар пайи он вобаста аст. Аммо, раванди ифодаи қонунии ҷавобгарии ҳуқуқиро эътибориокии он - талаби муқаррар намудани асоси ҷавобгарии ҳуқуқии ин ё он шахс, яъне факти содир намудани ҳуқуқвайронкунии мушаххасро объекти муайян медонист [4,с.630]. Чунин нуқтаи назарро М.Н. Марченко низ ҷонибдорӣ мекунад, ки қонуниятро ҳамчун эътибори ҳуқуқии ҷавобгарӣ муайян кардааст [24,с.519]. Қонунгузори муосир онҳоро якхела намешуморад, зеро мазмуни қонуният хеле васеътар аст. Санади татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад асоснок бошад, аммо қонунӣ набошад, аммо он наметавонад қонунӣ бошад ва асоснок набошад.

Н.П. Митрохин 12 шарти асосиро номбар мекунад, ки мазмуни принсипи қонуниятро дар татбиқи институти ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф мекунанд [27,с.62]. Аз ҷумла, унсурҳое, ки метавонанд ба мазмуни принсипи қонунӣ будани ҳама гуна намуди соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дохил карда шаванд, волояти қонун, қарори дуруст дар қонунгузории мурофиавӣ оид ба тартиби баррасии парванда, муайян намудани аниқи салоҳияти шахсони ваколатдор, ваколат ва ҷавобгарии онҳо барои қабули нодурусти қарор ё қабул накардани қарор, агар барои ин асосҳои зарурӣ мавҷуд бошад, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ба ҷавобгарии қонунӣ кашидан.

Муайян намудани принсипи қонунӣ будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун зарурати ҳар як субъекти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ оид ба ҳамоҳангсозии

амали худ бо муқаррароти меъёрӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда аҳаммияти бузурги амалӣ дорад, зеро дар воқеият аз ин қоида дурравиҳои гуногун мавҷуданд. Аз ин лиҳоз, қонуният як қисми интизоми давлатӣ (аз қабили интизоми расмӣ) мебошад. Тамоми талаботи қонуният, ки ба хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудааст, ҳамзамон мазмуни интизомро дар бар мегирад [28,с.468]. Мафҳуми қонуният аксар вақт дар қонунгузории ҷорӣ маҳз ҳамчун принсипи ташкил ё принсипи фаъолият пайдо мешавад. Самараи принсипи қонуният дар муқаррар намудани талабот ва ҷавобгарии махсус нисбат ба шахсони мансабдоре, ки иҷрои бевоситаи санадҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинишударо ба амал мебароранд, зоҳир мегардад. Аз ҷумла, иҷрокунандаи суд вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои ба ӯ додашударо мутобиқи қонун истифода барад ва роҳ надиҳад, ки бо фаъолияти худ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро поймол намояд [11,с.94].

Ҳамин тавр, принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун идеяи асосии ҳуқуқӣ, аз ҷониби тамоми муассисаҳои салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо аз ҷониби тамоми мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо риояи қатъии қонунҳо талаб карда мешавад, ки хусусияти зарурӣ, асоси тамоми соҳаи фаъолияти мақомоти дахлдор ва татбиқи масъулияти ҳуқуқӣ мебошад. Қонуният на танҳо асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки тамоми раванди татбиқи онро низ фаро мегирад. Тавассути ин принсип баррасӣ гардида, талаботи принсипҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии демократия, баробарӣ, робитаи давлат бо қонун ва ғайра ба доираи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегузарад. Принсипи қонуният ҳамчун воситаи татбиқи талаботи онҳо дар ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда, ҳамзамон чунин иҷроро кафолат медиҳад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДОТР – Зокирзода З.**

**АДАБИЁТ**


1. Агаджанов, А.А. Юридическая ответственность государства как гарантия законности [Текст]: проблемы теории и практики в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Агаджанов. -Челябинск, 2006. -177 с.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук / У.А. Азизов. -Душанбе, 2015. -414 с.
3. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов; отв. ред. Ф.Т. Тахиров. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -368 с.
4. Александров, Н.Г. Теория государства и права [Текст] / Н.Г. Александров. -М.: Юрид. лит.,1974. -664 с.
5. Алексеев, С.С. Философия права [Текст] / С.С. Алексеев. -М.: Норма, 1998. -329 с.
6. Алексеев, С.С. Государство и право [Текст] / С.С. Алексеев. Начальный курс. -М.: 1993. -176 с.
7. Бахрах, Д.Н. Вопросы законности в государственном управлении [Текст] / Д.Н. Бахрах // Правоведение. – 1992. -№3. -С.3-12.
8. Беркович, Е.Ф. Законность – конституционный принцип местного самоуправления в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юр. наук / Е.Ф. Беркович. -Ростов/н Д., 2004. -214 с.
9. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ / Ф.А. Бобохонов. -Душанбе, 2022. -202 с.
10. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1–2 (от древнейших времен до начала XX века) [Текст] / И.Б. Буриев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -244 с.
11. Валеев, Д.Х. Принципы как процессуальные гарантии в исполнительном производстве [Текст] / Д.Х. Валеев // Закон. – 2007. -№5. -С.93-102.
12. Вопленко, Н.Н. Законность и правовой порядок [Текст] / Н.Н. Вопленко. -Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2006. -135 с.
13. Гуцериев, Х.С. Законность и профилактика правонарушений (теоретико-правовой анализ) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Х.С. Гуцериев. -СПб., 1998. -375 с.
14. Ефремов, А.Ф. Принципы законности и проблемы их реализации [Текст] / А.Ф. Ефремов. -Тольятти: ТолПи, 2000. -460 с.
15. Заднепровская, М.В. Осуществление юридической ответственности и социалистическая законность [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / М.В. Заднепровская. -М., 1984. -213 с.
16. Иванов, А.А. Принцип законности юридической ответственности и его взаимосвязь с общей законностью [Текст] / А.А. Иванов // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Юридические науки. – 2010. -№1. -С.23-29.
17. Иоффе, О.С. Вопросы теории права [Текст] / О.С. Иоффе, М.Д. Шаргородский. -М., 1961. -381 с.
18. Казарина, А.Х. Законность как правовая категория и социальное явление [Текст] / А.Х. Казарина // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2007. -№5. -С.15-19.

19. Козлова, А.Н. Публичность как принцип уголовного судопроизводства [Текст]: автореф. … канд. юрид. наук / А.Н. Козлова. -М., 2007. -27 с.
20. Козлова, О.А. Справедливость как принцип юридической ответственности [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / О.А. Козлова. -М., 2005. -161 с.
21. Колесников, Е.В. Принцип законности при производстве по уголовному делу и его интерпретация Конституционным судом РФ / Е.В. Колесников // Журнал российского права. – 2004. -№5. -С.17-23.
22. Колпакова, Е.Е. К вопросу о месте принципа законности в системе принципов юридической ответственности публично-правовых образований [Текст] / Е.Е. Колпакова // Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. – 2013. -№4(79). -С.84-94.
23. Мансурзода, А.М. Қонуният ва риояи он аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ / Мансурзода А.М., Нурализода Ш.Н. // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -№1(53). -С.70-75.
24. Марченко, М.Н. Основы теории государства и права / М.Н. Марченко. -М.: Зерцало, 2002. -Т. 3. -519 с.
25. Марченко, М.Н. Теория государства и права [Текст] / М.Н. Марченко. -М.: Зерцало, 2004. -800 с.
26. Матузов, Н.И. Правовая политика современной России [Текст] / Н.И. Матузов, А.В. Малько, К.В. Шундиков // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. -№1. -С.6-27.
27. Митрохин, Н.П. Демократизм и законность предварительного следствия в СССР [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук / Н.П. Митрохин. -Минск, 1983. -424 с.
28. Нерсесянц, В.С. Проблемы общей теории права и государства / В.С. Нерсесянц. -М.: Норма, 2004. -835 с.
29. Пиголкин, А.С. Основы теории государства и права / А.С. Пиголкин. -М.: Высш.школа, 1982. -256 с.
30. Помогалов, А.В. Неотвратимость юридической ответственности как принцип законности: автореф. дисс. … канд. юрид. наук / А.В. Помогалов. -М., 2007. -27 с.
31. Ремнев, В.И. Социалистическая законность в государственном управлении / В.И. Ремнев. -М., 1979. -301 с.
32. Старилов, Ю.Н. История становления и современное состояние исполнительной власти в России [Текст] / Ю.Н. Старилов. -М.: Новая правовая культура, 2003. -336 с.
33. Теткин, Д.В. Законность как реальное выражение права [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Д.В. Теткин. -Тамбов, 2007. -197 с.
34. Ткачев, Н.И. Законность и обоснованность судебных постановлений в гражданском процессе [Текст]: дис. … канд. юрид. наук / Н.И. Ткачев. -Саратов, 1984. -204 с.
35. Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Ф.Т. Тоҳиров. -Душанбе, 1999. -256 с.
36. Тоҳиров, Ф.Т. Демократикунонӣ ва ташаккули маданияти ҳуқуқӣ / Ф.Т. Тоҳиров // Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. -Душанбе: Дониш, 2009. -С.90-103.
37. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) [Текст] / А.Г. Холиков. -Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. -488 с.
38. Хачатуров, Р.Л. Общая теория юридической ответственности. Монография / Р.Л. Хачатуров, Д.А. Липинский. -СПб.: Пресс, 2007. -934 с.
39. Шаталов, А.С. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: Учеб. пособие в схемах / А.С. Шаталов. -М., 2006. -432 с.

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии принсипи қонуният мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷиро ба инобат гирифта, принсипи қонуниятро мавриди таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун идеяи асосии ҳуқуқӣ, аз ҷониби тамоми муассисаҳои салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо аз ҷониби тамоми мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо риояи қатъии қонунҳо талаб карда мешавад, ки ин хусусияти зарурӣ, асоси тамоми соҳаи фаъолияти мақомоти дахлдор ва татбиқи масъулияти ҳуқуқӣ мебошад. Қонуният на танҳо асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки тамоми раванди татбиқи онро низ фаро мегирад. Тавассути ин принсип баррасӣ гардида, талаботи принсипҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии демократия, баробарӣ, робитаи давлат бо қонун ва ғайра ба доираи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегузарад. Принсипи қонуният ҳамчун воситаи татбиқи талаботи онҳо дар ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда, ҳамзамон чунин иҷроро кафолат медиҳад. Таҳқиқоти муаллиф муайян кардааст, ки принсипи қонуният ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ хос аст, ки дар он ҷавобгарӣ аз ҷониби қонунгузор муқаррар карда мешавад ва мо метавонем дар бораи робитаи дутарафаи ин падидаҳо сухан ронем. Аз як тараф, ҳадафи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ ҳифз ва нигоҳ доштани реҷаи қонуният дар давлат, ҳамчун асл ва пояи тамоми ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Аз тарафи дигар, худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми татбиқи он риояи амалии қонунро талаб мекунад. Принсипи қонуният ба хусусият, мазмун, давомнокии амал ва ҳудуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо:** таҳлил, назариявӣ, ҳуқуқӣ, принсип, қонуният, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқ, принсипи умумии ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ, риоя ва иҷро.

## ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПРИНЦИПА ЗАКОННОСТИ

В данной статье анализируется и обсуждается вопрос теоретико-правового анализа принципа законости. Автор, исследуя данный вопрос, учел мнения отечественных и зарубежных ученых и подверг принцип законности теоретико-правовому анализу. В результате исследования автор пришел к выводу, что принцип законности

юридической ответственности как основная правовая идея требует строгого соблюдения законов всеми компетентными учреждениями и их должностными лицами, что является необходимым признаком, основой всей выездной деятельности соответствующих органов и реализации юридической ответственности. Законность охватывает не только основания юридической ответственности, но и весь процесс ее реализации. На основании этого принципа в сферу юридической ответственности переходят требования социальных, политических и правовых принципов демократии, равенства, соотношения государства и права и т.п. Принцип законности выступает средством реализации своих требований в данной сфере общественных отношений и одновременно гарантирует такую реализацию. Исследования автора определили, что принцип законности характерен для всех отраслей права, где ответственность устанавливается законодателем, и можно говорить о двусторонней связи между этими явлениями. С одной стороны, основной целью юридической ответственности как социально-правового явления является защита и поддержание законности в государстве, как основы всей общественной жизни. С другой стороны, сама юридическая ответственность требует практического соблюдения закона при ее реализации. Принцип законности влияет на характер, содержание, продолжительность действия и пределы юридической ответственности.

**Ключевые слова:** анализ, теоретический, юридический, принцип, законность, юридическая ответственность, области права, общий принцип права, правопорядок, соблюдение и исполнение.

**THEORETICAL AND LEGAL ANALYSIS OF THE PRINCIPLE OF LEGALITY**

This article analyzes and discusses the issue of theoretical and legal analysis of the principle of legality. The author, while exploring this issue, took into account the opinions of domestic and foreign scientists and subjected the principle of legality to theoretical and legal analysis. As a result of the study, the author came to the conclusion that the principle of legality of legal responsibility as a basic legal idea requires strict compliance with the laws by all competent institutions and their officials, which is a necessary feature, the basis of all field activities of the relevant bodies and the implementation of legal responsibility. Legality covers not only the grounds of legal responsibility, but also the entire process of its implementation. Based on this principle, the requirements of social, political and legal principles of democracy, equality, the relationship between state and law, etc., come into the sphere of legal responsibility. The principle of legality acts as a means of realizing one's requirements in this area of social relations and at the same time guarantees such implementation. The author's research has determined that the principle of legality is characteristic of all branches of law where responsibility is established by the legislator, and we can talk about a two-way connection between these phenomena. On the one hand, the main goal of legal responsibility as a social and legal phenomenon is to protect and maintain the rule of law in the state, as the basis of all social life. On the other hand, legal responsibility itself requires practical compliance with the law in its implementation. The principle of legality affects the nature, content, duration of action and the limits of legal liability.

**Keywords:** analysis, theoretical, legal, principle, legality, legal responsibility, areas of law, general principle of law, legal order, compliance and execution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобохонов Фаридун Аламшоевич*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи психология. **Суроға:** 735700, ш. Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 999-333-160.** E-mail: **farodil_ff@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Бобохонов Фаридун Аламшоевич*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой психологии. **Адрес**: 735700, г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э. Мухиддин, 63. Телефон: **(+992) 999-333-160.** Email: **farodil_ff@mail.ru**

**Information about author:** ***Bobokhonov Faridun Alamshoevich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of psychology. **Address**: 735700, Garm, Republic of Tajikistanst. E. Mukhiddin, 63. Phone**: (+992) 999-333-160**. E-mail: **farodil_ff@mail.ru**

ТДУ: 343(575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО МАҚОМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

*Хоҷаева Н.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хосса дошта, баҳри таъмин намудани иҷроиши вазифаҳои дар қонунгузории амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ шуда равона карда шудааст. Дар баробари воҳидҳои тафтишӣ мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дар раванди тафтиши ҷиноят нақши муайянеро иҷро менамоянд. Проблемаи ташкили ҳамкории воҳидҳои тафтишӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҷмуи масъалаҳои дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки бо пайдоиши як қатор намудҳои нави ҷиноятҳо ва дар як вақт паст шудани сатҳи ошкор ва сифати тафтишоти ҷиноятҳои ҷиноятӣ алоқамананд. Сифати ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо бештар аз ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёни ин раванд ва пеш аз ҳама, бо кормандони оперативӣ, сарфи назар аз хусусиятҳои парвандаи тафтишшаванда вобаста аст. Лобунес Е.С. ду шакли амали мутақобиларо фарқ мекунад: фаъолияти мурофиавӣ, ки бо меъёрҳои гуногуни Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешавад ва фаъолияти ғайримурофиавӣ [5,с.169-174].

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи натиҷаҳои фоъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иҷозат дода мешавад. Мутобиқи моддаи 84 КМҶ ҶТ, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Дар шароити имрӯзаи амалишавии ислоҳоти ҳуқуқӣ зарурияти такмили танзими ҳуқуқи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷой дорад [10,с.68-72].

Проблемаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷараёни исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҳалли худро дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии кишварҳои ИДМ ба таври гуногун ёфтааст. Бо мақсади бартараф кардани масъалаи мазкур метавонем кодексҳои мурофиавии ҷиноятии кишварҳои ИДМ-ро ба 3 гурӯҳ ҷудо намоем.

Федератсияи Русия ва Қазоқистон дар қонунгузории мурофиавиашон моддаи махсус оиди натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ намуда, чунин таърифро ихтиёр намудаанд: дар ҷараёни исботкунӣ истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манъ аст, агар онҳо ба талаботҳои пешниҳодшуда оиди далелҳо тибқи кодекси мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқат накунанд ва ин гуна натиҷаҳо дар боби исботкунӣ ҷой дода шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки агар бо риояи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъоварӣ шуда бошанд ва ҳангоми ҳамаҷониба исботи худро ёфтан ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун далел роҳ дода мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баъди ҳаматарафа санҷидан, тафтиш намудан ва баҳо додан ба парванда чун далел роҳ дода мешаванд [9,с.47-50].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки яке аз усулҳои хеле пешқадам ва самарабахши мубориза бо ҷинояткорӣ андешидани чорабиниҳои мақсадноки оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҳсуб мешаванд [11,с.79]. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз воситаҳои таъсирбахши мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад [7,с.22]. Ҳамасола тавассути он дар ҷаҳон анқариб 85 фисади ҷиноятҳо кушода мешаванд [6].

Ҳамзамон, фаъолияти мазкур барои иҷроиши вазифаҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намуда, натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ, махсусан дар ҷараёни исботкунӣ нақши назаррас доранд, ки онҳо ба сифати асоси ташаккули далелҳо баромад намуда, дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ санҷида шуда, ба далелҳои мустақил табдил дода мешаванд. Аз ин рӯ, дар амалияи мақомоти тафтишотӣ аз натиҷаҳои

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади пурзӯр намудани базаи исботкунӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар Тоҷикистон дар фарқият аз солҳои 90-уми қарни гузашта, ҷинояткорӣ дар кишвар бо роҳу усулҳои нав содир шуда истодааст, ки барои ошкор ва пешгирӣ намудани ин падидаи манфӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз маҷмуи амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда, бар зидди ҷинояткорӣ мубориза мебаранд.

Принсипҳои зерини ҳамкорӣ байни муфаттиш ва воҳидҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид шудаанд [12,с.147-151].

- қонуният;

– эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;

– муайян намудани салоҳияти муфаттиш ва мақомоте, ки фаъолияти оперативиро анҷом медиҳанд;

– нақши ташкилӣ ва роҳбарии муфаттиш дар раванди ҳамкорӣ;

– ифшо накардани маълумоти тафтишоти пешакӣ, воситаҳо ва усулҳои дар тафтишоти оперативӣ истифодашаванда;

– банақшагирии фаъолияти муштарак;

– таъмини ҳамкории роҳбарони мақомоти тафтиши пешакӣ ва мақомоте, ки фаъолияти оперативиро анҷом медиҳанд.

Ҳамин тавр, Е.Р. Гришина принсипҳои зерини ҳамкориро номбар мекунад: қонуният; масъулияти тарафайн; роҳбарии ташкилии муфаттиш; салоҳият; эҳтимолияти бегуноҳӣ; эҳтироми ҳамдигар; эътироф ва риояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахс; мустақилияти шахси коршинос дар доираи муқаррарнамудаи қонун [2,с.35].

Дар навбати худ, дар байни принсипҳои асосии муносибат В.Ф. Шербаков чунин зикр мекунад: қонуният; самаранокии иқтисодӣ; аниқ муайян кардани вазифаҳо; истифодаи комплексии қувваю воситаҳо бо назардошти мақсад ва имкониятҳои онҳо [12,с.147-151].

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми якҷоя гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо байни мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва воҳидҳои тафтиши пешакӣ дида мешавад. Бар замми ин, самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо дар ягонагии мақсадашон, балки дар хусусиятҳои ташкили ҳамкории онҳо мебошад, ки дорои ваколатҳои муассири ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мебошанд. Аммо на дар амалия ва на дар назария ҷавоби мушаххас мавҷуд нест, ки чи гуна мақомотҳои фаъолияти гуногундошта бо ҳам ҳамкории якҷояи қонунӣ намоянд.

Воҳидҳои тафтишӣ ва оперативӣ кори худро, чун қоида, мустақилона тартиб медиҳанд ва ба нақша мегиранд. Аз тарафи дигар, ҳангоми гузаронидани тафтиши ин ё он ҷиноят барои иҷрои вазифаҳои якҷояи ба зиммаашон гузошташуда нақшаҳои мувофиқшударо тартиб дода, ҳангоми гузаронидани амалиёти якҷоя ба зиммаи онҳо уҳдадориҳои дахлдор гузошташударо таъмин мекунанд. Агар шахси ҷустуҷӯшаванда номаълум бошад ё маҳалли ҷойгиршавии ӯ номаълум бошад, барои муфаттиш бо мақомоти тафтишот ду роҳ мавҷуд аст. Дар ҳолати аввал, агар шахс номаълум бошад, мақомоти тафтишот бояд бо супориши хаттии муфаттиш чунин фаъолиятҳоеро анҷом диҳанд, ки барои ошкор кардани ҷинояткор пешбинӣ шудаанд, вале бояд қайд кард, ки ҳама гуна ҳодиса катъиян аз рӯйи нақшаи тартибдодаи чорабиниҳои якҷоя ба амал баровarda мешавад. Дар сурати дуюм, мақомоти таҳқиқот бо истифода аз ҳама гуна усулҳои дар фаъолияти худ истифодашаванда шахсеро, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гурехтааст, ҷустуҷӯ мекунад, ҳам дар ҳолати якум ва ҳам дар ҳолати дуюм бояд ҳамаи амали тарафҳо мувофиқа карда шавад, ки дар нақшаи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ инъикос ёфтаанд ва мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бошад, дар навбати худ, пас аз гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба муфаттиш ба таври хаттӣ хабар диҳад [1,с.169-174].

Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд барои оғози парвандаи ҷиноӣ ҳамчун асос хизмат кунанд, ба мақоми таҳқиқ, муфаттиш ё суде, ки парвандаи ҷиноӣ дар

истеҳсолоташон мебошад, пешниҳод карда шаванд ва барои исботкунӣ дар парвандаи ҷиноӣ мутобиқи қоидаҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танзим менамояд, истифода шуда метавонанд. Пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақомоти тафтиш ё суд дар асоси қарори роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро тибқи тартиби санади меъёрии идорӣ ба амал мебарорад, сурат мегирад [10,с.68-72].

Омӯзиши амалияи тафтишӣ нишон медиҳад, ки ҳамгирои миёни мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мақомоти тафтишотӣ дуруст ба роҳ монда шудааст ва норасоиҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тактикии онҳо нисбат ба амалияи тафтишӣ, ки дар навбати худ, метавонад ба натиҷаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ таъсир расонад, афзоиш ёбад.

Муайянкунӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқӣ ва ташкили тарзҳои тактикии бевосита ба ҳамкории байни мақомоти тафтишотию фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дахл дорад.

Дар ҳар сурат, ҳамкории муфатттиш бо корманди оперативӣ ҷиҳати ошкор намудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва ба сифати далел истифода бурдани онҳо дар раванди исботкунӣ ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми ҳамкорӣ худ маънии фалсафӣ дошта, ҳамбастагии якеро ба дигаре ифода мекунад. Яъне, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамкорӣ фаъолиятест, ки дар интихоби беҳтарин ва татбиқи чораҳои ташкилӣ ва тактикӣ, ки ба фароҳам овардани шароити муносиби ҳалли мушкилоти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ тавассути амалҳои фармоишӣ ва ҳамоҳангшудаи ду ва зиёда субъектҳо равона шудааст, иборат аст.

Ҳангоми ҳамкории мақомоти тафтишӣ ва фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ, муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ва нақши ҳар як субъект, чи кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва чи кормандони тафтишӣ дар раванди ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо зарур аст.

Аз ин рӯ, дар моддаи 39-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки ду ваколати он бевосита ба ҳамкории мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудааст. Чунончи**:**

- ба кормандони мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳои хаттие диҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ буда, мусоидати ин мақомотро дар пешбурди амалҳои тафтишӣ талаб намояд;
- бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, мутобиқи қонунгузорӣ шинос шавад [3].

Ҳамзамон, дар қисми 1 ва 2-и моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", уҳдадории корманди мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ шудааст, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқшаванда бахшида шудааст, яъне:

- дар доираи ваколатҳои худ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, моликият, ҳамчунин барои таъмини амнияти ҷамъият ва давлат тамоми чораҳои заруриро андешад;
- дар доираи ваколатҳои худ супоришҳои хаттии мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва қарори судро (судяро) оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар пешбурди онҳо қарор доранд, иҷро намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ" вобаста ба мавзуи ҳамкории мақомоти тафтишотӣ бо мақомоти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар қисми 3-и моддаи 7-уми худ муқаррар намудааст, ки яке аз асосҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ин супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё таъиноти суд (судя) аз рӯйи парвандаи ҷиноятии дар пешбурди онҳо қарордошта мебошад [4,с.115].

Бояд қайд намуд, ки ягона меъёре, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро аз далелҳои мурофиавӣ фарқ мегузорад, ин меъёри қабулият, яъне қобили қабул будани далелҳо мебошад.

Аз ин рӯ, зимни ҳалли масъалаи қабулияти натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати далелҳо тавсия карда мешавад, ки давраҳои зерини тадқиқи онҳо амалӣ карда шавад:

- аниқ намудани мансубияти маълумотҳои бадастомада бо предмети исботкунӣ (дар асоси моддаи 85 КМҶ ҶТ);

- санҷиши риояи шартҳо ва асосҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва инчунин шакл ва мазмуни ҳуҷҷатҳое, ки рафти гузаронидани ин чорабиниҳоро таҷассум менамоянд (масалан, аз ҷониби прокурор додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтушунидҳо, инчунин ворид шудан ба манзил ва муоинаи он);

- риоя намудани талаботи қонунгузорӣ дар хусуси ба расмият даровардани натиҷаҳои амалиётҳои тафтишотӣ зимни ба даст овардани далелҳо;

- аз ҷониби субъектҳои дахлдор ба даст овардани далелҳо. Корманди оперативӣ танҳо бо супориши алоҳидаи муфаттиш метавонад, шахсонро пурсиш намояд [8,с.176].

Аслан нақши мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ аз сари вақт кушодан ва муайян намудани ҳодисаи ҷиноят, шахсияти ҷинояткор, шоҳидон, ҷамъоварии иттилоот оиди ҳодисаи ҷиноят ва дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта иборат аст.

Нақши муфаттиш бошад, ин дарёфт ва муқоисаи далелҳо, санҷиш, таҳлили маълумоти гуногуни бадастомада, дар робита ба ҷойи ҳодиса ва натиҷаҳои бадастоварда ва ҳалли самти ояндаи кор мебошад.

Ҳуҷҷатҳои оперативии хизматӣ, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро инъикос менамоянд, ба суд (судя), прокуроре, ки риояи қонуниятро дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ назорат мекунад, ҳамчунин ба мақомоти таҳқиқ ва муфаттиш, ки дар пешбурдашон парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, бо тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пешниҳод карда мешаванд.

Он натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки ба мақомоти тафтишотӣ пешниҳод мешаванд, аввалан бо мақсади бартараф намудани шубҳаҳо ва шакли расмии мурофиавӣ доданашон бо амалҳои тафтишӣ санҷида, баъдан ба далелҳои мурофиавӣ табдил дода мешаванд.

Масалан, маълумоте, ки ҳангоми гузаронидани чораи оперативии пурсиш ба даст омадааст, аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ҳангоми истифодабарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо амали тафтишии ҳаммонанд, яъне пурсиши мурофиавӣ санҷида мешаванд ва баъдан он иттилооти оперативиро дар асоси қарори худ ба далел табдил дода, чи дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва чи дар давраи исботнамоии тафтишӣ истифода мебаранд.

Мувофиқи қисми 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолити оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”, ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумотҳо пурсиш карда шаванд. Дар ин маврид, шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд ва кормандони штатии ғайриошкоро метавонанд фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят, пурсиш карда мешаванд [4,с.115].

Истифодаи самарабахши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷараёни исботкунӣ муҳим мебошад. Яъне, дар ин раванд ҳамкорӣ дар намуди ташкили гурӯҳҳои тафтишотӣ ва оперативӣ ба назар мерасад, ки ҷанбаи мусбати кори ин гурӯҳҳо, ин якҷоя кардани амалиётҳои тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳолатҳои мушаххас, истифодаи фаврии иттилооти оперативӣ ҷиҳати дарёфти ҳуҷҷатҳо барои парванда, ошкор кардани ҷинояткорон ва дигар ҳолатҳо мебошанд. Ҳамин тавр, ҳамкорӣ метавонад самаранокии корро бе тағйир додани сохтор ва таркиби хизматрасонии мақомотҳо баланд бардорад.

**Муқарриз: д.и.х., профессори ДМТ – Назаров А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Горбунов А.Н. Некоторые проблемы, возникающие при исполнении поручений органов предварительного расследования сотрудниками уголовного розыска / Актуальные проблемы теории и практики оперативно-

розыскной деятельности / А.Н. Горбунов, В.А. Хабаров // Материалы IX Всеросс. науч.-практ. конф. (16 окт. 2020 г.). –Краснодар, 2021. -С.169-174.
2. Гришина Е.П. Коммуникативное взаимодействие следователей и лиц, обладающих специальными познаниями, в ходе производства по уголовным делам / Е.П. Гришина // Российский следователь. -2011. -№4. -С.35.
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3-юми декабри 2009 ва 01-уми апрели 2010).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2011. -№3. -С-155.
5. Лобунец Е.С. Назначение, сущность и содержание этапов расследования отдельных видов и групп преступлений: дис. … канд. юрид. наук / Е.С. Лобунец. -Хабаровск, 2015. -С.139.
6. Маҳмудов И.Т. Масоили дурнамои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ / И.Т. Маҳмудов // Давлат ва ҳуқуқ. - 2011. -№ 3. -С.93-97.
7. Маркушин А.Г. Оперативно-розыскная деятельность-необходимость и законность / А.Г. Маркушин. -2-еизд., перераб.и доп.. -Нижний Новгород, 1997. -С.22.
8. Маҳмудов И.Т. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Паёми ДМТ. -Душанбе, 2015. -№3/6(176).
9. Хоҷаева Н.Б. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии кишварҳои ИДМ / Н.Б. Хоҷаева // Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ. -Душанбе, 2015. -№3/4(170). -С.47-50.
10. Хоҷаева Н.Б. Проблемаҳои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ / Н.Б. Хоҷаева // Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ. -Душанбе, 2014. -№3/8(150). -Қ. 2. –С.68-72.
11. Шматов М.А. Теория оперативно-розыскной деятельности в системе уголовно-правовых наук / М.А. Шматов. -Волгоград, 2001. -С.79.
12. Щербаков В.Ф. Реализация государственной политики противодействия преступности в сфере экономики подразделениями экономической безопасности органов внутренних дел МВД России (теоретико- прикладной анализ): дис. д-ра юрид. наук / В.Ф. Щербаков. -М.: ВНИИ МВД России, 2006. -С.147-151.

## ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО МАҚОМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

Дар мақолаи мазкур ҳамкории муфаттиш бо мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ шудааст. Дар мақола зарурати беҳтар намудани ҳамкории байни муфаттишон ва мақоми оперативӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъкид мешавад. Муаллиф аҳаммияти мавзуъро асоснок намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро, ки таҳлили қонунгузорӣ, амалияи татбиқи қонун ва арзёбии экспертии мутахассисони ин соҳаро дар бар мегирад, пешкаш менамояд. Дар мақола мушкилоти марбут ба ҳамкории муфаттиш бо мақомоти оперативӣ ҳангоми ҷамъоварии далелҳо ошкор карда шуда, инчунин масъалаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амали муфаттиш ва мақомоти оперативӣ ҳангоми тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ баррасӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** муфаттиш, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамкорӣ, мубодилаи иттилоот, далелҳо, тафтишот, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

## ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ СЛЕДОВАТЕЛЕЙ С ОРГАНАМИ, ЗАНИМАЮЩИМИСЯ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ

Данная статья исследует взаимодействие следователей с органами, занимающимися оперативно-розыскной деятельностью на разных стадиях уголовного судопроизводства. В статье обсуждается необходимость совершенствования взаимодействия между следователями и оперативными службами на всех этапах уголовного судопроизводства. Авторы обосновывают актуальность темы и представляют результаты своего исследования, которое включает анализ законодательства, практику применения закона и экспертные оценки специалистов в данной области. Статья раскрывает проблемы, связанные с взаимодействием следователя с оперативными органами в процессе сбора доказательств, а также рассматривает вопросы сотрудничества и координации действий между следователем и оперативными органами в ходе предварительного расследования и судебного разбирательства.

**Ключевые слова:** следователь, оперативно-розыскная деятельность, уголовное судопроизводство, сотрудничество, взаимодействие, информационный обмен, доказательства, расследование, оперативно-розыскные мероприятия.

## INTERACTION OF INVESTIGATORS WITH BODIES ENGAGED IN OPERATIONAL SEARCH ACTIVITIES

This article explores the interaction of investigators with bodies involved in operational-search activities at different stages of criminal proceedings. The article discusses the need to improve the interaction between investigators and operational services at all stages of criminal proceedings. The authors substantiate the relevance of the topic and present the results of their research, which includes an analysis of the legislation, the practice of applying the law and expert assessments of specialists in this field. The article reveals the problems associated with the interaction of the investigator with the operational authorities in the process of collecting evidence, and also considers the issues of cooperation and coordination of actions between the investigator and the operational authorities during the preliminary investigation and trial.

**Keywords:** investigator, operational-search activity, criminal proceedings, cooperation, interaction, information exchange, evidence, investigation, operational-search activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаева Наргис Балаҷоновна*** – Донишгоҳи милли Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-65-82-88.** E-mail: **somon_010@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ходжаева Наргис Баладжоновна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-65-82-88.** E-mail: **somon_010@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nargis Baladzhonovna Khojaeva*** - Tajik National University, senior lecturer at the department of judicial law and prosecutorial supervision. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-65-82-88.** E-mail: **somon_010@mail.ru**

ТДУ: 347.4(575.3)

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОКУНАНДА ДАР ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

*Хоҷамуродов Д.Г.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ як намуди шартномаи хизматрасонии музднок дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) мебошад. Ин шартнома дар боби 43 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (минбаъд КМ ҶТ), Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [3], Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2010, №674 «Дар бораи байторӣ» [2], «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 тасдиқ шудааст [8] ва дигар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ танзим шудааст ва ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаро дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ муқаррар менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар мебошанд, ки ин аз мазмуни м. 859 КМ ҶТ бармеояд. Д.Ш. Сангинов қайд менамояд, ки «тарафҳои шартномаи хизматрасонии байторӣ, ташкилоти байторӣ ва ё байтор ва истифодабарандаи ин хизмат (соҳиби ҳайвонот) мебошанд» [9,с.151].

Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 муқаррар менамояд, ки ташкилотҳои байторӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки дар соҳаи байторӣ фаъолият мекунанд, тибқи қонунгузории ҶТ метавонанд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хизмати муздноки байторӣ расонанд (қ.1 м.37) [2]. Дар «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 бошад, ба сифати иҷрокунанда «корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки ҳуқуқи расонидани хизматрасонии муздноки байториро доранд» [8], зикр шудааст.

Бояд қайд намуд, ки тартиби мазкур дар асоси Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2010, №674 «Дар бораи байторӣ» [2] ва Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [3] таҳия шудааст. Аз ин рӯ, мафҳуми иҷрокунандаро, ки дар моддаи 1 Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дода шудааст, баррасӣ намудан мумкин аст. Мутобиқи он, иҷрокунанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие мебошад, ки корро барои истеъмолкунандагон тибқи шартномаи бемузд ё музднок иҷро мекунанд ё хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд [3].

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар ҳудуди ҶТ ташкилотҳои байтории давлатӣ ва хусусӣ фаъолият менамоянд. Ташкилотҳои байтории давлатӣ – ташкилотҳои байториеро дар бар мегиранд, ки моликияти давлатӣ ва тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия – Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ мебошанд. Ин ташкилотҳо аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ғайритиҷоратӣ мебошанд ва метавонанд барои расонидани хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда бошанд. Дар амалия аксарияти ташкилотҳои байтории давлатӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассиса фаъолият менамоянд.

Ташкилотҳои байтории хусусӣ ташкилотҳои байторие мебошанд, ки моликияти онҳо моликияти хусусӣ мебошад. Ташкилотҳои байтории хусусие, ки хизмати байториро пешниҳод мекунанд, дар аксар ҳолат метавонанд ташкилотҳои тиҷоратӣ бошанд, ки ба даст овардани фоидаро ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Дар амалия аксарияти ташкилотҳои байтории хусусӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд таъсис ёфтаанд.

Шахсони воқеӣ, ки маълумоти олӣ ё миёнаи байториро доранд, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ сабти ном шудаанд, метавонанд иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ бошанд.

Дар моддаи 12 Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2010, №674 «Дар бораи байторӣ» муқаррар шудааст, ки «фаъолияти хусусии байторӣ дар асоси иҷозатнома сурат мегирад»

[2]. Бо ин асос, барои он ки ташкилоти байторӣ ё соҳибкори инфиродӣ фаъолияти хусусии байториро амалӣ намояд ва ҳамчун тараф дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ бошад, бояд иҷозатнома дошта бошад. Асоси ҳуқуқии додани иҷозатнома Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 30 майи соли 2023, №133-134-135 [5], инчунин «Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст [6], Низомнома «Дар бораи тартиби гирифтани литсензия барои фаъолияти байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 7 октябри соли 2002 аз ҷониби Вазорати кишоварзии ҶТ тасдиқ шудааст, ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти хусусии байторӣ, тавре ки дар боло қайд кардем, яке аз намудҳои фаъолияте мебошад, ки иҷрои он доштани иҷозатномаро талаб мекунад. Боби 45 «Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» иҷозатномадиҳӣ дар фаъолияти хусусии байториро муқаррар менамояд. Ин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба сифати мақомоти иҷозатномадиҳанда Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст.

Банди 2 Низомномаи мазкур муқаррар менамояд, ки, «фаъолияти хусусии байторӣ корҳои зеринро дар бар мегирад:

– фаъолияти хусусии табобатӣ-пешгирикунӣ, оид ба ҷарроҳӣ, акушерӣ-гинекологӣ;

– истеҳсол ва фурӯши маводи биологии байторӣ, воситаҳои доруворӣи таъиноти байторӣ, хӯрокворӣ ва иловаҳои хӯроки чорво»[6].

Бояд қайд намуд, ки дар ҶТ Низомнома «Дар бораи тартиби гирифтани литсензия барои фаъолияти байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 7 октябри соли 2002 аз ҷониби Вазорати кишоварзии ҶТ тасдиқ шудааст, мавриди амал қарор дорад. Бандҳои 3,4,5-и Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, ки барои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти чорвое, ки дар ҷамъиятҳои хӯроки умумӣ, савдо, бозор, саноати консерв ва истеҳсоли ҳасиб истифода мешаванд, инчунин дигар намудҳои байторӣи мустақил дар соҳаи фаъолияти байторӣ дар ҶТ бояд иҷозатнома гирифта шавад. Иҷозатнома ба ҳуқуқи машғул шудан ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти чорвое, ки дар ҷамъиятҳои хӯроки умумӣ, савдо, бозор, саноати консерв ва истеҳсоли ҳасиб истифода мешаванд, истеҳсол ва фурӯши доруҳои биологӣ, воситаҳои доруворӣи таъиноти байторӣ аз тарафи Сарраёсати байторӣи назди Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ ба корхонаҳо, ташкилотҳо, кооперативҳо, шаҳрвандон дода мешавад. Иҷозатнома ба ҳуқуқи мустақилона машғул шудан ба байторӣ (фаъолияти табобатӣ-пешгирикунӣ, оид ба ҷарроҳӣ, акушерӣ-гинекологӣ, ба таври сунъӣ бордор намудан, оид ба фурӯши воситаҳои доруворӣ ба мақсади байторӣ, доруҳои биологӣ, воситаҳои зоогигиенӣ ва рамзҳои аҳаммияти зоотехникӣ дошта) аз тарафи стансияҳои мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвоноти ноҳия (шаҳр) танҳо ба шахсони воқеие дода мешавад, ки маълумоти олӣ ва ё миёнаи байторӣ доранд [7].

Ҳамин тавр, бо ба назар гирифтани таҳлили боло, чунин мафҳуми иҷрокунандаро дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ пешниҳод менамоем: «Иҷрокунанда - ташкилоти байторӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият ва соҳибкории инфиродие, ки ба фармоишгар хизмати музднокӣ байториро дар асоси иҷозатнома ва шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ мерасонад».

Иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ як қатор ӯҳдадориҳо дорад, ки яке аз унсурҳои муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии ӯ мебошад. Ӯҳдадориҳои иҷрокунандаи ин шартнома дар қонунгузории ҶТ ба таври пароканда ҷой дошта, тамоми маҷмуи ӯҳдадориҳои иҷрокунандаро дар бар намегирад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин масъаларо муфассалтар мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Яке аз ӯҳдадориҳои иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ расонидани хизмати байторӣ мебошад. Аз мазмуни моддаи 859 КМ ҶТ бармеояд, ки бо супориши фармоишгар иҷрокунанда вазифадор аст хизмат расонад [1]. Яъне, аз ин бармеояд, ки ӯҳдадории асосии иҷрокунанда расонидани хизмати байторӣ бо дархости фармоишгар мебошад. Дар моддаи 861 КМ ҶТ иҷрои шартнома чунин муқаррар карда шудааст: «Иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок дар ҳамон амалҳое ифода мегардад, ки бояд мутобиқи мазмуни ӯҳдадорӣ анҷом дода шаванд» [1]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст,

ки иҷрои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрои амалҳо ё фаъолияти муайяни иҷрокунанда оид ба пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, тағйир додани ҳолати ҷисмонии ҳайвонот, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва ғайра мебошад. Хизмати байторие, ки аз ҷониби иҷрокунанда расонида мешавад, бояд бо сифати дахлдор ва бехатар бошад. Чунки, яке аз унсурҳои муҳимми иҷрои хизматрасонии байторӣ сифат ва бехатарии хизматрасонии байторӣ мебошад.

Уҳдадории дигари иҷрокунанда дар шарномаи хизматрасонии муздноки байторӣ шахсан расонидани хизмати байторӣ мебошад. Ин уҳдадорӣ дар адабиёт ба таври гуногун маънидод мешавад. Ҷ.С. Муртазоқулов сабаби онро чунин маънидод менамояд: «Аз он сабабе ки дар шартномаи хизматрасонӣ натиҷаи хизмат аз фаъолияти иҷрокунанда ҷудо нест ва ҷараёни истифодаи хизмат, чун қоида, дар лаҳзаи расонидани он амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, шахсияти худи иҷрокунанда, сифатҳои фардии ӯ, таҷриба, маҳорати касбӣ, дониш аҳаммият доранд» [10,с.287]. Ю.В. Романетс чунин мешуморад, ки «шахсияти иҷрокунандаи хизмат аз ҳисоби хусусияти ғайримоддӣ доштани хизмат, набудани натиҷаҳои моддӣ, қобилияти баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ ва назорат аз болои ҷараёни иҷрои шартнома барои фармоишгар аҳаммияти калон дорад. Аз ин ҷиҳат, иҷрои шахсии уҳдадориҳо, гӯё, ба фармоишгар барои ин паст будани назоратро ҷуброн мекунад» [11,с.121]. М.В. Кротов бар ин назар аст, ки «чизи асосӣ ин аст, ки муштарӣ на ба хизматрасонӣ, балки ба хизмате, ки ин мутахассиси мушаххас пешниҳод мекунад, таваҷҷуҳ дорад» [12,с.547]. Ҳамин тавр, аз сабаби он ки натиҷаи хизматрасонии байторӣ аз фаъолияти иҷрокунанда ҷудонашаванда аст, хизматрасонии байторӣ дар раванди амалишавии он истеъмол карда мешавад ва бо мақсади ҳимояи манфиати фармоишгар ин уҳдадории иҷрокунанда муқаррар шудааст.

Муқаррарот оид ба шахсан иҷро намудани уҳдадорӣ аз ҷониби иҷрокунанда дар қонунгузории соҳавии байторӣ нест, вале муқаррароти қ.2. м.861 КМ ҶТ татбиқ карда мешаванд, ки мутобиқи он, агар ҳолати дигар дар шартномаи хизматрасонии музднок пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда уҳдадор аст хизматрасониро шахсан анҷом диҳад [1]. Ин меъёр аз иҷрокунанда талаб менамояд, ки хизматрасонии байториро шахсан пешниҳод кунад. Ин маънои онро дорад, ки агар фармоишгар барои расонидани хизмати байторӣ ба иҷрокунандаи хизматрасонии байторӣ муроҷиат карда бошад, он ҳуқуқ надорад, уҳдадориҳои худро оид ба иҷрои шартнома ба иҷрокунандаи дигар интиқол диҳад. Дар ин ҷо истисноҳо вуҷуд доранд ва ин ҳолатҳое мебошанд, ки дар шартнома махсус тартиби дигаре пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, ба фармоишгар бояд танҳо аз ҷониби иҷрокунандае, ки бо ӯ шартнома бастааст, хизмат расонида шавад. Азбаски раванди пешниҳоди хизмат аз натиҷаи он ҷудонопазир аст, уҳдадории аз ҷониби иҷрокунанда шахсан расонидани хизмат аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Чунки ҳангоми бастани шартнома фармоишгар ба эътибори иҷрокунанда, таҷрибаи он дар ин соҳа, имконияти онро барои расонидани ин намуди хизмат ба назар мегирад. Ҳангоми хизматрасонӣ иҷрокунанда аз мавод, қувва ва воситаҳои худ истифода мебарад, ки барои сифат дар назди фармоишгар масъул аст.

Аз ин бармеояд, ки агар фармоишгар барои гирифтани хизматрасонии байторӣ ба иҷрокунандаи муайян муроҷиат карда бошад, ин иҷрокунанда ҳуқуқ надорад уҳдадориҳои худро оид ба иҷрои шартнома ба иҷрокунандаи дигар супорад, агар чунин имконият дар шартнома махсус пешбинӣ нашуда бошад. Иҷрои шахсӣ ҳангоми соҳибкори инфиродӣ будани иҷрокунанда осон амалӣ мешавад. Вазъи байтор – соҳибкорони инфиродӣ одӣ аст, зеро дар ин ҳолат хизматро худи ҳамон шахсе пешниҳод мекунад, ки бо ӯ шартнома баста шудааст. Ҳангоми шахси ҳуқуқӣ – ташкилоти байторӣ будани иҷрокунанда шахсан расонидани хизмат мураккаб мегардад. Дар ин ҳолат ҳатто, агар дар шартнома уҳдадории иҷрои уҳдадории шахсӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, хизматрасонӣ метавонад аз ҷониби ҳар як мутахассиси ташкилоти байторӣ пешниҳод карда шавад, ки ин талабот ва маҳдудиятҳои муқарраршударо вайрон намекунад ва ҳамчун ивазкунандаи ашхоси дар уҳдадорӣ ҷойдошта ба ҳисоб намеравад. Роҳбари ташкилоти байторӣ ҳуқуқ дорад, ки ягон корманди ташкилот – байторро барои хизматрасонӣ ба фармоишгар дархост карда таъин кунад.

Дигар уҳдадории иҷрокунанда дар асоси шартномаи хизматрасонии муздноки

байторӣ ин расонидани хизмат дар вақти муқарраршуда ва мӯҳлати муайян мебошад. Нисбат ба мӯҳлати шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ на боби 43-и КМ ҶТ ва на қонунгузории махсуси байторӣ ягон талабот намегузорад. Аз ин рӯ, нисбат ба мӯҳлат дар ин шартнома қоидаҳои умумии мӯҳлат, ки КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар намудааст, татбиқ мешавад. Дар қ. 1. м. 26 Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» омадааст, ки иҷрокунанда уҳдадор аст кор (хизматрасонӣ)-ро дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартномаи иҷрои намуди кор (хизматрасонӣ) ба ҷо оварад. Мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) мумкин аст бо санае (давраe), ки бояд иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба анҷом расад (ва) ё санае (давраe), ки иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) шуруъ намояд, муайян карда мешавад. Агар кор (хизматрасонӣ) қисм ба қисм (расонидани нашрияҳои матбуоти даврӣ, хизматрасонии техникӣ) дар давоми амали шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба иҷро расад, бояд мӯҳлати (давраи) дахлдори иҷрои чунин кор (хизматрасонӣ) пешбинӣ карда шавад [3]. Дар қ. 1 м. 361 КМ ҶТ бошад, муқаррар шудааст, ки агар уҳдадорӣ рӯзи иҷро ё давраи мӯҳлатеро, ки дар ҷараёни он уҳдадорӣ бояд иҷро шавад, пешбинӣ намуда бошад, ё барои муайян намудани он имкон диҳад, уҳдадорӣ бояд дар ҳамон рӯз ё мувофиқан дар лаҳзаи ҳамон давра иҷро карда шавад [1]. Аз ин рӯ, иҷрокунанда уҳдадор аст, ки ба фармоишгар дар мӯҳлати пешбининамудаи шартнома хизматрасонии муздноки байториро расонад.

Қисми 2 ва 3 м. 361 КМ ҶТ муқаррар менамояд, ки дар ҳолатҳое ки уҳдадорӣ мӯҳлати иҷроро пешбинӣ накунад ва шартҳои муайян кардани чунин мӯҳлатро надошта бошад, он бояд дар мӯҳлати оқилонаи баъди ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ иҷро карда шавад. Уҳдадорие, ки дар мӯҳлати оқилона ичро карда нашудааст, ҳамчунин уҳдадориеро, ки мӯҳлати иҷрои он бо лаҳзаи пешниҳоди талабот муайян шудааст, қарздор уҳдадор аст дар давоми ҳафт рӯз аз рӯзи талаб кардани кредитор иҷро намояд, агар дар мӯҳлати дигар иҷро кардани уҳдадорӣ аз қонунгузорӣ, шарти уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ барнаояд [1]. Татбиқи ин меъёр бояд бо таҳлили ҳамаи маълумоти мавҷуда анҷом дода шавад, зеро хизматрасонии байторӣ як самти хосси фаъолият мебошад. Мӯҳлати оқилонаи ин муносибатҳо низ бояд бо назардошти бисёр омилҳо муайян карда шавад, то ки онҳо ба ҳадафи ноил шудан ба натиҷаи беҳтарин дар хизматрасонии байторӣ мусоидат кунанд.

Уҳдадории дигари иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ – таъмини фармоишгар ба иттилоот мебошад. Уҳдадории ичрокунанда оид ба таъмини фармоишгар ба иттилоот чораи эҳтиётие мебошад, ки қонунгузор бо мақсади тавозуни майдонҳои иттилоотӣ байни фармоишгар ва иҷрокунанда бинобар хусусияти ғайримоддии хизматрасонии байторӣ, имконнопазирии баҳодиҳии дурустии пешниҳоди онҳо ва натиҷаи хизматҳо ҷорӣ кардааст, чунки то фармоишгар эҳтимолияти суиистифода аз ҷониби иҷрокунанда қарор нагирад.

Мувофиқи моддаи 2 Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008, №411, «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», иттилоот – маълумот дар бораи шахс, ашё, факту ҳодисаҳо, зуҳурот, равандҳо ва мулоҳизаҳо доир ба онҳо, сарфи назар аз шаклҳои манзур гардидаашон мебошад [4]. Пешниҳоди иттилоот ба фармоишгар аз ҷониби иҷрокунанда дар асоси шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ дар Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра муқаррар шудааст.

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад доир ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) маълумоти зарурӣ ва боэътимод талаб намояд. Аз қ.3 ҳамин модда бармеояд, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҳамчунин уҳдадор аст, ки номи фирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ), рақами телефон ва низоми кори онро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад [3].

Мутобиқи банди 2-и «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки ҳуқуқи хизматрасонии муздноки байториро доранд, вазифадор мебошанд, ки лавҳаи дорои навиштаҷот дар бораи касб ва шакли ташкилии фаъолият, номгӯйи фирмавӣ, суроға ва реҷаи кор навиштаҷот дошта

бошанд.

Гузашта аз ин, иҷрокунанда уҳдадор аст, ки истеъмолкунандагонро бо маълумот дар бораи хизматрасонӣ таъмин намояд. Л.Б. Ситдикова қайд менамояд, ки «иттилоот дар бораи хизмат мундариҷаи маълумоте мебошад, ки ба истеъмолкунандагон пешниҳод шудааст, яъне аз ин хизмат чиро интизор шудан мумкин аст ва чиро интизор шудан мумкин нест [13,с.132-133]. Мутобиқи моддаи 9 Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) уҳдадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. С.С. Шевчук таҳти мафҳуми иттилооти боэътимод «мутобиқати иттилоот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ)-и воқеӣ»-ро мефаҳмад [14,с.80-83], ки асоснок аст.

Аз ин бармеояд, ки уҳдадории иҷрокунанда ба иттилоот чораи ҷуброние буд, ки қонунгузор бо мақсади тавозуни захираҳои иттилоотӣ байни фармоишгар ва иҷрокунанда, бинобар ғайримоддӣ будани хизматрасонии байторӣ, имконнопазирии арзёбии дурустии пешниҳоди онҳо ва натиҷаи хизматҳо ва эҳтимолияти суиистифода аз ҷониби иҷрокунанда ҷорӣ кардааст.

Ҳамин тавр, дар асоси шартномаи хизматрасонии музднокi байторӣ иҷрокунанда чунин уҳдадориҳо дорад: а) расонидани хизмати байторӣ; б) шахсан расонидани хизмати байторӣ; в) расонидани хизмат дар муҳлати муайян ва вақти муқарраршуда; г) ба фармоишгар бо пешниҳод намудани иттилоот.

Ҳамин тавр, вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаро дар шартномаи хизматрасонии музднокi байторӣ баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки иҷрокунанда – ташкилоти байторӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият ва соҳибкори инфиродие мебошад, ки ба фармоишгар хизмати музднокi байториро дар асоси иҷозатнома ва шартномаи хизматрасонии музднокi байторӣ мерасонад. Зарур мешуморем, ки мафҳуми мазкур дар банди 5 «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015 таҳти №66 тасдиқ шудааст, дар сархати нав илова карда шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Қурбонов Қ.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918. [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj. (санаи муроҷиат: 10.09.2023).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29.12 соли 2010, №674 ( бо таҳ. Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, №7, мод. 704; с. 2016, №11, мод. 880.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09.12 соли 2004, №72 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1498. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12.2021).
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18. 06 соли 2008, №411 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12.2021).
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 30.06 соли 2023, №133-134-135 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.01.2024).
6. Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12. 2011).
7. Низомнома «Дар бораи тартиби гирифтани литсензия барои фаъолияти байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 7 октябри соли 2002, аз ҷониби Вазорати кишоварзии ҶТ тасдиқ шудааст. //Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12 соли 2011).
8. «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12. 2021).
9. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Ш.К. Ғаюров, Ф.С. Сулаймонов. - Душанбе: Эр-граф, 2014. -424 с.
10. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми дуюм: китоби дарсӣ / Зери таҳрири академики АИ ҶТ, Маҳмудов М.А. -Душанбе: ЭР-граф, 2007. -507 с.

11. Романец Ю.В. Договор возмездного оказания услуг / Ю.В. Романец // Закон. - 1999. -№10. –С.116-122.
12. Гражданское право: Учебник. – Т. 2 / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. -С-Петербург, 1996. –547 с.
13. Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений по возмездному оказанию услуг. Монография / Л.Б. Ситдикова. -Набережные Челны, 2003. -315 с.
14. Шевчук С.С. Защита прав потребителей. Учебное пособие. Серия: актуальные проблемы гражданского права. Ставрополь Сервис школа / С.С. Шевчук, М.А. Бычко, М.А. Хоменко. -Ставрополь, 2001. -183 с.

## ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОКУНАНДА ДАР ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

Дар мақолаи мазкур вазъи ҳуқуқии иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо назардошти адабиёти илмӣ ва қонунгузории маданӣ вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаро дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мавриди муҳокима қарор дода, пешниҳоди илмӣ ва амалиро вобаста ба мукаммалгардонии қонунгузории маданӣ, махсусан қонунгузории байторӣ манзур намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои байторӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ ташкилотҳои байтории давлатӣ ва хусусӣ фаъолият менамоянд. Ташкилотҳои байтории давлатӣ – ташкилотҳои байториеро дар бар мегиранд, ки моликияти давлатӣ мебошанд. Ин ташкилотҳо аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ғайритиҷоратӣ мебошанд ва метавонанд барои расонидани хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда бошанд. Дар амалия аксарияти ташкилотҳои байтории давлатӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассиса фаъолият менамоянд. Ташкилотҳои байтории хусусӣ ташкилотҳои байторие мебошанд, ки моликияти онҳо моликияти хусусӣ мебошад. Ташкилотҳои байтории хусусие, ки хизмати байториро пешниҳод мекунанд, дар аксар ҳолат метавонанд ташкилотҳои тиҷоратӣ бошанд, ки ба даст овардани фоидаро ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Дар асоси шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, иҷрокунанда чунин уҳдадориҳои асосӣ дорад: а) расонидани хизмати байторӣ; б) шахсан расонидани хизмати байторӣ; в) расонидани хизмат дар мӯҳлати муайян ва вақти муқарраршуда; г) ба фармоишгар бо пешниҳод намудани иттилоот.

**Калидвожаҳо:** хизматрасонии музднок, байторӣ, хизматрасонии байторӣ, хизматрасонии муздноки байторӣ, фаъолияти байторӣ, фаъолияти хусусии байторӣ, шартномаи хизматрасонии музднок, шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, тарафҳои шартнома, шахси ҳуқуқӣ, шахси воқеӣ, муассиса, ташкилотҳои байторӣ, соҳибкорони инфиродӣ, тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, иҷрокунанда, иҷозатнома.

## ПРАВОВОЙ СТАТУС ИСПОЛНИТЕЛЯ ДОГОВОРА ВОЗМЕЗДНОГО ОКАЗАНИЯ ВЕТЕРИНАРНЫХ УСЛУГ

В данной статье анализируется правовой статус исполнителя в договоре возмездных ветеринарных услуг. С учётом научной литературы и гражданского законодательства автором рассмотрен правовой статус исполнителя по договору возмездного оказания ветеринарных услуг, а также сделаны научно-практические предложения, связанные с совершенствованием гражданского законодательства. Он отмечает, что исполнителем договора возмездного оказания ветеринарных услуг являются юридические лица (ветеринарные организации) и индивидуальные предприниматели. Согласно законодательству на территории республики действуют государственные и частные ветеринарные организации. Государственные ветеринарные организации – включают ветеринарные организации, являющиеся государственной собственностью. Эти организации являются некоммерческими по организационно-правовой форме и могут заниматься оказанием возмездных ветеринарных услуг. На практике большинство государственных ветеринарных организаций действуют в организационно-правовой форме учреждения. Частные ветеринарные организации – ветеринарные организации, имущество которых является частной собственностью. Частные ветеринарные организации, оказывающие ветеринарные услуги, в большинстве случаев могут быть коммерческими организациями, основной целью деятельности которых является получение прибыли. На основании договора воздмезного оказания ветеринарных услуг исполнитель имеет следующие основные обязанности: а) оказание ветеринарных услуг; б) личное оказание ветеринарных услуг; в) оказание услуг в течение определенного периода и времени; г) предоставление клиенту информации.

**Ключевые слова:** возмездные услуги, ветеринария, ветеринарные услуги, возмездные ветеринарные услуги, ветеринарная деятельность, частная ветеринарная деятельность, договор возмездного оказания услуг, договор возмездного ветеринарного оказания услуг, стороны договора, юридическое лицо, физическое лицо, учреждение, ветеринарные организации, индивидуальные предприниматели, стороны договора возмездного ветеринарного оказания услуг, исполнитель, лицензия.

## THE LEGAL STATUS OF THE CONTRACTOR IN THE CONTRACT OF PAID VETERINARY SERVICES

This article analyses the legal status of the performer in the contract of compensated veterinary services. Taking into account the scientific literature and civil legislation, the author considers the legal status of the executor under the contract of compensated veterinary services, and also makes scientific and practical proposals related to the improvement of civil legislation. He notes that the executor of the contract of compensated veterinary services are legal entities (veterinary organizations) and individual entrepreneurs. According to the legislation, there are state and private veterinary organizations. State veterinary organizations include veterinary organizations that are state property. These organizations are non-commercial in their legal form and may be engaged in the provision of reimbursable veterinary services. In practice, most state veterinary organizations operate in the legal form of an institution. Private veterinary organizations are

veterinary organizations whose assets are privately owned. In most cases, private veterinary organizations providing veterinary services may be commercial organizations whose main purpose is to make profit. On the basis of the contract of reimbursable provision of veterinary services the performer has the following main obligations: a) provision of veterinary services; b) personal provision of veterinary services; c) provision of services within a certain period and time; d) provision of information to the client.

**Keywords**: reimbursable services, veterinary, veterinary services, reimbursable veterinary services, veterinary activity, private veterinary activity, contract of reimbursable services, contract of reimbursable veterinary services, parties to the contract, legal entity, natural person, institution, veterinary organizations, individual entrepreneurs, parties to the contract of reimbursable veterinary services, performer, licence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷамуродов Дустмурод Гулмуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dustmurod0000@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918 15 83 82**

**Сведения об авторе:** ***Ходжамуродов Дустмурод Гулмуродович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17**.** E-mail: **dustmurod0000@mail.ru.** Телефон: **918 15 83 82**

**Information about the author:** ***Khojamurodov Dustmurod Gulmurodovich*** – Tajik National University, senior lecturer at the Department of Civil Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dustmurod0000@mail.ru**. Phone: **918 15 83 82**

ТДУ: 340.143(575.3)

# ДУРНАМОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ИШОРАҲОИ ҶУҒРОФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


***Раҷабзода Парвиз Абдураҳим***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар ҷаҳони муосир яке аз воситаи асосии рушди иқтисодиёти кишвар таъмини ҳифзи босифат ва самараноки ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, махсусан молҳое, ки дар худ ишораҳои ҷуғрофиро дар бар мегиранд, ба ҳисоб меравад. Истифодаи қонунии молҳое, ки дар худ ишораҳои ҷуғрофиро фаро гирифтаанд, барои баланд бардоштани мақоми истеҳсолкунандагон ва талабот ба маҳсулоти онҳо, рушди ва ҳавасмандгардонии рақобати солим, инчунин ба афзоиши ҳаҷми молҳои содиротӣ мусоидат мекунад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ талаботҳои истеъмолкунандагон ба сифати маҳсулот зиёд мегарданд, бо вуҷуди ин, ишораи макони ҷуғрофии пайдоиши мол яке аз хусусиятҳои муҳимтарини сифат мебошад. Зимнан, ҳифзи ба таври зарурӣ таъминшудаи чунин нишонаҳо ҳам барои истеҳсолкунанда ва ҳам барои истеъмолкунанда хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба сифати истилоҳи ягона барои ишораҳои ҷуғрофӣ дар адабиёти илмӣ, нашрияҳо, шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунҳои миллии бисёре аз давлатҳо мафҳуми «ишораи ҷуғрофӣ» истифода бурда мешавад.

Айни замон, мафҳуми «ишораи ҷуғрофӣ» асосан дар молҳое истифода мешавад, ки дорои хусусиятҳои муайян буда, дар сатҳи назаррас бо пайдоиши ҷуғрофии онҳо вобаста аст ва ба сифати объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ қабул карда мешавад. Дар шартномаҳои байналмилалӣ шартҳои ягона барои чунин номгузорӣ муайян карда нашудаанд.

Ишораи ҷуғрофӣ ҳамчун воситаи фардикунонии молҳо дар якчанд шартномаҳои байналмилалӣ зикр шудааст, ки заминаи ибтидоии он Конвенсияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ» мебошад.

Дар баробари ин, на ҳама муаллифон чунин мавқеъро доранд, ки Конвенсияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ» ҳифзи ишораҳои ҷуғрофиро пешбинӣ мекунад. Конвенсияи мазкур ду истилоҳи дигарро пешбинӣ мекунад - «нишони пайдоиш» ва «номи маҳалли»-и мол, ки байни мафҳумҳои «нишони пайдоиш», «нишонаҳои ҷуғрофӣ» ва «номи истеҳсоли мол» фарқияти норавшанро ба вуҷуд меорад [3].

Муносибат ба нишондоди пайдоиш, ки дар Созишномаи Мадрид «Оид ба рафъи ишораҳои бардурӯғ ё ба иштибоҳ бурдан оид ба пайдоиши мол» аз соли 1891 дарҷ гардидааст, бештар аниқ тасниф карда шудааст. Истилоҳи «ишораи пайдоиш» бо фарқият аз номгӯйи ҷойи пайдоиши мол пешниҳод карда мешавад, ки на ҳамчун шакли моликияти саноатӣ (яке аз воситаҳои фардикунонӣ), балки ҳамчун механизми иловагии ҳимояи ҳуқуқҳои муносибатҳои истеҳсолӣ-тиҷоратӣ ҳисобида шавад, ки ба таври бартариятнок дар соҳаи ҳимояи рақобат ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон истифода мешавад [9].

Созишномаи дигаре, ки ишораи ҷуғрофӣ дар он ишора шудааст, Созишномаи Лиссабон «Оид ба ҳифзи номи маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо» аз соли 1958 мебошад. Дар Созишномаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки номи маҳалли истеҳсол ҳамчун номи ҷуғрофии кишвар, минтақа ё маҳал фаҳмида мешавад, ки барои муайян кардани маҳсулоти аз он ҷо тавлидшуда истифода мешавад, ки сифат ва хосиятҳои онро танҳо ё асосан бо муҳити ҷуғрофӣ, аз ҷумла омилҳои табиӣ ва этнографӣ муайян мекунанд [11].

Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ аз 15 апрели соли 1994 (TRIPS), қисмати пурраеро дар бар мегирад, ки ба ишораҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла таърифи онҳо, хусусиятҳои аломатҳои ҷуғрофӣ нисбат ба шароб ва спиртҳо бахшида шудаанд [15].

Созишномаи TRIPS ба ҳар як кишвари иштирокчии Созишнома ҳуқуқ медиҳад, ки доираи ҳифзи ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ то кадом андоза васеъ буда метавонад, мустақилона қарор қабул кунад.

Соли 2015 Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон оид ба ҳифзи номҳои маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо аз соли 1958 қабул карда шуд, ки

имкон медиҳад дар доираи Созишномаи мазкур на танҳо бақайдгирии байналмилалии номи ҷойи пайдоиши мол, инчунин ишораҳои ҷуғрофӣ ба қайд гирифта шаванд, ки дар самти муттаҳидсозии низомҳои гуногуни ҳифзи ишораҳои ҷуғрофӣ ва номҳои ҷойи пайдоиши мол қадами муҳим мебошад [12].

Тибқи Созишномаи Минск аз 28 майи соли 2021 «Оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокчии ИДМ доир ба огоҳкунӣ ва пешгирии истифодабарии тамғаҳои молӣ ва ишораҳои ҷуғрофии бардурӯғ» моҳияти ишораи ҷуғрофӣ, нишонаест, ки ҳуқуқ ба он мутобиқи қонунгузории давлатҳои иштирокчии Созишномаи мазкур ба вуҷуд омадааст ва он молро, ки аз ҳудуди давлатҳои иштирокчии Созишнома, минтақа ё маҳалли ҷойгиршавии ин ҳудудҳо бармеояд, муайян мекунад; агар сифат, обрӯ ва ё хусусиятҳои дигари мол бештар ба пайдоиши ҷуғрофии он вобаста бошад. Ишораҳои ҷуғрофӣ метавонанд ҳамчун номи ҷойи пайдоиши мол мувофиқи қонунҳои давлатҳои иштирокчиёни Созишномаи мазкур ҳифз карда шаванд [11].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки, дар маҷмуъ, ин воситаҳои фардикунонӣ ишораҳои ҷуғрофӣ ва номҳои ҷойи пайдоиши молро дар бар мегиранд.

Қонунгузории миллии давлатҳо намудҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳоро муайян мекунад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо Қоидаҳои Итиҳоди Аврупо №1151/2012 аз 21 ноябри соли 2012 «Дар бораи схемаҳои сифати маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ»; Қонуни федералии Швейтсария аз 28 августи соли 1992 «Дар бораи ҳифзи тамғаҳои молӣ ва ишораҳои ҷуғрофӣ»; дар Ҳиндустон Қонун аз 30 декабри соли 1999 «Дар бораи нишондодҳои ҷуғрофии молҳо (бақайдгирӣ ва муҳофизат), Қонуни Ҷумҳурии Арманистон аз 22 майи соли 2010, № ZR-60 «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ», Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 26 июли соли 1999, №456-1 «Дар бораи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва номи маҳалли истеҳсоли мол», Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз 27 феврали соли 2003, №46 «Дар бораи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ва маҳалли истеҳсоли мол») ва ғайра қабул карда шуданд.

Дар навбати худ, дар Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ишораҳои ҷуғрофӣ метавонанд ҳамчун тамғаи дастаҷамъӣ ё сертификатсия ҳимояи ҳуқуқӣ гиранд ва дар Ҷопон бошад, танҳо намудҳои алоҳидаи молҳо метавонанд ҳамчун ишораи ҷуғрофӣ ҳимояи ҳуқуқӣ гиранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва ҳимояи ишораҳои ҷуғрофӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» аз 5 марти соли 2007 таҳти №236 амалӣ карда мешавад [8].

Тоҷикистон аъзои Конвесияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ», Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ аз 15 апрели соли 1994 ва Созишномаи Минск аз 28 майи соли 2021 «Оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокчии ИДМ доир ба огоҳикунӣ ва пешгирии истифодабарии тамғаҳои молӣ ва ишораҳои ҷуҷрофии бардурӯғ» мебошад.

Вале, то ин ҷониб аъзои Созишномаи Лиссабон «Оид ба ҳифзи номи маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо» аз соли 1958 ва Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон оид ба ҳифзи номҳои маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо аз 20 майи соли 2015 намебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мавҷудияти заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, муносибатҳо оид ба истифодабарии самараноки ишораҳои ҷуғрофӣ ба таври зарурӣ, ки ба талаботҳои бозори минтақавӣ, байналмилалӣ ва иқтисодӣ ҷовобгӯ бошад, роҳандозӣ нагардидааст.

Мушкилоти ҷиддӣ нокомилии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аниқтараш танзими нокомили қонунгузории мавҷуда мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» зери мафҳуми ишораҳои ҷуғрофӣ - ишораи ҷойи пайдоиши мол ва номи ҷойи пайдоиши молро пешбинӣ намудааст, ки ду объекти дорои хусусиятҳои гуногунмаъноро фаҳмидан мумкин аст.

Номи ҷойи пайдоиши мол - номи кишвар, маҳалли аҳолинишин, маҳал ва ё дигар объекти ҷуғрофӣ буда, барои ишоракунии пайдоиши мол аз он ҷо истифода бурда мешавад, ки хусусиятҳои хосси он танҳо ва ё асосан бо шароитҳои табиии барои ин объекти ҷуғрофӣ хос ва ё дигар омилҳои ба шароитҳои табиӣ ва ин омилҳо мувофиқ,

муайян карда мешавад. Номи ҷойи пайдоиши мол мумкин аст номи таърихии объекти ҷуғрофӣ бошад.

Ишораи пайдоиши мол - аломатест, ки бевосита ва ё бавосита ба ҷойи пайдоиши ҳақиқӣ ва ё истеҳсоли мол ишора мекунад. Ишораи пайдоиши мол мумкин аст дар шакли номи объекти ҷуғрофӣ ва ё тасвир пешниҳод карда шавад.

Аз ин бармеояд, ки Қонуни мазкур ҷанбаҳои соҳаро бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ фаро нагирифтааст, танҳо механизми ҳифзи номи ҷойи пайдоиши молро бо таври умумӣ пешбинӣ намудааст ва имконияти бақайдгирии ишораи ҷуғрофиро таъмин накардааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ишораи ҷуғрофӣ ва ҷойи пайдоиши мол танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии онҳоро талаб менамояд.

Дар баробари ин, дар Қонуни мазкур талабот барои пешгирӣ кардани бархӯрди эҳтимолӣ байни ишораҳои ҷуғрофӣ ва дигар ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ махсусан тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ ва навъҳои растанӣ ё номҳои зоти ҳайвонот муқаррар нагардидааст.

Инчунин, Қонуни мазкур барои назорат бо мақсади таъмини нигаҳдории хосиятҳои махсуси моле, ки нисбат ба онҳо ишораи ҷуғрофӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла додани хулоса дар бораи аз байн рафтани шароити хоси ин объекти ҷуғрофӣ ва имконнопазирии истеҳсоли моле, ки нисбат ба онҳо ишораи ҷуғрофӣ ба қайд гирифта шудааст, муқаррар накардааст.

Дар кишвар оид ба бақайдгирии номи ҷойи пайдоиши мол ҳамчун мақоми ваколатдор Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Мақсад аз танзими ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ дар бартараф намудани истифодаи аломатҳои гуногуне, ки ҷамъиятро нисбат ба баромади аслии мол гумроҳ мекунад, иборат мебошад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба объекти мазкури ҳуқуқи моликияти зеҳниро айни замон ба сатҳи назаррас самаранок эътироф намудан номумкин аст. Чунки дар байни истеҳсолкунандагони ватанӣ завқмандии зарурӣ барои ба даст овардани ҳифзи ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ ва амалигардонии ҳуқуқҳо ба онҳо мавҷуд нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан таҷрибаи судӣ ва маъмурӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ин объекти моликияти зеҳнӣ мавҷуд нест. Ҳамзамон, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ дар корҳои олимон ва мутахассисони соҳа хеле кам омӯхта шуданд, ба истиснои якчанд мақолаи ба тафсири ишораҳои ҷуғрофӣ бахшида шуда, ки муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар гирифтаанд.

Бинобар ин, ҳолатҳои мавҷудбударо ба инобат гирифта пешниҳод менамоем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» дар таҳрири нав таҳия карда шавад.

Дар баробар ин, то инҷониб дар Тоҷикистон стратегияҳо ва барномаҳо барои рушд ва пешбурди ишораи ҷуғрофӣ ҳамчун воситаи бунёди бренд қабул карда нашудааст.

Бинобар ин, пешбурди рушди ишораҳои ҷуғрофӣ на танҳо тағйироти қонунгузорӣ, балки тағйироти ваколатҳои мақомоти давлатиро тақозо мекунад. Тавре қайд карда шуд, дар кишвар танҳо Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод барои ба қайд гирифани номи ҷойи пайдоиши мол муқаррар гардидааст.

Инчунин, вазифаҳои мақомоти давлатиро дар ташкил, пешбарӣ ва механизми истифодабарии ишораҳои ҷуғрофӣ ва номи ҷойи пайдоиши мол муайян кардан лозим аст. Масалан, вазоратҳое, ки барои сиёсати умумии иқтисодӣ масъуланд, бояд дар стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ишораи ҷуғрофиро ҳамчун воситаи пешбурди содирот пешбинӣ намоянд; муайян намудани мақомоти давлатӣ барои назорат бо мақсади таъмини нигаҳдории хосиятҳои махсуси моле, ки нисбат ба онҳо ишораи ҷуғрофӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла додани хулоса дар бораи аз байн рафтани шароити хоси ин объекти ҷуғрофӣ ва имконнопазирии истеҳсоли моле, ки нисбат ба онҳо нишонаи ҷуғрофӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Муқарриз:д.и.х, профессори ДМТ - Ғафforзода И.Ғ.**

**АДАБИЁТ**

1. Временное положение об Апелляционном совете Национального патентно-информационного центра Республики Таджикистан от 24 мая 1998 г.
2. Временное положение о порядке рассмотрения споров в Апелляционном совете Национального патентно-информационного центра Республики Таджикистан от 24 мая 1998 г.
3. Гаврилов Е. Воситаҳои фардикунонии мол ва хусусиятҳои сифатии мол / Е. Гаврилов // Иқтисод ва ҳуқуқ. - 2014. -№3. -С.13-27.
4. Григорьев А.Н. Правовая охрана указаний происхождения товаров / А.Н. Григорьев // Интеллектуальная собственность. - 1993. -№3-4. -С.7.
5. Григорьев А.Н. Соотношение товарного знака и географического указания / А.Н. Григорьев // Патенты и лицензии. - 1994. -№7-8. -С.17.
6. Григорьев А.Н. Правовая охрана указаний происхождения товаров / А.Н. Григорьев // Интеллектуальная собственность. - 1993. -№3-4. -С.7.
7. Горленко С.А. Проблемы регулирования охраны наименований мест происхождения товаров: автореф. дисс.канд. юр. наук / С.А. Горленко. -М., 1994.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» аз 5 марти соли 2007, №236.
9. Мадридское соглашение о пресечении ложных или вводящих в заблуждение указаний происхождения на товарах.
10. Созишномаи Минск аз 28 майи соли 2021 «Оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокчии ИДМ доир ба огоҳкунӣ ва пешгирии истифодабарии тамғаҳои молӣ ва ишораҳои ҷуғрофии бардурӯғ».
11. Созишномаи Лиссабон «Оид ба ҳифзи номи маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо» аз соли 1958.
12. Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон оид ба ҳифзи номҳои маҳалли истеҳсоли мол ва бақайдгирии байналмилалии онҳо аз соли 1958.
13. Соглашение об учреждении Межгосударственного реестра охраняемых географических указаний государств-участников Соглашения о мерах по предупреждению и пресечению использования ложных товарных знаков и географических указаний от 4 июня 1999 г.
14. Тыцкая Г.И. Правовая охрана товарных знаков, фирменных наименований, указаний и наименований мест происхождения товаров в капиталистических странах / Г.И. Тыцкая, И.Э. Мамиофа, В.Я. Мотылева. -М.: ВНИИПИ, 1985.
15. Ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ: китоби дарсӣ / муҳаррир Л.А.Новоселова. -М.: Оиннома, 2018. -Ҷ. 3: Воситаҳои фардикунонӣ. -432 с.

## ДУРНАМОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ИШОРАҲОИ ҶУҒРОФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола таъмини ҳифзи ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ дар ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баррасӣ шудааст. Ишораи ҷуғрофӣ ҳамчун воситаи фардикунонии молҳо дар якчанд шартномаҳои байналмилалӣ зикр шудааст, ки заминаи ибтидоии он Конвенсияи Париж «Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ» мебошад. Таърихи ба қонунгузорӣ ворид шудани он ва мақсадҳои ба муомилоти шаҳрвандӣ ворид намудани он таҳлил карда мешавад. Дурнамои рушди ишораи ҷуғрофӣ ҳамчун воситаи «брендинг»-и минтақаҳо ва тафовут байни ишораи ҷуғрофӣ ва номи ҷойи пайдоиши мол бо назардошти камбудиҳои бақайдгирии ишораҳои ҷуғрофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ муайян карда мешавад. Пешбурди рушди ишораҳои ҷуғрофӣ на танҳо тағйироти қонунгузорӣ, балки тағйироти ваколатҳои мақомоти давлатиро тақозо мекунад. Инчунин, вазифаҳои мақомоти давлатиро дар ташкил, пешбарӣ ва механизми истифодабарии ишораҳои ҷуғрофӣ ва номи ҷойи пайдоиши мол муайян кардан лозим аст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, номи ҷойи пайдоиши мол, танзими ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ.

## ПЕРСПЕКТИВА ПРАВОВОЙ ЗАЩИТЫ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ УКАЗАНИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье рассматривается обеспечение правовой охраны географических указаний как объекта гражданского права в праве интеллектуальной собственности. Географические указания как средство персонализации товаров упоминаются в ряде международных соглашений, основой которых является Парижская конвенция «Об охране промышленной собственности». Анализируется история ее внедрения в законодательство и цели введения в гражданский оборот. Определены перспективы развития географических указаний как средства «брендинга» регионов и отличие географического указания от наименования места происхождения товара с учетом недостатков в процессе регистрации географических указаний в Республике Таджикистан как объекта интеллектуальной собственности. Содействие развитию географических указаний требует не только изменений в законодательстве, но и изменений в полномочиях государственных органов. Также необходимо определить задачи органов государственной власти в организации, продвижении и механизме использования географических указаний и наименовании места происхождения товаров.

**Ключевые слова:** права интеллектуальной собственности, географические указания, наименование места происхождения товаров, правовое регулирование географических указаний.

## PERSPECTIVE OF LEGAL PROTECTION OF GEOGRAPHICAL INDICATIONS IN TAJIKISTAN

In the article, the author raises the provision of legal protection of geographical indications as an object of civil law

in intellectual property law. Geographical indications as a means of personalizing goods are mentioned in a number of international agreements, the main basis of which is the Paris Convention for the Protection of Industrial Property.The history of its implementation in legislation and the goals of its introduction into civil circulation are analyzed. The prospects for the development of geographical indications as a means of "branding" of regions and the difference between a geographical indication and the appellation of origin of goods are determined, taking into account the shortcomings of registering geographical indications in the Republic of Tajikistan as an object of intellectual property. Promoting the development of geographical indications requires not only changes in legislation, but also changes in the powers of government agencies. It is also necessary to determine the tasks of public authorities in the organization, promotion and mechanism for the use of geographical indications and appellations of origin of goods.

**Keywords:** intellectual property rights, geographical indications, appellation of origin of goods, legal regulation of geographical indications.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабзода Парвиз Абдураҳим*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи гражданӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдаки,17. Телефон: **(+992) 93-522-24-24.** E-mail: **parviz.info@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Раджабзода Парвиз Абдурахим*** – Таджикский национальный университет, докторанти Ph.D- кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-522-24-24.** E-mail: **parviz.info@gmail.com**

**Information about the author:** ***Rajabzoda Parviz Abdurakhim*** **–** Tajik National University, Ph.D doctoral candidate, Department of Civil Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 93-522-24-24.** E-mail: **parviz.info@gmail.com**

ТДУ: 347.515.2

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ҚОНУНГУЗОРИИ ИНСТИТУТИ ҶАВОБГАРӢ ОИД БА ҶУБРОНИ ЗАРАРИ РАСОНИДАШУДА ВОБАСТА БА КАМБУДИҲОИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ


*Бобоев Ҷ.Қ.*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи "масъала" ҳамчун предмети баҳс, баҳсе, ки ҳалли худро талаб менамояд, маънидод мешавад [12,с.653]. Чунин мазмун дар дигар луғатҳо низ дида мешавад [13]. Ба ибораи дигар, масъала гуфта он проблемаҳоеро меноманд, ки ҳалли он аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Омӯзиши институти ҷуброни зарари расонидашуда вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ дар таҷрибаи амалияи имрӯза як қатор проблемаҳои қонунгузорӣ ва назариявиро ба вуҷуд овардааст, ки зарурати ҳалли худро талаб менамояд.

Проблемаҳои институти баррасишаванда ҳам дар истилоҳот ва ҳам дар амалияи танзими ҳуқуқии он, ҳолатҳои ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ, талабот ба сифати мол, кор ва хизматрасонӣ, таносуби меъёрҳои умумӣ ва махсус оид ба уҳдадорӣ дида мешаванд.

Барои дарки проблемаҳои назариявӣ ва қонунгузории масъалаи мазкур ба талаботи қ.1 м.1221 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ), ки мазмуни уҳдадории мазкурро мекушояд, рӯ меорем.

Инак, тибқи талаботи қисми мазкур зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси воқеӣ ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ вобаста ба камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ ё дигар норасоии мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин дар натиҷаи паҳн намудани иттилооти беэътимод ё нопурра оид ба мол расонда шудааст, бояд аз ҷониби фурӯшанда ё истеҳсолкунанда (иҷрокунанда), сарфи назар аз гуноҳи онҳо ва он ки ҷабрдида бо он муносибатҳои шартномавӣ дошт ё надошт, ҷуброн карда шавад.

Сараввал бояд гуфт ки номи моддаи мазкур ҳамчун зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда муайян гардидааст.

Чунин ибора, аз як тараф, қобили қабул аст, агар ба назар гирифта шавад, ки принсипҳои асосии КМ ба муомилоти озоди молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ ва захираҳои молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Аммо аз ҷониби дигар, агар кор ва хизматрасонӣ ҳамчун объекти КМ эътироф гардида бошад, пас худи категорияи «мол» аз рӯйи қоидаҳои м. 136 КМ дар байни объектҳои ҳуқуқи маданӣ зикр нагардидааст.

Аммо категория мол ба таври васеъ дар ҳуқуқи маданӣ истифода мешавад, хусусан дар шартномаи хариду фурӯш. Масалан, миқдори мол (533), сифати мол (537), муҳлати нигоҳдории мол (540), нарх ва пардохти мол (567), уҳдадории харидор оид ба қабули мол (552 ) ва ғайра.

М.Ю. Козлова ҳангоми шарҳ додани мафҳуми мол ба чунин хулоса меояд, ки Кодекси маданӣ молро ҳама гуна ашёе мефаҳмад, ки ба талаботи муомилоти мол ҷавоб медиҳад. Зимни таҳлили шартномаи хариду фурӯш мол дар маъни васеъ фаҳмида мешавад, зеро предмети шартномаи хариду фурӯш метавонад қоғазҳои қиматнок ва арзишҳои асъорӣ бошанд [5,с.141]. Дар умум, муаллиф зери мафҳуми мол ашёеро мефаҳмад, ки метавонад предмети шартномаи хариду фурӯш бошад.

Инчунин, фаҳмиши дигари мол вуҷуд дорад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" зери мафҳуми мол объекти ҳуқуқҳои маданӣ (кор, хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии молиявӣ), ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти маданӣ баровардани он пешбинӣ шудааст, дар назар дорад.

Дар ин маъно мафҳуми мол ҳам кор ва ҳам хизматрасониро, ки дар КМ ба сифати объектҳои мустақили ҳуқуқҳои маданӣ зикр гардидаанд, фарогир мебошад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ мол ҳамчун ашёе, ки ниёзҳои гуногуни инсониро қонеъ месозад ва дорои хусусиятҳои фоидаовар мебошад, фаҳмида мешавад. Маҳсулоте мол

дониста мешавад, ки агар он дар раванди меҳнати инсон офарида шуда бошад. Ин фаҳмиш баъзан дар адабиёти ҳуқуқӣ низ дида мешавад. Масалан, Б.И. Пугинский менависад, ки «мол маҳсули меҳнатест, ки барои фурӯш истеҳсол шудааст» [9,с.48].

Ба андешаи мо, чунин фаҳмиши мол дар ҳуқуқ зери шубҳа гузошта мешавад, агар ба назар гирем, ки мол метавонад он чизҳое бошад, ки аз ҷониби инсон офарида нашудаанд, аммо метавонанд объекти хариду фурӯш бошанд, масалан, меваҳо, ҳайвоноти хонагӣ, ашёе, ки барои нигоҳ доштан дода шудаанд ва ғайра.

Одатан, мол дар ҳуқуқи маданӣ ашёеро ифода мекунад, ки дорои хусусияти ашёгӣ буда, талаботи касеро қонеъ мекунад ва объекти шартномаҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Ин ақидаро бештари муҳаққиқони муосири соҳаи ҳуқуқи маданӣ бо назардошти баъзе тағйиротҳо тарафдорӣ мекунанд.

Масалан, баъзе муаллифон молро ҳама гуна ашёи бо нишонаҳои навъ муайяншаванда, ашёи хосса, коғазҳои қиматнок, арзишҳои асъорӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ мешуморанд [4,с.36], дигарон бошанд, ин рӯйхатро бо ҳама гуна молу мулки аз муомилоти маданӣ гирифтанашуда пурра мекунанд [1,с.287].

Бо назардошти он ки дар §3 боби 66 КМ ҶТ камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ нишон дода шудаанд, чунин ба назар мерасад, ки дар ин маврид қонунгузор бо ин мафҳум ашёеро дар назар дорад, ки мутобиқи моддаи 1221 КМ ҶТ камбудӣ дорад.

Агар масъалаи қобили қабул будани иваз кардани калимаи “мол” ва “ашёро” ба миён гузорем, чунин ҳолат, бо назардошти он ки баъзе категорияҳои ашё аз муомилоти маданӣ гирифта шудаанд ва ба талаботи муомилотӣ доштан ҷавобгӯ нестанд ва наметавонанд предмети шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бошанд, дар умум баҳснок мебошад.

Аммо аз нуқтаи назари истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, ба назари мо, дар зери категорияи молҳо муттаҳид намудани корҳо ва хизматрасониҳо қобили қабултар ба назар мерасад. Чунин фаҳмиш, аз як тараф, ихтилофи категорияи «мол»-ро миёни КМ ҶТ ва Қонун рақобат бартараф карда, аз ҷониби дигар, имкон медиҳад, ки дар оянда аз ибораи «кор ва хизматрасонӣ» даст кашем.

Ҳолати зикршуда имкон медиҳад, ки дар матн ва §3-и боби 66-и КМ ҶТ танҳо ибораи «дар натиҷаи камбудии мол» истифода шавад ва аз тафсилоти он даст кашид.

Аз рӯйи талаботи м.1221 КМ ҶТ зарар дар ҳолати камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ ё дигар норасоии мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин дар натиҷаи паҳн намудани иттилооти беэътимод ё нопурра оид ба мол ҷуброн карда мешавад.

Таҳлили қисми мазкур нишон медиҳад, ки хусусияти асосии уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарар ин расонидани зарар дар ҳолати камбудии мол ва дуюм, дар натиҷаи паҳн намудани иттилооти беэътимод ё нопурра оид ба мол мебошад.

Категорияи “камбудии мол” дар ҳуқуқи маданӣ зиед дида мешавад, аммо мафҳуми он на дар КМ ҶТ балки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” оварда шудааст.

Аз рӯйи муқаррароти Қонуни мазкур, нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) ё худ моли дорои сифати номатлуб - ин номувофиқатии мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт, ба шартҳои шартнома ё худ ба талаботи одии сифати мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад.

Таҳлили мафҳуми мазкур нишон медиҳад, ки зери мафҳумикамбудии мол бояд дониста шавад:

- номувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт;
- ба шартҳои шартнома ё худ ба талаботи одии сифати мол (кор, хизматрасонӣ).

Номувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт иҷро накардан ё иҷро кардан бо назардошти вайрон кардани талаботи муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ки сиёсати давлатиро дар соҳаи стандартонӣ амалӣ менамояд, дар назар дорад.

Одатан барои ҳар навъ мол стандарти дахлдор муайян карда мешавад. Дар умум, мол набояд ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ, молу мулки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва инчунин муҳити зист зарар расонад.

Меъёри дигаре, ки қонун молро нокифоя мешуморад, ин ба шартҳои шартнома мувофиқ набудани он мебошад. Шартҳои шартнома предмети дар шартнома зикргардида, хусусиятҳои мол, муҳлат, нарх, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои он мебошанд.

Азбаски уҳдадорӣ мутобиқи қоидаҳои моддаи 1221 КМ ҶТ ҷуброни зиёнро дар натиҷаи камбудии мол пешбинӣ мекунад, зери мафҳуми вайронкунӣ дар ин ҳолат иҷро накардани уҳдадорӣ аз рӯйи шартнома ва ҳамзамон вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективии тарафи дигар дар назар гирифта мешавад.

Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки вайронкунии шартнома далели объективӣ буда, бо «набудани натиҷа (иҷрои дуруст), ки уҳдадорӣ ба он равона шуда буд ва кредитор ҳангоми бастани он ба он умед мебандад», тавсиф мешавад [11,с.8].

Дар баробари вайрон кардани шартҳои шартнома ба камбудиҳои мол талаботҳое низ дохил мешаванд, ки одатан ба сифати мол (кор, хизмат) гузошта мешаванд.

Мафҳуми “талаботи одатан пешниҳодшаванда” дар қонунгузорӣ дода нашудааст, аз ин лиҳоз он категорияи баҳодиҳанда мебошад. Баъзе муаллифон онро ҳамчун синоними одат (амалияи тиҷоратӣ) медонанд, дар ҳоле ки муаллифони дигар мавқеи бетарафро ишғол мекунанд, аммо қайд менамояд, ки ин категорияҳои ҳуқуқӣ аз ҷиҳати ҳадафи функсионалии худ наздиканд [3,с.62].

Дар адабиёт категорияи «талаботи одатан пешниҳодшаванда» ҳамчун «одатҳои муомилоти корӣ, яъне қоидаҳои рафтори аз тарафи умум қабулшуда, ки дар натиҷаи татбиқи такрории якхела ташаккул ёфтаанд, вале на дар қонун (санади меъёрӣ) ва на дар созишномаи тарафҳо бевосита ифода нашудаанд, вале хилофи онҳо намебошанд», фаҳмида мешавад [10,с.89].

Дар қонунгузории баъзе кишварҳо нуқсони мол инчунин вайрон кардани шартҳои фурӯши мол аз рӯйи намуна ва (ё) аз рӯйи тавсиф дониста мешавад. Аммо дар ин маврид метавон баҳс кард, зеро вайрон кардани шартҳо аз рӯйи намуна ин вайрон кардани шартҳои шартнома мебошад ва бинобар ин тафсилоти ҳолатҳо дар мазмуни нуқсони мол дар танзими ҳуқуқӣ ягон муҳиммият надорад.

Камбудии молро баъзан вақт ба категорияи сифати номатлуб баробар менамоянд, ки ин ба андешаи мо, дуруст мебошад, зеро дар мазмуни нухсони мол ишора ба сифати номатлуб меравад ва дуюм новобаста аз он ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намоем, моҳияти онҳо як аст - ҳифзи ҳуқуқи кредитор (истеъмолкунанда).

Категорияи камбудии мол бо мафҳуми дигар - сифати мол алоқаи зич дорад. Сифати мол талаботест, ки давлат барои ба эътидол овардани муомилоти маданӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз молҳои пастсифат муқаррар менамояд.

П.З. Мирзозода қайд мекунад, ки «татбиқи ҳуқуқ ба сифати мол, кор ва хизматрасонӣ хоси муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ҳамзамон, танзими ҳуқуқии сифати объектҳои зикршуда, бо сабаби аҳаммияти калони иҷтимоӣ доштаашон, бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқи оммавӣ ҳимоя карда мешавад” [7,с.12].

Мафҳуми сифати мол (кор ва хизмат) дар қонунгузории ҶТ чунин шаҳр дода шудааст: сифати мол маҷмуи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра)-ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад.

Мафҳуми мазкур дар қонунгузорӣ ба қобилияти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон асос ёфтааст, ки он, дар навбати худ, бояд ба талаботи стандарт, шартнома ё талаботи маъмулан ба сифати мол (кор, хизмат) гузошташуда мувофикат кунад.

Сифати мол вобаста ба таъиноти худ дар қонунгузори барои мувофиқ будан барои истифодабарӣ, зарар нарасонидан ба шахсият ва молу мулки шахсони ҳуқуқӣ, инчунин, муҳити зист хизмат менамояд.

Дар мазмуни моддаи 1221 КМ ҶТ камбудии мол бо камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ ё дигар норасоии мол алоқаманд мебошад.

КМ ҶТ номгӯйи кушоди эҳтимолии камбудии молро пешбинӣ менамояд, ки имкон медиҳад, дигар ҳолатҳоеро, ки дар моддаи мазкур зикр нагардидаанд, дохил намоем. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” дар қатори камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ, инчунин камбудии истеҳсолиро низ зикр менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар сарчашмаҳо ба камбудиҳои мол инчунин нуқсонҳои технологӣ [8], нуқсонҳое, ки бо вайрон кардани шароити ҳамлу нақли бор алоқамандаид, шароити номувофиқи нигоҳдории маҳсулоти тайёр дар анбор ва ғайраро дохил менамоянд [6,с.804].

Ҷой доштани номгӯйи кушоди эҳтимолии камбудии мол дар КМ ҶТ саволеро ба миён меорад, ки то кадом андоза ин дуруст аст.

Чунин ба назар мерасад, ки ин равиш дар КМ ҶТ аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» гирифта шудааст. Аммо, ба фикри мо, нишон додани навъҳои камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ дар КМ ҶТ-ро надорад.

Асос барои чунин хулосагузорӣ ин аст, ки ҳама гуна зарар, ки дар натиҷаи камбудии мол расонида мешавад, ҷуброн карда мешавад ва аз ин рӯ, тафсилоти навъҳои он беасос ва баҳсталаб ба назар мерасад.

Ғайр аз ин, барои танзими ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон худи ошкор шудани камбудӣ дар маҳсулот кофист. Нишон додани номгӯйи ҳамаи вариантҳои имконпазири норасоии мол вазифаи КМ ҶТ, ин барои қонуни соҳавӣ, ки ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро танзим мекунад, зарурият дорад.

Дигар ин ки рӯйхати эҳтимолӣ нишон медиҳад, ки ҳолатҳое, ки метавонанд бо нуқсони мол алоқаманд бошанд, хеле зиёданд ва бинобар ин дар моддаи 1221 КМ ҶТ аз он даст кашидан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар сурати расонидани зарар ба истеъмолкунанда ба ӯ аҳаммият надорад, ки мол камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ, истеҳсолӣ ё дигар дошт, барои вай ҳадафи асосӣ барқарор намудан ё ҷуброн намудани зараре мебошад, ки вай дидааст.

Хусусияти асосие, ки дар он қоидаҳои §3 боби 66 КМ татбиқ карда мешаванд, ҳангоми харидани мол барои мақсадҳои истеъмолӣ мебошад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсадҳои истеъмолӣ ифшо нашудаанд ва қонунгузор бо ин чиро дар назар дорад, маълум нест, бинобар ин масъалаи баҳс ба ихтиёри судя гузошта шудааст.

Аммо, агар андешаҳои назариявиро таҳлил кунем, баъзе муаллифон мақсадҳои истеъмолиро бо мол барои эҳтиёҷоти шахсӣ, рӯзгор, оилавӣ алоқаманд мекунанд, муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки талаботи истеъмолкунандагон ҳамаи он чизест, ки ба соҳибкорӣ (фурӯш) алоқаманд нест.

Дар аксари мавридҳо, ҳангоми баррасии талаботи истеъмолкунандагон, муаллифон аз таркиби субъективии истеъмолкунанда, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» оварда шудааст, такя мекунанд.

Аз рӯйи қонунгузории ҶТ истеъмолкунанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд.

Дар фарқият аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон ба сифати истеъмолкунанда танҳо шахсони воқеиро эътироф менамояд.

Ба андешаи мо, чунин ҳолат аз як нигоҳ дуруст аст, агар ба назар гирем, ки қонунгузор шахсеро, ки молро барои эхтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, маишӣ ва дигар эҳтиёҷот истифода мебарад, ҳамчун истеъмолкунанда эътироф мекунад. Одатан шахсони воқеӣ маҳсулотро барои қонеъ кардани чунин эҳтиёҷот истифода мебаранд, на шахсони ҳуқуқӣ.

Дар як қатор корҳои муҳаққиқони ватанӣ ворид намудани шахсони ҳуқуқӣ ба сифати истеъмолкунанда ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқод карда мешавад.

Бо дарназардошти он ки Қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ҳамчун як тарафи заиф дар муносибатҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, дар адабиёт чунин ақида вуҷуд дорад, ки механизми ҷавобгарии маданӣ воситаҳои кофии ҳуқуқиро барои ҳимояи манфиатҳои қонунии харидорон – шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, ва аз ин рӯ зарурати васеъ намудан ва пурзӯр намудани танзими ҳуқуқӣ дар қонун барои шахсони ҳуқуқӣ зарурат надорад [2,с.101].

Аммо андешаҳои дигаре низ ҳастанд, ки ба сифати истеъмолкунанда эътироф намудани шахсони ҳуқуқиро асоснок медонанд. Масалан, У.А. Шарипов бар ин назар аст,

ки ҳангоми пешниҳоди хидматҳои машваратии пулакӣ шахси ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун истеъмолкунанда баромад кунад ва аз ин рӯ, эътирофи “истеъмолкунанда” танҳо барои шахсони воқеӣ беасос ба назар мерасад [14,с.39].

Ин андеша, ба назари мо, аз он сабаб асоснок ба назар мерасад, ки масалан, ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ метавонанд истеъмолкунандаи неруи барқ бошанд. Агар шахси ҳуқуқиро ҳамчун истеъмолкунанда истисно кунем, пас он чӣ гуна номида мешавад, зери суол мемонад.

Аз тарафи дигар, агар мо шахсони ҳуқуқиро ҳамчун истеъмолкунанда эътироф накунем, дар умум аз ин чизе тағйир намеёбад, зеро онҳо дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқҳои худ метавонанд аз рӯйи меъёрҳои 1221 КМ ҳуқуқи талаб намудани ҷубронро доранд.

Таркиби субъективии уҳдадорӣ вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ бо субъектҳои уҳдадорӣ бинобар расонидани зарар мувофиқат намекунад. Агар дар қоидаҳои умумӣ (моддаи 1189 КМ) давлат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ субъект эътироф шуда бошанд, пас тибқи қоидаҳои §3 боби 66 КМ танҳо шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҷабрдида шуда метавонанд.

Дохил нагардидани давлат ба ҳайси ҷабрдида бо мушаххасоти истифодаи мол - харидорӣ намудан бо мақсадҳои истеъмолӣ алоқаманд аст.

Хусусияти хоси ин намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҷавобгарӣ дар ҳолати расонидани зарар дар давоми муҳлати коршоямӣ ба вуҷуд омада метавонад ва агар муҳлат муқаррар нагардида бошад, пас дар давоми даҳ сол аз рӯзи истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизмат).

Мафҳуми муҳлати коршоямӣ дар қонунгузорӣ даврае ҳисоб меёбад, ки баъди гузаштани он мол (натиҷаи кор) барои истифода кардан аз рӯйи таъиноташ корношоям дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки м.1223 КМ ҶТ ҷуброни зарарро танҳо дар доираи муҳлати коршоямӣ муқаррар менамояд. Чунин ҳолат, ба андешаи мо, пурра нест, муҳлати коршоямиро дар таносуб бо муҳлати хизмат ба назар намегирад. Нисбати баъзе намудҳои молҳо муҳлати хизмат муқаррар карда мешавад. Масалан, нисбати фурузонакҳои каммасраф муҳлати хизмат дар доираи вақти муайян - соати муайян муқаррар мегардад. Аз ин сабаб фикр мекунем, ки дар моддаи мазкур дар қатори муҳлати коршоямӣ, инчунин, муҳлати хизмат низ бояд муқаррар карда шавад.

**Муқарриз: н.и.х., дотсенти ДМТ – Саъдизода Ҷ.**

**АДАБИЕТ**


1. Белов В.А. Гражданское право. Общая часть / В.А. Белов. -М., 2002. -637 с.
2. Богдан В.В. Гражданско-правовое регулирование защиты прав потребителей в современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук / В.В. Богдан. -Курск, 2015. -389 с.
3. Брагинский М.И. Договорное право: Общие положения / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. -М.: Статут, 1997. -681с.
4. Гражданское право России. Обязательственное право. Курс лекций / М.И. Брагинский, Н.И. Клейн, Т.Л. Левшина и др.; под общ. ред. О.Н. Садикова. -М.: Юристъ, 2004. -843 с.
5. Козлова М.Ю. Понятия «Товар» и «Цена» в гражданском и конкурентном законодательстве / М.Ю. Козлова // Глагол правосудия. – 2013. -№1(5). -С.141-143.
6. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть вторая (постатейный) / Е.Ю. Валявина [и др.]; под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. -М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. -848 с.
7. Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: дис. … д-ра юрид. наук / П.З. Мирзозода. -Душанбе, 2023. -348 с.
8. Постатейный комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй. В трех томах. Т.3 / Под ред. П.В. Крашенинникова. -М.: Статут, 2011. -574 с.
9. Пугинский, Б. И. Коммерческое право России [Текст] / Б.И. Пугинский. -М.: Юрайт-М, 2002. -385 с.
10. Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. I: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права / Отв. ред. Е.А. Суханов. -4-е изд., стереотип. -М.: Статут, 2015. -958 с.
11. Синявская, М.С. Нарушение договорного обязательства и его правовые последствия: основные тенденции в свете сравнительно-правового анализа: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / М.С. Синявская. -М., 2007. -33 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX) [Матн]. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Зери таҳ. М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. –М., 1969. -952 с.
13. Философская энциклопедия. [Электронный ресурс]. URL: //https://dic.academic.ru/dic.nsf/enc_philosophy

14. Шарипов У.А. Танзими шартномавии хизматрасонии муздноки шартномавӣ: монография / У.А. Шарипов. -Душанбе, 2022. -164 с.

**МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ҚОНУНГУЗОРИИ ИНСТИТУТИ ҶАВОБГАРӢ ОИД БА ҶУБРОНИ ЗАРАРИ РАСОНИДАШУДА ВОБАСТА БА КАМБУДИҲОИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ – қонунгузории институти ҷавобгарӣ оид ба ҷуброни зарари расонидашуда вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки талаботҳои меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар ин самт аз камбудӣ холӣ нест, ки метавонад дар амалия ба каҷфаҳмиҳо ва душвориҳо оварда расонад. Муаллиф дар мақола, инчунин, ақидаҳои назариявиро баррасӣ намуда, роҷеъ ба он ақидаҳои худро пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, асоснок карда мешавад, ки номгуйи кушоди эҳтимолии камбудии мол дар КМ зарурат ба бознигариро талаб менамояд. Гуфта мешавад, ки м.1223 КМ ҶТ ҷуброни зарарро танҳо дар доираи муҳлати коршоямӣ муқаррар менамояд, ки чандон ба мақсад мувофиқ нест, зеро дар баъзе ҳолатҳо бояд муҳлати хизмат низ ба назар гирифта шавад.

**Калидвожаҳо**: зарар, ҷуброн, уҳдадорӣ, камбудии мол, мол, кор ва хизматрасонӣ, муҳлати хизмат, коршоямӣ.

**ТЕОРЕТИКО – ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИНСТИТУТА ОБЯЗАТЕЛЬСТВ ПО ВОЗМЕЩЕНИЮ ВРЕДА, ПРИЧИНЕННОГО ВСЛЕДСТВИИ НЕДОСТАТКОВ ТОВАРА, РАБОТ И УСЛУГ**

В данной статье рассматриваются теоретико – законодательные проблемы института обязательств по возмещению вреда, причиненного вследствие недостатков товара, работ и услуг. Отмечается, что требование норм гражданского законодательтсва в этом направлении имеет определенные прорехи, которые могут на практике привести к трудностям и неправельному интрепретацию. В статье автор также рассматривает теоретические идеи и излагает свои взгляды на них. Также обосновывается, что открытый перечень недостатка товаров в ГК требует пересмотру. Отмечается, что ст.1223 КГ РТ предусматривает возмещение вреда только в пределах срока годности товара, что не очень целесообразно, поскольку в ряде случаев для некоторых товаров устанавливается срок службы.

**Ключевые слова**: вред, возмещение, обязательство, недостатка товара, товар, срок годности, срок службы.

**THEORETICAL AND LEGISLATIVE PROBLEMS OF THE INSTITUTE OF OBLIGATIONS FOR COMPENSATION OF HARM CAUSED BY DEFECTS OF GOODS, WORKS AND SERVICES**

This article examines the theoretical and legislative problems of the institution of obligations to compensate for harm caused by defects in goods, works and services. It is noted that the requirement of civil legislation in this direction has certain gaps, which in practice can lead to difficulties and incorrect interpretation. In the article, the author also examines theoretical ideas and presents his views on them. It is also justified that the open list of shortages of goods in the Civil Code requires revision. It is noted that Article 1223 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan provides for compensation for damage only within the shelf life of the product, which is not very practical, since in some cases a service life is established for some goods.

**Keywords**: harm, compensation, obligation, product deficiency, product, shelf life, service life.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобоев Ҷамрод Қурбонович -*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. **Суроға:** 734067, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru.** Телефон: **+992918668971**

**Сведения об авторе**: ***Бобоев Джамрод Курбонович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат юридических наук, доцент. **Адрес:** 734067, город Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Нахимов, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru.** Телефон: **+992918668971**

**Information about the author**: ***Boboev Jamrod Kurbonovich*** - Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Law, Associate Professor. **Address:** 734067, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru.** Phone: **+992918668971**

ТДУ: 343.9(575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ КОРРУПСИЯ ВА БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ОН

*Раҳимов Р.Л.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Коррупсия яке аз падидаҳои ҳуқуқӣ ва зуҳуроти номатбулуби ҷомеа ба ҳисоб рафта, атрофи он дар ҳама давру замон андешаронӣ шудааст. Дар замони муосир коррупсия ба яке аз проблемаҳои умумиҷаҳонӣ табдил ёфта, дар сатҳи байналмилалию минтақавӣ ва миллӣ бо он мубориза бурда мешавад. Асоси мубрамияти мубориза ба коррупсия оқибатҳои хатарноки падидаи мазкур дониста мешаванд. Зеро коррупсия ба тамоми системаи давлатдорӣ таъсири манфӣ расонида, фаъолияти мунтазами соҳаҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва ҳуқуқиро вайрон менамояд. Бо назардошти ин, таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқи коррупсия ва баъзе аз паҳлуҳои муҳимми он барои назария ва амалия аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ мегардад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқи падидаи коррупсия раванд ва методологияи омӯзиш ва аз худ намудани чораҳои муқовимат намудан ба он мебошад. Ҷузъҳои дониши ҳар як фан дар мактаби олӣ ба усул ва воситаҳои омӯзиши он асос ёфтаанд. Яке аз асосҳои методологии азхудкунии блокҳои мавзуӣ дар курси ҳуқуқшиносӣ усули таҳлил ва муқоиса мебошад, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои дорои хусусияти феноменологии таърихӣ, бахусус, коррупсия самараноктар аст. Аз худ намудани тамоюлҳои анъанавӣ ва муосир дар соҳаи мубориза бо коррупсия, унсури муҳимми азхудкунии малака ва дониш дар донишҷӯён метавонад таҳлили муқоисавии вазъи кишварҳои дигар бошад, ки таҷрибаи онҳо дар мубориза бар зидди коррупсия намунаи бориз аст [10,с.147].

Дар ҳама кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ, ба омӯзиши масълаҳои коррупсия диққати махсус дода мешавад. То ба имрӯз асару мақолаҳои сершумори илмӣ дар ин масъала нашр гардида, ҳамзамон таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонида шудаанд. Маврид ба зикр аст, ки коррупсия падидаи умумисоҳавӣ буда, таҳқиқу омӯзиши он аз ҷониби илмҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология, фарҳангшиносӣ ва ғайра. Бинобар ин, олимону донишмандони илмҳои мазкур атрофи паҳлуҳои мухталифи коррупсия андешаронӣ намудаанд. Дар омӯзиши масъалаи коррупсия дар Тоҷикистон саҳми як қатор муҳаққиқон, аз қабили Х.А. Умаров [16], Ш.М. Шарифзода [19], З.Х. Зокирзода [5], Г.Н. Зокиров [8], Р.Ш. Нуриддинов [13], А.А. Шамолов [18] ва дигарон назаррас мебошад. Ба андешаи Ш.Қ. Ҳасанов, муҳаққиқони мазкур тавонистанд, ки сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсияро пас аз фурӯпошии низоми шуравӣ нишон диҳанд [17,с.58].

М.В. Аверянов ки дар рафти тадқиқот истифода бурдани усулҳои назариявиеро, ки пайравони самти сотсиологияи фарҳанг ,ба мисли интерактивизми рамзӣ - Г. Блумер, Ч. Кули, Д. Мид, В. Томас таҳия кардаанд, муҳим мешуморад [1,с.238]. Бояд гуфт, ки омӯзиши методологии падидаи коррупсия аз гуногунҷанба ва мураккаб будани мазмуну моҳияти коррупсия вобастагӣ дорад. Масалан, Ҷ. Свенссон коррупсияро ҳамчун пайомади дигар мушкилоти мавҷуда медонад. Ба андешаи ӯ, коррупсия табиат ва сифати ниҳодҳои қонунгузорӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро инъикос мекунад. Зиёда аз ин, коррупсия сифати ахлоқии мардум ва арзишҳову бартариятҳои ҳукмрон дар ҷомеаро инъикос менамояд [21]. Ш.Х. Солиев андешаи мазкурро чунин шарҳ медиҳад, ки ба зуҳур ва тақвияти коррупсия дар як ҷомеа ҷиҳатҳо ва арзишҳои ахлоқии ҳукмрон дар он таъсиргузор ҳастанд. Яъне, он ҷиҳати масъала муҳим аст, ки дар як ҷомеа то кадом андоза арзишҳои ахлоқӣ ба мушкилоти коррупсия мусоидат ва ё мухолифат карда метавонанд [15,с.146].

Дар баробари муқаррар кардани мафҳуми коррупсия, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тасаввуроти коррупсионӣ умумисоҳавӣ мешавад. Донишҳои ҳуқуқию сиёсӣ ба коррупсия чун ба омили пасткунандаи нуфузи ҳокимият ва иҷроиши ҳуқуқу озодиҳо дар назари халқ муносибат мекунанд. Сиёсатшиносон ҳангоми таснифи коррупсия, асосан маблағгузории ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, суиистифода аз ваколатҳои дар парлумон

дошта, савдои мақоми дошта ва ба ҳаминҳо монандро коррупсияи сиёсӣ эътироф менамоянд [2,с.24]. Л.В. Гевлинг дуруст зикр намудааст, ки коррупсияи сиёсӣ клептократияро (аз klepto – дуздидан ва kratos – ҳукмронӣ кардан, ҳокимияти дуздон) ба миён меоварад [4,с. 0].

Бояд тазаккур дод, ки мубориза бо коррупсия аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Ин масъала бинобар дигаргун шудани сохти ҷамъиятию давлатии мамлакат ва гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Миқёси коррупсия аз паҳншавии он дар тамоми системаи табақабандии ҷомеа, паҳн шудани ҷинояткорӣ дар аксари институтҳои давлатӣ, инчунин доштани намудҳои гуногун шаҳодат медиҳад. Коррупсия ба шуури шаҳрвандон ҳамчун як шакли оқилона ва прагматикии муносибатҳо ворид шуда, самаранокии онро мунтазам тасдиқ мекунад.

Баҳри омӯзиши коррупсия методологияи гуногун истифода гардидааст. Ба андешаи М.В. Аверянов, дар асоси равиши методологие, ки дар рафти таҳлили иҷтимоию фарҳангӣ истифода мешавад, мо равишҳои сохторӣ, функсионалӣ ва системавиро зарур мешуморем, ки коррупсия унсури воқеияти иҷтимоӣ буда, ҷузъи хоси фарҳангӣ дорад [1,с.238]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки равиши методологии омӯзиши коррупсия бештар ба ҷанбаҳои фарҳангию ахлоқии он такя менамояд. Муҳаққиқ Ҷ. Роден бошад, бар ин назар аст, ки мушкилоти коррупсия аз як масъалаи иқтисодӣ ба як мушкилоти ахлоқӣ мубаддал гаштааст [20,с.15]. Як гурӯҳи муҳаққиқон қайд мекунанд, ки омӯзиши бевоситаи мавзуи «коррупсия», воқеан, муносибати маҷмуиро ба баррасии масъалаҳои пайдоиши таърихӣ ва хусусиятҳои лаҳзаҳои ноустувории имрӯзаи ҷомеа, ки ба мубориза бо «падидаи иҷтимоӣ» таъсир мерасонанд, ифода мекунанд: дурнамои таҳлилӣ ба таърих, ҷамъбаст ва унсурҳои ҷудошуда дар сохтори раванд, миқёс ва воқеияти кунунӣ дар соҳаи падидаи омӯхташаванда, пешгӯии вазъият, хулосаҳои асоснок ва ғайра [10,с.147]. Ба андешаи Ш.Х. Солиев, ҳама гуна зуҳуроти коррупсионӣ барои ахлоқи як ҷомеа хатар эҷод мекунанд, зеро онҳо боварии мардумро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ мекоҳонанд ва монеаи бароварда шудани мунтазириҳои қонунии ҷомеа ва шаҳрвандон мегарданд [15,с.147].

Мушкилот барои ҳама давру замонҳо ба ҳама давлатҳо ва кишварҳо хос аст. Муҳаққиқон В.Н. Снетков ва А.П. Савелева дар шароити таҳким пайдо намудани коррупсия дар сатҳи ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлати муосирро дар ҳифз ва дастгирии низоми арзишҳои анъанавӣ медонанд [14,с.234-237]. Дар ҳоли ҳозир, Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз кишварҳои пешрафта ва муваффақ дар мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ин кишвар чораҳои сахттарин ва шадиди мубориза бо коррупсия таҳия ва ҳоло истифода мешаванд, ки дар қонунгузории ҷиноятии он инъикос ёфтаанд [6,с.208]. Дар қонунгузории ҷиноятии Чин ҷузъи коррупсия, пеш аз ҳама, ҷиноятҳоеро, ки аз ҷониби кормандони давлатӣ бо истифода аз ваколатҳои мансабиашон содир шуда, бо ҳамин тариқ дуздидан, тасарруф кардан ва ғайриқонунӣ иваз кардани моликияти ҷамъиятиро дар назар дорад. Мақомоти Ҷумҳурии Мардумии Чин дар моҳи декабри соли 1951 усулҳои зиддикоррупсионии худро бо унвони “стратегияи ҷанг” оғоз кардааст. Дар айни замон барномаи васеъмиқёси зиддикоррупсионӣ («се муқобил») ба роҳ монда мешавад, ки ба муқовимат ва решакан кардани ҳуқуқвайронкуниҳо (коррупсия), кам кардан ва «такмил додани» низоми ҳамкорӣ дар сохтори идоракунии давлат ва дар маҳалҳо (зидди бюрократизм), назорати оморӣ ва молиявӣ аз болои хазинаи хароҷоти давлат (зидди исрофкорӣ) нигаронида шудааст [10,с.147]. Айни замон дар Чини муосир мубориза бо коррупсия тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ идома дорад. Ҳама қарорҳои мансабдорони давлатӣ ба таври онлайн назорат карда шуда, барои иҷрои онҳо санҷишҳои қатъӣ гузаронида мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд имкон дорад, ки маълумоти ошкоро нашршударо дар бораи фаъолияти хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ пайдо намояд [7,с.416]. Додгоҳҳои шаҳрӣ ва вилоятии ин кишвар дар навбати аввал ба баррасии парвандаҳои “коррупсионӣ” шуруъ намуда, усулҳои иловагии мушаххаси ҳамкории аҳолии кишвар бо мақомоти тафтишотӣ дар асоси ихтиёран гузориш додан, оиди кирдорҳои ғайриқонунӣ (воқеан, гузоришҳои ихтиёрии шаҳрвандон ба низоми тарс ва тарсонидани имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандони асос ёфта буд) амал мекунанд. Таҷрибаи мубориза бо коррупсия дар Чин, бешубҳа, сазовори

баҳои мусбат аст ва бояд ба самаранокии баъзе тадбирҳое, ки дар кишвар ҷиҳати беҳтар намудани мубориза бо коррупсия дар кишвар андешида мешаванд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Албатта, таҷрибаи як кишвари дигарро ба давлати дигар интиқол додан мумкин нест, аммо бояд аз ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи як кишвари пешрафта истифода бурда, чораҳои муассир андешида шаванд.

Дар оғози солҳои 90 асри XX нахустин таҳқиқоти муфассали сиёсатшиносон, сотсиологҳо, иқтисодшиносон, ҳуқуқшиносон ва дигар мутахассисони ватанӣ, ки моҳият ва қонуниятҳои пайдоиш ва рушди коррупсияро дар кишвар ошкор мекарданд, арзи вуҷуд намуданд. Баъди солҳои 2000 ва махсусан дар ибтидои асри XXI сабабҳои мавҷудият, бозтавлид ва шакливазкунии коррупсия дар ҷомеа аз тарафи мутахассисони ватанӣ фаъолона мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ин ҳама дар ибтидои солҳои 90 асри XX замоне, ки дар натиҷаи ислоҳот моликияти азими давлатӣ дар асл бесоҳиб монда буд, барои татбиқи минбаъдаи амалҳои коррупсионӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи хеле мусоид фароҳам омад. Раванди аз миён бардоштани аксарияти ниҳодҳои низоми шуравии назорати иҷтимоию давлатӣ ва иваз кардани онҳо бо дигар ниҳодҳои камсамар, вале ба ҳар сурат амалкунанда, маҳз ба ҳамин давра рост меояд [17,с.57]. Падидаи коррупсия, бинобар фарогирии тамоми системаи табақабандии ҷомеа, бевосита аз буҳрони амиқи ҷамъиятӣ, ки бо таҷзияи системаи арзишҳо тавсиф мешавад, зиддияти байни мақсадҳои эълоншуда ва имконнопазирии татбиқи онҳо барои аксарият шаҳодат медиҳад.

Дар мавриди таҳлили иҷтимоию фарҳангии падидаи коррупсия ҳамчун як тағйири миқёси васеъ ва хатарноктарин аз нигоҳи оқибатҳои манфӣ, мо чунин мешуморем, ки он дар натиҷаи бархӯрди ҷанбаҳои «иҷтимоӣ» ва «фарҳангӣ» ба миён омадааст, ки дар ҳолати гузариш қарор дорад [1,с.239]. Дар асарҳои асосгузорони функсионализми сохторӣ (Т. Парсонс, Р. Мертон) маҳз мавҷудияти номутобиқатӣ байни сохти ҷамъиятӣ («маҷмуи муташаккили муносибатҳи иҷтимоӣ») ва маданият («маҷмуи муташаккили арзишҳои меъёрӣ»), ки ҳамчун муайянкунандаҳое, ки рафтори девиантиро ба вуҷуд меоранд, таъкид шудааст [1,с.240]. Ин имкон медиҳад ба хулосае оем, ки интихоби модели рафтори коррупсионии шахс стихиявӣ, беихтиёрона нест, балки, баръакс, бо нияти мантиқии хосси ҳар як содиркунандаи кирдор муайян карда мешавад.

Коррупсия дар тули таърихи худ тамаддуни ҷаҳониро ҳамроҳӣ мекард, аммо танҳо дар охири садаи бистум ба вазифаи андозагирии коррупсия, баҳодиҳии сифатӣ ва миқдорӣ ба вазъи он дар давлатҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Имкониятҳои халли амалии ин масъала аз он ҷиҳат ба таври назаррас мусоидат карданд, ки инкишофи пуршиддати технологияи ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли ахбор ба бисёр ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ аз солҳои 70-уми асри XX барои гузаронидани тадқиқоти гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ ва сотсиологӣ дар саросари ҷаҳон имконият дод, ки бо истифода аз пойгоҳи маълумотҳо ва манбаъҳои иттилоотӣ, ки дар кишварҳои мухталиф гурӯҳҳои байналмилалӣ ва миллии коршиносон анҷом доданд». Аввалин чунин таҳқиқоти систематикиро, ки дар доираи он муайян кардани нишондиҳандаҳои миқдории вазъи коррупсия оғоз ёфт, метавон лоиҳаи «Роҳнамои байналмилалии хавфҳои кишвар (ICRG)» номид, ки аз соли 1980 аз ҷониби ширкати Political Risk Services татбиқ карда шуда буд [12,с.149]. Новобаста аз ин, то ҳол, саволҳо дар бораи чаро ва чӣ гуна андозагирӣ кардани коррупсия ҳам дар ҷанбаҳои амалӣ ва ҳам назариявӣ баҳсбарангез боқӣ мемонанд.

Э. Панфилова дар мақолаи мубоҳисавии худ ба саволи он ки чаро коррупсияро андозагирӣ кардан лозим аст, қайд карда буд, ки ин имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумии он дар кишвар баҳо дода шавад, балки барои муайян кардани бахшҳои иқтисодиёт, ки аз коррупсия бештар осебпазиранд, барои татбиқи стратегияи зиддикоррупсионӣ аҳаммияти зиёд дорад [12,с.150]. Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи дигари муҳимми андозагирии коррупсия ва муайян кардани нишондиҳандаҳои миқдории ҳолати он дар давлатҳои гуногун метавонад зарурати тартиб додани тавсифи умумии давлат ҳамчун як ниҳоди ягонаи сиёсӣ – субъекти равандҳои байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодӣ бошад. Маҳз ҳамин нақшест, ки нишондиҳандаҳои коррупсия метавонанд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои бартаридоштаи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, ки сифат ва самаранокии падидаҳои ҳуқуқиро бештар тавсиф мекунанд, иҷро

намоянд. Омӯзиши давлатҳо ҳамчун иштирокчиёни чунин равандҳо бо хусусиятҳои хосси онҳо ва ҳамчун маҷмуи системавии сохторҳои институтсионалӣ (институтҳои давлатӣ), фармонҳо, қоидаҳо, робитаҳо, муносибатҳо ва равандҳои ҳамкории ин сохторҳо, ташкилотҳо аз охири асри XX сар карда, тадқиқоти гуногун дар ин самт гузаронида мешаванд. Мақсади чунин тадқиқот ба даст овардани маълумоти миқдорӣ оид ба хусусиятҳои гуногуни давлатҳо дар ҷаҳони муосир, аз ҷумла нишондиҳандаҳои вазъи коррупсия мебошад [9]. Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти миқдорӣ ҳамчун заминаи маълумоти эмпирикӣ барои гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар таҳқиқоти фаннӣ оид ба ҳолат ва тамоюлҳои рушди давлатҳои муосир, имконият фароҳам меоранд.

Бояд гуфт, ки мутаассифона, мубоҳисаҳо оид ба ин масъалаи байнисоҳавӣ аксар вақт аз соҳаи илми назариявӣ ва амалӣ ба соҳаи сиёсат мегузаранд. Ин аз он сабаб аст, ки намояндагони мақомоти давлатӣ, бахусус он кишварҳое, ки тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, худро дар як миқёси коррупсионии зиёд қарор медиҳанд, созмонҳо ва коршиносонеро, ки чунин пажуҳишро анҷом додаанд, эътироф намекунанд. Мисоли ин изҳороти роҳбари дастгоҳи президенти Русия С. Иванов ва вакили Думаи давлатӣ И. Яровая дар бораи таҳқиқоти Transparency International барои соли 2014 мебошад, ки тибқи натиҷаҳои он Русия мисли пештара дар миқёси коррупсионии баланд боқӣ мондааст ва дар раддабандӣ аз рӯйи шохиси дарки коррупсия дар баробари Камерун, Эрон, Қирғизистон, Лубнон ва Нигерия дар ҷойи 136-ум қарор гирифтааст [12,с.150]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, натиҷаи чунин андозагириҳо тамоман дигар мебошад. Барои мисол, тибқи маълумоти созмони байналмилалии «Transparency International» дар соли 2011 Тоҷикистон дар муқоиса бо соли 2010 дар ду мавқеъ қадам ба пеш гузошт ва 2,3 хол ба даст оварда, ҷойи 152-юмро дар миёни 182 кишвар ишғол намуд, соли 2012 бо 2,2 хол ҷойи 157-умро дар байни 178 кишвар ба даст оварда буд. Аммо дар рейтинги соли 2013 тибқи арзёбии созмони номбурда Тоҷикистон 22 хол аз 100 холи имконпазирро ба даст оварда, дар миёни 177 кишвар ҷойи 154-умро ишғол кард. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ки соли 2011 таҳти унвони «Коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назари аҳли ҷомеа», аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда буд, зикр карда мешавад, ки дар зарфи панҷ сол сатҳи дарки коррупсия дар ҷумҳурӣ 14,2% афзоиш намуда, 46,1%-ро ташкил намудааст. Агар дар соли 2005 андозаи миёнаи ришва дар Тоҷикистон ба 620 сомонӣ баробар бошад, соли 2011 нишондиҳандаи мазкур ба 1800 сомонӣ ($380) расида буд. Умуман, ин маблағҳо миллиардҳо сомониро ташкил мекунанд, ки берун аз буҷети давлатӣ аз як ҷайб ба ҷайби дигар мегузаранд. Ин маблағ бо як буҷети кишвар баробар мебошад [17,с.54].

Мушкилоти асосии ченкунии коррупсия бо истифода аз усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ аз он иборат аст, ки коррупсия падидаи латентӣ мебошад, яъне аз берун зоҳир намешавад ва барои мушоҳидаҳои беруна дастнорас аст. Тарафҳои муносибатҳои коррупсионӣ табиист, ки дар бораи раванди бунёд ва мазмуни ин муносибатҳо маълумот паҳн намекунанд. Чунин маълумот метавонад ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё аҳли ҷомеа танҳо дар ҳолате дастрас гардад, ки тарафҳо бо ягон сабаб ба созиш наоянд ё созишномаҳои қаблан бадастомада аз ҷониби яке аз тарафҳо бар зарари манфиатҳои дигар вайрон шуда бошанд. Инчунин, дар ҳолатҳое, ки дар натиҷаи амалиёти махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шахсони мансабдори ришвахӯр ва шабакаҳои коррупсионӣ ошкор карда мешаванд ё шахсе, ки бо як ҳолатҳои муайян шоҳиди амали коррупсионӣ шудааст, дар ин бора ба мақомот ё намояндагони ВАО хабар диҳад.

Яке аз равишҳои имконпазири омӯзиш ва андозагирии коррупсия экспертизаи судӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои он дар асоси таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии парвандаҳои коррупсионӣ муайян карда мешавад, ки албатта, метавонад афзоиши назарраси донишро дар бораи хусусиятҳои сифатии коррупсия дар давлат таъмин намояд. Аммо бо бархӯрди криминологӣ хусусияти динамикаи мубориза бо коррупсия ва тағйирёбии сатҳи он аз рӯйи шумораи парвандаҳои оғозкардаи мақомоти тафтишотӣ ва парвандаҳои коррупсионӣ ба судҳо баҳо дода мешавад ва чунин маълумотро дар доираи қонун дуруст ҳисоб кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, онҳо метавонанд тағйироти воқеии сатҳи коррупсияро тавсиф кунанд, аммо онҳоро инчунин бо зиёд ё паст шудани

самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, маълумот дар бораи шумораи ҳукмҳои содиркардаи судҳо эътимодноктар нест [12,с.151]. Бояд қайд кард, ки афзоиши миқдории маълумот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии парвандаҳои коррупсионӣ тақрибан ҳамеша бо татбиқи чорабиниҳои зиддикоррупсионии самтҳои гуногун, аз ҷумла барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, вобаста мебошад.

Азбаски коррупсия ҷинояти ниҳонӣ аст, ба мисли ҳама гуна зуҳуроти ниҳонӣ, дар он мушоҳида ва андозагирии мустақим қобили қабул нест - аслан ба даст овардани маълумоти боэътимод оид ба тамоми маҷмуи амалҳои коррупсионӣ дар давлат ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои бавосита арзёбии сатҳи коррупсия метавон аз чунин усулҳои анъанавии тадқиқоти сотсиологии падидаҳои ниҳонӣ, ба мисли усули арзёбии экспертӣ, усули тадқиқоти сотсиологӣ ва маҷмуи онҳо истифода бурд [12,с.151].

Ҳамин тариқ, зимни таҳқиқу омӯзиши масъалаи асосҳои назариявию методологии омӯзиши коррупсия метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Коррупсия падидаи байнисоҳавӣ буда, аз ҷониби илмҳои гуногун, ба монанди ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт ва ғайра омӯхта мешавад. Муҳаққиқони илмҳои мазкур, коррупсияро аз нигоҳҳои мухталиф таҳлил намуда, атрофи проблемаҳои гуногун дар самти мубориза ба коррупсия андешаронӣ кардаанд.

2. Проблемаҳои дар боло зикршуда оид ба муайян кардани нишондиҳандаҳои миқдории вазъи коррупсия бо истифода аз усулҳои тадқиқоти сотсиологӣ, то ин ё он дараҷа ба ҳамаи усулҳои маълум ва ҳоло истифодашавандаи андозагирии сатҳи коррупсия хос мебошанд. Бояд қайд кард, ки ҳамаи шохисҳои ҳоло истифодашаванда баҳодиҳии миқдории вазъи коррупсия дар соҳаи ҷамъиятиро ифода мекунанд ва ҳолати онро дар соҳаи хусусӣ инъикос намекунанд.

3. Дар чаҳорчӯбаи чунин таҳқиқот, арзишҳои миқдории нишондиҳандаҳои маъмултарин ва бештар истифодашавандаи коррупсия муайян карда мешаванд.

**Муқарриз: д.и.х., профессори ДМТ – Азиззода У.**


## АДАБИЁТ

1. Аверьянов, М.В. Методологические подходы в исследовании феномена коррупции: социокультурный аспект / М.В. Аверьянов // Вестник Адыгейского государственного университета. Сер.: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2011. -Вып. 3. -С.238-245.
2. Богуш, Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней [Текст]: дисс… канд. юрид. наук: 12.00.08 / Богуш Глеб Ильич. -М., 2004. -194 с.
3. Водопьянов, С.А. Опыт борьбы с коррупцией в Китае / С.А. Водопьянов // Материалы XVII Международной научно-практической конференции «Проблемы социально-экономической устойчивости региона». – 2020. -С.50-55.
4. Гевелинг, Л.В. Клептократия. Социально-политическое измерение коррупции и негативной экономики. Борьба африканского государства с деструктивным формами организации власти [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Гевелинг Леонид Владимирович. -М., 2001. -591 с.
5. Гилинский, Я.И. Коррупсия дар фазои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили криминологӣ [Матн] / Я.И. Гилинский, З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ. – 2020. -№4(40). -С.102-108.
6. Говенко, Ю.А. Опыт Китая в борьбе с коррупцией: правовое регулирование [Текст] / Ю.А. Говенко, А.А. Оганнисян, М.Е. Живило // Университетская наука. – 2018. -№2(6). -С.207-210.
7. Дьякова, Е.Г. Электронное правительство как инструмент борьбы с коррупцией: прагматический подход (опыт Китая) [Текст] / Е.Г. Дьякова // Сборник трудов по итогам всероссийской научной конференции. институт философии и права уральского отделения российской академии наук. – 2014. -С.415-427.
8. Зокиров, Г.Н. Коррупсия [Матн] / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2005.
9. Индексы развития государств мира: справочник [Текст] / О.Т. Гаспарян, Р.У. Камалова, Е.А. Кочешкова, А.А. Мовсисян, Ю.А. Нисневич, Д.К. Стукал; под ред. Ю.А. Нисневича. -М.: Издательский дом Высшей школы экономики, 2014. -247 с.
10. Методологические основы изучения коррупции [Текст] / В.М. Виноградов, Е.В. Смирнова, Н.В. Плаксина, Т.Н. Акулова // Успехи в химии и химической технологии. ТОМ XXXV. – 2021. -№11. -С.146-154.
11. Мирсаидов, А.Б. К вопросу «поиск ренты» в сфере политического процесса [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Ахбори Донишкадаи иқтисодиёт. – 2015. -№1. -С.5-12.
12. Нисневич, Ю.А. Методологические проблемы измерения коррупции [Текст] / Ю.А. Нисневич, А.А. Шухова, Д.К. Стукал // Общественные науки и современность. – 2016. -№3. -С.149-162.
13. Нуриддинов, Р.Ш. Геополитические проблемы национальной безопасности в условиях глобализации [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов // Первая межрегиональная научно практическая конференция. -Новосибирск, 2010. -С.148-168.

14. Снетков, В.Н. Правовые ценности как проекция морально-этического императива в сфере регулирования общественных отношений [Текст] / В.Н. Снетков, А.П. Савельева // Правотворчество как индикатор правовых ценностей: внутригосударственное, наднациональное и международное измерения: Коллектив. моногр.; под ред. И.Л. Честнова. -СПб.: Астерион, 2018. -532 с.
15. Солиев, Ш.Х. Арзишмеҳварӣ чун заминаи муҳимми муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Солиев // Вестник ТГУПБП». – 2023. -№2(95). -С.143-153.
16. Умаров, Х.А. Муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: қонуни ҷиноятӣ ва ҷанбаҳои криминологӣ [Матн]: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ / Х.А. Умаров. -М., 2008. -51 с.
17. Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / Ш.Қ. Ҳасанов. -Душанбе, 2021. -345 с.
18. Шамолов, А.А. Коррупсия: нигоҳе ба сайри таърихии он [Матн] / А.А. Шамолов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2004. -№1.
19. Шарифзода, Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ / Шарифзода, Ш.М. -Душанбе, 2022. -201 с.
20. Roden J. The international anti-corruption crusade: neo-liberal institutional structures, moralization, and social capital / J. Roden // Undercurrent Journal VII (I). – 2010. -P.12-22.
21. Svensson, J. Eight Questions about Corruption / J. Svensson // Journal of Economic Perspectives. – 2005. -№19(3). -P.19-42.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ КОРРУПСИЯ ВА БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи асосҳои назариявию методологии омӯзиши коррупсия ва баъзе проблемаҳои он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, падидаи коррупсияро аз нигоҳи назариявӣ ва методологӣ таҳлил намуда, ҳамзамон баъзе проблемаҳои мубрами онро таҳқиқ кардааст. Зимни таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки коррупсия падидаи байнисоҳавӣ буда, аз ҷониби илмҳои гуногун, ба монанди ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт ва ғайра омӯхта мешавад. Муҳаққиқони илмҳои мазкур, коррупсияро аз нигоҳҳои мухталиф таҳлил намуда, атрофи проблемаҳои гуногун дар самти мубориза ба коррупсия андешаронӣ кардаанд. Яке аз сабабҳои назаррас набудани натиҷаҳои мубориза бо коррупсия дар кишварҳои ҷаҳон низ дар он ифода меёбад, ки он падидаи мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф иброз менамояд, ки мубориза бо коррупсия аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Ин масъала бинобар дигаргун шудани сохти ҷамъиятию давлатии мамлакат ва гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

**Калидвожаҳо:** асосҳои методологӣ, омӯзиши коррупсия, мафҳум ва моҳияти коррупсия, фаҳмиши ҳуқуқии коррупсия, фаҳмиши сиёсии коррупсия, фаҳмиши сотсиологии коррупсия.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ КОРРУПЦИИ И НЕКОТОРЫЕ ЕЕ ПРОБЛЕМЫ

В данной статье рассматривается вопрос доктрины о понятии, признаках и характеристики коррупции. В ходе исследования автор проанализировав мнения отечественных и зарубежных ученых и определил понятие, признаки и характеристики коррупции. В ходе исследования автор пришел к выводу, что в литературе существуют разные мнения о понятии коррупции, а общепризнанной концепции ее не существует. Одна группа ученых определила это как общее понимание, а другая группа интерпретировала его как широкое и ограниченное понимание. Коррупция определяется не только с точки зрения юридических наук, но также политологии и социологии. Исследование показывает, что коррупция имеет свои особенности и признаки, отличающие ее от других правовых явлений. Стоит отметить, что с точки зрения теории государства и права определение коррупции представляется несколько сложным, поскольку необходимо учитывать не только юридические особенности, но и некоторые ее политические и социальные особенности. Мы принимаем понимание коррупции в широком и узком смысле по следующим основаниям: под коррупцией в узком смысле понимается подкуп должностных лиц, который уголовным законодательством установлен как преступление с угрозой наказания. В широком контексте понятие коррупции включает в себя не только взяточничество, но и другие действия, сходные со взяточничеством (хищение, подкуп, взяточничество и т.п.), а также более широкий круг субъектов. Следует сказать, что изучение подходов к пониманию сущности коррупции и ее структуры может помочь разработать эффективные меры борьбы с коррупцией и в конечном итоге укрепить верховенство закона и дисциплину в государственном управлении.

**Ключевые слова:** методологические основы, исследование коррупции, понятие и сущность коррупции, юридическое понимание коррупции, политическое понимание коррупции, социологическое понимание коррупции.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE STUDY OF CORRUPTION AND SOME OF ITS PROBLEMS

This article discusses the doctrine of the concept, signs and characteristics of corruption. During the study, the authors analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept, signs and characteristics of corruption. During the study, the authors came to the conclusion that in the literature there are different opinions about the concept of corruption, and there is no generally accepted concept of it. One group of scholars defined it as general understanding, while another group interpreted it as broad and limited understanding. Corruption is defined not only from the point of view of legal sciences, but also from political science and sociology. The study shows that corruption has its

own characteristics and characteristics that distinguish it from other legal phenomena. It is worth noting that from the point of view of the theory of state and law, the definition of corruption seems somewhat complex, since it is necessary to take into account not only legal features, but also some of its political and social features. We accept the understanding of corruption in the broad and narrow sense for the following reasons: corruption in the narrow sense means bribery of officials, which is established by criminal law as a crime with the threat of punishment. In a broad context, the concept of corruption includes not only bribery, but also other actions similar to bribery (theft, bribery, bribery, etc.), as well as a wider range of entities. It should be said that studying approaches to understanding the essence of corruption and its structure can help develop effective measures to combat corruption and ultimately strengthen the rule of law and discipline in public administration.

**Keywords:** methodological foundations, study of corruption, concept and essence of corruption, legal understanding of corruption, political understanding of corruption, sociological understanding of corruption.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимов Равшан Лақаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахимов Равшан Лакаевич*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 888999688.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rakhimov Ravshan Lakaevich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 888999688**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

ТДУ: 363.163 (575.3)

# МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР СОХТОРИ ДАВЛАТИВУ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Гулзода Н.А., Амирзода М.Э.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Прокуратура инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» аз 25.06.2005 ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд. Вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи: мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошанд.

Татбиқи ҳамкории иштирокчиён ва ҳамоҳангсозии фаъолияти прокуророн, ки онҳо бо уҳдадориҳои ташкиливу роҳбарӣ масъулиятнок карда мешаванд, мувофиқи Низомнома «Дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ» (бо фармони Президенти ҶТ аз 11 апрели соли 2001 таҳти №548 тасдиқ шудааст) сурат мегирад.

18 феврали соли 1925 бо қарори комитети револютсионӣ ва фармони вазири кумитаи ҳокимияти адлия таҳти рақами 13 прокурори округи Душанбе таъин карда шуд, ки ӯ дорои як муовин, ду ёрдамчӣ ва як муфаттиш буд. Бо назардошти суханони дар боло овардашуда 7-уми декабри соли 1925 мақомоти прокуратура таъсис дода шуд ва худи ҳамон сол ба фаъолият оғоз намуд. Аз ҳисоботи Вазорати КҲА бармеомад, ки аз 1-уми октябри соли 1925 то 1 январ шумораи штати прокуратура округи Душанбе аз прокурор, котиб, коргузор, куратор иборат буд. Прокуратураи ш. Истаравшан алоҳида буд, дар ш. Кӯлоб ва ш. Қӯрғонтеппа танҳо як прокуратура амал мекард. Аз 1 октябри соли 1926 прокуратураҳои вилояти Ҳисор, Кӯлоб, Истаравшан, Қӯрғонтеппа ва Ғарм таъсис дода шуданд [3,с.29-32].

Вазифа ва ваколатҳои прокуратура имкони дар ҳайати ҳокимияти иҷроия будани прокуратураро истисно менамояд. Бо вуҷуди имкони мушаххаси робитаи муҳим ва махсуси прокуратура коргузорӣ бо сардори ҳокимияти иҷроия, яъне Президенти кишвар ҷой дорад. Ҳамчунин, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ин, албатта, дар масоили иртиботи бевоситаи Прокурори генералӣ бо Президент, яъне сардори кулли ҳокимият басо аҳаммиятнок аст.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент номзадии Прокурори генералиро ба Маҷлиси Олӣ пешбарӣ мекунад ва танҳо пас аз қабул ва тасдиқи номзад барои таъини вазифа фармон мебарорад. Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси Олӣ ва Президент масъул аст. Асосҳои ташкил ва фаъолияти прокуратураи ҶТ дар боби 9-уми Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудаанд. Боби мазкур функсияҳои назорати иҷроиши аниқ ва татбиқи якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди ҶТ чун функсия ба уҳдаи мақомоти прокуратура гузоштааст, ки онро Прокурори генералӣ ва прокуророни ба ӯ тобеъ дар ҳудуди салоҳияташон ба амал мебароранд. Конститутсия на танҳо функсияи прокуратураро муайян намуд, балки чанд принсипҳои ташкил ва фаъолияти прокуратураро муқаррар намудааст. Моддаҳои 93-97-и Конститутсияи ҶТ ба мақомоти прокуратура бахшида шудааст, ки асосҳои консепсияи назорати прокуратураро дар ҶТ ташкил медиҳад. Самтҳои асосии фаъолияти прокуратура гуфта, ҷонибҳои мустақиму алоҳидаи амалӣ намудани функсияҳои конститутсионӣ ва вазифаҳои прокуратураро дар назар дошта мешавад, ки қонун муқаррар намудааст. Яъне, дар ин самтҳо функсияи

назорати иҷроиши аниқ ва якхелаи қонунҳо бо мақсади таъмин намудани волоияти қонун ва таҳкими қонуният ба амал бароварда мешавад.

Мувофиқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқу тафтиши пешакиро амалӣ мегардонанд, яке аз самтҳои асосии фаъолияти назорати мақомоти прокуратура ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, Қонуни конститутсионии номбурда ба самтҳои асосии фаъолияти прокуратура омилҳои зеринро дохил менамояд: ҳангоми амалӣ гардонидани назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонун дар мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ салоҳияти прокурор характери ҳокимиятиву амрдиҳанда дорад, ки аз салоҳиятҳои прокурор дар соҳаи назорати умумӣ ба куллӣ фарқ менамояд.

Аз ҷумла, дар ин соҳаи назорати прокурорӣ таклиф, дастур, амр ва супориши прокурор (дар доираи ваколатҳои худ) ва актҳои назорати прокурорӣ вобаста ба оғози парвандаи ҷиноӣ ва таҳқиқу тафтиши он ба шахсони мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ҳатмӣ мебошад. Прокурор ҳуқуқ дорад ба фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, гузаронидани амалиётҳои тафтишоти бевосита шарик шавад, на танҳо аз нуқтаи назари риояи қонун, балки бевосита дар раванди таҳқиқ ва тафтишотӣ пешакӣ иштирок намояд, ҳуқуқ дорад актҳои муфаттишҳоро бо санадҳои худ бекор намояд, парвандаи ҷиноиро ба истеҳсолоти худ қабул намояд, тафтишот барад ё амалиёти алоҳидаи тафтишотӣ гузаронад, амалиётҳои тафтишоти муфаттишро аз нав гузаронад. Вале прокурор ҳамаи ин амалиётҳоро танҳо бо риоя намудани талаботи қонун метавонад амалӣ гардонад. Салоҳияти характери ҳокимиятиву амрдиҳандагӣ доштани прокурор аз он иборат аст, ки прокурор дар асл фаъолияти мурофиавии тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқи ибтидоиро қатъи назар аз табиати ин мақомот роҳбарӣ мекунад [10,с.17-21].

Иртиботи прокуратура чун мақомоти давлатии назораткунандаи иҷроиши қонунҳо ва риояи онҳо, бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мақомоти намояндагони қонунбарор дар самтҳои муайян муҳим аст. Дурустӣ ва иҷроиши қонунҳои аз тарафи Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси намояндагон қабул ва тасдиқшударо маҳз мақомоти прокуратура назорат мекунад.

Прокурори генералӣ ҳар сол ба Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси намояндагон ва ҳамчунин ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳолату вазъи қонуният ва пойдор гардонидани қонуният дар кишвар маъруза ва маълумот пешниҳод менамояд. Дар чунин маъруза ва маълумотҳо меъёрҳои қонунгузорие, ки барои рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ дар заминаи ташаккули усулҳои қонунгузорӣ минбаъд мувофиқат мекунанд, зикр мешаванд. Ҳамчунин, дар ин маврид қонунҳои амалкунанда аз нуқтаи назари таҷрибаи истифодабарӣ, ҷой доштани ихтилоф ва нопуррагиҳо дар меъёрҳои қонунгузорӣ таҳлил карда, доир ба мукаммал намудани онҳо хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас манзур мегарданд [1,с.54].

Прокурори генералӣ мунтазам ба палатаҳои Маҷлиси миллӣ доир ба масоили гуногуни қонуният ва ҳифзи тартибот ахбор медиҳад. Мақомоти прокуратура аз рӯйи дархост ва муроҷиати намояндагони халқ доир ба қонунвайронкунӣ ва бенизомӣ санҷиш мегузаронад ва барои пойдории қонуният чораҳои зарурӣ меандешад.

Чуноне ки гуфта шуд, аз рӯйи меъёрҳои конститутсионии тақсимоти ҳокимият Прокурори генералӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Маҷлиси Олӣ ба вазифа таъин карда мешавад. Ин тарзи ҳисоботдиҳандагии бевоситаи Прокурори генералиро қонун тасдиқ мекунад [9,с.109]. Салоҳияти характери ҳокимиятиву амрдиҳандагии прокурор зарурият ба он дорад, ки ба ӯ қонун шароит муҳайё намояд, то барои сари вақт амалӣ гардидани чораҳои судмандро барои пешгирии ҳар гуна қонунвайронкуние, ки дар фаъолияти мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ дар доираи ваколатҳое, ки Қонун ба ӯ додааст, амалӣ гардонад [11,с.28-30].

Мутобиқи моддаи 10-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои ба он тобеъ фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти

вазорати амниятро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мақомоти андоз, хадамоти гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамоҳанг месозад.

Зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ тақозои худи объекти ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар асоси носозгориҳои басо мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ ба миён омадааст. Дар асоси моддаи 34 Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» ва қонуни мурофиавии ҷумҳурӣ гуфта шудааст, ки прокурор дар мурофиаи судӣ иштирок мекунад, ба қарор, ҳукм, ҳалнома, таъиноти ғайриқонунӣ эътироз мебиёрад. Прокурор иштирокчии мурофиаи судӣ буда, бо дигар иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқи баробар дорад. Ваколати прокурор, ки дар мурофиаи судӣ иштирок мекунад, аз тарафи қонун муайян карда шудааст. Прокурор дар мурофиаи судӣ вобаста ба характер ва моҳияти хатари ҷамъиятӣ доштани ҷинояти содиршуда, мураккабият ё аҳаммияти ҷамъиятии парвандаи ҷиноиро бояд дастгирӣ намояд. Дар корҳои шаҳрвандӣ бошад, вобаста ба муҳимияти масъала ва инчунин агар иштирокашро суд дар мурофиа зарур шуморад ва ё иштироки ҳатмии прокуророрро қонун муайян карда бошад, метавонад ширкат варзад. Фаъолияти прокурор дар ин самт кафолати таҳкими қонуният, ҳимояи боэътимоди давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон мебошад. Прокуроре, ки дар мурофиаи судӣ иштирок мекунад, ба таври лозима бояд тайёрӣ дида, дар таҳлили далелҳо принсипнокӣ ва устуворӣ зоҳир намояд, дастгирӣ намудани айбдоркунандаи давлатиро ба дараҷаи касбӣ нишон диҳад [5,с.38].

Прокурор ва ё муовини ӯ дар ҳолатҳои ошкор намудани қонунвайронкунӣ аз тарафи мақомот ва ё шахсони мансабдор, ки назорати фаъолияти онҳо ба уҳдаи прокуратура аст, дар баробари дидани чораҳои дигари аз тарафи қонун муқарраршуда ба суд дар бораи беэътибор донистани санадҳои ҳуқуқии бар хилофи қонун қабулшуда низ муроҷиат менамоянд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муроҷиат дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои ваколатро пешбинӣ накардааст. Вазифа ва ваколатҳои прокуратура имкони дар ҳайати ҳокимияти иҷроия будани прокуратураро истисно менамояд.

Прокурор ҳуқуқ дорад нисбати ҳалномаи суди иқтисодӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ва қарори марҳилаи шикоятӣ эътирози кассатсионӣ диҳад. Марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ба ҳам наздик буда, дар ҳарду ҳолат ҳам оид ба қарори эътибори қонунӣ пайдо намуда сухан меравад.

Фарқияти марҳилаи шикоятӣ аз кассатсионӣ дар ин аст:

1. дар марҳилаи кассатсионӣ баррасии ҳалнома ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо намудааст, дида мешавад;
2. дар марҳилаи кассатсионӣ суди иқтисодӣ ҳуқуқ дорад бо дархости иштироккунандагони парванда иҷрои ҳалнома, қарорро, ки дар марҳилаи якум ва шикоятӣ қабул шудааст, боздорад;
3. дар марҳилаи кассатсионӣ тарафҳо ҳуқуқи пешниҳод намудани дархости нави иловагӣ надоранд;
4. дар марҳилаи кассатсионӣ парванда аз ҷониби суди иқтисодии зинаи поёнӣ баррасӣ нашуда, танҳо асоснок ва қонунӣ будани қарору ҳалномаи суд санҷида мешавад.

Дар бораи ба истеҳсолот қабул намудани шикояти кассатсионӣ судя таъинот мебарорад, ки дар он вақт ва ҷойи баррасии шикояти кассатсионӣ нишон дода мешавад [2,с.15]. Объекти шикояти кассатсионӣ қарор ва ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдо намудаи суди иқтисодӣ дар марҳалаи аввал ва қарори қабул нашудаи марҳалаи шикоятӣ мебошад. Иҷрои ҳукм давраи анҷомдиҳандаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар он иҷрои ҳукми ба қувваи қонунӣ дохилшуда амалӣ мегардад.

Дар моддаи 44-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки предмети назорат аз инҳо иборат мебошад:

– қонунӣ будани иқомати одамон дар ҷойи нигаҳдории дастгиршудагон, ҷойи ҳабси пешакӣ, мақомоту муассисаҳоиислоҳи меҳнатӣ ва дигар муассисаҳое, ки ҷазо ва дигар чораҳои маҷбуркунии таъинкардаи судро иҷро менамоянд;

– риояи ҳуқуқу вазифаҳо тавассути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароршудаи дастгиршудагон, маҳбусон, маҳкумшудагон ва шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои маҷбурӣ андешида шудаанд, тартиб ва шароити нигоҳдории онҳо;

– қонунӣ будани иҷрои ҷазо, ки бо маҳкум аз озодӣ вобаста намебошад [6,с.3].

Прокурорҳо дар фаъолияти кории худ вазифадоранд, ки ба кори назорат ба риояи қатъиву дақиқи қонунҳое, ки тартиб ва шароити нигоҳдориро дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, ҷойҳои адои ҷазо ва тадбирҳои дигари маҷбуриро танзим менамоянд, таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоянд.

Ҷойҳои нигаҳдории дастгиршудагон хонаҳои нигаҳдории кӯтоҳмуддат, ҷойҳои ҳабси пешакӣ, хонаҳои алоҳидаи тафтишотӣ мебошанд. Дар ҷойҳои ҳабси пешакии гумонбарон айбдоршаванда ва судшавандагон, ки ба ҷазои маҳрум аз озодӣ ҳукм шудаанд, нигоҳ дошта мешаванд [3,с.21-22]. Ҷойи нигоҳдории судшудагон, ки ба маҳрум аз озодӣ ҳукм шудаанд, колонияҳои ислоҳоти меҳнатӣ, колонияи ислоҳотии сукунат, колонияи ислоҳоти дорои низоми умумӣ, колонияи ислоҳоти дорои низоми пурзӯр, колонияи ислоҳи дорои низоми сахт, колонияи ислоҳоти дорои низоми махсус мебошанд.

Назорати прокурорӣ ба худ назорати иҷрои қонун дар бораи ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагон аз тарафи маъмурияти муассисаҳои ислоҳотӣ ва инчунин назорати иҷрои қонун аз тарафи маҳкумшудагонро дар бар мегирад [8,с.39]. Вазифаи прокурор на танҳо муайян кардани дараҷа ва татбиқи чораҳо барои бартарафкунии вайронкунии қонун, балки муқаррар кардани сабаб ва шароите мебошад, ки барои содир кардани вайронкунии қонун ёрӣ расонидааст. Инчунин, ба моҳияти фаъолияти маъмурияти муассисаҳои ислоҳотӣ сарфаҳм рафта, прокурор бе ивазкунии ваколати маъмурият барои беҳтаркунии кори муассисаҳои ислоҳӣ мусоидат мекунад [3,с.9].

Прокуроре, ки назорат мебарад, ҳуқуқ дорад иҷрои талаботи қонунро дар ҷойҳои маҳкамаҳои муваққатӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавриди назорат қарор диҳад:

– ҳар вақт бидуни тафтиш ба мақомот ва муассисаҳои нигоҳдории дастгиршудагон, ҷойи ҳабси пешакӣ, мақомоти муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар муассисаҳое, ки ҷазо ва дигар чораҳои маҷбуркунии таъинкардаи судро иҷро менамоянд, ояд;

– дастгиршудагон, ҳабсшудагон, маҳкумшудагон ва шахсонеро, ки ба чораҳои маҷбурӣ гирифтор шудаанд, бозпурс намояд;

– бо ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо ин шахсон дастгир, ҳабс, маҳкум ё ба чораҳои маҷбурӣ гирифтор шудаанд ва бо ҳуҷҷатҳои фаврӣ шинос шавад;

– назорат оиди муҳайё кардани шароит ва ба қонунгузори ҶТ мутобиқ будани фармонҳоро талаб кунад;

– амрҳо ва қарорҳои маъмурияти мақомот ва муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар муассисаҳое, ки ҷазо ва дигар чораҳои маҷбуркунии таъинкардаи судро иҷро менамоянд, санҷад, аз мансабдорон баёнот талаб намояд, эътироз оварад, пешниҳод биёрад, парвандаҳои ҷиноятӣ ё истеҳсолотро оид ба ҳуқуқвайронкунҳои маъмурӣ оғоз намояд. То баррасии эътироз амали санаде, ки нисбат ба он эътироз шудааст, боздошта мешавад;

– ҷазоҳои интизомиро нисбати шахсони маҳбус ва маҳкумшуда дар сурати вайрон кардани қонун, бекор кунад, бо қарори худ онҳоро аз изолятори ҷаримавӣ, бинои типи камерагӣ, картсер, камераи яккаса, изолятори интизомӣ фавран озод кунад;

– бо қарори худ ба тартиби муайянкардаи қонун шахси дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ ва муассисаҳои иҷрокунандаи чораҳои маҷбурӣ ғайриқонунӣ нигоҳдошташуда, ғайриқонунӣ дастгиршуда, ба ҳабси маҷбурӣ гирифтор гардида ё дар муассисаи психиатрӣ ҷойгиршударо фавран озод кунад. Ҳодисаи вайронкунии қонунро прокурор муайян карда, чораҳои лозимаро барои бартараф ва барқарор кардани ҳуқуқи поймолшуда, инчунин ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон бояд андешад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., и.в. дотсенти ДДД - Қодирзода С.М.**

**АДАБИЁТ**

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1991. -№4.
2. Долгова А.И. Криминология. Учебник для вузов / А.И. Долгова. -М., 1999. –С.15.
3. Кенљаев С. Очерки истории прокуратуры Таджикистана / С. Кенљаев, К. Мирзоева. –Душанбе, 1995. –С.9.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. -32 с.
5. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе, 1996. -38 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додситони Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1992.
7. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон // Маҷмуи қонунҳо. –Душанбе, 1998. –С.112-113.
8. Российский прокурорский надзор / Под ред. А.Я.Сухарева. -М., 2002. -39 с.
9. Теория государства и права / Под редакцией Матузова Н.И. и Только А.В. -М., 1997. -С.109.
10. ЦГА Таджикская ССР ф. 10. ОП 1, д.30 -С.17-21.
11. ЦГА Таджикская ССР ф. 86 ОП 1 д.2220. –С.28-30.


## МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР СОХТОРИ ДАВЛАТИВУ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масоили вобаста ба мақомоти прокуратура дар сохтори давлативу ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент номзадии Прокурори генералиро ба Маҷлиси Олӣ пешбарӣ мекунад ва танҳо баъди қабул ва тасдиқи номзад барои таъини вазифа фармон мебарорад. Муаллифон мафҳумҳои прокурор ва Прокурори генералиро муайян намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои прокурорро нишон додаанд. Муаллифон бо такя ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмӣ дар мақолаи мазкур таъкид менамоянд, ки вазифа ва ваколатҳои прокуратура имкони дар ҳайати ҳокимияти иҷроия будани прократураро истисно менамоянд.



**Калидвожаҳо:** прокуратура, Прокуратураи Генералӣ, прокурор, ҳуқуқ, меъёр, салоҳият, тартиботи ҷамъиятӣ, сохтори ҳуқуқӣ.


## ПРОКУРАТУРА В ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВОМ УСТРОЙСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматриваются основные вопросы прокуратуры в государственно-правовом устройстве Республики Таджикистан. Авторы отмечают, что содержание изменений и норм соответствует Конституции Республики Таджикистан. Президент выдвигает кандидата Генерального прокурора в Маджлиси Оли и лишь издает Приказ о принятии и утверждении кандидата в депутаты. Авторами определены понятия «прокурор» и «Генеральный прокурор», указаны права и обязанности прокурора. В данной статье авторы, опираясь на нормативно-правовые документы и научную литературу, подчеркивают, что обязанности и полномочия прокуратуры исключают возможность нахождения прокуратуры в составе исполнительной власти.



**Ключевые слова:** прокуратура, Генеральная прокуратура, прокурор, закон, норма, полномочия, общественный порядок, правовая конструкция.


## THE PROSECUTOR'S AUTHORITY IN THE GOVERNMENTAL AND LEGAL STRUCTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article discusses the main issues of the prosecutor's office in the state-legal structure of the Republic of Tajikistan. The authors note that the content of the changes and norms is in line with the Constitution of the Republic of Tajikistan. The President nominates a candidate for the Prosecutor General to the Majlisi Oli and only issues an Order on the acceptance and approval of a candidate for deputies. appointment. The authors define the concepts of “prosecutor” and “Prosecutor General”, indicate the rights and obligations of the prosecutor. In this article, the authors, relying on legal documents and scientific literature, emphasize that the duties and powers of the prosecutor's office exclude the possibility of the prosecutor's office being part of the executive branch.



**Keywords:** prosecutor's office, Prosecutor General's Office, prosecutor, law, norm, powers, public order, legal structure.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 735320, Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 888846363**

***Амирзода Муродалӣ Эмомалӣ*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ. **Суроға:** 735320, Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 933446697**

**Сведения об авторах**: ***Гульзода Наджиба Абдулмаджид*** – Дангаринский государственный университет, кандидат педагогических наук, и.о. доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 735320, Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 888846363**

***Амирзода Муродали Эмомали*** – Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры политологии и государственного управления. **Адрес:** 735320, Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 933446697**

**Information about the authors:** ***Gulzoda Najiba Abdulmajid* –** Dangara State University, Candidate of Pedagogical Sciences, acting. Associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25. Phone: **(+992) 888846363**
***Amirzoda Murodali Emomali* –** Dangara State University, applicant for the Department of Political Science and Public Administration. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25. Phone: **(+992) 933446697**

ТДУ: 347.61/.64(575.3)

# САРЧАШМАҲОИ АНЪАНАВӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

*Шарифӣ Д.Д.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқии мушаххас ба ҳодиса ва падидаҳои муайяни ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Ин омилҳо дар ҳамбастагӣ бо якдигар ба ташаккули заминаҳои асосии меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба низоми муайяни ҳуқуқӣ дохил мешаванд, таъсир мерасонанд. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқӣ рушд ва талаботи ҷомеаро инъикос мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосии тамоми падидаҳои иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки замони пайдоиши аксарияти онҳо муайян нест. Ташаккули чунин падидаҳо тадриҷан амалӣ гардида, метавонад вақти тулониро дар бар гирад. Чунин ҳолат, албатта, хусусияти мураккаб ва тулонии тағйиротҳо ва рушди иҷтимоиро таҷассум менамояд [8,с.75].

Ҳар як падидаи иҷтимоӣ дорои сарчашма ва шаклҳои махсуси ифодаи берунаи худ мебошад, ки мо метвонем мушоҳида ва қабул намуда, ҷанбаҳои гуногуни онҳоро омӯзем. Аз ин рӯ, ҳар як объект, падида ё раванд сарчашмаи худро дошта, дорои мазмуну мундариҷа ва шакли мауйяни худ мебошад. Масалан, меъёри ҳуқуқӣ воқеӣ буда, танҳо дар ҳамон ҳолат ба таври объективӣ вуҷуд дошта метавонад, ки ифодакунандаи расмии иродаи давлатӣ ба ҳисоб равад, гардҷанде аз сарчашмаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ вобастагӣ дорад, яъне "ба қонун ворид мегардад", ки дар натиҷа он аз қоидаи абстрактӣ ба мундариҷаи мушаххаси муайян мубаддал мегардад [3,с.59].

Ҳамин тариқ, аз як тараф, иродаи давлат меъёри ҳуқуқиро тариқи муқаррар намудани қоидаҳои рафтор ва принсипҳои танзими ҳуқуқӣ "қонунӣ" менамояд, аз тарафи дигар, худи ин ирода дар меъёри ҳуқуқӣ мушаххас гардида, мазмуну мундариҷаи ҳуқуқро ташкил менамояд.

Новобаста аз навъи сарчашмаҳои ҳуқуқ, ки дар низоми мушаххаси ҳуқуқӣ ҳукмрон мебошанд, онҳо натиҷаи таъсири омилҳои гуногун ба ҳисоб меравнад. Дар ин самт метавон ақидаи Ж.Л. Бержел - ҳуқуқшиноси франсузро дастгирӣ намуд, ки чунин қайд намудааст: "Тартиботи қонуние вуҷуд надорад, ки танҳо ба як сарчашма бартарӣ дода, сарчашмаҳои дигарро сарфи назар намояд, лекин низомҳое мавҷуданд, ки дар онҳо як сарчашма аз сарчашмаҳои дигар бартарӣ дорад" [4,с.128].

Категорияи "сарчашмаи ҳуқуқ" дар ҳуқуқшиносӣ яке аз категорияҳои баҳснок ба ҳисоб меравад. Баҳсу мунозираҳо оид ба муайяннамоии категорияи мазкур то ба имрӯз идома доранд. С.Ф. Кечекян қайд намудааст, ки категорияи "сарчашмаи ҳуқуқ" яке аз категорияҳои носаҳеҳи назарияи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. На танҳо таърифи умумиэътирофгардидаи ин мафҳум вуҷуд надорад, балки маънои он баҳсу мунозираҳои зиёдро ба миён овардааст [9,с.3].

Қайд намудан зарур аст, ки баҳсу мунозираҳо оид ба муайяннамоии "сарчашмаи ҳуқуқ", пеш аз ҳама, дар мухолифат нисбат ба омилҳои асосии қонунэҷоднамоӣ асос ёфтааст. Дар ин самт И.В. Михайловский қайд менамояд, ки моҳиятан, тамоми назарияпардозони ҳуқуқ фаҳми ягонаи маънои категорияи "сарчашмаи ҳуқуқ"-ро пешниҳод намуда, зери ин мафҳум омилҳои махсуси қонунэҷоднамоиро ҷудо менамоянд. Дар чунин ҳолат гурӯҳе аз назарияпардозон оид ба шароити объективии муҳит, иддае оид ба қонуни олии этикӣ сухан меронанд [10,с.237].

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми "сарчашмаи ҳуқуқ" аз тарафи Т.Ливий ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст [11,с.42]. Дар шароити имрӯза бошад, миқдори зиёди муносибатҳои мухталифи таснифоти он пешниҳод гардидааст. Мавҷудияти муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми "сарчашмаи ҳуқуқ" далели мурккаб ва гуногунҷанба будани мафҳуми мазкур ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, омилҳои асосии ташаккули он низ дорои хусусиятҳои иерархии гуногунҷанба мебошанд, ки фаҳми ягонаи мафҳуми мазкурро мураккаб мегардонад.

Ба таври умумӣ, мафҳуми "сарчашмаҳои ҳуқуқ" ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

-неруҳое, ки қонун эҷод менамоянд: иродаи илоҳӣ дар низомҳои ҳуқуқии динӣ, иродаи халқ, шуури ҳуқуқӣ, иродаи давлатӣ, иродаи синфи ҳукмрон, меъёрҳои этикӣ, ғояҳои баробарӣ ва адолатнокӣ;

-ёдгориҳои муайяни таърихии ҳуқуқии пайдоиши дохилӣ ва берунӣ, ки ҳамчун асоси ин ё он низоми ҳуқуқӣ баромад менамоянд;

-маводҳо, ки тариқи онҳо ҳуқуқ фаҳмида мешавад, яъне, маводҳо, ки сарчашмаи дарки ҳуқуқ ба ҳисоб меравaнд;

-омилҳои моддӣ ва шароити зиндагии ҷомеа, ки ба ташаккули низоми ҳуқуқии халқи муайян таъсир мерсонанд;

-асоснокнамоии зарурияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне сарчашмаи ҳуқуқ дар маънои расмӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ба таври умумӣ, сарчашмаи ҳуқуқ маҷмуи омилҳои эҷодкунандаи ҳуқукро таҷассум менамояд, ки ба ташаккул ва рушди шакли ҳуқуқ, мазмуну мундариҷаи он, инчунин ба шакли ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Таҳаввулоти давлат ва ҳуқуқ дар тули тамоми таърихи инсоният оид ба мавҷудияти шаклҳо ва сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад. Ҳар як низоми ҳуқуқӣ воситаҳои махсуси ташкил ва ифодаи берунаи ҳуқуқ, инчунин низоми сохториву иерархии омилҳоро, ки ба ташаккули мазмуну мундариҷаи ифодаи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, коркард менамояд.

О.В. Богатева ду воситаи асосии пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: роҳи табиӣ ва муқаррариро ҷудо намудааст. Илова бар ин, ӯ механизмҳои гуногуни муттасилии байни наслҳо ва воситаҳои интиқоли таҷрибаро аз насли ҷавон муайян намудааст. Чунин муайяннамоӣ имконият медиҳад, ки тарзи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқ ва тарзи интиқоли онҳо аз як насл ба насли дигар, ки дар рушди низомҳои ҳуқуқӣ ҷанбаи муҳим ба ҳисоб меравад, ба таври дақиқ ошкор карда шавад [5,с.43].

Ҳуқуқшиносии муосир ду ҷанбаи “сарчашмаи ҳуқуқ”-ро ҷудо менамояд: сарчашмаи моддии ҳуқуқ (сарчашмаи ҳуқуқ дар фаҳми моддӣ); сарчашмаи расмии ҳуқуқ (сарчашмаи ҳуқуқ дар фаҳми расмӣ) [12,с.400]. Дар чунин ҳолат ба сарчашмаи моддии ҳуқуқ тамоми омилҳо ва падидаҳо, ки ба ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, дохил карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ – масъалаи сарчашмаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар ҳудуди Тоҷикистон сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, ки дар ин самт нақши муҳим доранд, ҷудо карда мешаванд. Яке аз сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқи анъанавӣ, ки дар шакли меъёрҳо қабул гардида, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд, меъёрҳои дини Зардуштӣ, ки дар китоби муқаддаси Авесто ҷамъоварӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар қатори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти Ю. Яқубов, Д. Саймуддинов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиқов, Э. Буриев, А.Г. Периханян, А.К. Рзаев, В.Г. Графский ва дигарон диққатҷалбкунанда ба ҳисоб мераванд. Дар таҳқиқоти ин муаллифон кӯшиш карда шудааст, ки ба масъалаи низоми ҳуқуқии зардуштия равшанӣ андохта шавад.

Баррасии Авесто ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ба тамоми талаботҳои таснифоти сарчашмаи ҳуқуқ дар фаҳми моддӣ мувофиқ аст:

- Авесто ҳамчун китоби илоҳии Аҳурамаздо дар як қатор бо меъёрҳои динӣ талаботҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд. Он ҳамчун иродаи Аҳурамаздо ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро барои тамоми зардуштиён муқаррар менамояд. Инчунин, он ғояҳои адолатнокиро дар бар мегирад, ки ба ташаккули ҳуқуқ мусоидат менамоянд;

-маводҳо ва ғояҳои асосии Авесто на танҳо бевосита ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи амалкунанда хизмат намудаанд, балки сарчашмаи ташаккули низоми ҳуқуқии давлати Каёниён, Ҳахоманишиҳо, Ашкониён, Сосониён ба ҳисоб мерафт, фармонҳо ва қонунномаҳои давлатҳои қадима ва асримиёнагии Эрон ва Осиёи Марказӣ танҳо дар доираи талаботҳои Авесто ва зардуштия тартиб дода шудаанд;

- Авесто ёдгории таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки муддати тулонӣ нақши сарчашмаи амалкунандаи ҳуқуқро иҷро намудааст. Талабот ва муқаррароти он ҳамчун сарчашмаи амалкунандаи ҳуқуқ баромад намудаанд. Дар як қатор давлатҳо, ки зардуштия ҳамчун дини расмӣ эътироф шуд, неруи бевоситаи ин сарчашмаи ҳуқуқӣ беназир гардид.

Таҳлили таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки Авесто меъёрҳои ҳуқуқии самтҳои мухталифро дар бар мегирад, ки аз рӯйи мазмуну мундариҷаи танзимнамоӣ ва аз рӯйи соҳа онҳоро метавон ба ҳуқуқҳои давлатӣ, оилавӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва дигар ҳуқуқҳо ҷудо намуд. Ба хусусияти динии меъёрҳои ҳуқуқии зардуштия нигоҳ накарда, новобаста аз баромади этникӣ, дин, синну сол ва ҷинс, дар ин сарчашмаи ҳуқуқи инсон нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқии Рим бештар таҷассум ва муқаррар гардидаанд.

Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ яке аз объектҳои асосии танзимнамоии ҳуқуқи зардуштия ба ҳисоб меравад. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии Авесто нишон медиҳад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодҳои ҳуқуқи оилавӣ ҷой доранд, ки дар шароити имрӯза бо қонунгузории амалкунанда танзим карда мешаванд. Масалан, дар қисми Вандидод 13 меъёри ҳуқуқии бевосита мавҷуданд, ки муносибатҳои оилавӣ-никоҳиро танзим менамуданд [17,с.72].

Мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, никоҳи дуюм барои мардон ё никоҳи муваққатӣ иҷозат дода намешуд. Хиёнати тарафайн ба таври ҷиддӣ пешгирӣ карда мешуд. Зане, ки бо марди бегона муносибат менамуд, бадном шуморида шуда, ҷазо дода мешуд ва чунин никоҳ “нопок” дониста мешуд [2,с.24].

Дар Авесто оид ба меҳру муҳаббати мард нисбат ба зан мулоҳизаронӣ карда шуда, он ба меҳру муҳаббати мард нисбат ба замин монанд карда шудааст. Ҳар нафаре, ки бо эҳтиром ба замин муносибат мекунад, онро коркард менамояд, замин ҳосилхез шуда, ҳосили хуб ба даст меорад. Агар мард духтареро дӯст дорад, ӯро ба занӣ гирад, тамоми меҳру муҳҳабати худро ба ӯ бахшад, духтар насли мардро зиёд мегардонад. Мард, ки замин ва духтарро дӯст медорад, худ сарватманд мегардад, ҳаёти хушбахти оилаи худро таъмин менамояд, идомаи насли худро ба даст меорад. Дар ин ҷо қайд карда мешавад, ки такомули тарзи ҳаёти инсон бо меҳру муҳаббати ӯ ба замин ва бо махлуқи ба худ монанд алоқаманд аст.

Дар Авесто ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт, ҳанӯз дар батни модар таъмин карда мешуд [7,с.74]. Беҳбудии кӯдак дар батни модар дар як қатор бо беҳбудии кӯс.даки таваллудшуда гузошта мешуд. Бо ин васила принсипи арзиши мавҷудияти инсон дар ҳар як марҳилаи рушд муайян карда шудааст. Инчунин, тамоми шароити таваллуд ва рушди комили кӯдак бунёд карда мешуд. Дар Авесто диққати асосӣ ба солимии волидайн равона карда шудааст, зеро он омили зарурии рушди муътадили кӯдак шуморида мешуд.

С. Ганбаров дар таҳқиқи худ чунин қайд намудааст, ки Авесто ҳуқуқи кӯдакони ноболиғро то ҳамон андоза ҳимоя менамуд, ки ҳатто ҳуқуқи кӯдакони таваллуднашуда дар қонунгузорӣ ҷой дода шуда буд [7,с.12]. Дар таълимоти зардуштия дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон метавон ба таври махсус далелеро ҷудо намуд, ки исқоти ҳамл ҳамчун ҷинояти вазнин, ки дар шароити имрӯза ба таври васеъ паҳн гардидааст, баррасӣ карда мешуд. Исқоти ҳамл ба куштор баробар карда шуда, тамоми шахсоне, ки дар ин раванд дахолат кардаанд, ҷазои вазнин мегирифтанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳолати рад гардидани иҷроиши уҳдадориҳо нисбат ба фарзанд аз тарафи падар, ҳимоя нагардидани кӯдак ва иҷро нагардидани таъмини оила, ки дар натиҷаи он ба кӯдак халал расонида шудааст, падарро ба қатл мерасониданд. “Агар падар кӯдак ва оиларо дастгирӣ накунад, пас бигузор ба монанди куштори бадқасдона ҷазо дода шавад” [1,с.185]. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар муносибатҳои оилавӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза дар давраҳои қадим кӯдакон ҳанӯз дар батни модар зери ҳимояи қонун қарор доштанд, ба занони ҳомиладор диққати махсус дода мешуд. Дар шароити имрӯза илми тибб исбот намудааст, ки барои рушди муътадили кӯдак нақши асосиро ҳамон марҳилае ишғол менамояд, ки кӯдак дар батни модар рушд менамояд.

Оид ба инсондӯстии қонунҳои зардуштия А.Г. Периханян таъкид намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки мувофиқи қонунгузории зардуштия ҷудо намудани кӯдакони ноболиғ аз волидайн ҷинояти вазнин шуморида мешуд [14,с.30].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки Авесто яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ дар қаламрави халқиятҳои эронитабор ба ҳисоб меравад. А.Г. Холиқов оид ба нақш ва мақоми Авесто чунин қайд намудааст: "Авесто" ҳамчун китоби қадимаи динии заруштиён, ҳамчун сарчашмаи рафтори одамон, манбаи андешаҳои нек, баракат ва хайрхоҳӣ барои халқҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон, бешубҳа, кодекси ягонаи маънавӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ буд. Авесто сарчашмае ба ҳисоб меравад, ки бо меъёрҳои маънавӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ рафтори ориёиёни қадимро муайян менамуд. Метавон қайд намуд, ки Авесто сарчашмаест, ки дар он шаклҳои меъёрҳои иҷтимоӣ омезиш ёфта, ба якдигар таъсир мерасонанд. Чунин таъсиррасонии тарафайн муътадилии онро ҳамчун кодекси рафтор ва ёдгории таърихии ҳуқуқӣ кам намекунад. Дар қатори меъёрҳои иҷтимоии Авесто, ки ба таъмини тартибот дар ҷомеа ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд, бешубҳа, нақши пешбар ба меъёрҳои ҳуқуқӣ тааллуқ дорад" [18,с.14].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки Авесто яке аз қадимтарин сарчашмаҳои хаттии халқҳои Осиёи Марказӣ, китоби муқаддаси зардуштия ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сарчашмаи мазкур масъалаҳои оила ва никоҳ, муносибатҳои оилавӣ ба таври дақиқ таҷассум гардидаанд. Дар боби X "Яштҳо" оид ба анъанаҳо ва урфу одатҳо, ба монанди муносибати эҳтиромона бо занон, ҳуқуқи онҳо, бадастории дахлнопазирии оила, асосҳои устувори он, вазифа ва уҳдадориҳои волидайн дар назди фарзандон, ки дар омода намудани онҳо бо бунёди оила ва хоҷагидории худ зоҳир мегардад, мулоҳизаронихо карда шудааст [1,с.183].

Яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди фаъолияти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ҳуқуқи оилавӣ-никоҳӣ, марҳилаи ҳукмронии сулолаи Сосониён (солҳои 224-651) ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра чунин сарчашмаҳои машҳури ҳуқуқ, ба монанди Қонунномаи Ишобохта, ки дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои насронии рафтор коркард шудааст, Динкард («Кардаи динӣ»), Бундаҳишн, Ардавирафнома дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусро ишғол намуда буданд [6,с.45].

Дар қатори ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мавқеи махсусро Қонунномаи Сосониён касб намудааст. Моҳиятан, Қонунномаи Сосониён якумин меъёри ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи банизомдарории меъёрҳо қабул карда шудааст. Он маҷмуи казусҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ҳуқуқи шартномавӣ, муносибатҳои оилавӣ, ҳуқуқи молумулкӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи судиро танзим менамуд.

Холиқов А.Г. қайд намудааст, ки дар Қонунномаи Сосониён на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии давраи Сосониён, балки меъёрҳои Авесто, аз он ҷумла принсипҳои асосии ҳуқуқ, ки дар он аз давраи пайдоиши ҷомеаи синфӣ ворид карда шудаанд, муттаҳид намудааст [19,с.72]. Дар Қонунномаи Сосониён масъалаҳои мухталифи муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ, ба монанди шаклҳои никоҳ, молу мулки умумии ҳамсарон, меросгузории ҳамсарон ба якдигар, ҳуқуқи фарзандон, сарпарастиву парасторӣ, фарзандхонӣ ва мавқеи ҳуқуқии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мувофиқи Қонунномаи Сосониён шаклҳои гуногуни никоҳ, ба монанди никоҳи патикшаих, никоҳ чакари, никоҳи сиға мавҷуд буданд. Мувофиқи никоҳи патикгаих зан аз парастории падар ё шахсияти дигар баромада, мақоми худро дар хона аз даст медиҳад, ба сарпарастии шавҳар ё падари ӯ ворид мешавад. Дар акди никоҳ ҳарду ҷониб ба дӯши худ уҳдадориҳои муайяро мегирифтанд. Синну соли никоҳӣ барои шавҳар ва зан 15-солагӣ муқаррар гардида буд. Ризоияти ҳарду ҷониб барои акди никоҳ ҳатмӣ шуморида мешуд. Дар акди никоҳ ҳаҷми маҳр муайян карда мешуд. Дар ҳолати бекоркунии акди никоҳ зан танҳо ҳамон молу мулкро мегирифт, ки ба сифати маҳр ба ӯ дода буданд, дигар молу мулк ба шавҳар тааллуқ дошт. Тамоми молу мулк, ки ҳамсар ё фарзандон мегиранд, ба шавҳар тааллуқ дошт.

Никоҳи муваққатӣ (сиға) бо давомнокии муносибат пешакӣ бо ризоияти ҳамсарон муайян карда мешавад; мард пешакӣ ба зан миқдори муайяншудаи маблағро пардохт менамояд; ҳеҷ як тараф ба тарафи дигар мерос намедиҳад; дар алоқамандӣ бо маҳдудият давомнокии чунин никоҳ то ҷудо гардидан муқаррар гардидааст. Андешае ҳаст, ки никоҳи муваққатӣ ба мақсади бартараф намудани фоҳишагарӣ ва фисқу фасод ба роҳ монда шуда буд. Кӯдакон аз чунин никоҳ аз тарафи ҷомеа ҳамчун кӯдаки қонунӣ эътироф карда

мешуданд, инчунин ин кӯдакон метавонистанд молу мулки волидайни худро ба мерос гиранд [15,с.82].

Дар оила, хусусан дар қишрҳои болоии ҷомеа, фарқияти ҳуқуқ ва мақоми занон ва мардон бузург буд. Вазъият дар оилаҳои қишрҳои поёнии иҷтимоӣ каме фарқ дошт. Дар деҳот, занон ва ҳатто кӯдакон якҷоя кор мекарданд. Тафовутҳои синфӣ дар соҳаи динӣ низ зоҳир мегардиданд. Дар замони Сосониён маъбади оташ, ки зиёратгоҳ барои мардуми одии қадимӣ буд, ба низоми синфӣ тобеъ буд. Баъзеи онҳо барои руҳониён, ашрофон ва пешвоёни ҳарбӣ, дигарон барои сокинони деҳот ва мардуми одӣ буданд [16,с.379].

Раванди бекор кардани никоҳ чорабинии расмӣ ва ҷамъиятӣ шуморида мешуд. Дар ҳолати бекор кардани никоҳ ҳуҷҷат тартиб дода мешуд, ки баёноти шавҳарро мустаҳкам намуда, изҳороти занро тасдиқ менамуд. Дар ҳолати марги сарвари оила, вақте ки аз ӯ ҳамсар, духтар ва писари ноболиғ мемонд, барои онҳо ва барои идора намудани молу мулки боқимонда ҳимоятгар таъин карда мешуд. Оиларо бе ҳимоятгар гузоштан мумкин набуд.

Нематов А. қайд намудааст, ки яке аз самтҳои мустақили марҳилаи ҳукмронии сулолаи Сосониён фаъолияти қонунэҷоднамоии ҳокимони маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Сосониён анъанаҳои фаъолияти қонунэҷоднамоии давлатҳои пешинаро идома дода, бо муназзамӣ, ки ба фаъолияти қонунгузорӣ ворид карда шудааст, бо тартиботи меъёрҳои ҳуқуқ фарқ менамуд, ки заминаи пайдоиши анъанаҳои банизомдарории қонунгузории халқи тоҷик гардидааст [13,с.101].

Қонунномаи Сосониён ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ баромад намуда, меъёрҳои алоҳидаи он дар самти муносибатҳои оилавӣ дар қонунгузориҳои минбаъда таҷассум гардидаанд, ки далели сарчашмаи ҳуқуқ будани он ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар сарчашмаҳои анъанавӣ танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мавқеи хосса доштааст. Сарчашмаҳои анъанавӣ ба дарк ва баҳогузории меъёрҳои алоҳидаи танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ мусоидат менамоянд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., и.в. дотсенти ДДД - Қодирзода С.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Авеста. Перевод А. Махкама. -Ташкент, 2001. -423 с.
2. Аширов А. Похоронные обряды из «Авесты» / А. Аширов. -Ташкент, 2007. -272 с.
3. Байтин М.И. Сущность права (современное нормативное правопонимание на грани двух веков) / М.И. Байтин. -М., 2005. -416 с.
4. Бержель Ж.Л. Общая теория права / Ж.Л. Бержель. -М., 2000. -576 с.
5. Богатева О.В. Нормативный правовой акт как источник права (теоретический аспект): дисс…канд…юрид…наук / О.А. Богатева. -М., 2004. -185 с.
6. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б. Буриев. –Душанбе, 2007. -244 с.
7. Ганбаров С.Г. Политические и правовые идеи в Авесте / С.Г. Ганбаров. –Баку, 1992. -244 с.
8. Кашанина Т.В. Происхождение государства и права. Современные трактовки и новые подходы / Т.В. Кашанина. -М., 1999. -332 с.
9. Кечекьян С.Ф. О понятии источника права / С.Ф. Кечекьян // Ученые записки МГУ. Вып. 116. Кн. 2. -М., 1946.
10. Михайловский И.В. Очерки философии права / И.В Михайловский. -Томск, 1914. Т. I. -305 с.
11. Марченко М.Н. Источники права / М.Н. Марченко. -М., 2005. -230 с.
12. Нерсесянц В. С. Общая теория права и государства / В.С. Нерсесянц. -М. 2001.-512 с.
13. Нематов А. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. дисс. на соискание ученой степени доктора юрид. наук / А. Нематов. -М., 2013. -331 с.
14. Периханян А.Г. Общество и право в Иране в парфянский и сасанидский периоды. -М., 1983. -384 с.
15. Сарухани Б. Введение в социологию семьи / Б. Сарсухани. -Тегеран: Кайхан. –Тегеран. 2006. -352 с.
16. Фрай Р.Н. Древнее население Персии / Р.Н. Фрай. -Тегеран, 1965. -380 с.
17. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма / А.Г. Халиков. -Душанбе 2005. -150 с.
18. Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права / А.Г. Халиков // Бизнес в законе. - 2013. -№6. –С.9-14.
19. Холиқов А.Г. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / А.Г. Холиқов. –Душанбе, 2002. -Ҷ.1. -304 с.


**САРЧАШМАҲОИ АНЪАНАВӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ**


Дар мақолаи мазкур сарчашмаҳои анъанавии танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз навъи сарчашмаҳои ҳуқуқ, ки дар низоми мушаххаси ҳуқуқӣ ҳукмрон мебошанд, онҳо натиҷаи таъсири омилҳои гуногун ба ҳисоб меравнд. Сарчашмаи ҳуқуқ маҷмуи омилҳои эҷодкунандаи ҳуқуқро таҷассум менамояд, ки ба ташаккул ва рушди

шакли ҳуқуқ, мазмуну мундариҷаи он, инчунин ба шакли ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Таҳаввулоти давлат ва ҳуқуқ дар тули тамоми таърихи инсоният оид ба мавҷудияти шаклҳо ва сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад. Таҳлили таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар ҳудуди Тоҷикистон сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, ки дар ин самт нақши муҳим доранд, ҷудо карда мешаванд. Авесто яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ дар қаламрави халқиятҳои эронитабор ба ҳисоб меравад. Он меъёрҳои ҳуқуқии самтҳои мухталифро дар бар мегирад, ки аз рӯйи мазмуну мундариҷаи танзимнамоӣ ва аз рӯйи соҳа онҳоро метавон ба ҳуқуқҳои давлатӣ, оилавӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва дигар ҳуқуқҳо ҷудо намуд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар сарчашмаҳои анъанавӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мавқеи хосса дошта, диққати заруриро талаб менамояд. Сарчашмаҳои анъанавӣ ба фаҳм ва баҳогузории меъёрҳои алоҳидаи танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** сарчашмаи ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи оилавӣ, сарчашмаҳои анъанавӣ, танзими ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои оилавӣ, Авесто, ниҳодҳои ҳуқуқи оилавӣ, зардуштия, Қонунномаи Сосониён.

## ТРАДИЦИОННЫЕ ИСТОЧНИКИ РЕГУЛИРОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ В СЕМЕЙНОМ ПРАВЕ

In order to support the employees of the Ministry of Internal Affairs and their families in such important areas of life: to support the material well-being; to assistant in the solution of housing problems (in various cases); to support the health status of the employees of the Ministry of Health; to provide assistance to their relatives when they are killed or missing [11; 12; 13; 14]. All these measures play an important role in employees` activities of the Ministry of Internal Affairs, because they help to solve certain problems of their daily life and motivate them in their further service in the Ministry of Internal Affairs. Article 2 of Law No. 247-FZ defines the list of financial support of the employees of the Ministry of Internal Affairs. Among them, in paragraph 6-3 of this article, the list of additional payments of employees included in the financial support is given. This list includes, among other things, coefficients (regional for service in high mountain areas, for service in deserts and waterless places) (paragraphs 8, 6 of article 2 of Law No. 247-FZ) [8]. According to Law No. 342-FZ, it is clarified that the interest-based supplements to the salary stipulated in the legislation of the Russian Federation are interest-free supplements, because the salary for service in the North Aksa regions and other places with unfavorable climatic or environmental conditions, including remote, high-mountainous regions, deserts and waterless places are given [9; 10; 15].

Thus, proceeding from the assumption of the conducted analysis concerned with modern legislation of Tajikistan Republic and other the above-mentioned countries, there are certain types of employees` social-legal protection of IAA: employees of this sphere are under the protection of the country; they have a guarantee of judicial protection; all of them are covered by mandatory state personal insurance; the formers have the right to provide housing in conformity with the current legislation provisions; they retire due to reaching the specified age, due to illness or upon completion of service.

**Conclusion.**Adducing the results of the analysis dealing with the theme under consideration, one can come to the conclusion that the employees` social protection of IAA is a system of guarantees to satisfy their material-moral needs. The effectiveness of the employees' activity depends on how and to what extent social protection measures are implemented in the country. In the process of researching the relevant topic, conclusions, provisions, recommendations and proposals were interpreted, which have a certain scientifico-theoretical and practical importance promoting a defined system aimed at the improvement of their social security, on the whole.

## REFERENCES


1. Ведомости Верховного Совета Союза Советских Социалистических Республик Г.39 1976. -№17(1831) –С. 291. [Электронный ресурс]. URL: https://rusneb.ru/catalog/000200_000018_RU_NLR. INFOCOMM7_1000096064/. (дата обращения: 12. 09.2021).
2. Конвенция 1952 года о минимальных нормах социального обеспечения. - №102. [Электронный ресурс]. URL: https: //www.ilo.org/moscow/areas-of-work/social-security/WCMS_249300/lang--ru/index.htm. (дата обращения:13. 09.2021).
3. Муминзода, М.Н. История возникновения и развития праздника Навруз: историко-правовое исследование / Муминзода М.Н. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№12. -С.302-309. – EDN IXKUNB.
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. 18.03.2020. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/22643.
5. Назаров Н.Ҷ. Милитсияи Тоҷикистон дар шароити истиқлолият (1991-2009) / Н.Ҷ. Назаров. -Душанбе: Эр-граф, 2010. -240 с.
6. Собирзода, А.Ҷ. Нақши давлат дар самти таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ / Собирзода А.Ҷ. // Идоракунии давлатӣ. – 2021. -№3(52). –С.173-182. – EDN JJAUED.
7. Собирзода, А.Ҷ. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ / Собирзода А.Ҷ. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. -№1(29). –С.57-65. – EDN BPUIYF.
8. Имомербеков, А. Укрепление органов милиции в ГБАО: организация и обеспечение / А. Имомербеков, Собирзода А.Д. // Вестник Педагогического университета. – 2021. -№2(91). -С.241-244. – EDN PCRNAD.
9. Федеральный закон от 20 апреля 1995 г. №45-ФЗ "О государственной защите судей, должностных лиц правоохранительных и контролирующих органов" (с изменениями и дополнениями). [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/10104593/ (дата обращения: 17. 09.2021).
10. Федеральный закон от 30 ноября 2011 г. N 342-ФЗ "О службе в органах внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации" (с изменениями и дополнениями). [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/12192456/ (дата обращения: 18. 09.2021).

11. Федеральный закон «О социальных гарантиях сотрудникам органов внутренних дел Российской Федерации» и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации: федеральный закон от 19.07.2011 -№247-ФЗ (ред. от 29.07.2017) // Собрание законодательства РФ. 2011. -№ 30 (ч. 1).
12. Федеральный закон от 19 июля 2011 г. N247-ФЗ "О социальных гарантиях сотрудникам органов внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации" (с изменениями и дополнениями). [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/ 12188106/ (дата обращения: 20. 09.2021).
13. Федеральный закон от 30 ноября 2011 г. N 342-ФЗ "О службе в органах внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации" (с изменениями и дополнениями). [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/12192456.
14. Шарифзода, Л.Ш. Оғози равандҳои демократӣ-заминаи муҳимми ба вуҷуд омаданиислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Л.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№10-1. -С.258-262. – EDN NGMMFK.
15. Яковенко Я.В. Социальная защита сотрудников органов внутренних дел / Я.В. Яковенко // Фундаментальные и прикладные научные исследования: актуальные вопросы, достижения и инновации: сб. статей VI междунар. науч-практ. конф / отв. ред. Г.Ю. Гуляев. -Пенза, 2017. -С.295-297.

## ЗАРУРАТИ ТАҲИЯИ ҚОНУН (ДАР ТАҲРИРИ НАВ) "ДАР БОРАИ КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ БА КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" ДАР АСОСИ ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур зарурати таҳияи Қонун (дар таҳрири нав) "Дар бораи кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва дохилӣ таъкид шудааст. Маълум аст, ки ҳар як фаъолияти инсон ба қонеъ гардондани талаботи ӯ нигаронида шудааст. Талаботи мувофиқ, махсусан дар замони муосири рушди муттасил дар баробари суръати баланди иттилоот феълан меафзояд. Самаранокии кори кормандони мақомот аз он вобаста аст, ки дар ҷумҳурӣ тадбирҳои муҳофизати иҷтимоӣ чӣ тавр ва то чӣ андоза ба амал бароварда мешаванд. Дар рафти таҳқиқи мавзуи мазкур як қатор хулосаҳо, муқаррарот, тавсияҳо ва таклифҳое шарҳ дода шуданд, ки аҳаммияти муайяни илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доранд, ки ба ташаккули низоми аниқ ва баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии кормандон ВКД мусоидат мекунад. Хулоса мешавад, ки дар расонидани кумаки иҷтимоӣ ҷалб намудани дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва хайрия, ҷалб намудани шахсони воқеӣ, ки метавонанд дар амалисозии фаъолияти иҷтимоӣ чунин кумак расонанд, барои иштирок дар барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ мувофиқи қонун ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мақсад мувофиқ аст.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ, таъминоти иҷтимоӣ, кадрҳои соҳибтахассус, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсати кадрӣ, имкониятҳои иҷтимоӣ, таҷрибаи давлатҳои пешрафта.

## НЕОБХОДИМОСТЬ ПОДГОТОВКИ ЗАКОНА (В НОВОЙ РЕДАКЦИИ) «О СОЦИАЛЬНЫХ ГАРАНТИЯХ РАБОТНИКАМ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ» РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ ОПЫТА ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

В данной статье рассматриваются вопросы необходимости подготовки закона (в новой редакции) «О социальных гарантиях работникам органов внутренних дел» Республики Таджикистан на основе опыта зарубежных и отечественных стран. Общеизвестно, что любая деятельность человека направлена на удовлетворение его потребностей. Соответствующий спрос растет, особенно в нынешнюю эпоху непрерывного развития, наряду с более высокой скоростью информации в современную эпоху. Эффективность деятельности работников зависит от того, как и в каком объеме в стране реализуются меры социальной защиты. В процессе исследования данной темы был интерпретирован ряд выводов, положений, рекомендаций и предложений, которые имеют определенное научное, теоретическое и практическое значение, что будет способствовать формированию определенной системы и повышению социальной защищенности работников органов внутренних дел. Сделан вывод о том, что привлечение к оказанию социальной помощи других органов государственной власти, органов местного самоуправления, общественных и благотворительных объединений, привлечение к осуществлению социальной деятельности реальных лиц или лиц, которые могут оказать подобную помощь, к участию в программах социальной защиты по направлению правоприменительной деятельности.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, МВД, социальное обеспечение, качественные кадры, экономика, общество, кадровая политика, социальные возможности, опыт развитых стран.

## NECESSITY TO PREPARE A LAW (IN A NEW EDITION) "ON SOCIAL GUARANTEES FOR EMPLOYEES WHO WORK AT INTERNAL AFFAIRS BODIES" UNDER THE AUSPICES OF TAJIKISTAN REPUBLIC BASED ON THE EXPERIENCE OF FOREIGN AND NATIONAL COUNTRIES

The given article dwells on issues beset with necessity to prepare a law (in a new edition) "On social guarantees for employees who work at internal affairs bodies" under the auspices of Tajikistan Republic based on the experience of foreign and national countries. It is common-knowledge that any human activity is aimed at satisfying his/her needs. The relevant demand is growing, especially in the current age of continuous development, alongside with the higher speed of information in modern epoch. The effectiveness of the employees' activity depends on how and to what extent social protection measures are implemented in the country. In the process of researching this topic, a number of conclusions,

provisions, recommendations and proposals were interpreted and interpreted, which have a certain scientific, theoretical and practical importance, which will contribute to a defined system and to improve the social security of the employees of the internal affairs authorities. It is concluded that involving other state authorities, local self-government bodies, public and charity associations in social assistance, involvement of real persons in carrying out social activities or persons who can provide similar assistance to participate in social protection programs in the direction of law enforcement activities.

**Keywords:** Tajikistan Republic, the Ministry of Internal Affairs, social security, quality personnel, economy, society, personnel policy, social opportunities, experience of developed countries.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собирзода Аловуддин Ҷабор*** **-** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2, унвонҷӯй, полковники милитсия. Телефон: **(+992) 985301171.** E-mail: **sobirzoda76@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Собирзода Аловуддин Джабор*** **-** Академии МВД Республики Таджикистан, кафедра государственно-правовых предметов факультета №2, соискатель, полковник милиции**.** Телефон: **(+992) 985301171.** E-mail: **sobirzoda76@bk.ru**

**Information about the author:** ***Sobirzoda Alovuddin Jabor*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, department of state and legal subjects of faculty No 2, applicant, police colonel. Phone: **(+992) 985301171.** E-mail: **sobirzoda76@bk.ru**

**ТДУ: 32+930.85(575.3)**

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР МАКТАБҲОИ ИЛМИИ МУОСИР

***Раҳмонзода А.Ш.***
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ буда, дар таъмини манфиатҳои миллии кишвар ва ҳифзу амнияти истиқлолияти давлат нақши муҳим дорад. Сиёсати хориҷӣ дар фаъолияти давлат аҳаммияти махсусро касб менамояд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ сиёсати хориҷӣ дар як вақт бо ташаккули аввалин давлатҳо пайдо шудааст. Сиёсати хориҷиро метавон ҳамчун фаъолияти давлат дар саҳнаи байналмилалӣ баррасӣ намуд, ки муносибати давлати мазкурро бо дигар субъектҳои фаъолияти сиёсати хориҷӣ, яъне дигар давлатҳо, иттифоқу иттиҳодияҳо, блокҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба танзим медарорад.

Умуман, метавон сиёсати хориҷиро ҳамчун соҳаи фаъолияти давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ муайян намуд, ки мақсади он дар таъсиррасонии самтӣ ба дигар иштирокчиёни фаъолияти байнидавлатӣ зоҳир мегардад. Сиёсати хориҷӣ қисми таркибӣ ва ҷудонопазири сиёсати давлатӣ буда, сиёсати дохилии давлатро муайян менамояд. Дар ҳолатҳои алоҳида, дар доираи сиёсати давлат, сиёсати хориҷӣ ҳамчун вазифаи алоҳидаи сиёсати дохилӣ баромад менамояд.

Ҳар як давлат дар асоси манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ин ва он самти сиёсати хориҷиро амалӣ менамояд. Зарурати сиёсати хориҷӣ бо ҳамон далел таъмин карда мешавад, ки сиёсати дохилӣ дар ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдошта наметавонад талабот ва манфиатҳои ҷомеаро қонеъ гардонад. Дар чунин фаҳмиш, сиёсати хориҷӣ ҳамчун идома ва иловаи сиёсати дохилӣ баромад менамояд, зеро вазифаҳои ёрирасонро нисбат ба равандҳои сиёсии дохилӣ иҷро менамояд.

Мавриди зикр аст, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ робитаи мутақобила доранд, зеро як қатор масъалаҳо дорои ҷиҳатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мебошанд.

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки дар ҳолати мавҷуд набудани арзишҳои демократӣ дар ҳаёти дохилии давлат, бо гузашти вақти муайян, сиёсати хориҷӣ ба вазифаи алоҳидаи сиёсати дохилӣ мубаддал мегардад. Ҳар як давлат сиёсати хориҷиро амалӣ намуда, онро дар хизмати талаботҳои сиёсати дохилӣ қарор медиҳад [1,с.47].

Сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар шароити мухталифи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Маҷмуи фаъолияти унсурҳои алоҳида, яъне, давлатҳои соҳибистиқлол ҷомеаи ҷаҳониро ташкил менамоянд, ки барои он сохтори ғайримарказонидашуда хос аст.

Сиёсати хориҷӣ дар фаҳмиши маҳдуд ҳамчун маҷмуи муносибати байни давлатҳои алоҳидаи соҳибистиқлол ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ карда мешавад, ки муносибатҳои сиёсиро бо дигар кишварҳо пешниҳод менамояд. Муносибати сиёсии байни давлатҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ ба муқаррар кардан, нигоҳ доштан ва инкишофи муносибатҳои мухталиф бо дигар давлатҳо ва миллату халқиятҳо равона карда шудааст. Маҳз муносибатҳои сиёсии байни давлатҳо ҳамчун заминаи муқаррар ва инкишофи дигар навъҳои муносибатҳои байналмилалӣ, аз қабили муносибатҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ баромад менамояд.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки мафҳуми «сиёсати хориҷӣ» ва «муносибатҳои байналмилалӣ» аз рӯйи моҳият ва мундариҷа аз ҳам фарқ мекунанд. Мафҳуми «сиёсати хориҷӣ» барои ифода намудани муносибатҳои сиёсӣ байни давлатҳои алоҳида истифода бурда мешавад, яъне, ҳамон амалҳои сиёсие, ки аз тарафи як давлат нисбати давлати дигар амалӣ карда мешаванд, барои давлати аввал сиёсати хориҷӣ ҳисобида мешаванд. Мафҳуми «муносибатҳои байналмилалӣ» мафҳуми нисбатан васеъ буда, на танҳо алоқаҳои сиёсӣ, балки дигар навъҳои муносибат ва алоқаи байни субъектҳоро дар саҳнаи байналмилалӣ фарогир мебошад [6,с.268].

Қайд намудан зарур аст, ки дар омӯзиш ва таҳқиқи сиёсати хориҷӣ муносибатҳои гуногун ташаккул ёфтаанд, ки ба тариқи мухталиф моҳият, вазифаҳои асосӣ, мақсад, омилҳои асосӣ ва самти ин навъи фаъолияти давлатиро дар арсаи байналмилалӣ баррасӣ менамоянд.

Дар амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ, давлатҳои алоҳида мақсадҳои мухталифро пайгирӣ менамоянд, ки дар қатори онҳо таъмини амнияти давлатӣ ва миллӣ, бартараф намудани таҳдидҳои ҷойдошта, рушд ва инкишофи иқтисодиёт, устувории сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавиву моддии ҳаёти аҳолӣ ва қудрату иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии давлат, мустақилияти миллӣ ва ягонагии ҳудудӣ, роҳ надодан ба дахолат ба корҳои дохилӣ, баланд бардоштани обрӯю эътибор ва нақши давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҳимояи мавқеи муайяни иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон аҳаммияти хосса доранд.

Воситаҳои ба даст овардани мақсадро моҳияти сиёсати хориҷӣ муайян менамояд, ки аз омилҳои гуногун, ба монанди шакли идоракунӣ, сатҳи инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ, сохтори иҷтимоиву сиёсии давлат, режими сиёсӣ, иштирок дар фаъолияти созмон ва ташкилотҳои байналмилалӣ, блокҳои ҳарбиву сиёсӣ, инкишофи сиёсии давлат ва сатҳи маданияти сиёсӣ вобаста аст.

Давлат ин мақсадҳоро пайгирӣ намуда, маҷмуи амалҳо ва чорабиниҳоро амалӣ менамояд, ки ба муқаррар намудан ва нигоҳ доштани муносибатҳои мухталиф бо дигар давлатҳо равона карда шудаанд. Дар чунин ҳолат давлат барои ҳимояи манфиатҳои худ амал намуда, кӯшиш менамояд, ки таъсири худро ба дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ васеъ намояд. Барои ба даст овардани мақсадҳои худ дар саҳнаи байналмилалӣ, давлат сиёсати муайянеро амалӣ намуда, вазифаҳои берунаи худро иҷро мекунад. Дар адабиёти илмӣ чунин вазифаҳои сиёсати хориҷии давлат, ба монанди вазифаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, намояндагӣ, муҳофизатӣ, иттилоотӣ, идеологӣ ҷудо карда шудаанд.

Ҳар як вазифаи сиёсати хориҷии давлат муҳим ва зарурӣ ҳисобида мешавад. Инкишофи иқтисодиёти кишвар, устувории сиёсӣ дар кишвар аз самаранокии сиёсати хориҷӣ вобаста аст, зеро иқтидори иқтисодӣ ва устувории сиёсӣ дар кишвар яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳимми фаъолияти хориҷии давлат ба ҳисоб меравад.

Дар доираи вазифаи муҳофизатӣ давлат дар фаъолияти хориҷии худ таҳдидҳои ҷойдоштаро бартараф менамояд ва амнияти кишварро таъмин месозад. Маҳз амнияти кишвар асос ва заминаи рушди иқтидори иқтисодӣ ва устувории сиёсӣ дониста мешавад. Ин вазифа ба ҳимоя аз таҳдиди имконпазири ғасб намудан, кӯшиши ҳалли осоиштаи масъалаҳо ва масъалаҳои баҳснок равона карда шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки иҷроиши самараноки ин вазифа аз қобилияти давлат ва мақомотҳои он дар муайян намудани таҳдидҳои эҳтимолӣ ва роҳ надодан ба ҳодисаву воқеаҳои номатлуб вобаста аст. Амалӣ намудани вазифаи муҳофизатӣ дар доираи фаъолияти чунин мақомотҳои давлатӣ, ба монанди намояндагиҳо, сафоратхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ, разведка ва контрразведка ба роҳ монда мешавад [9,с.98].

Вобаста ба вазифаҳои асосии фаъолияти хориҷии давлат метавон ишора кард, ки ин вазифаҳо хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд, ки аҳаммияти бузурги сиёсати хориҷиро дар идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсиррасонии доимиро ба ҷомеа ва ба худи давлат таҷассум менамоянд. Вазифаҳои сиёсати хориҷӣ ба фаъолияти давлат дар тамоми соҳаҳои ҳамкории байналмилалӣ таъсир мерасонанд.

Яке аз навъҳои муносибаҳои сиёсати хориҷиро метавон дипломатия номид. Муносибатҳои дипломатӣ бо фаъолияти сиёсати хориҷии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, мақомоти махсусгардонидашудаи давлатӣ, шахсони мансабдор таъмин карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки муносибатҳои сиёсӣ бо дигар давлатҳо соҳаи пӯшидаи ҳаёти давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он муносибатҳои дипломатӣ мавқеи марказиро ишғол менамоянд [1,с.47].

Мафҳуми «дипломатия» фаъолияти сиёсии мақомоти махсусгардонидашудаи давлатиро ифода менамояд, ки ба инкишоф ва нигоҳ доштани муносибатҳои сиёсӣ бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, шаҳрвандон дар хориҷи кишвар равона карда шудааст.

Метавон гуфт, ки таснифоти мазмун ва мундариҷаи мафҳуми «дипломатия» аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанд мебошанд. Дар луғати дипломатӣ чунин оварда шудааст:

-  «дипломатия – ин воситаи амалӣ намудани сиёсати хориҷии давлат, ки маҷмуи чорабиниҳо, воситаҳо ва методҳои ғайриҳарбиро пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти шароит ва хусусияти мушаххаси вазифаҳои ҳалшаванда истифода мешавад;
-  фаъолияти расмии сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, вазирони корҳои хориҷӣ, идораҳои корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷи кишвар, намояндагиҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ оид ба амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои сиёсати хориҷии давлат, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат, мақомотҳо ва шаҳрвандони он дар хориҷ мебошад» [4,с.92].

Дар амалӣ намудани фаъолияти хориҷии давлат нақши муҳимро мақомотҳои давлатие мебозанд, ки дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дорои ваколатҳои муайян мебошанд. Вазифаҳои асосии ин мақомоти давлатӣ ба таҳияи асосҳои илмии сиёсати хориҷӣ, муқаррар намудан ва нигоҳ доштани муносибат бо дигар давлат ва миллату халқиятҳо равона карда шудааст. Ҳамин тариқ, маҳз ин мақомоти давлатӣ асосҳои ҳамкориҳои бисёрсатҳаро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин менамоянд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки мактабҳо ва муаллифони алоҳида ба тариқи мухталиф масъалаҳои сиёсати хориҷии давлатро баррасӣ менамоянд. Сиёсати хориҷии давлатро таҳлил намуда, намояндагони мактаби реализми сиёсӣ давлатро ҳамчун сохтори ягона баррасӣ намуда, самти фаъолияти худро дар асоси манфиатҳои миллӣ муайян менамоянд.

Асосгузори реализми сиёсӣ Г. Моргентау сиёсати хориҷиро ҳамчун қувва муайян менамояд, ки дар он манфиатҳои миллӣ нисбат ба меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ бартарӣ пайдо менамоянд. Дар назарияи Г. Моргентау тезисе ҳукмрон аст, ки мувофиқи он мақсади сиёсати хориҷӣ дар доираи манфиатҳои миллӣ муайян карда мешавад ва бояд бо қувваи мувофиқ дастгирӣ карда шавад [14,с.31].

Таҳлили ин тезис нишон медиҳад, ки қувваи ҳарбӣ, иқтисодӣ ва дигар навъҳои он воситаи асосӣ ва муҳимми бадастории мақсади сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тариқ, таҳлили чунин дараҷаҳо, ба монанди «манфиати миллӣ» ва «қувваи миллӣ» дар маркази диққати Г. Моргентау қарор гирифтаанд. Қайд намудан зарур аст, ки чунин мавқеъро дигар муаллифони реализми сиёсӣ, ба монанди К. Томпсон, Ф. Шуман, Ч. Маршал дастгирӣ намудаанд.

Дар доираи мактаби реализми сиёсӣ моделҳои асосии сиёсати хориҷии ҳар як давлат ҷудо карда мешавад. Модели якуми сиёсати хориҷӣ дар нигоҳ доштани муваққатии ҳокимият зоҳир гардида, аз тарафи ҳамон давлатҳое дастгирӣ карда мешавад, ки дар самти нигоҳ доштани тавозуни қувваҳои ташаккулёфта ё ҳамон мавқее, ки ба даст оварда шудааст, амал менамоянд.

Модели дуюм ба зиёд намудани ваколатҳои ҳокимиятӣ ва мустаҳкам намудани ҳокимияти ҷойдошта равона карда шудааст. Дар доираи ин модел, давлат кӯшиш менамояд, ки тавозуни қувваҳоро дар асоси васеъ намудани таъсири худ ба минтақаҳои нав тағйир диҳад. Як қатор муаллифон чунин моделро империалистӣ меноманд, зеро он, пеш аз ҳама, ба истифодаи экспансияи ҳарбӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ асос ёфтааст.

Моҳияти модели сеюм дар сиёсати хориҷӣ обрую эътибор ва нуфуз зоҳир мегардад, ки аз тарафи ҳамон давлатҳое пеш бурда мешавад, ки майл ба намоиши қувва ва қудрат ҳастанд, ки ба нигоҳ доштани мавқеи худ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ равона карда шудааст [14,с.32].

Дар асоси дар боло зикршуда метавон қайд намуд, ки давлат дар доираи қудрат ва қувваи худ ин ва ё он модели амалӣ намудани фаъолияти хориҷиро интихоб менамояд. Барои муайян намудани қудрати давлат Г. Моргентау дараҷаи «қувваи миллӣ»-ро дар асоси таълимоти илмии А. Мэхэн ва Н. Спайкмен баррасӣ менамояд.

Мувофиқи ақидаи Г. Моргентау, сохтори қувваи миллӣ аз унсурҳои муҳим, ба монанди география, захираҳои табиӣ, иқтидори ҳарбӣ, миқдори аҳолӣ, иқтидори истеҳсолӣ, хусусияти миллӣ, сифат ва сатҳи дипломатия, рӯҳи маънавии миллӣ иборат аст. Таҳлили тезиси асосии Г. Моргентау нишон медиҳад, ки дараҷаи «қувваи миллӣ» бо

мафҳуми «қудрати давлатӣ» ва «қудрати сиёсати хориҷии давлат» ҳаммонанд мебошанд. Дар чунин ҳолат оиди захираҳо сухан меравад, ки дар бадастории мақсади сиёсати хориҷии давлат мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки Г. Моргентау, асосан, ба қудрати давлат ҳамчун омили асосии пеш бурдани сиёсати хориҷӣ такя менамояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ, метавон қувваро барои бадастории як қатор мақсадҳои сиёсати хориҷӣ, махсусан, дар таъмини амният ва бартараф намудани таҳдидҳои мавҷудаи бехатарии давлатӣ ва миллӣ истифода намуд.

Намояндаи дигари мактаби реализми сиёсӣ Р. Арон ба ҳисоб меравад, ки сиёсати хориҷии давлатро аз мавқеи афсар ва дипломат тасниф намудааст, зеро муносибати тарафайни байни давлатҳо якдигарро иваз намудани ҷанг ва сулҳ аст. Барои давлат зарур аст, ки оиди зиёд намудани қудрати худ дар ташвиш бошад ва дар ин масъала танҳо ба қувваи худ дар муносибат бо дигар давлатҳо такя намояд. Хусусияти муносибатҳои байналмилалӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳамеша байни ҷанг ва сулҳ ҷойгузин ҷой дорад. Аз ин хотир, барои давлати алоҳида зарур аст, ки ба тариқи ҳамешагӣ барои ҳалли зӯроварии масъала, ё ин ки ақаллан барои ҳимояи манфиатҳои худ бо роҳи ҳарбӣ тайёр бошад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи ақидаи Р. Арон, сиёсати хориҷии давлат падидаи маҷмуӣ ба ҳисоб меравад ва барои таҳқиқи он зарур аст, ки тамоми сатҳҳои он таҳлил карда шавад. Дар асоси чунин таҳлил имконияти муайян намудани омилҳои асосӣ, ки сиёсати хориҷии давлатро ташаккул ва инкишоф медиҳанд, пайдо мешавад [12,с.230].

Дар ҳолати таҳлили муфассали сиёсати хориҷии давлат имконияти амалӣ намудани самараноки мақсадҳои асосии фаъолияти хориҷии давлат пайдо мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир, дар замони муосир сиёсати хориҷии давлат диққати мактабҳои гуногун ва муаллифони алоҳидаро ба худ ҷалб намудааст.

Сиёсатшиноси америкоӣ Д. Спингер яке аз аввалин муҳаққиқоне мебошад, ки ғояи сатҳҳои таҳлили сиёсати хориҷии давлатро пешниҳод намудааст. Дар асоси омӯзиши ҳаматарафа ва таҳлили сиёсати хориҷӣ Д. Спингер ду сатҳи таҳлил – низоми байналмилалӣ ва давлатиро пешниҳод намудааст [15,с.77].

Муаллифони алоҳида ба таҳлили сиёсати хориҷӣ диққати махсус равона намуда, сатҳҳои дигари таҳлили онро пешниҳод намудаанд. Масалан, иқтисодчии амрикоӣ П. Морган ҷудо намудани сатҳҳои таҳлили сиёсати хориҷиро идома дода, модели панҷсатҳаи таҳлилро пешниҳод намудааст. П. Морган чунин сатҳҳои таҳлили сиёсати хориҷии давлатро пешниҳод намудааст:

- натиҷаи қарорҳои қабулшуда ва рафтори шахсиятҳои алоҳида, ки дар самти сиёсати хориҷӣ фаъолият доранд, муносибати тарафайни байни давлатҳоро муайян менамояд. Дар ин сатҳ ҷиҳати субъективии амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ дар самаранокии он аҳаммияти бузургро касб менамояд;
- дар қарорҳои қабулшуда саҳми гурӯҳҳои мухталиф, ба монанди сохторҳои бюрократӣ, элитаи сиёсӣ, гурӯҳи манфиатҳо, кибинети вазирон назаррас аст. Сатҳи амалӣ гардидани сиёсати хориҷии давлат аз фаъолият ва таъсири чунин гурӯҳҳо вобаста аст;
- диққати асосӣ ба давлат равона карда мешавад, зеро он дар сиёсати ҷаҳонӣ ҳукмрон аст, аз ин рӯ зарурат пайдо мешавад, ки рафтори ҳар яке аз кишварҳо дар алоҳидагӣ баррасӣ ва таҳлил карда шавад;
- зарурати таҳқиқи иттиҳодҳои минтақавӣ, блокҳо, гурӯҳҳои алоҳидаи давлатҳо пайдо мешавад, зеро давлат метавонад дар амалӣ намудани сиёсати хориҷии худ дорои иттифоқчиёни муайян бошад;
- сиёсати байналмилалӣ, ба тариқи умумӣ, низомеро ташаккул медиҳад, ки нисбат ба омилҳои дигар рафтори давлатҳоро муайян менамояд. Дар чунин ҳолат зарур аст, ки низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба тариқи умумӣ таҳлил карда шавад [13,с.5].

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки дар ҳар як сатҳи таҳлил иштирокчиёни мухталифи низоми сиёсии байналмилалӣ баррасӣ карда мешаванд, ки аз таснифоти муаллифон ва шомил будани онҳо ба ин ё он мактаби сиёсӣ вобаста аст.

Таҳқиқотчии америкоӣ Г. Аллисон, сиёсати хориҷии давлатро таҳлил намуда, се модели асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати хориҷиро ҷудо менамояд:

- сиёсати хориҷӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ратсионалии иштирокчиён баррасӣ карда мешавад. Ин модели сиёсати хориҷӣ бо «рафтори» давлат ҳамчун сохтори ягона монанд карда мешавад. Чунин дарки сиёсат ба ҳамон ҳолатҳое хос аст, ки самти фаъолияти хориҷӣ аз тарафи як нафар муқаррар карда мешавад;
- ҳар як давлат аз сохторҳои мухталифи ташкилот иборат аст, ки барои амалҳои хориҷӣ дар саҳнаи байналмилалӣ ваколатдоранд. Ҳар як ташкилот хусусияти хосси худро дошта, иттилооти мувофиқро барои қабули қарорҳои фаъолияти хориҷӣ пешниҳод менамояд;
- сиёсати хориҷӣ натиҷаи тиҷорати мақомотҳо ва сарварони онҳо ба ҳисоб меравад. Барои таҳияи мақсадҳои умумии фаъолияти хориҷӣ сохторҳои алоҳидаи дастгоҳи дохилидавлатӣ метавонанд мақсадҳои маҳдуди дохилиидоравии худро пайгирӣ намоянд [11,с.41].

Ба тариқи хулоса метавон зикр кард, ки сиёсати хориҷӣ падидаи мураккаб ва маҷмуӣ мебошад. Маҳз ҷиҳати маҷмуии он боис мегардад, ки тамоми сатҳҳои сиёсати хориҷӣ ба хотири ба даст овардани таҳлили дақиқ ва ҳаматарафа таҳқиқ карда шаванд.

Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилӣ аст. Лекин, ба алоқамандии сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ нигоҳ накарда, қайд намудан зарур аст, ки сиёсати хориҷӣ дорои мақсад ва вазифаҳои муайяни худ буда, дар натиҷа ба сиёсати дохилӣ таъсир мерасонад.

Ҳеҷ як давлат наметавонад, ҷудо аз дигар кишварҳо ва миллату халқиятҳо вуҷуд дошта бошад ва инкишоф ёбад. Муносибати тарафайни давлатҳо мухталиф буда, танзими онҳо на танҳо дар сатҳи давлати алоҳида, балки дар сатҳи байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳар як давлат ҳамчун низоми алоҳида барои таъмин намудани ягонагии худ ва дар муддати тулонӣ нигоҳ доштани ин ягонагӣ кушиш менамояд. Амалӣ намудани ин вазифаҳо бе ҳамкорӣ бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар сиёсати хориҷӣ таҷассум меёбад, ғайриимкон аст. Барои таъмин намудани самаранокии сиёсати хориҷӣ, давлат аз институтҳои мухталиф истифода манамояд, ки дар қатори онҳо «неруи нарм» ва «неруи сахт» мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Метавон қайд намуд, ки яке аз омилҳои муҳим дар ин самт маҳз неру ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Геополитика: Учебное пособие. -М.: ИНФРА, 2010. -269 с.
2. Гукасов А.В. «Жесткая» и «мягкая» сила как инструменты внешней политики США / А.В. Гукасов // Вестник Института стратегических исследований ПГЛУ: Сб. научных трудов. – Выпуск I: Конфликты – безопасность – геополитика: стратегический анализ современного мирового развития. -Ставрополь: Ставролит, 2011. -С.15-17.
3. Гукасов А.В. Современная внешняя политика США в регионе Персидского залива: автореф. дисс. … канд. политич. наук. -Пятигорск, 2013. -С.16.
4. Зеркин Д. И. Политология / Д.И. Зеркин. -Ростов-на-Дону: Феникс, 2008. -544 с.
5. Мухаметов Р.С. Инструменты внешней политики России: сущность и форма реализации / Р.С. Мухаметов // Искусство управлении. - 2010. -№2. -С.133-139.
6. Неминущий В.П. Основы политологии / В.П. Неминущий. -М.: Академия, 2008. -543 с.
7. Панин В.Н. Роль и значение национальных интересов в международной политике государств / В.Н.Панин // Университетские чтения – 2006: материалы науч.-метод. чтений ПГЛУ. Ч. 10, секции 2-3 симпозиума 3. -Пятигорск: ПГЛУ, 2006. -С.108-113.
8. Поздняков Э.А. Нация. Национализм. Национальные интересы / Э.А. Поздняков. -М.: Изд-во Прогресс-культура, 1994. -245 с.
9. Торкунов А.В. Современные международные отношения и мировая политика / А.В. Торкунов. -М.: Просвещение, 2004. -327 с.
10. Яковенко И.Г. Российское государство: национальные интересы, границы, перспективы / И.Г. Яковенко. -М.: Изд-во Новый хронограф, 2008. -320 с.
11. Allison G., Zelikow P. Essence of Decision: Explaining the Cuban Missile Crisis / G. Allison, P. Zelikow. -Reading Mass.: Longman, 1999. -P.41-43.
12. Aron, R. Peace and War: A Theory of International Relations / R.Aron. -N.J.: Transaction Publishers, 2003. -P.230-232.
13. Morgan P. Deterrence Now / P.Morgan. -Cambrige: Cambrige University Press, 2003. -P.5-8.
14. Morgenthau H. Politics Among Nations: The Struggle for Power and Peace / H.Morgenthau. –N.Y.: McGraw-Hill, 1993. -P.31.
15. Singer D. The Level-of-Analysis Problem in International Relations / D.Singer // World Politics. - 1961. -№1. -P.77-92.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР МАКТАБҲОИ ИЛМИИ МУОСИР

Дар мақола мафҳум ва моҳияти сиёсати хориҷӣ дар мактабҳои илмии муосир мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Фикру ақида ва назарияҳои мактабҳои муосире, ки вобаста ба самти сиёсати хориҷӣ таҳқиқот мебаранд, дар асоси сарчашмаҳои илмӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳар як давлат дар асоси манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ин ва он самти сиёсати хориҷиро амалӣ менамояд. Зарурати сиёсати хориҷӣ бо ҳамон далел таъмин карда мешавад, ки сиёсати дохилӣ дар ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдошта наметавонад талабот ва манфиатҳои ҷомеаро қонеъ гардонад. Дар чунин фаҳмиш, сиёсати хориҷӣ ҳамчун идома ва иловаи сиёсати дохилӣ баромад менамояд, зеро вазифаҳои ёрирасонро нисбат ба равандҳои сиёсии дохилӣ иҷро менамояд. Муаллиф сиёсати хориҷиро дар фаҳмиши маҳдуд ҳамчун маҷмуи муносибати байни давлатҳои алоҳидаи соҳибистиқлол ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ менамояд. Аз тарафи дигар, муносибати сиёсии байни давлатҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ ба муққарар кардан, нигоҳ доштан ва инкишофи муносибатҳои мухталиф бо дигар давлатҳо ва миллату халқиятҳо равона карда шудааст. Аз ин рӯ, маҳз муносибатҳои сиёсӣ байни давлатҳо ҳамчун заминаи муқаррар ва инкишофи дигар навъҳои муносибатҳои байналмилалӣ, аз қабили муносибатҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ баромад менамояд.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, мафҳум, моҳият, мактабҳо, назария, омилҳо, манфиат, муносибат.

## ЗНАЧЕНИЕ И СУЩНОСТЬ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННЫХ НАУЧНЫХ ШКОЛАХ

В статье анализируются и исследуются понятие и сущность внешней политики в современных научных школах. На основе научных источников показаны идеи и теории современных школ, которые проводят исследования, связанные с направлением внешней политики. Отмечено, что каждое государство реализует то или иное направление внешней политики, исходя из национальных и государственных интересов. Необходимость внешней политики обеспечивается тем, что внутренняя политика не может удовлетворить потребности и интересы общества в решении ряда существующих вопросов. В таком понимании внешняя политика выступает продолжением и дополнением внутренней политики, так как выполняет вспомогательные функции по отношению к внутриполитическим процессам. Автор рассматривает внешнюю политику в ограниченном смысле как совокупность отношений между независимыми государствами и другими участниками международных отношений. С другой стороны, политические отношения между государствами и другими участниками международных отношений направлены на установление, поддержание и развитие различных отношений с другими государствами, нациями и народами. Поэтому именно политические отношения между государствами выступают в качестве основы для установления и развития других видов международных отношений, таких как экономические, научно-технические и культурные отношения.

**Ключевые слова:** внешняя политика, концепция, сущность, школы, теория, факторы, интерес, отношения.

## THE SIGNIFICANCE AND ESSENCE OF FOREIGN POLICY IN MODERN SCIENTIFIC SCHOOLS

The article analyzes and examines the concept and essence of foreign policy in modern scientific schools. Based on scientific sources, the ideas and theories of modern schools that conduct research related to the direction of foreign policy are shown. It is noted that each state implements one or another direction of foreign policy based on national and state interests. The need for foreign policy is ensured by the fact that domestic policy cannot satisfy the needs and interests of society in resolving a number of existing issues. In this understanding, foreign policy acts as a continuation and addition to domestic policy, as it performs auxiliary functions in relation to domestic political processes. The author considers foreign policy in a limited sense as a set of relations between independent states and other participants in international relations. On the other hand, political relations between states and other participants in international relations are aimed at establishing, maintaining and developing various relations with other states, nations and peoples. Therefore, it is political relations between states that act as the basis for the establishment and development of other types of international relations, such as economic, scientific, technical and cultural relations.

**Keywords:** foreign policy, concept, essence, schools, theory, factors, interest, relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ*** - Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, муовини директор оид ба илм ва таълим. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Азимджон Шерали*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, заместитель директора по науке и образованию. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**Information about the author:** ***Rahmonzoda Azimjon Sherali*** **-** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Deputy Director for Science and Education. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

ТДУ: 32.001

# НАЗАРИЯИ «УМРОН» ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА ДАР «МУҚАДДИМА»-И ИБНИ ХАЛДУН

*Қодиров К.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав**

Китоби Ибни Халдун «Китоб ал-араб ва дивон ал-бадои ва-ал-хабар фи-айём ал-араб ва ал-аҷам ва ал-бербер ва мин осор ҳам зави ал-султон ал-акбар» аз се муқаддима иборат аст. Китоби «Муқадддима» муқаддимаест, ки дар ҳафт ҷилд, нуқтаи назари Ибни Халдунро дар бораи таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар бар мегирад. Муқаддимае, ки Ибни Халдун ба ҳамин китоб муқаддима навиштааст ва Муқаддимае, ки дар ибтидои ҷилди аввали китоби «Ал-араб...» овардааст, шарҳи сохти китобҳои «Муқаддима»-и Ибни Халдун аст, ки аз як дебоча ва шаш боб иборат буда, дар маҷмуъ дорои наваду се фасл аст. Нуқтаи муҳимми «Муқаддима» ин аст, ки Ибни Халдун бар хилофи муҳаққиқони гузашта номи китобҳои худро маъмулан ба номи таърих, ба монанди «Таърих-ал-русул ва ал-мулук»-и Табарӣ намонда, китобашро «Ал-араб...» номгузорӣ кардааст.

Ибни Халдун дар китоби «Муқаддима» фасли алоҳидаеро оид ба мақоми нажоди ориёӣ дар ташаккул ва инкишофи илму тамаддуни ислом тадвин карда, роҷеъ ба сиёсат ва давлатдории онҳо баҳс намудааст. Китоби «Муқаддима»-и Ибни Халдун шоҳасарест, ки ба сиёсат бахшида шудааст. Дар асари мазкур тартибу танзими давлат ва омилҳои ҷуғрофию иқтисодӣ дар сарнавишти давлат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ибни Халдун дар «Муқаддима» усули давлатдориро баён намуда, зарурати аз нуқтаи назари танқидӣ омӯзиши воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва таҳлили сабабҳои онҳоро ва донистани илми умрон (тамаддун)-ро таъкид намудааст.

Дар «Муқаддима» фалсафаи сиёсӣ ва иқтисоди сиёсӣ дар як низоми том баррасӣ шудаанд. Ба андешаи С.М. Батсиева, «Ибни Халдун аввалин маротиба дар таърихи илм назарияи рушди қонунии пешравии ҷомеаро аз зинаи паст ба олӣ тавассути икишофи шаклҳои фаъолияти истеҳсолии одамон ба миён гузошта, рушду камоли шаклҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиро ба инкишофи истеҳсолӣ вобаста медонад» [2,с.43].

Паҳлуи муҳимми «Муқаддима» ба омӯзишу таҳқиқ, ташаккул ва таҳаввулу инкишофи ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ бахшида шудааст. Ибни Халдун бо истифодаи мафҳуми «умрон» зарурати пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи инсониро баррасӣ намуда, сарчашмаи ҳаёти иҷтимоиро, пеш аз ҳама, дар фаъолияти якҷояи одамон медонад, Ӯ мисли Арасту ҳастии иҷтимоии одамонро на дар табиати маънавии он, балки дар омил ва дархостҳои табиии инсон чун хӯрок ва воситаҳои зиндагӣ медонад. Ибни Халдун роҷеъ ба зарурати пайдоиши ҷомеа ва сабабҳои айнии ташаккули он менависад, ки «…инсон дар як вақт наметавонад корҳои зиёд ва гуногунро иҷро намояд. Ҳар як амал, ҳарчанде хурд ҳам бошад, ба якчанд шахс ниёз дорад. Аз ҷумлаи хӯроки гандумии якрӯза бо роҳи иҷрои корҳои зиёд, чун ордкунӣ, хамиркунӣ ва пухтан хосил мешавад. Ҳар яке аз ин корҳо ба олоту воситаҳо ниёз доранд ва ин олоту воситаҳо бе ҳунарҳои гуногун оҳангарӣ, наҷҷорӣ ва кулолӣ анҷом намеёбанд» [2,с.43]. Дар ин муҳокимаи муаллифи «Муқаддима» яке аз рукну падидаҳои асосии ҷомеаи инсонӣ – вобастагӣ ва ниёзмандии мутақобилаи табақаҳои гуногуни он, ҳамкорию ёрии байни онҳо ба миён гузошта шудааст.

Омӯзиши «Муқаддима» собит менамояд, ки давлат ҳамон вақт арзи ҳастӣ менамояд, ки агар ҳокимияти як гурӯҳ ба гурӯҳи дигари одамон, инчунин моликият ба «манфиатҳои заминӣ» пайдо шавад, ки он моҳиятан ба ҳокимият марбут аст. Дар боби «Муқаддима» фарқ ва имтиёзи ҷомеаи инсонӣ аз ҷамоати ҳайвонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ҷомеаи инсонӣ зодаи амалест, ки «… дар он якдигарфаҳмӣ ва «ғариза» иштирок дорад, вале дар ҷамоати ҳайвонӣ танҳо «ғариза» ширкат менамояд. Агар ҷомеаи ҳайвонӣ бо тариқи ғайрифаъол чизҳои дар табиат мавҷударо истифода барад, ҳаёти иҷтимоии инсон тариқи фаъоли азхудкунии табиат аст. «Умрон» ин табиатро аз худ намудани одамон, такмили замин, сохтмони шаҳрҳо ва ғайра мебошад [2,с.43]. Ба андешаи А.А. Игнатенко, мафҳуми «умрон» фаъолияти дигарсозии олам аз тарафи одамон дар ҷомеаи

муттаҳидшуда мебошад. «Умрон» дар ҷомеашиносии сиёсии Ибни Халдун барои ифодаи ҳаёти иҷтимоии одамон истифода карда мешавад [8,с.59].

Дар «Муқаддима» тахрифи моҳияти ҷомеаи инсонӣ ва шарҳу тавсифи шароити асосии мавҷудияти он дода мешавад. Фасли аввали «Муқаддима», ки «Ҳаёти ҷамъияти одамон» ном дорад, меъёрҳои зеринро дар бар мегирад: сабабҳои пайдоиш ва моҳияти ҷомеаи инсонӣ, таъсири шароити табиӣ дар ҳаёти ҷомеа симои ҷисмонӣ ва руҳонии одамон ва таъсири қувваҳои фавқуттабиӣ дар ҳаёти ҷомеа ва имкони донистани ин таъсир [3,с.112]. Инсон танҳо тавассути қувва ва қобилиятҳои корӣ ва эҷодӣ воситаҳои зиндагиро дар меҳнат ба даст меорад. Ёрӣ ва ҳамбастагии мутақобилаи одамон дар ҷомеа таҷассуми худро дар тақсимоти меҳнат меёбад.

Аз таҳлили «Муқаддима» собит мегардад, ки Ибни Халдун моҳияти ҷомеаи инсониро дар меҳнати якҷояи аъзои он мебинад, ки он ба хотири таъмини воситаҳои зиндагӣ дар заминаи тақсимоти меҳнат сурат мегирад. Рушду инкишофи ҷомеаи инсонӣ, ба андешаи Ибни Халдун, ба истеҳсолот, тақсим ва истеъмоли неъматҳои моддӣ робитаи зич дорад. Ба андешаи Ибни Халдун, омили муттаҳидшавии одамон танҳо ба хотири истеҳсоли воситаҳои зарурии ҳаётӣ инсонро ба инсону ҷомеаро ба ҷомеа табдил медиҳад. Фақат фаъолияти дигаргунсозии одамон боиси аз табиат ҷудошавии ҷомеаи инсонӣ мегардад. Байни ҷомеаи инсонӣ ва табиат робитаҳои нав ва вобастагии мутақобила ташаккул меёбад.

Одамон дар ин равиш ҷомеаро такмил дода, ба муҳити табиӣ таъсир мерасонанд. Аз таҳлили «Муқаддима»-и Ибни Халдун бармеояд, ки инсон қисми табиат буда, инсони иҷтимоӣ инкори табиат аст ва ҷомеаи инсонӣ ва табиат ягонагии қавӣ дорад. Муттаҳидшавии одамон дар ҷомеа эҳтиёҷи навро ба ҳаёти иҷтимоӣ тавлид мекунад. Ин қонуният пайдоиши ҳаёти ҷомеавӣ мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо асоситаринаш эҳтиёҷу зарурат ба идораи давлату ҳокимият аст. Ибни Халдун пайдоиш ва ташаккули ҳокимиятро дар заминаи эҳтиёҷоти табиии ҷомеа мавриди шарҳу тафсир қарор дода, ҳокимиятро чун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ таҳти баҳс қарор медиҳад.

Ба андешаи муаллифи «Муқаддима», ҷомеаи инсонӣ дар равиш ва сайру такомул се зинаро тай мекунад: 1. Зинаи аввал – ин зинаи инкишофи таърихии инсониятро «ваҳшоният» ташкил медиҳад, ки дар ин марҳила тарзу шеваи зиндагии инсон ва расму оини онҳо ба ҳол ва вазъи ҳаёти ваҳшӣ қаробат дорад. 2. Зинаи дуюм – ин ташаккул ва таҳаввули ҷомеаи инсонӣ «бидова» буда, тарзи ҳаёти деҳотро дар бар мегирад. 3. Зинаи сеюм – сайр ва такомули ҷомеаи инсонӣ «ҳизора» мебошад, ки он тарзи ҳаёти шаҳрӣ аст [18,с.46].

Зинаи «бидова» ва зинаи «ҳизора» зинаҳои рушду тараққии ҷомеаи инсонӣ мебошанд ва ба якдигар марҳилаи интиқолие марбут месозанд, ки дар ин марҳила ғалабаю ҷангҳо сурат мегиранд. Ибни Халдун рушду таҳаввули ҷомеаи инсониро ба омилҳои «иқтисодӣ» вобаста дониста, чунин менависад: «Ихтилофи наслҳо аз ҷиҳати аҳволашон натиҷаи ихтилофи раҳу равиши (дарёфт) воситаҳои зиндагӣ аст» [18,с.67]. Қонунияти рушду таҳаввули ҳаёти иҷтимоӣ, табиӣ, ҳатмӣ ва тадриҷӣ мебошад. Тарзи тафаккур ва шакли ҷомеашиносии сиёсиро Ибни Халдун тариқи зерин баён мекунад: «аҳволи халққою наслҳо бар асари табдилёбии наслҳо аз мурури айём дигаргун мешавад» [18,с.53].

Зинаи «бидова» рушду таҳаввул ва инкишофи ҳаёти ҷомеа, тарзу шеваи истеҳсоли воситаҳои зиндагиро муайян менамояд. Ин зина ба ду амр ниёз дорад: яке дифои худ ва дигаре дарёфти воситаҳои зарурии зиндагӣ. Дар ин зина одамон ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғуланд. Дар зинаи «ҳизора» косибӣ, тиҷорат, илму санъат пайдо мешавад. Зинаи мазкур тамаддуни хос дорад, аз ҷумлаи амали ақлии одамон далели равшани тамаддун аст. Дар марҳилаи тамаддун илму маърифат ташаккул меёбад. Илму маърифат падидаи иҷтимоӣ буда, ба заминаи ибтидоии тамаддун хос аст. Ибни Халдун таъкид мекунад, ки зинаи «бидова» ва зинаи «ҳизора» метавонанд, дар як минтақа ҳамзистӣ дошта бошанд, зеро сокинони муқимии пешаашон зироаткорӣ, метавонанд дар ҳолати «бидова» қарор гиранд.

Ибни Халдун ҳолатҳо ва шароитҳои ҳаёти шаҳриро ҳамчун шароити «бидова» шарҳу эзоҳ дода, гузаришро аз марҳилаи «бидова» ба «ҳизора» ҳамчун омили моддию иқтисодӣ

тавзеҳ медиҳад. Ҷомеаи деҳотӣ, дар низоми таълимоти сиёсии Ибни Халдун, дар марҳилаи ибтидоии ҳаёти одамон аҳаммият дорад ва бо чунин хосиятҳо аз ҷомеаи шаҳрӣ фарқ мекунад. С.М. Батссиева менависад, ки ин сифатҳо чунинанд: а) хоҷагии деҳқонӣ ё чорводорӣ, ки ба он тарзу шеваи бештар одии дарёфти воситаҳои ҳаёт хос аст; б) дараҷаи пасти истеҳсолу истеъмол, ҳаёту фарҳанг; в) ба муҳиту шароити муайяни зист сахт муқобил будан; г) аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ ба ҷомеаи шаҳр вобаста будани он. Ҷомеаи шаҳрӣ бошад, дорои сифатҳои зайл аст: а) рушди пешаи ҳунармандӣ ва тиҷорат; б) дараҷаи баланди хоҷагидорӣ, истеъмолу фарҳанг; в) андозаи зиёди бехатарӣ бар асари деворҳои шаҳр; г) аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ ба ҷомеаи деҳотӣ вобаста будани он [2,с.46].

Дар «Муқаддима» зинаи ибтидоӣ ва тамаддун аз ду давраи рушду камоли ҳаёти иҷтимоӣ иборат аст, ки аз ҷиҳати тарзу усул тафовут доранд. Зинаи ибтидоӣ маҳсули касбҳо аст. Дар ин зина касбҳои оҳангарӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ ва бофандагӣ тавлид меёбанд. Ин касбҳо дар зиндагии ибтидоӣ дар сурати номукаммал вуҷуд доранд. Ҳаёти деҳотию шаҳрӣ чун зинаҳои сифатан пасту олии рушду таҳаввули ҷомеа мебошанд. Зинаи ҳаёти шаҳрӣ ҳаёти деҳотиро истисно намекунад. Ба андешаи Ибни Халдун, ин раванд ва гузаришро танҳо рушду инкишофи муайяни заминаи моддии ҳаёти иҷтимоӣ ва сарватҳои муайяни моддӣ таъмин карда метавонад.

Ибни Халдун бар хилофи ҷомеашиносии сиёсӣ, нақши об ва ҳаворо дар ҷомеаи инсонӣ муҳим донистa, фанҳои рехтшиносӣ, морфология ва бумшиносӣ (экология)-ро аз ҳам ҷудо намудааст. Нуқтаи қобили таваҷҷуҳи Ибни Халдун дар равоншиносӣ (психология) ин аст, ки ӯ баҳсро дар ин падида дар «умрон» медонад. Ибни Халдун чунин менависад: «Дар иҷтимои башарӣ чанд муқаддима аст. Дар қисмати ободи ва маскуни замин, илали ободӣ, бархе аз навоҳии замин – иқлими муътадил ба ҳолати инсонӣ таъсир мерасонад ва дар ихтилофи кайфияти умрон ва тамаддун аз лиҳози фаровонии озуқа ва гуруснагӣ ва серӣ, осори он дар ахлоқи башарӣ падид меояд» [7,с.121]. Дар панҷ боби «Муқаддима» Ибни Халдун баҳсҳоро бо умрон ва ҷомеаи инсонӣ, ба сурати як маҷмуъ ва низом, аз ҷумлаи бодия, давлат, шаҳр, улуму фунун пардохтааст, аммо унсури умронро аз қабили давлат ва шаҳр медонад. Ибни Халдун дар мавриди бодиянишинӣ чунин навиштааст: «Дар ин ки зиндагонии бодиянишинӣ куҳантарин ва бештар аз зиндагии шаҳрнишинӣ аст ва бодиянишинӣ ба манзили асл ва гаҳвораи тамаддун аст ва асоси ташкили шаҳрҳо ва ҷузъиёти онҳо аз бодиянишинӣ ба вуҷуд омадааст» [7,с.121]. Ибни Халдун давлатро байни бодия ва шаҳр қарор медиҳад, зеро давлат ва шаҳр ҳеҷ кадом тафовути мутлақе бо ҳам надоранд, агар дошта бошанд ҳам, ин тафовут нисбӣ аст. Ба андешаи ӯ, агар давлат ба миён ояд, он гоҳ шаҳр офарида мешавад ва шаҳрҳо идомаи давлатҳои баъдӣ мебошанд. Байни давлат ва шаҳр таъсири мутақобила ҳаст, ки бодия ва мадинаро тавзеҳ медиҳад. Дар ҳолати бодиянишинӣ низ иқтисод вуҷуд дорад, ҳол он ки иқтисод муқаддам бо давлат ва шаҳр аст. Иқтисод қабл аз улум ва фунун тавлид меёбад, ки донишҳои шаҳрнишинӣ мебошанд. Маҳз аз ин нуқтаи назар, иқтисод иллати таърихи улум, таърихи вуҷудшиносии он аст.

Вожаи «умрон», ки дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун мафҳуми таъмир, ишорат ва ободониро дорад, гоҳо ба маънии иҷтимоъ ва гоҳо ба маънии ҷомеа баррасӣ гардида, дар ҷомеашиносии сиёсии ӯ гоҳо ба маънии нақли воқеаҳои сиёсӣ ва гоҳо ба маънии таҳлили воқеаҳои сиёсӣ истифода шудааст. Ҳадафи Ибни Халдун аз маънии иҷтимои «умрон» дар назар доштани низом, рафтор ва амали мардум дар ҷомеа аст.

Ибни Халдун дар «Муқаддима» «умрон»-ро дар баъзе маврид ҳамчун иҷтимоъ таъкид кардааст. Умрон ва иҷтимоъ аз бахшҳои давлат, иқтисод, улум, фунун, омӯзишу парвариш иборат аст. Илми умрон илми иҷтимоъ аст. Илме, ки сабаби падид омадани иҷтимоъ мегардад, яъне илме мебошад, ки иллати пайдоиши ҷомеа аст. Бинобар ин, Ибни Халдун баёни воқеаҳои сиёсиро дар соири бахшҳои ҷомеа баррасӣ менамояд. Ба андешаи Ибни Халдун, ҳангоме ки «умрон» ба сурати ҷузъӣ матраҳ мешавад, дорои гуноҳи хос ва маънии ҷуғрофиро мегирад. Дар «умрон» мавзуи баҳс ҷузъӣ аст, яъне марбут ба замони хос ва минтақа аст. Агар баҳс берун аз замон ва макон сурат гирад, илми умрон маҳдуд мегардад. Ибни Халдун, ҳамин тариқ, дар баррасии ниҳодҳо ва коркарди «умрон» улуми сиёсиро падид овардааст, ки номи ҷомеашиносии сиёсиро дорад.

Дар замони дур илми сиёсатро аз боби улум номидаанд. Ин нуқтаи назар имрӯз дур аз ҳақиқат аст. Дар ҷомеаи имрӯз сиёсат, чунон бо зиндагии мардум омехта аст, ки ҳамагон хоҳ нохоҳ бо он сарукор доранд. Ҷанбаҳои гуногуни зиндагии моддӣ ва маънавӣ ба сиёсат марбут аст ва аз ин роҳи сиёсат дар ҷойгоҳе қарор мегирад, ки ҳама ҳавзаҳои зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Илми сиёсат ба шинохти сиёсат мепардозад ва бо далели пайвандӣ, ки сиёсат ҷанбаҳои зиндагӣ дорад, илми сиёсат низ ногузир ба ҳама улум, ки ҳар яке вазифаи шинохти ҷанбае аз ҷанбаҳои зиндагии моддӣ ва маънавиро ба уҳда доранд, иртибот меёбад. Ба инобат гирифтани ҷойгоҳи донишмандони гузашта оид ба илми сиёсат, дар миёни улум барои сиёсатшиносии имрӯз мавқеи барҷаста дорад.

Дар навиштани бунёдҳои илми сиёсат дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун, бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки моҳияти андешаи сиёсӣ, чигунагии пайдоиши мавқеи илми сиёсат ва ҷойгоҳи сиёсат дар заминаи мавқеъ ва андозаи ташкилоти иҷтимоии ҷомеа дар китоби мазкур Ибни Халдун мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шавад.

Дар солҳои охир муҳаққиқон ба баррасии андешаҳои сиёсии «Муқаддима»-и Ибни Халдун пардохтанд. Аҳаммияти ин асар ва андешаи мо дар баррасии паҳлуҳои гуногуни илми сиёсат он аст, ки дар таҳқиқоти илмии гузашта тафсири комили ин мавзуъ ҷой надорад. Аз ин рӯ, дидгоҳи Ибни Халдун роҷеъ ба илми сиёсат дар партави назарияи «умрон» мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Дар «Муқаддима» илми сиёсат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин маврид, Ибни Халдун марҳилаи табдили бодиянишинӣ ва шаҳрнишинӣ ва сукути шаҳрҳоро баён кардааст. Ибни Халдун таърихи Африқоро намунаи зикр ва андеша қарор дода, ба таври куллӣ ва ҷузъӣ ба баёни ҷомеа ва баёни ин ё он аср шуруъ кардааст, агар таърих кулл аст, мавзуест барои фалсафа ва андешаҳои фалсафӣ. Мавзуи илми «умрон» дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун, бо истилоҳи фаннӣ ва илмӣ мавзуи фалсафаи таърих мебошад. «Таърих, - менависад Ибни Халдун, аз ҳикмат сарчашма мегирад ва сазост, ки аз донишҳои он шумурда шавад» [20,с.36]. Мавзуи ҳама илм, мавзуи фалсафа аст. Андешаҳои фалсафӣ мавҷудоти паҳновар ва номутаноҳиро талаб мекунад, ҳеҷ гоҳ ба манотиқи маҳдуд ва ҷузъӣ ворид намешавад. Ҳангоме ки Ибни Халдун ҳамчун як файласуф низоми сиёсиро тарҳезӣ мекунад, низоми сиёсиро таҳлил мекунад, ӯ ба таври куллӣ дар байни низомҳо танҳо ин низомро тақвият медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, фақат фалсафаи таърих намунаҳои айнии воқеаҳои сиёсиро тавзеҳ медиҳад.

Ибни Халдун дар «Муқаддима» файласуфона сайру ҳаракати тамаддунҳо, таърих ва ҷомеаи инсониро таҳлил кардааст. Таърихи кишварҳо ва тамаддунҳоро пояҳо ва сутунҳое медонад, ки бояд фалсафаи онҳо, яъне низоми сиёсӣ таҳлил карда шаванд. Ибни Халдун тафовути илми умрони хос ва илми умрони таҳлилиро, ки ҷузъӣ ва куллӣ будани мавҷудотро таъмин менамоянд, мавзуи мушаххаси илми сиёсат номидааст. Ин илм, ки дорои ду мавзуъ аст, аз ду равиш бархӯрдор аст, ки дар ҷомеашиносии сиёсии Ибни Халдун тавзеҳ дода мешавад. Ибни Халдун ҷомеаро дар асари маънӣ таҳлил менамояд. Ӯ низоми сиёсиро дар асоси таҳлилҳо ва тавзеҳоти ҷомеашиносӣ баррасӣ мекунад. Ибни Халдун назари худро ба низоми сиёсии кишварҳо ва тамаддунҳо дар асоси силсила ва шавоҳиди таърихӣ баён менамояд, ки агар ин шавоҳид носаҳеҳ ва нотамом бошад, усули таҳлили низоми сиёсӣ аз усули ҷомеашиносӣ фарқ мекунад. Ибни Халдун дар «Муқаддима» гуфтааст, ки давлат аз низом сарчашма мегирад ва агар низом сарчашмаи давлат бошад, маънои он низоми сиёсӣ доштан аст [19,с.147-148]. Аз ин андешаи Ибни Халдун чунин хулоса бармеояд, ки давлат аз такрори дуриҳои таҳаввули сиёсат иборат аст ва таҳаввул ва тасвири ҷомеа натиҷаи таҳаввулоти равонии аъзои ҷомеа аст.

Ба андешаи Ибни Халдун, воқеаҳои сиёсӣ аз ноқисии давлат вобастагии қавӣ доранд. Воқеан, санади дуруст ва нодурусти воқеаҳои сиёсӣ аз баррасии силсилаи санади онҳо ба даст меояд. Ҳар воқеаи сиёсие, ки тавассути шахс нақл шуда бошад, ному насаби шахс навишта мешавад. Ҳар воқеаи сиёсие, ки дар китоби сиёсат сабт шуда бошад, қобили қабул аст. Бинобар ин, дар ин ё он низоми сиёсӣ баррасии силсилаи ривояткунандаи воқеаҳои сиёсӣ муҳим аст. Ба назари Ибни Халдун, роҳи такмил ва муқаддам дар шинохти воқеаҳои сиёсӣ санҷида шудани рӯйдодҳои он ба муҳтавои воқеаҳои сиёсии гузашта аст.

Дар илми умрон ва ҷомеашиносии сиёсии Ибни Халдун падид омадани воқеаҳои сиёсӣ ва падидаҳои «умрон»-ро тавзеҳ медиҳад. Воқеаҳои сиёсие, ки аз назари аснод тасҳеҳ шудааст ва аз назари муҳтавои ақлӣ ташхис ёфтааст, ба марҳилаи таҳлилии воқеа асосгузор аст. Ба ибораи дигар, ҳангоме ки воқеанигор дурустии ҳодисаро муайян менамояд ва ҷомеашиносӣ, ки сиёсатро таҳлил менамояд, иллати пайдоиш ва ё аз байн рафтани онро баён менамояд. Шеваи Ибни Халдун дар баррасии «умрон» он аст, ки барои шинохт ва таҳлили як воқеаи сиёсӣ ва ё як падидаи иҷтимоӣ онро дар низоми иҷтимоӣ тасвир мекунад ва дар як маҷмуа қарор медиҳад. Ибтидои воқеаи сиёсиро тасвир ва ташреҳи ҳамаҷониба мекунад. Масалан, таҳлили Ибни Халдун аз сирри бодиянишинӣ, шаҳрнишинӣ, сукути шаҳрнишинӣ ва ё бодиянишинии давлат, рушд ва марги онҳо.

Роҷеъ ба иллати зисти ҷомеаи инсони ибтидоӣ Ибни Халдун дар «Муқаддима» чунин менависад: «Иҷтимои инсон зарурат аст ва инсон дорои сиришти фарҳангӣ аст, яъне ногузир иҷтимоъ ташкил медиҳад, ки онро фарҳанги шаҳрнишинӣ гӯянд ва маънии умрон ҳамин аст ва баёни он чунин аст, ки Худои субҳона, инсонро биофарид ва ӯро ба сурате таркиб кард, ки зиндагонӣ ва бақояш муяссар нест ва ӯро ба ҷустани ғизо роҳбарӣ кард ва дар сохтмони баланди ӯ тавоноии ба даст овардани ғизоро фармуд. Вале он чунин қудрате, ки як фарди башар ба танҳоӣ натавонад ниёзмандии хешро аз ғизо фароҳам оварад, ӯро лозим аст касб кунад [20,с.176]. Яъне, бо ин таъкид, зиндагии иҷтимоии инсон амри табиӣ аст. Аз ин лиҳоз, инсон дар танҳоӣ қодир ба таҳияи умури моддии хеш нест, фақат ташкили ҷомеа имкон медиҳад, ки инсон ин мушкилотро рафъ кунад. Илова бар ин, нуқтаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки зиндагии иҷтимоӣ амрест, ки инсон майли ба даст овардани ғизоро дорад. Дар ҷомеа, инсонҳо ба ҳам муҳтоҷанд, зеро барои ҳамдигар муҳиммоти моддиро меофаринанд. Аз ин нуқтаи назар Ибни Халдун ҳолати иҷтимоии инсонро дар пояи усули ахлоқӣ, маънавӣ ва фалсафӣ баён кардааст. Танҳо касе метавонад зиндагии шоиста дошта бошад, агар онро дар пояи усули маънавӣ ва ахлоқӣ бино кунад.

Ибни Халдун аз вижагиҳои ду шеваи зиндагии комил, бодиянишинӣ ва щаҳрнишинӣ баҳс мекунад. Дар «Муқаддима» бодия ва шаҳр, агарчи аз назари сохти сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ, хонаводагӣ ва ҳатто мазҳабӣ фарқият дошта бошанд, вале аз назари зот ва моҳият фарқияте надоранд. Ҳар ду умронанд, ҳувият ва ҷавҳари воҳид доранд, аммо шакл ва сурати онҳо мухталиф аст. Аз назари нафс як ҳастанд, вале дар воқеият дар ду шакл таъин ва ташхис меёбанд. Дар «Муқаддима» гуфта мешавад: «Зиндагонии мардуми бодиянишин ва шаҳрнишин амри табиӣ аст. Вале ҳар яке аз ин ду гуна зиндагонии бодиянишинӣ ва шаҳрнишинӣ гуногун аст» [19,с.227].

Бодиянишинӣ нахустин марҳилаи зиндагии иҷтимоии инсон буда, замоне аз зиндагии шаҳрнишинӣ аст. Зиндагонии бодиянишинӣ куҳнатар ва пештар аз зиндагии шаҳрнишинӣ аст. Бодиянишинӣ, ба қавли Ибни Халдун, асоси ташкили шаҳрҳо аст ва гаҳвораи тамаддун. Бодиянишинон ғизоро аз кишоварзӣ ва парвариши чорво ба даст меоранд, ба он қаноат мекунанд ва аз тамаддуни комили зиндагӣ, яъне шаҳрнишинӣ оҷизанд.

Тарзи сукунати бодиянишинон – кӯҳистоннишинӣ, саҳронишинӣ ва кӯчбандӣ аст, ки ба кори кишоварзӣ ва парвариши ҳайвонот мепардозанд. Бодиянишинон бо амри зарурӣ маҷбуранд, ки заминҳои ҳосилхез ва чарогоҳҳоро, ки ҷузъи асосии зиндагонии онҳост, пазироӣ намоянд. Дар «Муқаддима» қайд мегардад, ки бодиянишинон аз назари ахлоқӣ ва тарбиявӣ мардумони хашмгин, далер, шуҷоъю ҷангҷӯй мебошанд. Аз ин рӯ, ин гурӯҳ ваҳшитарин мардум ба шумор меравад ва нисбат ба шаҳрнишинон тундхӯйӣ ба онҳо хос аст. Бодиянишинон одати нописандӣ ва зиштӣ дошта, неруи муҳофиз ва нигаҳбон доранд, дифои ҳудуди хешро ҳамчун ҷон ва моли хеш медонанд, онро ба касе вогузорӣ намекунанд ва ба хеҷ кас дар ин бора эътимод надоранд, аз ин рӯ, пайваста мусаллаҳ мебошанд. Бодиянишинон ба ин васила худро аз ҳар хатар дифоъ мекунанд. Онҳо аз хобидан ва истироҳат кардан парҳез мекунанд ва ҳангоме ки душмане падид ояд, бонг мезананд ва қабиларо ба ёрӣ даъват менамоянд, ба сӯйи душман мешитобанд, ки ҳаросро аз худ дур кунанд. Чунин амал ба вазъи сукунати онҳо марбут аст: «зеро ба ҳамон нисбате, ки дод ва ситади зшон маҳдуд аст, одат ва русуми эшон низ дар ин бора бисёр сода аст [8,с.182].

Низоми сиёсии бодия аз навъи содаи хоҷагӣ ва раёсати қабила иборат аст. Аммо ҳар қабила ҳарчанд аз лиҳози умумият як гурӯҳ ва ҷамъият бошанд, аммо байни онҳо

фарқиятҳои дигар ҳам вуҷуд дорад. Раёсат танҳо бо роҳи қудрат ва ғалаба ба даст меояд. Аъзои раёсат гурӯҳи махсус буда, аз дигар аъзоёни қабила нерумандтар аст. Агар бо раёсат ва аъзоёни қабила васалият ба миён наояд, лозим меояд, ки раёсат ба хонадон ва қабила ғалаба дарёбад. Аъзогии раёсат пушт дар пушт ба фарзандон мегузарад. Аъзоёни раёсат шахсони бузурги қавм ҳастанд, ки ба раиси хеш итоат ва пайравӣ мекунанд. Раиси қабила қудрат дар қабила ва хоҷаи бузурги қабила аст, ки ҳимояи қавми худро таъмин менамояд. Итоати афроди қабила ба фармони раиси қабила табиӣ сурат гирифта, ҷанбаи ахлоқӣ дорад.

Шаҳрнишинӣ беҳтар кардани кайфият аст. Шаҳр, ки макони ҳунар аст, илм ва фунуни гуногун тараққӣ меёбад, забони давлатӣ ва адабиёт дар шаҳр густариш мeёбад.

Ибни Халдун менависад, ки дар шаҳр тамаъҳоҳӣ, рифоҳталабӣ, тарс, фасоди ахлоқӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин, шаҳрнишинӣ аз фасод иборат аст. Шаҳрнишинӣ охирин марҳилаи сайри ҷомеаи инсонӣ, поёни табиии умри миллатҳо, тамаддунҳо ва умрон аст: «Чи дар ин марҳила (нерумандии давлатҳо) махориҷи давлат фузун мeёбад ва натиҷаи вазъи боҷҳо ин аст, ки фурӯшандагон молҳои худро гарон мекунанд, зеро кулли бозориён ва бозаргонон боҷҳоро ҳисоб мекунанд ва онҳо рӯйи баҳои молҳо ба даст овардани аҷносро мешаванд ва натиҷаи махориҷ афзоиш мeёбад. Бад-ин сабаб боҷҳо дохили қимати аҷнос мешаванд ва бо натиҷаи махориҷ шаҳрнишинон афзоиш мeёбанд» [15,с.46].

Шаҳрнишинӣ заминаи пайдо гардидани давлат аст. Давлатҳо барои рифои худ иморатҳои муҳим ва фаровон бино мекунанд. Дар шаҳр рушду таҳаввулоти ҳунарҳо шуруъ мешавад, ки сабаби пайвастагӣ ва бедории давлатҳо мегардад. Шаҳрнишинӣ аҳволи зарурии иҷтимоӣ ва умрон буда, аз лиҳози ихтилофи рифоҳ ва тафовути миллатҳо фарқ мекунад. Аз ин рӯ, дар шаҳрнишинӣ одатҳо, нозу неъматҳо мухталифанд ва ниҳоди шаҳрнишинон аз хислатҳои коҳида ва бозиҳо олуда аст. Шаҳрнишинон ба ҳамон андозае, ки хислатҳои нописанд ва одатҳои зишт доранд, ниҳоди онҳо аз шеваҳо ва рафторҳои нек ва накуӣ дур аст. Ба андешаи Ибни Халдун, низоми сиёсӣ дар шаҳр нисбат ба хилофи шеваи ҳукумати бодия ҳолати мутлақ дорад. Низоми сиёсӣ тавассути гурӯҳи ғолиб дар шаҳр ба вуҷуд меояд. Ин низом ҷомеаро тахти назорати худ қарор медиҳад. Давлат марзу буми хешро ҳифз мекунад, неруи ҳимояи ҷомеа буда, ҳадаф, мақсад ва роҳнамои мардум аст.

Аз назари Ибни Халдун, таҳаввул ва тағйири ҷаҳони сиёсат ногузир аст. «Умрон» дар иҷтимоиёти инсонӣ низ дигаргун мешавад. Ибни Халдун бевосита ба таҳаввулоти сиёсӣ таваҷҷуҳ дорад ва дар ин ҷода зуҳур ва заволи давлатро мавриди баҳс қарор медиҳад. Ташкили давлат низ ҳадафи табиӣ аст: «Дар ҷомеаи бадавӣ на раҳбарияти расмӣ вуҷуд дорад на ҳокимият, моҳияти возеҳ ҳам дар ин ду ҷомеа бо якдигар фарқ дорад» [2,с.14]. Ибни Халдун муътақид аст, ки ҷомеаи бадавӣ аз давлати шаҳрӣ фарқ дорад, зеро дар ҷомеаи шаҳрӣ эҳтиром ва қудрати раиси давлат вуҷуд дорад. Давлатҳои шаҳриро подшоҳон танзими иҷтимоӣ-сиёсӣ мекунанд ва пас аз тайи марҳилаи панҷгона аз байн мераванд. Ҳар яке аз ин мароҳил аҳком ва ҳолате дорад. Ин панҷ марҳила иборатанд аз: 1. Марҳилаи пирӯзӣ. Дар ин марҳила, раиси давлат аз ҳимояи мардуми худ бархӯрдор аст. 2. Марҳилаи худкомагӣ. Дар ин марҳила, раиси давлат аҳли қабилаҳои худро ситоиш мекунад. 3. Марҳилаи осудагӣ ва озмоиш. Давлат дар ин марҳила ба номварӣ ва шуҳратталабӣ ва ба ҷо гузоштани ёдгорӣ алоқаманд аст ва ба сипоҳиёни худ бештар таваҷҷуҳ мекунад. Марҳилаи чорум, дар ин марҳила, раиси давлат аз вазъият огоҳ аст ва даст ба иқдоми ҷиддӣ намезанад. Марҳилаи панчум, дар ин марҳила, раиси давлат дастовардҳои пешиниёнро дар роҳи шуҳратталабӣ барои нафси худ сарф мекунад. Корҳои муҳимро ба уҳда намегирад. Ноаҳлонро тавассути идораи давлат ба ҷазо мекашад, ба афроди соҳиби салоҳият кина дорад ва беҳурматӣ мекунад. Дар ин марҳила давлат нобуд мешавад.

Ду рукни асосии давлат, яъне осебият ва мол сабаби ривоҷи таҷаммулпарастӣ ва бухронҳои иқтисодӣ аст. Дар ин марҳила, давлат таъмаи неруҳои қудратталаб мешавад ва бо ин тартиб, давраи нав аз ҳокимият шуруъ мешавад. Ба андешаи Ибни Халдун, поён ёфтани як ҳукумат, маънои поён ёфтани як ҷомеа ё фарҳанг нест. Ибни Халдун саъй мекунад, ки роҳи як файласуфи таърихро муаррифӣ кунад ва назарияи нави роҳи таърихи қавмҳо ва миллатҳоро муайян намояд. Усулан ин назарияи ӯ паҳрез аз назарияпардозиҳои

куллӣ, як вижаи фикрии Ибни Халдун аст, ки ба илми таҷрибавӣ бештар таваҷҷуҳ дорад ва ҳатто дар он ҷо, ки фалсафаи таърих дар миён аст, баҳс мекунад. Аз сӯйи дигар, ранги сиёсии назарияҳои Ибни Халдунро набояд аз таҳқиқи илми сиёсат хориҷ донист ва аз нақши вай дар заминаи улуми сиёсӣ ғофил монд.

«Муқаддима»-и Ибни Халдун омехта аз улуми сегонаи фалсафаи таърих ва равиши он, улуми сиёсат ва ҷомеашиносӣ аст ва таҳти унвони улуми воҳид қарор доранд. Ин дониши воҳидро бояд илми умрони башарӣ ба мафҳуми густурдае, ки Ибни Халдун манзур дошта, биномем [2,с.14]. Ба назари мо, он чи Ибни Халдун ба унвони илми ҷадид бо унвони «улум-ал-умрон» матраҳ мекунад, ҳамон ҷомеашиносӣ аст, вале дар амал, вай ба фалсафаи таърих ва илми сиёсат низ таваҷҷуҳ намудааст. Ин нуқтаи назари Ибни Халдун муҳим аст, ки дар таваҷҷуҳи мутақобили муҳит, иқтисод, сиёсат ва фарҳанг, инсон ба ҳукми табиат ниёзманд аст ва ҳаёти иҷтимоӣ таҳти таъсири иқтисодиёт аст. Ҳар фаъолияти иқтисодӣ ду рукни асосӣ дорад: яке робитаи инсон бо инсон ва дигари робитаи инсон бо табиат аст. Ибни Халдун қабл аз баррасии ҷомеашиносӣ баррасии ҳадафи вайро аз умрон, ки ба зиндагии иҷтимоӣ аст, мавриди таҳлил қарор додааст. Умрон аз вижагиҳои инсонӣ ва натиҷаи робитаи мустақили инсонҳо аст, умрон равишест, ки маънои нафси воқеӣ ва айнӣ буданро надошта, адами иҷтимоӣ буда, низоми мушаххас аст.

Ибни Халдун инсонро бо вижагиҳои ҳукумат, кор – ба мафҳуми иқтисодӣ пайванд медонад. Умрон чунин ҷомеа аст, ки «… аз тамизоти инсон ва иҷтимоъ аст, яъне бо ҳам фурӯ омадан дар шаҳр ё ҷойгоҳи чодарнишинон барои унс гирифтан ба ҷамоат ва баровардани ниёзмандиҳои якдигар аст …» [9,с.114].

Ҳамин тариқ, мавзуи илми сиёсати Ибни Халдун умрон, яъне зиндагии иҷтимоии инсон аст. Ибни Халдун илми умронро ҳамзистии инсон дар қолаби ҳамкорӣ ва дар партави тақсими корҳои иҷтимоӣ медонад. Яъне, Ибни Халдун роҳи мавзуи иҷтимоии инсонро мавзуи илми ҷадид медонад, вале номи онро илми умрон мегузорад, ки дар ду нуқта нуҳуфта аст; нахуст он ки Ибни Халдун вожаи умронро бо тадбир бо оёти Қуръонӣ медонад ва онро муносибтарин вожа барои мақсади хеш медонад [9,с.16]. Дуюм он ки, интихоби Ибни Халдун ба он сабаб аст, ки умрон вижагии зишти муштараки инсонҳо бо якдигар ва амри фаротари байни инсонҳо аст. Ин вожа баёнкунандаи таомули байни афрод ва натиҷаи он тамаддуни башарӣ аст.

Ибни Халдун дар «Муқаддима» нуқоти равиши шинохтаеро матраҳ кардааст, ки равиши илми ҷадид – умронро мушаххас месозад

## АДАБИЁТ


1. Варди, Алӣ. «Мантиқ Ибн Халдун» (Мантиқи Ибни Халдун) / Варди Алӣ. -Қоҳира, 1962. -201 с.
2. Бациева, С.М. Историко-социологический трактат Ибн Халдуна. «Муқаддима» / С.М. Бациева. -М., 1965. -196 с.
3. Бациева, С.М. «Имфа-ас-сайл» трактат Ибн Халдуна о суфизме / Ближний и Средней Восток (история, культура, источниковедение) / С.М. Бациева. -М., 1968. -С.41-59.
4. Васильев, Л.С. Феномен власти – собственность / Л.С. Васильев // Типы общественных отношений на Востоке в средние века. -М., 1982. -С.11-28.
5. Намир, Ани. Минҳоҷ Ибн Халдун ал-фалсафи ф-л-баҳс-ал-таърихи (Методи фалсафии Ибни Халдун дар тадқиқоти таърихӣ) / Ани Намир. -Бағдод, 1975. -304 с.
6. Иванов, Н.А. «Китоб-ал-ибар» Ибн Халдуна как источник по истории стран Северной Африки в XIV в. / Н.А. Иванов // Арабский сборник. -М., 1959. -С.112-134.
7. Игнатенко, А.А. Ибн Халдун / А.А. Игнатенко. -М.: Наука, 1980. -189 с.
8. Игнатенко, А.А. Ибн Халдун о природе государства / Народы Азии и Африки / А.А. Игнатенко. -М., 1981. -№4. -С.4-11.
9. Игнатенко, А.А. Средневековые «поучения владыкам» и проблематика власти / А.А. Игнатенко // Социально-политические представления в исламе. История и современность. -М.: Наука, 1987. -104 с.
10. История политических и правовых учений (средние века и возрождение). -М., 1986. -214 с.
11. Ислам, религия, общество, государство. -М.: Наука, 1984. -311 с.
12. Социально-политические представления в исламе. -М., 1987. -289 с.
13. Надирзаде, Л.И. Община на территории восточного халифата в VII-XII в. / Надирзаде Л.И. // Арабские страны. История. Экономика. -М., 1966. -С.16-28.
14. Типы общественных отношений на Востоке в средние века. -М.: Наука, 1982. -221 с.
15. Фадеева, И.Л. Концепция власти на Ближнем Востоке: средневековье и новое время / И.Л. Фадеева. -М., 2001. -314 с.
16. Муттаҳарӣ, М. «Фалсафаи таърих» / Муттаҳарӣ М. -Теҳрон, 1379 ҳ.ш. -98 с.

17. Ардаконӣ, Д. Дар бораи илм / Ардаконӣ Д. -Теҳрон, 1383 ҳ.ш. -201 с.
18. Нафисӣ, М.С. Сайр дар андешаҳои иҷтимоии муслимин / Нафисӣ М.С. -Теҳрон, 1368 ҳ.ш. -184 с.
19. Тарҷумаи «Муқаддима»-и Ибни Халдун. Ҷилди 1. Фалсафаи таърих. -Теҳрон, 1359 ҳ.ш. -214 с.
20. Улуми таърих дар ислом. Ҷилди 1. Улуми сиёсат. -Теҳрон, 1363 ҳ.ш. -341 с.
21. Микоелян, Н.Р. Личность в процессах социокультурной адаптации на Востоке / Новые направления западной социологии (60-80-е годы) / Н.Р. Микоелян // Народы Азии и Африки. -М., 1980. -№5. -С.14-19.
22. Штекли, А.Э. О политическом строе. Утопия. – Средние века / А.Э. Штекли. -М., 1986. -214 с.
23. Ястребицская, А.А. Семья в средневековом городе / А.А. Ястребицская // Вопросы истории. -М., 1985. -№8. -С.113-147.

## НАЗАРИЯИ «УМРОН» ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА ДАР «МУҚАДДИМА»-И ИБНИ ХАЛДУН

Дар мақола назарияи умрон ҳамчун ташкилоти иҷтимоии ҷомеа дар китоби «Муқаддима»-и Ибни Халдун мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки Ибни Халдун донишмандест, ки қонунияти инкишофро дар партави воқеаҳои таърихӣ заминаи асосии ташаккули сохтори иҷтимоии ҷомеа таъкид намудааст. Ибни Халдун дар баррасии ташаккули ташкилоти иҷтимоии ҷомеа омили муҳити ҷуғрофиро дар бунёди хусусиятҳои фарҳангӣ дар ҷараёни ташкилоти иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ кардааст. Дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун ҷомеаҳои шарқиро аз мавқеи давлатдорӣ ва пайдоиши сулолаҳои давлатдорӣ баррасӣ кардааст ва ин силсилаи иҷтимоиро ба мафҳуми «ҳукумат» пайванд намудааст. Ӯ тавассути назарияи «умрон» паҳлуҳои гуногуни ташаккули ташкилоти иҷтимоии ҷомеаро таҳлил намуда, ҳолати мусоидати гурӯҳҳои иҷтимоиро дар ҳаёти иҷтимоӣ, тибқи тақсими меҳнат баррасӣ кардааст. Ба андешаи Ибни Халдун, муҳити ҷуғрофӣ омили муҳимми ташкилоти иҷтимоӣ мебошад, зеро ба мардум тариқи хислатҳо ва ҳолатҳои гуногуни равонии онҳо таъсир мерасонад. Асоси ин назарияро дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун ташкилоти иҷтимоии ҷомеа – умрон ташкил медиҳад. Назарияи «умрон» дар «Муқаддима»-и Ибни Халдун ҳамчун ташкилоти иҷтимоии ҷомеа таҳлил гардидааст, ки заминаи онро қавонини дини ислом ташкил медиҳад. Қуръон дар сохтори ин ташкилот асоси зиндагии осудаи мардум ва заминаи идеали ҷаҳонбинӣ аст. Назарияи «умрон»-и Ибни Халдун сабабияти табиии ҷомеаи инсонист, ки имконияти худшиносиро фароҳам менамояд. Назарияи «умрон»-и Ибни Халдун дар «Муқаддима» ба назарияи «тамаддун» ҳамоҳанг аст, зеро дар бунёди сохтори иҷтимоии ҷомеа, чунин ташкилотҳои иҷтимоӣ, монанди сиёсат, иқтисод, муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои мардумиро рушд медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Ибни Халдун, умрон, сиёсат, ҷомеа, ташкилот, ҳокимият.

## ТЕОРИЯ «УМРАН» КАК СОЦИАЛЬНАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ ОБЩЕСТВА В «ВВЕДЕНИИ» ИБН ХАЛДУНА

В статье рассматривается теория умран как социальная организация общества в трактате «Введения» Ибн Халдуна. Отмечается, что Ибн Халдун одним из первых сумел увидеть закономерности в цепи исторических событий и фактов, определяющих становление и развитие социальной организации общества. Подчеркивается, что Ибн Халдун обратил внимание на фактор географической среды в формировании культурных особенностей в процессе социальной организации общества. В своем трактате «Введения» Ибн Халдун рассматривает развитие ближневосточных обществ от родо-племенного строя до возникновения династийной власти. Государства у Ибн Халдуна – это социальная система, в основе которой находится категория «власть». Он тщательно разработал посредством теория «умрон» отдельные вопросы социальной организация общества. Ибн Халдун верил в возможность гармонического развития государства как цельного социального организма с иерархической структурой, соответствующей общественному разделению труда. Согласно ему, географическая среда является важным фактором социальной организации, так как она оказывает влияние на общество через психику людей – их нравы и характеры. Основной этого положения являются религиозные трактовки социальной организации общества. Теория умран в «Введениях» Ибн Халдуна как социальная организация общества в констексте исламских норм (шариат). Коран в социальном устройстве общества является как основой гармонии в обществе, так и культурно-мировозренческим идеалом. В теории «умрон» Ибн Халдуна, иерархизированное общество, социальное неравенство людей объясняется естественными причинами. Он видел социальную организацию общества в исламском каноне как возможность нравственного самосовершенствования. Теория умран как социальная организация общества в трактате «Введения» Ибн Халдуна тесно связана с политикой и экономикой и является механизмом изучения социальной жизни общества. Во «Введениях» Ибн Халдуна социальная организация прослеживается с древнейших времен. Теория «цивилизация» имеет важное значение в толковании социальной организации людей, но здесь под ней подразумеваются такие типы социальной организации, которые связаны с политикой, экономикой, семейными отношениями, психологическими и правовыми традициями.

**Ключевые слова:** Ибн Халдун, умран, политика, общество, власть, организация.

## THE THEORY OF «UMRAN» AS A SOCIAL ORGANIZATION OF SOCIETY IN «INTRODUCTION» BY IBN KHALDUN

The article deals with the theory of umran as a social organization of society in the treatise "Introduction" by Ibn Khaldun. It is noted that Ibn Khaldun was one of the first to see a pattern in the chain of historical events and facts that determines the formation and development of the social organization of society. It is emphasized that Ibn Khaldun drew attention to the factor of the geographical environment in the formation of cultural characteristics in the process of social organization of society. In his treatise "Introduction" Ibn Khaldun considers the development of Middle Eastern society from the tribal system to the emergence of dynastic power. Ibn Khaldun's states are a social system based on the category

of "power". He carefully developed through the theory of "umron" individual issues of the social organization of society. Ibn Khaldun believed in the possibility of the harmonious development of the state as an integral social organism in a hierarchical structure corresponding to the social division of labor. According to him, the geographical environment is an important factor in social organization, since it influences society through the psyche of people - their morals and characters. The main point of this provision is the religious interpretation of the social organization of society. The theory is umran in Ibn Khaldun's "Introduction" as a social organization of society in the context of Islamic norms (Sharia). The Koran in the social structure of society is the basis of the harmony of people, as well as the cultural and ideological ideal. A hierarchical society, where the social inequality of people is explained in the theory of "Umron" by Ibn Khaldun, is a natural cause. He saw the social organization of society in the Islamic canon as an opportunity for moral self-improvement. The theory of umran as a social organization of society in the treatise "Introduction" by Ibn Khaldun is closely related to politics and economics and is a mechanism for studying the social life of society.In Ibn Khaldun's Introduction, social organization can be traced back to ancient times. The theory of "civilization" is important in the interpretation of the social organization of people, but here it means such types of social organization associated with politics, economics, family relations, psychological and legal traditions.

**Keywords:** Ibn Khaldun, died, politics, society, power, organization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, иҷрокунандаи вазифаи профессор. **Суроға:** 735440, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримчон*** - Бохтарский государственный университета имени Носира Хусрав, исполняющий обязанности профессора. **Адрес:** 735440, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimchon* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. Professor. **Address**: 735440, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-14-74-68**

ТДУ:004/32

# НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИЁСАТ ВА МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

*Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Шакливазшавии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар зери таъсири технологияҳои нави муосир ба худ номи «иттилоотӣ»-ро гирифтааст. Заминаҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи мазкур ба хусусиятҳои иттилоотӣ системаи сиёсии ҷомеа марбут аст.

Дар амалияи ҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои асосии давлатҳоро муқаррар намудани самту роҳҳои самараноки инкишоф ташкил медиҳад ва дар интихоби роҳи мазкур гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ мақом ва нақши асосиро пайдо кардааст. Ин вазифаи бисёр муҳим ва мураккаб аст. Зеро пешрафти илму техника ва инқилоби технологияҳои нави иттилоотӣ ҳар як давлатро водор месозад, ки дар шакливазшавии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ худро ба ҷомеаи иттилоотӣ мутобиқ гардонад. Аз тарафи дигар, иттилоотӣ шудани тамоми раванду муносибатҳо масъулияти давлатро барои назорати фазои иттилоотӣ бештар мегардонад. Дар ҳолати ғайр, агар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ раванди мазкурро ба зудӣ ва ба хубӣ ба худ қабул нанамояд, соҳаҳои гуногуни ҳаёт метавонанд дар як ҳолати ногувори карахтӣ қарор гиранд ва бо мурури замон муносибатҳои иқтисодӣ, технологӣ, сиёсӣ ва мадании он ба дарҳои сарбаста табдил мееёбанд [8,с.752].

Яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар он ташаккул ва инкишофи равандҳои модернизасияи ҷомеаи иттилоотӣ аҳаммияти калонро пайдо кардааст, соҳаи муносибатҳои сиёсӣ мебошад.

Гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ дар натиҷаи се самараи фоиданоки сиёсӣ муяссар мегардад [8,с.753]:

1. Дар ҷомеаи иттилоотӣ сиёсати синфӣ аз байн меравад.
2. Принсипҳои муттаҳидшавӣ ба иттиҳодияҳои сиёсӣ тағйир мееёбанд.
3. Таҳаввулоти демократия ба иштироки бевоситаи демократия пайваст мегардад (participatory democracy).

Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ аз дараҷаи иттилоотонии ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Он аз дараҷаи истифодаи воситаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бармеояд. Ҷомеаи иттилоотӣ самара ва натиҷаҳои махсусро соҳиб аст. Натиҷаҳо ва самараи сиёсии якум. Рафтори сиёсии одамон дар ҷомеаи иттилоотӣ на дар заминаи арзишҳои синфӣ, балки дар асоси ақидаҳои плюралистӣ ва манфиатҳо бунёд мегарданд. Индивид ҳамчун субъекти асосии сиёсат дар ҳодисаҳои сиёсӣ мавқеи хешро шахсан худ муайян мекунад, ба мисли он ки мавқеи он дар чӣ зоҳир гаштааст: коргар, мард, зан, мусалмон, ё ин ки католик, намояндаи ин ё он гурӯҳҳои этникӣ ва ғайра. Аз ин хотир ҳар як шаҳрванд дар раванди сиёсӣ метавонад вобаста ба имконияту қобилияташ ба ҳокимият таъсир расонад. Дар баробари ин, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ инъикоскунандаи танҳо як синф намегарданд, онҳо метавонанд тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар фаъолияти худ фаро бигиранд. Оқибат ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ дар чунин ҷомеа хусусияти глобалӣ касб кард, амалӣ гаштани онҳо аз ҳадафҳои сиёсии тамоми одамон вобаста аст. Ҳамин тариқ, ҳар як шаҳрванд кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳалли масъалаҳои умумӣ саҳми бевоситаи худро дошта бошад.

Натиҷаҳо ва самараи сиёсии дуюм. Принсипҳои муттаҳидшавии шаҳрвандон дар ҷомеаи иттилоотӣ дар доираи ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ на дар заминаи арзишҳои синфӣ, балки дар заминаи барномаҳои сиёсӣ бояд сурат гиранд. Зеро дар ҷомеаи иттилоотӣ қувваҳои чап ва рост дар ҷомеа хусусиятҳои хосро доро буда, онҳо фаъолияти сиёсиро барои ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсии хеш дар заминаи барномаҳои ҳизбӣ ва гурӯҳӣ инъикос менамоянд, ки ин бештар асоси воқеӣ дорад.

Ҷомеаи иттилоотӣ нисбат ба ҷомеаи саноатӣ дорои коди ягонаи коммуникатсионӣ мебошад. Он тамоми ҷузъиёти ҷомеаро аз ҷумла воситаҳои электронии техникиро (аз телевизиони моҳворaӣ сар карда то пайвастшавӣ ва муттаҳидшавии шабакаҳои компютерии умумимиллӣ ва байналхалқии интернет) дар бар мегирад. Ин ба чӣ оварда мерасонад? Дар ҳолати аз байн рафтани почта ва дигар воситаҳои алоқа роҳу воситаҳои

навини алоқа ба вуҷуд меоянд, ки муносибатҳои байниҳамдигарии ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд, ки дар ин самт мақом ва нақши воситаҳои ахбори умум хеле муҳим мегардад.

Натиҷаҳо ва самараи сиёсии сеюм. Воситаҳои иттилоотӣ муносибатҳои муштараки байниҳамдигарии соҳаи иқтисодиро тағйир дода, онҳоро ба як самти ниҳоят муайяни устувор ҳидоят менамоянд. Компютер, чи хеле ки Д. Несбитт қайд мекунад, ҳокимияти воқеии ҳар як шахсро васеъ гардонида, ба ӯ имконият медиҳад, ки бевосита ба фаъолияти сарварон ва ҳукумат назорати қатъӣ барад ва дар пайвастагию ҳамбастагӣ ба он қарор дошта бошад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳаёти сиёсӣ ба муттаҳидшавии радикалӣ дучор гардида, тағйиротҳо дар раванди муттаҳидшавии сиёсӣ ва амалиётҳои сиёсӣ ворид мегарданд.

Ин дар шакли зайл зоҳир мегардад [7,с.22]:

1. Делелҳои моддӣ ва иҷтимоию синфии рафтори одамон ва муттаҳидшавии сиёсии онҳо ба манфиатҳои глобалӣ, мақсадҳои худамалисозӣ табдил меёбанд. Дар зинаи олӣ на категорияҳои одамон, синф, гурӯҳ, балки талаботҳои шахсии онҳо меистанд.

2. Дар баробари паҳн гаштани воситаҳои иттилоотӣ, кодҳои коммуникатсионӣ ба миён меоянд, ки ҳар як шаҳрванд имконият пайдо мекунад, дар ҳар як давраи амалҳои сиёсӣ - аз муттаҳидшавии сиёсӣ то амалишавии барномаҳои сиёсӣ бевосита иштирок намояд.

3. Дар муттаҳидшавии сиёсӣ нақши сарварони сиёсӣ ва ВАО меафзояд.

4. Имконияти назорати шаҳрвандон аз болои фаъолияти ҳукумат ва сарварони сиёсӣ афзун мегардад.

5. Масъалаҳои дахлнопазирии ҳаёти шахсии одамон, ҳуқуқ ба кафолати сирри ҳаёти одамон шиддат мегирад.

Вобаста ба сохтори ҷомеаи индустриалӣ сохтори ҷамеаи иттилоотӣ дар раванди муттаҳидшавии сиёсӣ ва амалиётҳои сиёсӣ дар шакли зайл сурат мегирад.

Дар натиҷаи прогресси илмию техникӣ шаклу навъҳои ахбороти нав мунтазам васеъ мешавад. Технологияҳои оннокоммуникатсионӣ, ки дар тамоми соҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи сиёсӣ истифода мешаванд, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Мафҳуми «воситаҳои иттилоотӣ» дар тамоми соҳаҳои дониш маъмул гаштааст. Сарфи назар аз паҳншавии ин мафҳум дар сиёсатшиносии муосир, асоснокии назариявии он нокифоя аст. Дар заминаи рушди нокифояи истилоҳи “воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат” таҳқиқоти алоҳидаи таблиғ ва ташвиқоти сиёсӣ, теъдоди таҳқиқоти PR-и сиёсӣ, технологияҳои ташаккули имиҷ ва рекламаи сиёсӣ истифода мегардад [3,с.85]. Дар шароити муосир таъсири интернет ба ҷараёни равандҳои сиёсӣ дар ҳоли афзоиш аст. Ба андешаи мо, ҳамаи ин воситаҳо баъзе хусусиятҳои умумӣ дошта, хамчун воситахои иттилоотӣ эътироф мегарданд ва аз ин рӯ, зарурати баррасии онҳоро дар консепсияи умумии мафҳуми «воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ» бо нишон додани хусусиятҳои хосси онҳо дар робита бо технологияҳои сиёсӣ ва интихоботӣ ба миён меояд.

Бояд гуфт, ки мафҳумҳои «воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ва «технологияҳои информатсионӣ»-ро ҳамчун синоним ҳисоб мекунанд.

Пеш аз ҳама, ба мафҳуми «технология» рӯ меорем. Тафсири зиёди ин консепсия вуҷуд дорад. Истилоҳи «технология» аз соҳаи истеҳсолот гирифта шудааст, ки дар он технология маҷмуи усулҳо ва воситаҳои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ фаҳмида мешавад; усули ба чизи зарурӣ табдил додан; усули истеҳсолӣ [6,с.207].

Дар фаҳмиши муосир технология якчанд маъно дорад. Ба маънои васеъ, технология маҷмуи донишест, ки метавонад барои истеҳсоли мол ва хидматҳо аз захираҳои иқтисодӣ истифода шавад. Ба маънои маҳдуд, ин як роҳи табдил додани материя, энергия, иттилоот дар раванди истеҳсол ва коркарди маҳсулот мебошад. Технологияи моддӣ маҳсули моддӣ, воситаҳои иттилоотӣ маҳсули иттилоотиро ба вуҷуд меорад.

Дар сиёсатшиносӣ мафҳуми «технология»-ро бештар ҳамчун «системаи унсурҳои ба таври қатъӣ ҳамоҳангшуда: ҳадафҳо – расмиёти (қоидаҳо) – воситаҳои техникӣ – амалиётҳо (амалҳо) – ангезаҳо (ангезандаҳо)» маънидод мекунанд. Дар асоси ин тафсир, технология як системаи ҷудонашавандаест, ки ҳадафҳо, таҷҳизот ва асбобҳо, амалиёт

ахборот, дониш, кувва, ашёи хом, кадрҳо ва дигар захираҳо ва тартиби кор бо онҳоро дар бар мегирад.

Худи мафҳуми «технологияҳои сиёсӣ» ба таври умум пазируфта нашудааст, бинобар ин шумораи зиёди тафсирҳои ин мафҳум вуҷуд доранд. Ба андешаи А.И. Соловёв, технологияҳои сиёсӣ «маҷмуи расмиёти пайваста татбиқшаванда, усулҳо ва роҳҳои фаъолият, ки барои ба таври оптималӣ ва самаранок амалӣ гардонидани мақсаду вазифаҳои субъекти алоҳида дар як вақт ва макони муайян нигаронида шудааст» [9,с.415].

Э.Б. Сучков технологияҳои сиёсиро ҳамчун «технологияҳои омодагӣ ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ ва сиёсӣ, лоиҳаҳои сиёсӣ, инчунин технологияҳои сохтмони ҳизбӣ» [5,с.20] муайян мекунад. Вай аз он бармеояд, ки доираи технологияҳои сиёсиро ба маъракаҳои интихоботӣ, маъракаҳои сиёсӣ, лоиҳаҳои сиёсӣ ва сохтмони ҳизб тақсим мекунад. Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф дар бораи имкони коҳиш додани технологияҳои номбаршуда ба лоиҳаҳои сиёсӣ ва баррасии онҳо ҳамчун навъҳои охирини муваффақшавӣ ба ҳокимият менависад [3,с.86].

М.Г. Анохин технологияҳои сиёсиро ҳамчун «маҷмуи усулҳо, тартиби амалигардонии вазифаҳои системаи сиёсӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди сиёсӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар соҳаи сиёсат нигаронида шудаанд», муайян мекунад [1,с.102]. Ӯ чунин мешуморад, ки «миқёси техника, чун қоида, дар ҳамвории фаъолияти амалии субъектҳои сиёсӣ барои амалӣ гардондани роҳи муайяншудаи сиёсӣ ва ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои мушаххаси сиёсӣ воқеъ мегардад» [1,с.103]. Ин таъриф тамоми хусусиятҳои технологияҳои сиёсиро пурра инъикос мекунад.

Дар лексикони сиёсатшиносӣ ба ҷойи мафҳуми «технология» аксаран «восита» истифода мегардад ва ба ҷойи ибораи «технологияҳои иттилоотӣ (информатсионӣ)» ибораи «воситаҳои иттилоотӣ» мавриди истифода, омӯзиш ва таҳлил қарор мегирад.

Технологияҳои иттилоотӣ «системаи донишҳои илмӣ ва муҳандисӣ, инчунин усулҳо ва воситаҳое мебошад, ки барои эҷод, ҷамъоварӣ, интиқол, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот истифода мешаванд» [2].

Ғайр аз ин, таърифи зерини технологияҳои иттилоотиро медиҳад. Технологияи ахборот:

- ин равандҳо, усулҳои ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, пешниҳод, паҳн намудани иттилоот ва усулҳои татбиқи чунин равандҳо ва усулҳо мебошад" [10].

О.И. Лосенков технологияи нави иттилоотиро чунин муайян кардааст: «Технологияҳои нави информатсионӣ маҷмуи техника ва нармафзори муосири электронӣ, инчунин ташкил, шакл ва усулҳои татбиқи онҳо дар кори иттилоотӣ мебошанд, ки ба истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамон нигаронида шудаанд» [4,с.304].

Технологияҳои иттилоотӣ ба баланд бардоштани самаранокии кор бо иттилоот нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, технологияҳои сиёсӣ бо технологияҳои иттилоотӣ дар ҳам мепайванданд, вақте ки технологияи охирин барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ нигаронида шуда бошанд.

Вобаста ба контекст мафҳуми «технологияҳои иттилоотӣ» метавонад ҳам моҳияти гуманитарӣ ва ҳам техникӣ дошта бошад

Ибораҳои «технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат» ва «технологияҳои иттилоотӣ» истифода мешаванд. Субъектҳои сиёсат хусусиятҳои техникии ин технологияро ҳамчун омезиши техникӣ ва барномавӣ, воситаҳои эҷод, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот дар назар доранд.

Маънои семантикии мафҳумҳои «технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун технологияҳои сиёсӣ» ва «технологияҳои иттилоотии сиёсӣ» ба ҷузъи башардӯстона асос ёфта, аз усулҳои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бармеояд.

Дар ин маврид технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи технологияҳои сиёсӣ баррасӣ мешаванд, ки ҳамчун технологияҳои мубориза барои қудрати сиёсӣ, таъсир расонидан ба он, ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани он, технологияҳои тақсим ва татбиқи қудрати сиёсӣ фаҳмида мешаванд [11,с.328].

Дар амал ин ду ҷанбаи технологияҳои иттилоотӣ бо ҳам зич алоқамандand, зеро татбиқи самараноктарин технологияҳои иттилоотии сиёсӣ бо ёрии воситаҳои техникии кор бо иттилоот ба амал меояд.

Технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат бояд ҳамчун технологияҳои эҷод, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва паҳнкунии иттилоот барои амалӣ намудани вазифаҳои системаи сиёсӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди сиёсӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар соҳаи сиёсат нигаронида шудаанд, фаҳмида шаванд.

Аз ин бармеояд, ки воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат як қатор ҷузъҳоро дар бар мегиранд [3,с.87]:

1. Воситаҳои эҷоди иттилоот. Эҷоди иттилоот аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ шарти зарурии фаъолияти онҳост. Ҳар як сохтори сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ иттилоот эҷод мекунад.

2. Воситаҳои ба даст овардани (ҷамъоварии) иттилоот. Онҳо барои фаъолони сиёсӣ аҳаммияти махсус доранд. Маълумот захираи махсуси сиёсист. Фаъолоне, ки иттилоот доранд, дар ба даст овардан, нигоҳ доштан ва татбиқи қудрат бартарӣ пайдо мекунанд. Қобилияти соҳиб шудан ё аз даст додани қудрат, ноил шудан ба нуфуз, амалӣ намудани манфиатҳои худ дар соҳаи сиёсӣ аз мавҷудият ё набудани маълумоти зарурӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, ҳадафи ҳамаи фаъолони сиёсӣ ин аст, ки ба қадри имкон маълумоти зарурӣ, муфид ва мукаммал ба даст оранд.

3. Воситаҳои нигоҳдории иттилоот. Воситаҳои нигоҳдории иттилоот ҷузъи ҷудонашавандаи воситаҳои иттилоотӣ мебошанд.

4. Воситаҳои коркарди иттилоот. Коркарди иттилоотро бояд як раванди мураттабшудаи табдили он мувофиқи алгоритми ҳалли масъалаи сиёсӣ фаҳмид. Эҷоди нав ва коркарди иттилооти мавҷуда ҳамчунин метавонад маънои таҳриф ва пинҳон кардани он, эҷоди маълумоти бардурӯғ ё иваз кардани маълумоти бардурӯғ ба маълумоти ҳақиқиро дошта бошад. Чунин амалҳоро «дезинформатсия» меноманд ва ҳадафи он дидаю дониста гумроҳ кардан мебошад.

5. Воситаҳои интиқоли (паҳнкунии) иттилоот. Тақсим як ҳолати махсуси интиқоли иттилоот мебошад. Ин метавонад маънои интиқоли иттилоотро ба шумораи ҳарчи бештари қабулкунандагон дошта бошад. Барои субъектҳои мушаххаси сиёсӣ паҳнкунии иттилоот истеҳсол ва такрори он мебошад: ҳамкорӣ бо ВАО, нашрияҳо дар ВАО, таблиғи сиёсӣ ва ғайра.

Дар соҳаи сиёсат иттилоот чунон нақши муҳим мебозад, ки ҳар як сиёсатмадор саъй мекунад, ки иттилоотро барои таъсир расонидан ба афкори умум истифода намояд. Чун қоида, ҷузъҳои номбаршудаи воситаҳои иттилоотӣ дар якҷоягӣ истифода мешаванд ва аз ин рӯ, афзоиши самаранокии кор бо иттилоотро таъмин мекунанд. Баъзе таҳқиқотчиён одатан воситаҳои иттилоотиро бо технологияҳои компютерӣ муайян мекунанд. Мо чунин мешуморем, ки ин муносибат нодуруст аст. Фаҳмиши амиқтари воситаҳои иттилоотӣ дар ҳоле имконпазир мегардад, ки онҳо ба ду намуд тақсим шаванд: воситаҳои анъанавии иттилоотӣ ва воситаҳои нави иттилоотӣ. Танҳо охиринро метавон ба технологияҳои компютерӣ мансуб донист, ки воситаҳои иттилоотие, ки барои татбиқи онҳо технологияҳои компютерӣ истифода мешаванд.

Воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат, ба монанди технологияҳои сиёсӣ дар маҷмуъ, танҳо бо технологияҳои интихоботӣ маҳдуд нестанд. Воситаҳои иттилоотӣ на танҳо дар мубориза сиёсӣ, балки барои таҳия ва қабули қарорҳо дар соҳаи сиёсат, баланд бардоштани самаранокии идоракунии субъектҳои сиёсӣ (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғ.). истифода мешаванд.

Ҳукумати электронӣ дастгирии фаъолияти ҳам ҳокимияти иҷроия (ҳукумати электронӣ) ва ҳам мақомоти парлумонӣ ва судиро дар шакли кумаки технологияҳои иттилоотӣ дар назар дорад.

Муваффақияти бузургтарин дар таҷрибаи кишварҳои пешрафта татбиқи ҳукумати электронӣ мебошад, ки роҳи нави ҳамкориро дар асоси истифодаи воситаҳои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ муайян мекунад. Ҳадафҳои асосии ҳукумати электронӣ инҳоянд: оптимизатсияи хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ; баланд бардоштани дараҷаи иштироки ҳамаи интихобкунандагон дар раванди

роҳбарӣ ва идоракунии мамлакат; дастгирӣ ва васеъ намудани имкониятҳои худхизматрасонӣ ба шаҳрвандон; рушди шуури технологии шаҳрвандон ва ғайра.

Воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат танҳо бо технологияҳои интихоботӣ маҳдуд нестанд ва метавонанд вазифаҳои дигарро иҷро кунанд, ки ба маъракаҳои интихоботӣ алоқаманд нестанд.

Воситаҳои иттилоотӣ метавонанд дар идоракунии субъектҳои сиёсӣ истифода шаванд. Дар ин ҳолат, чунин воситаҳоро танҳо то андозае сиёсӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро истифодаи онҳо ҳадафҳои бевоситаи сиёсиро дар назар надорад. Системаҳои идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ, почтаи электронӣ ва дигар технологияҳои иттилоотие, ки фаъолони сиёсӣ истифода мебаранд, технологияҳои сиёсӣ хоҳанд буд ва фақат қисман, зеро онҳо, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои идоракунӣ нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат нақши муассир доранд, вазифаи муҳим таснифоти технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат мебошад. Тасниф имкон медиҳад, ки моҳияти ин технологияҳоро беҳтар фаҳмем ва навъҳои онҳоро муайян намоем.

Вобаста ба имконияти истифодаи дастовардҳои нав дар соҳаи иттилоотикунонии ҷомеа, воситаҳои иттилоотиро дар сиёсат метавон ба ду гурӯҳи калон тақсим кард:

1) воситаҳои анъанавии иттилоотӣ;

2) воситаҳои нави иттилоотӣ.

Воситаҳои анъанавии иттилоотӣ воситаҳое мебошанд, ки барои татбиқи онҳо воситаҳои анъанавии интиқоли иттилоот истифода мешаванд: полиграфӣ, телевизион, телефон, радио ва ғайра.

Воситаҳои нави иттилоотӣ воситаҳое мебошанд, ки барои татбиқи онҳо дастовардҳои навтарин дар соҳаи рушди воситаҳои иттилоотонии ҷомеа, аз ҷумла ҳисоббарории электронӣ, системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, зеҳни сунъӣ, системаҳои алоқаи моҳвораӣ истифода мешаванд.

Технологияҳои нави иттилоотӣ дар як муддати кӯтоҳ худро ҳамчун воситаи тавонои пешбурди муборизаи сиёсӣ муаррифӣ кардаанд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, ҳиссаи технологияҳои нави иттилоотӣ бо ҳар давраи минбаъдаи интихоботӣ афзоиш хоҳад ёфт. Технологияҳои нави иттилоотӣ, технологияҳои интернетӣ - технологияҳоеро дар бар мегиранд, ки воситаи татбиқи онҳо интернет мебошад. Дар сиёсат, истифодаи технологияҳои интернетӣ дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфт. Имрӯз интернет ба яке аз воситаҳои асосии интишори иттилооти сиёсӣ табдил ёфтааст.

Аз рӯйи хусусияти усулҳо ва воситаҳои истифодашаванда, технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат ба чунин навъҳо тақсим мешаванд:

1) технологияи намуди ташвиқот ва таблиғот;

2) технологияи навъи маркетинг.

Тафовути асосии воситаҳои иттилоотии навъи таблиғот дар он аст, ки онҳо ба идоракунии шуур ва рафтори одамон нигаронида шудаанд. Усулҳои маъмулии иттилоот дар ин ҳолат маълумоти бардурӯғ ва тақаллуби иттилоот, инчунин манипулятсияи шуури қабулкунандагон мебошанд. Дар навбати худ, технологияҳои иттилоотии навъи маркетинг ба интихоб, коркард ва паҳн кардани иттилоот мувофиқи манфиатҳо ва ниёзҳои қабулкунанда нигаронида шудаанд. Онҳоро метавон ба ин гурӯҳҳо тақсим кард:

1) технологияҳои PR;

2) технологияҳои эҷоди тасвир;

3) технологияҳои таблиғи сиёсӣ. Технологияҳои PR технологияҳое мебошанд, ки принсипи он таъмини татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ дар асоси муносибати софдилона ва эҳтиромона нисбат ба гиранда ва тақозо намудани фикру мулоҳиза мебошад. Технологияҳои тасвирӣ ҷузъи муҳимми PR мебошанд, дар он эҷоди образ аҳаммияти зиёд дорад. Соловёв А.И. онро ҳамчун сохти бошууронаи хосияту хислатҳои алоҳидаи субъект, ки ӯро барои омма ҷолиб мегардонад ва имкон медиҳад, ки бо иштироки худ вазифаи муайяни сиёсиро ҳал кунад, аҳаммиятнок мешуморад [9,с.423].

Аз рӯйи усули паҳнкунии иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат ба инҳо тақсим мешаванд:

1) аудиовизуалӣ (клипҳои видеоӣ, мубоҳисаҳои телевизионӣ, суҳбатҳо ва ғ.);

2) чопӣ (нашри мақолаҳо, баррасиҳо, мусоҳибаҳо ва ғ.);

3) чорабиниҳои шахсӣ (вохӯриҳои шахсии номзад бо аҳолӣ, баромадҳо, нутқҳо дар митингу конференсияҳо ва ғайра).

Аз рӯйи давомнокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар сиёсат, онҳоро метавон чунин тақсимбандӣ кард:

1) стратегӣ; 2) тактикӣ; 3) пароканда; 4) давравӣ.

Технологияҳои стратегии иттилоотӣ ба натиҷаҳои дарозмуддат нигаронида шудаанд. Технологияҳои тактикӣ амалӣ гардондани мақсадҳои кӯтоҳмуддатро дар бар мегиранд. Пароканда - дар як вақт истифода бурда мешавад. Дар фаъолияти субъект технологияҳои иттилоотии даврагӣ пайваста истифода мешаванд.

Аз рӯйи субъектҳои раванди сиёсӣ метавон технологияҳои иттилоотии истифодашавандаро ҷудо кард:

1) давлатҳо; 2) гурӯҳҳо (ҳизбҳо ва иттиҳодияҳо) ва ташкилотҳои сиёсӣ; 3) гурӯҳҳои иҷтимоӣ; 4) шахсони алоҳида ва дигар субъектҳо.

Баръакси технологияҳои иттилоотии анъанавӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, ки асосан тавассути интернет амалӣ мегардад, қобилияти шахсро барои таъсиррасонӣ ба раванди сиёсӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Дар асоси ин, аз рӯйи субъектҳои ҷараёни сиёсӣ ба ин таснифот фарди алоҳида дохил карда мешавад.

Ҳамин тариқ, воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат маҷмуи усулҳо ва воситаҳои кор бо иттилоотеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои сиёсӣ истифода мешаванд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, технологияҳои сиёсӣ бо технологияҳои иттилоотӣ бо ҳам алоқамананд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДДБ ба номи Н.Хусрав – Исозода Т.И.**

### АДАБИЁТ


1. Анохин М.Г. Политические технологии / М.Г. Анохин // Вестник Российского университета дружбы народов. Сер. политологии. - 2000. -№2. -С.102.
2. Анохин М.Г. Информационно - коммуникационные технологии в политике / М.Г. Анохин, М.Ю. Павлютенкова // Вестник Российского университета дружбы народов. Сер. политологии. - 1999. -№1.
3. Балашов А.Н. Информационные технологии в политике: сущность, содержание и классификация / А.Н. Балашов // Политология: актуальные аспекты. Среднерусский вестник общественных наук. - 2014. -№2. -С.85.
4. Лосенков О.И. Интернет-технологии как фактор политического процесса в современном глобальном пространстве / О.И. Лосенков // Вестник Астраханского государственного технического университета. - 2006. -№3. –С.304.
5. Малкин Е.Б. Политические технологии / Е.Б. Малкин, Е.Б. Сучков. -М.: Рус. Панорама, 2006. -С.20.
6. Некрасов С.И. Философия науки и техники: тематический словарь – справочник / С.И. Некрасов, Н.А. Некрасова. -Орёл: ОГУ, 2010. -С.207.
7. Нэсбит Д. Что нас ждет в 90-е годы. Мегатенденции: год 2000 / Д. Нэсбит, П. Эбурдин. -М., 1992. -С.22.
8. Общая и прикладная политология: Учебное пособие / Под общей редакцией В.И. Жукова, Б.И. Краснова. -М.: МГСУ; Изд-во “Союз”, 1997. -992 с.
9. Соловьев А.И. Политология. Политическая теория. Политические технологии / А.И. Соловьев. -М.: Аспект-Пресс, 2001. -415 с.
10. Федеральный закон №149АФЗ от 27.07.2006 г. “Об информации, информационных технологиях и о защите информации”.
11. Шабров О.Ф. Политические технологии / О.Ф. Шабров // ЗПУ. - 2012. -№4. -С.328.
12. Щербаль С.С. Технологии политической пропаганды в избирательных кампаниях российских партий (на примере парламентских выборов): автореферат дис. … канд. полит. наук / С.С. Щербаль. -Краснодар, 2012. -С.2.


### НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИЁСАТ ВА МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ


Дар мақола масъалаҳои муҳимми инкишофи ҷомеаи муосир - ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои асосии нақш ва таъсири воситаҳои иттилоотиро дар сиёсат ва ҳаёти сиёсиву муносибатҳои сиёсӣ мушаххас созад. Инчунин, мафҳум, моҳият, хосиятҳо ва дараҷаи таъсиррасонии воситаҳои иттилоотиро вобаста ба зарурати истифодаи онҳо баррасӣ намудааст. Инкишофи ҷомеа ва сиёсат хоҳу нохоҳ хосияти динамикӣ ва таҳаввулотиро касб намудааст. Давлатҳо ва ҷомеаҳо кӯшиш мекунанд, ки дараҷаи рушди муносибатҳои муайяни сиёсиро ба даст оваранд. Сиёсати давлатиро дар ростои истифодаи воситаҳои нави коммуникатсиониву иттилоотӣ мушаххас созанд. Иттилоотикунунонии ҷомеа ва дигар муносибатҳои ҷамъиятиро дар ихтиёри худ гиранд. Ҳолати мазкур замоне ба давлат муяссар мегардад, ки зарурати истифодаи воситаҳои иттилоотиро дар шароити муосири инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дарк кунад. Истифодаи самаранок ва бомақсади воситаҳои иттилоотӣ татбиқи сиёсати иттилоотонии давлатро осон мегардонад. Идоракунии фазои сиёсӣ-иттилоотиро ба манфиатҳои сиёсии

давлат шакл медиҳад. Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ имконияти таъсир расонидан, ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимият ва қудрати сиёсиро фароҳам меоварад. Давлат ва тамоми таркиботи институтсионалии он чунин инкишофи парадигмавии сиёсиро бояд пазиранд.
**Калидвожаҳо:** иттилоот, технология, технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои сиёсӣ, сиёсати иттилоотонӣ, ҳокимият, давлат, фазои иттилоотӣ, идоракунии фазои иттилоотӣ, воситаҳои иттилоот.

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ СРЕДСТВ В ПОЛИТИКЕ И ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

Статья включает важные аспекты развития современного информационного общества. Автор попытался конкретизировать основные вопросы роли и влияния средств массовой информации в политике и политической жизни и политических отношениях. Он рассмотрел понятие, сущность, характеристики и степень влияния информационных средств в зависимости от необходимости их использования. Развитие общества и политики приобретает динамичный и эволюционный характер. Государства и общества пытаются достичь уровня развития определенных политических отношений. Государственная политика по использованию новых коммуникационных и информационных средств заключается в том, чтобы взять под контроль общественную информацию и другие связи с общественностью. Такая ситуация возникает, когда государство осознает необходимость использования информационных средств в современных условиях развития информационного общества. Эффективное и целенаправленное использование информационных инструментов способствует реализации государственной информационной политики. Она формирует управление политико-информационным пространством в политических интересах государства. Использование информационных средств дает возможность влиять, получать, сохранять и использовать политический авторитет и власть. Государство и все его институциональные структуры должны принять такое парадигматическое политическое развитие.
**Ключевые слова:** информация, технологии, информационные технологии, политические технологии, информационная политика, власть, государство, информационное пространство, управление информационным пространством, информационные средства.

## THE ROLE OF INFORMATION MEDIA IN POLITICS AND POLITICAL RELATIONS

The article includes important aspects of the development of the modern information society. The author tried to specify the main issues of the role and influence of the media in politics and political life and political relations. He considered the concept, essence, characteristics and degree of influence of information tools, depending on the need for their use. The development of society and politics is still acquiring a dynamic and evolutionary character. States and societies are trying to reach the level of development of certain political relations. State policy on the use of new communication and information means. Take control of public information and other public relations. This situation arises when the state realizes the need to use information tools in the current conditions of the development of the information society. Effective and targeted use of information tools contributes to the implementation of the state information policy. It forms the management of the political and information space in the political interests of the state. The use of information media makes it possible to influence, receive, maintain and use political authority and power. The state and all its institutional structures must accept such a paradigmatic political development.
**Keywords:** information, technologies, information technologies, political technologies, information policy, government, state, information space, information space management, information tools.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Телефон: **(+992) 888-84-26-27**

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Джумахон Мирзошариф*** **-** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры политологии международных отношений. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Телефон: **(+992) 888-84-26-27**

**Information about the author:** ***Safarzoda Jumakhon Mirzosharif*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Political Science of International Relations. **Address**: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 888-84-26-27**

ТДУ:930(575.3)

# АЛОҚАМАНДИИ МАФҲУМИ “АМНИЯТИ УМУМӢ” ВА “АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ”

*Далер Шарифӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаҳмиши амният бар асоси парадигмаи либералӣ-идеалистӣ идома дорад ва тарҳрезӣ мешавад. Дар ин парадигма андешаи ҳамкории байналмилалӣ бар асоси арзишҳои умумӣ ва манфиатҳои умуминсонӣ ҷойгоҳи махсусро дорад. Аз ин мавқеъ, ба амният он иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ таҳдид мекунанд, ки ҳамкориро рад менамоянд, меъёрҳои аз тарафи умум қабулшудаи ахлоқӣ ва ҳуқуқиро риоя намекунанд. Мафҳуми марказӣ дар парадигмаи либералӣ-демократӣ яроқпартоии умумӣ ва амнияти дастаҷамъӣ мебошад, ки объекти асосии он умумиятҳои зикршуда, ҳамчунин ҳуқуқи ҷудонопазири шахсият мебошад. Амнияти дастаҷамъӣ ягона роҳи бартараф кардани мушкилоти амният буда, аз тариқи таъсис ва таҳкими ниҳодҳои байналмилалӣ, такмили минбаъдаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва риояи меъёрҳои қабулшудаи ахлоқ амалӣ мешавад.

Мафҳуми «амнияти дастаҷамъӣ» мақоми сиёсиро ҳанӯз дар давраи Лигаи Миллатҳо пайдо карда, аз солҳои 1970 таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намуда, дар доираҳои сиёсӣ ҳангоми тарҳрезӣ ва амалисозии стратегияи амнияти байналмилалӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Дар ҳамин давра дигар мафҳумҳои наздик ба мафҳумҳои зикршуда ба вуҷуд омаданд. Масалан, мафҳуми «амнияти умумӣ»* чун муқобили стратегияи боздоранда ва «мудофиаи умумӣ ва дастаҷамъӣ» чун мафҳумҳои ҳимояи муштараки аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба доираи илмӣ ворид гардиданд.

Ниҳоят, дар солҳои 1970 мафҳуми «амнияти ҳамаро фарогиранда» ё «амнияти умумӣ», ҳамчун алтернативаи амнияти байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифт. Амнияти ҳамаро фарогиранда ё амнияти умумӣ падидаи бисёрҷониба мебошанд: он на танҳо ба муноқишаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ, балки иқтисоди сусрушдёфта, зиддиятҳои тиҷоратӣ, муҳоҷирати беназорати аҳолӣ, вазъи экологӣ, қочоқи маводи мухаддир, терроризм ва ҳуқуқи инсонро фаро мегирад.

Аммо мафҳуми асосӣ мафҳуми амнияти дастаҷамъӣ мебошад. Тахти ин мафҳум вазъияте фаҳмида мешавад, ки дар он тамоми аъзои ҷомеа аз истифодаи қудрат нисбат ба якдигар даст мекашанд ва мувофиқат мекунанд, ки ба ҳар як давлати аъзо, ки аз тарафи кишвари дигар мавриди ҳамла қарор мегирад, кумак расонанд. Самти асосии ҷустуҷӯи назариявӣ ва талошҳои сиёсии бартараф кардани бунбаст, ки дар натиҷаи мусаллаҳшавии бошитоб шакл гирифта буд ба таъсиси низоми ҳамаро фарогирандаи амнияти дастаҷамъӣ тахти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид равона карда шуд. Таҳқиқоти минбаъда нишон доданд, ки таъсиси чунин низом бо мушкилоти ҷиддӣ ҳамроҳ аст. Чунки амнияти дастаҷамъӣ бояд ҷавобгӯи як силсила шартҳо бошад, ки дар байни онҳо метавон панҷ гурӯҳро ҷудо кард:

— ахлоқӣ;
— ҳуқуқӣ;
— ниҳодӣ;
— системавӣ;

* Барои Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва давлатҳои пешрафтаи демократии Европа шаклҳои гуногуни ниҳодсозии ташаббусҳо хос аст, ки вазифаи ҳимояи манфиатҳои миллиро дар назди худ мегузоранд. Аз асри гузашта сар карда, дар ин кишварҳо консепсияи амнияти умумӣ («common security») қабул шуд, ки зарурати низоми ғайридавлатии таъмини амнияти миллиро асоснок кард. Ин консепсия дар санадҳои гуногуни расмӣ зикр шудааст. Масалан, дар Стратегияи амнияти миллии Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз соли 2015 зикр шудааст, ки «… нақши пешсафии америкоӣ, ки ба қоидаҳои тартиботи байналхалқӣ асос ёфтааст, вақте ба таври муносиб кор мекунад, ки ба шаҳрвандон ваколат ва ҳокимият дода шавад, давлат масъулиятнок бошад, ҳамчунин ташкилотҳои самарабахши минтақавӣ ва байналхалқӣ мавҷуд бошанд».

— вазъиятӣ.

Ба гурӯҳи аввал шартҳои ахлоқӣ дохил мешаванд: даст кашидан аз истифодаи қувва ҳангоми танзими низоъҳои байнидавлатӣ, ҷудонашаванда будани ҷаҳон чун ҳолати муносибатҳои байнидавлатӣ, беғараз будани «тарафи сеюм» ҳангоми ҳалли масъалаҳои баҳснок (давлати алоҳида, гурӯҳи давлатҳо ё созмонҳои байналмилалӣ).

Ба гурӯҳи дуюм омилҳои таҳким ва такмили фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид чун созмони умумиҷаҳонии амният, ниҳодҳои он, неруҳои мусаллаҳи (ба миқдори кофӣ ва хуб муҷаҳҳазшуда) дорои қобилияти ба таври муассир ҳал кардани масъалаҳои вобаста ба муҷозоти таҷовузгар ё танзими вазъи буҳронӣ бо роҳи анҷоми амалиёти сулҳхоҳона шомил ҳастанд.

Гурӯҳи сеюм шартҳои ҳуқуқиро муттаҳид месозад. Сухан дар бораи салоҳиятҳои воқеии Ассамблеяи Генералӣ ва Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид; иҷрои меъёр ва усулҳои Созмони Милали Муттаҳид аз тарафи тамоми давлатҳо; муассирияти фаъолияти Суди Байналмилалӣ; риояи бемайлони меъёр ва Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид аз тарафи тамоми аъзои ҷомеа меравад.

Шартҳои гурӯҳи чорум ба зарурати доштани фазои мусоиди байналмилалӣ дахл дорад. Фазои мусоиди байналмилалӣ бартараф намудани низоми дуқутбӣ; халъи силоҳи абарқудратҳо, ҳадди ақал қисман, аммо воқеан; рушди муносибатҳои иқтисодӣ; дар назар гирифтани манфиатҳои иштирокчиёни ғайридавлатии муносибатҳои байналмилалиро дар назар дорад. Шартҳои зикргардида бояд суботи низоми байналмилалиро кафолат диҳанд.

Аммо субот омилҳои зеринро дар назар дорад:

— якум, мавҷудияти низоми арзишҳои асосии умумии аз тарафи тамоми аъзои ҷомеаи амният эътирофшуда;

— дуюм, созиш дар бобати риояи қоидаи рафтор дар доираи ҷомеаи мазкур;

— сеюм, муътадилии сиёсати ҳар як давлат нисбат ба дигарон.

А.Д. Богатуров таносуби субот ва амниятро чунин баррасӣ менамояд: «Агар амният вазъи матлуби давлат ё низом бошад, пас, субот – шакли иваз намудани ҳолати воқеии онҳо мебошад, ки метавонад бо амнияти бештар ё камтар тавсиф карда шавад. Ё ба ибораи дигар, амният набудани таҳдид барои ҳастиро ифода мекунад, вале субот қобилияти ҷуброни чунин таҳдидҳоро дар сурати зуҳури онҳо, аз ҳисоби имконияти дохилии мутобққунонии низом дар назар дорад. Ниҳоят, варианти сеюм – субот баробар инкор кардани намуди ҳаракат мебошад, ки ҳадди миёнаи онро метавон набудани таҳдид ба ҳастии низом ҳисоб кард, ки бо он амният айният дода мешавад».

Ва гурӯҳи панҷуми шартҳои зарурӣ барои созмондиҳии низоми сартосарии амнияти дастаҷамъиро метавон вазъиятӣ номид. Дар он, қабл аз ҳама, тадвини таърифи таҷовузгар; омодагии тамоми аъзои ҷомеа барои рӯ ба рӯ шудан бо хатар ва қурбонӣ ба хотири манфиатҳои умумӣ; мавҷудияти қувваи бартаридошта аз қувваи ҳар гуна таҷовузгари эҳтимолӣ дохил мешаванд.

Бад-ин тартиб, сухан дар бораи зарурати ҳалли масъалаҳои ба дараҷаи кофӣ мураккаби робитаи байналмилалӣ меравад. Иҷрои шартҳои чорум ва панҷум нисбатан мушкил аст. Аммо гурӯҳҳои дигар низ маҷмуи бутуни проблемаҳои мураккабро дар худ ниҳон доранд. Инкишофи минбаъдаи рӯйдодҳои байналмилалӣ нишон дод, ки ҳатто иҷрои шартҳои гурӯҳи дуюм низ мушкил аст, гарчанде зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки осонтар аз ҳама дастёбӣ ба мувофиқати тамоми давлатҳо дар масоили соҳибистиқлолӣ ва салоҳияти Созмони Милали Муттаҳид мебошад.

Масъалаи бунёдии эҷоди низоми ҳамаро фарогирандаи амнияти дастаҷамъӣ низ масъалаи ҷиддӣ аст. Чунин низом бояд раванди таъсиси ҳар гуна иттиҳод ва низоъҳои мусаллаҳонаро, ки ба он ҳанӯз Фукидид ишора карда буд, пешгирӣ менамуд. Аммо моҳиятан, амнияти дастаҷамъӣ чизе нест, ба ҷуз як шакли иттиҳод. Аз ин ҷо проблемаи хосси ҳар як иттиҳод, – яъне проблемаи устувории уҳдадориҳои мутақобила, ки ҳар як аъзои он ба дӯш мегирад, бармеояд. Амнияти дастаҷамъӣ дар сурати ярокпартоии нисбӣ низ имконпазир аст, аммо давлатҳо дар сурате ба ин тавофуқ мекунанд, ки кафолати муассирияти амнияти дастаҷамъиро дошта бошанд. Ин ҳолати сарбаста таносуби амнияти дастаҷамъӣ ва суботи низомро низ фаро мегирад. Чунки муассирияти амнияти дастаҷамъӣ

аз сатҳи суботи ҳамаро фарогиранда вобаста аст, аммо худи субот вазифаи муассирияти амният мебошад.

Масъулияти аввалиндараҷа дар фароҳамоварии шароити амният ба дӯши давлат буда, таҳдидҳои бавуҷудомада беш аз беш бо маҷбурияти сохтории дорои ҷанбаи фаромиллӣ муайян карда мешаванд. Бинобар ин, проблемаи амният ҳар чи бештар дар доираи алоқамандии байни давлат ва созмонҳои фаромиллӣ инъикос меёбад.

Ҷ. Най ва Р. Коҳэн навишта буданд: «Тавозун байни назарияи зӯрӣ ва амнияти миллӣ бо таҳлили проблемаи алоқамандии иқтисодӣ ва экологӣ хуб мутобиқ нест. Амният дар тафсири анъанавӣ шояд масъалаи усулие намебошад, ки ҳукумат бо он дучор мешавад».

Ҷ. Най ва Р. Коҳэн зимни таҳқиқи проблемаи амният, ба ин натиҷа расиданд, ки фарқият байни сиёсати анъанавии амнияти байналмилалӣ ва сиёсати алоқамандии иқтисодӣ ва экологиро набояд бо тафовут байни бозӣ бо «маблағи сифр» (як тараф ба ҳамон андоза маблағ дарёфт мекунад, ки ҷониби дигар аз даст медиҳад) ва бо бозии «маблағи бесифр» (ҳар ду тараф ё бурд мекунанд ё мебозанд) айният дод. Алоқамандии ҳарбӣ наметавонад бозӣ бо «маблағи сифр» бошад. Созмонҳои ҳарбӣ вобастагии мутақобиларо барои таъмини амнияти бештар барои ҳама ҷустуҷӯ мекунанд. Тавозуни қувва низ набояд ҳатман бозӣ бо «маблағи сифр» бошад. Агар як тараф статус-кворо вайрон намояд, фоида аз ҳисоби зиёни тарафи дигар ба даст меояд. Аммо агар аксарият иштирокчиён (ё ҳамаашон) мехоҳанд статус-кворо нигоҳ доранд, онҳо якҷоя метавонанд тавозуни қувва байни якдигарро ҳифз намоянд. Вобастагии сиёсӣ ва экологӣ, баръакс, рақобатро ҳатто дар сурате, ки аз ҳамкорӣ фоидаи бисёрро интизор дошта бошанд, пешбинӣ менамояд. Дар сиёсати анъанавии амнияти ҳарбӣ ва сиёсати вобастагии иқтисодӣ ва экологӣ пайдарпайии муайян вуҷуд дорад. Аммо набояд алоқамандиро фақат бо ҳолати баробартавозунии вобастагии мутақобила муайян кард. Дар ин маврид бояд боэҳтиёт буд. Дар вобастагӣ номутаносибӣ ҷой дорад: акторҳои камтар вобаста метавонанд муносибатҳои мутақобилан вобастаро чун манбаи қувва ҳангоми ҳаллу фасли масоили баҳснок ва имкони таъсиррасонӣ ба қарорҳои дигар зуд-зуд истифода баранд.

Р. Коҳэн ва Ҷ. Най ба омилҳои зӯрии робитаҳои байнидавлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид менамоянд, ки барои танзими масъалаҳои гуногун метавонанд манбаъҳои мухталифи зӯрӣ истифода шаванд. Сохтори низоми байналмилалиро онҳо дақиқан ба монанди неореалистҳо, чун тақсими манбаъҳои ҳокимият байни давлатҳо тафсир мекунанд.

Ин бевосита аз он шаҳодат медиҳад, ки фаҳмиши реалистӣ ва муносибати реалистӣ ба масъалаи амният ба андозаи зиёд бо воқеияти байналмилалии ҷанги сард мутобиқат мекунанд.

Албатта, фаҳмиши реалистӣ махсусан дар рӯзҳои мо, ки камбудиҳои он бештар равшан аст, нисбат ба даврони ҷанги сард ниёз ба муносибати интиқодӣ дорад. Аммо иштибоҳ мебуд, агар аҳаммияти онро на танҳо барои фаҳмиши гузашта, балки барои дарки даврони муосири муносибатҳои байналмилалӣ инкор кунем.

Дар даврони ҷанги сард амалан намояндагони тамоми парадигмаҳо ва самтҳои илми муносибатҳои байналмилалӣ амниятро чун қобилияти давлат барои ҳимоя аз таҳдидҳои беруна дарк мекарданд. Олимон, таҳлилгарон ва коршиносони масъалаҳои амният ба омӯзиши таҳдидҳо, таҳқиқи масъалаҳои истифода ва назорати неруи ҳарбӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Вазъи сулҳ, қабл аз ҳама, чун маҳсули амният ва субот, ҳамкории байни давлатҳо ва амният чун объекти музокирот ва назорати тавозуни сифатӣ ва миқдории неру баррасӣ мешуд.

Имрӯз мавҷудияти давлат маънои идомаи робитаҳои байнидавлатӣ, дар арсаи ҳарбӣ-стратегиро дорад. Чунки омилҳои анъанавии стратегӣ аҳаммияти худро гум накардаанд. Албатта, ҷаҳонишавӣ саҳми нисбии онҳоро дар сохтори умумии проблемаҳои амният хеле коҳиш дода, онҳо ба тағйироти ҷиддии сифатӣ дучор шуданд. Аммо ҳанӯз наметавон нақши онҳоро пурра инкор кард.

Неореалист С. Уолт дар охири солҳои 1980 назарияи тавозуни таҳдидро ба вуҷуд овард, ки ба ақидаи муаллиф, бояд назарияи маъруфи тавозуни қувваро (ки имрӯз намояндагони парадигмаи либералӣ-идеалистӣ қатъиян рад мекунанд) такмил медод.

Назарияи тавозуни таҳдид бояд назарияи тавозуни қувваро такмил ва рушд диҳад. Тавозуни қувва нишон медиҳад, ки рафтори давлат дар мавриде, ки як ё якчанд эътилоф ба чунон қудрате мерасанд, ки аз қудрати боқимондаҳо хеле бартарӣ дорад. Нотавозунӣ вақте зоҳир мешавад, ки агар дар низом як давлат ё эътилоф нисбат ба давлатҳо ё эътилофи муқтадир қудратмандтар шавад. Дар ҷавоб ба чунин вазъият давлатҳои боқимонда неруҳои худро тақвият мебахшанд ё бо якдигар иттиҳод мебанданд, ки ба муқобили давлати (эътилофи) пурқудратшуда равона мегардад, яъне кӯшиш мекунанд, ки неруи афзудаистодаро мутавозун созанд. Ба ибораи дигар, онҳо, қабл аз ҳама, ба қувва (ки имконияти ҳарбӣ, иқтисодӣ, захираҳои табиӣ ва аҳолиро дар бар мегирад) аксуламал нишон медиҳанд.

Бар хилофи ин, назарияи тавозуни таҳдид нишон медиҳад, ки чи тавр давлатҳо ба вазъияти набудани тавозуни таҳдид аксуламал нишон медиҳанд, яъне ба вазъияте, ки як давлат ё эътилоф махсусан хатарнок мешавад. Дар ин маврид мутобиқи назарияи тавозуни таҳдид, давлатҳо иттиҳодро ташаккул медиҳанд ё ба мақсади коҳиши осебпазирии хеш талош меварзанд. Назарияи тавозуни таҳдид шарҳи назарияи тавозуни қувваро беҳтар месозад. Зимни истифодаи назарияи тавозуни таҳдид, мо метавонем он раванду ҳодисаҳоеро фаҳмем, ки онҳоро наметавон шарҳ дод». Масалан, назарияи тавозуни таҳдид имкон медиҳад дарк намоем, ки чаро кишварҳо дар Шарқи Миёна иттиҳодро, пеш аз ҳама, барои он мебанданд, ки бо таҳдиди ҳамсояҳои худ муқобила намоянд, на дар ҷавоб ба тағйироти глобалии тавозуни қувва. Онҳо ин корро барои он мекунанд, ки ҳамсояҳояшон барои онҳо нисбат аз ҳар як абарқудрат хатарноктар менамоянд, ҳадди ақал ба хотири наздикии ҷуғрофӣ. Ниҳоят, назарияи тавозуни таҳдид метавонад интихоби иттифоқчиёни эҳтимолии давлатҳоро дар ҳолате, ки онҳо аз рӯйи қувва тахминан баробаранд, шарҳ диҳад. Дар ин сурат, давлат бо субъекти аз рӯйи тасаввураш камтар хатарнок иттифоқ мебандад.

Масалан, баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Иёлоти Муттаҳидаи Америка пурқудраттар аз Иттиҳоди Шуравӣ буд. Аз рӯйи мантиқи назарияи тавозуни қувва бисёр давлатҳо иттифоқ бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва эътилоф бо Иттиҳоди Шуравиро бояд интихоб мекарданд. Аммо чунин нашуд. Ва аз нуқтаи назари С. Уолт, сабаби инро бояд дар он ҷуст, ки гарчанде Иёлоти Муттаҳидаи Америка пурқудраттар буд, вале Иттиҳоди Шуравӣ хатарноктар менамуд.

Аз нигоҳи назарияи тавозуни таҳдид, яке аз давлатҳо (ё эътилофи давлатҳо) ба дигарон ба сабаби наздикии ҷуғрофӣ, қобилияти таҳоҷумӣ ва нияти таҷовузгаронаи он таҳдид мекунад. Дар айни замон, на изҳорот ё ҳатто нияти воқеии давлатҳо ё иттифоқчиёни онҳо, ки аз тарафи дигар давлатҳо ё иттифоқчиёни онҳо чун таҳдид ба манфиати онҳо ҳисоб мешавад, балки қабули амали онҳо чун таҳдид аҳаммияти муҳим хоҳад дошт.

С. Уолт назарияи худро дар мисоли Иттиҳоди Шуравӣ собит месозад:

– якум, Шуравӣ чун таҳдид барои аксарият кишварҳои ҳамсоя ба шумор мерафт, чунки дар қитъаи Авруосиё бузургтарин ва муқтадиртарин кишвар буд;

– дуюм, доктринаи ҳарбии Иттиҳоди Шуравӣ ба бартарии ҳуҷум такя мекард, ки ин то андозае аз мавқеи номуносиби ҷуғрофии он бармеомад. Сиёсати дарҳои бастаи Иттиҳоди Шуравиро тақвият мебахшид, чунки дигар кишварҳо онро таҳдид барои худ мешумориданд. Чунин вазъ ҳамчунин ба таъсиси эътилофи зидди Иттиҳоди Шӯравӣ мусоидат кард;

– сеюм, И.В. Сталин ва Н.С. Хрушев барои тарсонидани Ғарб чун нияти барқасдона ва таҳдид қаламдод мешуданд. Натиҷааш ҳам стратегияи муттафиқонаи Ғарб барои боздорӣ ва ҷудонигоҳдории Иттиҳоди Шуравӣ бо натиҷаҳои маълуми он гардид.

Тафсири яктарафаи сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ ва Ғарб аз тарафи С.Уолт дар назарияи ӯ вобаста ба тавсеаи Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ба Шарқ, яъне наздикшавии ҷуғрофии он ба сарҳадоти Федератсияи Русия инъикос меёбад. Мушкил аст, ки вазъи бавуҷудомадаро чун вайроншавии тавозуни таҳдид тавсиф кунем. Ин ҷо на танҳо наздикшавии ҷуғрофӣ, балки қобилияти ҳуҷумкунии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ аён аст. Ангезаи тавсеаи онро мушкил аст нисбат ба Русия сулҳомез қабул кард. Мутобиқи стратегияи нави Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ҳуқуқи «мудохилаи

башарӣ»–ро барои худ берун аз ҳавзаи масъулияташ ва бе иҷозати Созмони Милали Муттаҳид раво мебинад.

Албатта, истифодаи андешаҳо ва нуктаҳои парадигмаи реалистӣ бояд воқеияти тағйирёфтаро инъикос намуда, бо дарназардошти равандҳо ва ҳодисаҳои соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дақиқан таҷдиди назар шаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки парадигмаи либералӣ, масалан, консепсияи амнияти дастаҷамъӣ, ки таҳлили беғаразона ва истифода бо дарназардошти хусусиятҳои марҳалаи муосири муносибатҳои байналмилалиро талаб мекунанд, канор гузошта шаванд.

Ҳамин тариқ, фарқи байни ин ду мактаби илмӣ аз он иборат аст, ки тарафдорони реализм ташаккулёбии сохторҳои байналмилалиро ҳамчун эҷоди ниҳодҳои институсионалӣ, тарафдорони либерализм бошанд, тағйир додани хусусияти худи муносибат ва мафҳуми амният мешуморанд.

Дар аввали асри XX амнияти миллӣ ба таври истисноӣ танҳо амнияти ҳарбиро (тибқи қонуни зикршуда, амнияти ҳарбӣ – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии мамлакат) дар назар дошт, аммо тадриҷан хусусияти комплексии ин категория ба эътибор гирифта шуд. Дар соли 1947 Қонуни Иёлоти Муттаҳидаи Америка «Дар бораи амнияти миллӣ» онро ҳамчун маҷмуи сиёсати дохилӣ, хориҷӣ ва ҳарбӣ баррасӣ намуд.

Мафҳуми амнияти миллӣ бо амнияти давлатӣ шабоҳат надорад. Чунки дар он се масъала – амнияти шахс, ҷомеа ва давлат фаҳмида мешавад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Нуриддинзода П.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Дегтерев Д.А. Экономическая дипломатия: экономика, политика, право. Монография / Д.А. Дегтерев. -М., 2010. -176 с.
2. Джинджолия А.Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебное пособие / А.Ф. Джинджолия, Е.Г. Попкова. -М.: КноРус, 2019. -256 с.
3. Ивасенко А.Г. Мировая экономика. Учебное пособие / А.Г. Ивасенко, Я.И. Никонова. -М.: КноРус, 2018. -640 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 24.02.2017 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 1-2, мод. 1.
5. Мавланов И.Р. Экономическая дипломатия. Учебное пособие / И.Р. Мавлонов. -М.: Аспект Пресс, 2016. -528 с.
6. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2017. -576 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -340 с.
8. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2016. -496 с.
9. Пономарева Е.С. Мировая экономика и международные экономические отношения. Практический курс / Е.С. Пономарева, Л.А. Кривенцова, П.С. Томилов. -М.: Юнити-Дана, 2010. -288 с.
10. Шарифӣ Далер Гуногунтаркибии ҷаҳон [Матн] / Далер Шарифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 2/10. – С. 282-286. ISSN 2413-5151.
11. Шарифӣ Далер Қонунмандиҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ва мазмуни онҳо / Далер Шарифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. -№9. -С.150-155. ISSN 2074-1847.
12. Шарифӣ Далер. Ташаккул ёфтани илмӣ «сиёсати ҷаҳонӣ» ва мақоми он дар байни илмҳои гуманитарӣ / Далер Шарифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. -№1. -С.232-240. ISSN 2413-5151.


## АЛОҚАМАНДИИ МАФҲУМИ “АМНИЯТИ УМУМӢ” ВА “АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ”


Дар мақолаи мазкур баъзе мулоҳизаҳо оид ба дидгоҳи назариявии мафҳумҳои “амният” ва “амнияти дастаҷамъӣ” мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд. Аз назари муаллифи мақола, масъалаи бунёдии эҷоди низоми ҳамаро фарогирандаи амнияти дастаҷамъӣ низ масъалаи ҷиддӣ аст. Чунин низом бояд раванди таъсиси ҳар гуна иттиҳод ва низоъҳои мусаллаҳонаро, ки ба он ҳанӯз Фукидид ишора карда буд, пешгирӣ менамуд. Аммо моҳиятан, амнияти дастаҷамъӣ чизе нест, ба ҷуз як шакли иттиҳод. Аз ин ҷо проблемаи хосси ҳар як иттиҳод, яъне проблемаи устувории уҳдадориҳои мутақобила, ки ҳар як аъзои он ба дӯш мегирад, бармеояд. Амнияти дастаҷамъӣ дар сурати яроқпартоии нисбӣ низ имконпазир аст, аммо давлатҳо дар сурате ба ин тавофуқ мекунанд, ки кафолати муассирияти амнияти дастаҷамъиро дошта бошанд. Ин ҳолати сарбаста таносуби амнияти дастаҷамъӣ ва суботи низомро низ фаро мегирад. Чунки муассирияти амнияти дастаҷамъӣ аз сатҳи суботи ҳамаро фарогиранда вобаста аст, аммо худи субот вазифаи муассирияти амният мебошад.



**Калидвожаҳо:** амният, амнияти дастаҷамъӣ, мактабҳои илмӣ, амнияти умумӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, назарияи тавозуни таҳдид, назарияи тавозуни қувва.

**ВЗАИМОСВЯЗЬ ПОНЯТИЙ «ОБЩАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ» И «КОЛЛЕКТИВНАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ»**

В данной статье подлежат научной разработке некоторые выводы, с теоретической точки зрения, понятий «безопасность» и «коллективная безопасность». С точки зрения автора статьи, фундаментальным вопросом является и принципиальный вопрос создания всеобъемлющей системы коллективной безопасности. Такая система должна была предотвратить процесс установления всякого рода союзов и вооруженных конфликтов, о которых уже упоминал Фукидид. Но по сути коллективная безопасность – это не что иное, как форма объединения. Отсюда вытекает специфическая проблема каждого союза, т.е. проблема устойчивости взаимных обязательств, которые берут на себя его члены. Коллективная безопасность возможна и в случае относительного разоружения, но государства соглашаются на это, если могут гарантировать эффективность коллективной безопасности. Этот тупик также затрагивает баланс коллективной безопасности и стабильности системы. Потому что эффективность коллективной безопасности зависит от уровня всеобъемлющей стабильности, а сама стабильность является функцией эффективности безопасности.

**Ключевые слова:** безопасность, коллективная безопасность, научные школы, общая безопасность, международные отношения, теория баланса угроз, теория баланса сил.

**RELATIONSHIP OF THE CONCEPTS OF “GENERAL SECURITY” AND “COLLECTIVE SECURITY”**

In this article, some conclusions from a theoretical point of view on the concepts of “security” and “collective security” are subject to scientific development. From the point of view of the author of the article, the fundamental issue is also the fundamental issue of creating a comprehensive system of collective security. Such a system was supposed to prevent the process of establishing all kinds of alliances and armed conflicts, which Thucydides had already mentioned. But in essence, collective security is nothing more than a form of unification. This leads to the specific problem of each union, i.e. the problem of the sustainability of the mutual obligations assumed by each of its members. Collective security is also possible in the case of relative disarmament, but states agree to this if they can guarantee the effectiveness of collective security. This impasse also affects the balance of collective security and system stability. Because the effectiveness of collective security depends on the level of comprehensive stability, and stability itself is a function of the effectiveness of security.

**Keywords:** security, collective security, scientific schools, general security, international relations, theory of the balance of threats, theory of the balance of power, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Далер Шарифӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: dalersharifi@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Далер Шарифи*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра международных отношений, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E–mail: **dalersharifi@gmail.com**

**Information about the author:** ***Daler Sharifi*** **–** Tajik national university, department of international relations, PhD studente. **Address:** 734025, Dushanbe, Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E–mail: **dalersharifi@gmail.com**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Собирзода Н.М., Кодирзода Д.Б.*** Таъмини шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди бахши кишоварзии Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи хориҷӣ………………………………….. ***5***

***Исхаков Д.И., Ҳикматов У.С.*** Арзёбии ҳолати муосири хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................ ***15***

***Маҷидзода Д.М.*** Инфрасохтори иҷтимоии минтақа ва ҷанбаҳои назариявию методии он... ***26***

***Абдуллоев А.Х.*** Такмилдиҳии инфрасохтори нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ... ***33***

***Одинаев М.А., Тураева М.Т.*** Таъмини амнияти энергетикӣ ва самаранокии он дар баъзе мамлакатҳо………………………………………………………………………………………. ***43***

***Ҳикматов С.Ҳ., Амонова Д.А.*** Нақши стратегияи миллии фарогири молиявӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат……………………………………………………………………….. ***50***

***Саъдуллозода Н.С.*** Такмилдиҳии механизми танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити муосир………………………………………………………………………………… ***56***

***Собиров И.А.*** Асосҳои назариявии ташаккули рушди неруи содиротии гидроэнергетикӣ дар минтақа………………………………………………………………………………………. ***66***

***Шарифов М.М., Гулзода Ш.А.*** Муаммоҳои таснифи ҳисоботи идоракунии корхонаҳо........ ***73***

***Сабурзода Ф.М.*** Ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ......................................................................................... ***80***

***Сафаров Н.У., Абдураҳмонов М.М.*** Такмили механизмҳои ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………... ***88***

***Шоймардонов Ҳ.Қ.*** Хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ.................................................................................................. ***93***

***Раҳмонов У.Б., Муҳсинов Д.С., Мирзоев Н.Ҳ.*** Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи иттилоотикунонии ҷомеа................................................................................................................ ***103***

***Саидзода С.С.*** Захираҳои об ва нақши он дар рушди иқтисоди сабз………………………….. ***110***

***Саидмуродзод Ҷовид Ҷабборӣ.*** Ташаккули соҳаи кишоварзии табиӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замини минтақаҳои кӯҳистон.................. ***117***

***Раҳимов З.С.*** Такмили механизми давлатии дастгирии рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон...................................................................................................................................... ***124***

***Саидов Р.Н.*** Хоҷагиҳои хонаводагӣ: мушкилот ва дурнамои рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................................................................................................... ***130***

***Саидмуртазоев С.С., Муминзода М.Н.*** Таҳаввулоти рушди институтҳои бозори суғурта дар шароити муосир............................................................................................................... ***141***

***Ҷураев М.Б.*** Маркетинги ҳудудӣ чун стратегияи таъмини рақобатнокии минтақа.............. ***147***

***Саидов Ш.С.*** Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии ширкатҳои ҳамлу нақл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ....................................... ***157***

***Мухитдинова Ш.С.*** Моҳият ва таснифоти шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати минтақавӣ..... ***164***

***Амонуллоев И.А., Раджабов Э.Д.*** Стратегическое планирование развития автомобильного ***173***

транспорта в Республике Таджикистан……………………………………………………………….

*Файзиева Д.И.* Приоритетные направления формирования и использования промышленного потенциала Согдийской области Республики Таджикистан……………………………………….. *179*

*Раджабова З.С., Джураева Дж.Х.* Роль инвестиций в условиях трансформации экономики Республики Таджикистан…………………………………………………………………………... *185*

*Джурахони Исмоил.* Изучение зарубежного опыта устойчивого развития региона и его применение в Республике Таджикистан.................................................................................... *191*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Шарофзода Рустам Шароф.* Нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон........................................................................................ *198*

*Бобохонов Ф.А.* таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии принсипи қонуният....................................... *211*

*Хоҷаева Н.Б.* Хусусиятҳои ҳамкории муфаттиш бо мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ...................................................................................................................... *220*

*Хоҷамуродов Д.Г.* Вазъи ҳуқуқии иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ…………………………………………………………………………………………… *226*

*Раҷабзода Парвиз Абдураҳим.* Дурнамои ҳифзи ҳуқуқии ишораҳои ҷуғрофӣ дар Тоҷикистон........................................................................................................................... *233*

*Бобоев Ҷ.Қ.* Масъалаҳои назариявӣ – қонунгузории институти ҷавобгарӣ оид ба ҷуброни зарари расонидашуда вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ............................ *238*

*Раҳимов Р.Л.* Асосҳои назариявию методологии омӯзиши коррупсия ва баъзе проблемаҳои он............................................................................................................................ *244*

*Гулзода Н.А., Амирзода М.Э.* Мақомоти прокуратура дар сохтори давлативу ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................. *251*

*Шарифӣ Д.Д.* Сарчашмаҳои анъанавӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ............... *257*

*Мазарифов М.К.* Шаклгирӣ ва инкишофи институти мерос дар давраи Шуравӣ................. *263*

**Sobirzoda A.J.** Necessity to prepare a law (in a new edition) “on social guarantees for employees who work at internal affairs bodies” under the auspices of Tajikistan Republic based on the experience of foreign and national countries……………………………………………………………………... *269*

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Раҳмонзода А.Ш.* Мафҳум ва моҳияти сиёсати хориҷӣ дар мактабҳои илмии муосир......... *276*

*Қодиров К.* Назарияи «Умрон» ҳамчун ташкилоти иҷтимоии ҷомеа дар «муқаддима»-и ибни Халдун……………………………………………………………………………………… *282*

*Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф.* Нақши воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ.......................................................................................................... *291*

*Далер Шарифӣ.* Алоқамандии мафҳуми “амнияти умумӣ” ва “амнияти дастаҷамъӣ”.......... *298*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №4. Часть II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 38,5 усл. п.л. 38,5.
Подписано в печать 15-04-2024